ҲИЗБИ НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН

ISLAMIC REVIVAL PARTY OF TAJIKISTAN

# 40 соли НАҲЗАТ ХОТИРА, АНДЕША, ДИДГОҲ

Ба ифтихори ҷашни 40солагии таъсиси Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон



40 соли Наҳзат. Хотира, андеша, дидгоҳ. Душанбе:  «Муааттар», 2013, 520 саҳ.

Таҳияи Муҳаммадкарими Орзу

Муҳаррир: Зубайдуллоҳи Розиқ

Мусаҳҳеҳ: Саидмуроди Шариф

Тарроҳ: Муҳаммадсиддиқи Комил

Дар ин китоб мусоҳибаҳо бо собиқадорони ҲНИТ, паҳлуҳои гуногуни роҳи тайнамудаи ин ҳаракат пас аз чиҳил сол аз дидгоҳҳои мухталиф мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Хонандагон инчунин бо асноди таърихӣ, сохтор, сарварон ва чеҳраҳои маъруфи ҳизб ошноӣ пайдо мекунанд. Китоб ба муносибати 40 солагии таъсиси ҲНИТ ба табъ мерасад ва ба мухлисон, коршиносон ва доираи васеи хонандагон пешкаш мегардад.

Китоб дар матбааи «Муаттар»и ҲНИТ

бо теъдоди 500 нусха нашр гардид.

Аз миёни муъминон мардоне ҳастанд, ки бо аҳди бо Худо бастаи худ содиқ мон даанд. Пас иддае аз эшон ҷони худро до даанд ва иддае дар интизоранд ва ҳаргиз роҳро дигар накарданд.

ҲИЗБИ НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН

ISLAMIC REVIVAL PARTY OF TAJIKISTAN

Муҳиддин Кабирӣ

# РИСОЛАТИ ҲНИТ:ДИРӮЗ, ИМРӮЗ ВА ФАРДО

**Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон**

«**Ва инчунин мо шуморо уммати миёна гардонидем, то барои мардум шоҳидӣ бидиҳед ва Паёмбар ҳам бар шумо шоҳид бошад**»

Ҳамд мар Парвардигори якторо, ки инсонро офарид ва ӯро соҳиби каромату иззат донист.

Дуруд бар Паёмбари ӯ Муҳаммад (с), ки раҳмати оламиён аст.

Худовандо! Хонаи охирати устодон Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва Муҳаммадшариф Ҳимматзода ва ҳама касоне ки дар таъсис, инкишоф ва пойдории ин мактаб саҳме доштанду имрӯз ба лиқои Ту пайвастаанд, обод ва эшонро аз мо пайравону бозмондагон розӣ бигардон ва устувориву суботро насиби соликони ин роҳ бинамо!

Инак, Наҳзат 40сола шуд ва ба синни камол расид. Рақами 40 ҷойгоҳи хосе дорад ва дар миллати мо ва дигар миллатҳо омехта бо рамзҳову боварҳои мазҳабӣ, миллӣ ва мардумист, ки барои ҳар тоҷик ошноянд. Расули Худо (с) дар синни 40солагӣ ба паёмбарӣ мабъус шуданд, инсон дар 40солагӣ аз марҳалаи ҷавонӣ гузашта ба камолот мерасад. Хоҳарону бародарони аъзо ва ҳама дӯстону пайравони ҳизбро бо ин санаи муборак, ки рамзи камолот ва рушду устуворист, табрик гуфта, барояшон аз Худованди маннон ҳидоят ва тавфиқро таманно дорам.

Дар остонаи ин санаи таърихӣ бархе аз масъулини ҳизб тасмим гирифтанд, ки китобе дар шакли мусоҳиба бо афроди собиқадор ва заҳматкашидаи ин роҳ ба нашр расонанд, то аз диди ин бузургон нигоҳе ба сайри чилсолаи ин ҳаракат карда бошем ва паҳлуҳои уногуни ин масир пас аз чил сол аз ҷанбаҳои мухталиф мавриди баррасии пайравону мухлисон, коршиносон ва оммаи мардум қарор гирад.

Аз банда тақозо шуд, ки китоби омодашударо қабл аз нашр бихонам ва матнеро ба нвони муқаддима дар асоси хондаҳо ва назари бузургон омода созам. Вале тасмим гирифтам, ки

назари худро қабл аз хондани он омода намоям ва мақолаву мусоҳибаҳои шомили ин маҷмуаро пас аз нашр бихонам. Ҳамчуноне ки ҳеҷ кадоме аз мусоҳибон навишта ва гуфтаҳои якдигарро нахондаанд ва шояд аҳамияти китоб ҳам дар ҳамин бошад, китобест бидуни сужа ва нақша.

Бо истифода аз фурсат, ба ҳама касоне ки дар омода кардани ин ҳадяи ҷашнӣ ба мухлисону пайравони Наҳзат саҳм гузоштаанд, миннатдории шахсии худ ва ҳамаи роҳбарияти Наҳзатро изҳор медорам. Худованд заҳматҳои эшонро ба даргоҳаш қабул намояд!

Шояд муҳимтарин савол ҳамин бошад, ки муассисони Наҳзат бо ташкили чунин ҳаракат чӣ ҳадаф доштанд: қудрат, мансаб, молу дорой, обрӯву ҷойгоҳ ва ё чизи дигар?

Чун яке аз ҳадафҳои аслитарини ҳар неруи сиёсӣ, новобаста аз гароиши сиёсӣ, мазҳабӣ ва иҷтимоии он, расидан ба қудрат аст, ҳамеша ҷавоби табиӣ ва осону сода ҳамин хоҳад буд. Яъне, ҳадаф мансабу қудрат аст ва ҳамаи ҳаракату ҳизбҳои сиёсӣ ба хотири ҳамин таъсис шудаанд ва хоҳанд шуд. Инкори ин шинохт на танҳо душвор, балки гоҳе ғайримантиқӣ низ мебошад. Агар ҳар масъул ё узви Наҳзат иддаъо кунад, ки ҳадаф аз таъсиси ин ҳаракат қудрату мансаб набуд ва нест, ҳадди ақал муттаҳам ба пинҳон кардани ҳақиқат мегардад. Аммо агар посух дода шавад, ки мақсади наҳзатиҳо ҳам аз таъсиси ин ҳизб мисли ҳизбу ташаккулҳои сиёсии дигари кишвар расидан ба қудрат ва аз тариқи он таъмини зиндагии беҳтар барои худ ва наздикону алоқамандон мебошад, барои зеҳни аксари мардум, аз ҷумла нухбагони миллат хеле ҷавоби сода ва қобили қабул хоҳад буд. Барои чунин посух далели қавию равшан ҳам ҳаст. Чаро он чизе ки барои дигарон ҷоиз аст, барои мо айб бошад?

Магар чунин ҷавоб воқеӣ ва қонеъкунанда аст ва ё ин танҳо роҳи гурез аз баёни ҳадафҳои ниҳоии ин ҳаракат мебошад? Агар имрӯз ҷомеа бовар надорад, ки ҳадафи аслии мо қудрату мансаб нест, пас иллати онро дар куҷо метавон ҷустуҷӯ кард? Оё иллати он дар ин аст, ки исботи акси он имкон надорад ва ё мо аҳдофи аслии худро бо далелҳои қонеъкунанда расонда натавонистаем ва ё иллат дар ин ҳар ду аст?

Яқинан, агар ҳамин услуб ва мантиқ дар расонидани ҳадафҳои ҳизб истифода шавад, кор хеле сабук мегардад ва ба ғайр аз иддаи каме аксарият қонеъ ва ором хоҳанд гашт. Чун зеҳнияти ҷомеаро тарзе омода кардаанд, ки як ҳаракат ё ҳизб, ё гурӯҳ бо барномаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ҳатман барои қудрат таъсис мешавад ва шинохти дигаре аз созмонҳову ташкилотҳо вуҷуд надорад. Аммо, аз нигоҳи мо чунин тарзи муаррифӣ ва шиносонидани ҳадафҳои аслии Наҳзат, агарчи корро осон мегардонад, ҷуз таҳриф ва гурез аз воқеиятҳо чизи дигаре нест ва ҳатто зулм нисбати муассисони он ва касонест, ки дар ин роҳ ҷон бохтанд, зиндонӣ шуданд, ҳиҷрат карданд ва аз тамоми молу дороии хеш маҳрум шуданд. Оё имкон дошт, ки касе дар солҳои 70 асри бист, дар авҷи қудрати ҲКИШ ва пурқудраттарин ҳукумати давр бо ташкили як гурӯҳи хурди чанднафараи пинҳонӣ дар сар ҳавои қудрату мансабу мақомро бипарварад? Магар ташкили чунин ҳаракат инсонро ба мансабу мақом мебурд ё ба зиндону шиканҷа? Агар устодон мансаб мехостанд, магар

беҳтар набуд, ки узви комсомол ва баъдан коммунист шаванд ва мисли ҳар инсони дигари Шӯравӣ худро бо фазои идеологиву иҷтимоии замон бисозанд? Пас, онҳо медонистанд, ки чӣ кор мекунанд ва кори худро ҳадафмандона амалӣ менамуданд ва интизори ҳар гуна оқибати нохуш буданд, вале яқинан ҳадафи онҳо мансабу курсӣ ва молу доройӣ набуд.

Чаро мо қабул дорем, ки миллатҳои дигар шахсиятҳое доштанд, ки ба хотири ақида, дин, озодӣ ва миллату Ватан худро дар муқобили қудратҳо гузоштанд, мубориза бурданд, ҳаёти худро фидо карданд, вале қабул надорем, ки миллати мо низ чунин шахсиятҳоро дорост? Магар мо шак дорем, ки Нелсон Манделло барои андешаҳояш муборизаро ба танҳоӣ шурӯъ кард ва ҳама азобу маҳрумиятро чашид, вале на барои мақому мансаб? Ҳатто, пас аз расидан ба мақоми президентӣ ҳам бовар дорем, ки ҳадафаш курсӣ набудааст у танҳо озодии миллаташро мехост. Ҳол он ки Манделло аз назари ҳукуматдорони кишвараш ва шояд қисме аз ҳамватанонаш беш аз як ҷинояткори туғёнгар ва барҳамзанандаи суботу оромиши кишвар набуд ва бо ҳамин далелҳои зиддиҳукуматӣ будан ӯро зиндонӣ карданд. ӯ ва дӯстонаш дузду авбош набуданд, балки андеша ва афкори дигар ва мухолиф ба ҳукумати замони худро доштанд ва зиндон рафтанд. Пас чаро бовар накунем, ки миллати мо ҳам чунин фарзандоне дошт, ки худро дар муқобили низом гузоштанд ва омодаи қурбон шудан дар роҳи аҳдофи худ буданду ҳастанд? Агар зидди сиёсати ҳама гуна ҳукумат будан ҷиноят аст, пас Шерак кӣ буд? Темурмалик кӣ буд? Восеъ кӣ буд, ки қудратҳо ва ҳукуматдорони замони худашон эшонро бо ҷурми мухолифат ба сиёсатҳои давлат нобуд карданд?! Агар аз нигоҳи ҳукуматдорони он замон баҳо бидиҳем, онҳо ҷуз ҷинояткорон каси дигаре набуданд, вале барои миллат ҳамчун қаҳрамон боқӣ монданд ва хоҳанд монд. Ягона чизе ки онҳоро дар чашми мардум қаҳрамон кард, ин андешаи онҳо ва муборизаву истодагарии онҳо дар баробари зулму истибдод ва барои озодиву сарбаландии миллат будааст, на чизи дигар.

Шояд ягона камбудии устодон ва ҳамроҳонашон дар он бошад, ки онҳо тоҷик буданд, ҳамватану ҳамзамони мо буданд, вале мисли мо набуданд. Манзури мо аз устодон танҳо раҳбарони Наҳзат нест, балки ҳама касонест, ки натавонистанд хомӯш бинишинанд ва худро дар муқобили сиёсати давр гузоштанд, монанди Сотим Улуғзода, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Тоҳири Абдуҷаббор, Аслиддин Соҳибназар, Қадриддини Аслон ва дигарон, ки имрӯз дар миёни мо нестанд. Дар ин рӯйхат шахсоне низ ҷой мегиранд, ки имрӯз дар миёни мо ҳастанд ва метавон онҳоро бо ҷуръат виҷдони миллат номид. Муҳим нест, ки онҳо бо кӣ муқобиланду бо кӣ ҳамнаво. Муҳим он аст, ки онҳо мисли ҳама фикр намекунанд ва ҳарфе барои гуфтан ба соҳибони қудрат доранд ва он ҳарфро гуфтаанд ва мегӯянд.

Пас чун ба ин яқин расидаем, ки ҳадафи муассисони Наҳзат қудрату мансабу ҷойгоҳ набуд, пас чӣ буд? Худи муассисон, аз ҷумла устод Нурӣ, ҳадафи таъсиси ин ҳаракатро идомаи кори равшанфикрони мазҳабӣ ва миллии охирҳои асри 19 ва аввалҳои асри 20 медонад. Ҳамон тавре ки равшанфикрони Бухоро мехостанд тавассути равшангаройӣ ва андешаи ҷадиди ислоҳотхоҳии мазҳабӣ динро аз хурофот ва миллатро аз рукуд бираҳонанд, ин гурӯҳ ҷуз ин ҳадафҳо чизи дигаре надоштанд. Ин нукта ҳам муҳим аст, ки

агар Наҳзат ҳамчун идомаи роҳи ҷавонбухориён ба майдон омад ва ҳамон ҳадафҳоро дошт, вале натавонист аз иштибоҳҳои онҳо низ дур бимонад. Тақрибан ҳамон масир, ҳамон иштибоҳҳо ва ҳамон натиҷа такрор гашт, ки қобили омӯзиш ва таҳлил мебошад. Ҳамчуноне ки равшанфикрони Бухоро ба мухолифати шадиди мақомоти Аморати Бухоро ва қишрҳои иртиҷоии рӯҳоният дучор шуданд, Наҳзат ҳам бо чунин гурӯҳе рӯ ба рӯ шуд. Ҷузъиётро ба инобат нагирем, рафтори ҳукуматдорони Аморати Бухоро ва Ҳукумати Шӯравӣ нисбати ин ҷараён аз ҳам фарқ намекард, ҳамчуноне ки рӯҳонияти иртиҷоӣ ва тақлидӣ дар ҳар ду ҳолат васила саркӯбии ин ҷараён гашта буданд. Ба ибораи дигар, Наҳзат роҳ ва ҳадафҳои равшангарони Бухороро мерос гирифт, вале афсӯс, ки иштибоҳҳои онҳоро низ такрор кард.

Албатта, ҷойи баҳс аст, ки насли аввали Наҳзат то кадом ҳад бо андеша ва афкори равшангароёни Бухоро шиносоӣ доштанд, вале аввалин китоби таълимие ки дастае аз андешамандони Наҳзат солҳои 80 ум омода карданд, "Заруриёти динӣ" буд, ки то андозае бар асоси китоби ҳамноми Садриддин Айнӣ навишта шудааст.

Яке аз саволҳои муҳим ин аст, ки агар сиёсатҳои ислоҳотхоҳии Горбачев, маъруф бо номи "перестройка" намебуд, масири Наҳзат ба куҷо мекашид? Чун солҳои таъсиси Наҳзат ба замони авҷи иқтидори амниятӣидеологии Шӯравӣ рост меомад. Аҷиб ҳам ҳамин аст, ки дар ҳамин давра Наҳзат тавонист худро аз як гурӯҳи хурди пинҳонкор ба як шабакаи васеъи фарҳангӣтаълимӣ бирасонад ва садҳо ҳуҷраҳои дарсию таълимии худро бо услуб ва барномаи нав ба роҳ монад, ки насли имрӯзаи калонсол ва миёнаи Наҳзат маҳсули ҳамон давра мебошанд. Шояд пурсамартарин давраи кадрсозии Наҳзат ҳамон давраи аввал, дар шароити сахти амниятӣ ва идеологӣ буд. Дуруст аст, ки мақомоти давлатии Шӯравӣ бехабар набуданд ва таъқиботу ҳабсҳои суратгирифта дар он замон баёнгари он аст ва Маскав дарк карда буд, ки бо як шабакаи шаклгирифта на танҳо дар маҳдудаи Тоҷикистон, балки дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз рӯ ба рӯ аст.

Аммо бо суръат васеъ гаштани нуфузи Наҳзат ва ҳамроҳ шудани шумораи бештари афрод ба он дар чунин шароити сахт далели он андешаи маъруф аст, ки ҳар қадар болои як ҷараёни фикрӣмазҳабӣ фишор бештар бошад, ҳамон қадар қавитар ва фарогиртар мешавад.

Даврони "перестройка" шароити дигареро пеш овард. Озодии нисбӣ барои гуфтан, амал кардан ва аз худ дарак додан фароҳам шуд. Ҳама ҷараёнҳои фикрӣ, дидгоҳҳо ва касоне, ки даҳсолаҳо аз гуфтану шунидан маҳрум буданд, якбора рӯйи саҳна омаданд ва талаби мавҷудияти расмӣ карданд. Қишрҳои диндор дар ҷумҳуриҳои мусалмоннишини Шӯравӣ, ки аллакай тавониста буданд байни якдигар робита ва ҳамкориҳоро ба роҳ монанд, дар фикри ташкили як ҳаракат ё ҳизби саросарӣ афтоданд. Он солҳо касе аз

аъзо ва пайравони ин ҳаракат ба зарурати ин иқдом шак надошт. Неруи бузурге тайи солҳои ахири Шӯравӣ шакл гирифта буд, ки дигар дар қолаби пинҳонкорӣ намегунҷид ва аз тарафи дигар, мардуми Шӯравӣ бовар доштанд, ки озодиҳову ислоҳоти рухдода

бебозгашт мебошанд, ҷуз гурӯҳе, ки аз чунин шакл гирифтани кор шадидан нороҳат буданд ва ҳама гуна ислоҳотро барои ҳайманати ҳизби ягонаи ҳоким хатар медиданд.

Табиист, ки Анҷумани наҳзатиён дар Астрахан якбора ба вуҷуд наомадааст ва пештар аз он корҳо ва ҳамоҳангиҳое байни намояндагони ҳаракатҳои исломӣ аз ҷумҳуриҳои гуногун сурат гирифта буд. Сечор соли аввали перестройка кофӣ буд, ки рафтуомаду ҳамкориҳои лозим барои ташкили як ниҳоди саросарӣ анҷом шавад ва ҷузъиёти ин барнома ҳал гардад. Намояндагони Тоҷикистон дар ин машваратҳо аз ҳама фаъол буданд ва асосан такя ба тоҷикон буд. Ҳама медонистанд, ки қавитарин неруи исломӣ ҳам дар ҷумҳурии мост. Вале чаро Анҷумани аввалин дар Тоҷикистон неву дар хориҷи он сурат гирифт? Интихоби Астрахан аз чанд чиҳат муносиб буд. Аввал, ҳамон замон ҳам озодиҳо дар Русия бештар буданд ва гуногунқавму гуногунмазҳаб будани ин ҷумҳурӣ шароити хосеро ба вуҷуд оварда буд. Сониян, Астрахан шаҳри русӣ бошад ҳам, наздик ба Қафқоз ва Осиёи Марказӣ ва дур аз пойтахт Маскав буд. Ахиран, ҳукуматҳои Осиёи Марказии он замон ҳам ҷасорату мустақилият ва таҳаммули кофиро барои иҷозат додан ба баргузории чунин ҳамоише надоштанд. Бинобар ин, муносибтарин интихоб Астрахан буд. Муаллифи ин сатрҳо ифтихори ширкат дар ин анҷуманро дорад, ки шояд ҷойи муносибтаре дар бораи таърихи ин ширкат гуфта шавад. Ин ҷо лозим медонам, то ба

як нукта ишора шавад ва он ҳам талоши наҳзатиҳои тоҷик барои ҳамеша дар соя ё сафи дувум будан аст. Ҳоло дур аз он ки омилҳои ин падидаро ҷустуҷӯ намоем, ки онҳо дар худкамбинӣ буданд ё баръакс дар дурбинӣ ва эҳтиёткорӣ? Чун ду маротиба дар тӯли ин 20 сол иттифоқ афтод, ки наҳзатиҳо бо вуҷуди доштани қавитарин ҳузур ва нерӯ роҳбариву мудириятро ба дигарон вогузор кардаанд. Аввал ҳангоми ташкили ҳизби умумишӯравӣ, Наҳзати мо, ки бештарин вакилонро дар анҷумани таъсисӣ дошт, роҳбарии ҳизбро ба намояндаи Доғистон Аҳмадқадӣ гузашт кард ва дувум – ҳангоми пайвастан ба гирдиҳамоии Душанбе дар солҳои навад, ки ин ҷо ҳам мудирияти майдонҳо дар дасти аҳзоб ва шахсиятҳои дигар буд ва Наҳзат бештар нақши таъминкунандаи майдонҳо бо мардум ва васоили лозимаро мебозид. Ба назари банда, ин ду ҳолат дар масир ва роҳи баъдинаи Наҳзат бетаъсир набудааст. Эҳтимол дар ҳамин замина маҷбур шуд, ки дарояндаҳо масъулияти иштибоҳҳои дигаронро ба дӯш бигирад ва ҷавоб гӯяд. Агар аз аввал мудириятро ба даст мегирифт, шояд ин ҳама иштибоҳҳо рух намедоданд, чуноне ки дар марҳалаи муқовимат ва музокираҳо ин корро кард ва бо масъулиятшиносии бештар ин равандҳоро ба натиҷа расонд. Ин як мулоҳизаест, ки баҳси бештареро металабад, то таъйид ё рад бишавад.

Шояд яке аз омилҳои боқӣ мондани Наҳзат дар Тоҷикистон бар хилофи ҷумҳуриҳои дигар, маҳз дар решадор будани ин ҳаракат дар байни мардум ва бархоста аз ниёзҳои миллат дар ин марҳала бошад. Инчунин бо барномаи сирф миллӣ амал кардан ва дур шудан аз тарҳҳои фаромиллӣ ва фародавлатӣ, ки хоси баъзе ҳаракату ҳизбҳои исломӣ мебошад. Чун фаромиллӣ шудани ҳар ҳаракат онро ба ду натиҷа

мерасонад: ё худро дар муқобили тарҳи миллӣ қарор медиҳаду ниҳоят ба шикаст мувоҷеҳ мегардонад ё ҷузъи як барномаи фаромиллӣ гашта, мустақилият ва меҳвариятро

аз даст медиҳад. Ҳатто дар сурати мавҷудият дар саҳна ҳам амалан аз миллат ва кишвараш ҷудост, арзишҳову ҳадафҳои миллат бо чунин ҳаракатҳо фарқ мекунанд. Агар Шӯравӣ пош намехӯрд, Наҳзатро лозим мебуд, ки ё дар ҳизби умумишӯравӣ мудирият ва меҳвариятро ба даст бигирад, ё агар метавонист аз он тарҳ комилан ҷудо мешуд. Дар сурати ғайр имкони реша давондан дар ҷомеаи кишвар ва эътироф шудан ҳамчун як падидаи миллӣ душвор ва шояд имконнопазир мегашт.

Тамоми ҳаракатҳои Осиёи Марказӣ аз як сарчашмаи фиқҳӣ, маънавӣ ва фикрӣ андешаҳои худро об медоданд ва мутахассисон медонанд, ки эътидолу миёнаравии исломгароҳои ӯзбекистон аз тоҷикон камтар набуд. Кофист номаи яке аз роҳбарони ҳаракати исломии ӯзбекистон Қорӣ Абдулвалиро ба ёд биёрем, ки дар аввалҳои муқовимат (1993) ба устод Нурӣ фиристода буд. Дар ин нома Қорӣ Абдулвалӣ роҳбарияти Наҳзати Исломиро даъват ба бозгашт аз роҳи муқовимати мусаллаҳона мекунад ва ин роҳро иштибоҳ медонад ва пешниҳод мекунад, ки бо сабру таҳаммул дар баробари ин ҳама мушкилиҳо роҳи даъватро аз тариқи дарс ва равшангарой идома бидиҳанд. Ин нома ва муҳтавои он як маводи гаронбаҳоест барои сиёсатшиносон, исломшиносон ва касоне ки равандҳои рушди ифротгароиро таҳқиқ менамоянд. Сарнавишти норавшани ҳам Қорӣ Абдулвалӣ ва ҳам Абдуллоҳ Ӯтаев, ду роҳбари онвақтаи Ҳаракати исломии ӯзбекистон, наслҳои ҷавони ин ҳаракати муътадилро бесаробон монд ва бахше аз онҳо зуд зери таъсири доираҳои хориҷӣ рафтанд ва аз як

неруи миллӣмазҳабӣ табдил ба як бахши лоиҳаи фаромиллии дигар нерӯҳо шуданд. Ҳамон коре ки тавассути ҳузури устодон дар раъси Наҳзат, хушбахтона анҷом нашуд, ҳол он ки шароити минтақа ва вазъият барои чунин ҳолат комилан созгор буд. Ин ҷо бояд як бори дигар нақши устодонро эътироф кард, ки чӣ неъмате буданд, на танҳо барои Наҳзат, балки барои миллат ва Ислом дар минтақа.

Агар роҳбарияти ӯзбекистон он рӯзҳо медонист, ки чӣ мушкилиеро ба сари миллаташ ва минтақа меорад, шояд бештар дунболи ҳифзи роҳбарони муътадили ҳаракати исломии худ мегашт ва намегузошт як неруи бузургро ба ҳошия ва амалан ба оғӯши бегонагон тела диҳад ва барои даҳсолаҳо барои худ дарди сар эҷод кунад. Бурди Тоҷикистон, бахусус роҳбарияти он дар марҳалаи мавриди назари мо ин буд, ки неруҳои исломии кишвар роҳбарияти мутамарказ, амалгаро ва дорои ангезаҳои миллӣ доштанд, вагарна он ҳама потенсиали инсонӣ ва ақидатӣ метавонист ба дасти дигарон биафтад ва аз он суистифода намоянд.

Ин нукта моро вориди мавзуи дигаре менамояд, ки Наҳзат чӣ дар гузашта ва чӣ имрӯз таносуби ҳувияти миллӣ ва мазҳабиро дар худ чӣ гуна ҳал кардааст ва дар оянда чӣ гуна ҳал хоҳад кард? Чун чорчӯби ин пешгуфтор имкон намедиҳад, ки ба таври муфассал вориди ин баҳс бишавем, танҳо дар ин ҷо чанд нуктаро ба таври мухтасар зикр менамоем. Болотар гуфтем, ки пайдоиши Наҳзат аз батни хостаҳои миллат ва ҷомеаи он замон баромада, марҳалаҳои баъдии амалкарди Наҳзат ҳам бо мавқеъгириҳояш дар ҳассостарин лаҳзаҳо ин даъворо тасдиқ намудааст. Вале қавитарин омил барои ҳалли баҳси ҳувияти

миллӣ ва мазҳабӣ дар Наҳзат боз ҳам шахсияти роҳбарияти он, ба вижа устодон Нурӣ ва Ҳимматзода будааст. Ин ду шахс дар рафтору гуфторашон камтарин ҷоеро барои шак дар исломияту тоҷикияташон намонданд ва тавонистанд бо беҳтарин шакл намунаи як инсонеро тақдим кунанд, ки чӣ гуна метавон як мусалмони асил ва ҳамзамон як тоҷики ватандӯсту миллатпарвар боқӣ монд. Вуҷуди онҳо ба таври табиӣ ин баҳсро дар ҳаракат ҳал карда буд, ҳам барои худиҳо ва ҳам барои дигарон. Бояд гуфт, ки на танҳо дар ин масъала, балки вуҷуди онҳо ҷавобе буд барои бисёре аз масоил ва ҳалле буд барои бисёре аз мушкилот. Ҳоло масъулин ва аъзои Наҳзат бояд бо рафтору гуфтори худ онро исбот ё рад кунанд. Касоне ки арзишҳои исломӣ барояшон авлавият доранд, исломияташонро бояд исбот намоянд ва онҳое ки арзишҳои миллиро авлавият медиҳанд, бояд миллӣ будани Наҳзатро исбот намоянд. Илова бар ҷомеаи кишвар, ҳамсоягони мо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ саволҳое доранд, ки бояд ба онҳо ҷавоб гуфт.

Ин кор чандон саҳлу осон нест ва талошу заҳмати зиёдеро аз мо металабад. Барои як ҳаракат ҳам исломӣ ва ҳам миллӣ будан ва боз ҷавобгӯйи як идда арзишҳои байналмилалии қисман асилу қисман сохта будан кори басо душвор аст. Хусусан, дар ин шароите ки мо устодонро, ки вуҷудашон худ ҷавоби ин ҳама саволҳо буд, дар байн надорем, вале агар ба масъалаҳо оромона нигоҳ кунем, дар асл расидан ба ин натиҷа номумкин нест. Танҳо чизе талаб мешавад, худро беҳтар шинохтан, ба худ эътимод кардан ва «худӣ»и худро ба дигарон муаррифӣ кардан аст. Албатта, муҳимтарин омил ин ҷо содиқ будан ба худ, ба арзишҳои худ ва ба дигарон аст. Чун ҳама гуна талош барои "исломӣ" будан дар чашми исломгароён ва

"миллӣ " будан дар чашми миллатгароён ва "демократӣ" будан назди демократхоҳон ниҳоятан ба он мерасонад, ки ҳаракат ҳувияти худ ва эътимоди ҳамагонро аз даст бидиҳад. Исломияти худро ба ҳамон миқдор бояд нишон дод, ки будему ҳастем ва хоҳем монд, ҳамчунин милливу демократӣ буданро, на камтар ва на бештар. Ҳарчи ки дар оянда амалӣ карданӣ ҳастем, бояд имрӯз онро дошта бошем. Мардум худ ихтиёр дорад, ки моро бипазирад ё не, интихоби ӯ довар аст, ки мо тибқи хостаи ӯ ҳастем ё не. Ин худ ҳалли баҳси ҳувияти миллӣ ва исломии мост.

Шояд марҳалаи ҷанг ва сулҳ дар таърихи Наҳзат яке аз марҳалаҳои душвор, ногувор ва ҳамзамон пурифтихораш бошад. Шояд пурсида шавад, ки сулҳ ҷойи ифтихор дорад, вале ҷанг чӣ гуна метавонад ифтихор бошад? Воқеан, ҷанги бародаркушӣ ва шаҳрвандӣ ҷуз нанг ва маломат чизи дигаре нест. Ҷудо аз баҳси он ки гунаҳкораш кӣ ҳаст ва кӣ онро шуруъ кард ва бо дасти кӣ. Вале, оё "ҷанги шаҳрвандӣ"и Тоҷикистон воқеан ҷанги дохилӣ буд? Тоҷик алайҳи тоҷик? Мусалмон алайҳи мусалмон? Зоҳиран бале, вале ҳақиқатан не.

Имрӯз касе шак надорад, ки ин ҷанг таҳмилӣ буд ва ҳатто худи ташкилкунандагони он дар ёддоштҳои худ ин асрорро кашф карда истодаанд. Аниқ аст, ки бо гузашти рӯзҳо дигар парда аз болои ҳақиқатҳои бештари ин ҷанг, ташкилкунандагон ва ҳадафҳои онҳо бардошта хоҳад шуд. Наҳзат ҳам дар марҳалае маҷбур гашт, ки ба даст силоҳ бигирад ва ба муқовамати мусаллаҳона ворид шавад. Миллати тоҷик исбот кард, ки метавонад дар

ҳолати зарурӣ аз Ватан, нангу номуси миллӣ, мазҳабӣ ва фардии худ дифоъ кунад, ҳатто агар дар муқобилаш на як ҳукумат, балки ҳуку

матҳо ҳам биистанд. Вале гирифтани силоҳ ба хотири чӣ? Ба хотири ҳуҷум ба кишваре, алайҳи миллате ё гурӯҳе? Ё дифоъ аз худ ва арзишҳои худ? Миллати тоҷик то ҳол болои ҳеҷ кишваре, миллате ва қавме силоҳ накашидааст ва таърих ёд надорад, ки аз марзи сукунати хеш ба хотири ғасб ё саркӯбии касе фаротар рафта бошад. Ин хуб аст ё бад, масъалаи дигар аст, вале ин воқеият мебошад. Баръакс, дигарон ҳамеша суроғаш омадаанд ва ӯ маҷбур гаштааст аз худ дифоъ кунад ё барои бақову муқовимат ҳиҷрат намояд. Гоҳе ҳиҷраташ ба он расонд, ки наслҳояшон аз Ватан маҳрум гаштанд, чуноне ки чанд маротиба дар таърих тоҷикони шимоли Амударё зери таъқиб ва ба хотири ҳифзи ҷону нангу номус наҳрро убур карданд ва барои ҳамеша аз Ватан маҳрум гаштанд. Дар асри 20 ин ҳодиса ду маротиба такрор шуд ва бори аввал талоши тоҷикон барои бозгаштан ба Ватан ноком гашт ва дар Афғонистон монданд ва ё ба дигар кишварҳо пароканда шуданд. Дар охири асри 20 таърих боз такрор гашт ва боз ҳам зери парчами сурх ва бо ҳамон шиорҳо ва мутаассифона, мисли мусибати аввали миллат, бо ширкати баъзе фарзандони худаш. Вале ин дафъа ҳиҷрат барои ҳамеша набуд ва муқовимат дар канори талош барои сулҳ натиҷа дод ва боиси бозгашти сарбаландонаи муҳоҷирон ва муборизон ба Ватан гардид. Муқовимат ва дифоъ аз Ватан, ҷону мол ва нангу номус дар ҳеҷ давру замон боиси маломат ва хиҷолат нашудааст ва нахоҳад шуд. Баръакс, вақте ба Ватан, хона, нангу номуси инсон сарбозони кишвар ё миллати бегона ворид мешаванд, хомӯш нишастан ва аз муқовимат сарпечӣ кардан мояи хиҷолат ва ор мебошад, ки хушбахтона, чунин саҳифаҳо дар таърихи миллати тоҷик хело каманд.

Наҳзат дар ин ҷанги таҳмилӣ тарафи дифоъкунанда буд ва он ҳам дар баробари ҳавопаймо, танку тӯп ва сарбозону афсарони чанд кишвар, ки бо ҳар далеле вориди сарзамини мо гашта буданд. Ба муқовимат барнахостан ва силоҳ нагирифтан маънои таслим шудан ба нақшаи дигарон болои миллат ва такрори қисмати талхи бобову аҷдодони гузаштаро дошт, ки дигар то абад натавонанд ба Ватан баргарданд. Ҳоло ҷудо аз он, ки фарзандони миллати мо он солҳо дар кадом сангар қарор доштанд ва ҳоло ба он ҳодисаҳо аз кадом манзар менигаранду баҳо медиҳанд, воқеият дар ин ҳодисаҳо ошкор гашт, ки миллати тоҷик метавонад дар муқобили ҳама гуна неру ва ҳар абарқудрат муқовимат кунад ва маҷбур намояд, ки иродаи ин миллатро эътироф кунанд. Ҳама медонанд, ки кишварҳои минтақа, бахусус, абарқудратҳо бо ин ҳама имконот дар кадом саф меҷангиданд ва чӣ нақшае доштанд. Бисёриҳо аз идомаи мубориза дар баробари ин ҳама артишу қудрати зоҳирӣ ноумед гашта буданд ва идомаи муборизаро ҷуз як худкушӣ ва нобудии миллат дигар чизе намедонистанд. Вале гурӯҳе аз фарзандони ин миллат, ки шаҳодати сарбаландонаро аз зиндагии залилона дар ҳиҷрату ғурбат болотар медонистанд ва бовар доштанд, ки неруи як инсон ва як миллату кишвар дар артишу танку тӯп ва ҳавопаймоҳои он нест, балки дар имон ва иродаи ӯст ва онҳо ба ин ояти карима имон доштанд, ки Худованд мефармояд:

«Чӣ басо гурӯҳҳои хурд ба фармони Худо бар гурӯҳҳои бузург пирӯз шуданд»2.

2. Сураи «Бақара», ояти 249

Ва Худованд ин мисолҳоро дар Қуръон барои касоне овардааст, ки такя бар қудрат ва иродаи ӯ мекунанд ва ҳаргиз ноумед нестанд. Агарчи ин натиҷаи талошу ҷонбозиҳои як идда аз фарзандони мубориза миллат буд, вале бояд ин саҳифа барои ҳар тоҷики миллатдӯст боиси ифтихор бошад, ки дар ин маърака сари тоҷик дар баробари ҳавопаймоҳо ва танкҳои зиреҳпӯши артишҳои дигар кишварҳо болотар буд ва он кишварҳоро водор кард, ки аз нақшаҳои худ болои миллати тоҷик даст бикашанд. Ин мубориза ва ин сулҳ миллати моро аз тобеъияти кишварҳои дигар ба истиқлолияти нисбӣ расонд ва дигаронро маҷбур кард, ки миллати моро бо ҳама қишрҳояш бипазиранд. Онҳо дар аввал мехостанд кишвару миллат то охир шунавандаи ҳарфи эшон бошад ва иҷрокунандаи сиёсатҳои бегона. Вале, муқовимат ва баъдан сулҳ ин нақшаҳоро аз байн бурд ва исбот кард, ки ин миллат ва кишвар танҳо аз як гурӯҳ иборат нестанд ва он гурӯҳ аксарият ҳам нест, ки ҳар чи онҳо бигӯянд, ҳамон анҷом шавад.

Дар таърихи миллати мо ҳар кӣ барои дифоъ аз Ватану сарзамин ва нангу номус сар бардоштааст, қаҳрамон аст ва номаш дер ё зуд дар саҳифаҳои таърихи миллат сабт хоҳад шуд. Шояд на дар замони худаш ва на дар замони ҳукуматҳое, ки нигоҳашон ба таърих ва мубориза ву муборизони миллӣ, ба хусус, дар замони ҳукуматдории худашон ҳамеша вожгуна будааст.

Ин ҷо шояд гуфта шавад, ки магар муборизону ватандӯстон танҳо дар як тараф буданд ё танҳо як тараф ҳаққи маънавӣ дошт, ки барои дифоъ аз худ даст ба силоҳ бизанад? Фарзандони ин миллат, ки дар тарафи дигари сангар қарор доштанд, кӣ буданд?

Назари шахсии мо нисбати ин масъала чунин аст, ки ҷавонмардони тоҷик, ки дар сангари муқобил қарор доштанд ва ҳадафашон аз силоҳ бардоштан дифоъ аз миллату кишвар ва барқарории ҳақиқат буд, онҳо шомили муборизон ва қаҳрамонони миллӣ мебошанд. Зеро онҳо намедонистанд, ки нақшаи кишварҳо, доираҳо ва генералҳои кӯмаккунанда бо силоҳу муҳиммот чист ва бовар доштанд, ки бо "ваҳҳобиҳову террористҳо" меҷанганд. Мағзшӯйӣ, таблиғоти расонаӣ ва технологияи шӯрондани мардум, илова бар

иштибоҳоти неруҳои миллӣ, демократӣ ва исломӣ кори худро карда буд ва қисми зиёде аз ҳамватанони мо бовар доштанд, ки бо душманон меҷанганд ва кумакҳои кишварҳои "дӯст" беғаразона аст. Ва қисме бовар ҳам доштанд, ки шӯравиро маҳз ҳамин тоҷикони "гумроҳ" пароканда кардаанд ва онҳо бо кӯмаки дӯстҳояшон онро барқарор хоҳанд кард. Агар ҷурме доштанд, пас ҳамин соддалавҳӣ ва бовар кардан ба ин шиорҳо буд ва инчунин васила қарор гирифтан, на бештар аз он. Кофист ёдовар шавем, ки ҳанӯз фурсати зиёде аз шуруъи ин фитна нагузашта, қисме аз ҷавонмардони тоҷик, ки дар сангари муқобил қарор доштанд, дарк карданд, ки ин ҳама "дилсӯзиҳо" и баъзе кишварҳо барои заъифу нотавон кардани миллат ва кишвари тоҷикон равона шудаанд ва шуруъ карданд ба ҳимояи мардум, рустоҳо ва пешгирии қатли ом аз тарафи гурӯҳҳои ҳувияташон номаълум. Вақте онҳо диданд, ки даҳҳо ва садҳо нафар танҳо барои тоҷик будан кушта мешаванд, таъсире дар дидгоҳу рафторашон ворид гашт, ки ин худ оғози таҳаввулоти

зеҳнӣ ва шинохти воқеиятҳо аз тарафи гурӯҳе буд. Ин наметавонист дар нақша ва сиёсатҳои доираҳои таҳмилкунандаи ҷанг таъсир нагузорад ва онҳоро низ водор ба тағйири сиёсатҳо кард. Танҳо дарки ин воқеият, ки идомаи ҷанг боиси нобудии миллати тоҷик мегардад, ҳарду тарафро водор кард, ки ҷиддан сари масъалаи сулҳ фикр кунанд ва онро ҳадафи аслии хеш бигардонанд.

Ҳоло байни иддае таърихшиносон назаре вуҷуд дорад, ки агар қишри рӯҳонияти огоҳ дар гузашта бетараф намеистод ва дар муқобили ҳуҷуми лашкари бегона ба давлати Сомониён мардумро ба мубориза даъват мекард ва худ роҳбарии ин муборизаро ба дӯш мегирифт, давлати миллии тоҷикон барои ҳазор сол аз даст намерафт. Ҳоло бояд таърихшиносон ҳарфи илмиро бизананд, чӣ омилҳо таъсир расонд, ки касе пайдо нашуд аз он ҳукумат ва давлатдорӣ дифоъ кунад ва чаро ҳеҷ қишре барои мубориза сар набардошт? Тасаввур намоем, ки Наҳзат дар ин муқовимат ширкат намекард ва тан ба тақдир месупурд ва равандҳои баъдии кишвари мо ҳамон тавре мешуд, ки нақшаашро дар пойтахтҳои дигар кишварҳо кашида буданд ва барои анҷомаш ҳатто афсареро ҳамчун вазири дифоъи вақт ҳам фиристода буданд, кишвари мо, миллати мо дар ҳоли ҳозир чӣ вазъе дошт? Кӣ дар ин ҷо ҳарфи аввалу охирро мезад ва бо кадом далел? Ҳоло ки тавассути сулҳи миллӣ ва ваҳдат ба ин оромишу субот ва мустаҳкамшавии ҳокимият расидем, ин ҳама миннату даъвои гоҳо пардапӯшонаву гоҳе ошкор болои роҳбарияти кишвар ҳаст, ки гӯё онҳо Наҳзатро сари қудрат овардаанд ва набояд аз хатти кашидаи эшон берун биравад. Дар сурати нокомии муқовамат ва пирӯзии як тараф дар ин ҷанги бемаънӣ бо пуштибонии низомиву сиёсӣ ҳамон доираҳои зикргашта, оё имкон дошт, ки кишвару миллат сиёсатҳои мустақилонаеро пеш бигирад, ки ҳоло мегирад ва миннатгузориҳои дигаронро рад бикунад? Табиист, ки не. Агар касе он замон пирӯз ме

гашт, ӯ пирӯз набуд, ҳамонҳое пирӯз буданд, ки қудрат ва тасмим дар дасти онҳо буд. Ҳоло ки сулҳу ваҳдат пирӯз гашт, миллат пирӯз аст, на касе ва на пуштибонҳои онҳо. Ин аст, ки миллат имрӯз худро мустақил медонад ва мехоҳад кишвараш сиёсатҳои мустақилона дошта бошад ва миннатпазири касе нест, ҷуз Худованд ва худи мардум. Ин аст натиҷа ва баракати муқовимати огоҳонаву холисона ва сулҳу ваҳдати саривақтӣ ва аз ҳама муҳимаш, шинохти манфиатҳои миллӣ дар лаҳзаҳои ҳассоси таърихӣ.

Агар мо ба ин марҳалаи фаъолияти Наҳзат аз дидгоҳҳои танги сиёсӣ ва гурӯҳӣ баҳо бидиҳем, онро як тараф муқовамату мубориза медонад, тарафи дигар мухолафати мусаллаҳона ба ҳукумату давлат. Вале, агар он воқеъбинона, аз равзанаи манфиатҳои миллату кишвар баҳогузорӣ шавад, бо вуҷуди иштибоҳҳояш, як омили муҳиме барои мустақилияти кишвар, ба хусус роҳбарияти сиёсии он доштааст. Баргардем ба ҳамон мисоле ки аз давраи Сомониён задем, ки агар Наҳзат вориди марҳалаи муқовамат намегашт, шояд наслҳои баъдӣ ҳамон иттиҳомеро бар сараш мезаданд, ки имрӯз болои рӯҳонияти замони Сомониён бор мекунанд. Даст кашидан аз мубориза ва хомӯшона пазируфтани фармонравоии пурраи низомиву сиёсии дигарон дар Ватани хеш. Ин худ танҳо муқовимати сиёсиву низомӣ набуд, балки паёме буд қавӣ, ки барои Наҳзат дифоъ аз Ватан, миллат ва марзу буми он айни дифоъ аз дину мазҳаб ва арзишҳои дини он аст ва ин ҳама бо ҳам омехтаву як занҷираи арзиширо ташкил медиҳанд. Ва ин паём пеш аз

ҳама барои наслҳои имрӯза ва баъдии Наҳзат будааст ва ҳама нерӯҳои ватаниву миллӣ, ки бо Наҳзат дар шинохти арзишҳои милливу мазҳабӣ ҳаммарому ҳамсӯ мебошанд.

Аммо, сулҳ. Агар бигӯем, ки ҷанг бо бегонагон буд ва аз он оре надорем, пас сулҳ ҳам бо бегонагон буд ё бо бародарони худ? Ҷавоб равшан аст, бо бародарон ва ҳамватанони худ. Аслан ин сулҳ бояд ҳамон соли 92 мешуд, агар бегонагон дахолат намекарданд. Сулҳ ҳам шуд. Борҳо. Акнун таърих ошкор шуда истодааст, ки чаро сулҳ он вақтҳо пойдор намонд. Дер бошад ҳам, сулҳ омад. Замоне ки ҷанг бо бегонагон тамом шуд, аниқтараш, амалиёте ки дар марз анҷом ёфт, нуқтаи асосиро дар ҷанг гузошт ва роҳро барои сулҳи ду бародар боз кард. Агар бигӯем, ки дар масъалаи ҷанг ва сулҳ аз тарафи Наҳзат иштибоҳе рух надодааст, як қазовати ғайри воқеъбинона мебуд. Ҳамчуноне ки тамоми тарафҳои тоҷик он замон муртакиби иштибоҳҳо шуданд, Наҳзат ҳам истисно нест. Имкони баҳона надодан ба бегонагон барои ворид кардани артиш буд, вале баҳонаҳое ҳам дода шуд. Ҳамчуноне ки болотар зикр рафт, на ҳама кор ба дасти Наҳзат ва бахусус, роҳбарияти аввали он буд. Ҳатто, дар байни пайравони Наҳзат ҳам касоне ёфт мешуданд, ки бо рафторҳои фитнаангезона ва эҳсосотӣ вокунишҳоро ба вуҷуд меоварданд. Кофист, эълони "артиши бистучанд ҳазорнафара" ро ба ёд биёрем. Ин эълон ҳамчун " ҷанги равонӣ" аз тарафи касоне гашт, ки дар он шароит на артиш доштанду на силоҳ ва на қудрати ҷамъоварии онро, вале баҳонаи хубе буд барои истифода аз он, ки суистифода ҳам шуд. Ё бисёр ҳолатҳои ба ҳамин монанд, ки мутаассифона, кам набуданд. Вале аз замоне ки роҳбарияти Наҳзат зимоми умурро ба даст гирифт ва худро масъули аввали ҳаракати муқовимат ва музокира донист, то ба охирдар ин раванд иштибоҳи ҷиддие рух надод. Ва натиҷааш ҳам ҳамон сулҳи деринтизор буд, ки воқеан барои ҳар миллатдӯст ҷойи ифтихор аст. Албатта, набояд танҳо эҳсоси фахр кард, эҳсоси масъулият ҳам бояд бошад. Яъне, сулҳ кардан пеш аз ҳама масъулияти тарафҳо буд ва набояд касе онро болои тарафи дигар миннат бигузорад.

Нуктаи муҳимтар, ки бояд қайд шавад ва шояд муҳимтар аз худи имзои сулҳ бошад, ин пойбандӣ ба сулҳ мебошад, ки Наҳзат то имрӯз вафодор мондааст. Ин масъулияти ҷонии тарафҳои тоҷик буд, ки ба талаботи сулҳ пойдор бимонанд ва бе ҳеҷ шарту қайд. Имрӯзҳо ҳарфҳое гуфта мешаванд, ки талаботи сулҳ дар ин ё он маврид солҳои баъдӣ вайрон гашт ва қисман фаромӯш гаштанду аз он дур афтодем. Ду нуктаро бояд дар ин масъала таъкид кард: якум, дар санадҳо муддати мушаххаси риояи талаботи сулҳ зикр нашуда буд ва ин ҷо бештар ойини ҷавонмардиву қавли тоҷикӣ меъёр буд, на чизи дигар. Чун талаби навиштани муддат нишонаи беэътимодии тарафайн маҳсуб мешуд ва касе бовар намекард, ки баъди ин ҳама мусибатҳо боз ҳам аз ин ҳолатҳои духура ва нуқтаҳои заъф истифода мешавад. Вале дидем, ки шуд ва мутаассифона, касоне ҳақ баромаданд, ки мегуфтанд, дар сиёсат ҷойи ҷавонмардиву қавл нест, манфиат ҳарфи аввалу охирро мезанад. Албатта, сиёсат дар фаҳмиши авомона ва дур аз ахлоқ, ки дар ҳавзаи мо маъмулист, на сиёсати боахлоқ ва арзишмеҳвар, ки нухбагон дар талоши расидан ба он ҳастанд. Дуввум, то ҳол дар ҳеҷ мавриде, Наҳзат пас аз марҳалаи гузариш муттаҳам ба нақзи талаботи сулҳ нашудааст ва ин мояи ифтихори мост. Баръакс, мо муттаҳам ба зиёдаравӣ дар сабру таҳаммул нисбати ин дасткашиҳо аз талаботи сулҳу оштӣ мебошем.

Гоҳ худиҳо ва гоҳ беруниҳо моро гунаҳкор мекунанд, ки гузашти аз ҳад зиёд ва сабри бетавҷеҳ боиси ин ҳама вазъияти ногувори кишвар ва дур рафтан аз рӯҳияи сулҳу ваҳдат гаштааст. Бисёриҳо бар ин назаранд, ки агар Наҳзат ин ҳама гузаштҳоро намекард, мо вазъи беҳтаре дар масоили демократӣ, риояи ҳуқуқи башар ва пешафти иқтисодиву сиёсӣ медоштем. Шояд ва шояд не. Мухолифати шадиди Наҳзат метавонист аз нав ба бадшавии вазъ бирасонад. Метавон дар ин масъала ҳадс зад, вале як чиз мусаллам аст, ки Наҳзат танҳо ба хотири авлавият бахшидан ба манофеи миллӣ, таъмини сулҳу ваҳдат ин сиёсатҳоро пеш гирифтааст, вагарна, ба ин ҳад нест, ки як коршиноси оддӣ ё шаҳрванд дарк намояд, ки ин ҷо гузашт аз Наҳзат асту худи роҳбарияти он инро дарк накарда бошад. Боре ба луқмаи як коршиноси маъруф, ки "Наҳзат чӣ содагие нишон дод ва медиҳад" ҷавоб шуд, ки "Кош Парвардигор мо ва ҳамаи дигар масъулони миллатро ҳамин гуна сода нигаҳ бидорад, то ҳеҷ гоҳ бо "доногӣ"и худ миллатро аз нав ба ҷанг накашонем".

Гоҳе мепурсанд, ки то кай Наҳзат ин сиёсатҳои худро зери шиори "сулҳ", "ваҳдат", "амнияту субот" ва "манофеи миллӣ" идома медиҳад ва гузашт то ба кай? Бояд гуфт, вақтҳои охир ин масъалагузориҳо бештар ва шадидтар шудаанд ва роҳбарияти Наҳзат ошкору пинҳон муттаҳам ба хомӯшӣ ва сабри беш аз ҳадди лозим мешавад. Ҷавоб ҳам ошкор аст, то он вақте манфиати давлату миллат ва мардуму кишвар инро тақозо мекунад. Чун агар ҳадафи ин ҳизб таъмини манфиатҳои миллату кишвар бошад, чаро ин манфиатҳоро авлавият надиҳем ва агар боз ҳам гузашт лозим бошад, онро пеша накунем?! Вале, агар манфиатҳои миллат ва кишвар дар мавриди лозим сахт гуфтан ва вокуниш нишон додан бошад, набояд хомӯш буд ва гузашт кард, балки сахттар бояд амал кард, то ин манофеъ ҳифз шаванд. Гоҳе хомӯшӣ ва гузашт худ хатар ба амнияту субот ва мухолиф ба манофеи миллист. Ин ҷо бояд мавридшинос ва воқеъбин буд. Гузашту сабр дар вақти лозим ва сахт гуфтану амал кардан дар мавриди худ айни манфиатҳои милливу давлатист ва масъулияти як ҳаракати огоҳу пӯё ҳам дар ҳамин мебошад.

Вақте Наҳзат мегӯяд, ки як ҳизби сиёсии мабнӣ бар арзишҳои милливу мазҳабист, бояд ин таъриф бо муҳтаво пур ва дар амал нишон дода шавад. Бахусус, барои насли баъдии Наҳзат ин масъала аҳамияти бештар пайдо хоҳад кард. Бояд эътироф кард, ки Наҳзат дар муаррифии худ ба қишрҳои гуногуни миллат дар марҳалаҳои гузашта чандон муваффақ набуд. Аниқтараш, на ҷомеа талош кард, ки мустақим Наҳзатро бишносад, на Наҳзат тавонист худро бишносонад. Аз фурсат истифода карда, дигарон Наҳзатро ба қишрҳои гуногун муаррифӣ карданд, ки на ба нафъи ҷомеа буд ва на ба нафъи Наҳзат. Барои мисол, солҳои навадум тамғаи "ваҳҳобият"ро доираҳои махсус ҳамчун барчаспи Наҳзат болои ҷомеа таҳмил намуданд, агарчи баъдан ошкор гашт, ки Наҳзат ҳеҷ рабте ба ин ҷараён надоштааст. Албатта, ин замоне ошкор гашт, ки мардум ваҳҳобиҳои воқеиро диданд ва аз тарафи дигар, шиносоии бештаре бо Наҳзат ҳосил шуд. Вале масъала ин аст, ки ин барчасп чӣ мусибатҳоеро сари миллат овард. Имрӯзҳо бархе Наҳзатро муттаҳам ба шиъагарой мекунанд. Суол ин аст: боз чӣ ҳодиса ва чанд соли дигар лозим аст, то ҷомеа дарк намояд, ки Наҳзат ҳеҷ рабте бо шиъага ройӣ ва умуман ба гароиши ғайри мазҳаби

ҳанафӣ надорад? Ва кӣ бояд ин заҳматро бикашад, то воқеиятро ошкор бисозад ва тухматҳоро аз сари Наҳзат дур андозад? Албатта, пеш аз ҳама худи Наҳзат.

Шакке нест, ки сохтани чеҳраи манфӣ аз ҳизбу ҳаракатҳои ислоҳотхоҳ кори наве нест ва ин таҷриба ҳамеша истифода шудааст ва хоҳад шуд. Вазифаи як ҳаракат танҳо дуруст фикр ва рафтор кардан нест, балки ин афкору рафтори дурустро ба ҷомеа шиносонидан аст. Таҷриба нишон дод, ки ҳар суҳбат, ҳар нишаст ё вохӯрии мустақим бо қишрҳои гуногун таъсири худро расондааст. Ҳадди ақал, қисме аз бардоштҳои ғалатро бартараф гардонида, барои шинохти беҳтаре замина гузоштааст. Бояд гуфт, ки дар ҷомеаи мо то имрӯз Наҳзатро танҳо аз гуфтору рафтори мо не, балки аз тасаввуроти куллӣ дар бораи ҳизбу ҳаракатҳои исломии ҷаҳон баҳогузорӣ кардаанд. Барои мисол, инсоне ки аз барномаҳо ва афкори воқеии Наҳзат дар бораи Ватан, миллат ва ояндаи кишвар огоҳ нест, ҳатман ин тасаввуротро аз амалкардҳои баъзе аз ҳизбу ҳаракатҳо ва ҳатто кишварҳое ҳосил менамояд, ки зери номи ислом амал мекунанд. Агар Толибон муҷассамаҳои Буддоро таркониданд, таъсири он танҳо болои худашон набуд ва шояд онҳо парвое ҳам аз маломату нигаронии дигарон надоштанд. Вале, тамоми ҳизбу ҳаракатҳои муътадили исломӣ, аз ҷумла Наҳзат аз ин кор эҳсоси нороҳатӣ ва хиҷолат мекард. Ҳамзамон, санги маломат ғайримустақим ҳам бошад, алайҳи мо партофта мешуд. Ин гуна мисолҳо хело зиёданд. Ба гуфти шоир, "Сифлае по каҷ гузорад, хуни дил мо мехӯрем". Ин водор менамояд, ки Наҳзат барномаи васеъеро барои муаррифии бештари худ дар дохилу хориҷ ба роҳ монад. Таҷриба нишон дод, ҳар кӣ бо мо нишаст, назараш тағйир кард, ҳар кӣ дар бораи мо аз дигарон шунид, бо бардоштҳои ғалат монд.

Ин мавзӯъ дар иртибот бо ақаллиятҳои миллӣ ва мазҳабии кишварамон аҳамияти бештар пайдо мекунад. Набояд пинҳон кард, ки зери таъсири ҳодисаҳои гузаштаи кишвар ва равандҳои носолими ҷаҳониву минтақаӣ ҳоло ҳам эътимоди байни мо ва ин қишре аз ҳамватанонамон ба ҳадди матлуб нест. Агарчи, бо заҳмати устодон ва бародарон ин раванд ба тарафи мусбат ҳаракат дорад ва бори аввал дар интихоботи парлумонии соли 2010 гурӯҳе аз ҳамватанони русзабон ва ақаллиятҳои милливу мазҳабӣ омодагии худро барои ҳамкорӣ эълон карданд. Наҳзат ҳанӯз солҳои қабл мавқеашро дар бораи ақаллиятҳои милливу мазҳабии ҳамватан муайян карда буд ва аз забони устод Нурӣ он садо додааст, вале ин амр таблиғи бештарро мехоҳад. Он мавқеъ ин аст, ки ҳама инсонҳо дар пешгоҳи Парвардигор баробаранд, магар ба тақво ва ҳама шаҳрвандон дар назди давлат ва қонун баробаранд, новобаста аз ҷинс, забон, дин ва миллат. Шояд гуфта шавад, ки ин чизи наве нест ва тамоми қонунгузории мо ин масъаларо равшан нишон додааст ва Наҳзат ҳам наметавонад аз он берун бошад. Дуруст аст, вале Наҳзат ба ин масъала набояд ҳамчун як меъёри сирф конститутсионӣ муносибат дошта бошад, балки бо он эътиқодӣ рафтор кунад ва бештар аз дигарон атрофи он суҳбат намояд. Фақат ба он далел, ки шакку шубҳа то ҳол байни ҳамватанони ғайритоҷик ва ғайримусалмон зиёданд ва бояд ин итминон ҳосил шавад, ки масъала барои мо танҳо масъалаи қонунӣ нест, балки дар сатҳи эътиқоду боварҳост. Ҳар кӣ шаҳрванди ин кишвар аст, сарфи назар аз миллату динаш бояд ҳуқуқи баробар дошта бошад. Вақти он расидааст, ки сари мафҳуми "миллат" амиқтар фикр карда, онро аз маҳдудаи фаҳми қолабӣ берун оварем. Имрӯз ҳам

зери мафҳуми миллат мо танҳо қавмро мефаҳмем, на миллати ягона ба маънои шаҳрвандони як кишварро, ки аз қавму забон ва динҳои гуногун иборат бошад. Ҳол он ки зери мафҳуми "Тоҷикистон" метавон ҳама шаҳрвандони кишварро шинохт ва ин муносибтар барои як ҷомеъаи озоду баробарҳуқуқ мебошад.

Нуктаи муҳими дигар он аст, ки имрӯзҳо баъзе доираҳо мехоҳанд арзишҳои миллиро дар муқобили арзишҳои динӣ бигзоранд ва ба таври сунъӣ мухолифат эҷод кунанд. Масъалае, ки тӯли бештар аз ҳазор сол ҳалли худро ёфтааст ва як инсиҷому омезиши табиии ду даста аз арзишҳо, милливу мазҳабӣ, дар маҷмуъ як фарҳанги нодиру қавиро ба вуҷуд овард, то ин марҳалаи муқобилгузории сунъии арзишҳо, баҳси тоҷикияту исломият ва ҳоло ҳам барои аксари мардум ин баҳс бегона аст. Ҷуз чанд тани ифротгаро ва тундрав аз ҳарду ҷониб, ки бо роҳандозии ин баҳс бозори худро гарм нигаҳ медоранд. Наҳзат бояд бо он равиши муносиби устодон, ки тавонистанд тоҷикияту исломиятро дар худ омезиш диҳанд, ин масъаларо аввалан дар худ ҳал ва сониян ба ҷомеа ҳамчун намуна пешниҳод намояд. Вогузоштани майдон ба миллатгароёни тангназар ва ё гурӯҳе аз мутаассибони мазҳабӣ дар ниҳоят бар зарари ҷомеа, миллат ва худи Наҳзат меанҷомад. Ҳеҷ касе бар миллатҳо аз фарзандони миллатгарои он зарбаи бештар назада ва ҳеҷ касе ба дин бештар аз пайравони мутаассиби он зарар нарасондааст. Наҳзат, ки даъвои дифоъ аз арзишҳои милливу динӣ ва хидмат кардан дар ин роҳро дорад, бояд парчам ва майдонро аз дасти ин ду гурӯҳи ҳангомасоз бигирад ва неруҳои солими ҷомеаро, ки миллату динро самимона дӯст медоранд, ба ҳамкорӣ фаро бихонад.

Ин ҷо шояд муносиб бошад атрофи як масъала равшанӣ андозем, ки дар доираҳои коршиносӣ ва таҳлилӣ борҳо матраҳ мешавад, инчунин дар дохили худи ҳизб ҳам. Ин баҳси сабру таҳаммули Наҳзат аст, ки баъзеҳо бар он бовар доранд ва ё ба қавли гурӯҳе, заъфу нотавонӣ ки дар ҷомаи сабр нишон дода мешавад. Ҳарду гурӯҳ ҳам интихоботи соли 2010 ро бештар ҳамчун мисол барои тақвияти фикри худ меоваранд, аниқтараш, аз тарафи Наҳзат ҳазм шудани ин ҳама тақаллуб ва ноадолатиҳое, ки нисбати раъйи мардум, бахусус овозҳои Наҳзат карда шуд, Касе шак надорад, ки Наҳзат дар интихоботи парлумонии 2010 барандаи интихобот буд ва дар байни ҳама аҳзоб бештарин раъйро ба даст овард. Бисёриҳо бар ин боваранд, ки фишорҳои ахиран омада болои Наҳзат натиҷаи ҳамон интихоботаст, ки ҳукумат зоҳиран натиҷаи воқеиро эътироф накард, вале амалан онро хеле ҷиддӣ гирифт ва "хулосаҳо"е баровард. Пас чаро Наҳзат вокуниши ҷиддие нишон надод, дар сурате ки агар иқдомҳои эътирозии радикалӣ ҳам мекард, ин тасмим аз тарафи интихобкунандагон, таҳлилгарон, сиёсатмадорон ва ҳатто худи ҳукуматдорон ҳам шояд фаҳмида мешуд. Зеро ҳама дида буданд, ки ошкоро ва хеле дағалонаву аҳдшиканона (ҳам ба ормонҳои сулҳ ва ҳам ба ваъдаҳои пешазинтихоботӣ) ин кор анҷом шуд. Ин "ҷасорат" ва ин риски мақомот ҳамаро он замон ҳайратзада карда буд ва бояд иқрор кард, ки ҳатто дар Наҳзат ҳам. Чун касе бовар намекард, ки мақомот пас аз ҷанг ва ин ҳама мусибатҳои миллӣ, чунин риски бузургро пеш бигирад. Вале ин рискро кард. Баъзеҳо мегӯянд, ки ин амал ҳисобӣ буд ва эълони ин рақамҳо оромона ва хунсардона гирифта шуданд ва мутмаин буданд, ки ҳеҷ иттифоқе рух нахоҳад дод. Натиҷааш ҳам

ҳамон шуд, пас ин рафтор аз рӯйи натиҷа ба нафъи ҳукумат ва роҳбарияти ҳизби ҳоким анҷом ёфт.

Вале назари мо ин ҷо фарқ мекунад. Зеро, агар чанд курсии дигаре ба ҳизбҳои сиёсии мухолиф, аз ҷумла Наҳзат дода мешуд, дар тавозуни куллии неруҳо ва дидгоҳҳо дар парлумон ва ҳокимият фарқи зиёде ба вуҷуд намеомад. Баръакс, мавқеи ҳуқуматро қавитар мекард, ки ба ваъдаи қабл аз интихоботиаш вафо кард ва самти ҳаракати кишвар ба тарафи озодиҳои бештар ва бисёрҳизбии воқеист. Аслан, метавон гуфт, ин интихоботҳо оғози коҳиш ёфтани боварии мардум ба ҳама гуна барномаву ваъдаҳои ҳукумат гашт ва ин нобовариро баъдан ваъдаҳои дигари иҷронашудаи иқтисодиву иҷтимоӣ ва энергетикӣ бештар кард. Аз ин рӯ, ҳукумат на танҳо худи интихоботро бохт, балки муносибаташ бо натиҷаҳои интихобот, ҳизбҳои сиёсии ширкаткарда, бахусус, Наҳзатро ҳамчун ҳизби пирӯз дар интихобот ва ҳатто бо мардуми кишвар ин бохт бештару амиқтар гардид. Ин амалкард нишон дод, ки ҳукумат мурунати (гибкость) лозимро аз даст дода истодааст ва наметавонад бо воқеиятҳо рафтори мутаносиб нишон диҳад.

Аммо Наҳзат он замон чӣ бояд мекард ва оё дуруст рафтор кард, ки эътирозашро фурӯ бурд ва ҳазм кард? Ё ин фурӯкашии эътироз боиси ҷасорати бештари ҳуқумат дар масъалаи фишорҳо болои Наҳзат гашт, чуноне ки баъзеҳо дар ҳизб ё беруни он фикр мекунанд?! Агарчи он замон тасмим гирифтан кори душвор буд, вале роҳбарияти Наҳзат аз се гунаи эътироз, ки дар Шӯрои сиёсии ҳизб матраҳ буд, (гирдиҳамоӣ ва талаби бознигарии натиҷаҳо, бойкоти иркат дар парлумон ва хориҷ шудан аз Шӯрои ҷамъиятӣ) аз ҳама сабуктар ва камтаъсиртаришро интихоб кард. Ва ин боис гашт, ки рафтори Наҳзатро қисме сабру таҳаммул хонданд, қисме заъфу нотавонӣ ва ҳатто тарс. Пас кадоме аз инҳо буд? Агар гирдиҳамоӣ мекардем, чӣ мешуд ва ё бойкоти парлумон? Ин саволҳоеанд, ки то ҳол дар зеҳнҳо мечарханд ва то ҳол бе ҷавоб мондаанд ва шояд ҷавобе надошта бошанд. Як чиз мусаллам аст, ки тасмим дастаҷамъӣ гирифта шуд ва дар ҳолате, ки Наҳзат ба қудрату неруи худ болотарин эътимодро дошт ва ин эътимод аз раъйи мардум маншаъ мегирифт, ки рӯзҳои интихобот онро ба ҷомеа нишон дод. Агар Наҳзат эҳсоси заъф ё тарс мекард, пас ба раъйи мардум бовар надошт ва даъво чаро бояд кард, ки раъйи мардум дуздида шуд? Модоме ки даъво кардем ва ҳоло ҳам дорем, ки аксари овозҳо ба мо дода шуда буд, пас худро он замон заъиф намедонистем. Касе он рӯзҳо дар ситод ва дафтарҳои Наҳзат буд, хуб ёд дорад, ки чӣ шӯру эҳсосоти пурҷӯше буд, ба хусус, ҷавононе ки довталабона ва бо умед вориди маърака шуда буданд. Ин вазъият на тарс, балки ба ҳар ҳизбу ҳаракат неру мебахшад ва ҳатто, мағрур ҳам месозад барои даст задан ба иқдомҳои қотеъонатар. Мемонад боз ҳамон сабру таҳаммуле ки борҳо гуфтаем. Муҳим он аст, ки тасмими Наҳзат дар он замон огоҳона ва бо дарназардошти манофеи миллату кишвар ва худи ҳизб гирифта шуд ва ҳоло ҳам дар дурустии он шакке надорем.

Ҳоло саволи муҳим ин аст, ки агар чунин ҳолат такрор шавад, Наҳзат чӣ тасмиме хоҳад гирифт? Ин масъала бояд равшан бошад, ки Наҳзат ҳеҷ гоҳ роҳкори аз қабл тарҳрезишуда барои ҳолате ва шароите надошт ва ҳоло ҳам надорад. Зеро, надоштани роҳ корҳои қолабӣ ва аз қабл мушаххасгашта боис мегардад, ки тасмимҳо бо назардошти

шароитҳои ҳоким дар ҳамон замону макон гирифта шаванд ва мавқеъҳо амалгароёнаву воқеъбинона бошанд. Дар сурати ғайр, кас гаравгони тасмимҳо ё сенарияҳои аз қабл вуҷуд дошта дар зеҳн ё коғаз мегардад, ки аксаран мутобиқи шароити замону макони дигар аст, на шароити воқеиятҳои рӯз. Бинобар ин, Наҳзат тасмимҳояшро ҳамеша бар асоси воқеиятҳо мегирад ва он воқеиятҳо метавонанд вобаста ба замону макон фарқ намоянд.

Наҳзат дар марҳалае 40солагии худро ҷашн мегирад, ки ҷаҳони Ислом дар рӯ ба рӯи равандҳои тақдирсоз қарор дорад. Дар аввали асри 21 сеяки кишварҳои ҷаҳон ҳанӯз ҳам дар фазои баста, диктотурӣ ва низомҳои худкома ба сар мебурданд, ки аксари онро кишварҳои мусалмоннишин ташкил медоданд. Чунин тасаввурот ба вуҷуд омада буд, ки арзишҳои умумибашарӣ, мисли озодӣ, адолат, кароматӣ инсонӣ ва ҷомеаи пешрафта барои ҳазм ва пазириши мусалмонон қобили қабул нестанд. Дар давраи аввали ҷомеаи исломӣ ва ҳамин тавр дар маҳватаи гуногуни таърихи миллатҳои мусалмон ин раванд ҳукмфармо буд, вале давраҳое низ буданд, ки ин минтақаро зулму истибдод, яккаҳокимиятӣ ва қудрати мутлақ идора мекард. Ҳама гуна талошҳо барои расидан ба озодӣ, зиндагии беҳтар ва кароматӣ башарӣ бо шадидтарин шакл саркӯб мегаштаанд ва ин амр миллатҳоро хору забун ва шахсиятҳоро шикаставу ноумед гардонида буд.

Вале ин чанд соли охир олами Ислом шоҳиди таҳаввулоте шуда истодааст, ки ояндаи он ҳанӯз рӯшан нест. Мавзӯи ин ки ҳама зулму истибдод рӯзе ба эътирози оммавӣ мерасонад, шакке дар он набуд ва ҳар инсон, ҳар миллат ҳамеша дар талаби озодиву раҳоӣ аз зулму шиканҷа мебошад. Табиист, ки ҳама муборизаҳо барои озодӣ ва адолат дар олами Ислом зери шиорҳои исломӣ ва бо роҳбарии шахсиятҳову ҳаракатҳои исломӣ анҷом шудаанд. Ин дафъа ҳам истисно набуд. Инак, дар аксари ин кишварҳо неруҳои исломӣ сари қудрат омаданд, ё дар қудрат шарик гаштанд ва дар рӯёрӯйи чолишҳову мушкилоти зиёде қарор доранд. Пеш аз ҳама, дар натиҷаи ин инқилобҳо кишварҳоеро ба мерос гирифтанд, ки аз фасоди моливу идорӣ, яккаҳокимиятӣ ва диктотурӣ ба бадтарин ҳолати иқтисодиву иҷтимоӣ расида буданд. Илова бар ин ҳама, инқилоб ва задухӯрдҳои тӯлонии нерӯҳо тайи ин солҳо ҳарчи аз он низомҳо боқӣ монда буд, нобуд кард. Ба қавли яке аз масъолини ин ҳукуматҳо, «мо озодиро ба даст овардем, вале дар баробараш кишварҳои дуздидашуда, низоми давлатии фалаҷшуда ва хатарҳои зиёде мисли терроризм, экстремизм, ҷудоихоҳӣ ба мо мерос монд». Масъалаи ин ки дигар ҳукуматҳои қаблӣ тавону ҳаққи идораи давлатҳояшонро аз даст дода буданд, ҷои шак нест. Агар ин инқилобҳо ҳам намебуд, онҳо мисли шӯравии собиқ аз дохили худ дер ё зуд фурӯ мерехтанд. Вале мусибати ин равандҳо дар он аст, ки танҳо ҳукуматҳо фурӯ намерезанд, балки гоҳе аз қафои худ миллатҳо ва давлатҳоро ҳам ба варта мекашонанд. Агар дар давлатҳои демократӣ рафтану омадан, иваз шудани ҳукуматҳо, роҳбарон ва масъулин ҳеҷ таъсири ҷиддие ба давлату миллат нарасонад, заъфи низомҳои диктотурӣ ва худкома дар ҳамин аст, ки бо рафтанашон онҳо миллату кишварро ба мушкилиҳо мекашонанд. Чун рафтани онҳо танҳо як рафтан нест, шикастан аст, рехтан аст, иваз шудани як марҳала ба марҳалаи дигар аст. Низомҳои худкома тавре идораи давлатро роҳандозӣ мекунанд, ки ҳамаи риштаҳои давлатдорӣ даври як нафар ё як гурӯҳ мепечад ва давлат аз як кас

вобаста мешавад. Кандани он ришта аксаран маънии пош хӯрдани муҳраҳои давлатдории пайваста ба ин риштаро дорад ва ин аст, ки давлатҳои пасоинқилобӣ маҷбуранд аз нав низоми давлатдориро бисозанд.

Агар бигӯем, ки Осиёи Марказӣ охирин минтақаест, ки интизори таҳаввулот мебошад, муболиға нахоҳад буд. Ба ғайр аз чанд кишвари алоҳида, дигар дар ҷаҳон кишварҳоеро надорем, ки ҳокимонаш ба ин шакл тӯлонӣ роҳбарии давлатҳоро дар ихтиёр дошта бошанд. Албатта, ғайри онҳое ки дар натиҷаи инқилобҳо рафтанд, сухан сари боқимондаҳост. Баъзан гуфта мешавад, ки бардоштани ин масъалаҳо хуб нест, роҳбарони кишварҳои минтақа хеле ҳассос шудаанд ва боиси суитафоҳум ва нороҳатии онҳо хоҳад гашт. Вале дар ин масъала назари мо фарқ мекунад. Бинобар ин, ҳатман бояд гуфт, чун агар гуфта нашавад, бар зарари худи ҳокимон ва миллат анҷом меёбад, чуноне ки дар боло гуфта шуд, дар кишварҳои минтақа ҳам тамоми риштаҳо ба як нафар васл шудааст ва набояд ин риштаҳо канда шаванд. Нагуфтан ва огоҳ накардан маънои якбора кандани риштаҳо ва пош хӯрдани низоми давлатдориро дорад, ки касе онро намехоҳад. Агар касе бихоҳад, пас ӯ зидди ин давлату миллат ва мардум мебошад. Ҳама талоши Наҳзат ҳам барои ҳифзи миллат ва давлатдории миллист.

Хулоса, мехоҳам як нуктаро ба бародарону хоҳарони наҳзатӣ ишора намоям, ки он ҳам вижагиҳои узви як ҳаракате мисли Наҳзат мебошад. Агар шумо дунболи мақому мансаб ва зиндагии оромонаву роҳатталабона мегаштед, бояд ба ин ҳаракат намепайвастед. Вақте ба он пайвастед, пас дунболи арзишҳое мебошед, ки аз Қуръону суннат ва ормонҳои миллати мо сарчашма мегиранд. Арзишмеҳвар будан ҳамеша мушкилӣ дорад, чун инсон бояд арзишҳоро бар манфиатҳо авлавият диҳад, ин кори содаву осон нест. Аз инсон имони қавӣ ба ин арзишҳо ва иродаи мустаҳкамро барои татбиқи онҳо тақозо менамояд. Мо аввалин касоне нестем, ки дар ин роҳ меравем ва охирин ҳам нестем. Баъзеҳо то ба охир содиқ монданд ва ҷону моли худро нисор карданд, баъзеи дигар роҳро идома дода истодаанд ва баъзеи дигар таҳти омилҳои гуногун аз масир берун шуданд ва ҳаёти осонтару роҳаттареро баргузиданд.

Мо довари касе нестем, балки Парвардигор довари ҳамаи мост, мо масъули амали хеш мебошем, на аз дигарон. Агар ин роҳро баргузидаем, пас бояд бо ҳама пастиву баландиҳояш онро бипазирем. Агар ҷое муваффақ будем, пас ин неъмати Худованд аст бар мо ва агар ҷое ноком, пас камбудие аз мо сар задааст. Вале набояд ҳама сабукиву оромиҳо дар роҳ дастоварду неъмат дониста шаванд, зеро кам нестанд имтиҳону фитнаҳое, ки дар ҷомаи неъмат ва сабукиву дастовардҳо ба соликони ин роҳ пешкаш мегарданд. Ва кам набуданд касоне, ки фирефтаи ин ҳама гаштанд ва мақому мансаб, оромиву сабукиҳо онҳоро мағрур ва дур аз роҳ кард. Ҳамчунин набояд ҳама душвориву мушкилиҳоро нокомиву бунбаст донист. Чун илова бар он, ки қисме имтиҳону озмоишанд, қисми дигаре табиати роҳ ва василаи баланд шудан ба қуллаи фатҳ мебошанд.

Ҳар гоҳ эҳсос кардед, ки ҳаракат ба сӯйи пеш душвортар шуда, монеаҳо бештар гаштаанд, бидонед, ки ба боло ҳаракат доред ва ҳеҷ гоҳ ҳаракат ба сӯйи қулла осонтар аз ҳаракат дар

ҳамворӣ нест. Ва ҳар гоҳ эҳсос кардед, ки доред ба сабукӣ пеш меравед ва ҳеҷ фишоре болои Шумо нест, лаҳзае таваққуф кунед ва бияндешед, ки магар ба тарафи нишебӣ ва поён нарафтаед? Чун роҳ ба сӯйи поён ҳамеша сабук ва ҳаракат тез аст. Имон ва такя ба Худованд, устуворӣ ва субот дар роҳ, бародарӣ ва ваҳдат дар дохили ҳаракат, сабру таҳаммул ҳангоми душвориҳо, таанниву оянданигарӣ ҳангоми тасмимгириҳо аз вижагиҳои як наҳзатӣ бояд бошад. Ҳамеша бояд худро бо ин меъёрҳо бисанҷем ва онҳоро мисли тарозу назди худ дошта бошем. Ҳамин вижагиҳо буд, ки устодони моро иншоаллоҳ назди Парвардигор, ва назди миллат арҷманд гардонд ва ҳамин сифатҳо омили пойдории Наҳзат гашт. Ва набояд фаромӯш кард, ки Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон барои хидмат ба миллату Ватан ва арзишҳои милливу мазҳабии ин мардум таъсис гаштааст ва дар ин роҳ ҳазорҳо нафар ба шаҳодат расидаанд. Имрӯз ин амонат дасти мову шумост, то онро ба соҳибони баъдӣ, яъне насли нави фарзандони солеҳи ин миллат бисупорем.

Худованд ҳамаи моро дар ин роҳ устувору сарбаланд бигардонад ва ин миллату кишвари азизро то рӯзи қиёмат зери сояи раҳмати Худ қарор бидиҳад!

Муҳиддин Кабирӣ

ҲИЗБИ НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН

ISLAMIC REVIVAL PARTY OF TAJIKISTAN

ФИКРУ АНДЕША

ВА

ХОТИРОТ

АТРОФИ НАҲЗАТ

**Мусоҳиба бо узви Раёсати олии ҲНИТ Давлатхӯҷаи Маҳмадуллоҳ**

**«Яке аз аҳдофи таъсиси ин ҳизб ҳам дифоъ аз ҳуқуқу озодиҳои мардуми мусалмон мебошад. Банда дар ин ҳизб пуштибони мусалмононро пайдо намудам ва шомили ҳизби Наҳзат шудам»**.

Давлатхуҷаи Маҳмадуллоҳ соли 1935 дар деҳаи Ярхичи миёна ҷамоати Ҳоити Ноҳияи Ғарм (Рашт) дар оилаи диндор ба дунё омадааст. Эшони Давлатхуҷа маълумоти аввалияи диниро дар назди падари худ эшони Аҳмадуллоҳ, ки яке аз шахсиятҳои маъруфи руҳонии даврони худ буд, омӯхтааст. Сипас идомаи таҳсил дар улуми диниро дар назди уламои кишвар амсоли мулло Муҳаммадикорм, домулло Валӣва домулло Муҳаммадии ҳоитӣ азбар намуд. соли 1988 ба сафи Наҳзат пайвастаат ва то имрӯз яке аз узви фаъъоли он ба шумор меравад. Соли 1992 ба Афғонистон ҳиҷрат намудааст. Дар Афғонистон масъулияти иршод ва таблиғи Наҳзатро ба уҳда дошт. Баъди ба фаъолияти дубора

пардохтани Наҳзат аз соли 1999 то имрӯз дар ҳама давраҳо узви Раёсати Олии ҲНИТ интихоб шуд ва аз соли 2001 корманди маҷмаи уламои ҲНИТ ва солҳои 20072008 раиси ин ниҳод буд.

Узви РО ва мушовири раиси ҲНИТ мебошад.

Оиладор ва соҳиби 11 фарзанд аст.

– Дар ибтидо Шуморо ба муносибати 40солагии ҲНИТ табрик мегӯем!

– Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим. Ман низ шумо, тамоми масъулин ва аъзои Ҳизби Наҳзатро ба ин муносибат табрик гуфта, таманнои онро дорам, ки Худованди мутаъол ҳамаи моро дар роҳи пешбурди ин ҳаракати илоҳӣ собитқадаму устувор бигардонад.

– Ҳазрати эшон, Шумо кай ба ин ҳизб пайвастед ва чӣ чиз боиси ин иқдом гардид?

– Баъди ҳаводиси солҳои 1992 ҳамроҳ бо бародарон ба Афғонистон ҳиҷрат намудам ва дар онҷо ба ҳаракат пайвастам ва муддате масъулияти иршоду даъват ва замоне дар қазоват кор кардам. Сабаби ба ин ҳаркати илоҳӣ шомил шудани банда дар он аст, ки пеш аз истиқлолияти кишвари азизамон агар мардуми мусалмони мо барои ифтитоҳи як масҷид ариза менавиштанд, ба аризаи онҳо ҷавоби рад меомад ва ин аз тарси раҳбарони аввали дар марказ нишаста буд. Тамоми нафарони дуюм дар ҳама сохторҳои ҳукуматӣ ҳатман бевосита аз марказ таъин мешуданд ва ба онҳо гузориш медоданд ва миллати мусалмони мо ҳеҷ ҳуқуқи комил надоштанд. Дар телевизион медидем, ки диндорон ва донишмандони исломиро мавриди тамасхур қарор медоданд ва касе набуд, ки аз дину оин ва фарҳанги миллии мо дифоъ намояд. Аз ҳамон вақт мо эҳсос кардем, ки мусалмонон ниёз ба ҳамбастагию ҳамдилӣ ва ҳамфикрӣ доранд ва агар худи онҳо барои дифоъ аз дин коре накунанд, касе фикри онҳоро нахоҳад кард. Яке аз аҳдофи таъсиси ин ҳизб ҳам дифоъ аз ҳуқуқу озодиҳои мардуми мусалмон мебошад. Банда дар ин ҳизб пуштибони мусалмононро пайдо намудам ва шомили ҳизби Наҳзат шудам.

– Баъди даргузашти устод Нурӣ Шумо азояндаи Наҳзат нигарон будед?

– Вақте устод Нурӣ ин оламро тарк намуданд, воқеъан ҳамаи мо як ташвише доштем ва сахт нигарон будем. Барои интихоби ҷойгузини Устод дар ибтидо баҳсҳои дохилиҳизбии зиёд сурат гирифт. Ман дар ҷаласаҳои Раёсати Олии ҲНИТ шоҳид будам, ки атрофи ин мавзӯъ баҳсҳо шуданд, вале билохира бо ёрии Парвардигори олам ҳамагон ба тавофуқ расидем ва бародар Кабириро интихоб намудем. Воқеан Кабирӣ ҷавони боғайрат, боимон ва дорои тамоми хислатҳои наҷиби исломӣ ва инсонӣ мебошад. Эшон аз хурдӣ дар ҳамин ҳаракат бузург шудааст ва тарбияи устод Нуриро гирифтааст. Чанд сол аст, ман бо эшон кор мекунам ва мутмаинан инро мегӯям, ки мо дар интихоби худ иштибоҳ накардаем. Бародар Кабирӣ бо вуҷуди ҷавонии худ воқеан инсонест бо ҷаҳонбинии хело васеъ, мардест таҳаммулпазир ва дурандеш ва дар тасмимгириҳо ҳаргиз шитоб надорад, ба эҳсосот дода намешавад. Умед мекунем, ки дар оянда ин марди бузург барои хидмати дин ва миллати азизамон ҳар чи бештар талош намояд.

– Шумо феълан узви РО ҲНИТ мебошед, ба назари Шумо дар кадом самти фаъолият ҲНИТ заъф дида мешавад ва барои ислоҳи он чӣ пешниҳодҳо доред?

– Корҳои ҷамъиятии мо камтар аст ва хуб мешуд дар ин самт бештар аз ин фаъол мешудем ва вохӯриҳоро бо мардум бештар менамудем. Дар ин самт роҳбарияти Наҳзатро зарур аст барномаҳои мушаххас ва ҷиддиро роҳандозӣ намояд. Як даста аз роҳбарияти ҳизб ҳамеша дар сафаранд ва шояд ин ба нафъи ҳизб бошад, вале иддаи дигаре, ки дар марказанд, бояд дар ҳама кӯчаву деҳаҳо фаъолияти дастаҷамъона кунанд ва бо мардум бошанд. Бояд мардум бо бурду бохти Наҳзат аз наздик ошно шаванд. Имрӯз мо натавонистаем ҳизбро дар миёни мардум хуб таблиғ намоем ва ҳатто рӯзнома ва маҷаллаи ҳизб ба мардум намерасанд. Тамоми чорабиниҳои ҳизб бояд сабт ва дастраси оммаи мардум шаванд, ки ин худ таблиғ аст. Имрӯз дар чорабиниҳои мо чанд камера сабт мекунанд ва чанд дастгоҳ аксбардорӣ менамоянд, вале ҳамаи ин куҷо мешавад, намедонем. Суханрониҳои бародар Муҳиддин Кабирӣ ва дигар масъулини ҳизб ҳатман бояд сабт шаванд ва ба оммаи мардум расонида шаванд. Агар ҳамин камбудиҳоро ислоҳ кунем, иншоаллоҳ ҳизб пешрафт мекунад.

– Яке аз барномаҳои ҲНИТ «ҷавонгароӣ» буд, Шумо дар робита бо ин барнома чӣ гуфтанӣ доред?

– Дар робита ба барномаи ҷавонгароӣ, ки Наҳзат пеш гирифт, борҳо ва борҳо дар ҳама ҷо гуфтам, ки мо, калонсолон, имрӯз дар сафи Наҳзати Исломием ва иншоаллоҳ барои ҳамеша хоҳем монд, вале дигар лаёқати кор ва ба монанди ҷавонон тавони ҳаракат карданро надорем. Ҳам заъфи бадан дорем ва ҳам ҳавсала надорем ва бояд фурсат ба ҷавонон дода шавад. Барнома ҷоӣ аст ва мо онро дастгирӣ намудем. Бояд барои рушду пешрафти Наҳзат аз нерӯ ва тавони ҷавонон истифода намуд ва мо дар паҳлӯи онҳо ҳамчун носеҳ хоҳем монд. Ҷавонон аз улум ва технологияи муосир огоҳтаранд, вале ҳамеша ниёз ба таҷриба доранд, ки иншоаллоҳ мо дар паҳлӯи онҳо ҳастем ва ҳамеша онҳоро кӯмак хоҳем кард. Наҳзат бояд мутахассисони ҷавонро дар ҳама соҳаҳо ҷалб намояд, зеро оянда аз они онҳост ва мо рӯзе хоҳем рафт ва Наҳзатро ҳамчун амонат ба онҳо хоҳем супорид.

– Шумо муддати зиёде бо устод Нурӣ будед, чӣ хотироти фаромӯшнашаванда аз эшон доред?

– Ман аз устод Нурӣ хотироти зиёд дорам ва ҳамаи онҳо фаромӯшнашаванда мебошанд. Ман бо эшон наздик ба ду сол ҳамдарс будем ва дар як ҳуҷра бо ҳам зиндагӣ мекардем. Эшон аз мо ҷавонтар буд ва бисёр бачаи чолок ва меҳрубон буд ва моро эҳтироми зиёд мекарданд. Вақте ман ба ноҳияи Қумсангир рафтам, номае ба ман фиристод, ки дар он як шеъри пурмаъно ва пурсӯз оиди фироқ навишта буд. Аз ин миён солҳо гузашт ва ман ба Афғонистон ҳиҷрат намудам ва аз байни китобҳои худ он мактубро пайдо карда, ба Устод додам. Эшон мактубро гирифтанд ва ёде аз он даврон намуда, хело хушҳол шуданд. Ризвон ҳар гоҳ маро медид, инро мегуфт, ки чӣ муносибате бо устод Нурӣ доред, ки ҳар гоҳ ба наздаш меравам, аввалин саволаш ин аст, ки эшонро хабар гирифтед? Воқеан

Устод шахсияти нодир буд ва миллати мо бояд бо доштани чунин шахсиятҳо ифтихор кунад. Ҳар кӣ бо Устод лаҳзае ҳамсуҳбат мешуд, ҳатман таъсироте мегирифт.

– Шумо муддате дар хизмат ва шогирди домулло Муҳаммадии Қумсангирӣ будед. Нигоҳи онҳо ба Наҳзат чӣ гуна буд?

– Устоди марҳуми мо ҳазрати Домулло Муҳаммадӣ ҳамеша таъкид менамуданд, ки мо бо Наҳзат ҳастем. Вақте бемор буданд ва устод Муҳиддин Кабирӣ ба аёдати эшон рафтанд, ба домулло гуфтанд, ҳазрати домулло, ман мехоҳам, ҳар чи тезтез ба зиёрати Шумо биёям ва аз аҳволатон хабар гирам, вале аз он метарсам, ки ба сабаби омадани ман фишоре болои Шумо меояд. Ҳазрати домулло гуфтанд, шумо паси ягон фишор нагардед ва дониста бошед, ки ман бо шумо ҳастам ва ҳамин эшони Давлатхӯҷа бо намояндагӣ аз ман ҳамроҳи шумост. Эшон нисбат ба ҳизби Наҳзат хело хушбин буданд ва аз аҳволи он ҳамеша пурсон мешуданд.

– Ба унвони шахси калонсол, таҷрибадидаву таҷрибадор барои аъзо ва тарафдорони ҲНИТ чӣ насиҳат ва тавсия доред?

– Насиҳати мо барои аъзо ва ҷонибдорони ин ҳаракати илоҳӣ он аст, масали мардумӣ аст, ки мегӯянд: «Чӯбро кирм аз дарунаш вайрон мекунад». Насиҳати ман ба роҳбарияти боло ва раисони шуъба ва бахшҳои минтақавӣ ин аст, ки муттаҳиду мунсаҷим бошанд ва ҳамдигарро дар роҳи даъват кӯмак намоянд. Нисбати ҳамдигар носеҳи холис, нисбати роҳбарони худ хушбин бошанд ва дар атрофи раис ҷамъ шаванд. Бале, агар ҳар масъуле ва ҳатто раиси Наҳзат хато ва камбудӣ кунад, бо ӯ суҳбати як ба як кунанд ва ӯро насиҳат кунанд ва агар лозим шавад дар ҷаласаҳо масъаларо матраҳ намоянд, вале аз қафо сухан гуфтан ҳаргиз ба манфиати кор нест. Инро ҳаргиз фаромӯш накунем, ки маҳз ҳамин ваҳдату инсиҷоми мо сабаби ободии дину дунёи мо хоҳад буд. Ихтилоф ҳамеша харобӣ ва вайрониро ба бор меорад ва ҳадафи бадхоҳони Наҳзат ҳам эҷоди ихтилофу тафриқа аст. Ман бо ин илму дониши андаке, ки дорам, мутмаинан инро мегӯям, ки фаъолият намудан дар ин ҳаракат аз ибодатҳои нофила беҳтар аст. Пас бояд фаъолияти мо холис барои Худо бошад ва талош кунем онро бо риё ва худхоҳӣ табоҳ насозем. Моро исломиҳо ва исломгароён мегӯянд, ҳамин худ барои мо ифтихор аст. Чаро иддае нисбати мо ҳассосият доранд, зеро онҳо хуб медонанд, ки исломи воқеӣ дар ҳамин ҳаракат мебошад.

– Дар охир чӣ гуфтании дигар доред?

– Дар охир аз тамоми масъулин, аъзо ва ҷонибдорони Наҳзат ва ҳамчунин аз тамоми мардуми мусалмони Тоҷикистон хоҳиши онро дорам, ки барои рушду пешрафти дини мубини Ислом дар зери партави дастуроти Қуръони карим ва нишондодҳои суннати мутаҳҳар ва тибқи мазҳаби Имоми Аъзам талош намоянд. Дин амонат аст бар дӯши мо ва ҳар мусалмон бояд динашро дӯст дорад ва онро ҳамчун амонат ба наслҳои дигар расонад. Масъулини ҳукумат ҳам дониста бошанд, ки мусалмон ва мусалмонзодаанд ва дар баробари дин масъулият доранд. Дунё фонист ва он чи назди Парвардигор аст, барои ҳамеша боқист. Худоро набояд фаромӯш кард, то моро фаромӯш накунад. Барои ободии кишвар ва сарбаландии миллати азизамон ҳамеша талош кунанд ва аз Худованд кӯмак

бихоҳанд. Дар охир дуъо мекунем ки Худованди таъоло мову шуморо аз роҳи рост мунҳариф насозад, пайрави дину шариъат ва Қуръону ҳадису мазҳаби Ҳанафӣ бигардонад. Парвардигор гузаштаҳои моро аз Устоди муҳтарам то бародарҳои дигар раҳмат кунаду ҷояшонро ҷанат бигардонад. Худованд мову шуморо дар оянда дар адои ин масъулияте, ки ба зимма дорем, муваффақ намояд.

Саломат бошед . Мусоҳиб: А. Ваҳҳоб

**Мусоҳиба бо домулло Абдулазизи Абдуғаффор**

«**Адолати ҳоким ибодат аст ва паёмбарон барои он омадаанд, ки ба мардум тарзи дурусти зиндагиро биёмӯзонанд, вагарна Худованд аслан ниёзе ба ибодати мо надорад.**»

Домулло Абдулазизи Абдуғаффор соли 1938 дар қишлоқи Лолагии Ҳисор дар оилаи мутадаййин ба дунё омадааст. Падари эшон яке аз муллоҳои замони худ буд, аз ин рӯ, домулло Абдулазиз маълумоти зарурии динӣ ва масоили фиқҳиро дар назди падараш омӯхт. Вай соли 1964 барои идомаи таҳсил дар ҷустуҷӯи илм аз хонаи худ мебарояд ва муддати даҳ сол дар назди донишмандон ва устодони бузурги он замон илм меомӯзад. Аз ҷумла соли 1966 дар назди домулло Сафаралӣ, аз соли 1967 дар назди домулло Сайидраҳмон ва аз соли 1969 ба шогирдии Мавлавӣ Муҳаммадҷони Қӯқандӣ мушарраф мешавад ва дар назди он кас то соли 1974 илм меомӯзад.

Аз соли 1974 ба ноҳияи Колхозобод (Ҷ. Румӣ) баргашта, ба таълиму тарбияи мардум камар мебандад. Домулло то имрӯз шогирдони зиёдеро таълим додааст ва дар деҳаи худ аз эҳтироми хоса ва дар назди аҳли илми кишвар ба ҳайси яке аз уламои парҳезгор ва озодандеш маъруф аст.

Моҳи июли соли 1986, рӯзе, ки нерӯҳои бехатарӣ ва дигар ниҳодҳои қудратӣ манзили устод С. А. Нурӣ ва манзили зиёда аз чиҳил нафар наҳзатиро кофтуков карда буданд, манзили домулло Абдулазизро низ мавриди кофтуков қарор дода, китобҳо ва дигар ашёи ӯро мусодира намуданд.

Охири моҳи декабри соли 1992, ки ҳаво хело сард буд, иҷборан ба Афғонистон ҳиҷрат кард ва баъди ба имзо расидани Созишномаи сулҳ ва оштии миллӣ тирамоҳи 1997 ба ватан бармегардад.

– Ҳазрати домулло, Шумо баъд аз гирифитани маълумоти зарурии динӣ муддати даҳ сол дур аз хона дар ҷустуҷӯи илм будед. Дар солҳои авҷи қудрати шуравӣ чӣ гуна тавонистед ин ҳама муддат улуми шариатро биёмӯзед бе ин ки ҳукумат аз аҳволи Шумо огоҳ шавад?

– Ман дар оилаи диндор таваллуд шуда ва табиист, ки таъсироти аввалияро аз фазои оила гирифтаам. Муҳаббату шавқи омӯзиши забони арабӣ ва улуми шаръӣ ҳанӯз аз хурдӣ дар дили ман ҷой ёфта буд. Аз ин рӯ, аз соли 1964 дар роҳи илм баромадам ва дар назди чандин устодон ва билохира дар назди ҳазрати Мавлавии Ҳиндустонӣ илм омӯхтаам. Ҳазрати Мавлавӣ, ки дар мадориси кишварҳои хориҷӣ таҳсил кардаву ҷаҳондида шуда ва баъд аз он чандин соли ҳаёти худро дар зиндони Шӯравӣ сипарӣ намуда ва ҷаҳонбинии васеъ дошт ва аз сиёсати давлат хуб бохабар буд, хело эҳтиёткорона рафтор мекард. Дар қабули шогирдон диққати зиёд медод ва танҳо афродеро қабул мекард, ки тавассути шахсони боэътимод ба назди ӯ меомаданд. Ҳамчунин баъди ба шогирдӣ қабул кардан муддате онҳоро дар назди яке аз шогирдонаш мемонд, тақрибан якду сол ва ё бештар.

Вақти дар назди ҳазрати Мавлавӣ таҳсил кардан мо аз рӯи эҳтиёт зудзуд ҷои дарсро тағйир медодем. Чанд ҷои дарс доштем, яке дар Ипподром дар манзили акаи Идӣ, дигаре дар маҳаллаи Асфалтний, як ҷои дигар дар минтақаи Воданасос ва чанд ҷои дигар. Дарси мо ҳаррӯз аз соати 9 шурӯъ мешуд ва соати 12 ё каме пештар ё дертар тамом мешуд ва ин вақти ҳаракати мардум ва донишҷӯён буд. Ва мо ба навбат рафта устодамонро меовардем. Дар он замон роҳкирои таксӣ ду сӯм буд ва рафту омад чаҳор сӯм мешуд. Бо вуҷуди ин ҳама эҳтиёткориҳо дастгоҳи амниятии Шуравӣ соли 1974 ҷои дарси моро кашф кард. Вале дар ҳамон соати ба ҷои дарс зада даромадани гурӯҳи оперативӣ, хушбахтона, ҳазрати Мавлавӣ дар он ҷо ҳузур надоштанд. Ман низ он рӯз ба кадом сабабе аз дарс таъхир карда будам. Он вақт номи корманди дастгоҳи амниятии Шуравӣ Кенҷаев Барот, вирди забонҳои домуллоҳо ва шогирдони эшон бисёр давр мезад ва ҳама аз ӯ хавф доштанд ва эҳтиёт мекарданд. Рости гап, нафрат ҳам мекарданд, зеро аҳли Ислом аз ӯ ранҷу озори зиёд дидаанд. Маҳз ба талоши ӯ Эшони Абдураҳмонҷон чанд рӯз дар Файзобод боздошт шуд ва ба зиндон афтодани акаи Домулло Асомиддин низ ба дахолат ва пофишории ӯ сурат гирифт. Ва билохира Кенҷаев Барот бар асари садамаи нақлиётӣ ба ҳалокат расид.

– Мувофиқи шуниди мо, ҳазрати Мавлавӣ аз Мирзо Абдулқодири Бедил низ дарс мегуфтааст, вале имрӯз эҳсос мешавад, ки аз миёни шогирдони он кас домулло Абдулҳай баҳраи бештар бардоштааст. Дар ин маврид назари Шумо чист?

– Худованд ҳамаро баробар наофаридааст ва барои ҳар инсон истеъдод ва қобилияти хосе додааст. Қобилиятҳои инсонҳо дар баҳрабардорӣ аз улум мутафовит аст. Бинобар ин, ҳар фард ба омӯхтани фанне аз фунун қобилияти бештар дорад ва баҳраи фаровонтар мебардорад. Парвардигор ба мавлавӣ Абдулҳай дар ин фан маҳорат додааст, агарчи эшон дар дигар фанҳо ҳам хело дониши хуб доранд. Ба замми ин, домулло Абдулҳай дар хонаи ҳазрати Мавлавӣ мисли фарзанд буд ва на танҳо дар ҳалқаҳои дарсӣ аз дарсҳои ҳазрати Мавлавӣ файз мебурд, балки ҳамеша бо эшон буд ва ҳатто ҳангоми реҳлати эшон

ӯро ғусл ва кафан намуд. ӯ барои омӯхтани Бедил ва воқиф шудан аз асрори он фурсат ва имконоти бештар дошт.

– Қозӣ Абдурашид ва Мавлавӣ дар риштаи таълимоти динӣ ҳамчун устодони кулл шинохта шудаанд, оё услуб ва барномаи дарсии онҳо аз ҳамдигар фарқ доштанд?

– Шумо дуруст қайд кардед, воқеан ҳардуи онҳо дар густариши улуми исломӣ ва парвариши уламои имрӯзаи кишвар саҳми асосӣ доштанд ва дар ҳақиқат эшон устоди кулл буданд. Домулло Абдурашид дарс доданро пештар шурӯъ намуд. Аз ин рӯ, ҳалқаи дарсии ӯ нисбат ба ҳалқаи Мавлавӣ васеътар буд. Қозӣ Абдурашид дар маҳаллаи Комбинати гӯшт дар хонаи худашон дарс медод. Баъди аз олам даргузаштани он кас ҳалқаи Мавлавӣ васеъ шуд ва аксари шогирдони Қозӣ Абдурашид ба назди ӯ омаданд. Қозӣ Абдурашид аз рӯи барномаи мадориси Бухоро дарс медод ва дар маводи дарсии ӯ китобҳои нав дида намешуд. Аммо ҳазрати Мавлавӣ илова ба дарсҳои машҳури мадориси Бухоро китобҳои навро низ дарс медод. Аз сирати Паёмбари акрам (с) «Нуруляқин», аз сирати хулафои рошидин «Итмомулвафо», аз адабиёт «Унвонул баён», «Адаби дунё ва дин»ро танҳо Мавлавӣ дарс медод. Тамоми дарсҳои ҳазрати Мавлавӣ бедоркунанда ва муҳаррик буданд. Бедилро низ танҳо ҳазрати Мавлавӣ таълим медод ва дигарон Бедилро танҳо барои омӯзиши хатти шикастаи форсӣ мехонданд.

– Ҳазрати домулло! Шумо ҳамроҳ бо устод С. А. Нурӣ муддате дар назди ҳазрати Мавлавӣ шогирдӣ кардед, оё бо он кас қаблан ошноӣ доштед, ё баъд шинос шудед?

– Ҳазрати Мавлавӣ аз рӯи эҳтиёт ҳар касро ба шогирдӣ қабул намекард, магар баъди он, ки дар бораи ӯ маълумоти бештар мегирифт ва мутмаин мешуд. Лизо ҳеҷ кас мустақиман наметавонист ба назди он кас рафта шомили ҳалқаи дарсии ӯ гардад. Падари устод Нурӣ тавассути яке аз муаззинҳои масҷиди Қӯрғонтеппа, ки аз мардуми Фарғона буд ва бо ҳазрати Мавлавӣ қаробати хешовандӣ дошт, устод Нуриро ба назди Мавлавӣ мебарад. Одати ҳазрати Мавлавӣ ин буд, ки шогирдонро дар марҳилаи аввал дар назди яке аз шогирдони пешқадамаш мегузошт, то улуми аввалияро аз худ намояд ва ба сатҳи барномаи ҳалқаи дарсии Мавлавӣ бирасад. Ба ҳамин хотир устод Нуриро ба шогирдаш Домулло Сиёмиддин месупорад. Бо устод Нурӣ бори аввал тақрибан солҳои 68-69 шинос шудам. Махдуми Сиёмиддин шогирди Мавлавӣ буд ва ҳамзамон дар назди Қозӣ Абдурашид аз «Мухтасарул маъонӣ» дарс мегирифт ва устоди мо Домулло Сайидраҳмон онро муколама мекард. Боре ҳамроҳи устодам ба хонаи Домулло Сиёмиддин рафтем, дар ҳамон соат домулло шогирдони худро дарс мегуфт. Мулло Сайидумрон, мулло Неъматуллоҳ, устод Нурӣ ва Сайидумари Сабзавотӣ дар он дарс ҳозир буданд. Гумон мекунам, дарси Кофия буд ва сари яке аз иборaҳои кофия баҳс шуд ва устод Нурӣ дар баҳс бартарият дошт. Дида мешуд, ки дар ин масъала хуб ворид аст. Ҷои буду боши мулло Неъматуллоҳ дар наздикии мо буд ва устод Нурӣ зудзуд ба он ҷо меомад. Бо ҳамин мо бо ҳам аз наздик шинос шудем ва рафту омадамон бештар шуд. Дар он вақт он кас шогирди Домулло Сиёмиддин ва ман шогирди Домулло Сайидраҳмон будам ва бо амри тақдир баъдтар ҳардуи мо шогирди Мавлавӣ шудем. Замоне бо ҳам якҷо будем, нишастҳои илмӣ доир менамудем ва суҳбатҳо мекардем, дар бисёр ҷамъомадҳо бо ҳам

алайҳи хурофот мубориза мебурдем. Ҳангоми бемории эшон чанд маротиба зиёраташон кардам.

– Ҳамон вақт оё дар шахсияти устод Нурӣ ягон хислате, ё аломатеро мушоҳида менамудед, ки дар дигарон набуд, ё камтар ба назар мерасид?

– Он кас шахси ором ва ботамкин буд, дар мавриди масоили пешомада назари амиқ ва дурандешона дошт. Аммо чизи аз ҳама аҷибаш дар он буд, ки ман бо чашми худ устодам Домулло Сайидраҳмонро, ки устоди устод Нуриро сабақ медод, дидам, ки омада дар пеши устод Нурӣ дарс мегирифт.

– Дар он солҳо, ки Шумо дар миёни чордевори Шуравӣ ба сар мебурдед ва аз марзи он берун рафта наметавонистед, ҷавонон дар мавриди созмон додани ташкилот ва ба роҳ мондани корҳои муназзам ва сохторӣ аз куҷо илҳом гирифтанд?

– Рости гап, илҳоми нахустинро аз Мавлавӣ гирифтанд. Зеро устоди мо, ҳазрати Мавлавӣ ҷаҳонбинии хело васеъ доштанд ва аз асрори зиёд огоҳ буданд. Чунон ки пештар гуфтам, тамоми дарсҳои эшон такондиҳанда буд ва дар инсон рӯҳи бедорӣ ва ҳаракатро бармеангехт. Албатта, мустақиман ба касе чизе намегуфт, вале нуктадонҳо чизи лозимаро аз ӯ мегирифтанд. Боре ҳангоми дарс яке аз шарикдарсони мо омада гуфт: «Дар атрофи хона афроди ношинос гашту гузор ва назорат доранд, ба гумонам, онҳо шӯбҳанок менамоянд». Мавлавӣ ба мо гуфтанд: «Ҳамеша ҳушёру зирак бошед, душманон моро назорат мекунанд ва ҳаргиз хайри моро намехоҳанд. Аз ин рӯ, мо ҳам бояд дар бораи онҳо маълумот дошта бошем». Ман худ шахсан аз устодам таъсирот ва илҳомоти зиёд гирифтаам.

– Шумо замоне дар ҷамъомадҳо ҳамроҳ бо ҷавонон алайҳи хурофот ва сарфу харҷи беҳуда мубориза мебурдед, устодони Шумо оё аз ин иқдоми шогирдонашон истиқбол мекарданд ё...?

– Барои мо дар ибтидо хело мушкил ва вазнин буд, ягона кори мо даъват ба ваҳдат ва суҳбату баҳсҳои илмӣ буд. Нисбат ба уламо ва бузургон ва алалхусус устодони худ эҳтиромро риоят менамудем ва ман он рӯзҳо бо ҳамин ҷавонон якҷоя дар хидмати дин будем. КГБ ҳамеша талош менамуд, то дигар уламо бо мо якҷо набошанд ва дар ҳаққи мо дурӯғ мебофтанд ва тӯҳматҳо мекарданд ва муҳим барои онҳо ин буд, ки оташи фитна хомӯш нашавад. Ёдам ҳаст, ки дар қишлоқи Мировойи ноҳияи Ҷиликӯл ҷамъомади калоне баргузор шуд, ки қариб тамоми уламои кишвар дар он ширкат доштанд ва кормандони КГБ мехостанд дар ҳамин ҷо фитна барпо кунанд ва миёни домуллоҳо ҷанг андозанд, вале ҳазрати Мавлавӣ бо ҳикмату заковати хеш фитнаро хомӯш кард. Дар ин ҷамъомад ҳазрати Мавлавӣ, эшони Абдураҳмонҷон, домулло Додарҷон, Махдуми Садриддин, Домулло Асомиддин, Эшони Саидашраф, Домулло Абдулҳай ҳузур доштанд ва аз тарафи ҷавонон банда, Домулло Аёмиддин, Домулло Қосим, Қорӣ Муҳаммадҷон ҳозир буданд. Дар он ҷо сардори он ҷамъомад аз ҳазрати Мавлавӣ боғаразона савол мекард, то дар ҳаққи мо ҷавонон сухани бад гӯяд ва ё моро ҳукм ба куфр намояд. Вале Мавлавӣ, ки шахси бозаковату фаҳмида буд, ба саволҳо посухи илмӣ медод, на эҳсосотӣ.

Ман дар рӯ ба рӯи ҳазрати Мавлавӣ нишаста, бо тамоми одобу эҳтиром аз эшон хоҳиш намудам, ки дар бораи ваҳдат миёни уламои Ислом чанд сухан бигӯяд. Ҳазрати Мавлавӣ оиди хатари фитна ва оқибатҳои бади он сухан карданд.

– Ҳоло ба чӣ корҳо машғулед?

– Ҳоло ман марҳалаи пирии худро гузаронида истодаам. Чунончи Худованд гуфтааст: «ӯст Зоте, ки шуморо аз нотавонӣ офарид ва сипас Шуморо баъди нотавонӣ қувват дод ва сипас баъди он заифу нотавон ва пир сохт. Ҳар он чи мехоҳад, меоварад ва ӯ доно ва тавоност».

– Домуллои муҳтарам, Шумо ба ҳайси яке аз олимони шинохтаи кишвар ва шахсе, ки ҳаёти худро дар роҳи таҳсили илму маърифат сипарӣ намудаед ва дар назди донишмандони мумтози кишвар Қозӣ Абдурашид ва Мавлавии Ҳиндустонӣ илм омӯхтаед, чӣ насиҳате ба оммаи мусалмонон доред?

– Моро Худованди мутаъол барои он офаридааст, ки ӯро ибодат кунем «Ва Ман ҷинну инсро наофаридаам, магар барои он, ки маро ибодат кунанд». Ибодат бояд холис барои ӯ бошад, вагарна аз савоб маҳрум мешавем. Ибодат ҳам ба маънои он нест, ки дар гӯшаи хилвате нишаста, танҳо намоз хонему рӯза бигирем. Талош баҳри ба даст овардани ризқу рӯзии ҳалол, таълиму тарбияи насли ҷавон, хидмати мардум, дастгирии муҳтоҷону барҷомондагон, кӯмаки ятимону бепарасторон ва тамоми кору фаъолияти зиндагӣ ибодат аст, агар ният холис ва амал аз рӯи виҷдон бошад. Адолати ҳоким ибодат аст ва паёмбарон барои он омадаанд, ки ба мардум тарзи дурусти зиндагиро биёмӯзонанд, вагарна Худованд аслан ниёзе ба ибодати мо надорад.

Мусоҳиб: М. Орзу

**Мусоҳиба бо собиқадори Наҳзат**

**Абдулҳайи Искандар**

«**Агар ҷисми мо гирифтори зиндон шавад, набояд тарсу ҳарос дошта бошем, муҳим рӯҳи мо озод бошад**».

Мавлавӣ Абдулҳайи Искандар соли 1940 дар деҳаи Лангари Шоҳи н. Тоҷикобод ба дунё омадааст. Аз хурдсолӣ майлу рағбат ба омӯзиши динро дар дил дошт ва дар назди Муллои ҳамдеҳаи худ Мулло Сироҷ ба хондани китобҳои динӣ шурӯъ намуд. Баъди синфи 8 соли 1957 аз мактаб мебарояд ва омӯзиши динро идома медиҳад. Дар назди уламои машҳури он давр Домулло Валӣ дар н.Октябр (Бохтар), Мулло Абдураҳими сарфӣ, Домулло Додарҷон дар Қӯрғонтеппа ва аз солҳои 1964 дар назди мавлавӣ Муҳаммадҷони Қуқандӣ таълим гирифтааст. Соли 1992 ба Давлати Исломии Афғонистон муҳоҷир шуда дар онҷо ба сафи Наҳзат пайваст мешавад. Таълиму тарбияи Наҳзатро дар Афғонистон ба уҳда мегирад. Аз соли 1999 то 2011 узви РО ҲНИТ буд. Солҳои 20012007 вазифаи Раисии маҷмаъи уламои ҲНИТро ба зимма дошт.

Оиладор соҳиби 7 фарзанд мебошад.

– Ҳазрати Мавлавӣ, дар навбати аввал Шуморо ба муносибати 40солагии ҲНИТ табрик мегӯем!

– Ба шумо ҳам ин ҷашн муборак бошад!

– Андешаҳои бедории исломӣ ва таълиму тарбияи динӣ дар даврони Шуравӣ чӣ тавр оғоз шуд?

– Дар асл, вақте Ҳукумати Шуравӣ сарзамини моро ишғол намуд, талош кард, то тамоми олимону равшанфикрони исломиро несту нобуд созад. Ҳар олиму донишманди диние, ки аз дасти онҳо ҷон ба саломат бурд, дар Тоҷикистон пинҳон мегашт ва донишманд

будани худро ошкор намекард. Чанд сол ба ҳамин тариқа гузашт, вале бо лутфу карами илоҳӣ баъд аз муддате каме ором̄ӣ шуд ва таъқиби уламои мусалмон коҳиш ёфт. Бо ҳамин олимони хатмкардаи мадориси Бухоро оҳистаоҳистаба таълиму тарбия машғул шуданд. Ман дар Қӯрғонтеппа мехондам, муллоҳо он вақт то китоби "Шарҳи Мулло" дарс мегуфтанд, донишмандтар аз эшонро пайдо кардан душвор буд. Дар ҳамон солҳо ду шахсияти нодир ва нотакрор, ду олими хидматкарда зуҳур карданд. Яке устоди мо Қорӣ Муҳаммадҷони Қӯқандӣ маъруф ба мавлавии Ҳиндустонӣ буд ва дигаре домулло Абдурашид, ки ӯро қозӣ Абдурашид ҳам мегуфтанд. Қозӣ Абдурашид хатмкардаи мадрасаҳои Бухорои шариф ва шахси донишманд буд. Бисёре аз уламои машҳури Тоҷикистон дар назди ӯ таълим гирифтаанд. Толибилмон аз гӯшаву канори ҷумҳурӣ вақте "Шарҳи Мулло"ро тамом мекарданд, ба назди яке аз ин ду шахсияти маъруф меомаданд ва омӯзишро идома медоданд. Ба баракати вуҷуди ин ду абармард дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон дарсгириву дарсдиҳӣ оғоз ёфт. Шуруъ аз охири солҳои шаст Ҳукумати Шӯравӣ низ он қадар сахтгирӣ накард. Фазои як каме озод эҳсос мешуд ва мо ошкоро китобҳо дар даст, ҳатто бо либосҳои миллӣмазҳабӣ мегаштем.

– Мегӯянд муносибати шумо бо ҳазрти Мавлавӣ аз дигарон фарқ мекард ва ҳатто эшон шуморо фарзанд мегуфтанд, сабаби ин дар чӣ буд?

– Устоди мо ҳазарати Мавлавӣ одатан муллобачаҳои навро қабул намекард, балки ба эшон тавсия менамуд, то рафта дар ҷои дигар муддате бихонанд ва ақаллан то "Шарҳи Мулло" бихонанд, сипас ба назди ӯ биёянд. Ман дар шаҳри Қӯрғонтеппа дар назди домулло Додарҷон мехондам. Боре ба зиёрати Мавлавӣ рафтам ва он кас аз ман дар куҷо хонданамро пурсид. Гуфтам, дар Қӯрғонтеппа. Эшон ба ман гуфтанд: "Рафта аз устодат дуо гирифта биё, дар хонаи ман ба монанди фарзандам бимон ва дар пеши худам бихон". Мавлавӣ дар синни 40 солагияш издивоҷ карда буданд ва танҳо як писар доштанд, ки дар шаҳри Маскав мехонд ва ба гуфти худи Мавлавӣ писараш дигар ба ӯ вафо намекунад. Албатта, дар он вақт шогирди Мавлавӣ шудан барои ҳар донишомӯзи исломӣ мояи ифтихор буд ва ман бо шунидани ин суханон ниҳоят шод шудам. Ба назди домулло Додарҷон рафта моҷарорo қисса намудам ва эшон маро дуо дода, гуфтанд: "Шояд ба сабаби ту рафту омади ман низ бо Мавлавӣ бештар шавад". Он вақт дар назди Мавлавӣ танҳо домулло Ҳикматуллоҳ мехонду ман, дигар касеро дар хонаи худ дарс намегуфтанд. Ман дар хонаи Мавлавӣ зиндагӣ мекардам ва дарс мехондам ва ба эшон ҳамчун фарзанд хидмат менамудам. Баъди муддате оиладор шудам, рафту омади зиёде доштам. Боре ҳазрати Мавлавӣ дар ҳузури чанд нафар шогирдонаш бо ман аҳд кард, ки то дами марг барои ӯ ҳамчун фарзанд боқӣ мемонам. Вақте ҳазрати Мавлавӣ бемор шуданд, шогирдонаш як-як омада аз ӯ дуо мегирифтанд. Вале ман вақте тибқи васияти эшон бо дастони худ ҳазратро ба лаҳад мондам, кафанро аз рӯяш бардошта гуфтам: "Акнун ба ман дуъо деҳ".

– Аксари донишмандони исломӣ бо ин ё он роҳ бо ҳазрати Мавлавӣ муносибати шогирдӣ доштанд. Чӣ сабаб шуд, ки миёни онҳо ихтилоф рух дод?

– Ба ростӣ ин ихтилофот аз рӯи содагӣ ва дур будан аз сиёсат буд ва душманон тавонистанд онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намоянд. Имрӯз домуллоҳо ҳам ба монанди дигар ақшори ҷомеа бояд аз ҳаводиси кишвар бохабар бошанд ва дӯстро аз душман ҷудо намоянд ва ҳаргиз худро аз сиёсат дур накунанд. Инро хуб дар ёд дошта бошанд, ки агар онҳо бо сиёсат сару кор надоранд, ҳатман сиёсат бо онҳо кор дорад. Душманони дин вақте диданд, ки уламои исломӣ мехоҳанд барои пешрафти кишвар саҳм дошта бошанд ва натавонистанд мустақиман бо онҳо мубориза кунанд, беҳтарин васила барояшон ҳамин ихтилофандозӣ буд, ки то ҷое муваффақ ҳам шуданд. Мутаассифона, банда ҳам, ки шахсияти устод Нуриро намешинохтам дар қатори дигарон бо ҷавонони наҳзатӣ мухолифат менамудам ва онҳоро ба ваҳҳобият муттаҳам менамудем. Бедил мегӯяд:

Ҳар сухансанҷе, ки хоҳад сайри маъниҳо кунад,

Чун забоне бояд аввал хилвате пайдо кунад.

Бедил аз излат каломам рутбаи маъно гирифт,

Хонашинӣ бодаамро инқадар пурзӯр кард.

Ба андешаи Бедил инсон суханонашро бояд санҷида бигӯяд ва назари дурандешона дошта бошад, ки оё ин сухан ба манфиъати мо аст ё бар зарари мо. Ҳоло наҳзатиҳо хело ҳушёр шудаанд ва сиёсатро хуб дарк намудаанд. Он замон домуллоҳо хушбовар буданд,ба ҳар сухан бовар мекарданд. Ба ростӣ, он даврон домуллоҳо вазифаи асосии худро дар гашту гарди тӯю маъракаҳо ва миёнбандҳои худро пур кардан медонистанд. Ҷавонони боғайрат баромаданд ва ба мо гӯшзад карданд, ки вазифаи мулло ин нест, бояд мулло ҳам меҳнат кунад ва аз меҳнати худ зиндагӣ кунад. Албатта, ин намуд суханон барои иддае аз донишмандони исломӣ сахт мерасид ва онҳо аз ҷавонон меранҷиданд. Шахсан маро ҳам хело душвор меафтод, ки моро аз ин корҳо манъ мекунанд. Фитнагарон тавонистанд аз коҳ кӯҳ тарошанд ва ба ҷавонони наҳзатӣ туҳмату бӯҳтони зиёд зананд. Ман худ шоҳиди он будам, ки рӯзе ба ҳузури Мавлавӣ дар вақти дарс шахсе омад. Ҳазрати Мавлавӣ одатан намехост касе ба дарси ӯ халал ворид кунад, ба ҳамин хотир аз он мард пурсид, оё саволе доред? Гуфт, бале мехоҳам ба танҳоӣ ҳамроҳатон суҳбат кунам. Мавлавӣ ҳама шогирдонро ба хонаи дигар гузаронд ва мо се нафар боқӣ мондем. Он мард гуфт: “Тақсирам, як гапи хунук шунидаам ва намехостам ба назди Шумо биёям ва вақти қимати шуморо бигирам, вале сабр карда натавонистам. Ҳамин муллобачаҳои нав қасд карданд, ки шуморо бикушанд”.Ин иғворо андохту дуо гирифта рафт. Ҳазрати Мавлавӣ муллобачаҳоро даъват намуда, гуфт, ки ин ваҳҳобиҳои бадбахт қасди куштани маро карданд. Ман гуфтам:“Ҳазрати устод, ба фикри ман ҳамин одам ё ҷосусаст, ё фитнаангез, зеро агар онҳо шуморо куштанӣ бошанд, ҳаргиз овоза намекунанд”. Мавлавӣ гуфт:“Абдулҳай рост мегӯяд”. Ин гуна ашхос ба назди ҳазрати эшони Абдураҳмонҷон низ рафта, гуфтанд, ки ҷавонон шуморо ҳаромхӯр мегӯянд. Ин бузургон ҳам аксуламал нишон медоданд ва боз суханчинон ба ҷавонони наҳзатӣ ҳаргуна суханҳои дурӯғ ва бофта аз номи ин бузургон мебурданд. Ҳозира барин набуд, ки камтар тафтиш кунанд, ки ин одам кист ва оё ин сухан воқеият дорад ё не. Ман баъди ба Наҳзат омаданам ҳамеша

Устодро мегуфтам, ки аз нигоҳ кардан ба рӯи Шумо шарм медорам, зеро садҳо маротиба шуморо ваҳҳобӣ гуфтаам.

– Фикру андешаҳои устоди шумо Мавлавӣдар мавриди бедории исломӣ чӣ гуна буд?

– Ҳазрати Мавлавӣ хело бедору равшанфикр ва аз сиёсат бохабар буданд. Эшон дар хориҷа таҳсил карда ва аз олами Ислом хуб бохабар буданд. Кормандони Кумитаи бехатарӣ ҳарчанд талош менамуданд, то ба онҳо хидмат кунад, вале эшон қабул накарданд, бинобарин 25 сол зиндонӣ шуданд, ки 7 соли онро дар Сибир гузарониданд, вале нанги ба Исломи мусалмонон хиёнат карданро напазируфтанд. Баъди аз ҳабс озод шудан ҳамчунон барои густариши Ислом хидмат намуданд. Вақте ҷавонони наҳзатӣ пайдо шуданд ва ҷосусҳо омада, ҳама намуд суханони нодуруст дар хусуси онҳо мегуфтанд, ҳамеша мегуфт: "Ин ҷавононро бо ин саросемагияшон ҳукумат нобуд мекунад". Инҳо ҳама далели возеҳ бар онанд, ки ҳазрати Мавлавӣ ҳам худ бедор буданд ва ҳам тарафдори бедорӣ. Нисбати ҷавонони наҳзатӣ ҳеҷ бадбиние надоштанд, агар чӣ бо сабабҳои гуногун наметавонистанд онҳоро ошкоро пуштибонӣ намоянд. Душманон ҳамеша суханони носазо аз номи ҷавонон ба Мавлавӣ мерасонданд, вале он кас аксуламали шадид нишон намедоданд ва аксари суханонро бовар намекарданд. Билохира, душманон тавонистанд бо як амале Мавлавиро аз ҷавонон сахт биранҷонанд. Як номае аз номи ҷавонон навишта ба ӯ расонданд, ки дар он нисбати Мавлавӣ хело беэҳтиромиҳо ва тӯҳматҳо шуда буд. Ин номаро оварда дар дасти ӯ супориданд ва ҳазрат сахт хафа шуданд ва аз ҷаҳл номаи ҷавобии дурушт навишта дар ҳаққи нависандаи нома дуъои бадкарданд. Мо муллоҳо содаем, таҳқиқот намекунем ва илло кор хело осон мешавад.Масалан, ҳамаро ҷамъ кунем, бо як қасам додан, масъала ҳал мешуд, ки ин корро анҷом додаанд ё не. Ман мутмаинам, он касе, ки ин мактубро навиштааст, ҳатман барои таҳқир кардани як олими рӯҳонӣ дар ҳамин дунё ҷазояшро мебинад.

– Шумо дар Афғонистон дар Ҳаракати Наҳзати Исломӣ чӣ масъулият доштед?

– Вақте ҳаводиси солҳои 1992 ба вуқуъ пайваст, дар қатори ҳазорон шаҳрванди Тоҷикистон тарки ватан намуда, ба ҳамсоякишварамон Афғонистон ҳиҷрат кардам. Ҳиҷрати ман аз тариқи Бадахшон сурат гирифт ва то деҳаиБаҳораки Афғонистон рафтам. Бадахшони Афғонистон аз Бадахшони худамон сардтар аст ва дар замини он ҷо аз сардӣ чизе намерӯяд. Маводи хӯроквориро аз Тахору Қундуз ба онҷо тавассути аспу хар мебаранд. Волии Баҳорак марҳум Наҷмиддинхон моро ба назди худ хонда гуфт: "Мо ҳарчанд талош мекунем, то барои муҳоҷирини тоҷик чизе пайдо кунем, вале хӯроквории пайдокардаи мо кам аст ва адади муҳоҷирон зиёданд". Баъди шунидани ин суханон ман ҳамроҳ бо қозии Баҳорак дар деҳаву рустоҳои Панҷшер 44 рӯз пиёда гашта, барои муҳоҷирини худамон нон металбидем. Аз молу озуқа ҳарчи ба дасти мо меомад, ба муҳоҷирин равон мекардем. Бо вуҷуди он, ки афғонҳо донишмандони исломии зиёд доранд, мо дар масоҷид суханронӣ мекардем, аз шунидани суханони мо афғонҳо гирён мешуданд. Бародарони афғони мо барои бародарони тоҷики худ чизеро дареғ намедоштанд, баъзеҳо бузу гӯсфанду говашонро дар бозор мефурӯхтанду пулашро ба мо медоданд. Мо бо он пулҳо аз онҷо ғалла мехаридем ва ба Баҳорак мефиристодем. Баъдтар

Устод тавассути нома ба наздаш даъват намуда ва маро дар ҷаласаи Шӯро раиси таълиму тарбияи Наҳзат интихоб карданд. Дар камтарин муддат тавонистем, дар тамоми минтақаҳои муҳоҷирнишин мактабҳо бисозем ва фарзандони муҳоҷиринро таълим бидиҳем. Бародарони мусалмони олам аз ҳар тараф ба мо бо қаламу дафтар ва дигар маводи таълимӣ кӯмак менамуданд. Ҳатто президенти Афғонистон марҳум Бурҳониддини Раббонӣ ба Қундуз омад ва аз мактабҳои мо дидан намуд. Мо дар майдончае ҳама талаба ва толибаҳоро барои пешвози Раббонӣ ҷамъ кардем. Вақте Бурҳониддини Раббонӣ ин ҳама талошу заҳматҳои моро дид, хушҳол шуд ва ба миқдори 200 миллион афғонӣ тӯҳфа кард. Ман тасмим гирифтам, ки ҳамаи он тӯҳфаро дар роҳи Худо ба занони муҳоҷир тақсим кунам. Ва ман ба ваъдаам вафо кардам ва ин пулҳоро ба дастам нагирифта ҳамаро тақсим намудам. Ҳарчи кардам, барои Худо кардам ва умед дорам Худованд аз ман қабул карда бошад.

– Агар фаъолияти имрӯзаи Наҳзатро ба замони устод Нурӣ муқоиса кунем, аз назари Шумо чӣ фарқияте вуҷуд дорад?

– Ман ҷуз пешрафт чизеро эҳсос намекунам, хусусан имрӯзҳо ҷавонони равшанфикрро мебинем, ки ба сафи Наҳзат мепайванданд. Онҳо бо диди тоза ва нигоҳи васеътар фаъолият мекунанд. Он вақтҳо оғози кору фаъолият буд ва ба монанди ҷавонони имрӯза фаҳмиш ва таҷриба надоштанд. Имрӯз ҷавонони Наҳзат босабру таҳаммул ва бидуни эҳсосот кор мекунанд, ки ба манфиати Наҳзат аст. Ҷавонони имрӯза аз гузаштагони худ дарс омӯхтаанд, аз ин рӯ ҳар суханеро аввал месанҷанд, сипас тасмим мегиранд, хеле оқилу зиракванд, аз сиёсати кишвар ва ҷаҳон ба хубӣ огоҳӣ доранд. Пеш ин сиёсатҳоро намефаҳмиданд, мардум дар ҳар кор шитоб доштанд, ки гоҳо боиси даст ба хато ва иштибоҳ задан мешуд.

– Шумо шоҳиди даргузашти ду шахсияти бузург, ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадҷон ва устод Нурӣ будед. Баъди даргузашти ин ду абармард шогирдони онҳо то чӣ андоза ба таълимоти онҳо пойбанд монданд?

– Бале, даргузашти чунин шахсиятҳои нодир ҳамеша барои миллатҳо мусибати сангин аст ва инро наметавон инкор кард. Мусибат на танҳо дар аз даст додани афроди донишманд аст, балки мусибат дар он аст, ки бо рафтани олим илмаш аз байн меравад. Агар дар хонавода падар вафот кунад, бо вуҷуди пиронсолӣ ва аз кормондагӣ аҳли оила на барои рафтани ӯ, балки барои ояндаи худ бештар ғамгин мешаванд. Баъди даргузашти Мавлавӣ шогирдони эшон дар шаъни устод Нурӣ ва дигар ҷавонон ғайбату бӯҳтонҳоро бештар намуданд. Ихтилофи миёни уламо баъди вафоти Мавлавӣ авҷи тоза гирифт ва шогирдони собиқи ӯ ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд. Баъди даргузашти устод Нурӣ бошад шукри Худо шогирдонаш тавонистанд бо ҳам якҷо дар атрофи як нафар ҷамъ шаванд. Шахсиятҳо мераванд, пештар паёмбарон низ рафтанд, вале мард касест, ки роҳро интихоб карда бошад, на шахсиятро. Дуъо кунем, ки Худо моро аз таассуб нигаҳ дорад.

– Дар замони раҳбарии Устод масъулияти Маҷмаъи уламои ҲНИТ ба дӯши Шумо буд, ин ниҳод чӣ фаъолиятҳо дошт?

– Дар он замон масъулияти асосии мо барқарор намудани робита ва алоқа бо уламо ва донишмандони кишвар буд. Мо бо эшон вохӯриҳо ташкил менамудем, нишастҳо мeоростем ва суҳбатҳо анҷом медодем. Зимни ин сӯҳбатҳо атрофи қазияҳои муҳимми ҷомеа ва роҳи ҳалли мушкилоти он гуфтугӯ менамудем ва онҳоро бо барномаҳои Наҳзат ошно мекардем. Ҳамзамон уламоро ба ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ва ба таҳаммулпазирӣ даъват менамудем. Иддае моро хуб қабул мекарданд ва иддае шикоятҳо пеш меоварданд ва мо ба роҳбарияти Наҳзат мерасондем. Ва роҳбарият дар барномаи фаъолияти ҳизб бо дар назардошти машварату пешниҳодҳои мо дар мавриди кор бо уламо чорабиниҳои хос пешбинӣ мекард.

– Барои беҳтар шудани фаъолияти Наҳзат чӣ насиҳату тавсия доред?

– Насиҳати ман ба аъзо ва масъулини Наҳзат ин аст, ки ҳамеша ҳушёру зирак бошанд, ҳаргиз ба эҳсосот роҳ надиҳанд ва диди васеъ дошта бошанд. Дар даврони Шуравӣ дар дохили деворҳое аз симхор зиндагӣ мекардем ва аз олам хабар надоштем, ҳатто фикру андешаҳои мо низ бо симхор баста буд. Бедил мегӯяд:

Зиндони андӯҳи таъаллуқ натавон зист, Бедил,

Дилат аз ҳар чиз ба танг ояд, бурун ой.

Инсонҳое дар дунё гӯё озод гаштугард доранд, вале дар асл зиндонианд. Аммо инсонҳое дар миёни чор девори зиндонанд, вале китоб менависанд, фикр мекунанд ва ба оянда умед доранд ва инҳо дар воқеъ озоданд. Агар ҷисми мо гирифтори зиндон шавад, набояд тарсу ҳарос дошта бошем, муҳим рӯҳи мо озод бошад. Хоҳиши ман аз ҷавонон он аст, ки тафаккур ва андешаи худро дигар кунанд. Аз хоби ғафлат бедор шаванд ва дар фикри ободии кишвар ва хидмати мардум бошанд.

– Дар охир чӣ гуфтании дигаре доред?

– Дар зиндагӣ рӯзҳои хушу фаромӯшнашудании зиёдеро дидаам, вале беҳтарин ва ширинтарин лаҳзаи умри худро мехоҳам ин ҷо ёдовар шавам. Дар Афғонистон банда масъули таълиму тарбият будам ва бародарони афғон барои ман як утоқчаи оҳанин дода буданд, он ҳам утоқи корӣ ва ҳамҷои зисти ман буд. Ва наздикии шаҳри Қундуз, дар «Боғи ширкат» барои муҳоҷирон замин ҷудо намуда буданд, вале мардум ба онҷо намерафтанд. Ман дар онҷо барои қаблан барои худ чордевор карда будам, вале болояшро напӯшонда барф зад, аз ин рӯ, нарафтам. Аввали фасли баҳор буд устод Нурӣ маро даъват карда фармуд: “Мавлавӣ, агар худат наравӣ, мардум намераванд”. Мо як бурё, 3 одеял ва як қопчаи пур аз коҳ доштем, ки ба ҷои таксарӣ истифода мекардем. Инҳоро пуштора карда ҳамроҳи ҳамсарам рафтем. Аз ҳар хонае як чӯби борик талбида, болои он девор ниҳодам ва як палаткаи мушхӯрда доштем, онро дар болои чӯбҳо кашидам. Даруни чордевор кӯли обро мемонд, оби даруни хонаро тоза карда, ба он ҷо даромадем. Ногоҳ бороне бошиддат борид ва мо чораи дигар надоштем, бурёро густурда ба зери одеялҳо даромадем. Борон беист меборид, намедонистем чӣ кор кунем. Додарарӯсам ҷой надошт, ночор тасмим гирифтем, ки ҳамонҷо бимонем. Борон шиддати

бештар мегирифт,болои палаткаи мо оби зиёдҷамъ шуд, тоқати бардоштани онро надошт. Ба ногоҳ палатка бо обҳои дар болояш ҷамъшуда ба болои мо афтид. Мо дар зери одеял будем, мисле ки дар даруни дарё бошем, ҳама пур аз об шуд. Берун баромадем, намедонем ба куҷо равем, даруни хона пур аз об шуда буд. Дар ҳамин ҳол ҳамсарам ба ман рӯ оварда гуфт: "Домулло, ғам махӯр, ин санҷиши Худованд аст". Ман рафта додарарӯсамро фарёд кардам, ӯ аҳволи моро дида либосҳои худашро оварда ба ман пӯшонд ва ҳамсарам либоси модарашро пӯшид. Он шабро дар хонаи танги ӯ рӯз кардем. Субҳ соатҳои 9 Устод мошин фиристода, маро ба наздаш даъват кард. Дар танам либосҳои додарарӯсам, намедонам чӣ кор кунам. Шарм медорам, ки аз касе пул қарз гирифта, либос бихарам. Зеро мегӯянд, масъули таълиму тарбия дар тан либоси нав дорад. Ногузир бо ҳамон либосҳо ба назди Устод рафтам ва ҳамроҳ ба назди муҳоҷирин ба маҷлисе рафтем. Устод дар роҳ аз аҳволам пурсид. Моҷароро ба эшон қисса кардам ва гуфтам: "Ман акнун лаззати ҳаёт ва ширинии онро эҳсос намудам. Дар роҳи Худо ҳиҷрат кардам ва азият кашидам ва тамоми лаҳазоти хушии зиндагӣ барои ман арзиши лаззати ин як шабро надорад". Дидам, ки ашк аз чашмони Устод ҷорӣ шуд ва ба ман гуфт: "Мавлавӣ нороҳат нестӣ?" Гуфтам: "Дар ҳаёти худ акнун лаззатро дидам, чаро нороҳат шавам? Ман дар умрам ҳамин шаб эҳсос намудам, ки ба Худо наздик шудаам ва дуо кардам, ки "эй Худо, ҳиҷрати моро ба даргоҳат қабул фармо". Устод бидуни он, ки номи маро бигирад, ҳамин қиссаро дар ҳамон ҷаласа ҳикоя кард ва мардум ҳама гирён шуданд.

Ман қабл аз ҳиҷрат ниҳолпарварӣ мекардам ва ҳар сол ба пули ҳамон давр 1520 ҳазор сӯм фоида ба даст меовардам. Хонаи хуб ва мошини Газ24 доштам, ки дар он вақт беҳтарин мошин ба шумор мерафт, вале бо он ҳама дороӣ лаззати он шабро эҳсос накарда будам, чун он шаб лаззати дигар дошт.

– Саломат бошед, ҳазрати Мавлавӣ, Шуморо Худованд ҳифз кунад, ташаккур барои суҳбататон

Мусоҳиб: А. Ваҳҳоб

**Мусоҳиба бо мушовири раиси ҲНИТ Муҳаммадқосими Раҳим**

«**Сарчашмаи фасоди ҷомеа аз назари банда, ин аз надоштани ақидаи дуруст ва аз густариш пайдо кардани идеологияи нодуруст аст**».

Мавлавӣ Муҳаммадқосими Раҳим моҳи марти соли 1943 дар деҳаи Меҳнатободи ноҳияи Хуросон дар оилаи диндор ба дунё омадааст. Соли 1964 баъди хатми мактаби миёна, дар Омӯзишгоҳи касбӣтехникии рақами 37и ноҳияи Куйбишев (А. Ҷомӣ) дохил шуда, онро бо ихтисоси челонгар хатм намуд. ӯ улуми исломиро дар назди Махдуми Қамариддин, Махдуми Абдулҳамид, Домулло Сафаралӣ, Махдуми Убайдуллоҳ, Домулло Сайидраҳмон ва Мавлавӣ Қорӣ Муҳаммадҷони Ҳиндустонӣ (рҳ) омӯхтааст. Аз соли 1975 узви Наҳзат аст. Соли 1992 бар асари ноормиҳо ба кишвари Афғонистон ҳиҷрат мекунад. ӯ дар замони ҳиҷрат ва қабл аз он масъули молияи ҲНИТ буд. Соли 1997 аз ҳиҷрат баргашта, то соли 2003 дар яке аз зеркомиссияҳои КОМ фаъолият кард. ӯ соли 2003 бо туҳмат боздошт ва ба муҳлати 9 сол аз озодӣ маҳрум шуд ва соли 2011 аз маҳбас берун омад. М. Раҳим мушовири раиси ҲНИТ ва узви Раёсати Олии ҳизб аст.

Оиладор ва соҳиби 7 фарзанд мебошад.

– Муҳтарам Мавлавӣ! Мо дар арафаи ҷашни 40солагии ҲНИТ қарор дорем. Шумо ба унвони яке аз собиқадорони ин ҳизб, ки ҳудуди 38сол узви он мебошед, фаъолияти 40солаи ҳизбро чӣ гуна баҳогузорӣ мекунед?

– Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим. Худованди мутаъол дар ояти 19 сураи “Муҷодала” сифатҳои ҳизбуллоҳиёнро равшан баён кардааст ва ҳар шахсе, ки дорои он сифатҳо бошад, дар ҳизби Худо аст. Бо ин далел мехоҳам бигӯям, ки ҲНИТ идомаи ҳамон ҳизбуллоҳе мебошад, ки аз Бобои Одам то ба Пайғамбари Ислом (с) ва то ба имрӯз идома дорад. Дар баробари ин касоне, ки аз қадим то ба имрӯз бо мақсади аз байн бурдани дини илоҳӣ алайҳи мусалмонон бо ҳама анвоъи мубориза муқовамат кардаву мекунанд,

пайравони ҳизби шайтонанд, ки Худованд сифоти онҳоро низ дар ҳамон ҷо ва чандин ҷои дигар баён фармудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки гузаштагони мо ин ҳизби Худоро то имрӯз ба қимати молу ҷони худ ҳифз намуда, онро ҳамчун амонат ба мо супориданд. Мо насли куҳансол ин ҳизби Худо ва ин амонатро даст ба даст ба ҷавонони имрӯза месупорем.

Ростӣ, ман ба 40сола гуфтани Наҳзат чандон мувофиқ нестам, зеро Наҳзат чилсола нашудааст, балки ин ҳизб идомаи ҳамон ҳизбуллоҳе мебошад, ки Қуръони карим онро зикр карда. Яъне вуҷуди ин ҳизб ба вуҷуди башарият баробар аст. Бояд ёдовар шуд, ки ин ҳизб дар замони мубориза болшевикон бар зидди Ислом низ фаъолият дошт ва мардуми мусалмони ғайюр ва ҷасури Осиёи Марказӣ алайҳи ҳизби муқтадир ва золими коммунистӣ даҳсолаҳо мубориза бурданд, то билохира Худованд наберагони онҳоро ба истиқлолият расонд. Ва наберагони ҳамон мардуми боимони мубориз ҲНИро, ки идомаи ҳамон Ҳизбуллоҳ мебошад, поягузорӣ намуданд ва ба фазли Худованди мутаъол решаи ин ҳизб рӯз ба рӯз мустаҳкамтар мегардад ва шохаҳои дарахти он баланд мешавад.

– Аз замони мубориза бо болшевикон ёд кардед, Шумо ин мавзӯъро аз таърих хондаед, ё аз он афроди мубориз бо касе ҳамсуҳбат будед?

– Бале, гузаштагони банда аз дасти болшевикон зулму ситами зиёд дидаанд. Болшевикон баъди ишғоли ин сарзамин молу дороии падарбузургам Собир ҳоҷиро, ки аз сарватмандони минтақаи Ғозималик буд, тороҷ ва худашро бадарға карданд. Вале ғарибмарг нашуд, ба ватани худ баргашт. Аз хешони наздики Собир ҳоҷӣ, ки аксар аҳли илму маърифат ва сарватманд буданд, баъзеро ба Сибир бадарға намуданд ва баъзеи дигар ногузир ба кишвари Афғонистон ҳиҷрат намуданд. Падарам Муҳаммадраҳим писари Собир ҳоҷӣ барои ҳифзи дину имон ва ватани хеш бар алайҳи лашкари сурх қиём менамояд ва ҳамроҳ бо муборизони роҳи озодӣ, ки болшевикони ишғолгар бо лаганбардорони таҳҷоӣ онҳоро “босмачӣ” меномиданд, мубориза мебарад. Падари ман аз ҳамон муборизони аз дасти болшевикон бо шеваҳои гуногун наҷотёфта мебошад. Бинобар ин, ман воқеаҳои он солҳоро аз забони одами зинда, яъне падарам ва дигарон шунидаам.

– Оё қабл аз созмонёбии Наҳзати исломӣ дар доираҳои домуллоҳо ва эшонҳо дар мавриди бидъатҳо ва баъзе аз урфу одатҳое, ки дар миёни мардум шакли амали динӣ гирифта буданд, баҳсу гуфтумонҳо сурат мегирифт, ё ин масоилро аввалин бор Наҳзат ошкор кард?

– Дар ин масъала байни устод Мавлавии Ҳиндустонӣ (рҳ) ва баъзе аз муллоҳои онвақта ихтилоф ба вуҷуд омада буд, аз ҷумла дар мавриди музд гирифтан бар ивази хатми Қуръон, таъом хӯрдан дар дохили масҷид, хайру садақот ба номи ҷумъагӣ, чиҳил, сол ва ғайра. Ҳамчунин шогирдони пешқадамаш Домулло Ҳикматуллоҳ, Махдуми Сиёмиддин, Махдуми Убайдуллоҳ ва чанд нафари дигар аз ӯзбекистон ба ин масъалаҳои ихтилофӣ даст зада буданд. Бо ташаббуси Домулло Ҳикматуллоҳ ва дигар уламои маъруфи он замон тақрибан аввали солҳои ҳафтод дар ноҳияи Қумсангир ҷамъ шуданд ва иттифоқ

карданд, ки бар алайҳи бидъатҳои мазкур якҷоя мубориза мебаранд, аз ҷумла устоди банда Маҳдуми Абдулҳамид низ дар он ҷамъомад ширкат варзида буд. Вале баъди андак вақт домуллоҳо ба тадриҷ аз раъйи худ баргаштанд ва иттифоқашон ба ҷое нарасид.

– Худи Шумо кай ба ин ҳаракат шомил шудед?

– Банда соли 1975 расман дар яке аз ҷаласаҳо ширкат кардам ва ин маънои қабул шудан ба сафи ҳаракатро дошт. Бо қарори ҷаласаи бунёдгузорони ҳаракат кумитаи молӣ ва дигар кумитаҳо таъсис дода ва масъулинашон низ интихоб шуданд. Банда аз ҳамон рӯзи аввал масъули кумитаи молӣ интихоб гардидам. Баъд аз ҳашт сол ба сабаби масъулияти дигарро ба дӯш гирифтан шахси дигар масъули молӣ интихоб гардид. Боз соли 1990 дар Конфронси таъсисии Чортут дубора масъули молия интихоб шудам.

– Пеш аз ҳодисаҳои солҳои навади асри пор шунида будем, ки миёни Аллома Раҳматуллоҳи Андиҷонӣ ва устодаш Мавлавӣ Қорӣ Муҳаммадҷони Ҳиндустонӣ сари масоили бидъатҳо ихтилоф вуҷуд дошт. Шумо дар он шабу рӯз дар назди ҳазрати Мавлавӣ дарс мехондед, аз он моҷаро огаҳӣ доред?

– Аз рӯи огоҳии банда дар байни ҳазрати Мавлавӣ ва шогирдашон Аллома Қорӣ Раҳматуллоҳ дар мавриди ин масъала гуфтугӯҳо ва баҳсҳо рух дода буд ва дар зоҳир Мавлавӣ вонамуд мекард, ки гӯё шогирдаш Алломаро дуъои бад карда бошад, вале дар асл Алломаро бисёр дӯст медошт ва ба назари банда, ин гуна вонамуд кардани Мавлавӣ дар заминаи эҳтиёткории эшон зоҳир мешуд.

– Ҳазрати мавлавӣ, аз Конфронси таъсисии ҳизб, ки соли 1990 дар деҳаи Чортути ноҳияи Ленин (Рӯдакӣ) баргузор шуд, чӣ ёдмонде доред?

– Конфронси Чортут яке аз муҳимтарин воқеъаҳои таърихии Наҳзати Исломӣ ба шумор меравад, ки баъди анҷумани Астрахан баргузор шуд. Ду моҳ қабл аз баргузории Конфронс ҷаласаи тадорукотӣ бо иштироки ҳайати роҳбарияти Наҳзат ва ҳамаи намояндагони ҳизб аз навоҳии Тоҷикистон дар ҳавлии шаҳид Муҳаммадраҷаб баргузор гардид, ки дар ин ҷаласаи тадорукотӣ ситоде бо номи Ташаббускор (ташрифотӣ) иборат аз 15 нафар интихоб гардид. Давлат Усмон ба ҳайси раиси ситод ва банда ба ҳайси муовин интихоб шудем, вале аксари масъулият бар дӯши банда афтод. Ин ситод дар фурудгоҳ меҳмонони хориҷӣ ва дохилиро пешвоз гирифта, онҳоро бо ҷои хоб ва мошин таъмин мекард. Азбаски ҳукумати вақт баргузор намудани конфронсро мамнуъ эълон кард ва мо онро пинҳонӣ гуаронданӣ будем, пазироии меҳмонҳо ниҳоят боэҳтиёт сурат мегирифт, то неруҳои бехатарӣ, ки дар фурудгоҳ моро назорат мекарданд, меҳмонҳои моро нашиносанд. Мо чанд тан ҳар меҳмонро бо ишора ба ҷавонони ҳизбӣ, ки назоракунандагони бехатарӣ онҳоро намешинохтанд, муаррифӣ мекардем ва онҳо аз эшон истиқбол намуда, ба василаи таксӣ ба ҷои даркорӣ мерасонданд.

– Агар имкон бошад, аз мушкилоти фаъолият дар замони Шуравӣ, махсусан фишору таъқибҳои КГБ чанд сухане мегуфтед?

– Бояд қайд намоям, ки фишороварӣ як амри табиӣ аст ва ҳар шахси боимон ва мубоkillingзи роҳи Худо набояд аз фишору тазйиқи ҳарифаш биҳаросад ва ё дилтанг шавад. Зеро дар баробари неруи ботил тарсидан ва дилтанг шудан заминаи шикасти худро омода кардан аст. Таърих гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҳамаи асру замонҳо паёмбарон (а) ва пайравони ростини эшон дар ин роҳ сарвату доройӣ ва ҷонашонро аз даст доданд, вале аз роҳи ҳақ берун нашуданд ва билахира ё шарбати шаҳодат нӯшиданд ё пирӯз шуданд. Ин воқеъиятҳои таърихӣ барои мо намунаи ибрат буданд ва мо бо такя ба Парвардигори якто ва ибрат гирифтан аз таҷрибаҳои таърихӣ ба ҳамааш сабру таҳаммул мекардем. Дар он солҳо неруҳои бехатарии ҳукумати Шуравӣ ҳар як ҷавони бо афкори тоза дар миёни мардум шинохташударо бо ҳар баҳона даъват ва суҳбат мекарданд. Кӯшиш ба харҷ медоданд, ки аз эшон хабарчин битарошанд, вале муваффақ намегаштанд. Ҷои кори ин гуна ашхос, аз ҷумла бандаро зери назорат мегирифтанд, роҳбари идораро таҳдид мекарданд, аз номи домулло ё эшоне аз тарафи мухолиф ба забони хабарчинонашон хабарҳои бардурӯғ, туҳмату буҳтон паҳн мекарданд. Албатта, вақте далели боздошт ки надоштанд, аз роҳи ҷисмонӣ шиканҷа дода наметавонистанд, вале аз лиҳози равонӣ азияти зиёд мекарданд.

Ёд дорам тобистони соли 1986 як гурӯҳи махсус ва вижа дар як рӯз соати ҳашт ба хонаҳои ҳудуди 45 нафар аз уламои варзидаи Наҳзат ҳамлавар шуданд, аз ҷумла ба манзили зисти банда низ ва тамоми китобҳо ва пулҳоямро бардошта бурданд. Баъди ҳамин воқеъа устоди муҳтарам С.А. Нурӣ ва чанд тан аз бародаронро зиндонӣ карданд. Аз ҷумлаи маҳбусшудагон бародарамон Муҳаммадраҷаб, ки шахси дар роҳи Ислом бисёр хидматкарда буд, дар зиндон ба шаҳодат расид.

– Ҳазрати мавлавӣ! Аз дарсҳое, ки ҳиҷрат барои Шумо омӯзонд, чанд калима мегуфтед.

– Ҳиҷрат, тарки хонаву дар, дарбадарӣ ва аз даст додани молу доройӣ албатта, ба хотири Худо ва дар роҳи Худо буд ва ҳамзамон бо худ сабақи муфид низ дошт. Мо дидем, ки дар давоми панҷ соли ҳиҷрат аз муҳоҷирон касе аз гуруснагӣ ҳалок нагардид, балки ҳамон гурӯҳҳое, ки моро маҷбур ба ҳиҷрат карда буданд, бештар аз мо азоб кашиданд ва дар баъзе аз мавორид аз гуруснагӣ ҳалок шуданд. Ин чиз ба мо ҳикмати аҷиберо омӯзонд, ки инсон вақте комилан ба Худованд такя кунад, ҳаргиз хору залил намегардад ва дар ҳама гуна ҳолатҳо сарбаланд мемонад. Шумо тасаввур кунед, дороии як нафарро ғорат мекунанд, манзилашро оташ мезананд, наздиконашро дар пеши чашмонаш ба шаҳодат мерасонанд ва ӯ аз ноилоҷӣ барои ҳифзи дину имонаш ва номуси худ ва оилааш тарки ватан мекунад, чӣ дарду алам дар дил дорад. Барои дарки бештари ҳаводис достони “Кафан аз хун”ро бояд мутолиа намуд. Ман як ҷумлае аз ин достонро барои мисол зикр менамоям, “Кӯдаки ширхорро дар лаби дарёи Панҷ дар ҳоле пайдо мекунанд, ки модари оғушта ба хун ҷон ба Ҳақ таслим намудааст. Ин кӯдакро аз зери борони тири тӯпу тонк ва вертолётҳо, аз дарёи Панҷ убур медиҳанд ва тифли ширхор дар ҳоли убур рӯяш ба сӯи модар гиренгирён дар он тарафи дарё ҷон месупорад.” Алҳамдулиллоҳ, мо бо шараф ва баракати ҳиҷрат тавонистем бо тани солим ба ватани худ бозгардем. Бояд гуфт, дар тӯли 5 соли ҳиҷрат, ки ҳазорҳо мусалмон муҳоҷир шуданд, ҳазорҳо ҳазор дарсу панд ва ибрат гирифтанд, ки онро наметавон дар чанд сатр баён намуд.

– Шумо муддате дар маҳбас будед ва дар ин байн муассис ва аввалин раиси ҲНИТ устодон С.А.Нурӣ ва М.Ҳимматзода аз дунё гузаштанд. Ба назари Шумо дар ин муддат кадом тағйироте дар фаъолияти ҳизб рух додааст?

– Ман баъд аз озод шудан аз зиндон фаъолиятамро дубора дар ҲНИТ аз сар нагирифтаам, балки дар зиндон беҳтарин фаъолият анҷом додам. Коммунистҳо ва пайравони дигар аҳзоби дунявиасос шахси зиндониро аз ҳуқуқҳои озодӣ маҳрум мегардонанд, вале Худованди мутаъол инсонро дар амри бандагӣ дар тамоми шароит озод гузоштааст.

– Аммо дар мавриди он, ки дар ҳизб чӣ тағйироте ба вуҷуд омадааст ва ин тағйиротҳо мусбатанд ва ё манфӣ, инро бояд бигӯям, ки банда муддати 2 сол мешавад аз зиндон озод шудаам ва дар ин муддат танҳо дар якду ҷаласаи ҳизб иштирок кардам, вале фикру андешаҳои маро ба назар нагирифтанд. Албатта, тағйиротҳои мусбӣ зиёданд, вале мехоҳам дар мавриди тағйиротҳои манфӣ чанд сухан бигӯям. Ба унвони мисол, соли сипаришуда Наҳзат аз варзишгарон қадрдонӣ намуд ва ба онҳо тӯҳфаҳои қиматбаҳо тақдим кард ва ҳатто ба бархе аз онҳо хона ва мошин дод. Ҳамчунон шабҳои эҷодӣ бо баъзе шоиронро баргузор намуд, вале боре нашунидам, ки бо як олими рӯҳонӣ ва ё бо банда, ки аз зиндон озод шуданам 2 сол шудааст, вохӯрии хос ташкил намояд ва ё нашунидаам, ки барои шуҳадои гузашта маросиме баргузор карда бошад. Шояд инҳоро баргузор карда бошанд, вале банда надидаам ва нашунидаам.

– Ба фикри Шумо сабаби мушкилоти ахлоқие, ки имрӯз дар байни ҷавонон густариш ёфтааст ва ҳатто мақомоти ҳокими кишвар эътироф мекунанд, дар чист? Шумо барои ҳалли ин мушкилот чӣ пешниҳод доред?

– Воқеан имрӯз ҷомеа ва ба хусус ҷавононро гирифторӣ ба баъзе фасоди ахлоқӣ таҳдид мекунад. Имрӯз ҳар кас дар андешаи пайдо намудани роҳи ҳалле барои пешгирии он мебошад ва мақомоти давлатиро низ нигарон намудааст. Сарчашмаи фасоди ҷомеа аз назари банда, ин аз надоштани ақидаи дуруст ва аз густариш пайдо кардани идеологияи нодуруст аст. Имон аст, ки инсонро аз анҷоми корҳои зишт ва разил боз медорад ва ба ӯ нерӯи ботинӣ кӯмак мерасонад. Дар ин замина сохторҳои давлатӣ, мақомоти қудратӣ, аҳзоби сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар пайи ҳалли ин мушкилот ҳамоҳангӣ намоянд ва чораҳои ҷиддӣ биандешанд, зеро дар оянда он ба бухрон мубаддал хоҳад шуд. Ҳамчунин қабули қонуни масъулияти волидайн ва қонуни дин, ки пеши роҳи ҷавононро аз рафтан ба масҷид мегирад ва занонро аз пӯшидани рӯсарӣ манъ мекунад, метавонад заминае барои фасоди ҷомеа гардад.

– Ба ҷавононе, ки имрӯз дар ҲНИТ масъулият доранд, чӣ тавсия мекунед?

– Тавсияи банда ба унвони як шахси солхӯрда ва ҳамчун падар, на танҳо ба ҷавонон, балки ба тамоми масъулини Наҳзат ин аст, ки аввалан ақидаи холисонаи худро ба Худованд, ба Расули ӯ (с), ба Хулафои рошидин (р) ва дигар асҳоби гиромӣ (р) ҳарчи бештар мустаҳкамтар намоед. Дигар ин, ки дар роҳи мубориза хаста ва дилгир нашавед ва ҳеҷ тарсу ҳарос надошта бошед. Дучор шудан бо мушкилот дар мубориза амри табиист ва

агар мушкилот набошад савоб ҳам намешавад. Инсон чун ин роҳро интихоб намуд, бояд барои таҳаммули мушкилоти он омода бошад. Ҳар кӣ бидуни ташвиш ва мушкилот зиндагӣ кардан хоҳад, дар хонааш нишинад.

Мусоҳиб М. Орзу

**Мусоҳиба бо раиси Академияи исломии ҲНИТ Зубайдуллоҳи Розиқ**

«**Вақти он расидааст, ки донишмандони исломии ҳизб ба корҳои илмӣпажӯҳишӣ машғул шаванд ва истеъдодҳои нуҳуфтаи худро дар хидмати мардуми мусалмони кишвар гузоранд**».

Зубайдуллоҳи Розиқ 8 августи соли 1946 дар ноҳияи Хуросон дар хонаводаи деҳқон таваллуд шудааст. Соли 1964 мактаби миёнаи ба номи Саъдии ноҳияи Хуросонро хатм намуд. Соли 1965 ба риштаи Забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб дохил шуда, онро соли 1969 хатм кард.

Сипас ба сифати муаллими забон ва адабиёти тоҷик дар мактаби миёнаи рақами 52 ноҳияи Ҷиликӯл кор кард. Аз соли 1972 ба сифати ҷонишини директори мактаби миёнаи ба номи Ҳилолии ноҳияи Хуросон кор кардааст.

Улуми исломиро баъди хатми донишкада меомӯзад ва аз соли 1978 узви Наҳзати исломӣ мебошад, дар замони фаъолияти пинҳонии ҳизб масъулияти таълиму тарбия, сипас муовинии раиси Наҳзатро дар ноҳияи Хуросон ба ӯҳда дошт.

Соли 1989 дар шаҳраки Уялии ноҳияи Хуросон масҷиди ҷомеъ таъсис ёфт ва ӯ имомхатиби ин масҷид интихоб шуд. Дар кори тадорук ва ташкили Анҷумани таъсисии ҲНИ ИШ яке аз ташаббускорон ва вакили ин Анҷуман мебошад.

Аз соли1992 ба сабаби нооромиҳо ҳиҷрат карда, дар Русия ва Қазоқистон ба сар мебарад. Аз соли 1994 ба симати намояндаи ҲНИТ дар кишварҳои муштаракулманофеъ фаъолият мекард ва ҳамзамон аз соли 1995 узви ҳайати гуфтушунид аз ҷониби ИНОТ буд. Соли 1998 ба кишвар баргашта, то соли 2001 ба ҳайси директори омӯзишгоҳи касбӣтехникии рақами 7 шаҳри Душанбе кору фаъолият менамояд.

Аз соли 2001 то соли 2004 масъулияти шӯъбаи Табъу нашр ва ҳамзамон сардабирии ҳафтаномаи «Наҷот» ва айни замон раисии Академияи исломии ҳизбро ба ӯҳда дорад.

Аз соли 1999, узви Раёсати Олӣ ва аз соли 2007 то ба имрӯз узви Шӯрои Сиёсии ҲНИТ мебошад.

Оиладор ва соҳиби 13 фарзанд аст.

– Аввалан шуморо ба муносибати фарорасии ҷашни мубораки чиҳилсолагии Наҳзат табрик мегӯем.

– Ташаккур, банда низ Роҳбарият, шумо ва тамоми мардуми мусалмони кишварро ба муносибати он ки дар ин гӯшаи ҷаҳон ҳизбе доранд, ки дар пайи таҳаққуқ бахшидан ба ормонҳои мусалмонон фаъолият мекунад, таҳният мегӯям ва дуъо мекунам, ки дар партави таълимоти илоҳӣ кору зиндагӣ ва ибодатро насиби ин миллат бигардонад.

– Уламои исломӣ дар даврони Шуравӣ аз намояндагони ҳукумат, ба хусус аз муаллимон эҳтиёт мекарданд, чӣ шуд, ки онҳо ба Шумо бовар карда, Қуръонро таълиматон доданд?

– Банда аслан аз синни наврасӣ орзуи Қуръонхон шудан ва фаҳмидани маънои оёти онро дар дил мепарваридам, аммо он вақт муяссар нашуд. Дар барномаи дарси Донишкадаи омӯзгорӣ омӯзиши забони форсӣ пешбинӣ шуда буд ва мо дар радифи забони англисӣ забони форсӣ низ меомӯхтем. Бар асари суҳбатҳои ҷолиби муаллими забони форсӣ ва гоҳгоҳ ба хоҳиши мо тарҷима кардани ӯ баъзе аз сураҳои кӯтоҳи Қуръони каримро шавқу завқам ба омӯхтани забони Қуръон бештар шуд. Баъди хатми донишкада дар ин мавзуъ бо марҳум мулло Исмоил, ки дар ҳамсоягӣ зиндагӣ доштем, суҳбат мекардем. ӯ худаш ба ман як дона «Ҳафтяк» тӯҳфа кард ва ман ҳамон лаҳза шуруъ кардам. Муллоҳои дигар бисёр сарзанишаш карданд, тарс доданд, манъаш карданд, вале ӯ аз дарси Қуръон омӯзондан даст накашид, чун маро аз замони кӯдакиам мешинохт.

– Инак тазоди дигар, дар замони Шуравӣ масҷидҳои ҷомеъ ва таъйини имомхатибон дар ихтиёри ҳукумат буд, чӣ шуд, ки Шумо собиқ муаллим ва дар айни замон муллои наҳзатӣ, имомхатиби масҷид таъин шудед?

– Ин масъала таърихи тӯлонӣ дорад, то соли 1989 дар ноҳияи Хуросони имрӯза ягон масҷиди ҷомеъ вуҷуд надошт, пирамардон барои ҷумъахонӣ ба шаҳри Қӯрғонтеппа мерафтанд. Соли 1988 қозии мусалмонони ҷумҳурӣ ба нафақа рафт ва ба ҷои ӯ донишманди ҷавон ва равшанфикри исломӣ ҷаноби Ҳоҷиакбар Тӯраҷонзода дар шароите Роҳбари Идораи мусалмонони Тоҷикистон таъин шуд, ки Наҳзати Исломӣ қариб як даҳсола ба даъвати ошкори мардум пардохта ва домуллоҳои мухолифи Наҳзат низ ҳамчунон даъват мекарданд. Дар натиҷа маърифати исломии мардум дар муқоиса ба солҳои 70 боло рафта буд. Аз тарафи дигар, бозсозии горбачёвӣ пояҳои заъифгаштаи Ҳукумати Шӯравиро заъифтар карда буд ва хавфу даҳшат аз ҳукуматдорон низ рӯз ба рӯз коста мешуд.

Мо як гурӯҳ аз фурсати пешомада истифода намуда барои дар қаламрави ноҳия таъсис додани масҷиди ҷомеъ саъю талоши зиёд ба харҷ додем ва ниҳоят баъди даҳ моҳ

рафтуомад ба идораҳои ҳукуматӣ ба таъсиси масҷиди номбурда муваффақ шудем. Он вақт моро дар доираҳои ҳукумат ба забони худашон «антисовет», яъне мухолифи сохти давлати Шуравӣ мегуфтанд. Ва вақте ҷаноби Ҳоҷиакбар Тӯраҷонзода барои эълони таъсиси масҷид ба ноҳияи мо меояд, дар вохӯрӣ бо муншии ҳизби коммунисти ноҳия ӯ таъкид мекунад, ки «антисоветҳо» эшони Қиёмиддин ва мулло Зубайдуллоро имомхатиб таъин накун. Вале вақте мардум барои ҷумъахонӣ ҷамъ шуданд, қозидомулло дар охири мавъизааш гуфт: «ҳар касеро мехоҳед, ба имомхатибӣ худатон интихоб кунед». Бо ҳамин мардум бандаро интихоб карданд.

– Баъдан дар назди ин масҷид мадраса ҳам таъсис додед, то ҷое шунидем, ин мадрасаро «мадрасаи наҳзат» меномиданд.

– Бале, баъди як соли таъсиси масҷид мо мадрасаи таълимоти миёнаи исломӣ таъсис додем, ҳукумати ноҳия онро расман ба қайд гирифт ва барномаашро, ки банда бо домулло Абдуллоҳи хурдӣ, ки дар Наҳзат масъулияти таълиму тарбияро ба дӯш доштем, омода намуда будем ва Идораи қозиёти ҷумҳурӣ онро тасдиқ кард.

Толибилмон ва мударрисони мадраса, ки ҳама наҳзатӣ буданд, онро бародарон ин гуна унвон мекарданд, на оммаи мардум, зеро рӯҳонияти мардуми Ғозималик ҳама наҳзатӣ буданд ва дар миёни онҳо ихтилофи назар вуҷуд надошт ва ниҳодҳои ихтилофандоз дасткӯтаҳӣ мекашиданд.

– Қабл аз анҷумани Астрахан бо дастури раҳбарияти Наҳзат Шумо ва бародар Абдумалик ба Русия сафар кардед, ҳадаф аз ин сафар чӣ буд?

– Устод С. А. Нурӣ маро ба назди худ хонда суҳбати як ба як орост ва дар ҷараёни суҳбат аз созмон додани ҷамъияти исломӣ дар кулли қаламрави кишвари Шуравӣ гап кушод ва гӯшгузар намуд, ки то созмони умумииттифоқӣ таъсис дода нашавад, дар Тоҷикистон ҳукуматдорон ҳаргиз иҷозаи таъсиси созмонро намедиҳанд. Бояд бо бародарони озодандеши Русия ва ҷамоҳири дигар машварат кард ва заминаро дар Русия ба вуҷуд овард, вагарна дар ягон ҷумҳурии дигар имкони заминагузорӣ вуҷуд надорад.

Банда дар навбати худ пешниҳод кардам, ки агар мо дар маҳдудаи Иттиҳоди Шуравӣ созмон таъсис доданӣ бошем, ба номи ҳизб таъсис диҳем беҳтар аст, чаро ки дар ин минтақа ҷамъиятро ба унвони созмони сиёсӣ намедонанд. Устод аз пешниҳоди банда истиқбол кард ва маслаҳат шуд, ки мо ба Доғистон сафари корӣ анҷом диҳем. Ҳамин тавр бо бародар Абдумалик, ки аз шогирдони устод Ҳимматзода буд, бо ҳавопаймо ба шаҳри Боку ва аз он ҷо бо қатора ба шаҳри Махачқалъа, сипас ба Хасавюрт ба хонаи Муҳаммад Баҳоуддин, ки ҳашт сол муқаддам дар Маскав шинос шуда будем, рафтем. ӯ буд, ки моро бо бародарони озодандеши доғистонӣ ва чеченӣ ва дигар манотиқ шинос мекард ва ба ҳарду ҷониб итминон медод, ки аз ҳамдигар бовар дошта бошем. Фардои он рӯз ҳамаи бародарон аз манотиқи Маскав ва Қафқоз ҷамъ омаданд ва ҷаласа ороста, ба унвони Кумитаи тадорукотии анҷумани таъсисӣ дар мавриди кай ва дар куҷо баргузар намудани он, дар бораи номи ҳизб, Оиннома ва барномаи он баҳсҳои ҷолиб сурат гирифт. Бояд гуфт, онҳо ҳам фикри таъсиси ҷамъияти исломиро доштанд, вале банда он ҷо ҳам

пешниҳод намудам, ки ҳизб таъсис намоем. Эшон баъди баҳсу баррасии зиёд пешниҳодро пазируфтанд.

– Маҷмаъи уламои наҳзатро чаро ба Академияи наҳзат табдил намуданд?

– Маҷмаъи уламо шуъбае буд, ки дар он чанд тан аз донишмандони куҳансоли ҳизб фаъолият мекарданд ва эшон каму беш ба масоили илмӣ, аз ҷумла ба саволҳои воридшуда посух омода менамуданд, вале дар сомонаи ҳизбӣ гӯшаи саволу ҷавоб вуҷуд надошт. Самти асосии фаъолияти онҳо бо уламо ва машоихи ғайринаҳзатӣ иртибот барқарор намудан, ҳифзи муносибати хасана ва расондани афкор ва орои ҳизб буд. Ин иртибот аз тариқи ташкили зиёрат, ширкат дар маросим ва ҷамъомадҳо ва ҳамзамон даъвати эшон ба чорабиниҳои ҲНИТ амалӣ мешуд. Дар муддати чанд сол кормандони муҳтарами маҷмаъи уламо вазифаҳои худро анҷом доданд. Имрӯз Наҳзат бо аксари уламои исломии кишвар робитаи хуб дорад, миёни мо ва ҳеҷ гурӯҳи дигар ихтилоф ва нофаҳмӣ вуҷуд надорад. Вақти он расидааст, ки донишмандони исломии ҳизб ба корҳои илмӣпажӯҳишӣ машғул шаванд ва истеъдодҳои нуҳуфтаи худро дар хидмати мардуми мусалмони кишвар гузоранд. Замоне пеш омадааст, ки набояд танҳо бо баёни шифоҳии назариёти хеш иктифо кард, ҳунари ба таври катбӣ низ баёни назариёти илмӣ доштан барои донишмандон зарурати исломӣ ва тақозои замон аст. Бо назардошти ҳамин зарурат раҳбарияти ҳизб таъсиси як чунин маркази илмӣпажуҳишии исломиро лозим донист.

– Аз замони таъсиси Академияи наҳзат Шумо ҳамчун раиси он фаъолият доред. Лутфан оид ба барномаи фаъолият ва сохтори он чанд сухан мегуфтед.

– Академия дорои се бахш аст, яке «Маркази таълимӣ», ки ин бахш курсҳои кӯтоҳмуддат ва сайёр ташкил намуда машғулиятҳои онро барномарезӣ ва ба маводи илмӣ таъмин менамояд ва дар он масъулини ҳизбии сатҳи боло ва миёнаи ҳизб омӯзиш дода мешаванд. Дуввум «Маркази пажуҳишҳои илмӣ», ки ин бахш ба таҳқиқоти илмии исломӣ машғул мешавад. Дар айни замон, ки ибтидои кор аст, донишмандони исломӣ ба навиштани мақолаҳои илмӣтаҳқиқотӣ шуруъ кардаанд. Бахши саввум «Анҷумани уламо» мебошад, ки дар ин бахш гурӯҳе аз донишмандони исломӣ масоили фиқҳӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии воридшуда ба сомонаи ва дигар васоили ахбори ҳизбро баррасӣ намуда ба иттифоқи назар ҷавоб омода менамоянд. Ва барномаи солонаи Академия дар ҳамин замина сохта ва рӯи даст гирифта мешавад.

– Шумо дар Наҳзат собиқаи 35сола доред ва муддати зиёдест, ки узви РО ва ШС мебошед, ба фикри Шумо оё то имрӯз дар тасмимҳои Наҳзат иштибоҳ роҳ ёфтааст?

– Иштибоҳ барои инсон як амри табиист, танҳо Худованд иштибоҳ намекунад. Ба ин хотир, Худованд ҳатто ба Паёмбари гиромӣ (с) дастур ба машварат додааст. Ва дар ояи 38 сураи «Шӯро» ба мусалмононе, ки бар асоси машварат тасмим мегиранд, ваъдаи неъматҳои абадӣ медиҳад. «Ва касоне, ки амри Парвардигорашонро иҷобат карданд ва намоз барпо доштанд ва корашон дар миёнашон (бар пояи) машварат аст…». Ин ишора баёнгари он аст, ки мусалмонон бояд дар мавриди умури муҳим худраъйиро канор

гузоранд ва як гурӯҳи дорои андеша ва хиради солим ба машварат бипардозанд ва баъди дар мизони ақлу хирад ва таҷриба санҷидани масъала ба таври дастаҷамъӣ ба натиҷа бирасанд, сипас иқдом ба коре кунанд, ё аз чизе худдорӣ намоянд. Раёсати Олӣ ва Шӯрои Сиёсӣ доштан бар асоси ҳамин дастур аст, то бар асари худраъйӣ иштибоҳи ислоҳнопазир роҳ наёбад.

Агар марҳилаи баъди соли 1999 дар назар аст, иштибоҳҳои кӯчаку ислоҳпазир зиёданд, вале ба фазли Худованд дар ҷараёни фаъолият РО ва ШС ба дарки он мерасанд ва аз паи ислоҳ мешаванд, иштибоҳи худро дарк кардан ва аз пайи ислоҳи он рафтан иштибоҳ маҳсуб намешавад. Ин ҷо набояд иштибоҳро дар тасмимгириҳо биҷӯем, инчунин дар тасмим нагирифтанҳо низ бояд ҷуст. Имрӯз иштибоҳҳои бузургро дар он мебинам, ки бояд барои анҷоми чанд чиз тасмим бигирем, вале нагирифтаем. Ба унвони мисол, дар мавриди қабули аъзо ва тарбияи шоистаи онҳо тасмимҳо то ҷое ниёз ба муллоҳаза доранд. Илова бар ин, дар оинаи таҷрибаҳои таърихии ҳизбу созмонҳои олам метавон дид, ки бақо ва пойдории як ҳизб ё ҳаракат дар гарави тарбияи наслҳои ҷавон бар асоси боварҳои асили он ҳизбу ҳаракат аст. Ин ҷанбаи кори ҳизби мо низ эҳтиёҷ ба таҷдиди назар дорад. Ба андешаи банда, ҷавононро бояд бар асоси як барномаи тарбиявии санҷида ва ангезаофар парвариш дод. Зеро ҳизбро мактаби ҳизб нигоҳ медорад, роҳбарияти ояндаи ҳизб аз поён то боло бояд дастпарвардаи ҳизб ва вафодор ба арзишҳои асили он бошанд?

– Пас аз интихоби Муҳиддин Кабирӣ ҳамчун раиси ҲНИТ дар самти фаъолияти ҳизб чӣ тағйиротеро мебинед?

– Тағйирот тақозои замон аст. Мо метавонем давраи раҳбарии раиси феълии ҲНИТро дар се самт баҳогузорӣ кунем. Дар самти аввал, ки сиёсати дохилиҳизбӣ аст, роҳбари ҷадиди ҳизб тавонист бо нигоҳ доштани дастовардҳои замони қаблӣ ва дар заминаи он ҷалб намудани неруҳои ҷавон ҳалқаи пайванди насли аввал ва баъдиро нигаҳ дорад ва эътибори ҳизбро дар ҷомеъаи рӯз боло барад. Дар самти дуввум, ки муносибат бо ҳукумат ва аҳзоби дигар аст, тавонист робитаи ҳасанаро нигаҳ дорад ва аз мушкилоте, ки гоҳгоҳ ҷониби дигар эҷод мекард, бо таҳаммул ва масъулиятшиносӣ дар баробари манфиатҳои миллӣ тасмимҳои созанда бигирад. Ва дар самти минтақа ва байналмилал ҲНИТ, ки воқеан як ҳизби муътадил аст, ҷаҳду талоши зиёд ба харҷ дод, то онро бо хусусиятҳои воқеияш ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд.

– Чӣ гуфтании дигаре доред?

– Аз фазли Худованд бовар дорам, ки миллатҳои мусалмон, аз ҷумла миллати тоҷик ба тадриҷ ормонҳои волои муслиҳони таърихро дар зиндагии хеш татбиқ хоҳанд кард.

Мусоҳиб: М. Орзу

**Мусоҳиба бо собиқадори Наҳзат**

**Неъмонов Саидимрон**

«**Ман аз тамоми бародарони наҳзатӣ хоҳиш дорам ва ҳамчун собиқадор онҳоро насиҳат мекунам, ки дар рафтор ва гуфторашон аз Паёмбари гиромӣ (с) пайравӣ кунанд**».

Неъмонов Сайидимрон 25 сентябри соли 1946 дар деҳаи Қарасангови ноҳияи Данғара дар оилаи рӯҳонӣ ба дунё омадааст. Маълумоти аввалияи диниро дар ибтидо дар назди падари худ Сайиднеъмон аз худ менамояд. Баъдан ба ноҳияи Вахши вилояти Қӯрғонтеппа мекӯчанд ва ӯ мактаби миёнаи рақами 11 ноҳияи мазкурро хатмкарда, ба омӯзиши улуми исломӣ машғул мешавад.

Аз ибтидои таъсисёбии ҳаракати Наҳзат ба он пайваста то ба имрӯз узви фаъолиин ҳаракат мебошад. Аз аввали солҳои ҳаштод то соли 1990 масъули амниятии Наҳзат буд. Соли 1991 дар Анҷумани таъсисии ҲНИТдаршаҳри Душанбе раиси Комиссияи тафтишот интихоб мешавад. Аз соли 2003 то соли 2008 корманди шуъбаи Маҷмаъи уламои наҳзат буд.

Феълан мушовири раиси ҲНИТ мебошад.

Оиладор ва соҳиби фарзанд аст.

– Аввалан шуморо ба муносибати чилумин солгарди ҲНИТ табрику муборакбод мегӯем!

– Ман ҳам дар навбати худ тамоми бародарону хоҳарони аъзои ҳизбро ба ин муносибат табрик мекунам. Аз Худованди карим хоҳони онам, ки ҳамаи моро дар ин роҳ устувор ва собитқадам бигардонад. Ин роҳ роҳи илоҳӣ, роҳи пайёмбарон ва роҳи бузургон аст ва имрӯз бо тавфиқи илоҳӣ мо ҳам дар ин роҳ ҳастем ва умедворам, ки то охирин нафас дар он боқӣ бимонем.

– Шумо аз кай бо устод Нурӣ шинос шуда будед?

Ман бо устод Нурӣ аз кӯдакӣ якҷо калон шудем ва бо ҳам дар мактаби миёнаи рақами 11 ноҳияи Вахш таҳсил кардем. Мо бо ҳам ба мактаб мерафтем ва якҷоя бармегаштем ва миёни мо аз замони мактабхонӣ дӯстӣ ва бародарӣ шуруъ шуда буд. Соли 1965 мактабро хатм кардем. Баъди он Устод Нуриро чанд рӯз надидам, ба суроғаш рафтам, гуфтанд, ки ӯ барои дохил шудан ба омӯзишгоҳи муҳосибӣ ба шаҳри Орҷоникидзеобод (Ваҳдат) рафтааст. Рӯзе ман ба Душанбе, ба хонаи маҳдуми Сиёмиддин, ки бо мо хешовандӣ дошт, зиёрат рафтам, ки нохост домулло Абдуллоҳ вориди онҷо шуд ва ман дар ҳайрат мондам. Мо ҳамдигарро ба оғӯш гирифта, бениҳоят хурсанд шудем. Домулло Сиёмиддин аз ман пурсид, ки ин касро мешиносӣ? Гуфтам, бале хело хуб мешиносам. Баъд дидам, ки домуллоҳ Абдуллоҳ аз он кас сабақ гирифт ва гумон мекунам, дар он вақт сарф мехонд. Домулло Сиёмиддин гуфтанд, ки Абдуллоҳ, рафта хоб рав, ки бо ин дӯстат суҳбат карда аз дарс намонӣ. Ба ростӣ, ин суханон ба ман сахт расид ва бо худ гуфтам, ки ин одам омада дар назди хеши мо мехонад ва ба ӯ халал мерасондаам. Фардо ба хона баргашта, масъалаи ба хондан рафтанро ба хонаводаи худ арз намудам. Ва ҳамон рӯз ба шаҳри Душанбе ба назди домулло Сиёмиддин баргаштам ва ниятамро ба эшон гуфтам. Домулло ба ман гуфт, ки дар ин роҳ устувор будан зарур аст ва шарту шурути муайяне дорад. Ман ҳама шурутро қабул кардам ва домулло маро ба шогирдӣ қабул намуд. Ҳамин тавр муддате бо ҳам дар назди ҳамон домулло хондем. Устод Нурӣ зеҳни тез дошт ва масъалаҳоро зуд аз худ менамуд. Дар байни 23 сол хело илмҳоро аз худ кард ва дар миёни муллобачаҳо маъруф шуд. Муллобочаҳои зиёде барои муколама ба назди эшон меомаданд. Устод Нурӣ дар ҳамон замон майлу рағбат ба навиштани шеър дошт ва гоҳо дар васфи Ислом ва уламои исломӣ шеърҳо эҷод мекард. Дар васфи Мавлавӣ Муҳаммадҷон ҳам чанд мисраъ навишта буд ва онро домулло Сиёмиддин ба Мавлавӣ нишон дод, ба он кас писанд омад.

Қайди ҳадисаш гаштаанд пиру ҷавон,

Рояи илмаш баландафрохтаанд тоҷикон.

Рӯзе падари устод Нурӣ ба назди домулло Сиёмиддин омада хоҳиш каррд, ки писарашро ҷавоб бидиҳад, то ӯро ба назди домулло Ҳикматуллоҳ бибарад. Домулло Сиёмиддин гуфтанд, ки ман ин касро тарбия кардам ва вақти самарадиҳии ӯст, аз ҳамин хотир ӯро ҷавоб намедиҳам.

– Шумо аз ҳаракати Наҳзат кай хабардор шудед?

– Рӯзе ман дар хона нишаста будам, ки устод Нурӣ, қорӣ Муҳаммадҷон ва домулло Неъматуллоҳ омаданд. Онҳо маро ҳамроҳи худ гирифта ба деҳаи Сабзавот ба хонаи мулло Саидумари Сабзавотӣ бурданд. Дар онҷо ҳамчунин бародар Абдулмуқаддир ва Абдуғаффори шаҳид аз совхози Туркманистон ҳузур доштанд. Дар онҷо суҳбатҳои зиёд шуд ва сухан бештар атрофи марому мақсади хондан мерафт. Мо гуфтем, ҳадаф маълум аст, мо ба устодони худ хидмат намудем ва акнун мо ҳам шогирд гирифтем, табиист, ки ба мо хидмат мекунанд ва соҳиби иззату эҳтиром мешавем. Устод Нурӣ ба сухан ҳамроҳ шуда гуфт, ин хел нест, мурод аз хондан ва таълим додан хидмат намудан ба мардум аст

ва ин вазифа ва масъулияти мост. Уламо ворисони пайёмбаронанд ва паёмбарвор бояд ин масъулиятро адо намуд. Сипас оид ба ҷамъият ва аҳдофи он суҳбат кард. Мо суханони эшонро пазируфтем ва аз ҳамон сол даъватро шуруъ кардем. Аввалин ҷаласаи таъсисӣ соли 1973 бо ширкати Устод, домулло Неъматуллоҳ, қорӣ Муҳаммадҷон, ҳоҷӣ Қаландар ва Холид сурат гирифтааст ва шояд дуюмин ҷаласа ҳамин ҷаласаи мо буд. Дар ин ҷаласа барои мо вазифаҳо тақсим карда шуд ва ҳар яки мо масъулияти мушаххас доштем. Абдулмуқаддир масъулияти таълиму тарбия, Абдулғаффор масъули иршод, мулло Саидумар масъули мол ва бандаро масъули амниятӣ таъин намуданд ва роҳбариро худи устод Нурӣ ба зимма гирифт. Ҳар моҳ ҷаласа доштем ва ҳар як нафари мо оид ба масъулияти худ гузориш медодем. Як чизе, ки ҳамагон ба он иттифоқ намуда будем, ин буд, ки аз даромадҳои молии худ ҳиссаи муайянеро ба масъули молӣ месупоридем ва агар касе даромади молӣ намедошт, ақаллан се сӯми онвақта ба хазинаи ҷамъият тақдим менамуд. Мо пайгирӣ менамудем, ҳар куҷо ҳалқаҳои дарсӣ вуҷуд дошта бошад, ба назди онҳо мерафтем ва оҳистаоҳиста онҳоро ба ҷамъияти бародарон ҷалб мекардем. Аз ҳама ҳалқаи сарсахте, ки барои ҷалби он хело заҳмат кашидем, ҳалқаи дарсии домулло Абдуғаффори Южнигӣ буд. Дар ин ҳалқа бародар Азизхӯҷа ва домулло Саъдуддин низ буданд.Ва билохира муваффақ шудем, онҳоро низ ҷалб намудем.

– Шумо масъули амниятии ҳамон ҳалқаи Сабзавот будед, ё марказӣ?

– Дар ибтидо ман муддате масъули амниятии ҳамин ҳалқаро ба ӯҳда доштам ва дар он замон масъулияти марказии амният бар дӯши бародар Холид (Одинабеки Салом) буд. Солҳои 7879 эшон масъули равобити хориҷа шуд ва бештар дар беруни Тоҷикистон фаъолият мекард ва масъули амниятии марказӣ бародар Муҳаммадрасули Салом буд. Баъди онки эшон аз тарафи бародарон масъули вилоятии ҳизб интихоб шуд, банда масъули умумии амниятиро ба зимма гирифтам.

– Оё аз тафсилоти воқеаи дастгиршавии устод Нурӣ огоҳӣ доред?

– Устод Нуриро азҷои кораш НБТИи вилояти Қӯрғонтеппа аввал ба ноҳияи Колхозобод (Ҷ. Румӣ) мефиристанд. Устод вақте ба ноҳияи Колхозобод мерасад, дар онҷо ӯро мегӯянд, ки фавран баргардад, зеро ӯро ба Ёвон мефиристанд. Дар сафар ба ноҳияи Ёвон ӯро яке аз шогирдонаш Абдуғаффори шаҳид ҳамроҳӣ менамуд. Тақрибан соатҳои 12 буд, ки Абдуғаффору қорӣ Муҳаммадҷон омада, гуфтанд, ки Устодро бурданд. Мо фавран ба Ёвон одам фиристодем, мақомоти Ёвон гуфтанд, ки хабар надоранд. Ба милисаи шаҳри Қӯрғонтеппа ва прокуратура рафта пурсидем, хабаре пайдо карда натавонистем. Баъд роҳбариятро даъват кардем ва ҳамагон ҷамъ шуданд. Қорӣ Муҳаммадҷон, эшони Қиёмиддин, домулло Аёмиддин, домулло Муҳаммадрасул, Холид ва чанд нафари дигар ба он раъй доданд, ки бояд мунтазир нанишинем ва кореро анҷом диҳем. Аммо чанд нафар ба сабру таҳаммул ва мунтазир нишастан даъват намуданд, минҷумла домулло Қосим гуфт, ки аз ин иқодомоти зиддиҳукуматӣ вазъияти Устод шояд бадтар шавад. Чун дидем, гап зиёд мешавад, дар онҷо чунон вонамуд кардем, ки гӯё коре намекунем, вале шабона нишасти дигаре дар совхози Туркманистон барпо намуда ба рафтан ба назди идораҳои мақомот ва талаб кардани озодии Домулло тасмим гирифтем. Ҳамин тавр бо

роҳҳои гуногун мардумро ба онҷо овардем ва аввалин гирдиҳамоиро баргузор намудем ва як талаби асосӣ доштем, ки бояд макони Устодро пайдо кунем ва мутмаин шавем, ки ӯ зиндааст. Билохира онҳо маҷбур шуданд, иқрор намоянд, ки Устод дар дасти онҳост. Онҳо гуфтанд, ки ӯро пурсупос мекунем ва агар бегуноҳ бошад, ҳатман ҷавоб медиҳем.

– Вақте Устодро дастгир ва ҳабс намуданд, роҳбарии Наҳзатро кӣ ба ӯҳда дошт?

– Воқеан, баъди дастгир шудани устод Нурӣ замоне ҳалқаҳои дарсӣ таътил ва иддае аз бародарони Наҳзат каме рӯҳафтода шуданд. Мо ин чизро мушоҳада карда, ба хулоса омадем, ки ҳатман бояд чорае пайдо намуд. Ман ҳамроҳи қорӣ Муҳаммадҷон ва домулло Муҳаммадрасул ба шаҳри Ваҳдат ба назди устод Ҳимматзода рафтем. Албатта медонистем, ки моро назорат мекунанд, аз ин рӯ, ба дараи Ромит рафта, дар зери арчае нишастем ва бо устод Ҳимматзода суҳбат кардем. Мо гуфтем, ки то аз зиндон озод шудани устод Нурӣ ҳатман бояд касе роҳбарии ин ҳаракатро ба дӯш бигирад ва рӯҳияи мардумро бардорад. Ман дар ҳамин ҷо пешниҳод кардам, ки устод Ҳимматзода ин масъулиятро ба дӯш гирад ва дигар бародарон ҳам розӣ шуданд. Аввалин кореро, ки мо анҷом додем,ин буд, ки ба ҷомеъа нишон дода тавонистем, ки Наҳзат зинда ва побарҷост. Устод Ҳимматзода дар манзили худ мемонд ва мо бо эҳтиёт ба зиёрати эшон меомадем ва он кас насоеҳ ва дастуроти худро медоданд.

– Баъди даргузашти устод Нурӣ дар ҳизб чӣ таҳаввулотеро мушоҳида мекунед?

– Хислати наҷиб ва бузурги Устод дар он буд, ки қабл аз ҳама гуна тасмимгириҳо ҳатман борҳо фикр ва аз оқибати он андеша мекард, то тасмими дуруст бигирад ва баъдан пушаймон нашавад. устод Нурӣ, бародар Муҳиддин Кабириро интихоб карданд ва гумон мекунам интихоби хело дуруст ва ҷоӣ буд. Устод Нурӣ борҳо таъкид мекард, ки Наҳзатро бояд дар ҷаҳон хуб бишносанд ва эътироф кунанд ва маҳз бо омадани Кабирӣ ин орзуи Устод ҷомаи амал пӯшид. Имрӯз дар ҷаҳон Наҳзатро ҳамчун ҳизби муътадил мешиносанд ва эҳтиром мекунанд ва аз он ба хубӣ ёд менамоянд. Дар дохил ҳам тамоми равшанфикрону сиёсатшиносони имрӯза Наҳзатро дуруст баҳогузорӣ мекунанд. Дар ҳизб таҳаввулоти зиёде ба мушоҳида мерасад, ки ба андешаи ман ҳамааш мусбианд.

Барои пешрафти ҲНИТ чӣ пешниҳод доред?

Ман аз тамоми бародарони наҳзатӣ хоҳиш дорам ва ҳамчун собиқадор онҳоро насиҳат мекунам, ки дар рафтор ва гуфторашон аз Паёмбари гиромӣ (с) пайравӣ кунанд. Ин роҳе, ки бо он мераванд, ҳамон роҳест, ки Паёмбар ва саҳобагони ӯ рафтаанд. Агар касе дар ин роҳ барои онҳо монеъа эҷод мекунад ва ё онҳоро азият медиҳад, бояд паёмбарвор сабру таҳаммул дошта бошанд. Бояд барои миллат ва мардуми шарифи Тоҷикистон дуои хайр намоянд ва ҳидояту пешрафти онҳоро аз Худованд талаб кунанд. Ватани худро дӯст доранд ва барои он агар лозим шавад ҷони худро фидо созанд. Меҳру муҳаббатро нисбати ҳамдигар бештар намоянд ва аз маҳалгароӣ ҳарчи тавонанд, дурӣ ҷӯянд. Пештар мардум наҳзатиро аз гуфтору рафтораш мешинохтанд. Як насиҳати дигари ман ба тамоми аъзо ва ҷонибдорони Наҳзат он аст, ки бо мардум бештар кор кунанд, ба аёдати

беморон бираванд, ба бечорагону бенавоён дасти кӯмак дароз кунанд. Дуъо мекунем, ки моро Худованд дар ин роҳ устувор нигоҳ дорад.

Мусоҳиб: М. Орзу

**Мусоҳиба бо яке аз муассисони ҲНИТ**

**Эшонов Неъматуллоҳ**

**«Тарси мо аз мудерн ва замонавӣ шудани Наҳзат нест, бояд тарс аз он дошта бошем, ки Наҳзат дар ҳолати шахшуда боқӣ монад»**

Домулло Неъматуллоҳ Ишонов соли 1949 дар деҳаи Ҳоити минтақаи Рашт дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Хонаводаи онҳо як моҳ қабл аз ҳодисаи даҳшатноки заминларзаи Ҳоит, ба минтақаи Вахшонзамин кӯчида буданд. Аз сабаби он ки падару модараш аҳли илм буданд, домулло Неъматуллоҳ улуми ибтидоии диниро аввал дар назди падараш омӯхт. Падари меҳрубонаш ӯро дар руҳияи диндӯстӣ тарбия мекард,. Ҳамчунин амакаш Мулло Сайидаҳрориддин низ дар таълим додани ӯ нақши муҳим дорад. Сипас домуло Неъматуллоҳ дар назди мулло Икром, аз деҳаи «Пахтакор» ва баъдтар дар назди домулло Таваккал касби илму маърифати исломӣ намуд.

Соли 1965 мактаби миёнаро хатм намуд ва аз соли 1967 ба мақсади шогирди Мавлавӣ Муҳаммадҷони Қӯқандӣ шудан, ба шаҳри Душанбе омад. Дар ибтидо дар назди яке аз шогирдони мавлавӣ домуло Сиёмиддин таҳсил намуд ва баъдтар дар назди худи Мавлавӣ. Бо Устод Саид Абдуллоҳи Нурӣ, ки яке аз шогирдони мавлавӣ буданд, шинос мешавад ва дар миёни онҳо дустӣ ва муҳаббати самимӣ ба вуҷуд меояд. Пас аз ин дӯстии онҳо то рафт қавитар мегардад ва ҳангоми суҳбат ва муноқишаҳо дар бисёре аз масъалаҳо бо ҳам ҳамфикр мешаванд. Маҳз ҳамин ҳамфикрӣ ва дӯстии самимии онҳо боиси он мегардад, ки бо ҳам атрофи масоили муҳими сиёсӣ ва иҷтимоъии ҷомеа баҳс мекунанд.

Замоне, ки дар назди Мавлавӣ таҳсил менамуданд, аз тарафи КГБ Домуло Неъматуллоҳ ва 11 нафар аз шогирдони Мавлавӣ, ки дар миёни эшон Устод Нурӣ низ буд, дар маҳаллаи Ипподром дар ҷои дарс дастгир мешавад. Баъди ин ҳодиса Мавлавӣ маҷбур мешавад шогирдони худро ҷавоб диҳад ва бо ҳамин дарси ӯ дар назди Мавлавӣ ба поён мерасад. Эшон ба ҷои истиқомати аслияш шаҳри Қӯрғонтеппа бармегардад ва ба густариш додани афкор ва таълимоти исломӣ машғул мешавад.

Соли 1973 Домулло Неъматуллоҳи ҳамроҳ бо устод Нурӣ, Қорӣ Муҳаммадҷон, Одинабек ва Ҳоҷӣ Қаландар Созмони ҷавонони исломии Тоҷикистонро ба таври пинҳонӣ таъсис медиҳанд. Домулло Неъматуллоҳ олими парҳезгор, инсони ҳалим, шахсияти бофарҳанг ва дурандеш мебошад.

Оиладор ва соҳиби шаш фарзанд мебошад.

– Домуллои мӯҳтарам! Шуморо ба муносибати 40умин солгарди таъсиси ҲНИТ табрик мегӯем. Дар оғоз ба ин муносибат агар паём ва ё гуфтание барои аъзоёни Ҳизби Наҳзати Исломӣ дошта бошед, бифармоед!

– Албатта ин фурсати муносибест, то тамоми аъзо, ҷонибдор ва ҳаводорони наҳзатро ба ин санаи фархунда табрик гӯям ва барои онҳо тамоми муваффақият ва хушбахтиҳоро таманно намоям. Вуҷуди Наҳзат дар шароити кунунӣ барои миллат ва кишвар хело зарур ва муҳим аст, лизо ин ҷашни тамоми мардуми мусалмони кишвар аст ва онҳоро низ табрик мегӯям.

– Идеяи ташкили як чунин созмон аз куҷо сарчашма мегирифт?

– Барои посух ба ин савол ман ногузир бояд дар ибтидо вазъияти уламо ва пешвоёни дини онвақтаро шарҳ диҳам. Дар миёни уламои онвақта ихтилоф ба авҷ расида буд ва дар миёни онҳо иртиботи андак ҳам набуд ва ҳар яке ҳалқаи хоси шогирдони худро дошт. Ҳатто шогирди як домулло бидуни иҷозати устодаш наметавонист дар назди дигар мулло таълим бигирад ва ҳатто масъалаеро пурсон шавад. Барои шогирдон сухани устодашон болотар аз ҳама чиз меистод ва вақте устод сурати масъалаеро баён мекард, дигар онҳо баррасӣ ва ҷустуҷӯи масъаларо ба худ раво намедиданд ва далелашон ин буд, ки «устодам чунин гуфтааст». Ин мушкилотро бартараф намудан барои мо ҷавонон хело душвор буд ва беҳтарин кор барои мо он буд, ки чи кор кунем, то ақаллан шогирдони онҳо дар дигар руҳия тарбия гиранд ва дар миёни онҳо якдилию ҳамбастагӣ пайдо шавад. Маҳз ҳамин фикр ва нақша моро водор намуд, то бо ҳам муттаҳид шавем ва фазои наверо дар миёни олимон, ба хусус ҷавонон ба вуҷуд орем.

Мо мутмаин будем, ки ҳизби коммунист замоне шикаст хоҳад хӯрд ва миллати мо рӯзе ба озодӣ хоҳад расид, вале аз он дар ҳарос будем, ки агар ҳамин шогирдон дар руҳияи онрӯзаи устодони худ тарбия гиранд шояд омилҳои ихтилофи онҳо бартараф нашавад, балки афзоиш ёбад. Ҳадафи мо дар аввал он буд, ки шогирдон дар назди ҳар муллое таҳсил кунанд, новобаста аз ин ки миёни устодони онҳо ихтилоф аст, ё иртибот, бояд ин ҷавонон бо ҳам алоқаи дӯстӣ ва бародарӣ дошта бошанд ва барои пешбурди дин бо ҳам муттаҳид шаванд. Бинобарин мо хостем ҳаракат ва созмони ҷавононро ташкил диҳем, то ҷавонони мусалмон ихтилофоти устодони худро ба мерос набаранд, балки тамоми ихтилофот пурра қатъ шавад. Албатта, дар он замон имкони аз шахси аз хориҷа омада таълим гирифтан вуҷуд надошт, вале тавассути расонаҳо ахбори олами исломро пайгирӣ менамудем ва аз матолиби руҳбахши он нерӯ мегирифтем.

– Шумо дар он замон, дар шароите, ки давлати Шуравӣ дар авҷи қудрат қарор дошт, заволи ин кишвари абарқудрати дунёро эҳсос менамудед?

Бале! Баъзе нишонаҳое дида мешуд, ки далолат бар он менамуд, ки ин низом пир шуда истодааст. Дар сиёсатҳои хориҷии он шикастҳои пай дар пай дида мешуд ва дар дохил низ қудрати зери назора гирифтани мардумро оҳистаоҳиста аз даст медод ва қисмате аз мардум, ба вижа ҷавонон дигар ба ҳизби Коммунист ба андозаи лозима бовар намекарданд. Ва ҷавонон ба Ислом рӯ меоварданд.

– Ба андешаи Шумо калимаи «ваҳҳобӣ» аз куҷо сар зад ва чӣ боис гардид, ки Шумо ҷавонони аъзои созмон ва ҷонибдорони онро ба ваҳҳобият ва муллои нав муттаҳам намуданд.

– Бадхоҳони тавҳид ва яктопарастӣ барои хунсо намудани афкори дуруст тамоми василаҳоро истифода мебурданд. Табиист, онҳо хуб медонистанд, ки он чи мо мегуфтем, ҳақиқат аст, вале барои муттаҳам намудани мо роҳи барои мусалмонон хеле ҳассосро пайдо карданд. Онҳо аз сатҳи пасти маърифати исломии мардум суистифода намуданд. Мардуми бечора на кӣ будани ваҳҳобиро медонистанд ва на ваҳҳобиятро, ҳатто худи мо низ аз ҳақиқати ваҳҳобият баъди ҳамин овозаҳо хабардор шудем. Зеро баъди иттиҳоми онҳо мо талош намудем, то маълумоти бештаре дар бораи Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ва ваҳҳобият ба даст орем. Пештар ҳам душманони дину миллат бобоҳои моро ба хотири бо режими Коммунистӣ ба мубориза бархостан «босмачӣ» номиданд. Баъзе дӯстон ноогоҳона ин туҳматҳоро дар миёни мардум паҳн менамуданд. Бояд қайд кард, ки иллати муваффақ гаштани онҳо дар ин тавтиа ошно набудани мардум ба ҳақиқати дин буд, аз ин рӯ ин муваффақ будан дер давом накард. Вақте мардум дар ҷараён мешуданд ва аз ҳақиқат воқиф мегаштанд, дурӯғу бӯҳтон будани он овозаҳоро пай мебурданд. Барои ҳамин аст, ки дар ҳамаи замонҳо динситезон талош мекунанд, то мардумро аз фаҳми ҳақиқати дин дур кунанд.

– Албатта, ҳар гурӯҳ ва ҳаракат барномаи хоси худро дорад. Домуллои муҳтарам, барномаҳои нахустин фаъолияти ин гӯруҳ чӣ гуна буданд ва онро чӣ тавр амалӣ менамудед?

– Мо барномаҳои амали худро дар он замон аз оддитарин корҳо шурӯъ намудем. Чизҳое, ки ҳатто гуфтани он дар миёни мардум мушкилот ва аксуламали хатарнок аз ҷониби низомро ба бор намеоварад, аз қабили кам намудани сарфу хароҷот дар тӯю маъракаҳои хурсандӣ ва ҳамчунин дар ҷаноза ва дигар маросимҳои дафн. Албатта, қонеъ намудани мардум хело мушкил буд, вале ин гуфтаҳои мо такондиҳандаи мардум буд ва мардумро ба фикр кардан водор менамуд. Онҳо андеша мекарданд, ки ин суханон аз куҷо сарчашма мегиранд ва баъд мефамиданд, ки тамоми гуфтаҳои мо тибқи шариат ва мазҳаби Имоми Аъзам мебошанд. Барои ҳамин аксари пайравони мо ҷавонон буданд ва аз миёни донишҷӯён низ пайравони худро пайдо намудем. Барномаи дигари мо додани фикр ва идея барои бештар намудани фаъолияти уламо ва донишҷуён буд, ки мардумро водор мекард, то дар фикри динаш низ бошад.

– Шумо бо устод Нурӣ ҳамақида, ҳамнишин ва дӯст будед, ҳамчунин дар назди Мавлавӣ Муҳаммадҷони Қӯқандӣ бо ҳам дарс мехондед. Баъди ошкор шудани фаъолияти наҳзат устодро ба ҳайси роҳбари наҳзат, роҳбари оппозитсия ва роҳбари КОМ диданд ва шинохтанд. Лутфан, Шумо устод Нурии солҳои ҳафтодро барои мо тавсиф менамудед!

– Аввалин вохӯрии мо бо устод дар назди Мавлавӣ буд ва эшон як сол қабл аз ман ба назди Мавлавӣ рафта буд ва мо намедонистем, ки бо ҳам ҳамсояқишлоқем. Он кас аз колхози «Правда» буданд ва ман аз «Пахтакор». Ӯро ҷавони ҳалим, мутавозеъ ва бораҳму шафқат ёфтам. Раҳмдилии ӯ ба ҳадде буд, ки дар ибтидо намехост ҳатто аз сиёсат ҳарф занад ва ҳамеша таъкид менамуд, ки мусалмононро дар ин айём зарур аст, то бештар бо дин ва аҳкоми он ошно бошанд. Ӯ зеҳни қавӣ ва зиракии зиёд дошт. Алоқа ва иртиботи ӯ бо ҳама хуб буд ва чунончи дар пиронсолӣ буд, дар ҷавонӣ низ бо ҳар кӣ мулоқот мекард, ҳатман ӯро бетаъсир намегузошт ва муҳаббати ӯро ба даст меовард.

– Чунончи маълум аст, амалиёти КГБ алайҳи Мавлавии Қӯқандӣ сурат гирифт ва шогирдони ӯро дастгир намуданд ва Шумо низ аз дастгиршудагон будед. Дар бораи ин ҳодиса муфассалтар маълумот медодед?

Мо ҳамарӯза дар назди Мавлавӣ соатҳои 9и субҳ дарс доштем. Интихоби ин соат ба хотири он буд, ки дар он замон аксарияти корхона ва муассисаҳо ва мактабу донишгоҳҳо дар ҳамин соатҳо кору фаъолитро шурӯъ менамуданд ва рафту омади мо дар ин соат он қадар ба чашм намоён намешуд. Ҷои дарси мо дар маҳаллаи Ипподром дар манзили шахсе буд ва Мавлавиро ҳар субҳ бо навбат як нафари мо ба он ҷо меовардем. Он рӯз ақрабаки соат аз нуҳ мегузашт, вале аз устодамон ҳеҷ хабаре набуд. Он нафаре, ки мебоист Мавлавиро меовард, намедонам ба кадом сабаб ба назди Мавлавӣ нарафта будааст ва тасодуфан ҳамсари Мавлавӣ низ ҳамон шаб хобе дида будааст ва аз эшон хоҳиш намудааст, ки ба дарс наравад. Ҳикмати Парвардигор дар он будааст, ки устод он рӯз ҳозир нашуд ва илло ҳатман дастгир мешуд. Дарси мо одатан то пешин давом мекард. Ман, устод Нурӣ ва эшони Қиёмиддин ва ҳамчунин чанд нафари дигар, дар маҷмӯъ 12 нафар нишаста будем. Дар ҳамин лаҳза чор нафар намоянда аз ҳукумати шаҳри Душанбе, аз амният, як рӯзноманигор ва як корманди милиса ба он хона даромаданд. Онҳо аз мо сабаби дар ин хона ҷамъ шудан ва оиди Мавлавӣ саволҳо намуданд. Сипас ба дасти ҳар яки моён варақи сафед дода, талаб карданд, ки баёнот нависем. Баъд аз он намояндаи ҳукумат, ки як зан буд, моро каме «насиҳат» карда, аз мо талаб намуд, то зудтар рафта ҷои кор пайдо кунем ва справка пешниҳод намоем.

– Метавон гуфт, ки дар таъсиси Созмони ҷавонон устодатон нақш дошт?

– Албатта, устоди мо мустақиман дар ин хусус чизе намегуфт, вале дар тамоми дарсҳои ӯ ба навъе ишора мешуд. Бинобар ин, бо қаноат метавон гуфт, ки мо аз устодамон дар ин самт илҳом гирифта будем. Устоди мо шогирдони худро дар руҳияи мубориза ва ҷасоратмандӣ тарбия мекард.

– Шумо низ ба монанди ҳазорон шаҳрванди тоҷик дар кишвари Афғонистон муҳоҷир будед. Аз ин лаҳазоти ҳаёти худ оё хотироти фаромӯшнашаванда доред?

– Мо дар Афғонистон аз дигарон камтар ба ҳайси муҳоҷир будем. Ҳиҷрат ҳамааш пур аз хотироти талху ширин аст, ки инсон наметавонад лаҳазоти онро фаромӯш кунад. Аммо лаҳазоти фаромӯшнашаванда ва фараҳбор он замоне буд, ки мо аз фитна ва қатлу куштор наҷот ёфта, аз марз гузаштем. Лаҳзаи дигаре, ки наметавон аслан онро фаромӯш кард, лаҳзаест, ки мо ба ватан баргаштем.

– Миллати мо борҳо ҳиҷрат намуда, вале дигар барнагаштаанд. Оё шумо умеди баргашт ба ватанро доштед?

– Ҳиҷрати мо огоҳона буд ва мо ҳиҷрати ниҳоӣ накарда будем, то дигар ба ватан бар нагардем. Балки ҳадаф аз он раҳоӣ аз финта ва куштор буд. Бале, мо аз ҳамон рӯзҳои аввали ҳиҷрат на танҳо умеди баргашт доштем, балки мутмаин будем. Мо аллакай аз сиёсатҳои дунё бохабар будем ва медонистем, ки ҳиҷрат ва паноҳандагӣ бурдан ба кишвари дигар дар ҷаҳон маъмул аст. Мо аз таърихи миллати худ огоҳ будем, ки борҳо ҳиҷрати бебозгашт намудаанд. Мо ба қасди ҳиҷрат сараввал ба ноҳияи Қумсангир рафтем ва талош намудем, то бо ҳар василае, ки бошад сарҳадро убур намоем. Ду се рӯз талош намудем, вале натиҷа надод, билохира дар ноҳия овоза шуд, ки фардо ба муддати се соат сарҳадро боз мекунанд ва дидем ҳамаи муҳоҷирон роҳсипори сарҳад шуданд. Дар он ҳолат аллакай аз мардуми таҳҷои қишлоқи «Победа» касе боқӣ намонда буд, ҳама ҳиҷрат намуда буданд. Бале, тоҷикон борҳо ҳиҷрати абадӣ намудаанд, мо инро хуб медонистем.

– Домуллои муҳтарам, ба ҳайси муассис табиист, ки барои Шумо гузашта ва ояндаи наҳзат муҳим аст. Ба фикри Шумо наҳзати имрӯза то кадом андоза ҳадафҳои муассисонро татбиқ намуда истодааст?

– Албатта, имкон надорад, ки тамоми орзуҳои инсонҳо дар замин бароварда шавад ва ин сабру истодагарӣ ва замон металабад. Барои ман вуҷуди кунунии наҳзат ва корҳои андакеро, ки анҷом медиҳад, муҳимтар аз тамоми орзу ва умеди шахсии ман аст. Наҳзат қабл аз ҳиҷрат ва дар аснои ҳиҷрат ва то имрӯз тибқи шароит ва имконоти дар ихтиёрдоштааш фаъолият кардааст ва умедворам, ки дар оянда имконоташ хубтар хоҳад шуд. Агар баъзе барномаҳо то кунун иҷро нашуда бошанд ҳам, боварӣ дорам, ки дар оянда ҷомаи амал хоҳанд пӯшид. Наҳзат барои ман азизтар аз фарзанд аст ва инро мо беҳтар медонем, шояд дигарон барои ояндаи наҳзат он қадар андеша накунанд, ки мо мекунем.

– Ба андешаи Шумо наҳзатӣ аз чӣ хусусиятҳо бояд бархурдор бошад?

– Мо наҳзати танҳо ба маънои ҳаракат нестем ва танҳо ҳизб низ нестем. Мо ҳизби Наҳзати Исломием, лизо ҳам даст ба сиёсат мезанем ва ҳам дар умури исломӣ фаъолият мекунем ва дар айни ҳол, як ҳаракати мардумием. Ҳадаф аз таъсиси он низ бедор кардан ва ба ҳаракат даровардани мусалмонон буд. Пас, наҳзатӣ набояд ором ва дар баробари мушкилоти ҷомеа бетараф ва бетафовут бошад, балки ҳамеша дар пайи ҳалли мушкилот талош намояд. Бале, касе, ки ба ин ҳизб шомил мешавад, бояд мусалмони воқеъӣ бошад, вале ғайри мусалмонон метавонанд ҷонибдори он бошанд, албатта дар сурате, ки барномаи онро аз барномаи дигар аҳзоб беҳтар донанд.

– Мардони бузург аз саргузашти худ хотираҳои ҷолиб ва хеле арзишманди зиёд доранд. Шумо, ки аз даврони Шуравӣ ва баъди он хотираҳои зиёд доред, оё дар фикри рӯи коғаз овардани хотираҳои худ ҳастед?

– Ба ростӣ, ман то кунун фикр накардаам, вале умед аст фарзандони ман ин корро анҷом диҳанд. Ман фикр мекунам, дар кишвари мо хонандаи китоб камтар аст, вале аксарият менависанд. Барои мисол, ҳаёту зиндагии Аллома Иқбол навишта шудааст, вале ба он камтар аҳамият медиҳанд.

– Домуллои муҳтарам! Ба андешаи Шумо чаро имрӯз уламои дин ба мисли даврони шуравӣ ба таълими дарсҳои динӣ аҳамият намедиҳанд?

– Воқеан замоне ҳаракат ва таълим дар кишвар хело зиёд буд ва уламо талош мекарданд, то бештар шогирд дошта бошанд ва ин барои онҳо мояи ифтихор буд. Аммо имрӯз замона дигар шуд ва бисёриҳо дар мадрасаҳои дохилӣ ва донишгоҳҳои хориҷа таҳсил мекунанд. Бинобар ин муллоҳо ба таълим камтар машғул мешаванд.

– Баъзеҳо эрод мегиранд, ки Наҳзат мудерн шуда истодааст. Ба андешаи Шумо Наҳзат то кадом ҳад метавонад мудерн бошад?

– Бародароне, ки чунин эрод мегиранд, агар аз таърихи Ислом бохабар бошанд, ин ҳақиқатро дарк мекунанд, ки Паёмбари гиромӣ (с) аз ҳамон лаҳзаҳои аввали даъвати хеш аз услубҳое кор мегирифт, ки дар он замон мудерн буданд. Бале, ҷаҳон бо шитоб пеш меравад ва наҳзат, ки ҷузъи ҷомеаи ҷаҳон аст, табиист, ки мудерн мешавад. Тарси мо аз мудерн ва замонавӣ шудани Наҳзат нест, бояд тарс аз он дошта бошем, ки Наҳзат дар ҳолати шахшуда боқӣ монад. Агар солҳои ҳафтод наҳзатиҳо услуби хоси фаъолияти худро доштанд, ки имрӯз ба назар кӯҳна менамояд, вале ҳамон услуб дар замони худ мудернтар буд. Ҳатто касоне, ки чунин эрод мегиранд, бехабар аз онанд, ки худи онҳо мудерн шудаанд. Беҳтар мешуд, онҳо нигоҳҳое ба ҳаёти падарон ва ҳатто ба гузашта ва имрӯзаи худ меандохтанд, ба ин яқин мерасиданд, ки мудерн шудаанд. Ба андешаи ман мудерн будан мусбист, на манфӣ.

– Шумо бештар вақтҳои холии худро чӣ гуна мегузаронед?

– Бештар ба мутолиаи китоб машғул мешавам ва агар барқ бошад, ҳатман телевизионро кушода ахбори олам ва таҳаввулоти олами ислом, ҳамчунин барномаҳои таҳлиливу иҷтимоиро бо шавқ мушоҳида мекунам

– Шахсе ба назди Шумо омад ва ин саволро матраҳ намуд, ки ман дар баробари Наҳзат чӣ масъулият дорам, Шумо ба ӯ чӣ хоҳед гуфт?

– Ба ӯ ҳамон чизеро хоҳам гуфт, ки Худо ва Паёмбар аз ӯ талаб мекунад. Ба ӯ мегӯям Худоро якка ва ягона бидон, нисбат ба дину ойин беҳурматӣ накун, ҷуз аз Худо аз касе тамаъ надошта бош, аз зулму ситам парҳез намо, ба фикри ҷомеа бош ва ба андозаи тавон ҳоҷати инсонеро барор, нисбат ба ҳамсоя, хешон ва ҳамватанони худ намуна бош. Агар имкон бошад, ба наҳзат шомил шав ва илло ҳамчун ҷонибдор боқӣ бимон.

Мусоҳиб: М. Орзу

**Мусоҳиба бо сардабири ҳафтаномаи «Наҷот» Ҳикматуллоҳ Сайфуллоҳзода**

**«Ман афсус аз он мехӯрам, ки миллат ин марди шариф, устод Нуриро ба таври лозим шинохта натавонист, ҳатто дар дохили Наҳзат ҳам».**

Ҳикматуллоҳ Сайфуллоҳзода аввали марти соли 1950 дар деҳаи Арғанкӯли ноҳияи Тавилдара таваллуд шудааст. Дар асари сиёсати муҳоҷиркунонии солҳои панҷоҳуми асри гузашта оилаи онҳоро ба ноҳияи Саройкамар (Панҷи имрӯза) оварданд. Ӯ солҳои 19571967, муҳассили мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ ва солҳои 1967–1971 муаллими мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ буд. Солҳои 19711975 дар Донишкадаи давлатии ҳунарҳои зебои ба номи устод Мирзо Турсунзода таҳсил кардааст. Аз соли 1975 то 1991, дар мактаби мусиқии ноҳияи Панҷ, ба ҳайси муаллим кор намуда, баъдан директори ҳамин мактаб таъин шудааст. Дар солҳои 1991–1992, фаъолияти худро ҳамчун муаллими мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ идома додааст. Соли 1992, Ҳ. Сайфуллоҳзодаро ба ҳайси муовини раиси Комиҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи ноҳияи Панҷ интихоб намуданд, вале дар асари ҳаводиси солҳои 19921993 маҷбуран ба Давлати Исломии Афғонистон ҳиҷрат кард.

Баъд аз таъсиси Иттиҳоди неруҳои оппозитсиюни тоҷик ба сафи он пайваста, дар дастгоҳи сиёсии он то соли 1997 фаъолият намуд. Ӯ иштирокчии музокироти ду ҷониби сулҳ дар Хустдеҳи ДИА мебошад.

Сентябри соли 1997 ба кишвар баргашта, то соли 2000ум, роҳбарии Маркази матбуотии ИНОТро дар КОМ ба ӯҳда дошт ва баъди дубора ба фаъолият шуруъ намудани Наҳзат соли 1999 ба сафи он мепайвандад ва дар Маркази таҳлилии ҳизб фаъолият мекунад. Муддате сухангӯи Раис ва роҳбарии дастгоҳи раиси ҲНИТро ба ӯҳда дошт. Аз соли 1999 узви Раёсати Олӣ ва дар анҷумани баъдӣ узви Шӯрои Сиёсӣ интихоб шуд.

Солҳои 20002005 узви Комиссияи Марказӣ оид ба интихобот ва раъйпурсиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (КМИР) буд.

Ба кишварҳои ИМА, Эрон, Чин, Лаҳистон, Белжик, Қазоқистон ва Литвониё сафарҳои корӣ анҷом додааст. Феълан узви Раёсати олӣ ва Шӯрои Сиёсии ҲНИТ буда, сардабирии ҳафтаномаи «Наҷот»ро ба ӯҳда дорад.

Оиладор ва соҳиби 6 фарзанд мебошад.

– Дар ибтидо Шуморо ба муносибати ин ҷашни фархунда табрик менамоем.

– Бо изҳори ташаккур ва умеди тавфиқ, ки имрӯз худро аз ҷумлаи афроди таҷлилкунандаи 40солагии ҲНИТ мебинам ва банда ҳар нафареро, ки муҳаббат ва пайванде дар ин роҳ ва умед ба пирӯзии ин ҳизбро дар саҳнаи сиёсии кишвар дорад, аз самими қалб муборакбод мегӯям.

Дар воқеъ, пайдо шудан ва касби фаъолияти расмиро ба даст овардани чунин як ҳаракати сиёсӣ дар қаламрави собиқ давлати лодинӣ, ки тӯли беш аз 70 сол таълимоти ғайримашрӯъро дар афкор ва зиндагии инсонҳо талқин мекард, тасаввурнопазир аст, ҳатто барои қишрҳои ҳайсиятгумкарда қабулнокарданист. Вале ба иродаи Худованд касе мухолифат ва муқобилият карда наметавонад, пас ин воқеиятест, ки бояд шинохт ва пазируфт.

– Ба андешаи Шумо чаро солҳои 19911992 бар акси имрӯза равшанфикрон ва зиёиёни кишвар ба Наҳзат майли бештар доштанд?

– Майл пайдо кардани як инсон ба чунин як ҳизбе бо номи Наҳзати Исломӣ хоҳишоти дуҷонибаро тақозо дорад, агар чунин воқеъият иттифоқ науфтад, пайдо шудани намояндагони қишри зиёӣ дар Наҳзат мушкил мегардад. Чун таҷриба нишон додааст, ки мутаассифона бардоштҳо дар мавриди шинохти ҷонибайн чандон мунсифона набудааст ва ҳама чиз аз зовияи дидгоҳ ва манофеъи шахсӣ натиҷагирӣ мешавад, ҳам аз сӯи намояндагони ҳизб ва ҳам аз сӯи намояндагони қишри зиёинамо.

Бале, раванди озодихоҳиҳои ақидатии қишрҳои алоҳида ва баргашт ба ҳайсияту ҳувийяти худ дар солҳои 9092 дар ҳолати рушд қарор дошт ва раҳбарият дари ҳизбро барои ҳар нафари озодандеш кушода буд. Тасмим дар мавриди пазируфтани нафари зиёие ҳам дар сатҳи олии ҳизб гирифта мешуд. Баъдан бархӯрду мавқеъгириҳои хушунатбор ва хуношоми Фронти халқӣ дар солҳои 9297 ҳам ба ин раванд таъсири ҷиддӣ гузошт ва дар ҳиҷрат аксари намояндагони қишри зиёӣ ба дарки ин воқеъият расиданд ва ба Ҳаракати Наҳзат довталабона пайвастанд. Ва баъди бозгашт аз ҳиҷрат ва аз сар гирифтани фаъолияти Ҳизби Наҳзат боз ҳам довталабона ҳар нафар зиёии шомили ҳаракат ба узвияти ҳизб пазируфта шуд.

– Бисёриҳо интиқод мегиранд, ки Наҳзат натавонист аз имкониятҳои худ дар таблиғи аҳдофаш ба хубӣ истифода намояд, хусусан аз тариқи ВАОи хеш. Ба андешаи Шумо интиқоди эшон то кадом андоза ҷой дорад?

– Интиқод ҷойист, ҳадди ақал тӯли 13 соли ахир, ки фаъолияти ҳизб аз сар гирифта шуд, Наҳзат аз ин гуна васила ба таври матлуб истифода карда натавонист. Агарчи мушкилот ҷой доштанд, вале имконияти таҷдиди назари кор дар ин самт бештар буд. Дуруст аст, ки нашрияи «Наҷот» ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба роҳ андохтани фаъолияти он матлабҳои зиёдеро ба нашр расонида, ҳатто дар ҳиҷрат ҳам ба як тарзе аз вуҷуди хеш дарак додааст, албатта корҳое анҷом гирифтаанд ва онҳоро наметавон нодида гирифт, аммо дар бархӯрд

бо ВАОи дигар пайваста дар ҳолати мағлубият буда, дар баробари онҳо ҳамчун нашрияи ҳизбӣ рақобат карда натавонистааст. Мо дар як ҷомеъаи гуногунандеш ва фаҳмҳои мухталиф ба сар мебарем. ВАО ҳам ба ҳамин тарз шакл мегирад. Аз ин хотир, бархӯрди ВАОи Наҳзат ба масоил ҳам тибқи ин воқеъият бояд сурат бигирад. Дар баробари ҳадафҳои ҳизбӣ, нашрияҳои ҳизб бояд мардумӣ будани хешро нишон дода тавонанд ва дар як маҳдудаи хос қарор нагиранд. Чун вақте ҳизби хешро мардумӣ дидан мехоҳем, нашрияҳои он дар мардумӣ шудан ва ё будани он саҳмгир бошанд.

– Шумо дар замони ҳиҷрат бо устод Нурӣ аз наздик шиносоӣ пайдо карда, ба Ҳаракати Наҳзат пайвастед ва замони фаъолият дар КОМ ва баъдан бо он кас хело наздик будед, дар шахсияти ӯ чӣ сифатҳои тағйирнашуданиро мушоҳида намудед?

– Бале, наздикӣ бо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ҳикматҳои зиёдеро бароям ошкор сохт, қабл аз ҳама дар мавриди самтгирии муборизаи сиёсӣ. Ёдам ҳаст, вақте ин марди шариф ва матинирода бори аввал моҳи феврали соли 1993 ба Майдони ҳавоии шаҳри Кундуз, урдугоҳи муҳоҷирини тоҷик омад ва суҳбате бо мардум дошт, суханони ӯ маро ботинан такон доданд ва то ҷое ба дарки муборизаи аслӣ расидам, ки ҷиҳод, яъне чӣ ва ба хотири чӣ?! Устод зимни суханронӣ он қадар сабуру устувор ва бо далелҳои рӯшан ҳарф зад, ки банда комилан дар бозгашти хеш ба Ватан итминон ҳосил кардам. Баъди чанде ба дафтари ин ҳаракати сиёсӣнизомӣ ба шаҳри Толиқон даъват шудам ва бори аввал суҳбати рӯ ба рӯ доштам бо ин марди Худо, ки дар муборизаи озодихоҳӣ ва ба хотири бозгашт ба Ватан кадом масъулиятро анҷом дода метавонам. Бо ишораи ҳикматомези ин бузургвор, ки агар «як лундаи лойеро ба сурохии деворе часпонида тавонӣ, онро бояд анҷом дод», дар кумитаи сиёсии Наҳзат корро оғоз кардам. Раванди ҷиҳоду мубориза паёпай ҳикматеро пас аз ҳикмате ошкор месохт ва банда фаҳмидам, ки раҳбарӣ кори ҳар кас набудааст. Солҳои ҳиҷрат афроди зиёде таҷриба карданд ва ба ҳар кадоми онҳо аз наздик шинос будам ва фаросат, сабру устуворӣ дар тасмимгириҳои ҳар кадомеро ба таҳлил мекашидам, вале агар ҳамаи хислатҳои беҳтарини онҳоро ба ҳам ҷамъ меовардем, як ҷанбаи маҳдуди сифате аз устод Нуриро комил намекарданд. Вуҷуди ин гуна марди ҳадафманд барои муҳоҷирин ва дар умум миллати шарифи тоҷик дар чунин як роҳи душвор ва сангин, вале пурифтихор неъмати Худовандӣ буд.

Сухангӯ ихтиёр кардани банда ҳам бе ҳикмат набуд, он ҳам дар шароити ҳассоси даврони гузор ва марҳалаи аввали аз сар гирифтани фаъолияти ҲНИТ. Устод Нурӣ хеле хуб медонист, ки ман ҳанӯз дар ҳиҷрат дар кадом сатҳ аз равандҳои бозиҳои сиёсӣ дар минтақа ва ҷаҳон огаҳӣ доштам ва чӣ таҳлилҳоеро манзури эшон месохтам. Аммо ҳикмати ин тасмими эшонро дар лаҳзаҳое ошкор месохтам, ки дар дохили Наҳзат ва берун аз он нафаре ва ё мақомдори давлатие ба тарзи хеш вокуниш зоҳир мекард. Ман бо мурири вақт беш аз пеш дарк мекардам, ки устод Нурӣ ибрози назари бандаро пайваста дар мавриди ин ё он масъала дунболагирӣ мекард, ҳатто дар ҷаласаҳои Шӯрои Сиёсии вақт зимни масъалаи сиёсӣ ишораи ҷолиб мекард, ки «сухангӯ дар ин маврид чӣ мегуфта бошад». Ин тарзи муносибати устод Нурӣ ба ман рӯҳу неру мебахшид ва ҳама гуна

«иттиҳом»пароканиҳои дохилӣ ва берунӣ дар ботину зоҳири банда тағйиротеро ба вуҷуд намеовард.

Ёдоварӣ аз ҷойгоҳ ва шахсияти устод Нурӣ дар афкори хеш бароям хеле сангин аст, вале боз ҳам ифтихор аз он дорам, ки бо чунин инсони наҷиб тӯли 15 сол ҳамкору ҳамнишин будам. Ман афсус аз он мехӯрам, ки миллат ин марди шариф, устод Нуриро ро ба таври лозим шинохта натавонист, ҳатто дар дохили Наҳзат ҳам.

– Мегӯянд нуқтаи заъфи устод Нурӣ ҳилм ва гузашт буд, ки рақибон аз он сӯистифода менамуданд. Назари Шумо дар ин масъала чист?

– Дар мавриди вижагиҳои устод Нурӣ дар боло ишораҳое кардам, аз ин нигоҳ назари дигаре дар мавриди мавҷудияти заъф дар шахсияти ӯро қабул надорам, новобаста аз кадом ҷониб изҳор гаштани он. Бале, инсон дар вуҷуди хеш ва ё раванди зиндагӣ бе кадом заъфе буда наметавонад, вале вижагиҳои хоси устод Нурӣ ин гуна заъфро, агар буданд, ночиз месохт. Хилофкорӣ дар аҳд ва ё сиёсатбозиҳои ҳароми ҷониберо заъфи ин инсони матинирода намедонам ва ба кадом шакле ҳам қабул карда наметавонам. Оё баргашти сарбаландонаи муҳоҷирин ва барқарор гаштани суботу оромӣ дар кишвар аз заъфи сиёсии ӯ буд? Оё гузаштҳои калон ва бахшиданҳои қалбии ин марди хирад дар раванди мулоқоти рӯ ба рӯ бо Эмомалӣ Раҳмонро аз ҷумлаи заъф бояд донист? Оё доштани ҳилмро, ки сифати Аллоҳ (ҷ) аст, заъф қабул намоем? Аҷаб фаҳму аҷаб дарки сиёсие, вақте заъфи инсонро бо пайдо кардани сифоти Худованд ҷӯё мешаванд. Устод Нурӣ агар заъфе дошт, ин имони росихи ӯ дар роҳ буд ва мухотаби хеш, бахусус касонеро, ки дар мавриди расидан ба ҳадаф бо ӯ дар мулоқот менишастанд ва ё ҳамроҳӣ мекарданд, ҳамин гуна медиду дидан мехост.

– Аз назари Шумо, ки аз соли 1999 узви РО мебошед, оё ягон тасмими ин ниҳоди роҳбарикунандаи ҳизбро дар ин давра иштибоҳ гуфта метавонед?

– Раёсати Олӣ болотарин мақоми тасмимгирандаи ҳизб баъд аз анҷумани он аст ва тӯли ин давра, ки банда узви он мебошам, ҳама тасмимгириҳо дастаҷамъона бо таваҷҷуҳ ба вазъи мавҷуд гирифта шудаанд ва кадоме аз онҳоро иштибоҳ ҳисоб намекунам. Аз дидгоҳи афроди алоҳидаи берун аз ин маҳдуда эҳтимол кадом тасмиме иштибоҳ бошад, вале банда ҷуз дар мавриди ҷузъиёти баъзе тасмимгириҳо ҷиҳати сохтор ва таъсиси ниҳодҳои алоҳидаи ҳизбӣ камбудиеро эҳсос мекунам, ки он ҳам ба фаъолияти ҳизб чандон таъсири бад надорад.

– Шумо ба ҳайси таҳлилгари сиёсӣ дар ҷомеъа матраҳед, оё маврити лату кӯб қарор гирифтанатон ба фаъолияти касбии Шумо рабт дорад?

– Муносибати носолим алайҳи шахсиятҳое, ки бо ВАО сару кор доранд, дар аксари кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва худкомагӣ ҷой дорад, аз ҷумла дар Тоҷикистон ҳам. Мушкил дар ин аст, ки диду назар ва афкори мухолиф ба раҳбарияти ин гуна кишварҳоро доираҳои хос пайваста дунболагирӣ мекунанд ва дар фурсатҳои алоҳида бо ин гуна шахсиятҳо бо бархӯрди ғайриахлоқӣ даст мезананд. Ин гуна таҷриба насиби банда ҳам

гашт, вале то ба имрӯз бароям ошкор нашуда, ки ин тарзи бархӯрд аз ҷониби кӣ ва кадом доираи ҷиноӣ ва ё ниҳоди ҳукуматӣ сурат гирифт. Ниҳоди ҳукуматӣ гуфтанам ба хотири он аст, ки агар ин амалкард аз ҷониби афроди ҷиноятпеша мебуд, ниҳодҳои ҳуқуқӣ, интизомӣ ва амниятии кишвар онро кайҳо кашф мекарданд.

Услубҳои дигари муносибати ин гуна доираҳоро берун аз кишвар ҳам бо чунин афроди мухолифафкор возеҳу рӯшан мебинему мушоҳида мекунем, ҳатто интиқоли ғайриқонунии онҳоро ба кишвар ва ба маҳбас кашидани онҳро ҳам шоҳид гардидем. Ҳамаи ин гуна амалкардҳо дар заминаи робитаи ин гуна чеҳраҳо бо ВАО сурат мегирад. Банда ишораи ошкореро дар мавриди навиштаҳои худ, ки ҳар яке парвандаи хос шуда метавонанд, аз сӯи масъули ниҳоди зирабте ҳам шунидам, вале аз ин роҳ, ки ошкор кардани воқеъият ва огоҳмандии ҷомеъа аст, канор нахоҳам рафт. Қудратхоҳон дер ё зуд аз курсии такя задаи хеш канор мераванд, аммо миллат то рӯзи таъйиншуда аз ҷониби Офаридгор боқӣ мемонад ва афроди ҳадафманди он ҷиҳоду муборизаро идома медиҳанд ва банда ҳам инро барои хеш як масъулият медонам.

– Шумо дар як давра узви КМИР будед ва дар чанд интихобот ба ҳайси номзад ба вакили парлумон ширкат доштед, сабаб ва омилҳои мағлубияти намояндагони Наҳзат дар интихоботро дар чӣ мебинед?

– Бале, банда соли 20002005 дар заминаи талаботи созиши сулҳ миёни Ҳукумати ҶТ ва ИНОТ узви КМИР будам. Мақсад аз ширкат дар ҷаласа ва тасмимгириҳои КМИР мавқеъи ҲНИТро нисбати масоили интихоботӣ ироъа доштан ва дифоъ кардан буд, ки алҳамдулиллоҳ, тибқи имконият ва фаҳми хеш инро анҷом додам. Вале бояд иқрор намоям, ки бо як ё ду раъй дар тасмимгирии ин ниҳоди марказии интихоботӣ наметавон кадом таъсире расонд. Бубинед, дар интихоботи парлумонии соли 2000 протоколҳоро раҳбарони дастгоҳи ҳукуматҳои вилоятӣ ва шаҳри Душанбе ба КМИР меоварданд ва дар ҷараёни ҷузъиёти таҳқиқу баррасии онҳо ягон узви КМИР ширкат намекард, танҳо раис ва муъовини раиси КМИР онҳоро қабул мекарданд, агарчи бо чашмони худ дидам, ки чаҳор протоколи ҳавзаҳои интихоботӣ дар пойтахти кишвар ҷавобгӯи талаботи қонун набуданд. Банда зимни баррасии ин масъала дар ҷаласаи КМИР ҳамаи ин мушкилотро ошкор кардам, вале кадом натиҷае надод. Ҳамин буд, ки дар панҷсолаи навбатӣ аз узвияти КМИР бо фармони Президенти ҶТ барканор шудам.

Аммо сабаб ва омилҳои «мағлубият»и намояндагони Наҳзат хеле зиёданд ва аз нигоҳи банда 70%и намояндагони Наҳзат бо талоши доираҳои хоси ҳукумат ва бо дасти афроди алоҳидаи дар комиссияҳои интихоботибуда ба мағлубият дучор мешаванд. Дар ин маврид гуфтаву навиштаҳои зиёде буданду ҳастанд ва кадом ишораи дигареро зарур намебинам, ҳама чиз возеҳу рӯшан аст, дар умум ҳарос аз ба қудрат расидани Наҳзат дар дохил ва хориҷи кишвар хеле зиёд аст.

– Ба андешаи Шумо, кадом самти фаъолияти Наҳзат ниёз ба ислоҳоти куллӣ дорад?

– Наҳзат дар заминаи ҳамин мафҳум, яъне ислоҳот таъсис ёфта, онро василаи расидан ба ҳадафи хеш қарор додааст. Пас тибқи воқеъият ва равандҳои иҷтимоъӣиқтисодӣ ва

фарҳангӣсиёсӣ бояд ҳамеша аз ислоҳот кор бигирад. Ислоҳ дар сохтор ва самти фаъолият муҳим аст, яъне бо шинохти дурусти равандҳо бояд гоҳгоҳе ба ҳар самте авлавият қоил шуд. Мутаасифона, масъулини Наҳзат аз рӯзи аввали аз сар гирифтани фаъолияти хеш тамоми имконият ва нерӯи хешро беш аз ҳама ба самти фарҳангии он равона сохтаанд. Ин кори хуб аст, вақте дар ин маврид ниёзе эҳсос мешавад ва моҳияти ҳизб ҳам динист, вале самтҳои дигари фаъолият низ барои як ҳизби сиёсӣ бояд тақвият пайдо намоянд. Вақте самти фарҳангии ҳизб ҳамеша дар авлавият қарор дорад, ҷомеъа Наҳзатро на ҳизби сиёсӣ, балки як ташкилоти динӣ медонад. Бинобар ин, ҷанбаи иҷтимоъӣиқтисодӣ ва сиёсии ҳизбро бояд тақвият бахшид ва ин се самти фаъолиятро ҳадди ақал дар баробари самти фаъолияти сиёсии он қарор дод.

– Андешаи Шумо оид ба сиёсати ҷобаҷогузории кадрҳо дар ҳукумат чист?

– Ин масъала ҳам маънои ислоҳотӣ дорад, ки ишора дар ин маврид дар боло рафт. Аммо сиёсати кадрӣ дар сатҳи ҳукумат комилан бояд аз нигоҳи технократӣ ва миллӣ сурат бигирад, на аз диди маҳал ва маҳбубият бо сарвари давлат. Агар кадри технократ андешаи миллӣ надошта бошад ва барои пайдо кардани роҳҳалҳои рушд ва дурнамои кишвар заҳмати шабонарӯзӣ накашад, дар аввал ӯ кадр нест ва баъдан ин гуна ҳукумат ҳам дар хидмати миллат буда наметавонад. Пас рушди миллӣ ба ҳеҷ сурат ҷой надорад. Ҳар дигаргуние, ки дар зиндагии ҷомеъа ва ё қишрҳои алоҳидаи он ба вуқуъ мепайвандад, дар он саҳми ҳукумат нест, ҳатто саҳми кадри алоҳидаи он, ҳама чиз ба таври хаотикӣ сурат гирифта, шакл пайдо мекунад. Барои мисол, дар аввал муҳоҷиратро мушкилии миллат медонистанд, вале диданд, ки роҳи ҳалли масъала барояшон мушкил омад, онро имрӯз ифтихор ҳам мегӯянд. Яъне ба василаи муҳоҷират, миллат дунёдида мешавад, аммо суоли матраҳ ин аст, ки оё дунё дидан ва дунёшиносӣ бояд duздона сурат бигирад ва оё онро дар таҳхонаҳо шинохтан мумкин аст? Василаи дунёшиносӣ танҳо саёҳати озод ва ё ба таври коршиносӣ сафар кардан аст.

Ба ин хотир, агар дар низоми давлатдорӣ ба таври куллӣ ислоҳот сурат нагирад ва кадрҳо бо диду афкори миллӣ сари дастгоҳи хос нанишинанд, дар мавриди сиёсати кадрӣ ҳарфи дуруст ва мувофиқеро пайдо кардан натавон!

Бо умеди саъодатмандии миллати азиз!

Мусоҳиб: М. Орзу

**Мусоҳиба бо яке аз муассисони ҲНИТ**

**Садурдинов Қаландар**

**«Сабаби пойбарҷоӣ ва якпорчагии наҳзат дар тӯли ин муддатро ман дар он мебинам, ки аксари масъулини он ба ин ҳизб бо ангезаи имонӣ ва эътиқодӣ пайваста, ба ормонҳои он содиқ буданд».**

Садурдинов Қаландар соли 1951 дар деҳаи Яхаки ноҳияи Комсомолобод (Нурободи имрӯза) ба дунё омадааст. Эшон дар ибтидо дар назди падари худ, мулло Садурдин, ки яке аз муллоҳои деҳа буд, таълим гирифтааст. Ӯ бо вуҷуди оҷизии чашмонаш дар тарбияи фарзандаш, Ҳоҷӣ Қаландар саъю талоши зиёд ба харҷ медод. Ҳоҷӣ Қаландар соли 1968 мактаби миёнаро дар ҳамин деҳа хатм намуд. Соли 1970 ба шаҳри Қӯрғонтеппа кӯч баст ва манзили кӯчакеро харидорӣ намуда, дар он истиқомат намуд. Дар шаҳри Қӯрғонтеппа бо Домулло Неъматуллоҳ Эшонов шинос шуда, таҳсили улуми исломиро дар назди ӯ идома медиҳад. Сипас, тафсиру ҳадисро дар назди устод Нурӣ меомӯзад. Ӯ дар яке аз мағозаҳои ҷамъияти матлуботи ноҳияи Коммунистӣ (Бохтар) ба ҳайси мудир кор карда, баъдтар то соли 1992 сарварии корхонаи зарфсозии ҷамъияти Тоҷикматлуботро ба ӯҳда дошт. Соли 1973 ҳамроҳ бо устод Нурӣ, домулло Неъматуллоҳ, Қорӣ Муҳаммадҷон ва Одинабеки Салом Созмони ҷавонони исломиро ба таври сиррӣ таъсис медиҳанд. Нахустин нишасти таъсисии ин созмон дар манзили Ҳоҷӣ Қаландар сурат мегирад ва ин манзил то кунун азони ӯст.

Риштаи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм кардааст. Соли 1990 ба зиёрати хонаи Худо ва адои фаризаи ҳаҷ мушарраф гардидааст. Солҳои 19921997 дар қаламрави Афғонистон дар ҳиҷрат ба сар бурда, масъулияти дафтари намояндагии Ҳаракати Наҳзати исломиро дар шаҳри Ҳирот ба ӯҳда дошт. Баъди имзои Созишномаи умумии Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба Ватан баргашта, ба ҳайси коршиноси зеркомиссияи муҳоҷирини КОМ ифои вазифа намудааст.

Аз соли 2000 то соли 2010 масъулияти раёсати шуъбаи ҲНИТ дар минтақаи Қӯрғонтеппаро ба ӯҳда дошт ва аз соли 2010 то кунун узви Академияи исломии Наҳзат ва

масъули Академия дар минтақаи Қӯрғонтеппа мебошад. Ҳоҷӣ Қаландар узви Раёсати Олии ҲНИТ мебошад ва таҷрибаи 40солаи узвият дар Наҳзатро дорост.

Муаллифи китоби «Биҳишти нав» мебошад. Дар ҳоли ҳозир ба таълифи «Таърихи Бухоро аз асри 15 то кунун» ва «Шаҷараномаи Хулафои рошидин» машғул аст .

Оиладор, соҳиби фарзанд аст.

– Домуллои азиз, дар ибтидои суҳбат шуморо ба муносибати 40умин солгарди таъсиси ҲНИТ табрик мегӯем.

– Саломат бошед, ман низ аз фурсат истифода бурда тамоми аъзо ва ҷонибдорони Наҳзати Исломиро ба муносибати ин ҷашни фархунда аз самими қалб табрик менамоям.

Ҳоҷии муҳтарам, Шумо ба ҳайси яке аз муассисони ҳаракат худро дар ин ҷашн чӣ гуна эҳсос мекунед?

Дар ибтидо ҳаминро қайд менамоям, ки аз таъсиси Наҳзат чил соли пур аз бурдборӣ мегузарад. Наҳзат тайи ин солҳо таърихи хело пурпечу тоберо аз сар гузаронид ва бақои он дар ин муддат худ баёнгари он аст, ки ин ҳизб пояи мардумӣ дорад. Ман умед дорам, ки ояндаи дурахшоне дар интизори ин ҳизб аст. Сабаби пойбарҷоӣ ва якпорчагии наҳзат дар тӯли ин муддатро ман дар он мебинам, ки аксари масъулини он ба ин ҳизб бо ангезаи имонӣ ва эътиқодӣ пайваста, ба ормонҳои он содиқ буданд. Агар садоқат ва вафодории онҳо ба Наҳзат намебуд, Наҳзат наметавонист бақои худро ҳифз намуда, ба синни камолчилсолагӣ бирасад.

Ман дар ин рӯзҳо эҳсоси хурсандию фароҳмандӣ дорам, зеро ба зинаи аввали орзуи хеш расидем ва ҳизби пинҳонкори мо ошкоро ва расман амалкунанда шуд. Аз тарафи дигар, ман аз он хушҳолам, ки Наҳзатро на танҳо дар дохили кишвар расман мешиносанд ва эътироф мекунанд, балки дар сатҳи ҷаҳонӣ низ мӯътараф гардидааст. Лизо, хурсандии ман ҳадду канор надорад.

– Нишасти нахустини муассисони ҲНИТ соли 1973 дар манзили Шумо сурат гирифта, оё метавонед бигӯед, ки чаро маҳз манзили Шумо интихоб шуд?

– Албатта, интихоби манзили мо ба он маъно набуд, ки ин манзил беҳтарин манзил бошад, ё дигар ҷое пайдо карда натавониста бошем. Бародароне буданд, ки макони беҳтару хубтар доштанд, ҷойҳои мӯътамад ҳам зиёд буд. Фикри таъсиси як ҳаракат ва созмон дар миёни ҷавонони пойбанд ба дин аллакай пухта расида буд ва атрофи он дар ин ҷову он ҷо суҳбатҳо мешуд, вале ба таври пароканда ва бе барномаи мушаххас. Танҳо мушкил он буд, ки афроди мӯътамад чӣ гуна бо ҳам ҷамъ шаванд ва ин сирро чӣ тавр пӯшонем. Ин кор дар он замон хело мушкил ва хатарнок буд ва яқин медонистем, ки агар ин сир ифшо шавад, ин гурӯҳро ҳатман дастгир ва ҷисман нобуд мекунанд. Бинобар ин, барои нишасти нахустин ниёз ба ҷойи амн ва камодам доштем. Афроди оилаи мо камтар ва ҳама хурдсол буданд, вале бо вуҷуди ин, ман фарзандони худро ба дигар ҷо фиристодам, то аслан дар ин манзил касе набошад. Ва ҷаласаро бо тарсу бими зиёд

шурӯъ кардем ва чун ҷаласа ба поён расид, худро сабук ҳис намудем. Гӯё бори гаронеро, ки бар дӯш доштем, ба замин ниҳода бошем. Дигар мо мутмаин будем, ки вазифаи имонии худро ба ҷо овардем.

– Шумо қаблан бо ҳам машварат доштед, ки ҷаласае барои таъсиси гурӯҳи муназзам ташкил хоҳед дод ва ё ин фикр дар асвои нишаст ба вуҷуд омад?

– Инро бояд қайд намоям, ки мавзӯъи суҳбатҳои мо дар ибтидо таъсиси ҳизб набуд, балки ташкили як ҳаракат ва созмоне, ки тавонад ҳамфикронро дар мавриди дин ва миллат даври ҳам ҷамъ оварад. Бале, мо медонистем, ки ҳадаф аз ҳамин нишаст таъсиси гурӯҳи муназзам аст, зеро мо чанд муддат дар алоҳидагӣ оиди чунин масъала бо ҳам машварат менамудем. Яъне ин чиз бе пойдевор набуд ва ин ҷаласа бо машварати қаблӣ сурат гирифт.

– Албатта, табиист, ки ҷалби дигар ҳамфикрон ниёз ба вақт ва омодагӣ дорад. Ҳоҷии муҳтарам, лутфан бигӯед, ки нишастҳои сиррии Шумо чанд муддат давом кард?

– Тақрибан ин кор ҳудуди ду сол сиррӣ буд ва ҳатто баъди ду сол ҳам натавонистем аз таъсиси ин созмон ошкоро суҳбат намоем, балки мо барномаҳои худро бо ин ё он шакл ошкор менамудем. Барномаҳои мо низ сирф сиёсӣ набуданд, балки барномаҳои аввалини мо, ин алайҳи баъзе расму ойинҳое, ки барои мардуми фақир мушкилоти моддӣ меовард, мубориза бурдан буданд. Аз қабили кам намудани сарфу харҷ дар маъракаю маросимҳо, ба танзим даровардани дарсҳо ва истифода аз баъзе китобҳои наве, ки бо ҳар роҳ ба дасти мо мерасид ва мо дар он ниёзи ҷомеаро медидем. Як чизеро, ки дар барномаҳои дарсӣ илова намудем, ин аҳамият додан ба тарбияи шогирдон дар баробари таълим буд, ки мавриди дастгирии аксари уламо, ба хусус ҷавонон гардид. Ҳатто мавзӯъи суҳбатҳои нахустине, ки мо дар маъракаҳо анҷом медодем, даъвати мардум ба одобу ахлоқ буд, ки агар мақомоти амниятӣ ин суҳбатҳоро мешуниданд, ягон суханони зиддиқонуниро дар он пайдо карда наметавонистанд.

– Муҳтарам домулло! Баъди ин ҷаласаи таърихӣ, ҷаласаҳои дигари Шумо муназзам буданд ва ё дигар чанд муддате қатъ гардиданд?

– Албатта, ба монанди имрӯза ҷаласаҳои мо муназзам набуданд ва вақти муайян надоштанд. Дар ҷаласаҳо тамоми қарорҳо шифоҳӣ буданд ва мо барои нигоҳ доштани сиррияти он чизеро рӯи қоғаз намеовардем. Бинобар ин, ҷаласаҳои мо тибқи зарурат сурат мегирифтанд ва ҷойи муайяне барои баргузории онҳо вуҷуд надоштанд.

– Чунончи маълум аст, Шумо дар ин нишаст устод Нуриро ба ҳайси роҳбар интихоб намудед, вале дигар муассисон чӣ масъулиятҳоро ба зимма гирифтанд?

– Дар аввалин ҷаласае, ки мо баргузор намудем, устодро ба ҳайси роҳбар интихоб намудем, на раис ба мафҳуми имрӯза, балки роҳбари ин гурӯҳ. Ва эшон дар ҳамон нишаст оиди баъзе масоили сиёсӣ суҳбат кард. Бародар домулло Неъматуллоҳ низ дар мавзӯъи баъзе масоили сиёсӣ ва иҷтимоъӣ суҳбат кард. Ва дар ҳамон нишаст масоили сиёсӣ бар зиммаи домулло Неъматулло вогузор карда шуда, вохӯрию суҳбат бо олимони

минтақа ба дӯши ман гузошта шуд. Ман ёддошт ва хотироте навишта истодаам, ки ба наздикӣ чоп хоҳад шуд ва тафсилоти бештаре дар он хоҳад омад.

– Соли 1992, дар айёми ҷанги шаҳрвандӣ манзили Шумо дар Қӯрғонтеппа тирборон шуд. Шумо дар ин ҳолат куҷо будед?

– Ин ҳамон манзиле буд, ки Наҳзат дар он ҷо таъсис шуда буд. Илова бар ин, дар ҳамин хона нишастҳои зиёде сурат мегирифт ва чандин масоили фарҳангию иҷтимоъӣ баҳсу баррасӣ мешуд. Ҳамчунин маҳз дар ҳамин хона чанде пештар нишасте миёни гурӯҳҳои даргир сурат гирифта ва онҳо ба тавофуқ расида, бо ҳам оштӣ карда буданд.

– Рӯзе аз дохили гарнизони СНГ, ки дар шаҳри Қӯрғонтеппа воқеъ шуда буд, танкҳо берун омада ҳамла намуданд ва ҷангро дубора шуруъ карданд. Ба гумони ман, падари шуморо ҳамон рӯз ба шаҳодат расонданд. Баъд аз берун омадани танкҳо бенизомӣ шуруъ шуд ва ҳар кас дар фикри ҷони худ буд. Ман ва қорӣ Муҳаммадҷон, ки яке аз муассисони Наҳзат аст, якҷоя ба тарафи хонаи мо равон шудем. Роҳи оҳан аз назди манзили мо мегузашт, ман аз қорӣ Муҳаммадҷон хоҳиш кардам, ки дар он тарафи роҳи оҳан маро мунтазир шавад, то мошини худро аз ҳавлӣ берун барорам ва якҷоя ба ягон ҷо равем. Қорӣ Муҳаммадҷон ба он тарафи роҳи оҳан гузашт ва ман вориди манзил шудам. Вақте дарвозаро кушодам, дидам, дар рӯ ба рӯи манзили ман БТР истода ва мили худро ба тарафи дарвозаи ман гардондааст. Дар БТР СНГ навишта шуда буд. Ман фавран дарвозаро пӯшида, ба хона даромадам. БТР шурӯъ кард ба тирборон кардани дарвоза ва хонаи мо ва ман зуд аз қафои манзилам баромада гурехтам. Хушбахтона, тири БТР ба ман нарасид.

– Ба фикрам, ин ҳамон рӯзест, ки дар шаҳри Қӯрғонтеппа дар назди кинотеатри «Ватан» гирдиҳамоӣ шуд ва Шумо суханронӣ кардед, Қуръон ҳам хонда шуд ва ба мардум дуъо додеду ҳама ба хонаҳо баргаштанд.

– Бале, бале, дигар ҳама ором менамуд, аз ягон ҷангу ҷанҷол хабар набуд. Баъди пароканда шудани мардум ба ногоҳ садои снайперҳо ба гӯш расидан гирифт, ки мардумро ба нишон мегирифтанд ва яке аз тирҳо наздик буд ба қорӣ Муҳаммадҷон расад. Ҳамаба ҳар тараф рафтанд ва мо низ роҳсипори манзиламон шудем.

– Дар Афғонистон Шумо дар шаҳри Тахор масъули муҳоҷирин ва дар шаҳри Ҳирот раиси дафтари ИНОТ будед. Оиди масъалаи муҳоҷирону мушкилоти эшон кадом хотироте доред?

– Ман аз Афғонистон хело хотираҳо дорам. Дар аввал ҳаминро бояд қайд намоям, ки ба андешаи ман, ҳама тибқи нақша буд ва мехостанд моро аз дарё он тараф биронанд. Яқин доштанд, ки нисфи мо аз гуруснагӣ хоҳем мурд, зеро онҳо медонистанд, ки афғонҳо худ дар ҳолати сахтӣ ба сар мебурданд ва имкон надоштанд, моро қабул кунанд. Аммо бар хилофи гумони онҳо, миллати афғон моро хело хуб қабул карданд ва як бурдаи нони худро бо мо тақсим карданд ва ҳатто дар хонаҳои худашон ҷо доданд. Наҳзат, ки як созмони муназзам буд, дар баробари миллат эҳсоси масъулият намуд ва бо иродаи қавӣ

мардумро даври ҳам ҷамъ кард ва дар ҳамкорӣ бо созмону ҷамъиятҳои хайриявии ҷаҳони Ислом талош намуд, то эҳтиёҷоти мардумро бароварда кунад. Албатта, инро бо забон гуфтан осон аст. Шумо тасаввур кунед, ки беш аз сад ҳазор муҳоҷир, тақрибан дар як замон, ба хоки давлати Исломии Афғонистон ҳиҷрат намуданд ва чизе бо худ надоштанд. Ин ҳамаро бо хӯроку ҷой таъмин кардан ниҳоят вазнин буд, вале бо лутфу карами илоҳӣ ва дастгирии мардуми ба мо дӯсту бародари афғон. Наҳзат аз ӯҳдаи ин кор баромад. Ман ба ҳайси дафтардори Наҳзат дар ғарби Афғонистон дар шаҳри Ҳирот будам ва аз мардуми ин минтақа хело хубиҳо нисбати муҳоҷирин дидам, ки ҳаргиз наметавонам онро фаромӯш намоям. Волии ин минтақа аз Ҷамъияти Исломӣ Муҳаммад Исмоилхон буд ва нисбати мо муҳоҷирон дилсӯзии зиёд зоҳир мекард.

– Баъди реҳлати устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бисёриҳо азояндаи Наҳзат нигарон буданд ва табиист, ки Шумо ҳамчун муассис бештар нигаронӣ доштед. Оё гумон мекардед, ки раҳбарии ин ҳизбро ҷавоне ба монанди Муҳиддин Кабирӣ ба даст мегирад?

– Мехоҳам инро қайд кунам, ки муассисони Наҳзат вақте онро таъсис доданд, ҳама ҷавон буданд ва ҳамеша ҷавонон дар он фаъолияти бештар доштанд. Мо ҳатто дар замони таъсис талош намудем, як нафареро ба ин созмон ҷалб намоем, ки аз таърихи гузаштаи халқи тоҷик огоҳ бошад. Натавонистем пайдо намоем. Ба фикри ман, агар он замон мо аз гузаштаи миллати худ ва таърихи ҷунбишҳои он хубтар огоҳ мебудем, шояд ин ҳодисаҳои нохуш такрор намешуданд. Барои мо муҳим буд, ки ақаллан таърихи ҷавонбахтиёри Бухоро, таърихи Бухоро ва муборизаҳои шадидеро, ки аҷдодони мо барои озодии миллатамон кардаанд, меомӯхтем. Мо дар лаҳзаҳои аввал аз насли солхӯрда натавонистем касеро пайдо намоем ва аксарият ҷавонон будем. Ман омили баъзе иштибоҳоти соли навадро дар набудани насли калонсол ва таҷрибадору сиёсатшинос мебинам. Ба андешаи ман, ҷавонгароӣ набояд маънои онро дошта бошад, ки ҳама аъзои ҳизб бояд ҷавонон бошанд. Касе, ки масъулияти баландеро дар ҳизб ба ӯҳда мегирад, ҳатман бояд обутобёфта ва сахтиҳоро паси сар карда бошад. Агар афроде, ки собиқаи чандсола дошта, ин мактабро гузаштаанд, дар бари мо набошанд, имкон дорад, ки дар оянда ба иштибоҳоти бузург роҳ диҳем. Лизо, ман дар ҳақиқат таваққуъ надоштам, ки оқои М. Кабирӣ роҳбари Наҳзат хоҳад шуд. Аммо вақте устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ аз бародар Муҳиддин Кабирӣ розӣ буд ва ӯро борҳо ба муовинии аввал пешниҳод намуд ва аҳли Раёсат пешниҳоди Устодро дастгирӣ кард, ман бовар ҳосил кардам, ки Устод дар пешниҳод иштибоҳ накардааст. Ба ростӣ, гарчи М. Кабирӣ он вақт ҷавон буд, аз улуми сиёсӣ хуб бохабар аст ва лаёқатманд ва дастпарвари ҳамин мактаб аст. Он кас дар муддати кӯтоҳ тавонист корҳои зиёдеро анҷом диҳад ва ҳизбро ба самти дуруст бурда истодааст.

– Инак, Наҳзат 40сола шуд ва Шумо метавонед бигӯед, ки аз фаъолияти феълии ҲНИТ розиед.

Доир ба фаъолияти феълии Наҳзат ман ҳаминро гуфтаниям, ки аз ин ки Наҳзат имрӯз расмист ва вуҷуд дорад, хело хурсандам ва бо худ меболаму умедҳои зиёд дорам. Аммо гумон мекунам, фаъолияти он нисбат ба он фаъолятҳое, ки дар даврони Шуравӣ

менамуд, заъифтар шудааст. Шояд сабабаш дар он бошад, ки майдони фаъолияти Наҳзат имрӯзҳо васеътар шудааст ва ба ҳар ҳол умед дорам, ки дар оянда фаъолияти мо хубтар ва беҳтар хоҳад шуд.

– Ба унвони яке аз муассисон Шумо метавонед бигӯед, ҳадафҳое, ки чиҳил сол қабл ба хотири он Наҳзат таъсис шуда буд, имрӯз кадоми онҳо иҷро шуда?

– Яке аз ҳадафҳои аслии мо, ин фаъолияти озоди ин ҳаракат буд, ки Худоро шукр, анҷом ёфт. Дигар, чандин ҳадафҳои мо то ба ҳанӯз амалӣ нашудаанд ва ман дар ин маврид айбро дар Наҳзат намебинам. Барои мисол, барномаи нахустин ва асосии мо кор бо уламо ва донишҷӯёни исломӣ буд, ки соли 1987 мо пурра ба он муваффақ шуда будем. Дар шаҳри Қӯрғонтеппа ҷавонони наҳзатӣ беш аз 1000 талаба доштанд ва аксари ҳалқаҳои дарсии кишварро ба таври мустақим ё ғайри мустақим зери контрол дошт. Ҳамчунин ҳеҷ ҷамъомадеро наметавонистем бидуни ширкати фаъоли ҷавонони наҳзатӣ тасаввур намоем. Имрӯз Наҳзат аз инҳо чизеро дар даст надорад, на таълиму тарбияро дар даст дорем, на метавонем дар ҷамъомадҳо мардумро даъват намоем. Албатта, моро қонунан манъ намудаанд ва зӯран моро хомӯш кардаанд.

– Ба андешаи Шумо, дар оянда ҳизб дар кадом самт бояд бештар фаъолият намояд?

– Ба андешаи ман муҳимтарин самти фаъолияти Наҳзат дар оянда кор бо ҷавонон аст. Мо барои тарбияи насли ҷавон бештар барномарезӣ намуда, пайи иҷрои он талоши зиёд намоем. Саъй намоем, то ҷавонон имкони бештар ёбанд ва ба кишварҳои дигар ҷиҳати омӯзиш сафар кунанд, то аз таҷрибаи дигарон истифода баранд.

Наҳзат дар сиёсати хориҷии худ хело муваффақ шуда ва мавриди эҳтиром ва эътирофи ҷаҳониён қарор гирифтааст. Аз ин истифода намуда, тамоми талошро барои кор бо ҷавонон равона намоем, беҳтар мешавад.

– Ба назари Шумо, Наҳзат бояд барномаҳои дигари худро лағв намояд ва фақат барои тарбияи ҷавонон машғул шавад?

Барои мо на парлумон даркор аст ва на вазифа, ба андешаи ман, кор бо ҷавононро қавитар намоем ва дар ин самт муваффақ шавем, ба ҳадафи асосии Наҳзати Исломӣ хоҳем расид. Агар ҷавонон бо мо бошанд, ҳама чиз бо мо хоҳад буд.

– Саволи охирин, лутфан бигӯед, оё Шумо дар бораи худ ва таҷрибаҳои чилсолаатон чизе навиштанӣ нестед?

– Ба ростӣ, ман китобе навишта истодаам, ки инъикосгари лаҳзаҳои таъсис ва таҷрибаҳои Наҳзат мебошад. Албатта, шахсияти ман низ дар ин китоб инъикос меёбад ва дар ҳоли ҳозир ба ҳамин китоб иктифо мекунам. Ҳамчунин дар ин китоб талошҳои садсолаи тоҷикон ва таърихи ҷунбишҳои миллӣ ва исломии онҳоро овардаам.

Мусоҳиб: А. Ваҳҳоб

**Мусоҳиба бо собиқадори Наҳзат**

**Қиёмиддини Ғозӣ**

**«Бояд ҳамагӣ бо дасту чанголи мустаҳкам Наҳзатро ҳифз намоем ва аз чизе ҳарос надошта бошем ва мутмаин бошем, ки иншоаллоҳ рӯзе дарахтони ин боғ ба самар мерасад».**

Эшони Сайид Қиёмуддини Ғозӣ 21уми марти соли 1952 дар деҳаи Қаламтуғайи ноҳияи Ҳисор дар хонаводаи рӯҳонӣ ба дунё омадааст. ӯ мактаби миёнаро дар деҳаи Қараяғоч ба итмом расонида ва маълумоти зарурии диниро дар назди падари худ меомӯзад, сипас дар назди баъзе асотиди ҳамон замон амсоли домулло Сафаралӣ, қорӣ Аҳмадҷон, домулло Икромва Мавлавӣ Муҳаммадҷони Қӯқандӣ ба омӯзиши улуми исломӣ машғул мешавад. Аз овони ҷавонӣ бо устод Нурӣ ошно шуд ва аз ибтидои таъсис бо ҳаракати Наҳзат буд ва яке аз узви фаъоли он ба шумор мерафт. Солҳои 1982 чун ҳаракати Наҳзат бахши кор бо донишҷӯёнро таъсис дод, муддате масъулияти ин бахшро ба зимма дошт. Аз соли 1990 имомхатиби масҷиди ҷомеъи ноҳияи Ғозималик таъин шуд ва ҳамзамон дар мадрасаи ба номи Имом Тирмизӣ дарс медод. Солҳои 19921997 ба ҳайси муҳоҷир дар Давлати Исломии Афғонистон ба сар мебарад. Дар солҳои муҳоҷират ба риштаи ҳуқуқи Донишгоҳи шаҳриКобул дохил шуда, онро бомуваффақият хатм менамояд. Сипас дар аспирантураи Донишгоҳи Лоҳури Покистон таҳсил мекунад. Баъди ба имзо расидани Созишномаи сулҳ ва ризояти миллӣ ба ватан баргашта, ба унвони узви КОМ дар амалӣ шудани Созишномаи мазкур ҳиссаихудромегузорад.

Оиладор ва соҳиби фарзанд аст.

– Ҳазрати Эшон, дар ибтидо Шуморо ба муносибати чиҳилумин солгарди таъсиси Наҳзати Исломӣ, табрик мегӯем!

– Ташаккур бародари азиз, ман низ дар навбати худ чилсолагии ҳизби фархундапайро ба ҳамаи бародарон табрик мегӯям, аз Худованд мустадом будану хидматгузор будани ин ҳизбро таманно дорам. Чилсолагиро синни рушду камол мегӯянд ва ман аз ин сана фоли некро мебинам ва умедворам аъзову пайравони Наҳзат оқилонатар, бофарҳангтар ва сиёсатмадортар ҳаракатро пӯё бошанду матлабро ҷӯё.

– Фикри бедории исломӣ кай дар зеҳни шумо ба вуҷуд омад ва дар ин самт шуморо чӣ касе кӯмак кард?

– Аввалин бӯи хуше, ки ба машоми мо расид, аз домулло Аҳмади Бухороӣ буд, ки эшон дар ноҳияи Рӯдакии имрӯза зиндагӣ мекард ва аз муҷаддидони Бухоро буд. Он кас ба хонаи мо ҳудуди 50 сол рафтуомад дошт ва хеле аз шумораҳои рӯзномаи «Бухорои Шариф» ва дигар рӯзномаҳоеро, ки мусалмонони тараққихоҳи замон чоп мекарданд, нигаҳ медошт. Аз воқеъаҳо ва муборизаҳои мусалмонони охири асри нуздаҳ ва аввали асри бист маълумоти зиёд дошт. Худованд дар умрашон баракат дода буд ва сад сол бештар зиндагӣ кард ва бо номи домулло Диёр машҳур буд ва устоди нахустини ман ба шумор меравад. Устоди дигари ман домулло Ориф буд, ки дар кӯчаи Борбад зиндагӣ мекард ва ман ақида, исломшиносӣ ва худошиносиро назди он касс такмил додам. Устоди дигарам домулло Икром дар Намангон буд ва ман муддате дар он ҷо таҳсил намуда будам. Вақте устодамон домулло Икром вафот кард, мо аз Намангон баргаштем ва бо номае, ки аз устоди худ домулло Икром доштем хидмати ҷаноби Мавлавӣ Муҳаммадҷони Ҳиндустонӣ омадам. Дарсҳои мо назди Мавлавӣ хело сиррӣ буданд ва гоҳо шабҳо соатҳои сечор баргузор мешуданд. Шавқу ишқи хондан он қадар моро фаро гирифта буд, ки эҳсоси хастагӣ ва нороҳатӣ намекардем. Дар ҳамон замон агар инсон ишқи ба Худо, ишқи ба Пайёмбару ба Ислом надошта бошад, ҳаргиз наметавонист он сахтиҳоро таҳаммул намояд. Қадамқадам ҳам шавқи маърифату илмомӯзӣ дар дили ман роҳ мекушод ва ҳам ҳаракат, ки аввалаш аз мулло Аҳмад шуруъ шуд, сипас домулло Икром ва Муҳаммадҷони Ҳиндустонӣ. Агар бигӯям, ин се нафар ҳаракатӣ набуданд ва ё дӯстдори Наҳзат набуданд ин хато ва иштибоҳ аст. Инҳо абармардони замони худ буданд. Аз баъзе касон гоҳо мешунидам, ки гӯё инаш бо онаш рақобат доранд, ҳамдигарро бад мебинанд, вале ман ин намуд суханонро такзиб мекунам. Сахтии он замон ва мушкилоте, ки онҳо дида буданд, воқеан мӯъминҳои воқеъӣ ва мусалмонони содиқ буданд, ки ҷонро фурӯхтанду имонро хариданд ва шаб намехобиданд ва аз касе тамаъи чизе надоштанд. Аз он рӯзҳо дар дили мо андешаҳои ҳаракат пайдо шуд.

– Нахустин бор бо устод Нурӣ кай ва чӣ тавр ошно шудед?

– Ошноии ман бо марҳум Устод Нурӣ солҳои 6970 сурат гирифт ва дар он айём ман тақрибан ҷавони 17сола будам. Айёми муллобачагии ман буд ва дар манзили бобои Саъдуллоҳ, ки аз ақрабои падарарӯси Устод Нурӣ ва ҳамсояи эшон буд, зиндагӣ мекардам. Рӯзе устод Нурӣ ҳамроҳи волидайни худ аввал ба хонаи бобои Саъдулоҳ омаданд ва аз ҳамин ҷо барои хостгорӣ ба манзили бобои Раҳим рафтанд. Устод бо ман танҳо монд. Аз ҳамон замон бо ҳам ошно шудем ва ҳар бор ба хонаи падарарӯсаш меомад, ба ҳуҷраи зисти мо медаромад ва бо ҳам сӯҳбат мекардем ва дар миёни мо дӯстию бародарӣ оғоз шуд ва ба тадриҷ устувортар шуд. Ҳамчунин падари эшон ҳам бо падари ман ошно шуд ва падарон бо ҳам ва фарзандон бо ҳам дӯстӣ карданд ва ин дӯстӣ то охири умр идома ёфт. Ҳанӯз ҳам бо рӯҳи эшон дустӣ дорем ва моҳе нест, ки чанд бор Устодро дар хоб набинам, дусташ медорам, хидмат кард ва Худованд барои хидматҳояш аҷр бидиҳад. Соли 1972 дар манзили падари эшон соатҳо нишаста сӯҳбат кардем ва ба як тавофуқ расидем. Мо аз хушӣ бархостем ва баландбаланд гиристем ва ба худ аҳд кардем,

ки ин корро шуруъ мекунем. Дар ҳамин вақт дарвоза боз шуд ва бародари устод Ҳабиб дохил шуд ва ин ҳоли моро шоҳид буд. Аз он ба баъд мо барои пайдо кардани дӯстони хуб барои ин ҳаркат шуруъ намудем. Як сол баъд боз панҷ нафар нишастем ва барои таъсиси ҳаракат суҳбат кардем, ки дар он суҳбат марҳум устод Нурӣ, қорӣ Муҳаммадҷон, Бародар Неъматуллоҳ, Бародар Қаландар буданд. Пас, машваратҳо соли 72 дар манзили падари эшон ва бо ҳам таааҳҳуд кардани ману Устод ва билахира таъсиси он дар манзили ҳоҷӣ Қаландар нишастани мо панҷ нафар соли 73 сурат гирифтааст. Ман ҳамроҳ бо қорӣ Муҳаммадҷон замоне дар назди домулло Сафаралӣ мехондем ва аз он замон бо ҳам ошноӣ доштем. Вақте мо бо ҳам ваҳдат кардем, дӯстии миёни моро дида Устод Нурӣ моро бародар эълон намуд. Чанд маротибае, ки дар Наҳзат ухувват анҷом мешуд, устод Нурӣ миёни ману бародар Муҳаммадҷон аҳди бародарӣ мениҳод. Худи Устод бо домулло Неъматуллоҳ, ки бо ҳам дар назди домулло Сиёмиддин хонда буданд, бародар эълон шуда буданд.

– Шумо дар назди Мавлавӣ Муҳаммадҷон чанд муддат таҳсил намудед, оё дарси Мавлавӣ дар зеҳни толибилм андешаи озодихоҳӣ эҷод мекард?

– Аз соли 72 ман дар назди Мавлавӣ мехондам ва дарси ман хело махфӣ буд. Дар он замон оқои Нуриддин Тӯраҷонзода ба он ҷо меомад ва мо дӯст будем ва ҳоло ҳам дӯст ҳастем. Аҳди мо бо Мавлавӣ чунин буд, ки набояд касе оиди дарс бидонад. Аллома Раҳматтулоҳ ба он ҷо меомад. Фикру андешаи бедории исломӣ дар ҳалқаи дарсии Мавлавӣ агар мустақиман набошад ҳам ба он ишораҳо мешуд. Эшон азият кашиданд, ҳабс шуданд ва захми зиёд бардошта буданд, бинобар ин, бо ҳикояҳову ашъор моро ба таҳрик меоварданд, вале ба таври равшан баён намекарданд. Аммо бояд донист, ки бедороии динӣ самараи хидмати инҳо буд. Солҳои 1973 фишор болои эшон бештар шуд ва дигар мариз шуданд ва ҳалқаи дарсии ӯ қатъ гашт.

– Чӣ боис шуд, ки шумо ҳалқаи дарсии Мавлавиро гузошта, дунболи ҳаракати исломӣ омадед.

– Ман қабул надорам, ки дарси устодро тарк карда, ба самти дигар рафта бошам. Дар баробари анҷом додани корҳои Наҳзат, мо ҳалқаҳои дарсии худро доштем ва мо ҳалқаи дарсиро як соат ҳам мутаваққиф накардем, ҳатто дар сахтарин соатҳо. Аз тарафи дигар то дунёро падруд гуфтани Мавлавӣ ман ба хидмати эшон мерафтам, ҳар ҳафта агар як соат таъхир мекуардам, устод нороҳат мешуд. Ҳазрати Мавлавӣ баъди солҳои 1973 ҳалқа доштанд ва пинҳонӣ дарс мегуфтанд. Ман ҳар ҳафта рӯзҳои панҷшанбе, соатҳои 67 субҳ хидаматашон мерафтам. Ҳамеша чун ба ҳузури эшон мерафтам, маро бисёр таҳрик мекарданд. Инсони ғайри маъсум ҳамеша ба як муҳаррик, ба мавъиза ва насиҳат ниёз дорад. То замоне, ки ин бузургон буданд, мо ба онҳо эҳтиёҷ доштем ва ба хидматашон мерафтем. Ман ба назди ҳама уламо ва донишмандон мерафтам ва барои ҳамаи домуллоҳо фазл қоилам. Ҳазрати Мавлавӣ адабиёти араб, адабиёти форсро хуб дарс мегуфтанд. Дар ҳалқаи дарсии домулло Абдурашид самти имрфонӣ бештар буд, вале хидмати Мавлавӣ мерафтем эшонро як уқёнус меёфтем. Агар ба эшон саволе матраҳ мешуд, зарфияти инсонро ба назар гирифта, посух мегуфт.

– Ба андешаи шумо, оё ҲНИТ имрӯз аҳдофу ормонҳои муассисинро амалӣ карда истодааст, ё…?

– Ба ростӣ, ман дар хусуси Наҳзат бисёр мешунавам, вале одат надорам дар асоси шунида ҳукм намоям. Ман шахсан худ он қадар маълумоти бевосита надорам, бинобар ин, чизе гуфта наметавонам. Ба ҳар ҳол зиндаанд, пуёанд ва агар Аллоҳ лутф кунад, боз зиндатару пуётар мешаванд.

– Шумо яке аз шахсиятҳои асил ва калидии Наҳзат будед ва дар ин роҳ заҳматҳо кашидед, чӣгуна ба худ иҷоза медиҳед, ки натиҷаи заҳматҳои худро вогузоред? Агар дар дохили Наҳзат нестед, чаро ақалан аз берун ахбори онро пайгирӣ ва роҳнамоӣ намекунед?

– Паёмбар (с) 13 сол дар Макка асҳоби гиромиро тазкияи нафс мекарданд, таълим медоданд ва маърифат меомӯхтанд. Вақте зарурати ҳиҷрат пеш омад, ҳиҷрат намуданд, вақти зарурат гурусна мешуданд ва ба як ғоре паноҳ мебубурданд, замони ҷанг меҷангиданд ва замони мусолиҳа сулҳ мекарданд. Ин тиғйири тактикии Паёмбар ҳатто ба баъзе саҳобагон ҳамчунон номафҳум монд. Мо аз таърих медонем, ки иддае бо бандҳои сулҳи Ҳудайбия норозӣ буданд ва иддае дар ҷанги бадр гуфтанд, ки мо омодаи ҷанг нестем. Силсилаи насаби ман ба ҳазрати Муҳаммад (с) тавассути Имом Муҳаммади Тақӣ мерасад ва ҳаргиз ман масъулиятро аз душ холӣ накардаам. Гоҳо масъулияти як фард таълиму тарбии афрод ва фиристодани он ба ҳаракат аст, ки ман анҷом дода истодаам, гоҳо вуҷуди як шахс дар ҳаракат ба он ҳаракат зарар меоварад ва дар ин сурат хидмати ин нафар дур шудан аз ҳаракат аст. Ман тамоми корҳо ва фаъолиятҳоеро, ки дар он замон анҷом медодам, имрӯзҳо ҳам анҷом медиҳам ва рӯзе нест, ки касеро дарси ирофон надода бошам.

– Замоне шумо дар ҳаракат масъулияти роҳбарӣ ва иртиботи ҳалқаҳои ҷавоонон ва донишҷӯёнро ба ӯҳда доштед. Наҳзат барои ба донишгоҳҳо ворид шудани ҷавонони наҳзатӣ чӣ саҳме гузошт?

– Дар ҳама давру замон ва барои ҳама миллатҳо иртиботи уламои дин бо донишгоҳ аз ҷумлаи заруриёт аст. Замоне буд, ки донишмандони динӣ мардуми донишгоҳ ва ба хусус муаллимонро мусалмон намешумориданд ва ҳамчунин донишмандони донишгоҳ рӯҳониёнро ба ҳайси олиму донишманд қабул намекарданд. Барои эҷоди иртибот ва алоқа миёни ин ду қишри муҳимми ҷомеъа мо хело фикр мекардем ва нақшаҳо мекашидем. Масъулияти кор бо донишҷӯёнро муддате ба души ман гузошта буданд ва дар ин самт хело корҳоеро тавонистем анҷом диҳем. Саҳми Наҳзат аст, ки тавонист ин ду қишро ба ҳам бипайвандад ва нафрату бадбиниро аз миёни онҳо бардорад. Дар Тоҷикистон нахустин шуда пайравони ин мактаб ба сару либси худ аҳамият медоданд ва ҳамранги ҷомеъа мешуданд. Маҳз муллобачаҳои ин мактаб нахустин шуда ба донишгоҳҳо дохил шуданд. Мо тавонистем чанд нафар донишҷӯёнро тарбия намоем ва иддае аз онҳо имрӯз дар Наҳзат кору фаъолият мекунанд. Дигар дар дарсҳои мо ҳам дигаргуниҳо дида мешуд зеро кор бо донишҷӯён малака ва маҳорати хосеро талаб мекард. Дигар мо барои фаҳмонидан ва шарҳи оятҳо аз тафсирҳои муосир истифода мекардагӣ шудем. Барои

мисол, вақте оят дар бораи осмон мебуд, мо осмонро шарҳи илмӣ медодем ва дар хусуси илми нуҷум аз астрономия ва география истифода менамудем. Дар тӯли чанд соли фаъолият Наҳзат тавонист даҳҳо устодони донишгоҳ ва садҳо донишҷӯро сайқал диҳад, ки дар натиҷа онҳо мӯъминони қавиирода ва дорои ахлоқи накӯи исломӣ гардиданд. Мо аз миёни онҳо нафарони мавриди эътимодро интихоб ва ба ҳаракат ҷалб менамудем.

– Барои рушд ва пешрафти ҲНИТ чӣ тавсия мекунед?

– Масъулини ин ҳаракат дар ҳар ҷое, ки бошанд, бояд дар канори мардум бошанд. Барои раиси муҳтарам, Муҳиддини Кабирӣ хело дуои хайр мекунам. Эшон дар ин рӯзҳои сахту айёми сангин хело оқилона кор карданд ва бо роҳҳои санглоху сарзаминҳои пурхор ин киштии тӯфонзодаро баъди рафтани Устод иддора карданд. Вақте инсон кор мекунад, заъфу қуввати ӯ маълум мегардад ва агар ҳеҷ кор накунад, касе пушти сараш чизе намегӯяд. Бародар Кабирӣ ҷавони боҳиммату боғайрат аст ва атрофиёни ӯ ба ҳама сахтӣ ва мушкилот нигоҳ накарда, тавонистанд ин киштиро то ба ин ҷо расонданд. Худованд имону аъмоли эшонро тақвият кунад ва дар идомаи кору фаъолият ҳаргиз хастагию заъфро дар дил роҳ надиҳанд. Аз ҷавонони Наҳзат хоҳиш мекунам, ки ёде аз даврони садри Ислом намуда, қиссаи ҷавононе ба монанди Аммор, Билол, Сумайя, Зайд ва дигар саҳобагони ҷавонро биёмӯзанд ва аз он дарси ибрат бигиранд. Мо бо шумо ҳастем ва дуогӯи шумо мебошем ва ҳаргиз худро аз шумо канор намедонем. Агар дар ҳарими боғ як буз дохил шавад, боғбон нороҳат мешавад ва барои ҳифзи ниҳолҳояш чора меандешад. Наҳзат ба монанди боғест пур аз мева ва ин боғ танҳо моли шумо нест, Наҳзат моли ман, моли шумо ва моли ҳамаи мусалмонҳост. Бояд ҳамагӣ бо дасту чанголи мустаҳкам Наҳзатро ҳифз намоем ва аз чизе ҳарос надошта бошем ва мутмаин бошем, ки иншоаллоҳ рӯзе дарахтони ин боғ ба самар мерасад. Худованд устод Нуриро раҳмати бепоён кунад ва ҳамчунин гузаштагони ин ҳаракат ва шуҳадои Наҳзатро мавриди раҳмат бифармояд.

Мусоҳиб: А. Ваҳҳоб

**Мусоҳиба бо узви Раёсати Олии ҲНИТ Убайдуллоҳи Файзуллоҳ**

**«Вақте як ҳаракати исл омиро намегузоранд ба таври шаффоф ва дар чорчӯби қонунҳои амалкунанда фаъолият намояд, табиист, ки гурӯҳҳои ифротӣ ҷойгузини он мегардад.»**

Файзуллоев Убайдулло Ҳабибуллоевич, соли 1952 дар шаҳри Тошканти Ҷумҳурии ӯзбекистон дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудааст. Мактаби миёнаро то синфи 4ум дар шаҳри Тошкант ва аз он пас дар шаҳри Истаравшан хондааст. Соли 1974 Донишгоҳи политехникии Тоҷикистонро хатм мекунад ва дар соҳаҳои кориҷрокунанда (прораб), сардори қитъа, сардори шуъбаи барномарезӣ, сардори шуъбаи техникӣ, сармуҳандиси Колонаи сайёри механиконидашудаи рақами 118и Вазорати сохтмон, ҳамчунин сардори корхонаи хусусӣ кор кардааст.

ӯ маълумоти диниро аз бобояш қорӣ Фазлуллоҳ, ки аз донишмандони давр буд, гирифтааст. Аз соли 1989 ба сафи Наҳзат пайвастааст ва соли 1991 дар нахустин Конфронси ҲНИТ раиси шуъбаи вилояти Суғд интихоб шуд. Баъди ҳаводиси солҳои 1992 ба Маскав ҳиҷрат намуда, соли 1994 ба бахши москвагии ҳаракати Наҳзат ҳамроҳ шуд. Баъди такроран бақайд гирифта шудани ҲНИТ ба ҳайси ноиби раиси шуъбаи вилоятии ҳизбӣ дар вилояти Суғд ба фаъолияти ҳизб шуруъ намуд. Солҳои 20062009 ба ҳайси раиси шуъбаи ҲНИТ дар вилояти Суғд ва солҳои 2009–2010 дар марказ ба ҳайси ноиби раиси шуъбаи Ташкилӣ ва назорат фаъолият намуд. Феълан узви РО буда, ба симати ноиби раиси шуъбаи Омор ва назорат фаъолият дорад.

Оиладор ва соҳиби фарзанд аст.

– Акои Убайдулло! Мо дар арафаи ҷашн қарор дорем, Шумо ба ин муносибат гуфтание доред?

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон ва дуруд ба Паёмбари гиромиқадр. Аз фурсат истифода бурда, ҳамаи бародарон ва хоҳарони ҳамфикр, ҳаводор ва мӯъмину мусалмонро ба муносибати ҷашни 40–солагии ҲНИТ муборакбод намуда, ба онҳо дар фаъолиятҳои дунявию ухравияшон бурдбориҳоро аз даргоҳи илоҳӣ хоҳонам.

– Шумо Донишгоҳи политехникиро хатм намуда, муддати зиёде дар корҳои сохтмонӣ кор кардед. Мегуфтед, ки шуморо ба Наҳзат чӣ пайваст?

– Алҳамдулиллоҳ, ман дар оилаи диндор ба дунё омадаам, бобоям ҳоҷӣ Қорӣ Фазлуллоҳ олими шинохтаи вилоят буданд. Ман аз 5 солагӣ бо заҳмати модари мушфиқам, алифбои хати Қуръонро аз худ намуда, дар фазои худшиносӣ ва худошиносӣ тарбия гирифтаам ва аз кӯдакӣ пойбанди умури диниам. То хатми мактаби миёна ба саъю талоши волидайнам ба ғайр аз маълумоти миёна, маълумоти динӣ гирифтам. Ба илова, банда аз кӯдакӣ аз суҳбатҳои бобоям, ки донишманди озодандеш ва озодихоҳ буданд, файз бар мешудам ва фазои хонавода маро ба зиндагӣ кардан дар чорчӯби шариати исломӣ варзиш дода буд. Бинобар ин, аз шеваи зиндагии онрӯзаи мардум қаноатманд шуда наметавонистам ва пайваста орзу мекардам, ки зиндагӣ дигаргун шавад, боварҳо ва ахлоқи инсонҳо тағйир ёбад. Аммо чӣ тавр? Бо кадом роҳ? Ин гуна саволҳо хеле зиёд буданд, ки ҷавобашонро пайдо карда наметавонистам.

Рӯзе домулло Абдурраҳими Сафозода маро ба деҳаи Чоркӯҳи ноҳияи Исфара фиристоданд ва ман дар он ҷо бо чанд бародари наҳзатӣ шинос шудам. Ва аз ин тариқ ба равиши фаъолияти наҳзатиҳо, бо мақсаду маром ва ормонҳои пайравони ин созмони исломӣ ошноӣ пайдо кардам. Ҳамин ошноӣ маро ба Наҳзат овард, чун бовар кардам, ки гумкардаамро ёфтам.

– Шумо гуфтед, дар Тошкант ба дунё омадаед, маълум мешавад, ки дар он ҷо хешу табор ва дӯстон доред, ба фаҳмидаи Шумо, дар замони Шуравӣ миёни наҳзатиҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ягон робитае вуҷуд дошт?

– Солҳои 50уми қарни гузашта волидайни маро муҳоҷирати меҳнатӣ ба шаҳри Тошкант овард ва ман дар он ҷо ба дунё омадам ва то синни 10солагӣ дар он ҷо зиндагӣ кардам.

Соли 1991 камина, домулло Абдурраҳими Сафозода ва устои сартарош даъватномаи иштирок дар Анҷумани таъсисии ҲНИи Ӯзбекистонро гирифта, ба шаҳри Тошкант рафтем. Моро хуб пешвоз гирифтанд ва гуфтанд, ки пагоҳ анҷумани таъсисӣ дар яке аз кинотеатрҳои маркази шаҳр баргузор мегардад. Барои рафти тайёриро мушоҳида намудан, ҳамроҳи соҳибхона бегоҳӣ аз маҷлисгоҳ дидан намудем, корҳои хубе анҷом мешуд. Субҳ моро барои иштирок дар Анҷуман бо мошинҳои омодашуда ба макони анҷуман бурданд. Аҷибаш дар ин буд, ки моро на ба тарафи он кинотеатр, балки ба қасри маданияти коргоҳи бофандагӣ бурданд. Мо намози бомдодро дар он ҷо хондем ва Анҷуман соати 6и субҳ кори худро шуруъ кард. Соати 9 вақте Анҷуман тамоми масъалаҳои зарурии ташкилиро ҳал намуд, кормандони мақомоти қудратии Ӯзбекистон ба толор зада даромада, ҳамаи иштирокчиёнро 40 нафарӣ тақсим намуда, ба қитъаҳои умури дохилӣ бурданд. Аҷибаш он ки ҳамаи вакилону меҳмонони Анҷуманро мутахассисони либоси мулкидоштаи русзабон дар давоми се рӯз тафтиш намуда ҷавоб доданд, на кормандони таҳҷоии Вазорати умури дохилаи Ӯзбекистон. Аз маркази Ҳизби Наҳзати Исломии Иттиҳоди Шуравӣ дар кори ташкилии ин Анҷуман бародарон Давлат Усмон аз Тоҷикистон ва Муҳаммад Карачай аз Қафқоз сарпарастӣ ва намояндагӣ мекарданд. Ҳамаи корҳои ташкилии Анҷуман бо маслиҳат ва назорати ин бародарон сурат мегирифт. Ин далели он аст, ки на танҳо миёни наҳзатиҳои Тоҷикистону

ӯзбекистон, балки миёни наҳзатиҳои кулли Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравӣ иртиботи хуб вуҷуд дошт.

– Оё Ҳаракати Исломии ӯзбекистони имрӯзаро метавон идомаи ҳамон Наҳзати замони Шуравӣ донист?

– Ҳаракати Исломии ӯзбекистонро наметавон идомаи Наҳзат гуфт, зеро устод ва асосгузори ин мактаб Аллома Раҳматуллоҳ дар садамаи махсус ташкилшуда ба шаҳодат расонда шуд. Аксари шогирдон ва пайравони ӯро, ки Анҷумани таъсисиро баргузор намуданд, ҳабс карданд ва раиси ҳизб домулло Абдуллоҳи Деҳнавӣ аз маҳбас ба таври мармуз беному нишон гашт, то ба имрӯз дар куҷо будани ӯро касе намедонад. Вақте як ҳаракати исломиро намегузоранд ба таври шаффоф ва дар чорчӯби қонунҳои амалкунанда фаъолият намояд, табиист, ки гурӯҳҳои ифротӣ ҷойгузини он мегардад.

– Сайри таҳаввулии андешаи ҲНИТ аз куҷо оғоз шуд ва чӣ омиле ба рушди андешаҳои мӯътадил дар ҲНИТ таъсир дошт?

– Шукри Худо, асоси тими таъсисдиҳандагони ҲНИи Иттиҳоди Шӯравиро устодони тоҷикистонии мо ташкил медоданд. Онҳо хислатҳои роҳбарияти онвақтаи кишвар ва услуби корбурдро хуб медонистанд, лизо дар ибтидо дар Русия ҳизби наҳзатро таъсис доданд, сипас дар дигар ҷумҳуриҳо. Аз таносуб ва қудрати қувваҳои ҳукуматҳои ҳар ҷумҳурӣ бохабар буданд. Донишу таҷриба, дурандешию замоншиносии ин тим, ки аз асли илм, Қуръон ва суннати ноби Паёмбари гиромиқадр об мехӯрд, дар ташкил ва рафти фаъолият ба эшон кӯмак менамуд. Бинобар ин, эшон ба иштибоҳ камтар роҳ доданд. Аз фитнаҳое, ки дигарон дар роҳи ҳаракат эҷод мекарданд, зуд бохабар мешуданд ва баҳри рафъи он чораҳои саривақтӣ меандешиданд. Устод Нурӣ ва соири раҳбарияти Наҳзат дар таҳаммулпазирӣ улгӯ ва сармашқи некӯ мебошанд.

– Кадом омил ҲИӯро ба як ҳаракати ифротӣ табдил дод?

– Чунончи дар боло ишора намудам, Наҳзати Исломии ӯзбакистон баъди Анҷумани таъсисӣ зери фишори сахти мақомоти давлатии ӯзбекистон қарор гирифт. На танҳо ҳизби Наҳзат, балки ҳама ҳаракатҳои исломӣ дар он ҷо саркӯб шуданд. Ин амали ҳукумат аввалин тухми ифротгароиро дар ӯзбекистон кошт ва парвариш дод. Бархе аз шогирдони Аллома Раҳматуллоҳ, ки оиди Наҳзат ва аҳдофи он маълумоти кофӣ надоштанд ва аз бетаҷрибагӣ ҳар яке худро аллома меҳисобиданд ва якдигарро эътироф намекарданд, ба ҷои иттиҳоду ҳамдилӣ ба доми найранги ҳукуматдорон афтоданд ва дар зери нақораи душман ба айбҷӯии якдигар пардохтанд. Ин тафриқаи онон боис гардид, ки ҳукумати ӯзбекистон аксари онҳоро нобуд созад. Тибқи хабарҳои шунидаи худам тамоми ширкаткунандагони Анҷумани таъсисии Наҳзати ӯзбекистон ҳабс шуда буданд. Албатта, вақте, ки устоди эшон Аллома ваҳшиёна кушта шуд ва устодони дигари онҳоро зиндонӣ намуданд, бақия дигар эътимод ба ҳукуматро аз даст доданд, лизо ба ғайр аз ифрот роҳи дигарро қабул накарданд. Аксари аъзои ҲИӯ аз ҳамин қабиланд, ки аз як тараф ба ҳукумат эътимод надоранд ва аз тарафи дигар шахси донишманди исломӣ ва боилму маърифате дар миёни эшон вуҷуд надорад, ки роҳи ҳалли дигареро ба онҳо нишон диҳад.

– Акои Убайдулло, Шумо муддате дар вилояти Суғд фаъолиятҳои ҳизбиро анҷом додед ва замоне сарварии шъбаи вилоятии Наҳзатро ба зимма доштед. Имрӯз Суғд дар муқоиса ба дигар манотиқ аъзои бештар дорад. Ба андешаи Шумо, чӣ чиз боиси пешравии ин шуъба гаштааст?

– Аввалан, сатҳи худшиносии мардуми ҷумҳурии азизамон қариб баробар аст, вале ба сабаби он ки вилояти Суғд нисбат ба дигар минтақаҳо, аҳолии бештар дорад, табиист, ки теъдоди аъзо низ дар ин вилоят бояд зиёд бошад. Дар вилоят се шаҳри саноатӣ мавҷуд аст, ки шаҳрвандони ин шаҳрҳоро шароит водор намудааст, то аз илми мудирият бохабар бошанд ва аз ҳар ноадолатиҳои иҷтимоӣ дар чорчӯби қонун аз худ дифоъ намоянд. Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон мутобиқи Сарқонуни кишвар амал мекунад ва мардумро мутобиқи ақидаи динӣ ва манофеи онҳо тарбия менамояд ва вакилони воқеии мардумиро барои номзадӣ ба интихоботҳо пешниҳод мекунад. Ин ҳизб, ки бар мабнои ақидаи шаҳрвандон ташкил шуда, дар асоси қонунҳои амалкунандаи кишвар фаъолият мекунад, барои аксарияти мардуми ин вилоят писанд аст. Аз тарафи дигар вақте олимони шинохтаи давр, домулло Сафиюллоҳ, домулло Самеъ, қори Асҳоб, қори Ибодуллоҳ, Ҳоҷӣ Фазлуллоҳ, домулло Муслиҳиддин ва дигар олимони шинохтаи маҳал аз ин ҳизб истиқбол намуданд, эътимоди мардум ба ин ҳаракат бештар шуд. Ба илова мардум мушоҳида карданд, ки роҳбарони он дар кори ба сулҳу оштӣ овардани миллати тоҷик чӣ қадар ҷонбозиҳо ва азхудгузариҳо намуданд. Аз ин рӯ, вақте ҳизб аз сари нав ба қайд гирифта шуд, мардуми ин минтақа Наҳзатро ба унвони ормони деринаи худ пазируфтанд. Инчунин дар вилоят бисёре аз олимони пиру ҷавони таҳҷоӣ раҳбарии ҳизбро дар вилоят бар дӯш доштанд, ки дар миёни мардум аз эҳтироми хосе бархурдоранд, ба монанди эшони Мирзоюсуф, Мирзоолим, эшони Шамсиддин, эшони Аброрхон, мулло Самандар, домулло Абдурраҳим, домулло Абдурауф, домулло Наъимҷон, эшони Саидмаҳмуд, домулло Абдуҷамил, қорӣ Абдуманнон, қорӣ Абдусаттор ва дигарон. Тамоми ин ашхос ҳамеша манфиати мардумро бар манфиати шахсии худ муқаддам медонистанд ва аз он дифоъ менамуданд. Омили дигар фаъолияти хуби аъзоён ва масъулини зинаҳои поёнӣ мебошад, ки дар ташкилотҳои ибтидоӣ хидматгори мардуми маҳал мебошанд.

– Суғд ба унвони минтақаи аз лиҳози тамаддун пешрафта ва мардумаш бофарҳанг шинохта мешавад. Оё ин чиз ҳам дар гароиши мардум ба ҲНИТ омил буда метавонад?

– Аввалан, фарҳанги баланди асосгузорони ин ҳизб ва дигар раҳбарияти ҳизбро бояд эътироф кунем. Бо мушоҳидаи кору фаъолияти роҳбарони интихобшудаи шуъбаи вилоятӣ, метавон гуфт, эшон фарҳанги хуби мудирият доранд. Роҳбарони Наҳзат дар вилоят ашхоси тасодуфӣ набуданд. Аз ҷумла эшони Мирзоюсуф ва эшони Шамсиддин аз олимони маъруфи минтақа буданд, Додоҷон Ёқубов номзади илми ҷуғрофиё ва устоди шинохтаи Донишгоҳи давлатӣ ва домулло Наъимҷони Самиъзод олими ҷавони соҳиби мактаб аст. Албатта, инҳо ҳама барои афзоиши аъзо, тарафдор ва ҷонибдорон таъсири мусбат доранд.

Мусоҳиб: М. Орзу

**Мусоҳиба бо собиқадори Наҳзат**

**Абдумалик Зокиров**

**«Дуруст аст, ки Анҷумани Астрахан ба ҳаракати мо кӯмак кард, вале он панҷдаҳ дарсад беш нест, зеро ҳаракати мо навад фоиз омода буд».**

– Зокиров Абдумалик соли 1953 дар ноҳияи Орҷоникидзеобод (Ваҳдати имрӯза) дар оилаи мутадайин ба дунё омадааст. Соли 1970 мактаби миёнаро хатм намудааст. Таҳсилоти диниро дар назди эшони Тоҷиддин ва устод Ҳимматзода гирифтааст.

Оиладор ва соҳиби 3 фарзанд аст.

– Шуморо ба муносибати 40солагии ҲНИТ аз самими қалб табрик мегӯем!

– Ман ҳам дар навбати худ ба тамоми мардуми кишварамон ин ҷашнро табрик мегӯям. Худованди мутаъол файзу баракатро болои ин миллати азиз ва кишварамон зиёда намояд. Умедворам, ки бародарони наҳзатӣ ҳар ҷое бошанд, муҳаббат ва алоқаро бо Худо барқарор намоянд ва бо ҳам ҳамеша назари раҳмату меҳрубонӣ кунанд ва баҳри идомаи роҳи ҳақ андеша ва талош намоянд.

– Чунон ки маълум аст, Шумо узви кумитаи тадорукоти ҲНИ Иттиҳоди Шуравӣ будед, ин кумита чӣ тавр ташкил шуд ва барои гузаронидани аввалин анҷуман чӣ корҳоеро анҷом додед?

– Мо дар шаҳри Қизилюрт Ҷумҳурии Худмухтори Доғистон ҷамъ шуда, барои таъсиси Наҳзат иттифоқ намудем. Ҳамроҳи ман аз Тоҷикистон як бародари хело маъруф ва машҳур домулло Зубайдуллоҳ Розиқов низ буданд. Дар ин кумита дӯстону бародарон бо намояндагӣ аз аксарияти ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ ҷамъ шуда буданд. Кумитаи мазкур дар наздиктарин вақт тавонист барои баргузор намудани анҷуман тамоми корҳои лозимаро анҷом диҳад, аз ҷумла интихоби макони баргузорӣ, теъдоди вакилон, омодасозии оиннома ва барнома ва дигар тайёриҳо.

– Бо таваҷҷуҳ ба дурии роҳ ва мушкилоти амниятӣ чӣ гуна муваффақ шудед, то вакилон аз манотиқи гуногун ба макони баргузории Анҷуман ҳозир шаванд?

– Ба фикри ман, дӯстӣ ва муҳаббати холисона нисбати ҳамдигар ва боварию эътимод онҳоро аз манотиқи мухталифи кишвари паҳновар, ки бо забонҳои гуногун ҳарф мезаданд, даври ҳам ҷамъ овард. Мардуме, ки дар Астрахан ҷамъ шуда буданд, аз мо ягон чизи моддӣ талаб надоштанд ва мо низ дар дил чизе ҷуз ризои Парвардигорро роҳ намедодем. Ҳадафи мо аз ин Анҷуман ризои Худо ва эҷоди иртиботу ҳамбастагӣ миёни мусалмонон буду бас. Баъди баргузор шудани Анҷуман маълум гардид, ки аксарияти мусалмононе, ки дар манотиқи мухталиф зиндагӣ мекунанд, дар фикри ташкили гурӯҳи муназзам ҳастанд, то иртиботро бо ҳам қавитар ва мустаҳкамтар гардонанд.

– Ба андешаи Шумо ҲНИи Иттиҳоди Шуравӣ дар бедории мардуми мусалмони мо чӣ нақше дорад?

– Мардуми кишвари мо чандин сол пеш аз баргузор шудани ин анҷуман бедор ва ҳаракӣ буданд. Дуруст аст, ки Анҷумани Астрахан ба ҳаракати мо кӯмак кард, вале он панҷдаҳ дарсад беш нест, зеро ҳаракати мо навад фоиз омода буд. Роҳбарияти ин ҳаракат, низ қобилияти ташкили чунин ҳаракатро доштанд ва ҳатто дар ташкили Анҷумани Астрахан низ бештари корҳоро бародарони тоҷик анҷом медоданд. Наҳзати Тоҷикистон ба ҳеҷ ваҷҳ зодаи ҲНИ ИШ нест, балки кӯмакрасон ва муассиси он аст.

– Феълан дар яке аз масоҷиди шаҳри Маскав ба ҳайси имомхатиб фаъолият доред, оё дар Русия қонуне ҳаст, ки наврасонро аз масоҷид манъ кунад?

– Не, дар Русия чунин қонунҳо вуҷуд надоранд. Аслан дар ҳар мамлакат қонунҳоро барои рушду пешрафти мардум, ҷомеъа ва кишвари худ қабул мекунанд. Шояд ба андешаи иддае аз қонунгузорони кишвари мо қабули як чунин қонун ба манфиати кишвар набошад. Воқеъан, агар ҷавонон танҳо ба намоз дода шаванд ва дигар дар пайи касбу илмомӯзӣ набошанд, ин иштибоҳ аст. Намоз ибодат аст ва омӯхтани илму дониш низ ибодат аст ва набояд якеро ба хотири дигаре тарк намуд. Инсон бояд мактаб бихонад, илм биёмӯзад ва дар ҷомеъа узви фаъол бошад, то битавонад масъулияти шаҳрвандии худро пурра анҷом диҳад. Мо алҳамдулиллоҳ, мусалмонем ва мусалмон бояд ҳамеша хушбин ва назари хайрхоҳона дошта бошад ва ин сифат аст, ки Худованд ба назари раҳматаш менигарад. Агар ҳукуматдорон нигоҳи бад ва ҳадафи шум дошта бошанд, ҳатман оқибати вахиме онҳоро мунтазир аст. Мақомоти ҳар кишваре бар он пиндор бошад, ки намоз вақти наврасону ҷавононро мегирад ва онҳоро аз илмомӯзӣ бозмедорад, ғалат мекунад, зеро барои намоз панҷдаҳ дақиқа бештар сарф намешавад. Бинобар ин, иллати пешрафт накардани илмро бояд дар дигар ҷо ҷустуҷӯ намуд.

– Шумо нисбати роҳбарияти феълии Наҳзат чӣ андеша доред, оё онҳо дар фаъолиятҳои худ муваффақанд?

– Ман боварӣ дорам, ки агар масалан Муҳиддин Кабирӣ набошад, боз ҷавонони дигаре ҳастанд, ки иншоаллоҳ, бо ёрии Парвардигор метавонанд ин ҳаракатро ба пеш баранд. Ин ҳаракати илоҳист, Худованд худ онро пеш мебарад ва дигарон василае беш нестанд. Аммо Муҳиддин Кабирӣ, ки имрӯз роҳбарии Наҳзатро ба зимма дорад, хело дилсӯзона кор мекунад. Ростӣ, дар ибтидо мо тасаввур надоштем, ки муваффақ мешавад. Ононе, ки

дар дохили Наҳзатанд, намедонам чи хулоса мекунанд, вале мо ки аз берун мушоҳида менамоем, ба ин хулоса омадаем, ки воқеъан Наҳзат кадрҳои хубе аз ҳисоби ҷавонон дорад, ки дар оянда агар рӯи кор оянд, бо раҳмату лутфи илоҳӣ шояд аз ин ҳам беҳтар кор кунанд. Имрӯз Наҳзат дар асоси қонунҳои мавҷудаи кишвар амал менамояд ва бояд ба ҳамин услуб дар оянда ҳам фаъолияти худро пеш барад. Наҳзат ҳамон вақт муваффақ мешавад, ки наҳзатиҳо бо риъояи қонун кор кунанд ва беҳтарин итоаткунандаи қонунҳо бошанд. Ба назари ман Наҳзат имрӯз хело муваффақ аст, вале имрӯзҳо фаъолияти онҳо дар самти динӣ каме заъифтар шудааст ва дар масоили сиёсӣ, миллӣ ва фарҳангӣ пешравиҳо мушоҳида мешавад. Агар аз диди исломӣ ва тарбияи кадрҳои донишманди улуми динӣ, ки хело меҳнатталаб аст, фаъолияти худро бештар намоянд, аз як тараф мададу кӯмаки Парвардигорро хоҳанд ёфт ва аз тарафи дигар муҳаббату меҳрубонӣ нисбати якдигарро афзун хоҳанд кард.

– Ба унвони собиқадори ҳизб барои беҳтар шудани фаъолияти ҲНИТ чӣ тавсияҳо доред?

– Аввалан мехоҳам дӯстонам сарбаланд, боилму бомаърифат ва ҳамеша нисбати бандагони Худо дилсӯзу меҳрубон бошанд. Агар кореро барои ҷомеъа ва мардум анҷом медиҳанд, онро ҳамчун адои қарзи бандагии худ бидонанд ва ба касе миннат накунанд ва худро аз дигарон боло напиндоранд. Имрӯз башарият шадидан ниёз ба меҳру муҳаббат дорад, мардум сарсону саргардонанд ва ниёз ба як роҳнамои дилсӯз доранд. Худованд худ раҳиму меҳрубон аст ва ҳатман бандагони меҳрубонашро дӯст медорад ва кӯмакашон мекунад. Мо бояд ба ҳаёти Паёмбари Худо назар кунем ва аз он дарси ибрат бигирем. Мо ҳамеша аз худ бипурсем, ки барои дин, барои Худо, барои Наҳзат, барои миллат ва дар умум барои башарият чӣ корҳоеро анҷом додаем. Агар хидмате карда бошем, Худованд ҳеҷ гоҳ онро зоеъ намекунад. Мо бояд талош кунем то кори хайру некро бештар анҷом диҳем ва ҳадафи мо аз ин корҳо на Наҳзат бошад ва на шуҳрат, балки танҳо ризои Парвардигор бошад. Қаблан вақте Наҳзат набуд, бародарон барои Худо хидмат мекарданд ва шояд боз замоне Наҳзат набошад, вале хидмат ба дину миллат ҳамчунон бояд барои Худо боқӣ бимонад.

– Муддате дар назди устод Ҳимматзода донишомӯз будед, шинохти Шумо нисбати эшон чӣ гуна аст?

– Устод Ҳимматзода шахсияте буданд, ки дар ҳаёти мо шогирдонаш бисёр таҳаввулот эҷод намуданд. Ман аз эшон муҳаббату меҳрубонӣ омӯхтам. Бо он кас зиёд сафар кардаам ва он касро шахси оддӣ ва софдил ёфтам. Мо дар ҳама ҷо якҷо будем, ҳеҷ гоҳ ҷои буду бош ва ҷои хоби он кас аз ҷои ман фарқ намекард, агар мо ҳамроҳон дар болои санг мехобидем, ӯ низ мисли мо дар болои санг мехобид. Худованд эшонро раҳмат карда бошад ва ҷояшонро ҷаннат гардонад. Аз ҳама сифати некаш он буд, ки илмро дар сина нигоҳ намедошт, ба дигарон мерасонд. Имрӯз агар ҳамон шогирдону муҳиббонаш кӯшиш кунанд, ки илм, фарҳанг ва меҳрубонии ӯро ба дигарон расонанд, воқеан хидмати бузургеро анҷом хоҳанд дод.

– Оё мехоҳед дар охир чизе илова кунед?

– Дар поён мехоҳам дуъо кунам, ки Парвардигор ба мо тавфиқ диҳад, то ба гуфтаҳои худ амал кунем ва ба мо илму дониши нофеъ бидиҳад. Аз бародарону хоҳарони мусалмон хоҳиши банда ин аст, ки ҳамеша дасти дуъо баланд кунанд, зеро «Дуо мағзи ибодат аст». Бародарону хоҳарони мо бояд дар сахтиҳо сабру таҳаммулро пеша кунанд ва пайваста дуъо кунанд, бо ҳам муҳаббату ҳамбастагӣ дошта бошанд ва инро донанд, ки ҳама кор танҳо дар дасти пурқудрати Худованд мебошад. Худованд хайри бародарони моро зиёдтар гардонад, кӯшиш ба харҷ диҳанд, хастагиро як тараф монанд ва ҳамеша қабл аз анҷоми ҳар кор бияндешанд, ки аз ин кори ман Худованд розӣ аст ё не, сипас дар анҷоми он кор тасмим бигиранд.

Ташаккур барои суҳбати муфидатон!

Саломат бошед!

Мусоҳиб: А. Кабирӣ

**Мусоҳиба бо яке аз муассисони Наҳзат**

**Одинабеки Абдусалом**

**«Ба андешаи ман ҲНИТ дар ҷодаи интихоб ва тарбияи кадр заъф дорад ва агар барномаи мушаххасеро дар ин самт роҳандозӣ накунад дар оянда ба мушкилоти зиёде гирифтор хоҳад шуд».**

Одинабеки Абдусалом 25 ноябри соли 1954 дар деҳаи Пилдони ноҳияи Ҷиргатол дар оилаи руҳонӣ ба дунё омадааст. Соли 1960 дар сини шашсолагӣ ба мактаби миёна рафта, солҳои 19701971 дар Олмон хидмати артиши Шуравӣ намудааст. Маълумоти диниро аз овони туфулат дар назди бобои худ омӯхтааст ва бо Қорӣ Муҳаммадҷон Ғуфронов аз хурдсолӣ ошно буд. Солҳои 1972 барои идомаи таҳсили улуми динӣ ба назди устод Нурӣ меравад ва муддате дар назди эшон таҳсил мекунад. Соли 1973 ҳамроҳи чор нафар ҷавонони бедору ҳушёр созмони Наҳзати ҷавонони исломиро таъсис медиҳанд ва муддате масъулияти амниятии ин созмонро ба уҳда мегирад. Соли 1978 ҳамчун масъули равобит аз тарафи Наҳзат ба кишварҳои собиқ Шуравӣ сафарҳо намуда, дар эҷоди иртибот миёни рӯҳониёни ин минтақаҳо саҳми арзандае дорад. Солҳои 19921997 ҳамчун муҳоҷир дар кишвари Афғонистон зиндагӣ намуда, яке аз аъзои фаъъоли ҳаракати Наҳзат ва ИНОТ буд. Баъди ба имзо расидани созишномаи сулҳ солҳои 19972000 ба ҳайси узви зеркомиссии низоми КОМ фаъолият мекунад. Баъди ба фаъолияти дубора шуруъ намудани ҲНИТ дар Анҷумани таъсисӣ соли 1999 узви Раёсати Олии ҲНИТ интихоб мешавад.

Оиладор соҳиби 6 фазанд аст.

– Сароғоз шуморо бо фарорасии 40умин солгарди таъсиси ҲНИТ табрик мегӯем!

– Мо ҳам хело шодем, ки имрӯз чилсолагии таъсиси ҲНИТро ҷашн мегирем. Воқеан, ин яке аз дастовардҳои бузурги миллати тоҷик дар тӯли таърих мебошад. Ин як ҷашни бузург аст ва Наҳзат чиҳилсол талошу заҳмат кашидааст. Бо вуҷуди онки бархе мехоҳанд аҳамияти ин ҳизбро барои миллату кишвар камранг нишон диҳанд, вале ман боварии комил дорам, ки Наҳзат ҳамеша ба нафъи миллату кишвари мост. Бародароне, ки дар ин ҳизб кору фаъолият мекунанд, умед аст дар ин муддати тӯлонӣ таҷрибаҳои зиёде касб намудаанд ва боварӣ дорам, ки дар оянда фаъолияти бозҳам беҳтару хубтарро ба роҳ

мемонанд. Ман аз Худованди мутаъол саломатии аъзоёни ҳизб ва тамоми миллатро хоҳонам.

– Чунончи маълум аст, Шумо бо вуҷуди ҷавон буданатон, аз ҷумлаи муассисини Наҳзат дар замони режими коммунистӣ будед. Агар махфӣ набошад, мегуфтед, ки аз бародарони муассис кӣ шуморо ба ин кор ташвиқ кард?

– Ростӣ, ману қорӣ Муҳаммадҷон ҳамсол будем. Аз хурдӣ дар суҳбатҳои илмии бобоям, ки олим буданд, бисёр менишастам. Эшон аз ҷумла дар мавриди ҷавонбухориҳо ва ҳадафу мароми онҳо суханҳои зиёде гуфта буданд. Барои ман ин як омӯзиш буд. Инчунин вақтедар Олмон дар сафи Армияи Шуравӣ хидмат мекардам, дидам, ки миллатҳои дигар чӣ қадар аз озодии худашон меболанд. Моро ба унвони сарбозони бегона, ҳамчун иғвогар медонистанд ва ба мо бо нороҳатӣ нигоҳ мекарданд.

Ман дарк менамудам, ки озодӣ ва сарнавишти худро худаш таъйин кардани як миллат барояш чӣ қадар арзиш дорад. Қорӣ Муҳаммадҷон низ ҳамхизмати ман буд. Вақте ба Тоҷикистон баргаштем, аллакай ҷаҳонбинии мо дигар шуда буд, бо ҳам мегуфтем, ки чунин зиндагӣ кардан дигар маъно надорад. Зери фармонравоии миллати дигар наметавон пешрафт кард ва инкишоф ёфт. Мо худамон як миллати соҳиб тамаддунем ва миллате ҳастем, ки дар вақти худ яке аз абарқудратҳои дунё будем. Чӣ чиз моро маҷбур мекунад, ки зери фармони дигар миллат бошем. Худи Ислом ҳам озодиро мехоҳад. Мо бояд ором нанишаста, ҳаракатеро ташкил намоем. Вақте бо қорӣ Муҳаммадҷон дар ин масъала тавофуқ кардем, дунболи он шахсиятҳое гаштем, ки метавонистем бо онҳо дар якҷоягӣ ба ин ҳадафамон бирасем. Аз чандин касон фаҳмида будам, ки устод Нурӣ шахсияти бениҳоят мутафаккир ва донишманд аст. Мо бо мақсади шогирди эшон шудан рафтем он ҷо. Баъди чанд дарс гирифтан, бо эшон махфиёна суҳбат кардем. Устод низ моро дастгирӣ кард ва ман гуфтам: Хело хушҳол ҳастам, ки шумо ҳам бедор ҳастед. Ҳамин тавр оҳистаоҳиста бо ҷаноби Неъматуллоҳ... ниҳоят 5 нафар ҷамъ шудем ва ин ҳаракатро таъсис додем.

– Лутфан фазои ҳоким бар он давронро каме шарҳ медодед?

– Он ашхосе, ки дар даври ҳозир зиндагӣ мекунанд, аз асли кор, аз асли режими собиқ хабардор нестанд. То солҳои 7080 мардум ором зиндагӣ намекарданд. Аксари мардум дар ҳолиқашшоқӣ ба сар мебурданд. Тамоми чиз моли давлат буд. Қабл аз солҳои 70ум мардум ба бисёр азобҳои сахте дучор омада буданд. Дар он замон ман ҷавон будам. Ҳукумати Шуравӣ дар Осиёи Миёна барои мардум коре накардааст. Мардум ба он одат карда буданд, ки ба ҳамон маоше, ки мегирифтанд, зиндагӣ кунанд. Тақрибан даҳ соли охир як каме зиндагиашон хуб шуда буд. Дар тӯли 70 сол Шуравӣ барои касе ягон кор накардааст. 70 сол онҳо миллати тоҷикро роҳбарӣ карданд, аммо аз миллати тоҷик як нафарро ҳам тарбия накарданд, ки битавонад чизе ихтироъ кунад. Касе он замонро орзу мекунад, аслан аз таърихи гузашта хабар надорад.

Масалан, ҳукуматдорони Туркия то замони ба сари қудрат омадани ҳизби Адолат ва тараққиёт дар қарз фурӯ рафта буд. Вақте инҳо сари ҳокимият омаданд, ҳукумати Туркия

он қадар пешрафт кард, ки дар ҷаҳон дар ҷойи 17 меистад. Яке аз иллатҳое, ки пешрафти давлати моро монеъ мешавад, ба фикрам, ҳамин фасод ва ришва дар ҷомеа мебошад.

– Оё дар ҳамон марҳилаи аввал Шумо фаъолияти худро бо барномаи муайян ва ҳадафманд оғоз намудед ва ё то муддате бидуни барнома амал мекардед?

– Вақте ки мо ин ҳаракатро таъсис додем, таҷрибаи зиёд надоштем. Дар он замон аз Шуравӣ ба хориҷ сафар кардан имкон надошт. Барои ҳамин, бедории миллати мо бидуни нусхабардорӣ аз таҷрибаҳои хориҷӣ аз дохили ҷавонони кишварамон ва ба таври худҷӯш оғоз гардид. Аввалин барномаи мо баланд бардоштани сатҳи фарҳанги исломии мардум ва хусусан ҷавонон буд. Аз ин миён яке масъули таълиму тарбия, як нафар масъули ҷавонон, дигар кас масъули амният ва масъули иқтисодӣ буд. Бо ҳамин барномаи кӯтоҳмуддат фаъолияти худро шуруъ кардем ва оҳистаоҳиста он ба ҷое расид, ки тамоми кишварро фаро гирифт.

– Дар он замон авҷи қудрати Шуравӣ буд ва КГБи он кишвар дар ҷаҳон шуҳрат дошт. Шумо чӣ гуна тавонистед то як муддати тӯлонӣ ин созмонро махфӣ нигоҳ доред ва чӣ омилҳое боис шуданд, ки ҳукумати давр аз он огоҳӣ пайдо накард?

– Ҳар фарди мусалмон ҳатман бояд аз илми Қуръон ва сирати Паёмбар (с) огоҳ бошад. Таърихи рӯзгори Паёмбар (с) намунае барои мактаби мо буд. Мусалмонон бояд ин таърихро хуб биёмузанд ва аз он ибрат гирифта битавонем. Паёмбар (с) дар замони худаш се сол ба таври пинҳонӣ даъват кард. Пас барои мо низ лозим буд, ки се сол ташкилоти худро махфӣ нигоҳ бидорем. Ба ҳамин сабаб, аз ҳар василае истифода кардем, то фош нашавем.

– Аз он бузургоне, ки Шумо онҳоро ба ин созмон ҷалб мекардед, ягон аҳднома мегирифтед, ё танҳо ба суханаш эътимод мекардед?

– Дар он замон фаҳмондани мардум барои мо бисёр вазнин буд. Баъзе вақт суҳбатҳото субҳ идома мекард. Мо барои аз байн бурдани бидъатҳо мубориза мебурдем. Бархе аз муллоҳо ва эшонҳои мо ҳамон бидъатҳоро василаи ризқу рӯзии худашон қарор дода буданд. Агар мо рӯирост гӯем, ки ин кор ҳаром аст, онҳо бар зидди мо мешуданд. Онҳоро даъват мекардем ва дар натиҷаи суҳбатҳои такрорӣ ӯро меомӯхтем. Даъвати дигаронро ҳамин тавр оғоз кардем. Баъзе шахсиятҳо ба яке аз мо шиноси наздик буд ва хуб мешинохтем, ки бидуни аҳднома қабул мекардем ва итминон доштем, ки хиёнат намекунад.

– Аввалин тазоҳурот дар замони Шуравӣ барои ҳимоят аз як рӯҳонӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа сурат гирифт. Метавонед тафсилоти воқеаро баён намоед ва зимнан бигӯед, ки чӣ тавр ба ҷамъ кардани мардуми зиёд муваффақ шудед?

– Он вақт ман дар ноҳияи Орҷоникидзеобод (Ваҳдати ҳозира) зиндагӣ мекардам. Яке аз бародарон хабари дастгир шудани Устодро ба ман расонд. Ҷавонони ҷонибдор зиёд буданд. Мошини бисёр низ ёфтем. Онҳоро ба тамоми ҷойҳо фиристодем. Ба ҳама фаҳмондем, ки ҳамин хел кор ба вуқуъ пайвастааст ва шумо метавонед фардо барои

талаби ҳақ ҷамъ шавед. Инро дар кишварҳои демократӣ тазоҳурот меноманд, аммо дар Шуравӣ дар мавриди тазоҳурот ҳатто тасаввур надоштанд, дар гӯшаи хаёли касе намеомад, ки дар як кишвари абарқудрат ва яккаҳоким ва худкомаи дунё мардум ба дифоъи як тан рӯҳонии исломӣ қиём менамоянд. Мо шаб хоб накарда, тамоми ҷавононро даъват кардем. Ҳар кас масъулияте дошт. Ҳатто масъули хӯрду хӯрокро низ интихоб кардем. Инчунин масъули амният таъйин кардем, ки мабодо задухӯрд ба миён ояд, чӣ бояд кард. Мардум то ин муддат хеле огоҳ шуда буданд ва вазифаи ҳаракат дар ин марҳала ҷалби мардум буд.

– Оё Шумо эҳсоси хатар намекардед ва ё ҷавонон тарс надоштанд, ки ҳукумат алайҳи онҳо иқдоми ҷиддӣ менамояд?

– Дар марказ баъзе мушкилот буд, вале мусалмон бояд дар фазои Ислом зиндагӣ кунад. Касе, ки Исломро хуб меомӯзад ва таълимоти онро дар худ ҳал менамояд, дигар ба ҷуз Худованд аз чизе наметарсад. Гузашта аз ин, ҳама афроди наҳзатӣ дарк карданд, ки агар ҳукуматдорон дар ин нақшаи рӯи даст гирифтаашон муваффақ шаванд, аввалан, Устодро аз даст медиҳанд, дуввум барои дигарон низ амон нест.

– Оё шахсан Шумо мавриди пайгирӣ ва таъқиби мақомоти он даврон қарор гирифтаед? Агар қарор гирифта бошед, лутфан мегуфтед, ки аз кадом василаҳои фишор бар зидди Шумо истифода мекарданд?

– Бале. Ман чун дар он замон ҷавонтар будам, ҳамеша бо ҷавонони зиёде рафтуомад доштем. Дар чандин ҷои шаҳри Қӯрғонтеппа машқҳои варзишӣ ташкил кардем. Вақте аз таърихи рӯзгори Паёмбар (с) ва ёронаш огоҳӣ ёфтем, фаҳмидем, ки мусалмон бояд аз худ ва оилааш дифоъ кунад ва ин тавонро дошта бошад. Дар ноҳияи Орҷоникидзеобод чанд бор назди ман яке аз масъулини ҳамонвақтаи ҳукумати ноҳия омад. Аз ман баъзе чизҳоро фаҳмидан мехост. Аммо ман ба ӯ гуфтам: "Вақте ки ягон ҷинояте содир кардам, баъд бо даъватнома маро ба назди худ даъват кунед". Он шахс гуфт: "Як ҷинояти шумо ҳамин аст, ки қариб 3040 нафар фарзандони коммунистонро дарс медиҳед". Ман ҷавоб додам: "Ман ба фарзандони касоне дарс медиҳам, ки аз ҳизб баромадаанд, ҳамаашон мусалмонанд. Онҳоро бояд тарбия кунем". Баъдан ошкор шуд, ки парвандаҳои мо хеле зиёд будаанд.

– Чаро ҲНИТро меҳвари асосии ҲНИ ИШ меҳисобанд?

– Дар замони Шуравӣ аввалин ҳаракати исломӣ дар Тоҷикистон пайдо шуд. Агар мо фақат дар Тоҷикистон ин ҳаракатро густариш медодем, дар як лаҳзаи кӯтоҳ метавонистанд моро нест у нобуд кунанд ва касе аз ин хабар наёбад. Аз ин рӯ, ман бо яке аз масъулини равобити бурунмарзӣ барои ин кор сафарбар шудам. Мо фикр кардем, ки дар Шуравӣ якчанд ҷумҳуриҳои мусалмоннишин дорем ва мо метавонем ин ҳаракатро дар он ҷойҳо густариш бидиҳем, ва ин кор то ҷое анҷом ёфт. Бинобар ин, метавон гуфт, сабаби асосии густариши ҳаракат он вақт наҳзатиҳои Тоҷикистон буданд.

– Аз кадом вақт фикри берун аз Тоҷикистон густариш додани Наҳзат пайдо шуд?

– Аз соли 1978.

– Баъзеҳо ақида доранд, ки агар пеши роҳи густариши Ислом ва озодихоҳӣ дар Тоҷикистон гирифта намешуд, эҳтимол дошт, ки мавҷи он тамоми минтақа аз ҷумла Қафқозро низ фаро мегирифт. Ба ҳамин хотир, воқеаҳои соли 1992ро ташкил намуданд. Фикри Шумо дар ин бора чист?

– Шояд дуруст ҳам бошад, чун дар Қафқоз бародарони ҳамфикри мо зиёд буданд, ҳатто роҳбари ҲНШ аз Махачқалъа буд, ки баъдан ӯро ба шаҳодат расонданд. Аз он ҷумла, дар Озарбойҷон низ. Соли 1992, вақте ки Давлати Шуравӣ пош хӯрд, дар Маскав машваратҳои зиёде карданд ва баъзе бародарони бурунмарзӣ, яъне собиқ Шуравӣ ҳам ба мо тавсия карданд, ки баъди пош хӯрдани Шуравӣ ва шикаст хӯрдани коммунистон мо ҳатман бояд дар минтақаҳо ҳокимиятро ба даст бигирем. Ба ин фикр якчанд нафар, аз он ҷумла ман мухолифат кардем. Мо изҳор доштем, ки ҳамчун ҳаракат ҳоло мо хеле ҷавон ва бетаҷрибаем. Барои ин кор омодагӣ лозим аст. Аммо бархе аз бедории миллатҳо эҳсоси хатар карданд ва Маскав зарбаи шадидеро ба Тоҷикистон ворид кард. Онҳо бисёр тарҳрезиҳо мекарданд, на фақат дар дохили як кишвар, балки марзи кишварҳоро тақсим карда буданд ва агар лозим мешуд, метавонистанд ду миллатро бо ҳам ҷанг андозанд. Шояд яке аз сабабҳои ба вуқуъ пайвастани воқеаҳои соли 1992 пешгирӣ аз рушди ҳаракати Исломӣ дар Тоҷикистон буд.

– Баъзеҳо иҷро нашудани аксари бандҳои Созишномаи сулҳро интиқод мекунанд ва онро дар бетаҷрибагии мухолифин ва зиракии ҳукумат арзёбӣ менамоянд. Ба адешаи Шумо, фикри мазкур то кадом андоза дуруст аст?

– Вақте ки Созишномаи сулҳ ба имзо расид, асли матлаб ҳамоиши нерӯҳои мусаллаҳ ва баргаштани муҳоҷирин ба Ватан буд. Онҳо бо он дили пок ва тозае доштанд ҷиҳати муқобилро низ ҳамон тавр мепиндоштанд, вале дар дохил ба мушкилоти зиёд дучор шуданд. Бале, фикр мекунам камтаҷрибагӣ буд, аммо тарафи ҳукумат бояд аз он суистифода намекард. Матлаби асоси мо баҳамоии миллӣ ва ҳифзи якпорчагии Тоҷикистон буд ва ҳама чизи дигар барои мо дуюм ва сеюмдараҷа ба шумор мерафт.

– Шумо имрӯзҳо дар ҳизб масъулияти расмӣ надоред, вале мутмаинем, ки ояндаи ҳизб бароятон муҳим аст ва ҳамеша ахбори онро пайгирӣ мекунед. Ба назари Шумо, оё ҳизб дар масири дуруст ҳаракат дорад ва ё дар фаъолияти он камбудиҳое ба мушоҳида мерасад?

– Инсон ҳангоме, ки фарзанд меёбад, он фарзанд барояш азиз аст ва то охир падар мемонад. Ҳар як инсон вақте чизеро сохт, фикр намекунам, ки аз сохтаи худ фирор кунад. Ман дар ҳизб будам ва иншоаллоҳ то охири ҳаёт дар он хоҳам монд. Имрӯз агар расман масъулиятеро бар душ надошта бошам, вале худро узви ғамхори ҳизб меҳисобам. ҲНИТ имрӯзҳо корҳои хуб анҷом дода истодааст. Фақат ҳаминро гуфтаниам, ки барои расидан ба ҳукумат набояд шитоб кунанд. Зеро мо тоза фаъолиятҳои расмии сиёсиро оғоз кардаем. Дар 40 сол мо марҳилаҳои мухталифро пушти сар кардем. Аммо имрӯз мебинем ҳизбҳое, ки 8090 сол фаъолият доштанд, вақте ба ҳукумат расиданд дучори мушкилоти зиёд шуданд.

– Ба андешаи Шумо, кадом самти фаъолияти ҲНИТ ислоҳот мехоҳад?

– Ба андешаи ман ҲНИТ дар ҷодаи интихоб ва тарбияи кадр заъф дорад ва агар барномаи мушаххасеро дар ин самт роҳандозӣ накунад дар оянда ба мушкилоти зиёде гирифтор хоҳад шуд. Ҷавонҳоро бояд омӯзиш дод ва тарбия намуд ва онҳоро набояд танҳо гузошт ва ин беҳтарин коре аст, ки бояд ҲНИТ анҷом диҳад.

– Баъди даргузашти устод Нурӣ сарварии Наҳзат ба дӯши устод Кабирӣ вогузор карда шуд. Шумо дар барномаҳои Наҳзат дар давраи роҳбарии ӯ кадом корҳои мусбӣ ва манфиро мушоҳида намудед?

– Вақте ки устод Нурӣ даргузаштанд, беҳтарин интихоб баъди ӯ ҷаноби Кабирӣ буд. Ҷаҳониён Наҳзатро дар чеҳраи ҳамин шахс мебинанд. Бениҳоят фарди хубу лоиқ интихоб шуд. Бисёр мушкиласт дар Тоҷикистон роҳбарии як чунин ҳаракатро ба дӯш доштан. Бо вуҷуди ин, оқои Кабирӣ тавонист дар ҳамин қадар сол беҳтарин фаъолиятҳоро анҷом диҳад ва ба сӯйи рушду пешрафт қадамҳои мустаҳкаму устувор бардорад ва иншоаллоҳ, муваффақ хоҳад шуд.

– Боз кадом гуфтание доред?

– Дар охир гуфтаниям, он бародароне, ки дар Наҳзат масъулият доранд, ба атрофашон бо зиракӣ ва оқилона назар кунанд, чун душманони зиёд доранд ва онҳо кӯшиш карда истодаанд, ки масъулинро ба тарафи худ бикашанд. Дар оянда рӯйи онҳо барномарезӣ ва сармоягузорӣ мекунанд. Ман аз бародарони масъули ҳизб хоҳиш мекунам, ки фиребдода нашаванд ва ин ҳаракатро аз ҳама чиз, ҳатто аз ҷонашон азиз доранд. Кӯшиши зиёд ба харҷ диҳанд, ки ин ҳаракатро солим нигаҳ доранд. Бояд рӯйи ҳар як пешниҳоде, ки аз берун мешавад, кор кунанд. Ҳамеша ҳушёр бошанд. Фикр накунанд, ки душманон кор намекунанд. Душманон ба таври доимӣ кор мекунанд ва дар камин истодаанд, то дар ҳизб тафриқа биандозанд. Ин тавсияи ман барои ҳама бародарони ҳизбӣ ва масъулин аст. Аз Аллоҳ таъоло ҳамчунин хоҳонам, ки ин ҳаракатро, ки чил сол умр дорад, то рӯзи Қиёмат ҳифз кунад, то битавонад рисолаташро анҷом диҳад. Худованд ба мардуми Тоҷикистон биниш ва огоҳии онро бидиҳад, ки аз аҳдофи холисонаи ин ҳаракат бохабар гарданд ва ба он дар анҷоми рисолаташ кӯмак намоянд.

Мусоҳиб: М. Орзу.

**Мусоҳиба бо раиси шуъбаи Омор ва Назорати ҲНИТ Акоша Кабирӣ**

**«Агар устод Ҳимматзодаро як сиёсатшиноси муваффақ гӯем, устод Нурӣ сиёсатшинос ва сиёсатмадори муваффақ буданд».**

Кабиров Якоша Тиллоевич, 27 августи соли 1955 дар деҳаи Қасамдараи ноҳияи Файзобод таваллуд шуда, маълумоти ибтидоиро дар мактаби рақами 15 деҳаи Ҳайтак гирифтааст. Солҳои 19701973 дар Техникуми омории шаҳри Ваҳдат таҳсил карда, соҳиби касби ҳисобдор шуд. Баъд аз хатми техникум ҳамчун ҳисобдор дар мактаби касбӣтехникии рақами 24 деҳаи Дубеда кору фаъолият намуда, сипас солҳои 19741976 дар сафи Армияи Шуравӣ хизмат кард.

Улуми исломиро дар назди қиблагоҳаш ва домулло Абдулазиз, домулло Шариф, мулло Гадо, домулло Абдулмалик ва устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода омӯхтааст. Дар Анҷумани ҲНИи Иттиҳоди Шуравӣ, ки дар шаҳри Астрахан баргузор шуд, ба ҳайси вакил ширкат намудааст. Аъзои кумитаи тадорукотии конфронси бахши ҲНИи Иттиҳоди Шуравӣ дар ҷумҳурии Тоҷикистон буд, ки дар деҳаи Чортут баргузор шуд. Соли 1991 дар ноҳияи Файзобод Ҳизби Наҳзат таъсис шуд ва ӯ раисии бахши ноҳиявии ҳизбро ба уҳда гирифт. То соли 1997 дар ҳиҷрат умр ба сар бурд ва соли 1997 ба Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дохилшуда, соли 2001 онро бо ихтисоси ҳисобдораудит хатм намуд. Ҳамзамон аз соли 1999 то соли 2001 бахши ноҳиявии ҳизбро дар ноҳияи Файзобод сарварӣ кард. Аз соли 2001 то 2003 ба симати масъули кадри шуъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбе ва НТҶ адои вазифа кардааст. Соли 2003 ба мақоми раиси шуъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбе интихоб шуд ва то соли 2008 ин масъулиятро ба дӯш дошт. Соли 2009 ба вазифаи раиси маркази таҳлил таъин шуд. Аз соли 2009 то ба имрӯз раисии шуъбаи Омор ва назорати ҲНИТро ба дӯш дорад. Аз соли 2007 узви Раёсати Олӣ ва аз соли 2011 узви Раёсати Олӣ ва Шӯрои сиёсии ҲНИТ мебошад. Дар интихоботҳои солҳои 2005 ва 2010 ба номзадии вакили Маҷлиси намояндагони Шӯрои Олии Тоҷикистон пешниҳод шуд.

– Муҳтарам Акоша Кабирӣ, дар аввал шуморо ба ҳайси яке аз собиқадорони Наҳзат ба муносибати ин ҷашн табрик менамоям,

– Аввалан, аз ситоди омодагӣ ба ҷашни 40солагӣ ташаккур менамоям, ки моро дар қатори собиқадорон ҳисобиданд. Ин лаҳазот барои ман фурсати муносиб аст, то тамоми аъзо ва ҷонибдорони Наҳзатро ба ин ҷашни фархунда аз таҳти дил табрик намоям. Худованд, ин ҳизбро ҳамеша дар ҳифзу амони худ нигоҳ дорад.

– Шумо замоне дар масҷиди ҷомеъи ноҳияи Файзобод ба ҳайси имомхатиб кору фаъолият доштед. Лутфан бигӯед, чаро аксарияти имомхатибон дар даврони шуравӣ бо Наҳзат муносибати нек доштанд?

– Дуруст аст, ки аксарияти имомхатибон дар он замон Наҳзатро қабул намуда, узви он гардиданд, вале шахсан банда аввал узви ҳизб шудам ва чанд сол баъд имомхатиб. Ман замоне, ки ба ҳизб шомил шуда будам, имомхатиб набудам, балки танҳо соли 1992 камтар аз як сол имомхатибӣ кардам ва ҳамзамон раиси бахши ноҳияви ҲНИТ дар ноҳияи Файзобод будам. Фазои он даврон ҳам дар ноҳияи мо ва ҳам дар дигар манотиқи Тоҷикистон барои кор кардан дар самти сиёсӣ ва ибодӣ мусоид буд. Ба андешаи ман, ин ҳамон самараи озодӣ ва бозсозии горбачёвӣ буд. Ин шароит ба мардум имконият медод, дар ҳар самте, ки хоҳанд кору фаъолият намоянд. Чунончи қайд намудед, воқеан аксари хатибон ва имомони масоҷид ҳам узви фаъоли ҳизб буданд ва ҳам дар масҷидҳо кор мекарданд ва ин худ як гувоҳи он буд, ки Наҳзат дар назди уламои исломии он даврон хело пурарзиш буд. Бинобар ин, онҳо намехостанд аз ин чизи пурарзиш дур бошанд ва кӯшиш мекарданд, ҷузъи ҳамин ҳизб бошанд. Ман бовар дорам, агар имрӯз барои уламои исломӣ ва ба хусус имомхатибон ва дигар кормандони масоҷид, фазои озод бошад ва қонунан онҳоро аз шомил шудан ба аҳзоб мамнӯъ набошад, аксарияти онҳо узви Наҳзат мешаванд. Чунки ҳеҷ гоҳ мусалмон, ба хусус олими мусалмон, намехоҳад аз сиёсати дин худро канор гирад.

– Домуллои муҳтарам! Агар ба фазои солҳои пеш аз истиқлолият ва фазои 20 сол баъд аз истиқлолият назар кунем, дар масоили озодии виҷдон чӣ тафовутҳоеро хоҳем дид?

– Замони Шуравӣ ба ҳамагон маълум аст, вале авохири даврони Шуравӣ бо эълони бозсозӣ фазо куллан дигаргун гашт ва мардум аз озодии воқеъӣ бархурдор буданд. Дар он замоне, ки Наҳзат ҳизби расмӣ гардид ва ба фаъолияти ошкор оғоз кард, масъалаи озодии виҷдон нисбат ба ин шабу рӯз қобили муқоиса нест. Воқеан аз тарафи қозиёт, ки масоҷид аз он тобеъият менамуд, дастуре ба имомхатибон, кормандони масоҷид дода шуд, ки ба ҳизб шомил нагарданд ва ин танҳо фармони қозиёти ҳамон замон буд, вале аз ҷониби ҳукумат ягон қонун набуд ва ҳатто фишоре болои шахсиятҳои исломӣ вуҷуд надошт. Ба андешаи ман, рӯз то рӯз озодиҳои динӣ ва эътиқодӣ дар кишвари мо маҳдудтар мешаванд ва ҳатто бархеҳо метарсанд узви Наҳзат, ки ҳизби ба расмият шинохташуда аст, шаванд, зеро мутмаинанд, ки фишорҳо болои онҳо бештар мегардад. Ин кор боиси он мегардад, ки шахсони хоҳишманди фаъолият дар умури сиёсии исломӣ дунболи гурӯҳҳои тундрав ва ифротии мамнуъа шаванд ва ба таври пинҳонӣ амал кунанд.

– Чун сухан дар бораи замони Шуравӣ рафт, ба фикри Шумо низоми коммунистии Шуравӣ бо ҳамаи динҳо душманӣ дошт, ё танҳо бо Ислом?

– Албатта то ба сари қудрат омадани Михаил Горбачёв ва эълони бозсозӣ ва додани озодии виҷдон барои ҳамаи мардум, фазои динситезӣ ва мубориза алайҳи дину диндорон ҳукмрон буд. Системаи ҳизби коммунист ва стратегияи он аз замони ташкилшавӣ мухолифи сарсахти дин буд ва мардумро аз дин дур кардан ва инсонҳои

наве ба дунё овардан мехост, то олами нав, яъне ҷомеъаи нав бо одами нав бунёд намояд, ки холӣ аз идеологияи динӣ бошад, қатъи назар аз Ислом ва ғайри Ислом. Ман гумон намекунам, ки ҳадафи онҳо танҳо мубориза бо Ислом буд, вале аз сабаби он ки аксарияти мардуми кишвари мо мусалмон буданд, мо дар ин минтақа мубориза алайҳи Исломро бештар эҳсос менамудем.

– Шумо яке аз шогирдони устод Химматзода будед, ки дар конфронс аввал, ё Чортут ба ҳайси раис интихоб шуданд, агар хотираҳои фаромӯшнашудание аз даврони шогирдӣ дар ёдатон бошад, муштоқи шунидани он ҳастем.

– Дар воқеъ ман ба худ иҷоза намедиҳам, ки шахсияти устод Ҳимматзодаро баҳо диҳам, зеро эшон болотар аз тавсифи мост. Аммо ба ҳайси як шогирд ҳаминро гуфтаниям, ки устод Ҳимматзода аз лиҳози илм, андеша, дарки сиёсӣ ва инсоният шахсияти комил буданд ва ба маънои дигар инсони амалгаро буданд. Эшон дар ҳангоми дарс, муомилаҳо ва ҳатто дар корҳои сиёсӣ ҳар кореро анҷом медоданд ва ҳар чизеро, ки мефармуданд, бо асосҳои динӣ ва асосҳои илмӣ асоснок менамуданд. Боре аз ӯ пурсидам, ки дар дунё ду равиш аст, амалӣ ва назарӣ, вале тариқат аз куҷо пайдо шудааст ва ба кадом равиш тааллуқ дорад? Устод фармуданд, тариқат яке аз заруроте буд, ки ба вуҷуд омад ва ҳеҷ айбе дар худи тариқат дида намешавад ва ҳар айбе, ки ҳаст дар муддаъиёни роҳи тариқат аст. Ман аз ҷавоби эшон ҳаминро пай бурдам, ки ӯ шахсияти ирфонӣ низ буданд ва аз воқеъият хуб хабар доштанд.

– Шумо дар Нахустанҷумани ҳизби Наҳзати ИШ дар шаҳри Астрахан ба ҳайси вакил аз Тоҷикистон ширкат доштед. Метавонед бигӯед, ки Шуморо чӣ гуна ба ҳайси вакил интихоб намуданд ва бо чӣ заҳматҳое ба онҷо расидед?

– Замоне ки Анҷумани таъсисии Астрахан баргузор мешуд, дар Тоҷикистон созмони расмӣ вуҷуд надошт ва ҳатто мо қисми зиёди ширкаткунандагони Анҷуманро намешинохтем ва бо бисёриҳо дар Астрахан шинос шудем. Меъёри муайяне барои интихоби вакил вуҷуд надошт ва ба андешаи ман интихоби вакилҳо аз тарафи устодон ва уламое, ки ҳалқаҳои дарсӣ доштанд ва як ташкилоти Наҳзатро роҳбарӣ мекарданд, сурат гирифт. Банда низ ба ҳамин шева интихоб шудам. Лозим ба ёдоварист, ки аксари ҳалқаҳои дарсӣ дар он давр зери назорати бузургони ҳамин ҳаракат буданд, ки иддаъе аз миёни мо рафтанд ва иддае то ҳанӯз боқиянд. Рафтан ба Астрахан ҷиҳати ширкат дар анҷуман ҷуръат ва ҷасорат мехост, вале ҳама дар он замон барои рафтан омода буданд. Мардум бо роҳҳои гуногун, автобус, ҳавопаймо, поезд ва бо заҳматҳои зиёд худро ба он ҷо расонданд ва аксарият тавассути роҳи оҳан рафтанд ва банда ҳам аз ҳамин гурӯҳ будам. Мо то Қазоқистон бо поезд рафтем ва аз онҷо то Астрахан бо автобус. Мо се рӯз қабл аз баргузории Анҷуман шабҳангом ба он ҷо расидем, аввал кормандони умури дохилаи шаҳри Астрахан сари роҳи моро гирифта бо ҳуҷҷатпурсию дӯғу даранг табъамонро тира карданд, сипас бародарони таҳҷо моро бо ҷойи буду бош таъмин намуданд ва дар ин дусе рӯз бо ҳам суҳбатҳо доштем, фикрҳо пешниҳод менамудем ва нақша мекашидем. Дар рӯзи анҷуман баъзе кормандони милиса омада фишор оварданд, то маконро тарк намоем. Дар ёдам ҳаст, як бародари чечен, ки номаш Одам буд, ба назди полковники

милиса рафта гуфт: «Шумо кистед ва чӣ мехоҳед? Барои чӣ моро метарсонед ва аз чӣ? Агар моро аз мурдан тарсонед, дониста бошед, ки ин мардум фақат барои мурдан омадаанд. Шумо бо инҳо наметавонед коре кунед. Азизтарин чизи онҳо ҷон аст ва агар шумо онро гирифтанӣ бошед, ин барои онҳо ифтихор аст». Аҳли толор чун ин суханонро шуниданд ҳама бо як овоз садои «Аллоҳу акабар»ро баланд намуданд. Полковники милиса дар курсие нишаст ва хоҳиш кард ҳарчи зудтар то зуҳр корро тамом кунем. Вакилон низ то нисфирӯзӣ корҳои муҳимми Анҷуманро ба поён расониданд.

– Дар ин Анҷуман вакилон аз кадом минтақаҳо омада буданд?

Дар ин анҷуман беш аз 200 нафар вакил буданд, ки ба фикрам беш аз 60 нафари онҳо аз Тоҷикистон буданд. Ҳамчунин дар ин анҷуман вакилон аз аксар амокини мусалмоннишини собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ширкат доштанд, вале бо теъдоди хело кам. Дар он ҷо ҳатто аз кишварҳои Прибалтика, Гурҷистон вакилон ширкат доштанд, аммо бештар аз Тоҷикистон, Чеченистон, Доғистон ва Тотористон буданд.

– Соли 1990 конфронси бахши тоҷикистонии ҲНИи Иттиҳоди Шуравӣ дар деҳаи Чортут баргузор шуд ва Шумо узви ҳайати тадорукот будед. Албатта, баргузор намудани як чунин конфронс, хусусан баъди он ки Парлумони ҷумҳурӣ баргузории онро ғайриқонунӣ ҳисобид, хело вазнин ва мушкил буд. Ҳайати тадорукот чӣ гуна муваффақ шуд, то онро баргузор намояд?

– Барои баргузор намудани конфронси бахши ҲНИи Иттиҳоди Шуравӣ дар Тоҷикистон ҳайати тадорукот дар ибтидо ба ҳукумат ариза пешниҳод намуд, то онро ошкоро баргузор намоянд. Аммо вакилони онвақта бо қарори парлумон гузаронидани як чунин конфронс ва фаъолияти ҳизби характери динидоштаро дар қаламрави Тоҷикистон мамнӯъ эълон карданд. Ҳайати тадорукотӣ баъди машварат бо роҳбарияти Наҳзат ба хулоса омаданд, ки новобаста ба қарори парлумон конфронсро баргузор намоянд. Зеро аллакай ҳайати тадорукот меҳмонони зиёдеро даъват намуда ва барои гузаронидани конфронс тамоми омодагиро дида буданд. Танҳо як масъала боқӣ монда ва он пайдо кардани ҷои баргузоркунии конфронс буд. Чанд пешниҳод шуд ва бо баъзе масъулони амокини пешбинишуда суҳбатҳо ҳам сурат гирифт. Аммо чун конфронси мо зоҳиран ғайриқонунӣ шуморида мешуд, касе барои ҷой додан омодагӣ нишон намедод. Бинобар ин, ҳайати тадорукот ногузир чораи дигар андешиданд. Барои баргузории ин конфронс масҷиди деҳаи Чортутро интихоб намудем, ки дар ин кор бародар Забеҳуллоҳ саъю талоши фаровон ба харҷ дод ва воқеан фидокорӣ кард. Домулло Забеҳуллоҳ ба фикри ман, дар ин масҷид имоматӣ мекард ва ё масъулияти дигареро дар ҳамин масҷид ба дӯш дошт.

– Шумо мардумро ба макони баргузории конфронс чӣ тавр роҳнамоӣ мекардед?

– Албатта, вақте ки қонунан баргузории конфронс мамнӯъ эълон шуд, ҳамаи ниҳодҳои зидахл назорат мекарданд, то ин конфронс баргузор нашавад. Мо инро медонистем, бинобар ин, талош намудем, то ба ҳадди тавон онро сиррӣ нигоҳ дорем, ки ҳатто вакилон то расидан ба деҳаи Чортут намедонистанд, ки конфронс дар куҷо баргузор мешавад.

Онҳо ба Душанбе ба ҷойҳои муайяншуда меомаданд ва таксиҳои махсус онҳоро ба Чортут мебурданд. Чанд дақиқа баъди шурӯъи конфронс масъулини ноҳияи Ленин хабар ёфтанд ва ба он ҷо расида омаданд. Шоми ҳамон рӯз аксарияти аъзои ҳайати тадорукот ба шуъбаи умури дохила даъват шуданд ва парвандаи маъмурӣ боз карда, ҷарима намуданд. Аммо мақомот дар суҳбатҳои алоҳида ҳамагон ба мо таҳсин мегуфтанд ва ба корбурди сиррӣ ва тарзи гузаронидани конфронс офарин мехонданд.

– Дар ин конфронс кадом масъалаҳо дида шуд?

– Дар конфронс масъалаи аввал таъсиси бахши минтақавии ҲНИи Иттиҳоди Шуравӣ буд, ки вакилон онро якдилона қабул карданд, дигар интихоби раёсати бахш ва раиси бахш буд, ки ин масоил ҳам ҳалли худро ёфт. Албатта, дар назар доштем конфронс то бегоҳ идома ёбад ва ба меҳмонону вакилон фурсат дода шавад, то суханронӣ намоянд, вале бо назардошти шароити пешомада конфронс то нисфирузӣ идома ёфт. Дар охир раиси тозаинтихобшудаи Бахши ҲНИи ИШ Муҳаммадшариф Ҳимматзода суханронӣ кард ва ҳамагонро ба муносибати таъсиси ин конфронс табрик намуд.

– Шумо дар ҳаёти устод Нурӣ низ узви фаъоли ҳизб будед ва бо эшон кор кардаед. Аз таҷрибаи кории худ ҳамрохи устод Нурӣ чӣ гуфтаниҳое доред?

– Банда масъулияти кадрӣ ва интихоботиро дар шуъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбе ва НТҶ ба уҳда доштам ва соли 2003 бо фармони устод шуъба ба ду қисмат, шуъбаи шаҳри Душанбе ва НТҶ, тақсим карда шуд. Намедонам ба чӣ хотир буд, ки дар конфронс маро раиси шуъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбе пешниҳод ва интихоб карданд. Шояд ин тасмими роҳбарият ба хотири тақвияти фаъолияти Наҳзат дар шаҳри Душанбе бошад. Мо дар ин шуъба, метавон гуфт, корро аз нав оғоз намудем ва дар маркази шаҳр қароргоҳ гирифта фаъолиятро аз шуъбаи НТҶ ҷудо кардем. Албатта, тақсим намудани шуъбаи шаҳри Душанбе ва НТҶ ба ду қисм аз тарафи Устод худ баёнгари он аст, ки эшон воқеъбин буданд ва ниёзҳои Наҳзатро хуб дарк менамуданд. Банда аз соли 2003 то даргузашти Устоди зиндаёд ба ҳайси раиси ин шуъба якҷоя кор кардаам. Дар ин муддат аз таҷрибаҳои эшон хуб истифода бурдам, ӯро аз наздик дидам ва ошно шудам. Агар устод Ҳимматзодаро як сиёсатшиноси муваффақ гӯем, устод Нурӣ сиёсатшинос ва сиёсатмадори муваффақ буданд. Вақте бо устод Нурӣ масъалаеро матраҳ менамудӣ, хуб гӯш мекард ва суханро намебурид, то ин ки мақсади як инсонро шунавад ва фаҳмад, ки чӣ мехоҳад. Устод бо суханони ширин тавре масъаларо баррасӣ менамуд, ки гоҳо посух аз забони худи шумо мебаромад. Устод ҳамаро эҳтиром менамуд ва ба инсонҳо ҷуръат медод то суханони худро ошкоро бигӯянд ва агар хато ва камбудиро медид, тавре рафтор менамуд, ки худ эҳсос мекардӣ, вале бидуни он ки чизе бигӯяд.

– Ба андешаи Шумо, чаро фаъолияти Наҳзат дар шаҳри Душанбе нисбатан камранг ва аъзои ҲНИТ аз шаҳр камтаранд?

– Бале, воқеан мо натавонистем то имрӯз фаъолияти худро дар шаҳри Душанбе ба таври дилхоҳ тақвият диҳем. Агар хубтар таҳлил кунем, хоҳем дид, рӯй овардан ба Наҳзат бештар дар ҷойҳое сурат мегирад, ки мардум як қавм ва аз як маҳаланд, зеро мардум

ҳама якдигарро хуб мешиносанд ва дар кӯмаки ҳамдигаранд ва фаъолият кардан дар чунин фазо осонтар аст. Аз тарафи дигар истиқоматкунандагони шаҳри Душанбе бештар таҳсилкарда ва маълумотноканд ва ҷаҳонбинии васеътар доранд. Табиист, ки ба ҳар чиз аз нуқтаи назари манфиъати моддӣ назар мекунанд. Барои мо баъди таъсиси шуъба муҳим он буд, ки ақшори гуногуни ҷомеа, ки муқими шаҳранд, моро бишносанд ва бо барномаҳои мо ошно гарданд ва гумон мекунам ба ин ҳадаф расидаем. Дар Душанбе ҳама қавмиятҳо зиндагӣ доранд ва зеҳниятҳо аз кулли манотиқ ҷамъ шудаанд, хуб мебуд Наҳзат бо барномаҳои хосе бо ин мардум сару кор мегирифт. Албатта, мардуми шаҳри Душанбе бештар аз мардуми дигар манотиқ бо Оиннома ва барномаи Наҳзат ошноянд, вале барои қонеъ гардонидани онҳо барномаҳои мувофиқ ба талаботи ононро бояд роҳандозӣ кард ва чеҳраи воқеии Исломро шиносонд. Вақти он расидааст, ки мо бештар корҳои амалиро анҷом диҳем, зеро бо барномаҳои назарӣ наметавонем мардуми шаҳри Душанберо ҷалб намоем.

– Устод Кабирӣ дар яке аз суханрониҳои худ гуфта буд, ки дар пайвастани Кабирӣ ба Наҳзат нақши асосиро домулло Акоша бозидааст. Инро чӣ гуна метавон фаҳмид?

– Дар ҳар оила як нафар пешбаранда ва локомотив мешавад ва дигаронро аз пушти худ мебарад. Банда дар он замон ба унвони домулло дар ҷамъомадҳо бо ҷасорат суҳбат мекардам, шояд таъсири ҳамин суҳбатҳо буд, ки дар оила мавқеъи хос доштам. Қиблагоҳам қуръонхон ва аҳли фазл буданд ва таваҷҷуҳи падарам ба ман дигаронро водор намуда буд, то аз гуфтаҳои банда пайравӣ кунанд. Вақте ман узви Наҳзат шудам, аҳли хонаводаамонро низ даъват намудам, онҳо ба хубӣ пазируфтанд. Дар он замон Муҳиддин хеле ҷавон буданд ва ӯро камтар мешинохтанд. Ҳатто дар интихоботи парлумонии соли 2000 Муҳиддин Кабирӣ номзадии худро ба вакилӣ пешниҳод карда буд ва ман ба ҳайси раиси бахши ҲНИТ дар ноҳияи Файзобод фаъолият мекардам ва узви комиссияи интихоботии ноҳия будам. Дар ҳар вохӯрӣ бо интихобкунандагон, чун ӯро муаррифӣ мекарданд, ҳатман илова менамуданд, ки додари домулло Акоша аст. Аммо дар интихоботи 2010 вақте ман номзад будам, дар вохӯриҳо мегуфтанд, ин кас бародари Муҳиддин Кабирист. Воқеан ман ифтихор мекунам, ки андаке бошад ҳам, дар ҷалби Муҳиддин Кабирӣ ба Наҳзат саҳми ман низ ҳаст.

– Ба андешаи Шумо, фаъолият намуданатон дар ҳизбе, ки бародари Шумо сарварии онро ба уҳда дорад, халале дар шахсиятсозии Шумо ворид намекунад?

– Агар ҳадаф муайян ва мушаххас бошад ва агар мақсади мо расидан ба ҳадаф бошад ва яқин дорам, ки чунин аст, бояд ҳама афроди хонавода заҳмат бикашанд, то ақаллан як нафар муваффақ шавад. Имрӯз бародари ман масъулияти волоеро ба уҳда дорад ва мо ҳама омодаем, то дар хидмати ӯ бошем ва гумон мекунам, ҳама масъулин ва аъзои Наҳзат ба монанди ман бародарони ӯянд. Агар мо танҳо дар фикри шахсии худ бошем, ба ҷое нахоҳем расид.

– Фазои оилаи худро, ки дар он бузург шудед дар ду калима васф намоед?

Фазои оилаи мо як фазои озоде буд, ки ҳар кас метавонист бе мамониъат фикру андешаҳои худро баён намояд ва дар тамоми баҳсҳо ва суҳбатҳо ширкат биварзад. Агар дар оила озодӣ ва эҳтироми ҳамдигар набошад, истеъдодҳо мемиранд ва афроди он ба бемориҳо гирифтор мешаванд.

– Дар соле, ки сипарӣ шуд ва имсол ҳам яке аз барномаҳои ҲНИТ ислоҳоти сохторӣ ва кадрӣ дар ҳизб аст. Шумо ба ҳайси раиси шуъбаи Омор ва назорат мегуфтед, ки Наҳзат то кадом андоза дар иҷрои ин барнома муваффақ буд.

– Баъди интихоботи соли 2010 аз забони баъзе номзадҳои Наҳзат, ки дар ин интихобот ширкат доштанд, пешниҳодҳои гуногун садо дод. Пешниҳоде, ки мавриди қабули роҳбарият қарор гирифт, ин даровардани ислоҳоти сохторӣ дар ҳизб ва ба сохтори ҷамоатӣ гузаштани Наҳзат буд. Аммо мутаассифона, то кунун ин ислоҳоти сохторӣ пурра анҷом наёфтааст ва ба андешаи ман анҷом наёфтани он пеш аз ҳама масъулияти ҷиддӣ ҳис накардани масъулин, чи дар сатҳи маҳал ва чи дар сатҳи роҳбарият аст. Ин аз он сабаб аст, ки дар рӯзҳои интихобот ниёз ба ин ислоҳотро ҳама хуб эҳсос карда буданд, вале чун аз интихобот дуртар шуданд, аҳамияти онро камтар дарк карданд.

– Дар Наҳзат Комиссияи тафтишот фаъолият дорад, ки онро анҷуман интихоб кардааст ва ҳамзамон шуъбаи Омор ва назорат аз тарафи раҳбарият таъсис дода шуд. Метавонед бигӯед, ки фарқ миёни ин ду сохтор дар чист?

– Агар мо ин дуро ба ду сохтори ҳукуматӣ муқоиса кунем, чунин хулоса мебарорем, ки Комиссияи тафтишот ба монанди прокуратура шакли қонунӣ будани ин ё он фаъолиятро назорат мекунад, то фаъолиятҳо ба Оинномa ва барномаи ҳизб мутобиқ бошанд. Шуъбаи Омор ва назорат фаъолиятҳоро натиҷагирӣ мекунад ва шуъбаю бахшҳоро дар фаъолият бо ҳам муқоиса ва баҳогузорӣ менамояд. Комиссияи Тафтишотро анҷуман интихоб мекунад ва дар анҷуман ва Раёсати Олии ҳизб гузориш медиҳад ва шуъбаи Омор ва назорат аз тарафи раиси ҳизб таъйин мешавад. Ва ба раҳбарият ва ҷаласаи иҷроия ҳисобот медиҳад.

– Бо таваҷҷуҳ ба ин, ки дар ду даврaи интихоботи парлумон, яъне 2005 ва 2010 Шумо номзад ба МН МО ҶТ будед. Ба андешаи Шумо, оё бидуни ворид намудани тағйирот дар қонуни интихобот ширкати аҳзоб дар ин интихоботҳо фоида дорад.

– Ба фикри банда, хуб мешуд савол ба ин шакл мебуд, ки оё ҳукумат мехоҳад, дар кишвар фазои демократӣ комилан ҳоким бошад ва интихоботҳо шаффоф баргузор шаванд, ё мехоҳад Тоҷикистон кишвари аз лиҳози демократӣ қафомонда боқӣ бимонад? Албатта, агар ҳукумат рушду пешрафти миллат ва кишварро бихоҳад, ҳатман талош мекунад, чорабиниҳои сиёсӣ ба шакли демократӣ баргузор шавад. Интихобот аст, ки умедро дар дили мардум зинда нигоҳ медорад ва илло дигар на ба фикри интихобот мешаванд ва на парвои миллату кишварро мекунанд. Агар ҳизбҳои сиёсӣ баояндаи нек умед надошта бошанд ва имкони амалишавии аҳдофи худро дар рушду нумӯи кишвар ва мардум фароҳам набинанд, мавҷудияти худро барои миллат судманд намедонанд.

– Ба унвони раиси шуъбаи Омор ва назорат ба назари Шумо хизб дар кадом самти фаъолияташ бештар муваффақият ба даст овардааст ва кадом бахше аз барномаи ҳизб ниёз ба ислоҳот дорад.

– Вақте мо шуъбаи Омор мегӯем, ин маънои онро дорад, ки тамоми омор дар мавриди аъзо ва фаъолияти онҳо дар ин шуъба ҷамъоварӣ шавад. Мутаассифона, то кунун ба ин муваффақият нарасидаем ва ҳамаи омор дар дасти мо нест. Бале, дар ин маврид шуъба камбудӣ дорад, зеро барои роҳбарият хело муҳим аст, ки тамоми оморро дар даст дошта ва аз воқеияти ҳизб ва фаъолият ва корҳои рӯзмарраи аъзоён огоҳӣ дошта бошад. Албатта, талошҳо дар ин самт зиёданд, вале то кунун ба он ҳадде, ки дар барномаи шуъба пешбинӣ шудааст, нарасидаем. Қисмати дигари фаъолияти мо, ин назорат аз болои иҷрои амр, дастур ва тавсияҳои роҳбарият мебошад. Метавон гуфт, дар қисмати назорат мо бештар муваффақем.

Мусоҳиб А. Ваҳҳоб

**Мусоҳиба бо собиқадори Наҳзат Мирзомуҳаммадии Навид**

**«Ман дар ҳар ҳолат хушнудам аз пайвастанам ба ин ҳаракат ва аз дӯстиам бо ин бародарҳо».**

Мирзоҳодиев Мирзомаҳмадӣ (Навид) 1 октябри соли 1955 дар деҳаи Нушори болои ноҳияи Тоҷикобод дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1972 мактаби миёнаи №21и ҳамин ноҳияро хатм намуда, ба корҳои хоҷагӣ машғул гардид. Сипас то соли 1982 дар мактаби № 6 – и ноҳияи Октябр ба сифати муовини директор оид ба корҳои хоҷагӣ кор мекунад. Аз соли 1982 то соли 1991 аз фанни алифбои ниёгон дарс медод. Соли 1991 ба факултаи филологияи ДДМТ дохил шуда, баъди бозгашт аз муҳоҷират онро соли 1999 ба анҷом расонид. Солҳои 19931996 дар кишвари Афғонистон дар ҳиҷрат умр ба сар бурда, муддате раисии Кумитаи фарҳанги ИНОТро ба уҳда дошт. Аз соли 1996 то 1997 дар ҳайъати комиссияи оташбас аз ҷониби ИНОТ бо сарпарастии СММ адои масъулият кард. Солҳои 19971998 узви ҳайати Комиссияи Оштии Миллӣ буд. Ва соли 2001 аз ҷониби ИНОТ муовини аввали вазири фарҳанги ҷумҳурӣ пешниҳод ва таъин шуд. Эшон яке аз қаламкашони боистеъдоди кишвар мебошад, ки осораш зери тахаллуси Навид ба табъ мерасад. То ин дам чаҳор китоб бо номҳои "Милоди нур", "Ҳадиси ишқ", "Саду як ҳадиси манзум бо таълиқот" ва "Андешаҳо"ро ба табъ расонидааст. Дар матбуоти даврӣ бо теъдоди зиёда аз 30 мақола дар мавзӯоти гуногун аз ӯ ба чоп расидааст. ӯ ҳамзамон донишманди улуми динӣ буда, бо забонҳои арабӣ, русӣ ва туркӣ ошноӣ дорад. Дар соли 2005 номзадиаш ба вакилии МН МО Тоҷикистон аз ҷониби ҲНИТ пешниҳод шуд. Аз соли 2001 то 2006 ба ҳайси рӯзноманигори озод фаъолият дошт. Аз соли 2006 то имрӯз вазифаи мудири "Маркази тоҷикшиносӣ"и китобхонаи Миллии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсиро ба уҳда дорад.

Эшон узви "Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон" соҳиби унвони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» мебошад.

– Шуморо ба муносибати 40солагии ҲНИТ табрик мегӯем.

– Ман 40солагии фаъолияти ҲНИТро ба хоҳарону бародарон табрику таҳният мегӯям. Боиси ифтихор аст, ки ин ҳаракат аз замони Шуравӣ то имрӯз бо таносуби рӯзгору айём кори даъватро идома дода истодааст. Барои онҳое, ки аъзои ҳизб ҳастанд, пеш аз ҳама самимият, устуворӣ, сабр ва бурдбориро орзумандам.

– Дар фаъолияти 40солаи худ ҳизб барои ислоҳоти вазъи мусалмонон дар ҷомеаи тоҷик чӣ саҳм гузоштааст?

– ҲНИТ дар бедории ақшори ҷомеа нақши боризе дошт. Хусусан, дар замони султаи Шуравӣ мусалмонҳоро якяк таккони фикрӣ дода буд, то онҳо низ барои ҳувийяти

ақидатӣ корҳоеро ба сомон расонида, дар пайи талошу такомули афкор ва андешаҳои худ бошанд.

– Имрӯзҳо сару садоҳое дар ҷомеъа зиёд шуда, ки дар Ислом ҳизб нест, мо ба ҳизб ниёз надорем, ҳизбу ҳизббозӣ чӣ лозим аст ва монанди инҳо. Назари Шумо дар ин маврид чӣ гуна аст?

– Ин масъалае, ки шумо матраҳ кардед, дар ҷомеаи мо табиист ва ҷойи таъаҷҷуб надорад, чунки дар замони султаи Шуравӣ ба истилоҳ, идеологияе болои сари мардум қудрат дошт. Мардум дар шаби хобашон намедиданд, ки як миллат ҳизбе ё ҳаракате бо равишу гароиши мазҳабӣ дошта бошад. Ин барои мо ҷойи таъаҷҷуб нест ва он чизе, ки аз мардум мешунавем, ё кормандони динӣ, имомхатибони масҷидҳо ё баъзе нафарони дигар садо баланд мекунанд, ки дар Ислом ҳизб вуҷуд надорад, инҳо барои ҷомеъаи мо як чизи сода аст ва мо бояд инро қабул кунем. Зеро дарк ва фаҳмиши мазҳабию сиёсии мо дар чунин сатҳи паст қарор дорад.

Вале ин ихтилофи назарҳо дар байни мардум вуҷуд дорад, ки оё дар Ислом ҳизб ҳаст ё не. Баъзе аз уламои исломӣ бар сари инанд, ки ҳарчанд Ислом ба ҳизб ниёзе надорад, вале миллатҳои мусалмони ҷафокашидаи манотиқи гуногуни ҷаҳон, ки дар зери султаи сиёсатҳои фосид қарор доранд, ба ҳизб ниёз доранд. Мо мебинем, ки дар ҳолати ташаддуд баъзе фикрҳоро пешниҳод мекунанд, ки ҳизб вуҷуд надорад, мисли салафият, вале хоҳ нохоҳ худашон ба тарафи сиёсат кашида мешаванд. Муҳтавои мақсуди мо инҷост, ки бояд сари ин андеша карда, ба як қароре биёем, ки дарвоқеъ, дар кишваре, ки арзишҳои мазҳабӣ канор гузошта шудаанд ва ҳеҷ дар амал пиёда намешаванд, виҷдони худи одам тақозо мекунад, ки ягон ҳаракат ё гурӯҳе бояд ба миён ояд, ки дар пайи пиёда кардани амал бошад. Як ҳаракате вуҷуд дошта бошад, ки дар ҷомеа дорои барномаи хубу мукаммал бошад, то ки қадам ба қадам аҳдофи исломии худро пиёда карда бошад.

– Чаро имомхатибони имрӯза дар умури сиёсӣ ва ҷомеа ва пуштибонӣ аз фармудаҳои шаръӣ камтар талош мекунанд?

– Ин барои ҳамагон маълум аст, ки имомхатибон ва баъзе ниҳодҳое, ки ба номи дин амал мекунанд, дар ҷомеъаи мо танҳо як исмгузорӣ аст. Дар асл шахсиятҳое, ки ба ин симату он симат таъин мешаванд, онҳоро метавонем бозичаи дасти сиёсат гуфт. Сиёсат ҳар тараф, ки майл кунад, эшон хоҳ нохоҳ ҳамон тараф майл мекунад. Хулоса, аз ду омил бар мехӯрад, яке ин ки инҳо фармоишӣ ҳастанд, яъне фармоиши дигаронро иҷро мекунанд, дигар ин ки аксари онҳо огоҳии комили исломӣ надоранд.

– Бо устоди марҳум С.А. Нурӣ дар замони қабл аз ҳиҷрат ва замони ҳиҷрат ва баъд аз ҳиҷрат шиносоӣ доштед ва китобе бо номи “Милоди Нур”таълиф намудед, Ба андешаи Шумо, эшон сиёсатмадори ҳизбгаро буд ё баръакс?

– Бале, дарвоқеъ, мо муддати 20 сол ҳамроҳи Устоди зиндаёд аз замони масъулият доштан дар рӯзномаи “Минбари Ислом” ҳамкор будем. Ҳамчун як рӯзноманигор дар сафар ва ҳиҷрат ҳамроҳашон будам, замони фаъолият дар КОМ ва то дами аз дунё

гузаштанашон мо дар паҳлӯяшон будем. Дигар ҷойи суол намемонад, вақте ки як шахсият дар замони пойбарҷоии Шуравӣ як ҳаракатеро бунёд мегузорад, ин худаш баёнгари он аст, ки ин шахсият дарвоқеъ як шахсияти таърихӣ аст. Дар суҳбатҳои шахсӣ, дар баъзе тасмимгириҳо ман ҳамроҳашон будам. Дарвоқеъ, шахсиятест пухтаву расида. Баъди имзои Созишномаи сулҳу ризояти миллӣ дар кишвар, баъди аз нав иҷозати фаъолият ба даст овардани ҲНИТ, бо вуҷуди беморӣ, ки домангири эшон буд, барои ояндаи Тоҷикистон барномаҳои хубе дар наздашон матраҳ буд. Он шахс шахси фаҳмидаву санҷида буданд. Як шахси муҳаррик буданд. Агар манзури ҷанобашон аз ҳизбгаро танҳо як қолаби сохтаи сиёсӣ ва дигар тамоми марому мақсадро як тараф гузошта, матраҳи ҷомеъа намудан бошад, ки дарвоқеъ як чунин чизе вуҷуд дорад, Устод аз ин мафкура дур буданд. Эшон дар пайи ҷустуҷӯйи густаришу ҳаракат буданд. Ва медонем, ҳизбе, ки устод Нурӣ дар назар доранд, ба маънои ҳаракат буд ва агар ҳаракатро мегуфтанд, ҳизб дар назар буд.

– Аслан дар услубҳои суннатӣ эҷодиёти ҳар як суханварро ба давраҳо тақсим мекунанд. Агар чунин даврабандӣ кунем ва ашъори Шуморо ба давраҳои қабл аз ҳиҷрат, замони ҳиҷрат, баъд аз ҳиҷрат ва замони фаъолияти расмии Наҳзат тақсим мешавад, ки то андозае бо он ошноӣ дорем. Вале баъди худро канор гирифтан аз ҲНИТ чизе барои мо дастрас нест, агар бошад, қироат мекардед, бисёр хуб мешуд?

– Як инсоне, ки соҳиби шуур аст ва метавонад эҷод кунад, дигар барои ӯ талошҳои замониву маконӣ, куҷо будану дар кадом ҳаракат будан, ҳеҷ таъсире намерасонад. Ман дар як китобам, шояд шумо хонда бошед, як нуқтаро тавсиф кардаам, инсонҳое, ки озодӣ доранд, ҳаргиз побастаи чорчӯбаи иҷтимоъи башарӣ намешаванд. Ман ҳаргиз дар бораи як чорчӯбаи маҳдуд фикр накардаам. Ҳарчанд буданд ҳолатҳое, ки инсон сазовор медонист, дар бораи ин ҳадаф чизе гуфта бошад, гуфтам, вале онҳо маҳдудияти зеҳнии ман набуданд. Агар як нафар ба сатҳе аз дониш расида бошад, ё дар вуҷуди ӯ завқе аз шеър гуфтан бошад, он нафар раво намебинад, ки маҳдуд бошад, магар аз тариқи сунъӣ. Мисли шоирони замони Шуравӣ. Онҳо худро худ маҳдуд карданд, ман дар ягон пораи замон маҳдуд ба инҳо набудам, ҳар чизе ки дар вусъати зеҳнияти ман буд онро гуфтам. Ва баъд аз берун шудан аз ин ҳаракат дар ҳамкорӣ бо бародарони афғонистонӣ китоби "Саду як ҳадиси манзум бо таълиқот"ро, такмил дода, бо овардани матни арабии ҳадисҳо, овардани ровиён ва санадҳо (дар чопи пешин ин чиз набуд) бо фазлу карами Илоҳӣ, дар Афғонистон ба теъдоди 3000 нусха нашр намудам. Овардани ин китоб аз Афғонистон мушкил аст, аммо шукри Худо, дар бозорҳои китобфурӯшии Кобул, аз рӯйи гуфти бародарони афғон, бисёр бо талош мардум онро харидорӣ мекунанд. Ин ҳам боиси шукронаи банда аст. Ва 50 нусха барои ман ҳам оварданд. Ин як коре буд, ки баъди берун шудан аз ҳизб анҷом додам. Ва дигар кори бароям бисёр муҳим , нашри китобест бароям хеле азиз ва баъзе бародарони донишманд, чӣ аз дохил ва чӣ аз хориҷ хуб қабул карданд, бо номи "Ишора ва иборат", ки бо ҳуруфоти форсӣ ба дасти чоп расидааст. Бародари азизи мо, донишманд, Аҳмади Амиршоҳ ва шуъбаи фатвои мадраса ба ин китоб тақриз навиштанд. Ин китобро мо ба тарзи ройгон дастраси мардум кардем.

– Чӣ боис гашт, ки Шумо ҳаракатеро, ки солҳо дар он узви фаъол будед, тарк кунед.

– Ин суолро он замоне, ки ман будам, бароям матраҳ карданд. Ин тасмим тасмими оҷилӣ набуд.

Аслан гӯям ин хел тасмим надоштам, назди виҷдонам худро дурӯғгӯ намекунам. Баъдан ҳодисот чунин пай дар пай омаданд, ки баъзе воқеъотро дида, дар таҷрибаи рӯзгор ва дар талошҳои дигар санҷидам. Баъзеҳо гумон мекунанд, ки мо кадом як ранҷише дорем. Ҳар касе ҳамин хел фикр кунад, ин тангназарии ӯст. Дар ҳеҷ асру замон иҷтимоиёт ё ин ки фикри рӯзгор барои ман дар мадди аввал намеистод ва ҳоли ҳозир ҳам намеистад. Вале вақте дидам, ки ҷойи мо он ҷо танг аст, як шарофату кароматӣ инсонии ман поймол мешавад, дигар худро сазовори он ҷо надидам ва рафтам.

– Ба андешаи Шумо, кадом самти фаъолияти Наҳзатро имрӯз бояд ислоҳ намоем, ё бознигарӣ кунем.

– Як ҳаракате, ки равиши динӣ ва мазҳабӣ дорад, дар асри ҳозира худи вуҷуди ӯ як неъмат аст. Ҳизбу ҳаракати исломӣ на танҳо дар кишвари мо, балки дар тамоми дунё мушкили зиёд дорад. Бисёр душвор аст, ки ҳамон асолату ҳувийяти асили ақидатиаш боқӣ бимонад. Агар ба ин шакл боқӣ монад, аз нигоҳи ман ӯ қаҳрамон аст. Мо вақте назар ба ҳаракатҳои исломӣ мекунем, мебинем, ки онҳое, ки ба як ҳадаф расидаанд, мисли ихвониён дар Миср, ҳаракатҳо дар Тунис, ҳаракати исломӣ дар Туркия, самти ҳаракаташон аз якдигар мутафовитанд. Ин суханро бо камоли эҳтиёт ба забон меорам, ки бисёр душвор аст, бетакя, бе ягон гароишҳои шарқӣ ва ғарбӣ як ҳизб мухлисҳои холис дошта бошад. Вақте ки як шахс масъулияти раҳбарии ҳаракатеро ба зимма мегирад, аз Худо бояд талаб кунад, ки ҳамон асолати мазҳабӣ ва ақидатӣ дар ҷаҳони пурталотуми ҳаводиси ҳар рӯз тағйирёбандаи дунё аз байн наравад. Дар ҳизбе, ки аз номи дин баромад мекунанд, асолати мазҳабиақидатӣ дар дараҷаи 2 ё 3 қарор гирад, он ҳизб ба ном вуҷуд дошта метавонад. Шояд ягон замон ба кадом ҳадафе бирасад, вале ормонҳои ҷомеъаи исломиро бароварда карда наметавонад. Агар мо дар фикри мутобиқ кардани диёнат ва сиёсат бошем, ин ғалати маҳз аст ва ҳизб ба ҷое намерасад. Агар бихоҳем шаръиётро дар чорчӯби меъёрҳои сиёсӣ дохил кунем, мебинем, ки ягон меъёри шаръӣ дар меъёрҳои сохтори сиёсати маҳдуд намеғунҷад ва ин ҳам бадном кардани сиёсат мешавад, ҳам аз шаръи назари ман ҳамин аст.

– Дуруст, оё имрӯз дар Наҳзат назарияи шаръиётро дар чорчӯби меъёрҳои сиёсат дохил намудан ё мувофиқ кардан вуҷуд дорад?

– Вақте як воқеият аз назари ман бисёр муҳим менамояд, манзурам ин нест, ки дар фалон ҳаракат ин чизҳо вуҷуд доранд ё надоранд. Ман ҳушдор медиҳам, ки агар ҳамин хел бошад, чизе ба даст намеояд. Инро дар дунё, баъзе сиёсатҳои исломӣ нишон доданд, ки мардумро ба ҷойи роҳнамоӣ ба сӯйи дину шариъат чунон сиёсатзада карданд, ки шариъатро хаёл карданд сиёсат асту бас. Шумо коре накунед, ки мо бо усулиёти шаръӣ бозӣ кунем, зеро усулҳои динӣ тағйирнопазиранд. Мо бояд коре кунем, ки усулҳои шаръӣ аз дастамон наравад.

– Фаъолияти Наҳзатро дар муқоиса бо замони қаблӣ ва баъд аз интихоби Муҳиддин Кабирӣ чӣ гуна баҳогузорӣ мекунед?

– Ҳар шахсе, ки дар сари ҳаракати мазҳабӣ қарор дорад, бояд бисёр огоҳ ва масъулиятшинос бошад ва аз оқибати амр битарсад. Мувозиб бошад, ки ба василаи мафкураи ӯ ҷомеъа мунҳариф нашавад. Инро барои худам мегӯям. Ман бояд кӯшиш кунам, ки вақте бо чанд нафар суҳбат мекунам, гуфтаҳоям боиси гумроҳии касе набошад. Албатта, замони Устод дигар буд, фазои худро дошт, намешавад, ки мо имрӯзро бо фардо муқоиса кунем. Вуҷуди инсон аз нигоҳи мантиқӣ ҳар лаҳза дар тағйирот аст, ҳатто мафкураи инсон дар ҳолати табдилу тағйир аст. Агар мо муқоиса кунем, замони фаъолияти Устоди зиндаёдро аз замони ҳиҷрат, то дами охирашон, дар баъзе таносуби замонӣ баъзе ҳамгуниҳо вуҷуд дошт, вале он замон дигар буд, равиши худашро дошт. Ҷаноби Кабирӣ мудати 56 сол аст роҳбарии Наҳзатро ба уҳда дорад. Бояд гуфт, Ҳизби Наҳзат дар ин минтақа ягона ҳизбест бо гароиши исломӣ. Аслан аз лиҳози пайдоиш, дар ҷаҳон нодир аст. Як ҳаракате буд, ки дар ҷӯши вуҷуди Шуравӣ пайдо шуд. Инро бояд мудаббирона пеш баранд. Роҳро барои расидан ба ҳадаф бояд аз Худо талаб кард, на аз мушовирон, дар ҳар минтақаи дунё, ки бошанд. Агар мо худро мутобиқ ба ҷаҳони кунунӣ мекунем, пас мутобиқати мо даст кашидан аз мубориза аст. Аз нигоҳи ман ҳамин аст, яъне бисёр мудаббирона ва аз рӯйи ақл ва тадбир бояд кор барем. Бояд асолати мазҳабии мо побарҷо бошад. Мо якчанд асолат дорем, ки онҳо бояд побарҷо бошанд. Дар умум корҳо хуб шуданд. Иштибоҳот ҳам буд, аммо агар иштибоҳ набошад, шахс ислоҳ намешавад. Баъд аз иштибоҳ ислоҳот ҳам ҳаст. Дар ҳоли ҳозир Кабирӣ шахсиятест, ки ба ҳамин замона хело муносиб аст. Метавонад бо касби таҷрибаи бештар ва натиҷагирӣ аз корҳои гузашта, бо шинохтани воқеъияти шахсиятҳо, бо устуворӣ дар ин роҳ, бе калавиш метавонад кори хубе карда бошад.

– Дар фарҷоми суҳбатамон боз чӣ гуфтаниҳое доред?

– Агарчанде ки ман аз ин ҳаракат канор рафтаам, вале як инсоне, ки каме фикри рӯшан дошта бошад, наметавонад аз сиёсат канор биравад, сиёсат ҳамеша дунболи ӯст. Пас бояд ҳар як оқил на сиёсӣ, балки сиёсатшинос бошад. Ман дар ҳар ҳолат хушнудам, аз пайвастанам ба ин ҳаракат ва аз дӯстиам бо ин бародарҳо. Расули акрам (с) мегӯянд, агар як шахс илмеро, ки барои Худо ва Расул аст, бо он дунё талаб кунад, рӯзи қиёмат ҳамон илмаш ӯро ба дӯзах мебарад. Ҳамин тавр, агар як сиёсати бисёр софу покро, ки аҳдофи ухравӣ дорад, василаи дарёфти дунявӣ қарор диҳем, ҳамин сиёсат моро ба дӯзах мекашад. Худо паноҳ диҳад, ки мо ба инҳироф наравем. Мо бояд дар зиндагӣ, ҷаҳонбинӣ, ҳаёти оилавӣ ва иҷтимоии худ аз дигарон, ки ҳадафашон ба ҷуз дунё дигар чизе нест, фарқ дошта бошем ва илло ин сиёсатҳову ин ҳизб як даъвоҳои газоф ва беҳудае беш нест.

Муваффақ бошед.

Мусоҳиб: М. Комил

**Мусоҳиба бо раиси дастгоҳи ҲНИТ**

**Қосиддинов Воҳидхон**

**«Касоне, ки иродаи қавӣ доштанд, ба ҳамаи сахтиҳо нигоҳ накарда дар сафи ҳизб боқӣ монданд».**

Қосиддинов Воҳидхон 21 августи соли 1956 дар деҳаи Чоркӯҳи ноҳияи Исфара, дар оилаи косиб таваллуд шуда, соли 1973 мактаби миёнаи № 25 ва соли 1978 Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанберо бо ихтисоси муаллими забони англисӣ хатм намудааст. Аз соли 1978 то соли 1994 дар мактабҳои миёнаи № 25 ва № 49и ноҳияи Исфара ба сифати муаллими забонҳои англисӣ ва русӣ кору фаъолият кард. ӯ маълумоти диниро дар овони кудакӣ аз падараш, баъдан аз уламои деҳаи Чоркӯҳ гирифт. Соли 1989 ба сафи Наҳзат пайваста, соли 1990 ҳангоми сафар ба шаҳри Астрахан барои ширкат дар Анҷумани таъсисии Ҳизби Наҳзати Исломии Иттиҳоди Шуравӣ дар шаҳри Тошканд аз ҷониби кормандони амният боздошт ва муддати се рӯз нигоҳ дошта шуд. Соли 1991 раиси бахши ноҳиявии ҲНИТи шаҳри Исфара интихоб гардид. Аз соли1992 то соли 1993 дар ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Россия дар ҳиҷрат ба сар бурд. Баъд аз он ба Чоркӯҳ баргашта, боз дар мактаби №49 корро идома дод. Соли 1994 ба сабаби фишорҳо дубора ба Росия ҳиҷрат намуд. Соли 1999 баъди аз нав ба қайдгирии ҲНИТ дар конфронси бахши ноҳиявӣ дар шаҳри Исфара, раиси бахши ноҳиявии ҳизб интихоб гардид. Соли 2001 муовини Дабири кул таъйин гардид. Аз соли 2004 узви гурӯҳи «Муколамаи диниву дунявӣ» мебошад, ки соли 2009 ба «Академияи муколама» табдил ёфт. Солҳои 20032006 масъулияти муовинии раиси ҲНИТро ба ӯҳда дошт. Соли 2006 раиси Дастгоҳи иҷроияи ҲНИТ таъйин гардид. Соли 2007 муъовини раиси ҲНИТ интихоб шуда, то соли 2011 ин масъулиятро ба дӯш дошт. Аз соли 2011 масъулияти раисии дастгоҳи иҷроияи ҲНИТро ба ӯҳда дорад. Дар интихоботҳои солҳои 2000, 2005 ва 2010 аз рӯихати ҳизбӣ ва соли 2005 аз ҳавзаи №20 ноҳияи Исфара ба унвони номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шудааст. Ба кишварҳои Покистон, Кореяи Ҷанубӣ, ИМА, Ирон афарҳои хидматӣ анҷом додааст.

Феълан узви РО ва ШС ҲНИТ мебошад.

Оиладор ва соҳиби панҷ фарзанд мебошад.

– Соли 1989 нахустин ташкилоти ибтидоии Наҳзат дар шимоли кишвар дар ноҳияи Исфара ва маҳз дар Чоркӯҳ таъсис дода шуд, ки аъзои ин ташкилот иборат аз 19 нафар буданд. Оё Шумо метавонед тафсилоти ин воқеаро шарҳ диҳед?

– Ба номи Худованди бахшояндаву меҳрубон. Аввалин маротиба моҳи октябри соли 1989, мутаасифона, рӯзаш дар хотирам нест, дар мактаби миёнаи №49, ки он ҷо кор мекардам, панҷ нафар суҳбати махфӣ оростем. Бародар Давлат Усмон, ки бо баҳонаи иштирок дар

тӯи яке аз наздикони шодравон Саъдуллои Мусо ба деҳаи Чоркӯҳ рафта буд, марҳум Ибодулло (Абдурауф Довудов), шодравон Абдуманнон Каримов, муаллими фанни физика Ҳошимҷон Амаков ва бандаро даъват намуд. Баъд аз суҳбати якунимсоата Д. Усмон ҳар чорамонро барои ба сафи ҳизб шомил шудан табрик кард ва ҳар кадоми мо вазифадор шудем, ки ҳамсабақони худро барои дохил шудан ба ҳизб даъват намоем. Воқеъан мо ҳар кадом дар гурӯҳҳои алоҳида дар назди устодони гуногун таълим мегирифтем. Дар мӯҳлати як моҳи даъват 15 нафар аъзои нав шомили ҳизб гардид. Охирҳои моҳи ноябр ҷаласаи аввали ташкилоти ибтидоиро бо иштироки 19 нафар; Воҳидхони Қосиддин, Ибодулло Довудов, Ҳошимҷон Амаков, Қориманнон Каримов, қорӣ Ҳодӣ Фаттоев, Умарбой Ҳоҷиев, Бурҳониддин Сафаров, Рашодхон Саидмамадов, Маҳмудҷон Файзиалиев, Исобой Тулаков, Бобониёз Зиёев, Амирхон Ҷалолов, Ибодулло Мирмамадов, Неъматулло Орипов, Абдувалӣ Ҷӯраев, Олимхон Саидмамадов, Иҷобиддин Азизов, Ҳусейнбой Ғайбуллоев ва Сулаймонхон Мухторов доир намудем. Дар ҷаласа қорӣ Ҳодӣ Фаттоевро раиси ташкилот интихоб намудем. То баргузории конфронси нахустини шуъбаи тоҷикистонии Ҳизби Наҳзати Исломии Иттиҳоди Шуравӣ дар Чортут ҳамин 19 нафар фаъолияти пинҳонӣ мебурданд. Вазифаи аслии ин гурӯҳ таълиму тадрис ва омода намудани афкори мардум барои пазириши ҳизби сиёсии характери динӣ дошта дар тамоми навоҳӣ буд. Барои иштирок дар Анҷумани ҲНИи ИШ дар шаҳри Асрахан банда ва Ибодулло Довудов ҳамчун намоянда аз ноҳияи Исфара ба таври махфӣ даъват шудем, аммо дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон боздошт шуда, дар давоми се рӯз нигоҳдорӣ ва мавриди бозпурсӣ қарор гирифтем. Дар Конфронси аввали шуъбаи Тоҷикистонии ҲНИ чор нафар вакил аз ноҳияи Исфара дар ҳайати Ибодулло Довудов, Бурҳониддин Сафаров, Амирхон Ҷалолов ва Воҳидхони Қосиддин иштирок намуданд.

– Ин гурӯҳи 19 нафара чанд муддат пинҳонӣ фаъолият намуданд?

– Фаъолияти пинҳонии ин гурӯҳ муддати як сол давом кард, яъне то баргузории Конфронси таъсисии Чортут ва баъди конфронс мо ба фаъолияти ошкор шурӯъ намудем ва рӯз ба рӯз шумораи аъзои ҳизб дар ноҳияи Исфара афзоиш меёфт. Баъд аз баргузории Анҷумани аввали Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар соли 1991 ва расмӣ гардидани фаъолияти ҳизб, аввалин конфронси бахши ноҳиявӣ дар деҳаи Чоркӯҳ, дар маҷлисгоҳи совхози «Иттифоқ» бо иштироки уламои бузурги ноҳия, қорӣ Абдусамеъ ва домулло Сафиюллоҳхон (Худо раҳматашон кунад) ва зиёда аз ҳазор нафар аъзову ҷонибдори ҳизб баргузор гардид. Дар кӯтоҳтарин муддат шумораи аъзо дар ноҳияи Исфара ба беш аз 10 ҳазор нафар расиданд.

– Ҳанӯз соли 1991 шумораи аъзои ҳизб дар ноҳияи Исфара ба беш аз 10 ҳазор нафар расид ва дар баъзе сарчашмаҳо онро 15 ҳазор низ гуфтаанд, вале чаро имрӯз Наҳзат дар Исфара 4 ҳазор узв дорад, инро чӣ гуна бояд фаҳмид?

– Ноороми̇ҳои кишвар ва воқеъаҳои солҳои 199297 барои аъзо ва ҷонибдорони бахши ноҳиявии ҳизб як имтиҳони ҷиддӣ буд, ки аз он қисми зиёди наҳзатиён нагузаштанд. Касоне, ки иродаи қавӣ доштанд, ба ҳамаи сахтиҳо нигоҳ накарда дар сафи ҳизб боқӣ

монданд. Сабаби дигар, дар он замон аксарияти муаллимон, табибон, имомхатибон ва кормандони ҳукумат узвияти Наҳзатро қабул намуда буданд, ки имрӯз агарчи аксари онҳо ҳаводори Наҳзатанд, вале бо мулоҳазаҳое узви расмӣ нашудаанд.

– Бахши исфарагии ҳизб яке аз бахшҳои пешқадами Наҳзат мебошад ва аъзои ҲНИТ аз ҳамин ноҳия бештар аст ва Шумо сабаби онро дар чӣ мебинед?

– Ман яке аз омилҳои муҳимро дар меҳнату заҳмати шабонарӯзии Раёсати бахш, ҳамаи масъулин ва аъзои ҳизби ноҳия мебинам. Аз тарафи дигар заҳмати шабонарӯзии олимони гузаштаи ин марзу бум аст, ки ба мардуми ноҳияи Исфара, аз ҷумла деҳаи Чоркӯҳ маърифати исломӣ доданд ва пойбандии онҳо ба дин реша дар таълимоти эшон дорад. Бо вуҷуди фишору таъқибҳои зиёд олимони ин ноҳияи бостонӣ аз таълиму тадрис даст накашиданд. Дар таххонаҳову кӯҳу дашту саҳро, ҳангоме, ки дигарон шабҳо дар хоби роҳат буданд, ин мардони Худо барои эълои калимаи Худо заҳмат мекашиданд. Шогирдони худро дар рӯҳияи имону тақво, тарси Худо ва шуҷоъату далерӣ, дар роҳи Ҳақ тарбия менамуданд. Мардуми ин ноҳия, новобаста аз касбу корашон, рукнҳои Исломро ба ҷо меоранд. Аксари бонувон шариати исломро риъоя менамоянд ва новобаста аз масъулиятҳои давлатӣ пӯшиши исломӣ доранд. Ягон нафари онҳоро касе ба ин кор маҷбур накардааст, балки ин барои онҳо ба ҳукми анъана даромадааст. Ин ҳама натиҷаи заҳмати уламо аст, ки баъд аз пош хурдани Шуравӣ ва вазидани насими озодӣ мардум барои ҳаққу ҳуқуқҳои худ талош намуданд. Яке аз намунаҳои талоши онҳо ин аст, ки соли 1990 дар интихоботи порлумонӣ аввалин намояндаи мусалмонон Ҳадятуллоҳи Одил, аз деҳаи Чоркӯҳ вакили мардумӣ интихоб гардид. Ин худ аз бедории мардум дарак медиҳад. Дигар босаводӣ ва ҳақталошии занҳои ноҳия боиси зиёдшавии аъзои ҳизб дар бахш гардидааст. Зиёда аз панҷоҳ дарсади аъзои ҳизбро бо нувон ташкил медиҳанд. Яке аз муҳимтарин ва асоситарин омили пешравӣ дар ҳамаи самтҳои фаъолият ин барпо намудани ҷаласаҳои мунтазами ташкилотҳои ибтидоӣ мебошад. Ҳар як ташкилоти ибтидоӣ дар ноҳияи Исфара камаш дар як моҳ ду маротиба ҷаласа доир менамояд.

– Аз Тоҷикистон 68 нафар ба ҳайси вакил ва меҳмон дар анҷумани Астрахан ширкат намуданд, вале аз вилояти Суғд касе дар он ширкат надошт. Сабаб дар чист?

– Сабаби иштирок накардани вакилони вилояти Суғд дар Анҷумани Астрахан дар он аст, ки воқеан тақрибан 25 нафар аз вилоят озими Астрахан шуданд, вале дар шаҳри Тошканд аз тарафи кормандони амнияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон боздошт ва муддати се рӯз мавриди бозпурсӣ қарор гирифтанд. Банда низ яке аз ин афрод будам. Ба ғайр аз шодравон Абдурауф (Ибодулло), ки ҳарду аз як ҷо будем, дигаронро намешинохтам. Моро бисёр таъкид намуда буданд, ки ҳатто ба наздикони худ чизе нагӯем ва имрӯз аввалин бор ман ин сирро ошкор карда истодаам. Албатта, имрӯз дигар он махфӣ нест, таърих аст.

– Дар интихоботи парлумонии соли 1990, ки ҳанӯз даврони Шуравӣ буд, шахсияти рӯҳоние аз Исфара дар интихобот пирӯз гардид. Метавонед бигӯед, ки дар он давра ин рӯҳонӣ пирӯзиро чӣ гуна ба даст овард?

– Интихоботи парлумонии соли 1990 нахустин ва охирин интихоботи замони бозсозӣ буд, ки дар фазои озод ва демократӣ гузашт. Наҳзат, ки ҳанӯз фаъолияти расмӣ ва ошкор надошт, бахши исфарагии он тасмим гирифт, то як шахсияти рӯҳониро ба номзадӣ пешбарӣ намояд ва билохира бо имомхатиби масҷиди ҷомеъи Ҳоҷиён Ҳадятуллоҳи Одил машварат шуд. ӯ таклифи наҳзатиҳоро пазируфт ва номзадии худро пешниҳод кард. Баъд аз он дар маъракаи пешазинтихоботӣ мо наҳзатиҳо ва тамоми шахсиятҳои мазҳабӣ, миллӣ ва умуман мардуми Чоркӯҳ ба таблиғот машғул шуданд, дар натиҷа номзади мо бо касби 59% овозҳо пирӯзӣ ба даст овард. Рақиби ӯ шахсияти маъруфи минтақа, сардухтури осоишгоҳи «Зумрад» бо вуҷуди пуштибонии тамоми дастгоҳи ҳукумати ноҳия шикаст хӯрд.

– Шумо маълумоти олӣ доред ва тахассусатон муаллими забони анлисӣ аст. Чунончи медонем, кишвари мо ниёз ба муаллимони забонҳои хориҷӣ дорад, ба хусус дар солҳои навад, ба андешаи Шумо, соли 1994 чаро маҷбур намуданд, то тадрисро тарк намоед?

– Соли 1992 ман ба Ҷумҳурии Қирғизистон ҳиҷрат намудам ва баъди як сол вақте ноҳия каме ором шуд ва вазъ нисбатан ба эътидол омад, ба ҷои кори аввали худ баргаштам. Муддати як сол зери фишору таъқиби кормандони амниятӣ корро дар мактаби миёнаи №49, ки директораш ҳамон вақт Исмоилхон Баҳриддинов буд, давом медодам. Охирин маротиба соли 1994 маро директор ба утоқи худ даъват намуда, иқрор шуд, ки кормандони амният ӯро маҷбур намудаанд, то маро аз кор биронад. Вазъияти ба амал омадаро ба ҳисоб гирифта, ариза навишта, аз кор рафтам ва ин дафъа ба тарафи Русия ҳиҷрат намудам. Сабаби маҷбуран аз кор рафтани ман дахолати бемаънии кормандони амният аст, зеро онҳо ҳарчанд талош карданд, дар амалҳои ман қонунвайронкунӣ надиданд, то ҳабс намоянд, бинобар ин, роҳи фишорро пеш гирифтанд.

– Ба андешаи Шумо чаро ҳукумати кишвар имрӯз ҳам бо вуҷуди ниёзи шадид ба кадрҳои мутахассис доштан, намехоҳад аз кадрҳои аҳзоби сиёсии кишвар истифода барад?

– Имрӯз системаи маъориф ва тандурустӣ ба маркази таблиғотии ҳизби ҳоким табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, мавҷудияти аъзои ҳизби дигар дар муассисаҳо манфиатҳои ононро зери хатар мегузорад. Бинед, тамоми дастовардҳоро ба ҳизби ҳоким нисбат медиҳанд ва вуҷуди шахсиятҳо аз дигар аҳзоб воқеиятро ошкор намуда, даъвоҳои онҳоро зери суол мебарад.

– Шумо ба ҳайси муовини дабири Наҳзат муддате фаъолият доштед. Чӣ боис гардид, то дабирият бекор карда шавад?

– Бале, ман соли 2001 бо даъвати бародар Саидумари Ҳусайнӣ, Дабири кулли ҲНИТ ва бо қарори Раёсати Олӣ муъовини эшон таъин шудам ва то соли 2003 дар ин симат фаъолият намудам. Сабаби ба ин масъулият таъин шудани ман хизматҳову дастгирии Раёсати бахши ноҳиявии Исфара ва хусусан заҳмати аъзову ҷонибдорони ҳизб дар интихоботи президентии соли 1999 ва интихоботи парлумонии соли 2000ум буд. Ман ҳамеша аз ҳамаи онҳо миннатдорам.

Бояд қайд намоям, ки он дабирият то ҷое муваффақ буд ва рисолати худро анҷом дод. Ва соли 2003 бо қарори Раёсати Олӣ дабирият барҳам дода шуд. Салоҳияту вазифаҳои Дабири кул ба ӯҳдаи муъовинони раиси ҳизб гузошта шуд. Дар он замон устод Нурӣ роҳбарияти ҳизбро ба дӯш доштанд. Муъовинони эшон устод М. Ҳимматзода, М. Кабирӣ ва М. Фозилов буданд. Дар ибтидо тамоми умури Наҳзатро Дабири кул идора менамуд, устод М. Ҳимматзода бештар ба корҳои парлумонӣ машғул буданд ва М. Кабирӣ дар маркази таҳлилӣ фаъолият мекарданд ва М. Фозилов раиси шуъбаи вилоятии ҲНИТро дар вилояти Суғд ба ӯҳда доштанд.

– Ҷанги шаҳрвандӣ аксари манотиқи ҷанубро фаро гирифта буд ва дар шимол он қадар эҳсос намешуд. Чаро Шумо маҷбур баҳиҷрат шудед?

– Бале, Шумо дуруст қайд намудед, ки дар шимоли кишвар ба мисли ҷануб даргириҳо ба вуҷуд наомаданд. Ин бозгӯи фарҳанги баланди мардуми онҷост. Ҳукуматдорони даври кишвар дар шимол мисли ҳукуматдорони ҷануб аз хусумат кор нагирифтанд, инро бояд иқрор кард. Аз дигар тараф мухолифин ба хусус пайравони ҲНИТ итоат аз амри роҳбари худ карданд ва даст ба хушунат назаданд. Ин амалҳои дуҷониба боиси ба харобазор табдил наёфтани шимоли кишвар гардид. Ҳар он фишору таъқибе, ки ба амал меомаданд, танҳо бо фармони марказ сурат мегирифт ва то қадри имкон масъулини шимоли кишвар онро кам менамуданд. Сӯҳбате, ки бо Гулафзо Савриддинова, раиси ҳамонвақтаи шаҳри Исфара доштам, аз хотирам ҳеҷ вақт намеравад. Ӯ ҳангоми суҳбат оиди қатъи фаъолияти бахши ноҳиявӣ баъд аз судури Қарори Суди Олӣ дар мавриди манъи фаъолияти аҳзоби мухолиф чунин гуфт: «Ман ҳамчун раиси шаҳр дар фаъолияти Шумо ягон камбудиро надидаам. Баръакс дар бисёр масъалаҳо ба мо кӯмак намудед. Агар аз хоҳиши ман мебуд, ман ҳамкориро боз давом медодам. Афсус ки фаъолияти Шумо имрӯз қонунан манъ карда шудааст. Аз Шумо хоҳиш дорам, то он вақте, ки ба фаъолияти ҳизби Шумо расман иҷозат нашавад, фаъолиятҳои ғайриқонунӣ накунед. Ман боварӣ дорам, ки боз ба Шумо иҷозаи фаъолият хоҳанд дод. Шумо ҳоло ҷавонед, худро эҳтиёт намоед. Шумо барин кадрҳо барои ноҳия заруранд. Ба кори муаллимиатон давом диҳед. Ҳамчун як шаҳрванди ноҳия ва ҳамчун як муаллими пешқадам ман ҳамкориамро бо шумо давом хоҳам дод. Ман аз ҷониби худ кӯшиш менамоям, ки ба ягон нафар шаҳрванди ноҳияи Исфара зарар нарасад. Аз шумо хоҳиш менамоям ба аъзоёнатон фаҳмонед, ба ягон корҳои ғайриқонунӣ даст назананд. Фаромӯш накунед, ки амнияти ноҳия ва тинҷию оромии мардуми он азману шумо вобаста аст. Коре накунем, ки ноҳияамонро ба харобазор табдил диҳем. Ман ба шумо боварӣ дорам, чунки Шуморо дар ин муддат хуб шинохтам. Набояд фаромӯш кунед, ки на ҳамаи кор аз ман вобаста аст, аммо ман кӯшиш мекунам, ки ба пои касе хор назанад». Он кас воқеъан ба ваъдаҳои худ вафо кард. Бо вуҷуди зан будан нагузошт, ки ба ноҳия қувваҳои «Фронти халқӣ» дохил шавад. Мо аъзо ва ҷонибдорони ҲНИТ низ бо итоат аз супориши роҳбарияти ҳизб даст ба ягон амали хушунатомез назадем. Бо маслиҳати бародарон ман, ки расман раиси ҳизб будаму зери назорати органҳои амниятӣ қарор доштам, аз фаъолиятҳо муддате худро канор гирифтам ва гурӯҳе аз бародарони мухлис ба таври пинҳонӣ фаъолиятро давом доданд. Баъд аз барканор шудан аз кори муаллимӣ боз ҳамроҳи бародарон ба фаъолияти

пинҳонӣ пардохтам. Яке аз вазифаҳои аслии бахши ноҳиявӣ дар давраи солҳои 19921999 ҷобаҷокунии фарзандони муҳоҷирину муҷоҳиддин ва таълиму тарбияи онҳо буд, ки бахши ноҳиявӣ ин вазифаи муқаддасро бо эҳсоси масъулият анҷом дод. Дар ин амр воқеъан бародарони ноҳияи Исфара, ба хусус деҳаи Чоркӯҳ хизматҳои зиёд намуданд.

– Имрӯз масъулияти раисии дастгоҳи Наҳзатро ба ӯҳда доред ва қаблан муовини раис будед ва яке аз сиёсатҳои Наҳзат ин пеш гирифтани сиёсати ҷавонгароӣ мебошад. Лутфан мегуфтед, ки дар ин самт чӣ корҳое анҷом дода шуд?

– Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲНИТ кор бо ҷавонон буду ҳаст. Ҷавонгароӣ ин на шиори холӣ, балки кори амалии ҳаррӯзаи ҳамаи ниҳодҳои ҳизб мебошад. Ҷалби ҷавонони болаёқат ба ҳизб ва масъулиятҳои ҳизбӣ, ташкили клуби мубоҳисавии ҷавонон, ташкили мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ, ташкили вохӯриҳои силсилавии раиси ҳизб бо ҷавонон, ба хусус бо донишҷӯён, дастгирии ҳаматарафаи варзишгарон, ташкили курсҳои омӯзишӣ барои ҷавонон дар маркази ҳизб, ҷалби ҷавонон дар маъракаи интихоботӣ ва ташкили гурӯҳи «Дастёрони ҳизб» аз ҳисоби ҷавонон, инҳо аз зумраи фаъолиятҳое мебошанд, ки дар ин самт роҳандозӣ шудаанд.

– Вақтҳои ахир дар баъзе расонаҳо хабаре мунташир шуд, ки Наҳзат ба наздикӣ шабакаи телевизионии худро таъсис хоҳад дод. Ин хабар то кадом андоза сиҳҳат дорад?

– Фикри таъсиси шабакаи телевизиони Наҳзат аз соли 2003, замони дар қайди ҳаёт будани устод С.А. Нурӣ пайдо шуда буд. Нахустин мактуби дархостии мо ба Кумитаи радио ва телевизион дар ҳамон сол фиристода шуд, вале он мактуб ҳамчунон бе ҷавоб монд. Соли гузашта ин масъала дар барномаи кори ҳизб пешбинӣ шуд. Мо номаи дархостӣ фиристодем ва Худо хоҳад то ба охир талош хоҳем кард, вале ба мо кай иҷозат медиҳанд, ин аз мо вобаста нест.

Мусоҳиб М. Орзу

**Мусоҳиба бо собиқадори Наҳзати Исломӣ Давлат Усмон**

**«Наҳзат даргоҳи муқаддас аст ва дар он шахсиятҳое ҳастанд, ки онро пеш бурда истодаанд.»**

Давлат Усмон соли 1957 дар ноҳияи Қубодиён дар оилаи кишоварз ба дунё омадааст. Солҳои 19641974 дар мактаби миёна таҳсил намуда, баъди хатми мактаб ба ноҳияи Ёвон омада, то соли 1979 ба ҳайси коргари совхози рақами 3 кор мекунад. Солҳои 19791981 дар сафи Артиши Шуравӣ хидмат намудааст. Баъди баргаштан аз хидмати ҳарбӣ дар базаи фурӯши маҳсулоти пахтагии шаҳри Душанбе то соли 1985 ҳамчун мутахассиси соҳаи барқ ифои вазифа намуд. Солҳои 19841990 дар шуъбаи шабонаи факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил намуда, онро бомуваффақият хатм мекунад. Эшон дар баробари донишомӯзӣ ҳамзамон фаъолияти худро дар истеҳсолот идома медиҳад. Солҳои 19861989 дар базаи ҷумҳуриявии «Тоҷикселхозкомплект» ба сифати ҳуқуқшинос кору фаъолият менамояд.

Маълумотҳои диниро аввал дар оила, сипас дар назди мулло Ҷӯра дар Қубодиён ва баъд аз он дар шаҳри Қӯрғонтеппа дар назди мулло Ҳайит ва дигар устодон аз худ намудааст. Ҳамчунин солҳои 19771979 дар назди домулло Ҳикматуллоҳ таълим гирифтааст. Дар нахустин анҷумани ҲНИи ИШ ӯро ба ҳайси муовини раиси ҳизби Наҳзати Иттифоқи Шуравӣ интихоб намуданд. Дар конфронси бахши тоҷикистонии ҲНИи ИШ, ки дар деҳаи Чортут баргузор гардид ӯро ба ҳайси муовини раис интихоб намуданд ва то даврони ҳиҷрат ин масъулиятро ба ӯҳда дошт. Аз моҳи май то декабри соли 1992 дар Ҳукумати Мусолиҳаи Миллӣ ба ҳайси муовини Сарвазири ҶТ кор кард. Бар асари ҷанги шаҳрвандӣ аз моҳи декабри соли 1992 то моҳи ноябри соли 1996 дар ҶИ Афғонистон дар ҳиҷрат буд. Солҳои 19961998 сарварии Ситоди марказии нерӯҳои мусаллаҳи ИНОТро ба ӯҳда дошт. 12 феврали соли 1998 бо пешниҳоди ИНОТ вазири иқтисод ва робитаҳои иқтисоди хориҷии ҶТ таъйин шуд ва дар ин вазифа то моҳи марти соли 2000 кор кард. Соли 1999 дар Анҷумани ҲНИТ номзад ба мақоми Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон пешниҳод гардид. Соли 2002 Академияи хадамоти давлатии назди Президенти Федератсияи Русияро бо дипломи аъло хатм кард.

Оиладор ва соҳиби панҷ фарзанд аст.

– Муҳтарам Давлат Усмон, инак Наҳзат чилумин солгарди худро ҷашн мегирад ва Шумо ба унвони яке аз собиқадорони он ба ин муносибат кадом гуфтание доред?

– Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон. Ин фурсати муносибро истифода бурда тамоми аъзо ва ҷонибдорони ҲНИТро ба ин муносибат аз самими қалб табрик менамоям.

– Ба андешаи Шумо, ҳаракти бедории исломӣ дар қаламрави Иттиҳоди Шуравӣ кай ва чӣ гуна пайдо шуд?

– Ҷунбиши сиёсии динӣ ва ҳаракати бедории исломӣ дар ибтидои солҳои 70 дар зеҳни иддае аз ҷавонони равшанфикр ба вуҷуд омада буд. Инро бояд ёдовар шуд, ки ин бедорӣ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ, ки ҷузъи як кишвари муттаҳид буданд, пайдо шуд. Бале, бояд эътироф намуд, ки бедории диние, ки дар Тоҷикистон ба вуҷуд омад, шояд аввал дар водии Фарғона бештар ба мушоҳида мерасид. Чанд нафаре, ки дар назди марҳум Мавлавӣ Муҳаммадҷон мулаққаб ба Мавлавии Ҳиндустонӣ таҳсил мекарданд, аз ҷумла марҳум устод С. А. Нурӣ, Аллома Раҳматуллоҳ, қорӣ Абдувалӣ аз Фарғона ҳар яки онҳо шахсиятҳои равшанфикр ва тарафдори исломи сиёсӣ буданд. Афкори сиёсӣдинӣ дар ибтидои солҳои 70 дар Тоҷикистон ва дар водии Фарғона ва Тошканд ба вуҷуд омад, вале дар Тоҷикистон ба шакли ҳаракат даромад. Ин афкор сароғоз ба шакли ҷудогона дар Қӯрғонтеппа ва дар Душанбе пайдо шуд. Мо як гурӯҳ ҷавонон дар шаҳри Душанбе охирҳои соли 1975 гурӯҳе таъсис карда будем ва оиди гурӯҳи Устод ҳеҷ маълумоте надоштем. Ман бо раҳбари Ҳаракати сиёсӣисломӣ марҳум устод Нурӣ замоне ошноӣ пайдо намудам, ки аллакай як гурӯҳи муназзам бо роҳбарии он кас дар Қӯрғонтеппа фаъолият менамуд.

– Шумо кай ва чӣ гуна бо устод Нурӣ шинос шудед?

– Сабаби шиносоии ман бо устод Нурӣ бародар Ҳомидхӯҷа буд. Мо дар назди домуло Ҳикматуллоҳ таҳсил мекардем ва эшон он замон дар ноҳияи Куйбишев (А. Ҷомӣ) дар деҳаи ба номи Шверник зиндагӣ мекард. Бародар Ҳомидхӯҷа низ дар он ҷо дарс мехонд ва ӯ боре аз рӯи иштибоҳ дар ҳузури домулло Ҳикматуллоҳ сухане гуфт. Он кас, ки бисёр одами зирак буданд, пай бурданд, ки ин суханони сиёсист ва Ҳомидхӯҷа бо дастури касе ба ин ҷо омадааст. До

201

мулло аз ман пурсид, ки Ҳомидхӯҷа дар гурӯҳи Шумо ҳаст? Ман посухи рад додам. Рӯзи дигар Ҳомидхӯҷаро пурсупос кардам ва ӯ ба ман гуфт: «Агар хоҳӣ ба як ҷо меравем». Ман розӣ шудам ва рӯзи ҷумъа мо ба шаҳри Қӯрғонпеппа рафтем ва дар он ҷо бо бародарон Неъматуллоҳ, Қаландар ва устод Нурӣ ошноӣ пайдо кардем. Ва бо ҳамин ман ба ин ҳаракат ошно шудам ва батадриҷ мо тавонистем домулло Ҳикматуллоҳро ба ҳаракат моил кунем ва эшон як гурӯҳи хурде иборат аз даҳ дувоздаҳ нафар дошт ва дар байни онҳо бародар Зубайдуллоҳи Розиқ низ буд. Домлло Ҳикматуллоҳ ин гурӯҳро дар ихтиёри мо гузоштанд ва онҳо дар ҳалқаи мо пайваст шуданд ва ба ҳаракат шомил гаштанд. Нахустин вохӯрии мо бо устод Нурӣ моҳи апрели соли 1978 сурат гирифт, вале ҳалқаҳо соли 1979 пайваст шуданд. Афроди ҳалқаи мо, ки дар Душанбе буданд, барои ҳифзи сирри худ хоҳиши бо дигарон пайваст шуданро надоштанд. Аммо дар соли 1979 муваффақ шудем, ки ҳалқаҳо бо ҳам якҷо шаванд. Яке аз афроди ин гурӯҳ бародар Зубайдуллоҳи Розиқ мебошад, ки сабабгори пайвастшавии ин ҳалқаҳо буданд.

– Дар он замон, ки мулло ва мактаб ду чизи боҳам мутаззод буданд, Шумо яке аз аввалин наҳзатиҳои донишгоҳӣ мебошед. Ба фикри Шумо, андешаи мулло бояд ҳамқадами замон бошад, аз куҷо пайдо шуд?

– Гурӯҳе ки моҳи декабри соли 1975 дар шаҳри Душанбе таъсис дода будем, тақрибан шомили 27 нафар буд ва дар пеши худ ду ҳадафи асосӣ гузошта будем. Якум, барои омӯзиши динӣ, рафтан ба назди муллоҳое, ки шогирдони зиёд доранд ва эҷоди афкори сиёсӣдинӣ дар миёни онҳо. Дуюм, шомил шудан ба донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои давлатӣ ва

202

дар он ҷо нашри мақсаду ҳадафҳои худ. Аксари муллобачаҳои он замон дар фикри дохил шудан ба донишгоҳ набуданд ва ҳатто аскарӣ ҳам намерафтанд, аз ҷумла худи мо. Ман вақте хостам ба донишгоҳ дохил шавам аз ман билети ҳарбӣ пурсиданд ва ман ба ҳамин хотир ба хизмати ҳарбӣ рафтам ва омада ба донишгоҳ дохил шудам. Ҳалқаи мо ба ин натиҷа расида буд, ки бе нуфуз дар донишгоҳҳо ва дигар идораҳои давлатӣ, наметавонем ягон ҳадафи худро пиёда кунем.

– Наҳзат дар миёни донишҷӯён ҳалқаҳои дарсӣ ташкил намуда буд ва Шумо бо ин ҳалқаҳои донишҷӯёни наҳзатӣ ягон муносибат доштед?

– Сохтори аввалияи ҳаракати исломӣ дар он замон панҷгона буд; роҳбар, масъули таълиму тарбия, масъули молӣ, масъули иршод ва таблиғ ва масъули амниятӣ ва ҳамин сохтор дар ҳар ҳалқа вуҷуд дошт. Ҳалқаҳо дар ибтидо дар байни толибилмони динӣ шурӯъ шуд ва аз ибтидои солҳои ҳаштод вақте ҳаракат саросарӣ шуд, як ҳалқа барои ҷалби донишҷӯён ба сафи ҳаракат ба вуҷуд омад, ки онро шуъбаи ҷавонони ҳаракат гӯем хато намекунем. Баъди баргашт аз аскарӣ ва дохил шудан ба донишгоҳ дар ҳаракат раиси ҳалқа интихоб шудам ва кори ман ҷалби донишҷӯён ва ташкили ҳалқаҳо дар донишгоҳҳо буд.

– Андешаи таъсиси Наҳзати Исломии Иттиҳоди Шуравӣ кай ва чӣ гуна пайдо шуд?

– Ман дар ибтидои суҳбат гуфтам, ки бедории сиёсии динӣ на танҳо дар Тоҷикистон, балки каме пештар ё баъдтар дар ҳама нуқтаҳои мусалмоннишин ба вуҷуд омад, ба хусус Фарғона, Қафқоз, Тотористон ва ҳатто Маскав. Чанд сол қабл аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ҳалқаҳо бо ҳам робита доштанд. Бо мусалмонони Доғистон, Чеченистон, Маскав ва дигар

203

гӯшаҳои кишвари Шӯравӣ иртибот барқарор шуда буд. Соли 1989 вақте, ки ҳаракатҳои сиёсии ғайридинӣ пайдо шуданд, дар дохили ҳаракати мо низ фикри ба муборизаи сиёсии ошкоро гузаштан ба вуҷуд омад, вале гурӯҳе аз бародарон ба ин фикр розӣ набуданд. Баъди муҳокимаи ин афкор ба хулоса омаданд, ки ҳаракатҳои пинҳони сиёсии динӣ ба ду бахш тақсим шаванд, қисме пинҳон бимонад ва қисми дигар ба фаъолияти ошкор гузаранд. Қариб аксарият фикри ба фаъолияти ошкор гузаштанро қабул намуданд. Вале бародарони ӯзбекистонӣ аслан ба он мухолиф буданд, ба истисноиқорӣ Абдувалӣ ва шогирдонаш, ки роҳбарии Наҳзати ӯзбекистон ба зиммаи ӯ вогузор шуда буд.

– Наҳзати Тоҷикистонро меҳвари аслии Наҳзати СССР медонанд. Ба ақидаи Шумо, сабаби ин меҳварият дар чист?

– Ба фаъолияти ошкор гузаштанро, чунончи гуфтам бародарони ӯзбеки мо дар ибтидо қабул накарданд, ба ғайр аз қорӣ Абдувалӣ. Вақте фаъолияти Наҳзати Исломӣ густариш ёфт, марҳум қори Абдувалӣ ба Душанбе омада, омодагии худро ҷиҳати фаъол намудани Наҳзати Исломии Шуравӣ дар ӯзбекистон изҳор намуд. Дар анҷумани таъсисие, ки дар шаҳри Астрахан баргузор гардида буд, беш аз бисту панҷ фоиз вакилони он аз Тоҷикистон буданд. Шояд ин сухан, ки Тоҷикистон меҳвар буд аз ҳамин ҷо пайдо шуда бошад.

– Наҳзати Исломии Иттиҳоди Шуравӣ талош намуд, то бахшҳои худро дар дигар манотиқ таъсис диҳад. Шумо дар ташкили конфронси таъсисии бахши ҲНИи ИШ дар ӯзбекистон шахсан яке аз ташаббускорон будед. Сабаби ин ташаббус дар чӣ буд?



– Дар анҷумани таъсиси Наҳзати Исломии ИШ 15 нафар узви Раёсати Олӣ интихоб гардид, ки 5 нафари онҳо, яъне сиву се дарсад аз Тоҷикистон буд. Мо шуъбае бо номи «Шуъбаи ташкилӣ» таъсис додем, ки вазифаи он ташкили бахшҳои ҲНИ ИШ дар дигар минтақаҳо буд ва банда роҳбарии ҳамин шуъбаро ба душ доштам. Ба ҳамин хотир, табиист, ки барои баргузор намудани конфронсҳои таъсисӣ дар манотиқ талош мекардам. Мо дар Тошканд, Карачай, Доғистон ва ЧеченуИнгушистон конфронс гузаронидем ва дар Озарбойҷон агарчи конфронс набуд, вале як ҳалқа ташкил намудем. Вақте марҳум қорӣ Абдувалӣ ба Душанбе омад ва мо бо устод Нурӣ сӯҳбати се нафара доштем, хоҳиш намуд, то дар ӯзбекистон конфронси таъсисиро баргузор намоем ва яке аз ташкилкунандагони он банда буд.

– Ба андешаи Шумо, бедории динӣ дар Тоҷикистон аз кадом манбаъҳо сарчашма гирифтааст?

– Ворид шудани адабиёти сиёсӣ ва динӣ ба Иттиҳоди Шуравӣ ва дар ҳалқаҳои дарсии домуллоҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтани он адабиёт, албатта таъсири худро расонд. Дар Душанбе дар назди домуллоҳо дарс мегирифтем ва китобҳои Сайид Қутб, Муҳаммад Абдуҳу ва Муҳаммад Ғаззолиро мехондем, агарчи он вақт ҳалқаҳо сиёсӣ набуданд. Барои ҳамин, метавон гуфт, оғози ба Осиёи Марказӣ омадани бедории исломӣ ба фикри ман, тавассути ҳамин адабиётҳои динӣ сурат гирифтааст. Ин китобҳо тавассути афроде, ки аз Иттиҳоди Шуравӣ ба хориҷа сафар мекарданд ва ё тавассути донишҷӯёне, ки дар донишгоҳҳои Тошканд ва Маскав аз кишварҳои исломӣ ва ба хусус Миср ва Урдун таҳсил менамуданд, ворид мешуд. Инчунин таъсири маорифпарварони Бухоро низ дар ин бедорӣ нақш дошт. Аммо ба таври

умум, таъсири Ихвонулмуслимин бештар ба мушоҳида мерасид. Дар ибтидо ҳамаи собиқадорони Наҳзат худро ихвонӣ медонистанд ва якдигарро бародари исломӣ мехонданд.

– Шумо пеш аз ҳиҷрат, дар замони ҳиҷрат, дар равандҳои музокирот ва дар ҳукумати 30% яке аз шахсиятҳои калидии Наҳзат будед, вале баъд канорагирӣ кардед, агар сирри ниҳон набошад, иллати онро мегуфтед.

– Шояд ман рӯзе омилҳои канор рафтани худро муфассалан дар ёддоштҳои худ нависам. Дар ин ҷо ҳамин қадар мегӯям, ки вақте муқовиматҳои дохилӣ шурӯъ шуд ва мо маҷбуран ба Афғонистон ҳиҷрат намудем, дар андешаҳои мо хело тағйиротҳо ворид гардид. Мо дар он ҷо чанд ҳаракати исломиро дидем, ки бо ҳам даргир буданд, дар он ҷо ҷамъияти исломӣ, ҳизби исломӣ, иттиҳоди исломӣ ва ҳаракатҳои мазҳабӣ вуҷуд дошт, вале дар дохили онҳо масоили қавмият мушоҳида мешуд ва нуқтаҳои заъфи ҳаракатҳои исломии Афғонистон барои мо ошкор гардид. Баъди баргашт ба ватан мо ҳис кардем, ки он бемориҳо дар ҳаракати мо низ сироят кардаанд. Канор рафтани ман ҳаргиз маънои эътироз аз ҳизб ва ё хафа шудан аз касеро надорад, хостам аз худи ҳаракат канор равам ва ба омӯзиши ҳаракатҳои исломӣ машғул шавам. Сабаби дигар ин, ки бисёри ҳаракатҳои сиёсии динӣ, ки номи исломиро гирифтаанд, ба монанди наҳзати исломӣ, ҷамъияти исломӣ ва ҷамоъати исломӣ, вақте ба баъзе иштибоҳот роҳ медиҳанд, албатта ҳеҷ ҳаракат бе иштибоҳ намешавад, иштибоҳоти онҳоро ба Ислом нисбат медиҳанд ва динро айбдор мекунанд. Ман гумон мекунам, калимаи Ислом ба номи ҳизбу ҳаракатҳои динӣсиёсии рӯз изофа карда нашавад ва ин худ хидмати бузургест ба Ислом. Бояд гуфт,



Наҳзат имрӯз рисолати худро хуб анҷом дода истодааст ва канор рафтани ман як тасмими шахсӣ буд.

– Оё боре ҳам ба сари шумо фикри баргашт ба Наҳзат омадааст?

– Бубинед, русҳо мегӯянд «Святое место пусто небудет», яъне ҷои муқаддас холӣ намемонад. Наҳзат даргоҳи муқаддас аст ва дар он шахсиятҳое ҳастанд, ки онро пеш бурда истодаанд. Албатта, ҳеҷ ҳаракат беиштибоҳ намешавад, вале мехоҳам таъкид кунам, ки Наҳзат то ба имрӯз муваффақ аст ва ман ҳама вақт хоҳони муваффақияти Наҳзат мебошам. Аммо тасмими баргаштанро то кунун нагирифтаам ва дар омӯзиши он ҳастам.

– Ба андешаи Шумо, фаъолияти имрӯзаи Наҳзат ба фаъолиятҳои пешини он мутобиқат мекунанд?

– Бубинед, Наҳзат 20 сол қабл як ҳаракати инқилобӣ ва мубориз буд ва Наҳзати имрӯза бо равиши сиёсатҳои имрӯза мутобиқ шудааст. Замон пайваста дар тағйироту таҳаввулот қарор дорад, ки ба ҳаракатҳои сиёсӣ таъсири худро мегузорад. Наҳзати имрӯзаро метавон як ҳаракати дорои андешаҳои хело мулоим номид ва он аз як ҳизби динӣ дида,

ба як ҳизби сиёсӣ шабоҳати бештар дорад. Яъне ҷанбаи сиёсии он қавитар шудааст гӯем, хато намекунем.

– Ба назари Шумо, сиёсати пешгирифтаи Наҳзат дар хунсо намудани фишорҳое, ки болои ин ҳизб меояд, ҷавобгӯи замону макон аст, ё бояд роҳи дигареро пеш мегирифт?

– Наҳзат имрӯз амал кардан дар чорчубаи қонунро пазируфтааст ва дар асоси қонун фаъолиятҳои сиёсӣ мекунад. Пас бояд бештар метод ё роҳҳои таҷрибашударо истифода барад. Дар кишварҳои Ғарб муборизаи сиёсиро ба мақсади расидан ба ҳукм



анҷом медиҳанд ва бояд бо ҳамон роҳ рафт. Дар ин замина бояд таблиғоти бештар бурд ва сатҳи маърифатнокии аъзо ва тарафдоронро боло бурд ва аз фурсатҳо истифода кард ва дар ҳалли мушкилоти ҷомеа саҳим буд. Имрӯз, мутаассифона, дар барномаи фаъолияти Наҳзат масоили иҷтимоӣ камтар мушоҳида мешавад. Бубинед, ҳама вақт ҳизбҳои сиёсӣ дар кишварҳои мутамаддин сари мушкилоти ҷомеъа баҳс ва мавзеъгирӣ мекунанд ва аз ин кори худ хол ба даст меоранд. Имрӯз Наҳзат дар ин самт хело заъиф аст ва аз фурсатҳо камтар истифода мебарад. Вақтҳои охир мушоҳида мешавад, роҳбарияти Наҳзат ба масъалаи муҳоҷирон, ки яке аз проблемаҳои аслии ҷомеъа аст, таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ки кори хуб аст, вале ба ин бояд барвақттар аҳамият медод. Имрӯз дар ҷомеъа проблемаҳо зиёданд ва агар ба таҷрибаи ихвониҳо назар намоем, омили аслии пирӯзии онҳо ин аст, ки дар тӯли 80 соли фаъолият, агар ҳар бемористон ва бунгоҳи тиббиро медидед, дар бунёд ва фаъолияти он нақши ихвониҳо дида мешуд. Ҳар куҷое мушкиле пеш меомад, дар ҳалли он саҳм мегирифтанд. Онҳое, ки ба сари сандуқи овоздиҳӣ мераванд, ба ҳамон номзаде овоз медиҳанд, ки дар ҳалли мушкилоташон саҳим бошад. Яке аз камбудиҳои Наҳзат ба андешаи ман, ҳамин аст, ки аз ҳалли мушкилоти ҷомеъа дар канор мондааст. Аҳамият додани Наҳзат ба масъалаи муҳоҷирин шояд оғози ворид шудани Наҳзат барои ҳалли мушкилоти ҷомеъа бошад.

– Шумо дар мавриди ҳизбу ҳаракатҳо донишу таҷрибаи зиёд андӯхтаед, барои беҳтар шудани фаъолияти ҲНИТ чӣ пешниҳодҳо доред?

– Дар ҷомеъаи имрӯзаи Тоҷикистон мушкилиҳо хело зиёданд ва барои баланд бардоштани рейтинги худ, бояд Наҳзат бештар ба масоили иҷтимоӣ ва ҳал



ли мушкилоти ҷомеъа аҳамият диҳад. Наҳзат бо 44 ҳазор аъзои худ, метавонад шифохона, ятимхона ва бунгоҳҳои тиббӣ бисозад ва ҷомеъа эҳсос намояд, ки ин ҳизб ба дардаш мехӯрад. Мутаассифона, то ба имрӯз хизматҳои иҷтимоии Наҳзат хело кам ба назар мерасад. Албатта танқид кардан осон аст, вале ҳукумат кардан сахтиҳои зиёд дорад. Наҳзат вақте дар ҳалли проблемаҳои ҷомеъа саҳм дошта бошад, агар ба сари қудрат биёяд, барояш осон мешавад, зеро алакай дар ҳама самтҳо аз таҷрибаи хуб бархурдор аст ва мардум ба ӯ эътимод доранд. Акнун замони реаблитатсия, яъне эҳёгарии он фаро расидааст ва дар ин ҷода бояд ба мушкилоти иҷтимоии мардум таваҷҷӯҳи бештар дошта

бошад, то ба як ҳизби иҷтимоӣ табдил шавад ва баъди он мавқеъи сиёсии он низ мустаҳкам хоҳад шуд. Масъулияти сиёсии диниро ба дӯш гирифтан хело мушкил аст. Наҳзат бояд бештар ҳушёр бошад ва Худо нохоста ба иғво ва фитна гирифтор нашавад. Мубоизаҳои сиёсӣ хело хатарноканд, агар андаке иштибоҳ равад, оқибаташ хело сангин мешавад.

– Оё Шумо дар фикри таълифи ёддоштҳо ва таҷрибаҳои худ ҳастед?

Мо мебоист ёддоштҳои худро дар вақташ сабт мекардем, ки мутаассифона ин корро анҷом надодем. Ҳоло агарчӣ хело дер шудааст, вале Худованд муяссарам кунад, андешаҳои худро рӯи коғаз оварданиям, ки мо чӣ кор кардем, чӣ кор барои мо хубтар буд, то як чизи омӯзишӣ барои насли оянда шавад ва онҳо иштибоҳоти моро такрор накунанд.

Мусоҳиб: М. Комил



Мусоҳиба бо муовини раиси ҲНИТ Маҳмадалӣ Ҳаит

«Бубинед, дар кишваре ки 97 то 99 дарсадааш мусалмон аст, қонунҳое қабул мешаванд, ки хилофи шариъати Ислом ва дар маҷмуъ хилофи арзишҳои мазҳабии мову Шумост»

Ҳаитов Маҳмадалӣ Раҳмонович, 20уми октябри соли 1957 дар деҳаи Чоряккорони ноҳияи Рӯдакӣ дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Соли 1974 мактаби миёнаи №67 ноҳияро хатм намуда, ба донишкадаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон шомил мешавад ва соли 1976 ба донишкадаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Ленинград мегузарад ва соли 1980 онро хатм менамояд. Солҳои 19801982 ба хидмати афсарӣ ба ҳайси тарҷумон дар нерӯҳои мусаллаҳи Шуравӣ гумошта шуда, дар шаҳрҳои Фрунзе ва Ленинград хидмат мекунад. Соли 1982 ба Студияи телевизиони тоҷик, ба сифати муҳаррири шуъбаи филмҳо ба кор мепардозад. Соли 1983 дубора барои хидмат ба нерӯҳои мусаллаҳ даъват мешавад ва хидматро дар ҳудуди ҷумҳурии Афғонистон гузашта, то соли 1985 ба масоили барқарории сулҳ дар самти шимоли ин кишвар машғул мешавад. Барои хидматҳо дар ин ҷода бо нишони «Ситораи Сурх»и Шуравӣ, нишони «Ифтихор»и Ҷумҳурии Афғонистон ва медалҳо сарфароз гаштааст. Соли 1985 пас аз бозгашт аз Афғонистон, дар омӯзиш



гоҳи касбии №55 шаҳри Душанбе ба сифати муовини мудир ифои вазифа намуда, соли 1987 ба идораҳои барномаи бурунмарзии садову симои Тоҷикистон ба кор мегузарад. Солҳои 19891992 узви фаъоли ҳаракати мардумии «Растохез» буд.. Соли 1990 ба сабаби ширкат дар ҳодисаҳои Баҳманмоҳи хунин ва пайваст будан ба Растохез аз радио ронда мешавад. Солҳои 19901992 дар рӯзномаи «Растохез» ба ҳайси муҳаррир ва дабири масъули созмони мардумии «Растохез» ифои вазифа дошт. Аз моҳи май то моҳи декабри соли 1992 ба сифати муовини раиси ширкати садову симои Тоҷикистон кор кард. М. Ҳаит маълумоти диниро бештар ба таври худомӯзӣ аз худ намуда, бо сарчашмаҳои динию

мазҳабӣ ва ба хусус бо Қуръони карим ошноии хуб дорад. Ҳамчун мутахассиси шарқшиносӣ, таваҷҷуҳи эшон ба Ислом бештар мешавад ва адабиётҳои исломиро бо забонҳои форсӣ ва арабӣ мутолиа мекунад. Солиёни ҳиҷрат дар ДИА, дар радио ва сипас дар Ситоди марказии нерӯҳои низомии ИНОТ ифои вазифа дошт. Пас аз имзои созишномаи Хусдеҳ, миёни раиси ҷумхурии Тоҷикистон ва роҳбари мухолифин, ҷузъи ҳайати сиёсиву низомии ИНОТ ҷиҳати татбиқи Созишномаи мазкур ва истиқрори сулҳу оромӣ дар кишвар ба Тоҷикистон бозгашт ва чун узви Ситоди марказии ИНОТ дар татбиқи Протоколи низомӣ, дар сабти номи размандагони ИНОТ ва воридшавии эшон ба сохторҳои низомии ҷумҳурӣ саҳми худро гузошт. Аз соли 1999 баъди дубора ба қайд гирифтани ҲНИТ дар анҷумани он узви РО интихоб мешавад ва то кунун дар самтҳои гуногуни он кору фаъолият намудааст. Аз ҷумла, солҳои 20002001 корманди бахши таҳлил ва сиёсат, солҳои 20012007 Раиси шуъбаи кадр ва омӯзишии сиёсӣ интихоботи ҲНИТ ва аз соли 2007 то



имрӯз муовини раиси ҲНИТ, узви РО ва Шӯрои сиёсӣ он мебошад.

Оиладор, соҳиби 5 фарзанд мебошад.

– Инак Наҳзати исломӣ 40 сола шуд, ки онро синни камол меноманд. Дар оғоз Шуморо ба ин муносибат табрик мегуям ва ба таври умум дар бораи ин ҷашн чӣ гуфтанӣ доред?

– Бисмиллоҳи Раҳмони Раҳим. Банда ҷашни камолоти ҲНИТро ба ҳама аъзо ва пайравону ҷонибдорони ҲНИТ табрику таҳният мегӯям ва барои ҳамагон аз даргоҳи Худованди Маннон орзуи муваффақият, комгорӣ, тӯли умр ва бахту саодатро дорам.

– Имрӯз дар бархе аз расонаҳо мақолаҳое чоп мешаванд ва соҳибони он талош мекунанд, то чилсолагии Наҳзатро зери савол баранд. Назари Шумо дар ин маврид чист?

– Дар бораи 40умин солгарди таъсиси ҲНИТ имрӯз сару садоҳо дар ҷумҳурӣ хело зиёданд ва доираҳои ҳукуматӣ ва коршиносоне, ки ба идораҳои махсуси ҳукумат рабт доранд, мехоҳанд онро зери шубҳа баранд. Онҳо мехоҳанд дар ҷомеъа Наҳзатро ҳамчун як ҳизби таҳрифкор ба намоиш гузоранд, дар сурате ки даҳ сол қабл ҲНИТ 30юмин солгарди таъсиси худро ҷашн гирифт ва мушовири раиси ҷумҳур Набиев Ваҳҳоб ва намояндаи ҲХДТ дар он ширкат намуда, аз номи раҳбарияти кишвар ва аз номи масъулини ҲХДТ аъзо ва ҷонибдорони моро табрику таҳният гуфтанд. Имрӯз дар остонаи интихоботи президентии 2013 бо чашми сӯ ба Наҳзат нигаристан ва овардани ҳама гуна фишор ба он, ки аз тарафи мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳалӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ анҷом меёбад, кори носавобест. Имрӯз ҲНИТ тавонистааст сохторҳои худро дар саросари кишвар вусъат бахшида, қавӣ созад ва феълан ҲНИТ дар 65 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ, се вилоят

ва се минтақа фаъолият дорад. Ин худ баёнгари он аст, ки агар ҲНИТ дар гузашта сохтори қавӣ ва ниҳоди муназзам намедошт, эҳтимол буд ҳаммонанди дигар аҳзоби сиёсӣ бинобар дахолати ниҳодҳо ва афроди махсусе пароканда мешуд. Талош барои ихтилоф андохтан дар ҳизб борҳо сурат гирифт, тавтиаҳо алайҳи он ҳамеша сурат мегиранд, вале он пароканда нашуд ва иншоаллоҳ, нахоҳад шуд. ҲНИТ дар гузашта фаъолияти пинҳонии хуб дошт ва аз солҳои 90 ба баъд фаъолияти худро аланӣ ва густарда анҷом дод. ҲНИТ асосгузор ва ташаббускори роҳандозии Ҳизби наҳзати Иттиҳоди Шуравӣ буд, ки ин худ далели дигаре ба фаъолиятҳои хуб ва таҷрибаи бойи он мебошад. Агар Наҳзат қавӣ намебуд ва сохтори қавӣ намедошт, ҳаммонанди дигар ҳизбҳову ҳаракатҳои даврони бозсозии асри Горбачев бо вуқуъи ҳаводиси соли 92 аз байн мерафт. Агар Наҳзат собиқаи чандсола намедошт, бо фуру пошидани Иттиҳоди Шуравӣ ба монанди дигар ниҳодҳои Ҳизби наҳзати Шуравӣ, ки дар Озарбойҷон, Доғистон, Ӯзбекистон ва дигар минтақаҳо ташкил шуда буд, пароканда мешуд. Наҳзат ҳамчун як ҳизби сиёсӣ дар харитаи сиёсии ҶТ фаъолият кард, ҳатто дар замони муқовимат аз фаъолият боз намонд. Наҳзат дар чил сол чанд марҳаларо тай намуд ва борҳо шакли худро мувофиқи шароит ва вазъият тағйир дод. Дар ибтидо як созмони ҷавонони исломӣ буд, сипас ба ҳизби сиёсӣ, ҳаракат ва бори дигар ба ҳизби сиёсӣ табдил ёфт, чун рабти байни гузашта ва ҳозира таъмин буд, он ҳамчун ҳизби сиёсӣ боқӣ монд, ки мавҷудият ва фаъолияти пурнуфузи ҲНИТ мушти муҳкамест бар даҳони таҳрифкорони таърихи он ва ҷавоби раднопазирест бар мақолаҳои сохтаву бофтаи фабрикаи туҳмати ҳокимият.

213

– Шумо яке аз чеҳраҳои шинохта ва муборизи солҳои бозсозӣ «перестройка» ва яке аз фаъолони ҳаракати «Растохез» будед, чӣ боис шуд, ки ба ҲНИТ пайвастед?

– Банда қабл аз донишҷӯ шуданам ба Ислом таваҷҷуҳи хос доштам. Ҳарчанд назди муллое таҳсил накардаам, вале худомӯзӣ намуда, бо сарчашмаҳои динию мазҳабӣ ва ба хусус бо Қуръони карим ошноӣ доштам. Чун мутахассиси соҳаи шарқшиносӣ шудам, таваҷҷуҳам ба Ислом зиёдтар шуд. Аз солҳои 1985 ба баъд дар ҷаласаҳои клуби мубоҳисавии «Рӯ ба рӯ» ширкат намудам ва баъдан ба ҳаракати мардумии «Растохез» пайвастам. Ман он замон дар Кумитаи радио ва телевизиони РССТ дар бахши бурунмарзии он фаъолият доштам ва ба сабаби ширкат дар воқеаҳои Баҳманмоҳи хунин ва ширкат дар «Растохез» бо моддаи 37 банди 3 аз кор ронда шудам. Фаъолияти ман дар ин ҳаракат дар ибтидо дар ҳафтаномаи «Растохез» ва баъдан дар ҳафтаномаи «Дунё» буд ва сипас дабири кулли ҳаракати мардумии «Растохез» будам. Дар ҳодисаҳои солҳои 9192 ҳамроҳ бо бародарони исломӣ дар ҳама майдонҳо будам. Ман дар ҳамаи митингҳо ширкат кардаам ва аз бародарони наҳзатӣ бисёр чиз, бахусус одоб, муошират, муомилот, фарҳанги исломиро омӯхтаам. Ман дар «Растохез» ҳам корҳои зиёдеро анҷом додаам ва ба ҳайси дабири кул, дар аксари ноҳияҳо бахшҳои Растохезро ташкил ва бештар корҳои сохтории онро анҷом медодам. Бо мурури замон дар дохили Растохез нофаҳмиҳо ба вуҷуд омад ва дар даврони интихоботи президентии соли 1991 афзоиш ёфт. Бархе аз аъзои раёсати «Растохез» майл ба тарафи Набиев карданд, иддае ба хотири манфиат ва

иддае ба хотири маҳал. Онҳо ошкоро ба командаи Раҳмон Набиев ҳамроҳ шуданд ва дар хидмати ӯ буданд. Банда нисбат ба онҳо хеле интиқоди ҷиддӣ карда

214

будам ва аз эшон сахт нороҳат шудам ва дар соли 92 ин ихтилофҳо бештар шуданд. Ман марти соли 1992 расман аз раҳбарият ва раёсати «Растохез» канор рафтам ва аз 21 марти ҳамон сол худро узви Наҳзат мешуморам. Пас аз иҷлосияи 16 Шӯрои Олӣ, ки ҳукумати ба ном конститутсионӣ ба Душанбе ворид шуд ва бо танку тӯпи бегона ба куштори мардуми мусалмон шуруъ кард, банда муддате дар Душанбе пинҳон будам ва ҳарчанд кӯшиши берун рафтанро кардам, бароям муяссар нашуд. Бо кумаки бародарони наҳзатӣ аз Тоҷикистон бароварда шудам ва ба Маскав рафтам. Аз Маскав ба Алмаато ва аз онҷо ҳамроҳ бо устод М. Ҳимматзода ба Покистон рафтам ва сипас ба Афғонистон. Ҳадафи ман аз ҳиҷрат идомаи мубориза ва пайвастан бо бародарони наҳзатӣ буд. Дар Покистон бо бародарон Неъматуллоҳ ва Мудассир филмеро бо номи «Суруши сангар» дар бораи фаъолиятҳои муҷоҳидини тоҷик, ба хусус гурӯҳи фармондеҳ Ҳакими Қаландар таҳия намудем. Дар Тахор фаъолияти ман дар радиои «Садои Тоҷикистони Озод» шуруъ шуд.

– Шумо яке аз кадрҳои даврони Шуравӣ будед ва сипас дар ҳаракати озодихоҳӣ ва демократӣ низ фаъолият доштед, ҳоло дар сатҳи роҳбарияти ҲНИТ қарор доред. Ба назари Шумо тавофути арзишҳои ҲНИТ бо арзишҳои низоми Шуравӣ ва низомҳои демократиро дар чӣ мебинед?

– Арзишҳои ҲНИТ аз арзишҳои низоми замони Шӯравӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Арзишҳои Наҳзат бар асоси ақидаи Исломӣ ва арзишҳои Шуравӣ бар асоси идеологияи бехудоӣ буд. Фикр мекунам, яке аз сабабҳои асосии пошхӯрии Шӯравӣ ҳам дар муносибати бади он бо дину диндорон буд. Бо фаро расидани озодӣ ва пеш гирифтани сиёсати бозсозӣ то андозае низоми Шуравӣ тағйир ёфт, вале натавонист низомро наҷот диҳад. Арзишҳои демократие ки дар Тоҷикистон

215

роҳандозӣ шудаанд ва Тоҷикистон ҳамчун як давлати дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва демократӣ шинохта шудааст ва мақомоти ҳокимияти кишвар ҳарчанд дар зоҳир даъвои ҳамкорӣ бо динро мекунад, вале дар асл мехоҳанд дунявиятро ҳамчун як низоми бехудоӣ роҳандозӣ кунанд. Бубинед, дар кишваре ки 97 то 99 дарсадаш мусалмон аст, қонунҳое қабул мешаванд, ки хилофи шариъати Ислом ва дар маҷмуъ хилофи арзишҳои мазҳабии мову Шумост. қонуни ҶТ «Дар бораи озодии виҷдон ва итиҳодияҳои динӣ» бо Ислом мухолифат дорад ва қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар» дар се маврид мухолифат ба шариъати Ислом дорад. Аммо дунявият аз нигоҳи Наҳзат ба маънои ҳамкории дину давлат аст. Дин бе давлат ва давлат бе дин буда наметавонад. Тавре ки Ҳаким Фирдавсӣ фармудаанд:

Чунон дину давлат ба ҳам андаранд,

Ту гӯӣ ду дурре зи як гавҳаранд.

Имрӯз ҳукуматдорони мо бо истифода аз пуштибонии бархе аз кишварҳои бегона бо Ислом ва мусалмонон мубориза мебаранд ва мехоҳанд, ки як дунявии бединӣ ва ё дунявии ҳаммонанди даврони Шуравиро роҳандозӣ намоянд. Ин намуд муносибат бо дину диндорон хеле иштибоҳӣ аст ва оқибати хуб надорад. Онҳо бояд дониста бошанд, ки ҳеҷ гоҳ мардуми мусалмони моро наметавон ҳаммонанди Шуравӣ бедин сохт ва дар ёд дошта бошанд, ки ҳукумати Шуравӣ бо он ҳама иқтидораш ба ҳадаф нарасид. Мардум диндоранд ва ҳамчунон диндор хоҳанд зист. Соли 1953 ВКП (Ҳизби коммунистии Шуравӣ) қароре баровард, ки дар асоси он мебоист рӯҳониёни саршиноси минтақаи Қаротегину Вахё аз минтақа бадарға ва ба қисмати Сибир, Ставропол ва дигар губернияҳои Россия фиристода мешуданд. Бобоҷон Ғафуров аз ин бохабар мешаванд ва ба назди раҳбарияти кишвари Шӯроҳо медароянд ва



пешниҳод мекунанд, ки ҳоҷат ба бурдани онҳо ба Россия нест ва мо дар Тоҷикистон минтақае дорем ба номи водии Вахш, ки дастнохӯрда ва биёбон аст, пур аз палангу сусмор. Агар мо онҳоро ба ин минтақа бифристем барои онҳо бадтар аз фиристодан ба Сибир аст. Агар онҳо ин минтақаро обод карданд, чи хубе ва илло ҳатман тӯъмаи ҳайвонот хоҳанд шуд. Ҳукумати Шуравӣ мардуми мусалмон ва боимонро ба ин минтақа фиристоданд ва гумон мекарданд, ки дар Тоҷикистон мусалмониро аз байн хоҳанд бурд. Бубинед, ин мардуми эшонзода ва муллозода, саҳрои Вахшро ба водии зарнисор мубаддал карданд. Табиист, ки ҲНИТ ҳам аз ин минтақа сар зад чун ин минтақа ба гаҳвораи ҳифзи Ислом ва рушди мусалмонони кишвар табдил ёфт.

– Шумо дар ҲНИТ ҳамчун як шахсияти принсипнок шинохта шудаед. Ин вижагии худро таҳти таъсири чӣ омилҳое медонед ва оё ин принсипнокӣ сабаби ба вуҷуд омадани мушкилот дар коратон намешавад?

– Усулӣ будан барои ҳар як марду зан бояд маҳаки асосии зиндагӣ бошад. Ман бо он тарбияте, ки дар хонавода, донишгоҳ, дигар ниҳодҳое, ки ман дар онҳо кору фаъолият кардам ва ба хусус дар системаи низомии Шуравӣ гирифтаам, усулӣ буданро касб кардаам. Маро Худованд ин хислатро додааст ва имрӯз аз принсипнокие, ки дорам ҳеҷ гоҳ даст накашидаам ва бопринсип хоҳам монд. Дуруст аст, ки принсипнокӣ ва усулӣ рафтор кардан мушкилоти зиёдеро ба бор овардааст ва ман онро инкор намекунам. Аммо бештарин мушкилотеро, ки ман дар ҳаёт ба он мувоҷеҳ шудам, барои принсипнокиам набуд, балки ба хотири он буд, ки ман замоне дар ҳаракати «Растохез» будам, ба хотири демократ буданам ва ба сабаби он ки ман замоне дар ниҳодҳои махсуси Шуравӣ фаъолият доштам ва имрӯз ҳам ки наҳзатиям. То ба имрӯз доираҳое дар бораи



банда ҳикояҳову афсонаҳо мегуянд ва яқин дорам, ки доираҳои махсуси амниятӣ дар ин амал даст доранд. Дар даврони Коммисияи оштии миллӣ банда иҷрокунандаи вазифаи раиси Ситоди марказии артиши ҲНИТ будам ва устоди равоншод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ аз ман хоҳиш карданд, ки ҳуҷҷатҳои лозимаро барои гирифтани вазифае дар

ҳукумати сифоиза пешниҳод намоям. Ман ҳузури Устод арз доштам, ки ман бо ин ҳукумат кор карданӣ нестам ва намехоҳам дар ин ҳукумат олуда бошам, аз тарафи дигар гумон намекунам, ки ин ҳукумат маро қабул намояд. Вале баъди исрори Устод, ҳуҷҷатҳои лозимаро дар ихтиёри эшон гузоштам. Устод чун ба назди Президент рафтанд, нафари аввал номи маро пурра хат зада, гуфтааст, ки ин шахс хатарноктарин ва одами Русия аст. Баъдан чун номзадиамро ба Маҷлиси намояндагон дар руйхати ҳизбӣ ва ҳавзаи якмандатӣ гузоштам, боз нафари аввали ҷумҳурӣ ба Устод арз доштанд, ки агар дар руйхат Маҳмадалии Ҳаит нафари севвум намебуд, чанд ҷои дигар бароятон медодем. Агар ман чунин шахсе, ки онҳо тасаввур мекунанд, мебудам, ҳеҷ гоҳ устоди равоншод С.А.Нурӣ бандаро раиси шуъбаи кашфи артиши ҲНИТ (разведка) таъин намекарданд ва ҳеҷ гоҳ бандаро чун узви ҳайати сиёсиву низомӣ ба Тоҷикистон равон намекарданд ва маро раиси ситод намемонданд. Баъд аз анҷоми фаъолияти КОМ ман ба Устод гуфтам, ки суханони зиёде атрофи ман садо медиҳанд ва агар як каф дуо диҳед, ман меравам. Устод гуфтанд, ҳар он касе ки дар ҳаракати наҳзати исломист он наҳзатист, ба ҷое намеравед ва Шумо ба ҲНИТ шомил мешавед ва бо ман ва дар паҳлуи ман мемонед. Ман шукр мекунам, ки дар ин ҳаракат ҳастам ва ба асоси фаъолият, бар асоси пойбандӣ ба ақида ба ин мақому мартаба расидаам. Иддае ба ҲНИТ ба хотири манофеъ шомил шуда бу



данд ва иддае ҳамчун узви вафодор. Ба андешаи ман касоне, ки вазифа гирифтанд ва манфиати шахсиро аз ин ҳаракат ва ояндаи он авлотар донистанд, агарчи бологузар ҳастанд, вале имрӯз ҳам дар назди ҳукумат ва ҳам дар назди ҷомеъа обрӯю эътиборе надоранд. Имрӯз доираҳои муайяни ҳукумат барои заиф сохтани ниҳодҳои ҳизбӣ талош мекунанд ва барои ҳизб монеагузорӣ мекунанд ва алайҳи аъзои он фишорҳо меоранд, вале обрӯву нуфузи ин ҳаракати илоҳиро ба ҳеҷ ваҷҳ коҳиш дода наметавонанд.

– Ба назари Шумо Протоколи 3220, ки сару садоҳо атрофи он дар расонаҳо баланд шуд, то чӣ андоза воқеят дорад?

– Протоколи 3220 идомаи сиёсати ҳукумат алайҳи ҲНИТ аст. Мо давраи имзои созишномаи сулҳро ба ёд дорем, ки муносибати ҳукумат ба собиқ мухолифин хуб буд, нисбат ба онҳо эҳтиром мегузошт, вале он дер давом накард. Баъди он ки Наҳзат дубора ба фаъолият шурӯъ намуд ва дар интихоботҳо фаъолона ширкат намуд, ҳукумат дарк намуд, ки ҲНИТ бо ин фаъолиятҳои хеш метавонад соҳиби раъйи мардум гардад ва эҳтимол дорад рӯзе мақоми қонунгузорӣ ва ҳатто ҳукуматро соҳиб шавад. Ҳукумат сиёсати худро нисбат ба ҲНИТ аз соли 2000 ба баъд тағйир дод. Дар интихоботи президентии соли 1999 номзади ҲНИТ Давлати Усмон агарчи номзадияшро бозпас гирифта буд, барои ба интихобот машруъият бахшидан, номашро аз бюллетенҳо нагирифтанд. Ба интихоботи парлумонии соли 2000 ҲНИТ бидуни омодагӣ ворид шуд ва беш аз бист дар сад раъйи мардумро дарёфт кард, вале ба мо ҳамагӣ 7,62% раъй доданд. Дар интихоботҳои баъдӣ ва ба хусус интихоботи парлумонии соли 2010 бо таблиғоти

начандон қавӣ, ҲНИТ, бо иқрори таҳлилгарону коршиносон беш аз 50% раъйро ба даст овард, ки

219

ҳукуматро сахт нигарон намуд. Дар аксари ҳавзаҳои якмандатӣ номзадҳои ҲНИТ аз намояндагони дигар аҳзоб ва ба хусус ҳизби ҳоким як сару гардан боло буданд, дар маъракаи таблиғотӣ Наҳзат қавитар буд ва услубҳои нав ва тозаеро роҳандозӣ намуда буд, ки далели бартарият ва нуфузи ҲНИТ буд. Аммо ҳукумат бо табартақсиме, ки дорад, барои мо аз ҳавзаҳои якмандатӣ ҷой надод ва аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ каме бештар аз 8% раъйро дод. Бо таҳлили вазъияти соли 2010 ҳукумат ба хулоса омад, ки бояд иқдоми ҷиддие алайҳи ҲНИТ гирифта шавад. Ин иқдом дар Протоколи 3220 омадааст, ки аз рузи 24 ноябри соли 2011 қабул шудааст ва рӯзи 26 ноябри соли 2011 аз тарафи Президент Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расидааст. Агар на коршинос, балки як шахси оддӣ ба бандҳои он назар кунад, мебинад, ки агар ба хотири мубориза бар зидди масҷид, эшону мулло, ба танзим даровардани фаъолияти масҷид ва сабти наворҳои амри маъруф, 12 банд бошад, дар ин санад дигар ҳамаи бандҳои он ба фаъолияти ҲНИТ нигаронида шудааст. Аз моҳи январи соли 2012 фишор болои ҲНИТ ва ниҳодҳои он дар шуъбаҳо ва бахшҳои ноҳиявӣ хело ва хело зиёд шуд. Фаъолияти ҲНИТ аз тарафи прокуратураҳои ноҳияҳо, вилоятҳо ва Прокуратураи генералӣ мавриди санҷиш қарор гирифт. Воқеъӣ будани онро мақомоти судии мо, ки имрӯз тобеи мақомоти ҳокимияти иҷроияи марказианд, барои мо исбот накарданд, вале ба андешаи ман, он воқеият дорад. Имрӯз амалӣ шудани бандҳои мухталифи протоколро мушоҳида мекунем, бандҳои супориши Прокуратураи генералӣ ба сохторҳояш ба бандҳои протокол мувофиқат мекунанд. Талаботе ки Вазорати корҳои дохила барои ҳамаи ниҳодҳои худ дар минтақаҳо ва вилоятҳо ирсол дошта буд, ба он мувофиқат мекунад ва мактуби раиси Кумитаи оид ба

220

корҳои дини назди Ҳукумати ҶТ дар робита ба фаъолияти масҷидҳову ҲНИТ унвонии раисҷумҳур, далеле барои сиҳҳат ва воқеӣ будани протокол мебошанд. Ба андешаи ман номаи расмии Абдураҳим Холиқов асоси пайдоиши Протоколи 3220 мебошад. Имрӯзҳо дар атрофи ҲНИТ туҳмат мебофанд, мақолаҳо менависанд ва мақоланависон дар «фабрикаи туҳмат» ҳамарӯза қалам тез мекунанд, қоғаз мефарсоянд, ки идомаи татбиқи бандҳои ҳамон протоколи махфист. Аммо то кунун таъсири манфие ба фаъолият ва обрую нуфузи Наҳзат нарасонидаанд, чун ҲНИТ реша дар ормони мардум дорад.

– Дар солҳои охир барномаи мардуммеҳварӣ яке аз барномаҳои ҲНИТ буд. Шумо метавонед бигӯед, ки Наҳзат дар ин барнома то чӣ андоза муваффақ буд?

– ҲНИТ барномаҳои зиёдеро дар ин авохир роҳандозӣ кард ва яке аз онҳо барномаи мардуммеҳварӣ аст, ки мо то андозае дар ин барнома муваффақ шудем. ҲНИТ дар дохили кишвар ҳамчун як ҳизби сиёсӣ муаррифӣ шудааст, ки дар дилу дидаи мардум ҷой дорад ва интихоботи соли 2010 ва ба даст овардани беш аз 50% раъйи мардум худ далели он аст. Ин барнома барномаи ҷоӣ буд ва ба мавқеъ гирифта шуда буд ва баҳри

амалӣ намудани он роҳбарияти ҲНИТ хело талошу заҳмат кашид. Имрӯз мардум аз мо истиқбол доранд ва бо вуҷуди фишору тазйиқе, ки ҳукумат дар сатҳи маҳал ва марказ нисбат ба ҲНИТ раво мебинад, мардум бо мост. Доираи муайяни ҳукуматдорон, имрӯз мехоҳанд фикреро дар андешаи мардум ҷой кунанд, ки бояд дар Тоҷикистон ҳизби Наҳзат набошад, аммо иншоаллоҳ, ба ин нияти шум нахоҳанд дастёбӣ кард. Чун мардуми мусалмони Тоҷикистон эҳтиёҷ ба ҳизби исломиро хуб дарк кардааст ва аз он бо роҳҳои қонунӣ пуштибонӣ хоҳад кард.

221

– Ба назари Шумо Наҳзат ин зарфиятро дорад, ки нерӯҳои дигари ҷомеа, ки гароишҳои мутафовит ва салиқаҳои мухталиф доранд, даври ҳам ҷамъ оварад ва заминасози як наҳзати васеъи умумимиллӣ шавад?

– Бале, ба андешаи ман ҲНИТ якчунин зарфиятро дорад ва то имрӯз аксари нерӯҳои озодихоҳ, истиқлолхоҳ ва демократихоҳ ҳамроҳи мо буданд. Дар ҳар эътилоф, дар ҳар кумитаи тадорукоте, ки солҳои ахир арзи ҳастӣ кардааст, ҲНИТ устухонбанди онро ташкил кардааст. Дар ҳама маъракаҳои сиёсӣ ҲНИТ аз тарафи дигар ҳизбу ҳаракатҳо ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ ҳамчун ҳизби сиёсии қавӣ шинохта шудааст. Агар қавӣ ва пурнуфуз намебуд, муносибати Ҳукумат ва сарварони ҳизби ҳоким нисбат ба ҲНИТ фарқ мекард.

– Имрӯз таваҳҳум бар фазои сиёсии кишвар ҳоким аст ва нерӯҳои мухталифи иҷтимоӣ ва сиёсӣ бо ҳам иртиботи носолим доранд. Ба рақиб ҳамчун душман нигоҳ мекунанд ва дар умум робитаҳо вогароёна ҳастанд, на дар заминаи ҳамгароӣ. Ба андешаи Шумо барои ба вуҷуд овардани раванди ҳамгароӣ дар асоси рақобати солим чӣ бояд кард?

– Ба андешаи банда сарчашмаи асосии роҳандозии фазои носолим дар ҷомеъаи Тоҷикистон ин ҳукумати ҶТ аст, ки имруз аз тарафи як ҳизб ғасб шудааст ва мехоҳанд яккатоз бошанд. Ҳукумати ҶТ бисёрҳизбиро ҳамчун меъёри демократӣ эътироф кардааст, давлатро ҳуқуқбунёд меномад, вале худ хилофи ҳуқуқ ва қонунҳои қабулкардааш фаъолият мекунад. Барои эҷоди рақобати солим, иродаи сиёсии қавӣ, гузашт лозим аст, ки ҳукуматдорони мо онро надоранд. Барои эҷоди рақобати солим мувофиқи Сарқонун ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» барои аҳзоб, ташкилотҳои ҷамъиятиву иттиҳодияҳои динӣ ва дигар созмонҳое ки дар ҷомеаи мо арзи ҳастӣ доранд, бояд

222

фурсати муносиб ва баробар дода шавад. Агар ҳукумат омода бошад, то рақобатро роҳандозӣ кунад, бояд пеш аз ҳама адолати иҷтимоиро дар ҷомеъа роҳандозӣ намояд, бояд волоияти қонунро таъмин созад ва се шохаи ҳокимият ба таври мустақил фаъолият дошта бошанд. Имрӯз, мутаассифона, мақомоти иҷроия дар сатҳи марказ ва маҳал аз мақомоти судӣ ва қонунгузор болотаранд. Барои солимии ҷомеъа, бояд рақобати солим бошад ва нишонаҳои рақобати солимро метавонанд дар интихоботҳо, дар равандҳои

баргузории чорабиниҳои муҳими сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ғайри давлатӣ эҷод кунанд, дар сурате ки иродаи сиёсии ҳукуматдорони мо дар ин замина фароҳам ояд.

– Замони ҳиҷрат дар Афғонистон Шумо дар радиои «Садои Тоҷикистони озод» фаъолият менамудед. Чигуна барои таъсиси ин Радио дар ғурбат муваффақ шудед, дар ҳоле ки бист сол аз сулҳ мегузарад ва натавонистаед радиои Наҳзатро таъсис диҳед?

– Банда замоне ба он ҷо омадам, ки «Садои Тоҷикистони озод» фаъолият дошт. Фикр мекунам, ки он бо кӯшишу заҳмати беандозаи устоди равоншод С.А.Нурӣ ва ёрони эшон роҳандозӣ шуд ва он як қисмате аз кишварро фаро мегирифт ва барномаҳои ҷолибе дошт. Радио як ҷузъе аз ҳукумати мардуми мусалмони тоҷик дар хориҷ буд. Имрӯз дар Тоҷикистон на танҳо роҳандозии радио, балки барои роҳандозии маҷалла ва ҳафтанома монеаҳои зиёде аз тарафи ҳукумат эҷод мешавад. Шарту шароите, ки барои гирифтани як иҷозатнома аз тарафи шуъбаи литсензиядиҳии Кумитаи давлатии радио ва телевизиони ҶТ мувофиқи қонунҳо ва қоидаҳои пешбинишуда барои мо пешниҳод шудааст, хело ҳам сангин аст. Барои онро хуб роҳандозӣ кардан дар ибтидо бояд бо маблағи хело бузург



дастгоҳу васоилро харидорӣ намуд ва сипас онҳо иҷозат медиҳанд ё не. Мо дар садади фароҳам сохтани якчунин имконоти фанниву идориву кадрии ин радио ҳастем ва иншоаллоҳ он ташкил хоҳад шуд, вале дар гумон аст, ки то интихоботи президентӣ барои мо иҷозат диҳанд.

– Шумо бо зеркомиссияи низомии КОМ ҳамкорӣ доштед. Ба андешаи Шумо чаро бандҳои Протоколи низомӣ иҷро нашуданд?

– Дар ибтидо ман раиси кашфи Ситоди марказии артиши ҲНИТ будам ва баъди вазифа гирифтани Давлат Усмон, раиси ситоди марказии артиши ҲНИТ ва дар ҷараёни фаъолияти КОМ ба ҳамоиш додани неруҳои артиши ҲНИТ, яъне аттестатсияи размандаҳо ва ба сохторҳои қудратӣ шомил намудани эшон фаъолиятҳое анҷом додаам. Дар робита ба суоли Шумо, ҳамчун коршиноси масоили низомиву сиёсӣ гуфтаниям, ки Протоколи низомӣ нуқси беандоза зиёд дошт. Артиши Наҳзат ва умуман раҳбарияти сиёсии мо хоҳони ҳарчи зудтар ба даст овардани сулҳ буданд ва лизо ба ин ноқисиҳо аҳамият намедоданд ва бо он дили софу нияти поке, ки доштанд, тарафи муқобилро ҳам ҳамин тавр медиданд. Дар даврони музокирот, ҳаргоҳ музокирот ба бунбаст мерасид, роҳбарияти кишвар ба устод С.А.Нурӣ муроҷиат мекард ва Устод ба хотири расидан ба сулҳ гузашт мекарданд. Наҳзат ҳанӯз аз соли 1992 борҳо бо тарафи муқобил сулҳ кардааст, вале он аз тарафи Фронти халқӣ шикаста мешуд. Соли 1993 Устоди марҳум эълон доштанд, ки мо сулҳ мехоҳем, мо омодаем ба музокирот нишинем, вале тарафи ҳукумат сулҳро намехост. Онҳо то соли 1995 ва ҳатто то имзои Созишномаи сулҳ, тарафдори сулҳ набуданд. Онҳоро пуштибононашон дар ваҷҳи Русия ва Ӯзбекистон маҷбур ба созиш сохтанд. Ҳам Со

224

зишнома ва ҳам Протоколи низомӣ нуқси зиёде дошт. Дар протоколи низомӣ фактҳо оварда шудааст, вале механизми иҷрои он гуфта нашудааст. Ман қабл аз оне, ки дар Маскав ин протокол ба имзо мерасид ба раисиситод арз доштам, ки агар иҷозат бошад, ман дар ин нишаст иштирок кунам, чун протоколи низомӣ қабул мешавад. Он кас гуфтанд, ки ҳар ончизе, ки Шумо мегӯед, ман ҳатман мерасонам, вале баъдан протокол қабул шуд, ки ягон механизми иҷро надошт ва мушкилоти зиёдеро дар оянда ба бор овард. Бештари вазнинӣ болои Ситоди артиш ва устоди равоншод С.А.Нурӣ буд, ки то фармондеҳон ва размандаҳоро дар алоҳидагӣ ва дастаҷамъӣ қонеъ созанд, ки сулҳро қабул кунанд. Ҳайати сиёсиву низомие, ки аз соли 1996 то омадани Комиссияи оштии миллӣ ва ҳатто давраи КОМ фаъолият дошт, ба хотири фаҳмонда додани бандҳои Созишнома, ба хотири ба сулҳ расидан корҳои зиёде анҷом дод. Дар умум созишномае, ки дар Тоҷикистон байни ду тараф имзо шуд, ҳаммонанд ба созишномаи Кемпдевид миёни Фаластин ва Исроил аст, ки факт ҳаст, аммо механизми татбиқи он вуҷуд надорад.

– Кумитаи тадорукот оид ба ворид намудани тағйирот дар қонуни интихоботи президентӣ таъсис шуд, ки Шумо шомили он ҳастед. Оё Шумо бовар доштед, ки ин тағйирот мавриди қабул дар Парлумон қарор мегирад?

– Кумитаи тадорукот, ки иборат аз намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ғайридавлативу ҳуқуқӣ ташкил шуда буд, баъди баргузор намудани нишастҳову маҳфилҳо ва анҷоми баҳсҳои зиёд, лоиҳаи тағйироту иловаҳо ба Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ»ро таҳия намуд ва дар ихтиёри ду вакили ҲНИТ дар МН вогузор намуд. Онҳо ин лоиҳаро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод

225

намуданд. Дар лоиҳаи тағйироту иловаҳо чанд масъала буд, аз ҷумла масъалаи ворид намудани намояндагии баробар аз аҳзоби сиёсӣ ба ҳавзаҳо ва участкаҳо. Масъалаи дуюм поён бурдан ва ё аз байн бурдани фоизи ҷамъоварии имзо ба тарафдории номзади пешбаришуда ва масъалаи протоколҳову ҷамъбасти овозҳо. Мутаассифона, чун Ҳизби халқӣдемократӣ ва бахусус Ҳукумати ҶТ, ки барои баргузор намудани интихоботи шаффоф, озод ва демократӣ дар Тоҷикистон иродаи сиёсиро надорад ва намехоҳад, ки ҳукуматро бо дигарон тақсим кунад ва яккатозиро аз даст диҳад, хулосаи худро ба МН пешниҳод намуд ва танҳо пас аз дарёфти хулосаи ҳукумат, ҳамаи кумитаҳои МН ба навбат ба ин лоиҳаи тағйироту иловаҳо бо баҳонаву асосҳои номақбул хулоса навиштанд ва Шӯрои Маҷлиси намояндагон лоиҳаи тағйироту иловаҳои пешниҳодиро бозпас гардонид. Дар ин ҷо қазия ҳуқуқӣ набуд, сиёсӣ буд ва он ҳалли сиёсии худро пайдо кард. Мутаассифона, ҳукуматдорони мо аз тарси аз даст додани ҳукумат ва пирӯз гаштани нафари дигар дар интихоботи президентӣ, ин лоиҳаи тағйироту иловаҳоро рад карданд. Агарояндаи ороми Тоҷикистонро мехоҳанд, ба ҳама ҳизбу ҳаракат ва созмонҳо бояд ҳақ қоил шаванд, ба раъйи мардум эҳтиром гузоранд, мардумро дар идораи давлат саҳим

донанд, ҳукумат рӯ ба мардум орад ва мардумӣ бошад. Ҳукумат бояд рақобати солимро дар интихоботҳо эҷод кунад, барои ҳамаи аъзо, барои ҳамаи ҳизбҳои ширкаткунанда дар интихобот ва ҳамчунон созмон ва ҳар ташкилоте ки мувофиқи қонун ҳаққи пешбарии номзад ба мақоми президентиро доранд, бояд шароити баробар фароҳам оваранд.

– Ташаккур барои суҳбататон!

– Саломат бошед! Мусоҳиб: А. Ваҳҳоб

226

Мусоҳиба бо собиқадори Наҳзат

Раҷаббӣ Кабирова

«Ман дар Наҳзат ҳақиқатеро пайдо намудам, ки солҳо дар ҷустуҷӯи он будам».

Кабирова Раҷаббӣ Тиллоевна 21уми марти соли 1959 дар ноҳияи Файзобод дар хонаводаи коргар ба дунё омадааст. Соли 1977 мактаби миёнаи рақами 15 ҳамин ноҳияро бо баҳои аъло хатм намуд. Маъмурияти мактаб кӯшишу ғайрати ӯро ба назар гирифта, ба Донишгоҳи тиббӣ роҳхат медиҳад. Вале волидайн ба ӯ иҷозати идомаи таҳсилро надоданд, бинобар ин, муддате дар колхози «Октябр» кор мекунад. То замони ба шавҳар баромадан Раҷаббӣ таълимоти ибтидоии динӣ ва маълумоти аввалияи шариатро дар назди падараш меомӯзад. Баъд аз издивоҷ дарсҳои тафсир, фиқҳ ва забони арабиро дар назди шавҳараш домулло Абдумалик, ки яке аз шахсиятҳои маъруфи Ҳаракати Наҳзат буд, омӯхт. Раҷаббӣ дар замони Шуравӣ яке аз муаллимаҳоест, ки садҳо занону духтаронро таълими динӣ дода, шогирдони зиёде тарбия намудааст ва пайваста аз илмҳои омӯхтаи худ ба шогирдон дарс мегуфт. ӯ яке аз фаъолони Ҳизби Наҳзати Исломӣ дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ мебошад ва нахустин бонуест, ки дар нахустанҷумани Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон соли 1991 ҳамчун вакил суханронӣ намуд. ӯ ба кишварҳои Судон, Миср, Урдун ва аксари манотиқи Руссия сафарҳои корӣ намудааст. Академияи Шоҳигарии Арабистони Саудиро, ки дар шаҳри Маскав аст, хатм намуда. Соли 1993 баъди ҳодисаҳои нохуши дохилӣ ба Феде

227

ратсияи Росия ҳиҷрат намуд ва феълан муқими он ҷост.

Оиладор ва соҳиби се фарзанд мебошад.

– Хонум Раҷаббӣ, пеш аз ҳама табрикоти моро ба муносибати чилсолагии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон бипазиред. Шумо ва дар симои Шумо тамоми собиқадорони ин ҳаракати илоҳиро табрик мегӯем.

– Ман ҳам дар навбати худ, ҳамаи шуморо табрик мегӯям ва умедворам, ки дар ин роҳ пойдор ва устувор бимонед. Замоне мо дар ватан зиндагӣ ва фаъолият доштем ва имрӯз

масъулият бар дӯши шумост ва Наҳзат амонатест бар дӯши мо ва шумо. Ин амонатро бояд ҳифз кард.

– Шумо яке аз аввалин бонуҳое ҳастед, ки ба ин ҳаракат пайвастед ва фаъолияти зиёдеро анҷом додед, чӣ чиз сабаб шуд, ки Шумо ба ин ҳаракат шомил шудед?

– Рости гап, ман ба ин ҳаракат бо даъвати касе шомил нашудаам. Аз ибтидо барои ба насли наврас таълим додани Қуръони карим ва дигар китобҳои динӣ ҳамеша талош менамудам, ҳамин пешаам сабаб шуд, ки ба барномаҳои ин ҳаракат ошно шудам ва ба ман писанд омад. Худам бо хоҳишу майли зиёд ба ин ҳаракат пайвастам.

– Шумо ҳамроҳи ҳамсаратон дар ин муддат садҳо наврасро тарбият намудед ва садҳо нафарро ба ин ҳаракат пайванд додед ва табиист, ки дар ҷалби хонавода низ таъсири бевоситаи Шумо ҳаст. Имрӯз аҳли хонадони Шумо қариб ҳама наҳзатиянд, сирри муваффақ гаштанатон ба ин комёбӣ дар чист?

228

– Ман дар Наҳзат ҳақиқатеро пайдо намудам, ки солҳо дар ҷустуҷӯи он будам. Чун ин неъмати гаронбаҳоро пайдо намудам, талош варзидам, то онро ба ҳама дӯстону пайвандонам расонам. Аввал аз хонаводаи худам шуруъ намудам ва саъй намудам тамоми хонавода аз он огоҳ шаванд. Он маърифате, ки дар ин маврид доштам, хонаводаи худро бо қалби моломол аз муҳаббат ба он ошно кардам ва алҳамдулиллоҳ, онҳо пазируфтанд, зеро эшон низ дар рӯҳияи пойбандӣ ба дин ва дар муҳити исломӣ парвариш ёфта буданд.

– Шумо нахустин бонуе ҳастед, ки дар Анҷумани аввалини ҲНИТ дар соли 1991 суханронӣ намудед. Дар ҳоли суханрониатон шуморо кадом эҳсосоте фаро нагирифт ва ҳаяҷонзада нашудед?

– Ба ростӣ, ман намедонам чӣ эҳсосе маро фаро гирифта буд, вале чун бародарон ба ман эътимод намуда, ин масъулиятро ба дӯшам гузоштанд, тамоми кӯшиши худро харҷ намудам, то ин масъулиятро бо тамому камол анҷом диҳам. Албатта суханронӣ намудан дар миёни он ҳама олимону бузургон барои ман хело сангин буд, чунки ман мисли дигар занони пойбанд ба таълимоти исломӣ то он замон дар ҳузури мардони зиёд ва он ҳам афроди муътабар, суханронӣ накарда будам, гузашта аз ин ҷаҳонбинии васеъ надоштам. Аммо ба хотири Худо хоҳиши бародаронро рад накарда ин масъулиятро ба дӯш гирифтам. Албатта, дар ин гуна ҳолатҳо одамиро аз як тараф ҳаяҷон фаро мегирад, аз тарафи дигар эҳсоси хурсандӣ менамояд.

– Мавзуъи суханронии Шумо дар он конфронс чӣ буд?

229

Мавзуъи суҳбати ман оид ба ҳуқуқи зан аз нигоҳи Ислом буд, ки дар зимн ояти 4уми сураи «Нисо»ро низ тарҷума ва тафсир намудам.

– Оё барои суҳбат омодагии қаблӣ доштед?

– Ба ростӣ, омодагии пешакӣ доштам, аммо на як ҳафта, ё камтару зиёдтар, то суханрониамро ақаллан комилан рӯи коғаз меовардам, балки чанд соат қабл. Дар ин муддат тавонистам фикрамро ҷамъ кунам ва нуктаҳои асосии онро дар сафҳае ёддошт намоям. Гумон мекунам, ё дар барнома суханронии бонувон ба нақша гирифта нашуда буд, чун ин падида дар миёни мусалмонони минтақаи мо падидаи ҷадид ва ғайриодӣ ба назар мерасид ва ҳамзамон баъзе аз рӯҳониёни суннатӣ, ки ба ҳайси меҳмон дар Анҷуман ширкат мекарданд, шарт гузошта буданд, ки агар занҳо суханронӣ накунанд, дар Анҷуман ширкат меварзанд. Дар он шабу рӯз ширкати эшонҳо ва домуллоҳои суннатӣ барои ҳизб аҳамияти зиёд дошт. Бинобар ин, шояд ба ҳамин хотир суҳбат намудани бонувон пешбинӣ нашуда, ё ягон хоҳари дигар дар назар гирифта шуда буд ва бо кадом сабабе муяссар нашуд ва билохира чанд соат қабл аз шуруъи Анҷуман ин масъулият ба дӯши банда афтод.

– Қаблан шумо таҷрибаи сухарониро дар ягон ҷамъомад доштед?

– Дар ҷамъомадҳое, ки ҳам занон бошанду ҳам мардон ин бори нахуст буд, вале дар маъракаҳои занон ман мавъиза мекардам ва ояту ҳадис мехондам.

– Оё дар ҳамон солҳо занҳои дигар низ буданд, ки ҳаммонанди шумо фаъолият намоянд?

Албатта, буданд ва хело ҳам зиёд буданд заноне, ки барои дин ва шариат ғамхорӣ зоҳир менамуданд ва дар ин ҳаракат хидмат мекарданд. Дар ҳамин



Анҷуман ҳам занҳо буданд, ба монанди Ҳалима, ҳамсари акаи Қиёмиддин дар паҳлӯи ман буд ва ҳамчунин занони зиёди дигар. Онҳо ҳалқаҳои хоси худро дар кӯча ва маҳаллаҳои худашон доштанд. Аз солҳои 88 мо ба ҳалқаҳо ва ҷамъиятҳои ҳамдигар мерафтем.

– Аз фаъолиятҳои бонувон дар солҳои ҳаштодум чӣ гуфта метавонед?

– Ман соли 1980 ба шавҳар баромадам ва ба хонаи шавҳарам омадам, вале аллакай ҳам маълумоти динӣ доштам ва ҳам шогирд доштаму дарс мегуфтам ва дар хонаи шавҳарам низ ин корро идома додам. Соли 1987 мо ба шаҳри Душанбе омадем ва ба шавҳарам гуфтам, ки ман дар хона истода наметавонам, иҷозат бидеҳ ё ба ягон ҷо рафта дарс хонам, ё дар хона дарс диҳам. Алҳамдулиллоҳ, шавҳарам ба хушнудӣ қабул кард ва ман дар маҳаллаи Гипрозем духтаронро даъват карда, дар хона дарс ташкил додам.

– Солҳое, ки дар хона дарс мегуфтед, барои шумо мушкилие пеш наомад?

– Алҳамдулиллоҳ, ягон мушкилӣ набуд ва воқеан чор соле, ки дар маҳаллаи Гипрозем дар хонаи худам дарс мегуфтам, бароям беҳтарин ва хушбахттарин лаҳаззоти умрам ба шумор меравper. Ман орзу мекунам, ки чунин рӯзҳо дубора бароям муяссар шаванд.

Банда аз фаъолият ва корҳои кардаам хело хурсандам ва аз корҳои худ ҳаргиз пушаймон нестам.

– Шумо дар Анҷумани соли 1991 узви РО ҲНИТ интихоб шудед ва ҳамзамон масъулияти сарпарастии бонувонро ба ӯҳдаи Шумо гузоштанд, баъди масъулияти расмиро ба ӯҳда гирифтан дар фаъолияти Шумо кадом тағйироте рух дод?

231

– Ба ростӣ, барои банда узви РО будану набудан фарқ намекард, ба маънои он, ки ман ҳам қабл аз ин ва ҳам баъд аз он ҷиддан талош мекардам ва ҳадафам танҳо ризои Худо буд ва имрӯз ҳам, ки узви ин ҳизб ҳастам, танҳо ба хотири Худост. Ман масъулияти бонувонро талаб накарда будам, вале вақте бовар карда, онро ба дӯши ман гузоштанд, ин масъулиятро низ барои Худо барои хидмат ба ҷомеа ва мардум ба дӯш гирифтам.

– Фаъолияти Шумо барои бонувони Наҳзат бар асоси кадом барнома роҳандозӣ мешуд?

– Вазифаи нахустини мо, ин ҷалби аъзоёни тоза аз ҳисоби бонувон ва нашри аҳдофи ҲНИТ буд. Ҳамон гуна ки қайд кардам, замоне банда танҳо дар хонаам дарс мегуфтам, баъди Анҷуман ва ба дӯш гирифтани масъулияти ҳизбӣ табиист, ки фаъолияти худро бояд аз чаҳордевори хонаам берун мебурдам. Фаъолият дастаҷамъона ва дар асоси барномаҳои муайян бояд сурат мегирифт ва дигар вақт барои мо арзиш дошт ва маъракаҳои мо бидуни ниҳодани дастархон мегузашт. Ҳам дар хона шогирдони доимӣ доштам ва ҳамарӯза соатҳои худро дар берун мегузарондам. Бонувони фаъоли дигаре низ буданд ба монанди Бобокалонова, Бобосодиқова ва дигарон, ки барои нашри аҳдофи Наҳзат талош менамуданд. Дар ноҳияҳо, маҳалҳо ҷаласаҳо доир менамудем, нишастҳо меоростем, вохӯриҳо ташкил мекардем. Ҳадафи мо фаҳмондадиҳии бонувон буд, то хубтар ва бештар маърифат ҳосил кунанд ва бидонанд, ки Ислом аз онҳо чӣ мехоҳад ва ба онҳо чӣ манфиат дорад. Дар як муддати кӯтоҳ дар ҷомеъа ба ҳайси масъули Наҳзат шинохта шудам ва дигар созмонҳо низ эътироф карданд ва барои ширкат дар ҷамъо

232

мадҳояшон даъватам менамуданд ва бо бонувони ғайриҳизбӣ низ нишастҳо ва гуфтугӯ доштем.

– Баъди ҳаводиси соли 1992 ба Русия ҳиҷрат намудед. Чӣ боис гашт, ки то имрӯз дар ин сарзамин боқӣ мондед?

– Сабаби аслии дар ин ҷо мондани мо озодии дин ва кӯмак ба фарзандонам барои идомаи таҳсил мебошад. Бале, кишваре, ки ман дар он умр ба сар мебарам, имконият ва шароити беҳтаре барои озодии эътиқод муҳайё сохтааст. Дар ин ҷо ман фаъолиятҳои диниро ба таври озод анҷом медиҳам. Дар ин ҷо созмонҳои зиёд вуҷуд дорад ва ман дар онҳо ҳамчун бону ширкат мекунам ва ба илова мактабҳои тоҷикӣ ташкил шудааст. Ман мехоҳам ба муҳоҷирини тоҷик ҳаматарафа хидмат кунам ва дар ҳалли мушкилоти онҳо саҳим бошам, вале мутаассифона, на ҳама кор аз дасти ман меояд. Бинобар ин, дар

масъалаи густариши арзишҳои миллӣ ва мазҳабӣ тибқи имкониятҳои дар ихтиёр доштаам кӯмак мерасонам.

– Шумо бо ҷамъиятҳо ва ташкилотҳои занонаи кишвари Русия робита доред?

– Бале, робита дорам, вале хело заиф. Онҳо аз Наҳзат огоҳӣ доранд ва баҳри гирифтани маълумот гоҳо маро даъват ҳам мекунанд.

– Нақши ҳамсаратон дар фаъолиятҳои Шумо?

– Ман маърифати аввалияи диниро дар назди падари азизу меҳрубонам омӯхтаам ва ҳамчунин модарам, бародаронам Акоша ва устод Кабирӣ ва дигар бародаронам, ҳама дар назди падарам илм омӯхтаем. Лизо барои фаъолият аллакай омода будам ва шогирд ҳам доштам. Вақте ба хонаи шавҳарам омадам, шавҳари худро дидам, ки бо ман ҳамфикру ҳамақида аст ва ман хело хушҳол шудам. Аз ҳамсари



худ хело ва хело миннатдорам, ки дар фаъолиятҳоям монеъа эҷод накард, балки ҳамеша маро кӯмак менамуд ва шароитро барои ман муҳайё месохт. Эшон бо бародарам Акоша ҳамсабақ буданд. Ман наздикӣ бо Худо ва илмдӯстиро дар симои ҳамсари худ дидам ва бо Худо рост будани ӯро то кунун мушоҳада мекунам.

– Дар чорабинӣ ва вохӯриҳое, ки ҲНИТ дар Руссия ташкил мекунад ширкат меварзед?

– Албатта, талош мекунам, то ҳаддалимкон дар тамоми ин чорабиниҳо ширкат намоям. Ман дар чанд вохӯрии раиси ҲНИТ, ки бо муҳоҷирини тоҷик анҷом дод, ширкат доштам.

– Фаъолияти имрӯзаи бахши бонувони ҲНИТро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

– Мебинам, ки фаъолият хуб аст, вале на ба ҳадди кифоя. Аксари фаъолияти мо дар он замон пинҳонӣ сурат мегирифт, вале имрӯз онҳо фаъолияти ошкоро ва қонуниро анҷом медиҳанд. Хуб мешуд ин фурсатро ғанимат мешумориданд ва ҳарчи бештар фаъолият мекарданд.

– Иншоаллоҳ, хидматҳои Шумо дар роҳи даъвати бонувон бенатиҷа намемонад ва дар ин муддат таҷрибаи хуби кор бо бонувонро доред, ба бонувони Наҳзат ва масъулини онҳо чӣ тавсия медиҳед?

– Аввалан ин, ки кори ҳамаи бонувон аз барои Худо бошад, мехоҳам онҳо ақли солим, тани сиҳҳат, дили соф ва амал ва ҳаракати бериё дошта бошанд. Агар ҳадафи онҳо чизе ҷуз ризои Худо бошад, иштибоҳ мекунанд ва ба ҷое намерасанд. Аммо агар барои Худо кору зиндагӣ кунанд ба тамоми мақсадҳои худ хоҳанд расид. Як чизи дигареро, ки барои онҳо

мехоҳам таъкид намоям, ин аст, ки вазифаи модарии худро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунанд ва аз тарбияи фарзандони худ ғофил нашаванд. Бонуи муваффақ касест, ки ҳам дар ҷомеъа фаъол бошад ва ҳам масъулияти хонаводагии худро фаромӯш накунад.

– Ахбори Тоҷикистон ва ҲНИТро пайгирӣ мекунед?

– Ман ҳам наҳзатиям ва ҳам тоҷикистонӣ ва тақдири онҳо бароям бетафовут нест. Банда ҳамеша ахбори Тоҷикистонро пайгирӣ мекунам ва дуо менамоям, ки Худованди мутаъол 40солагии Наҳзатро барои кулли мардуми Тоҷикистон хайр бигардонад ва ин ҷашн омили иттиҳод ва ҳамбастагии мардуми кишвар гардад.

– Орзу ва таманниёти Шумо.

– Таманниёти ман барои кулли мардуми Тоҷикистон он аст, ки Худованд ба онҳо имони комил ва тамоми хушиҳои зиндагиро насиб гардонад.

Мусоҳиб: З. Раҳмонӣ

235

Мусоҳиба бо узви Раёсати Олӣ ва Шӯрои Сиёсӣ, мушовири раиси ҲНИТ

Саидиброҳими Назар

«Мо созмони карахте нестем, ки қобилияти тағйир дар мо набошад».

Саид Иброҳими Назар 23 июни соли 1959 дар деҳаи Кӯли ҷамоати Даҳанаи ноҳияи Кӯлоб, дар хонаводаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1976 мактаби миёнаи деҳаро хатм намуда, ба донишкадаи Политехникии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон) дохил мешавад ва соли 1981 онро бо ихтисоси механиктехнологмошинсоз хатм менамояд. Дар асоси роҳхат ба заводи таҷҳизоти технологии шаҳри Кӯлоб рафта, дар он ҷо то соли 1985 дар вазифаҳои муҳандистехнолог, муҳандисконструктор, сардори шуъбаи техникӣ ва солҳои 19851990 дар маркази ҳисоббарории Вазорати нақлиети ҷумҳурӣ дар шаҳри Кӯлоб ба ҳайси инженер кор мекунад.

Маълумоти ибтидоии диниро дар назди падараш Муҳаммадназар омӯхтааст ва дар солҳои таҳсил дар донишгоҳ дар назди Домулло Муҳаммадсаиди Язғуломӣ, Домулло Муҳаммаднабӣ, Домулло Абдуллоҳи Хитоб, Домулло Абдураҳими тирмизӣ ва баъди хатми донишгоҳ дар назди Домулло Аёмиддин ва устод Саийд Абдуллоҳи Нурӣ таълим гирифтааст.

236

Мавсуф соли 1979 ба Наҳзати исломи мепайвандад ва соли 1990 дар Анҷумани таъсисии ҲНИ ИШ ба мақоми муъовини аввали раиси ҲНИ Иттиҳоди Шуравӣ ва соли 1991 дар анҷумани таъсисии ҲНИТ ба ҳайси муовини раиси ҲНИТ интихоб шуд. Солҳои 19921998 дар ҳиҷрат ба сар мебарад. Соли 1994 дар ҳиҷрат бо ташаббуси ӯ маҷаллае бо номи «Пайки пирӯзӣ» таъсис дода мешавад ва муддате ба ҳайси сардабир фаъолият мекунад.

Соли 1999 ба Тоҷикистон баргашта узви КОМ таъин мешавад. Соли 1999 сарварии шуъбаи фарҳанги ҲНИТ ва сардабирии маҷаллаи «Сафинаи умед» ва соли 2008 сарварии шуъбаи таҳлилро ба ӯҳда дошт. Феълан ӯ узви РО ва ШС ва мушовири раиси ҲНИТ мебошад.

– Шуморо ба муносибати ин ҷашни фархундаи ҲНИТ табрик мегӯем.

– Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим. Банда ҳам бо истифода аз ин фурсат ҳамаи аъзоёни ҲНИТ, хусусан собиқадорони он ва тамоми мардуми шарифи Тоҷикистонро ба муносибати 40 солагии таъсиси ҲНИТ аз самими қалб табрик мегӯям.

– Шумо солҳои 7080 ба омӯзиши улуми исломӣ машғул будед, табиист, ки аз барномаҳои дарсии он замон огаҳӣ доред. Миёни барномаҳои ҳалқаҳои дарсии пешина ва ҳалқаҳои наве, ки наҳзатиҳо ба роҳ монданд, чӣ тафовутҳо вуҷуд дошт?

– Барномаҳои дарсии маъмулӣ то пайдо шудани Созмони ҷавонон аз хондани баъзе китобҳои форсӣ мисли Ҳафтяк, Чоркитоб, Ҳофиз ва Бедил шуруъ мешуд ва сипас китоби Мухтасарро мехонданд. Маълум буд, ки касе қоидаҳои забони арабиро наме



донист, ба масоили Мухтасар ба осонӣ сарфаҳм намерафт. Аммо устодони наҳзатӣ барномаи нави таълимиро ба роҳ монданд, ки баъди хондану навиштани ҳуруфоти форсиро омӯхтан ба омӯзиши сарфу наҳв ва забони арабӣ аз рӯи китобҳои ибтидоӣ шуруъ мекарданд, сипас ба омӯзиши фиқҳ мепардохтанд, ки толибилм дар 45 моҳ онро пурра аз худ мекард. Ҳамчунин дар ҳалқаҳои ҷадид дарсҳои ақидатӣ ва китобҳои нав дастрасшудаи илмҳои ҳадис, тафсир ва роҳу равиши даъват омӯзонида мешуд. Услуб ва барномаҳои дарсии ҷавонон хело таҳриккунанда ва замонавӣ буд ва истеъдоди толибонро зинда менамуд ва дар онҳо пешравӣ дида мешуд. Ҳамсабақе доштам, ки бо ҳам китоби Мухтасар мехондем ва баъди панҷ сол, ки ман дар ҳалқаҳои ҷавонон таълим гирифта, дониши зиёд андӯхтам, боре бо он кас вохӯрда, пурсидам, ки чӣ мехонӣ. Гуфт, ҳоло ҳам Мухтасар мехонам.

– Шумо замоне ба ҳалқаҳои дарсии Наҳзат пайвастед, ки аллакай барномаи муназзами таълимӣ вуҷуд дошт?

– Хушбахтии ман дар он буд, ки тавассути Домулло Абдуллоҳи хурдӣ якбора ба ҳалқаи дарсии Устод пайвастам. Аз минтақаҳо бе восита омада бо Устод шинос шудан хело мушкил буд. Ман дар Донишгоҳи политехникӣ таҳсил мекардам ва Домулло Абдуллоҳи хурдӣ меомад ва ба мо дар маҳаллаи Док дарс медод. ӯ болои ман таваҷҷуҳи бештар кард ва борҳо маро ба хонаи худ даъват намуд. Маҳз дар хонаи эшон бо устод Нурӣ шинос шудам ва фикр мекунам, вохӯрии мо тасодуфӣ набуд. Баъд аз он ман тезтез бо эшон вомехӯрдам ва аз шавқе, ки ба дарсҳои эшон доштам, ҳатто омода будам, донишгоҳро тарк намо

ям, вале Устод ба ман иҷоза надод. Гумон мекунам барномаи дарсии Наҳзат чанд муддат пештар оғоз шуда буд.

– Ҳадаф аз ин ҳалқаҳо танҳо таълими улуми динӣ буд, ё бо худ ҳадафи дигаре низ дошт?

– Ҳадафи аслӣ таълими улуми динӣ буд, вале на ҳадафи ягона. Наҳзатиҳои онвақта дар баробари таълим тарбияро низ ба роҳ монда буданд, он ҳам бо методҳои нав ва замонавӣ. Масъулини Наҳзат аз миёни талабаҳо нафарони боистеъдод ва мавриди эътимодро интихоб мекарданд ва баъди муддате ба тадриҷ аз ҳақиқати созмон огоҳ менамуданд ва ба эшон масъулиятҳо медоданд. Баъди хатми донишгоҳ ман ба шаҳри Кӯлоб рафтам, дар он ҷо акаи Айёмиддину нафарони дигари наҳзатӣ буданд, ки Устод онҳоро муъаррифӣ карданд ва маро ҳамчун як нафари наҳзатӣ қабул карданд. Аз он ба баъд масъулият доштам, зер ҳамаи ин марҳилаҳо гузашта будам.

– Шумо дар анҷумани ИШ ба ҳайси вакил ширкат намудед, мегуфтед, ки чӣ тавр вакил интихоб шудед?

– Дар Анҷумани нахустини ҲНИ ИШ вакилон аз ҳама минтақаҳои собиқ Шуравӣ ҳозир шуданд. Моро устодон аз Кӯлоб ба Душанбе даъват намуда, гуфтанд, ки ба ҳайси вакил ба Астрхан меравед. Дар интихоби вакилон ман иштирок надоштам ва ба ростӣ намедонам чӣ гуна интихоб шуданд. Мо бо поезд бо мушкилоти зиёд ба он ҷо рафтем ва дар кори Анҷуман ҳамроҳи иддае аз бародарон ширкат намудем. Дар ин Анҷуман Аҳмад Қадиро, ки шахси донишманд буд, ба ҳайси раиси ҳизб ва бандаро ба унвони муовини аввал интихоб намуданд. Тибқи маслиҳати қаблӣ раиси ҳизб бояд аз Қафқоз ва муовин аз



Тоҷикистон интихоб мешуд. Чанд нафари дигар ба ҳайси кумитаи иҷроия интихоб шуданд ва мо бо ҳам ба Маскав рафта дар яке аз ноҳияҳои он ҳизбро ба қайд гирифтем.

– Чаро муовини аввал бояд аз Тоҷикистон мешуд, на аз дигар ҷумҳуриҳо?

– Дар машварати қаблӣ ба чунин хулоса омада буданд, зеро Наҳзати Тоҷикистон сиррӣ ҳам бошад, ташаккулёфта ва хеле фаъол буд ва бародарони дигар манотиқ инро хуб медонистанд. Омили дигар он буд, ки дар таъсиси ин ҳизб ҳайати тоҷикистонӣ бо бародарони қафқозӣ ва Маскавӣ муддате кор карда буданд ва саҳми бузург доштанд. Домулло Зубайдуллоҳ ва домулло Абдулмалик дар ҳайати тадорукот муддате пештар рафту омад доштанд. Омили саввум он буд, ки аз се як ҳиссаи вакилони ширкаткунанда аз Тоҷикистон буданд. Пешниҳоди он ки муовини аввал аз Тоҷикистон бошад, аз бародарони қафқозиву тоторҳо садо дод. Аммо интихоби ман амри тақдир буд ва илло нафарони сазовортар аз ман дар ин Анҷуман ширкат доштанд.

– Дар як кишвари баста чӣ тавр эҳсоси ниёз ба ташкили як ҳизби исломӣ ба вуҷуд омад?

– Бо камоли боварӣ мегӯям, ҲНИ ИШ натиҷаи ҳамон ҲНИест, ки дар Тоҷикистон соли 1973 ба вуҷуд омада буд. Баъди солҳои 80 иртибот байни минтақаҳо пайдо шуд, бо

Қавқозу ӯзбекистону бо Тотористон ва дар натиҷа ин рафту омадҳо ва пайвандҳои имонӣ эҳсоси зарурати иттиҳоди ягона доштани мусалмонони манотиқ пайдо шуд. Баъди бозсозии Горбачев ба хулоса омадем, ки аввал ҳизби умумииттифоқро таъсис диҳем, сипас бахшҳои онро дар манотиқ ташкил кунем.

240

– Чаро бархеҳо наметавонанд қабул кунанд, ки ҲНИТ собиқаи 40сола дорад?

– ҲНИТ таърихи 40сола дорад ва ҳар кӣ инро рад мекунад, худаш медонад, ки даъвояш ботил аст. Мо 30солагии Наҳзатро ҷашн гирифтем, аз мақомот намояндаҳо ширкат доштанд, моро табрик намуданд, вале вақте Наҳзат 40сола шуд, онро рад мекунанд. Собиқ кормандони амниятии Шуравӣ аз ин воқеъияти таърихӣ огоҳанд, Устодро бо як гурӯҳи калон барои фаъолияти сиёсӣ зиндонӣ карда буданд. Аз собиқ кормандони амниятӣ онро дар мақолаҳои худ таъйид карданд, дар ин мавзуъ китоб ҳам таълиф намуданд. Бале, мо он вақт натавонистем анҷуман баргузор намоем ва ҳар соҳибақл сабаби инро медонад. Ман бо камоли итминон мегӯям, ки Наҳзат соли 1973 таъсис ёфтааст ва имсол 40сола мешавад.

– Меоем ба даври музокирот, Шумо дар баъзе аз давраҳои музокироти тоҷикон ба ҳайси ёвари устод Нурӣ ширкат доштед. Он вақт фазои музокиротро чӣ гуна ёфтед?

– Ман ба ҳайси ёвари Устод дар музокирот ширкат менамудам ва фазои музокирот якранг набуд, ҳар замон тағйир меёфт. Барои мисол дар охири соли 1995 дар музокироти Исломобод фазо он қадар муташанниҷ буд, ки ҳатто тарафайн бо ҳам саломи дуруст накарданд. Ёд дорам, чун Устод ворид шуд вазири фарҳанг барои эҳтиром аз ҷояш бархоста бо Устод салом кард. Фардо тамоми расонаҳо гуфтанд, ки гӯё миёни Устод ва вазир суҳбати пинҳонӣ доир шуда бошад. Вале оҳистаоҳиста фазои нобоварӣ аз миён рафт.

– Ҳадаф аз таъсиси маҷаллаи «Пайки пирузӣ» чӣ буд ва чаро ба вуҷуди сифатан беҳтар будан аз миён рафт?

241

– Соли 1995 мо ҳамроҳ бо Устод ва чанде аз бародарон аз Теҳрон як сафаре доштем ба Кобул ва дар ҳамин сафар масъалаи таъсиси маҷалла ба вуҷуд омад. Зеро эҳсос мешуд, ки мо ниёз ба маҷаллае дорем, ки ахборро ба муҳоҷироне, ки дар дигар манотиқ мисли Эрон, Русия ва дигар кишварҳо зиндагӣ мекунанд, бирасонад. Баъди он ки тасмими таъсиси ин маҷалла гирифта шуд, Устод ин масъулиятро ба дӯши банда гузошт. Ба мо дар Теҳрон дафтари корӣ доданд ва ҳамроҳи Аҳмадшоҳи Комил, дар ин маҷалла кору фаъолият намудем. Ин маҷалла ба муҳоҷирони тоҷик, ки берун аз Афғонистон ба сар мебурданд, дастрас мешуд.

– Чаро нашри ин маҷалла мутавақкиф шуд?

– Ман дар кори маҷалла ва рӯзнома таҷриба надоштам ва дар ин самт кори нахустин буд, вале бо ёрии Худованд корҳоеро тавонистем анҷом диҳем. Банда то моҳи майи 1996 дар ин масъулият будам, сипас маро барои анҷоми масъулияти дигар ба Маскав фиристоданд. Ман танҳо як сол дар ин маҷалла фаъолият доштам ва пас аз сафарам ба Русия каси дигар ин масъулиятро ба ӯҳда дошт. Гумон мекунам, баъди ба имзо расидани Созишномаи сулҳ ва бозгашти муҳоҷирон ба ватан дигар зарурате барои бақои ин маҷалла намонд.

– Чаро то кунун баъзе баҳсҳои дохилии Наҳзат ҳалли худро пайдо накардаанд?

– Баҳсҳои дохилӣ ҳеҷ гоҳ тамом намешаванд ва дар дохили организми зинда ҳамеша баҳсу мунозира ҳаст. Мо созмони карахте нестем, ки қобилияти тағйир дар мо набошад. Баҳсҳо доим пайдо мешаванд ва ҳал мешаванд ва боз баҳсҳои дигар пайдо мешавад. Нишонаи зинда будани як ҳаракат дар до



штани баҳсҳост. Аз тарафи дигар вуҷуди баҳсҳо далели озодандешии дохилиҳизбист.

– Шумо дар маъракаҳои сиёсӣ кишвар иштирок намудед Баҳои шумо ба ин маъракаҳо чӣ гуна аст?

– Бале ман дар ҳамаи маъракаҳои интихоботи баъди ҳиҷрат, ҳамчун узви ҲНИТ иштирок доштам ва дар се навбат номзад ба вакилии МНи кишвар будам. Бори аввал соли 1995 дар ҳавзаи Синои ш. Душанбе ва бори дуввум 1997 дар ҳавзаи Кулоб, бори сеюм ҳам дар ҳавзаи Синои ш. Душанбе. Рости фазои бастаи ҳавзаҳои интихоботӣ ва нуқтаҳои райъдиҳӣ, ношафофии интихобот таъқалуб, хусусан масъулиятношиносии кормандони ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботи касро хаста мекунад.Ҳодисаеро ёд дорам,ки яке аз кормандони ҳавзаи интихоботи баъди эълони натиҷаи интихобот омада аз банда узр пурсид ба хотири тақаллубашон. Вале умед дорам, ки масъулини интихобот, он масъулиятеро ки ба душ доранд, эҳсос мекунад ва оянда тақдири кишварро ба бози намегиранд.

– Оё фикри навиштани хотироти худро доред?

– То кунун кореро дар ин хусус анҷом надодаам, вале барои фарзандон ва наслҳои оянда дар назар дорам, то ин корро анҷом диҳам.

Мусоҳиб: А. Ваҳҳоб



Мусоҳиба бо раиси Комиссияи тафтишотии ҲНИТ Муҳаммадалии Файзмуҳаммад

«Албатта, ҳар ҳизб мехоҳад, аъзои зиёд дошта бошад, аммо агар мо тамоми ҳаводорону ҷонибдорони худро расман аъзои Наҳзат кунем, дигарон хело ташвиш мешаванд».

Муҳаммадалии Файзмуҳаммад соли 1959 дар деҳаи Сурхои ноҳияи Ховалинги вилояти Кӯлоб (Хатлон) дар оилаи диндор ба дунё омадааст. Баъди чанде оилаи онҳо ба ноҳияи Панҷ мекӯчад ва ӯ соли 1977 мактаби миёнаро дар ҳамин ноҳия хатм мекунад. Маълумоти диниро нахуст дар назди амаки худ Домулло Мир ва сипас дар назди мулло Саидраҳмони хурдӣ меомӯзад. Ҳамчунин барояш муяссар мегардад, то ба назди Мавлавӣ Муҳаммадҷони Қӯқандӣ рафта, муддате дар назди эшон таълим гирад.

Соли 1990 дар масҷиди ҷомеъи ноҳияи Панҷ имомхатиб таъин мешавад ва аз соли 1992 ба кишвари Афғонистон ҳиҷрат мекунад. Дар Афғонистон ба ҳаракати Наҳзат мепайвандад ва саравval ба ҳайси раиси Кумитаи муҳоҷирин, сипас раиси Кумитаи иршод ва даъват хидмат мекунад. Соли 1997 ба мақоми Қозии ИНОТ таъйин мешавад ва аз ҳамон рӯз ба лақаби "Қозӣ" маъруф аст. Баъди аз нав ба қайд гирифтани ҲНИТ дар соли 1999 ба узвияти он шомил мегардад ва то ин дам дар бахшҳои мухталифи ин



созмони сиёсӣ фаъолият дорад. Соли 1994 ба факултаи Илоҳиёти Донишгоҳи ба номи Абдуллоҳ ибни Масъуди вилояти Тахори Давлати Исломии Афғонистон дохил шуда, онро бомуваффақият хатм мекунад. Мавлавӣ Муҳаммадалӣ бо забонҳои форсӣ, арабӣ ва русӣ хуб ҳарф мезанад. Аз соли 1997 узви КОМ шуда, дар зеркомиссияи муҳоҷирин фаъолият кардааст. Барои хизматҳои арзандааш дар барқарории сулҳу оштии миллӣ бо ордени "Дустӣ" сарфароз гардонида шуд.

Феълан эшон узви Раёсати Олӣ ва Шӯрои сиёсии ҲНИТ ва раиси Комиссияи тафтишотии ин ҳизб мебошад.

Оиладор ва соҳиби 11 фарзанд аст.

– Мо чун дар арафи ҷашни 40солагии ҲНИТ қарор дорем, қаблан иҷозат диҳед шуморо ба ин муносибат табрик намоем. Шояд Шумо ҳам ба ин муносибат кадом гуфтание доред?

– Қабл аз ҳама ман роҳбарияти ин ҳизб ва алалхусус раҳбари он доктор Муҳиддин Кабириро ба муносибати ин ҷашни фархунда, ҷашни 40солагии таъсисёбии ин ҳаракати илоҳӣ, ки ба хотири эълои калиматуллоҳ таъсис ёфтааст, табрику муборакбод мегӯям. Ҳамчунин тамоми аъзои ҲНИТ ва соири мусалмононро ба ин санаи саодат табрику муборакбод мегӯям. Ман аз Худованди маннон орзу дорам, ки ин ҳаракати худоӣ ва ин чароғи нурониро, ки ба хотири партавфишонии нури илоҳӣ ва нури Қуръон ва интишори маърифати динӣ ва шаръӣ таъсис шудааст, комилу мукаммалтар гардонад. Умед дорам, ки саодатмандию некбахтиро барои тамоми пайравон, мухлисон ва некхоҳони он рӯзӣ гардонида бошад. Ин



ҳаракат воқеан ҳаракати худоӣ будани худро дар давоми 40 сол исбот кардааст ва он идомаи ҳамон ҳаракати Муҳаммадист (с). Чунончи Паёмбар ва ёронаш баҳри дарёфти

ризои Худо ва ба хотири мубориза алайҳи зулму фасод ва ба хотири шикастани бутҳои берунӣ ва дарунӣ заҳмат кашидаанд, иншоаллоҳ, Наҳзат ҳам бо пайравӣ аз эшон дар ин роҳ талош хоҳад кард. Наҳзат талош мекунад шуур ва виҷдони мардумро бедор кунад, то аз шарри нафсу шайтон раҳо ёбанд ва аз онҳо инсонҳое бисозад, ки ҷони худро фидои дину оин, миллату Ватан намоянд.

– Ҳазрати мавлавӣ! Шумо замоне имомхатиби масҷиди ҷомеъи ноҳияи Панҷ будед ва бо уламои исломӣ нишастҳо доштед. Дар ин нишастҳо атрофи Наҳзат чӣ суҳбатҳо ва баҳсҳо мешуд?

– Ман аз солҳои 90 имомхатиби масҷиди ҷомеъ будам ва суҳбатҳову мавъизаҳои аксари имомони он замон сирф суҳбатҳои маърифатӣ буданд, мақсад эълои калиматуллоҳ буд ва ман ҳамеша дуо мекардам, ки Ислом сарбаланд шавад ва пешбарандаи зиндагии мардум гардад, то дар зери парчами он осуда зиндагӣ кунанд.

Марҳум устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, ки он вақт бо номи Мулло Абдуллоҳ машҳур буд, ба ноҳияи мо рафту омад дошт. Эшонро ба ҷамъомадҳо ва маросимҳо даъват мекардем. Собиқ раиси колхози мо Кабуд Сайфуддин ба муносибати ба синни 63солагӣ расиданаш мавлуд кард ва аз устод Нурӣ даъват ба амал овард. Устод ҳамроҳи махдуми Кароматуллоҳ ва Қорӣ Муҳаммадҷон омаданд, он шаб сӯҳбатҳои ҷолиб карданд. Банда ба ҳайси хатиби ноҳия ҳамроҳ бо муовинам махдуми Садриддин барандаи маҳфил будем. Бо Устод дар ҳамон вақт шинос шудем.



Дар он айём бархе аз мулоҳо ва эшонҳо нисбати Устод ва ҷавонони наҳзатӣ суханони носазо мегуфтанд. Мардум, ки нисбат ба ҳукумати давр нафрат доштанд, ба хотири бадномкунии эшон онҳоро муллоҳои ҳукуматӣ мегуфтанд. Аз забони баъзе муллоҳо бисёр мешунидем, ки ин гурӯҳ бо ҳукумат кор мекунанд ва аз онҳо эҳтиёт кунед. Бо махдуми Кароматуллоҳ ва Домулло Айёмуддин шиноси наздик будем ва бештар ахбори бародаронро аз эшон мегирифтам. Вақте дар Қӯрғонтеппа дар назди Домулло Сайидраҳмони хурдӣ мехондам, махдуми Кароматуллоҳ барои ҷалби ман ба Наҳзат кӯшиши зиёд мекард, вале аз тарафи дигар дар ҷамъомадҳо дар ҳаққи онҳо ҳар гуна суханон мешунидам. Агарчи ба он суханон боварам намеомад ва яқин доштам, ки онҳо одамони ҳукумат нестанд, балки ин ҷавонон воқеъан барои Ислом хидмат мекунанд, аммо ба онҳо дар он замон напайвастам.

– Дар боло ишора кардед, ки хатиби масҷид будед ва дар маҳфиле, ки устод Нурӣ ва Қорӣ Муҳаммадҷон суханронӣ доштанд, баранда будед. Чаро имрӯз хатибон дар маҳфилҳо барандагиро ба ӯҳда намегиранд?

– Он мавлудро раиси колхоз, ки худ намояндаи ҳукумат буд, ба хотири 63солагии худ баргузор намуд. ӯ бо ман маслиҳат кард, ки мехоҳад мавлуд карда мулло Абдуллоҳро даъват кунад ва иқдоми ӯро дастгирӣ кардем. Даъватро ӯ ба ӯҳда гирифт ва идораи ҷамъомадро мо. Он вақт овозаҳо паҳн шуда буд, ки ин гурӯҳ садақоту хайротро манъ

мекунанд ва моро ҳаромхӯр мегӯянд. Он вақт ҳукумат қудрат дошт ва муллоҳову масоҷидро заиф мепиндошт. Ҳоло тарсу ҳарос аз мулло ва масҷид ба хотири заъфи ҳукумат аст.

247

– Чунончи маълум аст, Наҳзат аз ибтидо фаъолияти худро бо барномаҳои нави таълимӣ шуруъ намуд. Метавонед бигӯед, ки ин барномаҳо аз барномаи маъмулии он давра чӣ тафовут дошт?

– Воқеъан барномаҳои маъмулӣ, ба гуфти худи устодони онвақта, ҳамон барномаи мадрасаҳои Бухоро ва ё барномаи мактаби кӯҳнае буд, ки Садриддин Айнӣ онро дар асараш зикр намудааст. Вале равияеро, ки Марҳум устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва ҷавонони дастандаркори ин харакат роҳандозӣ карданд, барои мо муллоҳо ва устодон хело маъқул шуда буд. Барои мисол мадрасаеро, ки Зубайдуллоҳи Розиқ таъсис дода буд, яке аз мадрасаҳои ҳамин ҷавонон буд ва мо гоҳгоҳ барои намозхонӣ ба он масҷид медаромадем ва медидем, ки тартиби дарсхонӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Маҳз дар ҳамин мадрасаҳо ҷавонон бо шавқу завқ таълим мегирифтанд ва низоми ин мадорис хело ҷолиб ва диққатҷалбкунанда буд. Илова бар низоми дуруст ва мураттаб ҳалқаҳои дарсӣ ба монанди занҷира буданд. Шогирд ҳатман бояд шогирд медошт ва шогирдонаш ҳам бояд шогирд мегирифтанд. Дар ҳамон замон барои ҳар ҳалқа масъуле вобаста буд. Ман, агарчи дар ҳиҷрат ба ин ҳаракат пайвастам, вале дар баъзе ҳалқаҳои онҳо пеш аз ҳиҷрат аҳёнан ширкат мекардам ва аз он лаззат мебурдам.

– Шумо яке аз шогирдони Мавлавӣ Муҳаммадҷони Қӯқандӣ будед, оё он кас оиди сиёсати Ислом, ё умуман масоили сиёсӣ суҳбат мекарданд?

– Аслан ҳазрати мавлавӣ Муҳаммадҷон (р) шахсияти бузургу арзанда ва хидмати дину шариатро анҷом медоданд ва дар айни ҳол бисёр мулоҳизакор

248

буданд. Эшон дар масоили сиёсӣ ҳамеша шогирдони худро насиҳат медоданд, ки бисёр эҳтиёткор бошанд. Он кас аз дасти ҳукуматдорони Шуравӣ чандин сол зиндонӣ шуда ва азобу машаққатҳои зиёд кашида буданд. Аммо ҳазрати Мавлавӣ аз масоили сиёсӣ ва макру ҳилаҳои қудратмандон огоҳии хуб дошт, пайваста радио гӯш мекард, рӯзномаю маҷаллаҳо, хусусан газетаи «Правда»ро мутолиа мекард. Ман як вақт пурсидам, ки ҳазрати Мавлавӣ, чаро Шумо бачаҳоро эҳтиёт кунед, мегӯед ва таъкид мекунед, ки бо ҷавононе, ки ба ваҳҳобият нисбат дода шудаанд напайвандед, вале хуб медонед, ки онҳо дар воқеъ дар хидмати дину имонанд? Дар ҷавоб гуфтанд: «Ман ин ҷавононро хуб мешиносам ва аз аҳдофи онҳо бохабарам, шумо бо онҳо бошед, вале дар назди оммаи мардум маҷбурам чунин бигӯям». Устоди мо ҳазрати Мавлавӣ яке аз ҷоннисорони ҳамин роҳ буд ва яке аз шахсиятҳое буд, ки ҷони худашро дар хатар монда, садҳо нафар шогирд тайёр мекарданд. Албатта, манзури эшон ин буд, ки агар гурӯҳе даст ба сиёсат зананд, бояд гурӯҳи дигар масъулиятҳои дигарро ба дӯш гиранд ва таълиму тарбияро

масъулияти ҳатмӣ ва аввалиндараҷа медонистанд. Дар Тоҷикистон олиме нест, ки аз насими илму маърифат ва аз файзу дониши ҳазрати Мавлавӣ баҳра нагирифта бошад.

– Ба унвони узви зеркомиссияи КОМ оид ба муҳоҷирин, аз нақши ҲНИТ дар баргардонидани муҳоҷирин чӣ гуфта метавонед?

– Вақте мо ба Афғонистон ҳиҷрат намудем, мардуми муҳоҷири тоҷик пароканда ва ҳар кас дар фикри худ буд. Бо ташаббуси устод Нурӣ сарварони Наҳзат, домуллоҳо ва шахсиятҳои бонуфуз ҷамъ шуда, ҷаласа оростанд ва ҳаракати Наҳзатро таъсис доданд, яъне ҳизб ба ҳаракат табдил ёфт ва дар ҷаласаи на



хустин Устодро роҳбари ҳаракат интихоб карданд. Зеро ӯ ягона шахсияте буд, ки дар он вазъи азҳамрехтагии нерӯҳо ва парокандагии муҳоҷирон тавони ба танзим овардан ва идора карданро дошт. Мо тавонистем дар хориҷ ҳукумати хурдакаке ташкил диҳем, ки яке аз шохаҳои онро Шӯрои ҷиҳодӣ ташкил медод ва 40 нафар узв дошт. Ҳамчунин ба хотири бесавод намондани фарзандони муҳоҷирон Кумитаи илм, Иршод ва фарҳанг таъсис дода шуд. Воқеан, агар Наҳзат намебуд, касе дар он вазъият наметавонист созмон таъсис диҳад ва мардуми овораро сарпарастӣ намояд. Инчунин дар обрӯмандона баргардондани муҳоҷирин Наҳзат нақши калидӣ дорад, мардум ба ҷуз Наҳзат ба ягон нерӯи дигар эътимод ва боварӣ надоштанд. Баъди ба имзо расидани Созишномаи сулҳ мардум омода буданд, то бо дастури роҳбарияти ИНОТ ба Ватан баргарданд ва бо фармони роҳбари он силоҳҳои худро ба замин бигузоранд ва ба ҳаёти осоишта бозгарданд. Бархе аз афрод мардумро аз баргаштан ба Ватан метарсонданд, ки баргаштан кушта шудан аст ба монанди хешу табори кушташудаатон. Онҳо роҳбарияти ИНОТро айб мегирифтанд ва гоҳо хоин ҳам меномиданд ва мегуфтанд, ки сулҳ, ин дом аст.

– Ҳама медонанд, ки Наҳзат дар ҳиҷрат даст ба муборизаи мусаллаҳона зад, вале аксари мардум намедонанд, ки чаро ин корро кард ва бо кадом ҳадаф?

– Ба ростӣ, то замони тарки ватан Наҳзати исломӣ ва мардуми бечораи тоҷик на силоҳи кофӣ доштанд ва на мутааллиқ ба ягон қудрати хориҷӣ буданд ва ҳар муқобилияте нишон медоданд, ба хотири дифоъ аз дину ҷону моли хеш анҷом медоданд. Табиъист, ки нияти таҷовуз ба ҳарими касеро надо



штанд ва бо касе кинаву адоват дар дил намепарвариданд ва бо ҳама гуна ҷангу хунрезӣ мухолиф буданд. Мардуме, ки дар даст силоҳ надошт ва барои ҷанг омода набуд мавриди зулму ситам қарор гирифтанд ва роҳи ягонаи халоси ёфтани худро дар ҳиҷрат диданд. Чун ба Афғонистон рафтанд, ягона роҳи баргашт ба Ватан ва бозгардондани молу мулк ва хонаву дари хешро дар муқовамати мусаллаҳона диданд, зеро бо зӯргӯ танҳо бо забони зӯр сӯҳбат карда метавон, на бо нармию мулоиматӣ. Пас аз он шӯрои ҷиҳодиро ташкил доданд ва силоҳи кӯҳнаро аз афғонҳо харида, муборизаро оғоз намуданд. Ба таври хулоса

гӯем, ҳиҷрати мо барои дифоъ аз ҷон буд ва муқовамати мусаллаҳонаи мо барои баргаштан ба ватан ва гирифтани ҳуқуқҳои аздастрафта.

– Аз таҷлили 30солагии ҲНИТ то кунун дар фаъолияти ҳизб ба ҳайси раиси КТ чӣ камбудиҳоро мушоҳида намудед?

– Аслан дар дохили ҳизб ман камбудиро ба мафҳуми куллияш мушоҳида накардаам. Бале, вале шояд хато ва иштибоҳ бошад ва он дар ҳама созмону ҷамъиятҳо вуҷуд дорад. Алҳамдулиллоҳ, бо вуҷуди ин ҳама фишорҳои мақомот алайҳи Наҳзат ва нигоҳи тангназарона ба аъзо ва масъулини Наҳзат фаъолиятҳои хуберо ба роҳ мондаанд, ки воқеан, агар ба фазои имрӯзаи кишвар қиёс кунем, қаҳрамонӣ ба ҳисоб меравад. Дар шуъба ва бахшҳои минтақавӣ, ташкилотҳои ибтидоии ҳизб ба фишорҳои рӯзафзун нигоҳ накарда пешравиҳо мушоҳида мешавад. Бале, ҳарҷое, ки пешравӣ ҳаст, ҳатман камбудӣ дида мешавад. Ман ҳамчун раиси Комиссияи тафтишот, мебинам, фаъолиятҳои хубе барои ҷалби ҷавонон ба роҳ монда шудааст ва ҷавонон ин ҳизбро хуб пазируфтаанд. Якта нимта касоне, ки ҳизбро тарк мекунанд, аз роҳ



барият иҷозат мегиранд, то зоҳиран дар масҷидҳо ва дигар муассисаҳои ҳукуматӣ кор кунанд ва қалбан бо мо бошанд. Замоне шиори мо бештар аъзо гирифтан буд ва он вақт зарурат ва ниёз ба он эҳсос мешуд, вале имрӯз ҳамин миқдор аъзо барои Наҳзат кофист ва бигзор боқӣ тарафдор ва ҳаводор боқӣ бимонанд. Албатта, ҳар ҳизб мехоҳад, аъзои зиёд дошта бошад, аммо агар мо тамоми ҳаводорону ҷонибдорони худро расман аъзои Наҳзат кунем, дигарон хело ташвиш мешаванд.

– Аз диди Шумо, оё Наҳзат масири дурустро пеш гирифтааст?

– Ман ба ҳайси раиси Комиссияи тафтишот орзу дорам, ки то охири умр ҳамчун хизматгузор дар ҲНИТ боқӣ бимонам ва ин худ баёнгари он аст, ки ман ин роҳро роҳи дуруст меҳисобам. Ин роҳ роҳи ислом аст ва ҳар кӣ ба ин корвон ҳамроҳ мешавад, дар ибодат қарор дорад. Масиреро ки устод Нурӣ тай намуда ва масиреро, ки доктор Муҳиддин Кабирӣ идома медиҳад ва дигар аъзо ва масъулини Наҳзат ба он мераванд, беҳтарин масир медонам.

– Агар қарорҳои дусе соли охир қабулкардаи РО ва ШСро дар мизони Оинномаи ҳизб гузоред, иштибоҳеро метавонед дид?

– Тибқи Оинномаи ҳизб қабули қарор тартиботи муайяни худро дорад. Вақте ҷаласаи ШС ё РО баргузор мегардад, бояд ба камаш аз се ду ҳиссаи аъзои он ҳузур дошта бошанд ва ҳар қарор бо гирифтани 50+1 қабул карда мешавад. Пеш аз қабули ҳар қарор атрофи он баҳсу мунозираҳо сурат мегирад ва ҳар узви Раёсат озодона фикру андешаҳои худро перомуни ин ё он масъала матраҳ мекунад, сипас ба хулоса меоем, баъд аз он қарор ба овоз монда меша

вад. Яъне бидуни санҷидан ба мизони Оиннома ҳеҷ қароре ба овоз монда намешавад.

– Баъд аз омадани Кабирӣ чӣ тағйироте дар ҳизб ба вуқуъ омад?

– Чуноне мегӯянд аз берун хубтар дидан мумкин аст. Мо дар дохили ҳизб ҳастем ва воқеияти ҳизбро хуб дарк мекунем ва тағйиротро камтар эҳсос мекунем. Ба фикри ман баъд аз омадани Кабирӣ сафи аъзо аз ҳисоби ҷавонон бештар шуд ва ҷавонони зиёде ба хусус донишҷӯён ба Наҳзат аҳамияти бештар доданд. Яке аз сиёсатҳои пешгирифтаи ҲНИТ дар даврони Кабирӣ ҷавонгароӣ буд, ки бомуваффақият анҷом меёбад. Алҳамдулиллоҳ, ман ҳеҷ сустӣ ва ба қафо рафтанро намебинам ва баръакс пешравиҳои хубе ба назар мерасад. Аз тарафи дигар тағйироте, ки дар самти Наҳзат ба вуқуъ меояд вобаста ба афрод ва ашхос нест, балки вобаста ба фазо ва шароити рӯз аст.

– Оё барои рӯи коғаз овардани хотироти худ аз замони толибилмӣ то муҳоҷират ва кор дар КОМ ва баъд аз он боре фикр кардаед?

– Бале, ман ин корро шуруъ кардам, агарчи мебоист чанд сол пештар шуруъ менамудам. Барои ин кор ман ногузир кор бо компутарро омӯхтам ва ҳар рӯз чанд соат дар назди он менишинам. Бояд иқрор шавам, ки дар ин масъала камбудӣ аз худи мост, вале агар умр боқӣ бошад, ҳатман ин корро бо кӯмаки Парвардигор анҷом хоҳам дод.

Мусоҳиб: А. Ваҳҳоб



Мусоҳиба бо и/в раиси шуъбаи ҲНИТ дар НТҶ Ҷалолиддини Маҳмуд

«Он чизеро, ки Наҳзат ба миллати мусалмони мо дод, бидуни муболиға метавон гуфт, ин дарки дурусти Ислом аст.» «»

Ҷалолиддини Маҳмуд 15уми феврали соли1960 дар деҳаи Чуқураки тоҷикони ноҳияи Ҳисор, дар оилаи рӯҳонӣ ба дунё омадааст. Падараш мулло Бурҳониддин моҳи январи соли 1993 бо дасти ҷанговарони Фронти халқӣ ба шаҳодат расид. Солҳои 19671977 дар мактаби миёна таҳсил намуда ва солҳои 19781980 дар сафи Артиши Шуравӣ адои хизмат намудааст. Эшон дорои ихтисоси техникии «Кассири роҳи оҳан» ва хатмкардаи риштаи Иқтисоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Аз соли 1980 бо пешниҳод ва роҳнамоии марҳум домулло Абдулғаффори Бурҳонӣ шомили Наҳзати Исломии Тоҷикистон шудт. Бо забонҳои русӣ ва арабӣ ҳарф мезанад ва соҳиби маълумоти хуби динӣ аст.

Соли 1990 дар Анҷумани таъсисии ҲНИи ИШ ба ҳайси вакил ширкат намуда, дар Конфронси таъсисии бахши тоҷикистонии ҲНИ ИШ узви котиботи Конфронс интихоб шуд. Эшон дар ҳамаи анҷуманҳои ҲНИТ ба ҳайси вакил иштирок варзида, дар ҳама давраҳо узви РО ҲНИТ интихоб шудааст. Аз соли 1992 масъулияти раисии шуъбаи ҲНИТ дар шаҳри

Душанбе ва НТҶро ба ӯҳда дошт. Аз охири соли 1992 дар шаҳри Тирмизи ҷумҳурии ӯзбекистон ва аз декабри 1993 дар шаҳри Москва дар ҳиҷрат ба сар бурдааст. Моҳи майи 1994 раиси дафтари ҲНИТ дар шаҳри Москва таъин шуд. Баъди таъсиси Комиссияи оташбас аз ноябри соли 1994 ба ҳайси муовини ҳамраиси Комиссияи оташбас фаъолият кард ва аз феврали соли 1996 масъулияти ҳамраисии Комиссияи оташбасро ба ӯҳда дошт. Аз соли 1995 дар тамоми музокирот ва машваратҳои миёни тоҷикон ширкат намудааст. Ҷалолиддини Маҳмуд ба кишварҳои Афғонистон, Покистон ва Ирон сафарҳои кории зиёд анҷом додааст ва соли 1996 мушарраф ба зиёрати Хонаи Худо гашт. Соли 1997 баъди ташкили КОМ ба ҳайси узви зеркомиссияи низомии КОМ фаъолият намуд. Аз сентябри 1997 то сентябри 1999 аз тарафи роҳбарияи Наҳзат раиси Кумитаи танзимии ҲНИТ таъйин шуд, ки вазифаи ин кумита ҷамъ намудани аъзо ва масъулини ҲНИТ баъд аз парокандагӣ буд. Соли 1999 раиси шуъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбе ва навоҳии тобеъи марказ ва соли 2003 муовини раиси ҲНИТ интихоб мешавад. Аз соли 2007 то соли 2010 масъулияти ҳамоҳангсози Раёсати олӣ ва аз соли 2010 мушовирии раиси ҲНИТро ба ӯҳда дошт. Аз моҳи ноябри соли 2011 иҷрокунандаи вазифаи раиси шуъбаи ҲНИТ дар НТМ мебошад.

Аз соли 2000 то кунун узви КМИР аст.

Оиладор, соҳиби 5 фарзанд мебошад.

– Домуллои муҳтарам, Шуморо дар ибтидо ба муносибати ин ҷашни фархунда табрик мегӯем.

– Ташаккур барои табрикатон. Воқеан мо дар арафаи ҷашни 40солагии Наҳзат, ки воқеан умедво



рам ҷашни бо шукӯҳу пурарзише шавад ва фоли нек ҳам дорад, ки имрӯз ба 40солагӣ расидааст, ман низ дар навбати худ, тамоми бародарону хоҳарон ва ба хусус раҳбарияти онро табрику таҳният мегӯям. Албатта, бо он омодагие, ки Ҳизби Наҳзат барои баргузории ин ҷашн дида истодааст, ман қонеъам, дар ҳеҷ ҷашне надидаам, ки ба ин шакл омодагӣ дида бошем. Акнун мо таҷрибаи чандинсола дар баргузор намудани ҷашнҳо дорем, шояд ин чиз шароити хубе барои баргузоркунандагони ҷашн муҳайё карда бошад.

– Шумо 33 сол собиқаи ҳизбӣ доред. Ба андешаи Шумо, муҳимтарин дастовардҳои Наҳзат чист?

– Худоро шукру сипос мегӯям, ки аз соли 90, ки Ҳизб ба фаъолияти расмӣ оғоз намуд банда дар тамоми анҷуманҳои он ширкат доштам. Аз Анҷумани таъсисии ҲНИи ИШ, ки соли 1990 дар Астрахан баргузор гашт, то Конфронси Чортут ва то имрӯз дар ҳама давраҳо ба ҳайси вакил ширкат доштам. Аз нигоҳи ман, Наҳзат ҳамеша пеш рафта истодааст, ҳеҷ анҷуманашро надидам, ки назар ба пешинааш хубтар набошад. Муҳимтарин дастоварди Наҳзат он аст, ки баъди солҳо фаъолияти пинҳонӣ ба фаъолияти

ошкоро ва қонунӣ гузашт. Аз рӯзе, ки ҳизби Наҳзат фаъолияти расмиро шурӯъ кард, дар зеҳни мардуми Тоҷикистон тавонист ин ҳақиқатро ҷой кунад, ки Исломро наметавон аз сиёсат ҷудо кард. То солҳои навадум, ба истисноИ афроди маҳдуд, дигарон тасаввур надоштанд, ки Ислом бо шууни сиёсии мардум сару кор дорад. Он чизеро, ки Наҳзат ба миллати мусалмони мо дод, бидуни муболиға метавон гуфт, ин дарки дурусти Ислом аст. Инро танҳо аз мактаби Наҳзат омӯхтанд, ки барои дар зеҳни мардум ҷой

256

намудани ин ақида роҳбарони Наҳзат заҳматҳои зиёд кашиданд. Имрӯз метавон гуфт, дигар ниёзе ба таблиғи он, ки Ислом аз сиёсат ҷудо нест, намондааст. Ҳам мусалмонони кишвар ба ин бовар расидаанд ва ҳукуматдорон низ инро хуб дарк намудаанд, ки Исломро наметавон аз сиёсат ҷудо тасаввур намуд. Пас ба таври мухтасар гӯем, муҳимтарин дастоварди Наҳзат, ин ба вуҷуд овардани инқилоб аст дар зеҳнҳои мардуми мусалмон ва ба хусус табақаи рӯҳонияти кишвар.

– Шумо дар ҳама давраҳо узви Раёсати Олии ҲНИТ будед. Метавонед бигӯед, ки кадом яке аз қарорҳои РО ва ё ШС иштибоҳ буд?

– Албатта, ман гуфтанӣ нестам, ки мо ҳаргиз иштибоҳ накардаем, вале инро метавонам бигӯям, ки дар тасмимҳо ва қарорҳои Раёсати Олӣ ва Шӯрои Сиёсии ҲНИТ ман иштибоҳи ҷиддиеро намебинам.

Яъне ба адешаи Шумо, ҲНИТ дар масири дуруст ҳаракат мекунад ва ниёз ба бознигарии хатти машйи он нест?

Бубинед, Наҳзатро соли 1973 таъсис доданд ва ман соли 1980 ба он ворид шудам. Дар ибтидо андешаҳову орзуҳо ва мароми Наҳзат сирф динӣ буд ва агар дар андешаи онҳо афкори сиёсӣ бошад ҳам, дар асоси мафкураи сирф динӣ буд. Феълан эҳсос мешавад, ки фаъолиятҳои сиёсии мо нисбат ба корҳои динӣ бештар шудааст. Дар ибтидо хоҳиши аъзо он буд, ки сиёсати мо тобеи диёнат бошад ва дар ҷомеъа ҳам ҳамин чизро мегуфтанд. Ман ба ҳайси як шахси собиқадор, гумон мекунам имрӯз аҳамият додан ба масоили сиёсӣ нисбат ба масоили динӣ бештар шудааст. Албатта, дар Наҳзат ин як падидаи наву тоза нест, муассис ва роҳбари марҳуми Ҳизб дар аво

257

хири ҳаёташ мегуфт, ки фарҳанги диниямон назар ба фарҳанги сиёсиямон болотар рафтааст ва аз ин ҳақиқат нигарон буд. Эшон таъкид менамуд, ки дар майдони сиёсӣ бояд бештар фаъолият намоем. Имрӯз ман афроди зиёдеро медонам, ки моро интиқод намуда, мегӯянд сиёсати Шумо аз диёнататон пештар рафтааст. Аз нигоҳи банда, яке аз иштибоҳот ва камбудии ҷиддии мо ҳамин аст. Ман гуфтанӣ нестам, ки аслан ба сиёсат даст назанем, манзури ман он аст, ки сиёсати мо тобеъи диёнатамон бошад ва ё ақаллан тавозун риоя шавад.

– Шумо зимнан қайд кардед, ки устод С. А. Нурӣ аз он изҳори ташвиш дошт, ки фаъолияти динии мо бештар шудааст ва бояд ба масоили сиёсӣ таваҷҷуҳ намоем. Ин чӣ маъно дорад?

– Бале, ин суханро воқеан устоди марҳум гуфта буд, вале дар охирин айёми ҳаёташон ва дар ҳамон замон низ ман ва чанде аз бародарон ба ин гуфтаҳо розӣ набудем ва ба андешаи мо ҳамон замон ҳам диёнатамон тобеъи сиёсатамон шуда буд.

– Баъди бозгашт аз муҳоҷират яке аз аввалин иқдомоти роҳбарияти Наҳзат ин таъсиси Кумитаи танзими ҲНИТ бо сарварии Шумо буд. Лутфан мегуфтед, ки ҳадаф аз таъсиси ин кумита ва вазифаи асосии он чӣ буд?

– Моҳи сентябри соли1997 устод С. А. Нурӣ ба ҳайси раҳбари КОМ ба Тоҷикистон баргашт ва фаъолияти Наҳзатро Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 манъ карда буд. Роҳбарият медонистанд, ки Суди Олӣ ин ҳукми худро бекор мекунад ва Наҳзат дубора ба фаъолият шурӯъ менамояд. Барои онҳо лозим буд, то барои аз сар гирифтани фаъолият омодагӣ бинанд ва аъзо, масъулин ва собиқадорони

258

Наҳзатро ҷамъ намоянд. Ман дар Комиссияи оташбас будам ва дар дохили кишвар се сол пеш аз омадани аъзои КОМ фаъолият доштам ва авзоъи ҷумҳуриро хуб медонистам. Дар суҳбате, ки оиди ин масъала бо марҳум Устод доштем, аз ман хоҳиш намуданд, ки роҳбарии ин кумитаро ба ӯҳда бигирам. Чунончи дар шарҳи ҳолам ёдрас шудам, ман риштаи Иқтисоди Донишгоҳи миллиро хатм намуда ва мутахассиси соҳа будам. Дар он рӯзҳо, ки бояд дар ҳаҷми сӣ фоиз бо ҳукумат шарик мешудем, аз аъзои Наҳзат шахсони дорои маълумоти олӣ намерасиданд, вале бо вуҷуди ин, Устод аз ман хоҳиш намуд, ки дар ҳукумат кор накунам. Бо талаби бархе аз бародарон маро ба ҳайси мушовир дар зеркомиссияи низомӣ дохил намуданд, аммо аслан дар фурсатҳои мувофиқ корҳои ҳизбиро анҷом медодам. Бо талошу заҳмати ин Кумита тамоми собиқадорон ва собиқ раисони дар қайди ҳаётбудаи шаҳру навоҳӣ, ки дар ватан ба сар мебурданд, ҷамъ оварда шуданд. Ҷаласаи нахустини кумита дар шаҳри Душанбе моҳи сентяҷри 1997 баргузор гардид ва дар ҳамин ҷаласа онро Кумитаи танзими ҲНИТ ном ниҳодем. Ин кумита ҳафтае як бор бо ширкати тамоми аъзои он ва моҳе як маротиба бо ширкати масъулини ҳизб аз тамоми шаҳру навоҳии кишвар ҷаласа доир менамуд. Ба сабаби сардии зимистон ва мушкилоти роҳ аз вилояти Суғд дар ҷаласаҳои мо як ё ду нафар ширкат менамуданд. Кумитаи мо то баргузории Анҷумани таъсисии ҲНИТ, ки соли 1999 баргузор шуд, фаъолият кард. Дар муваффақияти ин кумита саҳми муовини раиси кумита эшони Абдусаттор Бобоев ва котиб Иброҳим Ҳусайнӣ ва махдуми Абдусаттор хело зиёд аст.

259

– Шумо ҷаласаҳои худро дар куҷо баргузор менамудед?

– Мо дар шаҳри Душанбе чанд манзилро иҷора гирифта ва тамоми шароити кориро муҳайё када будем ва ҷаласаҳоро дар он ҷо баргузор менамудем. Охирин қароргоҳи мо

манзили рақами 95, кӯчаи Тухтагул, воқеъ дар маҳаллаи Калинин аст, ки номаи расмӣ ба Вазорати адлия барои таъсиси ҲНИТ бо ҳамин унвон навишта шуд. Аксарияти вакилони Анҷумани таъсисии ҲНИТро афроди ҷамъовардаи кумита ташкил дод ва ҳамон масъулони дар кумита таъйиншуда дар ибтидои фаъолият дар навоҳӣ ва вилоятҳо масъулияти ташкили шуъба ва бахшҳои ҲНИТро ба ӯҳда гирифтанд ва корро хуб анҷом доданд.

– Соли 1992 Шумо раиси шуъбаи ҲНИТи шаҳри Душанбе ва НТМ интихоб шудед, Шумораи аъзо ва фаъолони Наҳзат дар ин минтақа хеле зиёд буд. Имрӯз ҳам Шумо ҳамин масъулиятро ба ӯҳда доред, метавонед бигӯед, ки чаро аъзо ва фаъолони наҳзат дар ин минтақа камтар ба назар мерасанд?

– Минтақаи НТМ аслан минтақаҳои ҷангзада мебошанд ва ҷангу куштор дар ин минтақа бештар ба вуқуъ омадааст ва ҳатто идомаи он то соли 2011 мушоҳида мешуд. Табиист, ки фишори ҳукумат алайҳи Наҳзат дар ин минтақа бештар аст, вале аз тарафи дигар баъзе дилсардиҳо ҳам дар миёни собиқ наҳзатиҳо дида мешавад. Онҳо аз нигоҳи худ баъзе иқдомот ва фаъолиятҳои Наҳзатро мусбат арзёбӣ намекунанд. Омили дигар он аст, ки минтақа аз лиҳози ҷуғрофӣ хело пароканда мебошад, агар як тарафи он аз ҳудуди ӯзбекистон ва ноҳияи Турсунзода оғоз

260

ёбад тарафи дигари он дар ноҳияи Ҷиргатол ва сарҳади Қирғизистон мунтаҳӣ мешавад. Он чи гуфтам, омилҳои берунианд, вале омилҳои дохилиҳизбӣ низ дида мешавд, ки боиси заъфи фаъолияти мо гаштааст. Иллати асосии кундии фаъолиятро на дар мардум, балки дар худи шуъба бояд ҷуст, зеро мо имкон надорем дар ҳама бахшҳо фаъолият намоем. Барои мисол ҳудуди шаш моҳ шудааст, ки ба сабаби сардии ҳаво, дурии роҳ, набудани барқ ва вазъияти пасти иқтисодии мардуми минтақа наметавонем аз ноҳияи Файзобод то Ҷиргатол фаъолона кор кунем.

– Чанд сол аст, ки узви КМИР мебошед, ба андешаи Шумо, ин ниҳод дар мавриди назорати шаффофияти интихоботҳо чӣ салоҳиятҳо дорад?

– Касоне, ки ба салоҳият ва фаъолияти КМИР хуб ошно нестанд, гумон мекунанд, ки сарриштаи кор дар дасти ҳамин комиссия мебошад, вале дар воқеъ худи комиссия ҳам гирифтори мушкилот аст. Масъалаи як ё ду нафар аз аҳзоби мухолиф дар ин комиссия ба фаъолияти парлумон монанд аст. Гоҳо мардум савол мекунад, ки Кабирӣ ва Сайидумар дар парлумон чӣ кор мекунанд, ки қарорҳо ба нафъи мардум қабул намешаванд. Аммо он касе, ки аз воқеияти парлумон ва ё КМИР бохабар аст, медонад, ки як ё ду овоз барои қабули қарор наметавонад таъсир гузорад. Аз тарафи дигар комиссия имконият надорад тамоми рафти интихоботро назорат кунад ва масъулини участка ва ҳавзаҳоро таъйин намояд. Дар ноҳияҳо аъзоёни ҳавзаҳо аз тарафи ҳукумати ноҳия интихоб мешаванд, КМИР онро танҳо тасдиқ ё рад мекунад. Вале дар интихоби аъзои он ҳеҷ ҳуқуқ надорад. Аъзои участка аз тарафи ҳукумати ноҳия таъйин мешавад. Агар шикояте аз участкаи интихоботӣ сурат

бигирад, КМИР ҳаққи дахолат надорад, зеро участка тобеъи ҳавза аст ва ҳавза зери назорати ҳукумати ноҳия қарор дорад. Қонуни интихоботро Маҷлиси намояндагон ба тасвиб мерасонад ва КМИР ҳамчун як органи иҷроия онро иҷро мекунад ва ҳеҷ ҳуқуқи дахолат, ё тағйир дар қонуни интихоботро надорад.

– Ба фикри Шумо, чаро бо вуҷуди даъвои демократӣ ва ҳуқуқбунёдӣ доштани ҳукумат то ҳол омода нест, ки интихоботҳо ба таври шаффоф ва озоду демократӣ баргузор шаванд?

– Бо вуҷуди он ки 20 сол аз истиқлолияти кишвар гузаштааст, ҳукумат то кунун натавонистааст дар мафкураи мардум маънои ҳақиқии демократияро ҷой кунад ва бовар дорам, қисме аз ҳукуматдорон аз мафҳуми аслии он огоҳӣ надоранд. Бо он ки ҳукуматдорони мо шиори демократияро баланд мекунанд, ҳанӯз ҳам бо мафкураи коммунистӣ пеш мераванд. Онҳо демократияро ба унвони арзиш қабул надоранд, балки онро ба он хотир шиор кардаанд, ки дар ҷаҳони имрӯза бидуни демократия мақом пайдо намудан маҳол гаштааст.

– Табиист, ки берун аз ҳизбро мо ба осонӣ мушоҳада мекунем, вале аъзои як ниҳод он чи дар дохил мегузарад, ба равшанӣ мушоҳада карданаш душвор аст, аз назари Шумо дар дохили ҲНИТ меъёрҳои демократӣ чӣ гуна амалӣ мешаванд?

– Дар дохили ҲНИТ амалан аз услубҳои демократӣ истифодаи воқеӣ мешавад, чаро ки Ислом дар ин масъала арзиш қоил аст ва ҳанӯз чаҳордаҳ аср пеш, замоне ки дар тамоми кишварҳои олам аз озодӣ асаре вуҷуд надошт, Паёмбари Ислом (с) мардумро ба озодӣ даъват мекард ва меъёрҳоеро, ки имрӯз ба номи демократия ёд мешавад, амалӣ менамуд. Аз ин



хотир мо дар дохили ҳизб ин меъёрҳоро ба унвони арзиши исломӣ риъоя мекунем. Интихоботҳои мо дар дохил ба таври демократӣ баргузор мешаванд ва тамоми масъулин, шуруъ аз роҳбари аввал то узви қаторӣ интиқодпазиранд ва масоилро аз тариқи Шӯро ҳаллу фасл менамоянд .

– Агар Наҳзат ба қудрат бирасад, оё ҳамин суннатро идома медиҳад?

– Ман бовар дорам, ки агар Ҳизб аз роҳи интихобот ба таври демократӣ ба сари қудрат биёяд, арзишҳои демократиро эҳтиром ва амалӣ хоҳад кард. Бо боварӣ гуфтанам ба хотири он аст, ки вақте мардуми кишвар озодона ва аз роҳи демократӣ ба ҳизбе бовар намуда, онро интихоб кунанд, чӣ гуна ва бо кадом рӯ боварии мердумро зери по мениҳад?! Илова ба ин риояи меъёрҳои мардумсолорӣ аз талаботи Ислом аст ва як ҳизби исломӣ ҳақ надорад ин меъёрҳоро нодида бигирад. Имрӯз яке аз даъвоҳо ва талаботи Наҳзат он аст, ки ҳукуматҳо бояд меъёрҳои демократияро риоя намоянд ва ин аз мантиқ ниҳоят дур аст, ки худ чизеро аз дигарон бихоҳад ва худ амалан онро риоя накунад.

– Шумо ҳамраиси Комиссияи оташбас будед, метавонед бигӯед, ки ба узвияти он чӣ тавр интихоб шудед?

– Замоне, ки ман ба унвони муҳоҷир дар Маскав ба сар мебурдам, тақрибан моҳҳои майи 1994 ба ҳайси раиси дафтари ҲНИТ дар кишварҳои муштаракулманофеъ интихоб шудам. Лозим ба ёдоварист, ки Наҳзат дафтари худро дар шаҳри Маскав аввалҳои соли 1993 кушода ва пеш аз ман чанд нафар раиси он интихоб шуда буданд. Албатта, Наҳзат фаъолияти

263

ҳизбӣ надошт ва ба ҳаракати Наҳзат табдил шуда буд, бинобар ин ҳамчун ҳаракат амал мекардем.

Вақте мавзӯъи Комиссияи оташбас пеш омад, ҳар Наҳзати дастур гирифт, то аз шумори неруҳои дар ҳиҷрат амалкунанда Чаҳор нафарро ба ҳайси намояндаи неруҳои мухолиф ба узвияти Комиссияи оташбас интихоб намуда, ба Душанбе фиристанд. Баъди машварат ба хулоса омаданд, ки як нафар аз неруҳои демократӣ, як нафар намоянда аз Созмони муҳоҷирон, як нафар аз собиқ Идораи Қозиёти ҷумҳурӣ ва як нафар намояндаи Наҳзат бошад. Ва қарор шуд роҳбарии ин ҳайатро намондаи ҲНИТ ба ӯҳда гирад. Дар миёни муҳоҷирони Маскав марҳум Латифӣ ва марҳум Сангинов таъсири бештар доштанд, зеро онҳо Созмони муҳоҷирин таъсис дода онро ба қайд гирифта буданд, қароргоҳ низ доштанд ва аз муҳоҷирон корафтодаҳо ба эшон муроҷиат мекарданд. Аз нерӯҳои демократӣ Ҳасанов Муҳиддин, ки аз афроди Ризвон Садиров буд, интихоб шуд ва Идораи Қозиёт ҳоҷӣ Музаффар, аз Созмони муҳоҷирон Мирзоев Сайидмухтор ва мебоист як нафари дигар ба ҳайси намояндаи Наҳзат аз Афғонистон меомад. Ин се нафар дар Маскав ҷамъ шуданд, вале як нафари дигар, ки ба Наҳзат тааллуқ дошт, ба иллати бо худ надоштани ҳуҷҷатҳои шахсӣ натавонист ба Маскав биёяд. Роҳбарияти Наҳзат аз банда хоҳиш намуд, ки ин намояндагиро ба ӯҳда бигирам. Ҳуҷҷатҳои ман низ ҷавобгӯ набуд, сафорати Тоҷикистон дар Маскав ҳуҷҷатҳои маро омода кард. Ва баъди ду ҳафта вақте ба Душанбе омадам, ҳоҷӣ Музаффар ҳамраиси комиссия интихоб шуда буд.

– Дар муддати кор дар Комиссияи оташбас, оё бемамониат фаъолият мекардед?

264

– Фишорҳо болои мо хело зиёд буд ва ҳамеша мавриди таҳқир, дашном ва ҳатто сӯиқасд қарор мегирифтем. Яке аз аъзои комиссия Ҳасанов Муҳиддин дар ибтидои соли 95 ҳангоми сафар ба Афғонистон беному нишон шуд, ҳамраиси комиссия ҳоҷӣ Музаффар аввалҳои соли 96 дар маркази шаҳри Душанбе дар рӯзи равшан рабуда шуд ва беному нишон гашт. Дар ҳамон рӯзе, ки ҳоҷӣ Музаффарро рабуданд, худи ман ва дигар аъзои Комиссияи оташбас Иззатуллоҳи Саъдуллоҳ ва Юсуфи Ҳаким таъқиб шудем, мехостанд ба ҷони мо низ сӯиқасд намоянд, вале муваффақ нашуданд. Кор бо ин тамом нашуд, борҳо такрор ёфт, И. Саъдуллоҳ ва Ю. Ҳакимро ҷанговарони бародари Ризвон дар роҳ гаравгон гирифтанд ва худуди ду ҳафта зери фишору лату куб қарор доштанд ва

эҳтимоли кушташуданашон зиёд буд. Онҳо бо мушкилоти зиёд наҷот ёфтанд. Боре худи ман ҳамроҳи бародар Юсуф рабуда шудем ва ҳукми моро хонданд, бо гӯшҳои худ шунидем, ки мегуфтанд, имрӯз баъди шом инҳоро бурда, дар Қӯрғонтеппа парронед. Аз касе умед набуд, дасти дуо ба осмон баланд кардем. Хулоса ин хел воқеаҳо хело зиёд буданд ва рӯзе набуд, ки таҳдид, лату кӯб бар сари яке аз аъзои ин комиссия наомада бошад. Ҳамин гуна хатарҳо ба аъзои комиссияи аз тарафи ҳукуматбуда низ таҳдид мекард. Албатта, аз ҷониби худашон онҳоро камтар азият медоданд, вале вақте ҳамроҳи мо ба минтақаҳо мерафтанд, нерӯҳои мо баъзан азияташон мекарданд.

– Вазифаи асосии ин комиссия чӣ буд?

– Комиссияи мазкур як моҳ кам се сол фаъолият намуд ва вазифаи асосии он назорати иҷрои Созишномаи оташбаси муваққатӣ миёни тарафайн буд. Ҳар



рухдоде, ки ба оташбас таҳдид мекард, ин комиссия дахолат менамуд. Ҳам ҷониби мо ва ҳам ҷониби ҳукумат имконияти мустақиман машварату маслаҳат бо роҳбарони худро доштем, аз ин лиҳоз тамоми шароит барои мо муҳайё буд. Агар аз ҷониби афроди ба ҳукумат тааллуқдошта оташбас вайрон мешуд, намояндагони ҳукумат тарафи худашонро аз вазъият огоҳ менамуданд ва агар аз тарафи мо вайрон мешуд, мо тавассути мухобара ба Устод мебаромадем.

– Амнияти Шуморо кӣ таъмин менамуд?

– Комиссияи оташбас зери назорати Созмони Милал амал мекард, зеро музокирот ҳам зери назорати ин созмон сурат мегирифт. Тамоми масорифи комиссия, таъмини мошин ва ҷойи хоби мо ҳама аз буҷаи он буд. Дар ибтидо вақте ба Тоҷикистон омадем, аз сабаби он ки аз нерӯҳои амниятии ҷумҳурӣ бовар надоштем, бехатарии моро қисмате аз Дивизияи 201 Артиши Русия ба ӯҳда дошт. Онҳоро «кулоҳкабуд» мегуфтанд. Ронанда ва ҳозирбошҳои мо низ аз ҳамин гурӯҳ буданд ва чанд вақт амнияти моро онҳо таъмин карданд. Баъдтар вақте нерӯҳои амниятии кишвар мавриди эътимоди мо қарор гирифтанд, таъмини амнияти мо ба дӯши онҳо афтод. Шӯрои Амнияти Тоҷикистон бо роҳбарии Амирқул Азимов ва яке аз муовинони вазири амният Баҳодур Абдуллоев куратори мо буд.

– Мушкилтарин лаҳазоте аз даврони фаъолияти комиссияро дар ёд доред?

– Бале, моҳи феврали соли 1996 Ҳукумати Тоҷикистон эълон намуд, ки дигар таъмини амнияти моро ба дӯш намегирад ва ба мо гуфт, ҳамон меҳмонхона медонаду Шумо. Аз амният афроде, ки моро муҳофизат мекарданд, дигар наомаданд ва дар



ҳамон рӯз ҳамраиси комиссия ҳоҷӣ Музаффар рабуда шуд. Як гурӯҳ афроди ношинос дар назди хонаам камин гирифтанд ва бо заҳмати зиёд аз он ҷо халос шуда, ба дафтари

Созмони Милал рафтем, ки раиси он дар он замон Дарко Шилович буд, онҳо ба ҷои моро ҷой додан аз дафтар берун карданд ва ошкоро гуфтанд, ки даромадани Шумо ба ин ҷо барои худи мо хатар дорад. Ратсияҳои мо аз кор баромаданд. Дар он ҳолат бояд ҳатман Тоҷикистонро тарк мекардем. Саргардон монда, намедонистем куҷо равем ва ба ки муроҷиат кунем. Ба сафорати Покистон муроҷиъат кардем, моро кӯмак накард ва ба сафорати ҶИЭ муроҷиъат кардем онҳо ба Созмони Милал фишор доданд ва мо тавонистем Изатуллоҳ, Абдуллоҳ ва Юсуфро аз Тоҷикистон тавассути Панҷи Поён ба Шерхонбандари Афғонистон интиқол диҳем. Худи ман, ки баъди рабуда шудани ҳоҷӣ Музаффар ҳамраиси комиссия таъин шудам, дар сафорати Эрон як рӯз паноҳанда шудам. Онҳо барои ман виза ва билет таҳия намуданд ва бо ҳамоҳангии СММ маро ба фурудгоҳ бурда, ба ҳавопаймо савор карданд, то ба Эрон биравам. Маро аз ҳавопаймо фаровcovарданд ва мошини СММро ки ҳанӯз нарафта буд ва дар ҳудуди фурудгоҳ қарор дошт, дидам ва давида дар он нишастам ва онҳо зуд ҳаракат карда маро burданд. Бо миёнаравии онҳо сафорати Покистон барои ман виза дод ва рӯзи дигараш бурда дар ҳавопаймо савор карданд. Ногаҳон эълон шуд, ки ҳама аз ҳавопаймо берун шавед, зеро он таъмирталаб шудааст. Боз бо кӯмаки Созмони Милал ва дастгирии баъзе бародарон ва пеш аз ҳама бо мадади Худованд аз ин мушкилот дубора раҳо ёфта, ба Покистон рафтам.



– Шумо дар баъзе музокирот ва гуфтушунидҳо ширкат доштед, оё тарафайн тавозун доштанд ва ё заъфи ҷонибе эҳсос мешуд?

– Аз ҳамон рӯзе ки ман шомили Комиссияи оташбас шудам, ёд надорам, ки дар музокирот ширкат накарда бошам ва хусусан дар тамоми вохӯриҳои миёни устод С. А. Нурӣ ва Президент. Дар ин вохӯриҳо ва музокирот банда ба ҳайси коршинос даъват мешудам, зеро дар дохил будам ва бо авзоъ аз наздик ошноӣ доштам. Музокирот агарчӣ ғолибан дар фазои ором мегузашт, вале чун сухан аз қудрат мешуд, ҳарфи қудрати тарафи ИНОТ зиёдтар мушоҳида мешуд.

– Падари Шумо дар ҷанги шаҳрвандӣ кушта шуд. Оё иллати кушта шудани эшон фаъолиятҳои сиёсии Шумо аст ё чизи дигар?

– Падари ман узви Наҳзат ва дар Ҳисор яке аз чеҳраҳои шинохта буд. Эшон дар тазоҳуротҳо ширкат мекард ва ҳама ӯро мешинохтанд. Рӯзе як гурӯҳи мусаллаҳ омада Жигулии нави 06 амакамро аз хонааш бурданд. Амакам онҳоро мешинохт ва шояд онҳо ба хулосае омаданд, ки амакамро ба қатл расонанд, то сиррашон фош нашавад. Касе ба онҳо хабар медиҳад, ки амакам дар хонаи ҳамсояаш пинҳон шудааст. Онҳо дар он хона амакам не, балки падари маро пайдо карданд. Гӯши падарам вазнин буд ва то аппаратро ба гӯшаш намемонд, чизеро намешунид. Онҳо чун ӯро диданд, гуфтанд, хоб рав мӯйсафед ва аз хона баромаданд. Касе дар берун мегӯяд, ин мӯйсафед падари Ҷалолиддин аст ҳамон касест, ки ӯро ҷустуҷӯ мекардед. Онҳо дубора баргашта ӯро бо худ мебаранд ва аз деҳа баромада дар он ҷо се тираш меза

нанд. Ман намедонам, ки қаблан худи ӯро меҷустанд ва ё ба сабаби ман парронданд.

– Дар охир кадом гуфтание доред?

– Ман аз Ситоди омодагӣ ба ҷашни чилсолагии Наҳзат изҳори миннатдорӣ мекунам, ки даст ба иқдомоте заданд, ки қаблан дида намешуд. Дуо мекунам, ки Худованд эшонро муваффақ гардонад.

Ростӣ масъалаи сулҳу оштӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ рӯз то рӯз заиф шуда истодааст. Мо расман ин рӯзро ҷашн мегирем, вале онро то кунун ҳамчун арзиш қабул накардаанд ва бандҳои он аз тарафи ҳукумат нодида гирифта мешавад. Ман ба ҳайси яке аз собиқадорони наҳзат, ки дар музокирот ширкат доштам ва дар Комиссияи оташбас фаъолият намудаам ва раванди ҷанг ва мушкилоти расидан ба сулҳу оштиро хуб медонам, ҳаминро гуфтаниям, ки бояд миллати тоҷик ба қадри сулҳу оштӣ бирасад ва бандҳои Оштиномаро риоя кунад, то бори дигар пои ин мардуми азияткашида ба вартаи бало дарнамонад.

Мусоҳиб: М. Орзу

269

Мусоҳиба бо раиси Шуъбаи Мол ва дороии ҲНИТ Шоҳнаими Карим

«Ба ростӣ, дар ибтидо аз Наҳзат огоҳӣ надоштам ва танҳо ҳаминро медонистам, ки тамоми корҳо ба роҳбарии устод Нурӣ сурат мегиранд».

Кузов Мирзораҳим Каримович (Шоҳнаими Карим) 8 майи соли 1960 дар деҳаи Вишхарви ҷамоъаи деҳоти Язғуломи ноҳияи Ванҷ таваллуд шуда соли 1978 мактаби миёнаи №18 шаҳри Душанберо хатм карда, то соли 1979 дар Трест «Таджиктара» кору фаъолият намудааст. Соли 1979 раҳбарияти Наҳзат ӯро ҳамроҳ бо 11 нафар толибилмони ҷавон ба вилояти Кӯлоб (Хатлон) барои таълими динии ҷавонон мефиристад. ӯ соли 1981 ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб дохил шуда, онро соли 1987 хатм намуда ба Душанбе бармегардад ва ба ҳайси муаллими мактаби миёна ба таълиму тарбия машғул мешавад. Аз соли 1989 дар мадрасаи Наҳзат дар шаҳри Ваҳдат ба таълиму тарбия машғул мешавад.

Маълумоти диниро аз падараш ва Мулло Сафар, эшони Муҳаммадюсуф, мулло шаҳид (Абдушариф Боқизода Салмон) Сайидумар Ҳусайнӣ омӯхтааст.

Баъди баргашт ба ватан солҳои 19972000 дар қабулгоҳи устод С. Нурӣ дар КОМ кор мекунад. Баъди ба фаъолияти дубора баргаштани Наҳзат ӯро Устод ба Бадахшон мефиристад ва ӯ дар соли 2000 бо

270

наҳзатиҳои бадахшӣ шуъбаи ҲНИТро дар ВМБК ташкил мекунад.

Солҳои 20002008 муовини раиси шуъбаи Равобити хориҷии ҲНИТ ва аз соли 2008 то ҳол раиси шуъбаи Мол ва дороии ҲНИТ мебошад.

Ш. Карим ба кишварҳои Чин, Покистон, Қазоқистон ва Русия сафар кардааст.

Вай узви Раёсати Олӣ ва Шӯрои Сиёсии ҲНИТ мебошад

Оиладор ва соҳиби 4 фарзанд аст.

– Бародар Шоҳнаим, иҷозат диҳед дар ибтидо шуморо ба ин ҷашни фархунда табрик намоем.

– Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим Ташаккури зиёд! Ба ростӣ, ин ҷашни камолотро ба тамоми аъзо, муҳиббон, мухлисону ҳаводорони ҳизб табрик намуда, аз Худованди маннон муваффақияти ҳамешагии Наҳзатро хоҳонам.

– Раҳбарияти Наҳзат соли 1979 шумо гурӯҳе аз ҷавононро ба Кӯлоб фиристод, ҳадаф аз ин сафар чӣ буд?

– Эшони Муҳаммадюсуф ҳамроҳи ман суҳбат намуда, гуфт ки тибқи дастури роҳбарият ман бояд барои дарс додан ба Кӯлоб биравам. Шумо ҳам дар назар ҳастед. Ин дастурро бо ҷону дил қабул намудам ва аз волидайн дуо гирифта, моҳи феврали соли 1979 ба он ҷо рафтам. Мо ҷавонони ба Кӯлоб сафарбаршуда аз ҳамдигар огоҳ набудем, баъди чанд вақт фаҳмидем, ки мо 11 нафар будаем, Мулло Абдураҳим, Эшони Муҳаммадюсуф, Мулло Айёмиддин, Неъматуллоҳи Шаҳид, Мулло Амриддин, Махдуми Саттор, Эшони Нусратулло, Мулло Маҳрамшоҳ Московский, Мулло Назримат ва Шайхи Мирзониёз



Ҳар як нафарро ба маҳаллае таъин карданд ва ман дар ибтидо дар кӯчаи Суғдиён дар хонаи Бобои Идии Дарвозӣ меистодам ва маро дар он ҷо ба унвони хеши бобои Идӣ мешинохтанд. Дарсҳоро хуб ба роҳ мондем ва ҳамарӯза аз субҳ то бегоҳ ба дарс машғул мешудем. Ба ростӣ, дар ибтидо аз Наҳзат огоҳӣ надоштам ва танҳо ҳаминро медонистам, ки тамоми корҳо ба роҳбарии устод Нурӣ сурат мегиранд. Соли 1981 барои дарсдиҳӣ ба маҳаллаи Нонбои поён гузаштам ва овозаи мо паҳн шуд ва бо машварати бародарон ҳамон сол ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб дохил шудам. Дар он замон барои як муллобача тасаввури дар Донишкада хондан вуҷуд надошт, аз ин рӯ, барои қонеъ намудани волидайнам хело заҳмат кашидам. Ёд дорам, бо шунидани ин хабар падарам пиёлаи чояшро дар замин монд ва бо чашми гирён ба ман нигарист ва модарам садо баровард: “Худовандо, мо чӣ камбудӣ кардем ва чӣ хатое аз мо сар зад, ки фарзандамон ба роҳи кофирӣ рафт”!? Аммо билохира тавонистам онҳоро бифаҳмонам, ки дини мо бо хондан дар донишкада мухолиф нест. Ман бо Наҳзат соли 1981 ошно шудам ва ба он пайвастам. Бародар Қорӣ Муҳаммадҷон Ғуфронов яке аз муассисини ҳизб аз Қӯрғонтеппа омада, моро хабар мегирифт, машваратҳо медод ва Наҳзат ба мо донишҷӯён аз лиҳози молӣ кӯмак мерасонд.

– Шумо кай ва чӣ гуна бо устод Нурӣ вохӯрдед?

– Тобистони соли 1980 ман барои аёдати волидайни худ аз Кӯлоб ба Душанбе омадам ва вақте Мулло Муҳаммадсаид аз омадани ман хабар ёфт, маро ба хонаи худ даъват намуд. Эшон дар маҳаллаи Комбинати гӯшт зиндагӣ мекард ва ҳамон рӯз дар



хонаи он кас чанд нафар уламо ҳузур доштанд ва устод Нурӣ низ ҳузур дошт. Дар утоқе, ки нишаста будем, як телевизори хурд буд ва шахсе дар мавзуъи "Рӯза ва зарари он" суҳбат мекард, чун дар он солҳо арзишҳои исломиро аз тариқи расонаҳои ахбори омма ба ҳар васила танқид мекарданд. Устод гуфтанд: "рӯзе аз ин минбаре, ки инҳо алайҳи дини илоҳӣ суҳбат мекунанд, битавонем як маротиба "бисмиллоҳ" гуфта, суханро шуруъ кунем", он рӯз мо рисолати худро анҷом додаем". Дар берун ман ба бародар Шайхи Мирзониёз гуфтам, ки Мулло Абдуллоҳ чӣ мегӯяд? Оё бо Ҳукумати Шуравӣ бозӣ мекунад? Шайх гуфт, ин авлиёи Худо ғайр аз Худо аз ҳеҷ кас наметарсад. Баъди солҳо дидем, ки устод Нурӣ дар Маскав суханашро ба номи Худо бо забони модарии хеш шуруъ кард. Ин нахустин вохӯрии ман бо Устоди гиромӣ буд ва ҳангоми видоъ ба ман рӯй оварда гуфт, Мирзораҳим, аз ин ба баъд мо ягдигарро тезтез хоҳем дид.

– Соли 1989 ҲНИТ дар Кофарниҳон мадраса таъсис дод ва Шумо яке аз мударрисони он будед, дар ин даргоҳ чӣ гуна мударрис таъин шудед.?

– Дар мадрасаи Наҳзат, ки соли 1989 дар Кофарниҳон таъсис дода шуд, 22 донишҷӯ аз 6 устод таълим мегирифт. Устод Ҳимматзода, С. Ҳусайнӣ, Домулло Салмон, Эшони Аъзам, Домулло Амриддин ва худи ман. Устод Ҳимматзода, ки сарварии ин мадрасаро ба ӯҳда дошт, маро муаллими забони русӣ таъин кард. Фарқи Мадрасаи ҲНИТ аз дигар мадорис дар он буд, ки донишҷӯёни ин мадраса дар рӯҳияи динӣ, Худошиносӣ ва сиёсӣ тарбия мешуданд.



– Шумо устод Нуриро ҳангоми ҳиҷрат ба Афғонистон ҳамроҳӣ менамудед, тафсилоти воқеъаро метавонед баён намоед?

– Мо қабл аз ҳиҷрат ҳамроҳи устод Нурӣ дар Душанбе будем ва маро барои овардани хабари иддае аз бародарон фиристод. Чун баргаштам, дигар Устодро надидам, сипас Душанберо тарк карда, ба Язғулом рафтам. Шабе мулло Анвари Дарвозӣ ба назди ман омад ва гуфт: "домулло дар минтақаи Моҳи майи давлати Исломии Афғонистон аст ва туро суроғ дорад. Ман фавран дарёро убур намуда, ба назди Устод расидам. Эшон ба ман гуфт: "ба ту се рӯз вақт, роҳеро пайдо кун, то дубора ба Тоҷикистон баргардем ва аз он ҷо ба Афғонистон биравем". Ман тамоми чораҳои заруриро дидам ва бархе корҳоро анҷом додам ва ҳамроҳи Устод ва дигар ҳамроҳонаш дарёро убур карда, ба хоки Тоҷикистон гузаштем. Шабро дар Язғулом дар хонаи тағоям, Санавбаршоҳ рӯз карда, фардои он рӯз ба тарафи шаҳри Хоруғ равон шудем. Ин ҳодиса 27 декабри соли 1992 буд. Дар Хоруғ се шабонарӯз мондем. Дар ин муддат Устод бо қумандонҳои бадахшонӣ вохурӣ ва суҳбатҳо

доир намуд. Бо дастури Устод мо Акбаршоҳ Искандаровро пайдо кардем ва ба назди эшон овардем. Устод Нурӣ ҳамроҳи Акбаршоҳ муддате суҳбат карданд. Искандаров баъди суҳбат аз ҷояш хеста, ду даст пеши бар карда гуфт: "ман омодаам масъулиятро бипазирам". Акбаршоҳ Искандаровро аз номи муҷоҳидин раиси шӯрои ВМБК интихоб карданд ва аз тариқи радиои вилоят эълон шуд. 30 декабр ба тарафи ноҳияи Ишкошим ҳаракат кардем ва як шаб дар он ҷо бо муҷоҳидини минтақа суҳбат карданд ва мо дунболи пайдо кардани роҳ барои гузаштани марз рафтем. Рӯзи 31 декабри соли1992 дар, дашти ноҳияи Ишкошим дар



хонаи нафаре чанд лаҳза мавзеъи истироҳат намуда, сипас ба тарафи марз равон шудем. Соҳиби он хона ба Устод гуфт: "як пиёла чои моро нохӯрда меравед, Худоро хуш намеояд". Устод гуфт: "иншоаллоҳ, чои туро хоҳем хӯрд, то Худоро хуш ояд". Вақте ба лаби дарё расидем, дидем, киштӣ сурох буд ва мо дубора ба ҳамон хона баргаштем ва он соҳибхона хело хурсанд шуд ва мегуфт: "воқеан Худо моро дӯст медоштааст". Мо балоне пайдо намуда, бар лаби дарё рафтем. Барф зиёд ва ҳаво сард буд ва дарё пур аз ях. Устод дар болои балон савор шуда, аз дарё гузашт ва Эшони Закариё, Ҳоҷӣ Абдурашиди Бадахшӣ, Саидиброҳими Назар ва банда баъди эшон дарёро убур кардем.

– Баъди расидан ба хоки Афғонистон вазъи ҳолии устод Нурӣ чӣ гуна буд?

– Вақте ки мо ба хоки Афғонистон қадам ниҳодем, Устод ба тарафи Тоҷикистон нигоҳ карда лаҳзае хомӯш истод ва сипас гуфт: "арабҳо ҳиҷрат карданд, пирӯз шуданд, афғонҳо ҳиҷрат карданд, ғалаба ба даст оварданд, имрӯз тоҷикон ҳиҷрат карданд". Ин суханонро эшон 31.12.1992 дар минтақаи Султон Ишкошими Афғонистон гуфтанд. Мо як шаб дар Султон Ишкошим боқӣ мондем ва меҳмони Сардорхон, сарпарасти минтақа будем. Баъд як мошини Зил харидорӣ намудем ва ба минтақаи Баҳорак омада, 5 рӯз дар он ҷо дар назди қумандон Наҷмиддинхон, намояндаи махсуси Аҳмадшоҳ Масъуд боқӣ мондем. Сипас ба тарафи Файзобод, пойтахти вилояти Бадахшони Афғонистон раҳсипор шудем ва дар роҳ бародар Сайидумар Ҳусайниро дидем, ки ба пешвози Устод тарафи Баҳорак меравад. Мо бо ҳам ба назди волии он ҷо, бародари шаҳид Ориёнпур рафта 11 рӯз истодем. Сипас устод Раббонӣ як ҳавопаймои Ан12



фиристод ва мо ба Кобул парвоз кардем. Вақте ба Кобул расидем, моро дар қабулгоҳи раёсати Ҷумҳурии Афғонистон ҷой доданд ва дар он ҷо раисҷумҳури вақти Афғонистон устод Бурҳониддин Раббонӣ бо Устод мулоқот ва суҳбат намуд. Сипас моро ба ҷои дигар интиқол доданд.

– Ташкили ҳизб дар Бадахшон чӣ гуна сурат гирифт?

– Соли 2000 бори аввал бо ёрии Худованд ва дастури роҳбарияти ҲНИТ дар Бадахшон ҲНИТро ба қайд гирифтем. Масъулияти анҷоми ин кор аз тарафи роҳбарият ба ман вогузор шуда буд. Мушкилот хело зиёд буд ва дар он айём бародарҳои бадахшониро тарс

медоданд, ки Наҳзат шуморо суннӣ мекунад. Дар ибтидо мо конфронсҳои ҲНИТро дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Ишкошим ва шаҳри Хоруғ баргузор намудем ва раисони ин бахшҳо интихоб шуданд, сипас конфронси вилоятиро гузаронидем ва биродар Абдуносир Алиев раиси шуъбаи вилоятии ҲНИТ интихоб гардид.

– Шумо дар қабулгоҳи раиси КОМ устод Нурӣ муддате ифои вазифа менамудед, аз он рӯзҳо чӣ лаҳзаҳои муҳиме дар ёдатон нақш бастааст?

– Тамоми лаҳазоти ҳаёти ман ҳамроҳи устод Нурӣ хотирмон ва фаромушнашаванда аст. Аммо чизе, ки ҳамеша дар пеши назар меояд, ин ҳамон ҳодисаи рӯзи 23 марти 2001 аст. Ҳамроҳ бо Устод ба масҷиди марказӣ барои адои намози ҷумъа мерафтем, дар роҳ мошине омада ба мошини мо бархӯрди шадид кард. Ба ростӣ, сахт тарсидам, ки мабодо ба Устод осебе расида бошад, вале шукри Худо ҳамааш ба хайр анҷом ёфт.

Мусоҳиб: М. Орзу

276

Мусоҳиба бо муовини аввали раиси ҲНИТ Сайидумар Ҳусайнӣ

«Солҳои 1975 Қӯрғонтеппа ба як маркази таълимоти улуми динӣ ном бароварда буд ва ҳар донишҷӯи исломӣ орзуи рафтан ба он ҷоро дар дил дошт».

Сайидумар Ҳусайнӣ (Ҳисайнов Умаралӣ) 10 июни соли 1961 дар ноҳияи Муъминобод аз волидайни мутадайин ба дунё омадааст. ӯ соли 1976 мактаби миёнаи нопурраро дар зодгоҳаш ба итмом мерасонад. Маълумоти ибтидоии диниро дар назди Бобои Холмуҳаммад омӯхта, сипас ба Қӯрғонтеппа меравад ва назди Мулло Сайидумрон таҳсилро идома медиҳад. ӯ ҳамчунин дар назди Устод Ҳимматзода, Домулло Аҳмадҷон ва Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ таҳсили илм мекунад. Соли 1979 ба Наҳзат шомил мегардад. Соли 1982 мактаби миёнаро ба итмом расонда, ба ДДТ дохил шуда, соли 1988 онро хатм менамояд. Ҳамон сол дар заводи механикии шаҳри Кофарниҳон ва солҳои 19891992 дар заводи тухми кирмакпарварии шаҳри Душанбе кор мекунад. Соли 1992 ба кишвари Афғонистон ҳиҷрат мекунад.

Дар Анҷумани таъсисии ҲНИ ИШ ба ҳайси вакил ширкат намуда, узви Раёсат ва хазонадори муваққатӣ ва масъули комиссияи тафтишотии ҳизб интихоб ме

277

шавад. Соли 1991 дар Анҷумани ҲНИТ узви Раёсати Олӣ интихоб гардида, ба ҳайси котиби раиси ҳизб фаъолият мекунад. ӯ дар солҳои ҳиҷрат дар дафтари раҳбарияти Наҳзат муддате вазифаи котибиро анҷом дод. Дар аксар музокароти сулҳ ҳамроҳи Устод ба унвони котиб ширкат меварзад. Соли 1997 ба ватан баргаштааст. Соли 1999 дар Анҷумани ҲНИТ ба мақоми Дабири Кули ҲНИТ интихоб мегардад. Соли 2003 муовин ва аз соли 2007 то имрӯз ба ҳайси муовини аввали раиси ҳизб фаъолият мекунад. Соли 2008 ба Институти Фалсафаи ба номи Баҳоуддинови АИ ҶТ ба ҳайси унвонҷӯ дохил шуда,

соли 2011 рисолаи дуктури хешро дар мавзӯи: «Таносуби илоҳиёт ва мовароуттабиъа дар фалсафаи Муҳаммади Ғаззолӣ (таҳлили фалсафӣдинӣ)» дифоъ намуд ва соли 2012 он аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии Россияи Федеролӣ тасдиқ гашт. Солҳои 2005 ва 2010 ба ҳайси номзад ба вакилии МН МО ҶТ дар ҳавзаҳои Муъминобод ва Кӯлоб дар интихоботи парлумонӣ ширкат меварзад. Соли 2010 аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ вакили МН МО ҶТ интихоб шуд.

– Иҷозат диҳед, Шуморо ба ҷашни чилсолагии ҲНИТ табрик намоем?

– Ман ҳам дар навбати худ тамоми мардуми мусалмони кишвар, аъзоён, мухлисон ва ҳаводорони ин ҳаракатро ба ин муносибат табрик арз медорам. Умедвор ҳастам, ки ин ҳаракат ҳамон гунае, ки то имрӯз қадам ба қадам пешрафт карда, барномаҳои худашро дар ин кишвар дар байни мардум оҳистаоҳиста амалӣ кард, Худованд дар оянда ҳам тавфиқ диҳад, то ба соҳили мурод бирасад. Орзуи ман ҳамин аст.

278

– Соли 1973 ҳамагӣ 13 сол доштед, ба андешаи Шумо, муҳаббати Ислом ва ишқ ба ин дин дар дили наврасон аз куҷо пайдо мешавад?

– Муҳаббати ин дин ва омӯхтани он қабл аз соли 1973 қалби маро рӯшан карда буд. Падарам бародарамро, ки чор сол аз ман бузургтар аст, барои омӯхтани Қуръони карим ба назди ҳамсояамон бурд, то таълим бигирад. Ёд дорам, ҳамон вақт кӯдаки 910сола будам, вақте ки шабона ба дарс рафтанӣ мешуд, ман ҳамроҳи ӯ мерафтам. Вале вақте ба хонаи устоди ӯ ворид мешудем, маро дар хонаи кӯдакон мегузоштанду дар хонаи дигар даромада чизе мехонданд. Ин кор ангезаи маро ба вуҷуд овард. Вале зимистони аввал дар дарсҳои ӯ роҳ наёфтам, чунки метарсиданд, ки мабодо сирро фош кунам. Ман дарк карда будам, ки ин кор махфӣ аст. Соли дуввум, ки ҳеҷ гапе дар ин бора набаромад, ба банда рухсати ширкат доданд, вале дарс надоданд. Дарси онҳоро гӯш кардан ҳам сабаб шуд, сураҳоро аз ёд кунам ва ҳатто дар хона омада, дар назди падару модарам мехондам. Эшон ҳайрон мешуданд, ки “мо бародари калониро хондана̄ равон кардему ин аз ёд мекунад”. Вақте сураҳоро аз ёд кардам, дар назди устоди бародарам дусе сабақ гирифтам ва қуръонхон шудам. Соли 1974 падарам як устоди дигарро, ки аз ин ҳамсояи мо бузургсолтар буд ва ӯро махсуми Холмаҳмад мегуфтанд, ба хонаамон даъват кард. Ман ҳамон сол синфи 45 мехондам. Бо дастури Домулло “Ҳафтяк”ро оварда дар назди ӯ хондам ва аз ҳамон лаҳза устоди нахустини худро пайдо намудам. Баъдан китобҳои Фарзи айн ва «Чаҳоркитоб»ро низ дар назди эшон хондам. Тобистони соли 1975 аз устодам хоҳиш кардам, ки маро низ барои хондан ба Қӯрғонтеппа

279

ҳамроҳ бо писараш фиристад ва дар таърихи18 июли соли 1975 бори аввал аз Муъминобод ба тарафи Қӯрғонтеппа барои таҳсил омадам. Ва дар ҳалқаи дарсии домулло Сайидумрон шомил гардидам.

– Чаро исрор намудед, ки барои таҳсили улуми динӣ ба шаҳри Қӯрғонтеппа равед?

– Солҳои 1975 Қӯрғонтеппа ба як маркази таълимоти улуми динӣ ном бароварда буд ва ҳар донишҷӯи исломӣ орзуи рафтан ба он ҷоро дар дил дошт. Чун ба он ҷо расидам, як мактаб ва донишгоҳи воқеъии исломиро пайдо намудам, агарчи ғайрирасмӣ буд. Ҳалқаҳои муназзам, озмуну мусобиқаҳо ва таҳсили шабонарӯзӣ амал мекард.

– Аз бародароне, ки дар Қӯрғонтеппа дар ҳалқаи дарсии Шумо дар манзили домулло Саидумрон буданд, киҳоро метавонед ёдовар шавед?

– Банда вақте ба Қӯрғонтеппа рафтам, сарпарасти ҳамаи толибилмони Домулло Саидумрон мулло Абдуллоҳи хурдӣ буд. ӯ низ, тақрибан ҳамсинну соли мо менамуд, вале бисёр донишманд ва дорои ахлоқи накӯе буд. ӯ баъдан яке аз аркони бузурги ин ҳаракати исломӣ гардид ва дар соли 1992 ба дасти ҷанговарони Фронти халқӣ ба шаҳодат расид. Шахсони зиёде дар он айём аз муҳассилини ин мактаб буданд, ки барои мисол метавонам аз чанд нафари онҳо ёдовар шавам. Шоҳмаҳмад, Махдум, Алӣ, Мирзошо, ки аз ҷумлаи олимон буданд ва аъзои ин ҳаракат. Бародари дигар мулло Аҷик, ки олими забардаст шуд ва билохира ба шаҳодат расонда шуд ва даҳҳо олимону равшанфикрони дигар.

– Ҳалқаҳои дарсии ҷавонони наҳзатӣ аз ҳалқаҳои роиҷ кадом фарқе дошт?

280

– Аслан барномаи дарсие, ки дар назди уламои он давр ривоҷ дошт, як намунаи барномаҳои кӯҳна буд. Онҳо аз фиқҳ “Мухтасурул виқоя”, “Шарҳул виқоя”, “Ҳидояи шариф”ро дарс медоданд ва баъди он сарфу наҳвро меомӯзониданд. Баъд аз он “Мишкотул масобеҳ” ва “Тафсири ҷалолайн”, тафсири “Қозӣ Байзовӣ” таълим дода мешуд. Барномаи дарсии ҳалқаҳои ҷавонони наҳзатӣ як миқдор фарқ мекард. Дар ин ҳалқаҳо аҳамияти бештар ба сарфу наҳв ва балоғату мантиқ дода мешуд. Ҳамчунин дар ҳалқаҳои нав илова бар таълимоти улуми исломӣ аз адабиёти тозаворид низ ба барномаи дарсӣ дохил шуда буд, ки дар вуҷуди шогирдон ангезаи хидмат ба Ислом, хидмат ба миллатро эҷод мекарданд.

– Шумо аз замоне сухан мегӯед, ки фишорҳо алайҳи диндорон хеле зиёд буданд, метавонед намунае аз он фишорҳоро ёдовар шавед?

– Замони Шӯравӣ, ба хусус солҳои 7080, ки мо дар ин роҳ баромадем, ҳукумат ҳукумати бединӣ буд ва ба дин ҳассосият дошт. Аммо бо боварии том метавонам бигӯям, ки шеваи муносибати ҳукумати онрӯза ба дину диндорӣ аз услуби муносибати ҳукумати имрӯза хубтар буд. Аз тарафи дигар, дар он замон одамгарӣ ва инсофи баъзе аз кормандони ҳукумат дар сатҳи болотар ба мушоҳада мерасид. Мо назди Домулло Сайидумрон таҳсил мекардем ва соле 12 маротиба баъзе мақомот ба ӯ хабар мерасонданд, ки рӯзҳои наздик, ба истилоҳ, “рейд” мегузарад, шумо эҳтиёт кунед. Аз ин хотир, моро ҷавоб медоданд ва баъди муддате боз барои идомаи таҳсил бармегаштем. Устоди мо бошандаи маҳаллае буд, ки мардуми он ҷо мутадайин ва мухлиси ӯ буданд. Ба таври умум

метавонам бигӯям, фишорҳое, ки имрӯзҳо ба чашм мехӯранд, аз он замон бадтар аст

– Шумо соли 1977 бо наҳзатиҳо шинос шудед, вале чаро баъди ду сол расман ба Наҳзат пайвастед?

– Ман соли 1976 баъди хатми синфи 8 барои таҳсили илм ба Қӯрғонтеппа рафтам. Баъди муддате бо яке аз муассисони ин ҳаракат Қорӣ Муҳаммадҷони шаҳид шиносоӣ пайдо кардем ва гоҳо ба хонаи ӯ мерафтем. Эшон дар хусуси ҳаракатҳои исломии ҷаҳон бо мо суҳбат мекард ва як миқдор дар мавриди гурӯҳҳое, ки барои густариши Ислом фаъолият мекунанд, қиссаҳо мекард. Қорӣ Муҳаммадҷон аз ман тақозо намуд, ки бо ӯ рафту омади бештар дошта бошам. Эшон радиоҳои арабӣ ва форсиро ҳамеша гӯш мекард ва ба хусус ахбори Эронро бо диққат гӯш мекард. Ин кор диққати маро бештар ҷалб менамуд ва худи ман ҳам дигар ахбори олами исломро тавассути радио пайгирӣ мекардагӣ шудам. Соли 1978 мо миқдоре аз дониши исломиро аз худ намудем ва аз таърифу тавсифҳое, ки аз Қорӣ Муҳаммадҷон дар хусуси қорӣ шуданаш дар дили ман ҳаваси ба Ӯзбекистон рафтан ва ҳифзи Қуръон пайдо шуд. Аз устодам рухсат гирифта, ба нияти ба Ӯзбекистон рафтан ба Душанбе омадам. Вале бо тавсияи баъзе дӯстон аз раъйи худ баргаштам ва барои идомаи таҳсил ба назди устод Ҳимматзода рафтам. Зимистони соли 1979 эшон моро дар манзиле ҷамъ карда, ба ҳаракати Наҳзат ошно ва барои пайвастан ба он даъват кард. Аз он вақт расман ба ин ҳаракат шомил шудам ва дигар ҳар моҳ бо мо ҷаласа баргузор мекард ва аз мо гузориш талаб менамуд.

282

– Соли 1990 ба Донишкадаи ба номи Имом Тирмизӣ дохил ва ба иллати узви ҲНИТ буданатон ихроҷ шудед. Оё ихроҷ намудани шумо асоси қонунӣ дошт?

– Соли 1990 Донишкадаи ба номи Имом Тирмизӣ таъсис ёфт ва ба сабаби он ки орзуи дар мадрасаи расмӣ хонданро доштам, ба ин донишкада дохил шудам. Чунончи гуфтам, ҳадаф танҳо баровардани орзуи деринаам буд ва илло ҳам маълумоти олӣ доштам ва ҳам аз илму дониши динӣ бохабар будам. Бо ин вуҷуд, ба ин донишгоҳ дохил шудам. Маъмурияти донишкада медонистанд, ки ман наҳзатиям, вале далел надоштанд. Ман ду моҳ қабл дар Анҷумани таъсисии ҲНИ ИШ дар шаҳри Астрахан ширкат варзида будам. Инро дар мадраса хуб медонистанд, вале санаде дар даст надоштанд. 26 октябри соли 1990 шуъбаи тоҷикистонии ҲНИ ИШ конфронси таъсисии худро баргузор кард ва ин ҳам сару садоҳои зиёдеро дар кишвар ба вуҷуд овард. Нафарони зиёде аз ширкаткунандагони ин конфронсро ба шуъбаи корҳои дохилӣ ва ба амният бурда, ҷарима карданд. Маро на дар шуъбаи корҳои дохила, балки дар худи мадраса бозҷӯӣ карданд. Маъмурияти донишкада ҳар рӯз маро аз дарс мебароварданд ва мепурсиданд, ки ҳамон рӯз дар куҷо будам. Ҳатто як рӯз талаб карданд, ки дар куҷо буданамро хаттӣ бинависам. Навиштам, онҳо ба ин қаноат накарда, боз ҳам бозҷӯии худро идома доданд. Дар Низомномаи мадраса бандеро ворид карда буданд, ки дар асоси он донишҷӯи мадраса ва масъулини он ҳаққи узвият ба аҳзоби сиёсиро надошт. Хулоса болои банда фишор хело зиёд шуд, қариб даҳ бор маро аз миёни ҳамдарсон аз дарс бароварда бурданд. Билахира ба назди қози

домулло Тӯраҷонзода даромадам ва ба эшон гуфтам: "Ҳазрат, ман барои як суханро расонидан ба назди Шумо омадам. Оё Шумо медонед, ки дар ин рӯзҳо маро маъмурият бисёр бозпурсӣ карда истодааст?". Он кас гуфт: "Ман фаҳмидам, ки ту аъзои Наҳзат набудаӣ ва метавонӣ дарсро идома диҳӣ". Ба эшон гуфтам: "Ҳазрат, не ман дар назди онҳо инро гуфтам, ки шояд кормандони амният бошанд. Аъзо будани ман дар ҲНИТ мисли офтоб равшан аст ва ин офтобро бо доман пӯшонида намешавад. Ман на танҳо узви ҲНИТ, балки узви Раёсати ҳизбам". Хулоса, баъди ин сӯҳбат таҳсили ман дар ин донишкада ба поён расид.

– Бархе аз бародарони наҳзатӣ ва сардабирии "Минбари Ислом"ро пазируфтани Устод мухолиф буданд, бо вуҷуди ин, эшон ин симатро қабул кард, чаро?

– Устод Нурӣ шахси дурандеш буд ва барномаҳои дарозмуддат дошт. Вале баъзе масъулини Наҳзат ба масоил назари сатҳӣ доштанд. Устод Нурӣ дарк карда буд, ки бояд ҳамаи нерӯҳои исломӣ дар канори якдигар бошанд, хусусан Идораи қозиёт. Қозиёт дар он айём баъди омадани Ҳоҷӣ АкбарТӯраҷонзода ба як нерӯи қавӣ мубаддал шуда буд ва тамоми масоҷид аз он итоат менамуданд. Воқеан, аксарияти аъзои раёсати ҳизб аз рафтани Устод ба он ҷо норозӣ буданд, зеро он вақтҳо Тӯраҷонзода дар мавриди ҳизб назари хоси худро дошт.

– Чаро аз Донишкадаи исломӣ донишҷӯёни ҳизбиро ихроҷ менамуданд, дар ҳоле, ки муассиси он сардабири рӯзномаи ин идора буд.

– На танҳо устод Нурӣ, балки нафарони зиёде дар бахшҳои қозиёт кор мекарданд, масҷидҳо ҳама тобеи



қозиёт буданд ва бародарони наҳзатӣ амсоли Зубайдуллоҳи Розиқ, эшони Қиёмиддини Ғозӣ, мулло Абдураҳим ва мулло Абдуғаффор имомхатиб буданд. Ба андешаи ман, шояд онҳо худро сиёсатмадор мепиндоштанд ва гумон менамуданд бо ин роҳ онҳоро аз ҳизб дур мекунанд ва дар итоати худ медоранд.

– Ҳизб вақте вориди майдони сиёсат гардид, аксари мардум устод Нуриро раҳбари ҳизб намедонистанд, сабаб чӣ буд?

– Ман дигаронро намедонам, аммо аз рӯзе ки мо вориди ин ҳаракат шудем, дар сари ин ҳаракат ҳамеша устод Нурӣ меистод. Дуруст аст, ки дар солҳои аввал, ҳар ҳалқа роҳбари худро мешинохт ва аз роҳбари худ намепурсид, ки раиси шумо кист? Устод Ҳимматзода, ки моро сарварӣ менамуд, вазифадор набуд, ки ба мо бигӯяд, раиси ӯ кист, вале ҳатман аз ҷое барнома мегирифт ва гузориш медод. Дар айёми донишҷӯӣ эшони Қиёмиддини Ғозӣ моро дар ҳамин ҷода роҳнамоӣ мекард ва ӯ низ аз ҷониби кӣ омаданашро намегуфт. Устод Нурӣ воқеан шуҳрати шахсии худро намехост ва дар байни ҳамаи ҳалқаҳо назмеро эҷод карда буд, ки ҳар ҳалқа танҳо масъули худро мешинохт. Ман худ шахсан танҳо соли

1983 дарак ёфтам, ки устод Ҳимматзода ва эшони Қиёмиддин дар итоати устод Нурӣ мебошанд.

– Соли 1990 чаро устод Нурӣ нею устод Ҳимматзода раиси ҲНИТ интихоб шуд?

– Ин масъала бармегардад ба ин ки роҳбарияти Наҳзат аз таҷрибаҳои дигар созмонҳои исломии ҷаҳони ислом огоҳӣ доштанд. Вақте кор ба расмият расид, тасмими роҳбарият ба он шуд, ки ҳаракати Наҳзат ҳамчунон боқӣ бимонад, вале як гурӯҳ расман вориди сиёсат ва муборизаҳои сиёсӣ гардад. Шах

285

сиятҳои асосии Наҳзат худро ошкор накунанд. Аз тарафи дигар Устод мехост, ҳаракати исломии қавиро дар кишвар таъсис диҳад, ки ҳама нерӯҳои исломиро даври ҳам ҷамъ намояд ва ба қозиёт ба кор рафтани эшон низ ба ҳамин мақсад буд.

– Аз соли 1999 дабири кулли ҲНИТ будед ва бо номи дабирсоҳиб маъруфед, чӣ чиз боис гашт, ки ин ниҳод барҳам хӯрд ?

– Баъди он ки ҲНИТ фаъолияташро аз сар гирифт, роҳбарии ситоди баргузории Анҷуман ба дӯши банда гузошта шуд. Ман барои баргузории ин Анҷуман тамоми саъю талошамро ба харҷ додам. Бо тавфиқи Парвардигор ва кӯмаки бародарон дар муддати 23 моҳ тамоми корҳои лозимаро анҷом додем ва Анҷуманро баргузор намудем. Қабл аз баргузории Анҷуман бо машварату маслиҳати устод Нурӣ, устод Ҳимматзода ва устод Кабирӣ лоиҳаи Оинномаи ҲНИТ рӯи коғаз омад. Дар Оинномa симате бо номи Дабири кул дохил карда шуд, ки он мақоми муовинатро дошт ва аз тарафи Анҷуман интихоб мешуд. Дар асоси Оинномаи ҲНИТ аслан ҳизбро бевосита Дабири кул идора мекард ва раиси ҳизб тавассути Дабири кул. Раҳбарияти Наҳзат дар баҳсу баррасии номзад ба Дабири кул чанд нафарро пешниҳод намуд. Ба ин симат устод Ҳимматзода, С. Назар, М. Кабирӣ, Ҷ. Маҳмуд О. Абдусалом ва банда номзад пешниҳод гардиданд. Ман дар навбати худ гуфтам, ки номзадии худро ба хотири устодам Ҳимматзода бозпас мегирам ва номзадии маро бекор карданд. Дар аснои ҷаласа устод Ҳимматзода низ номзадии худро бозпас гирифт. Ман гуфтам, ки бозпас гирифтани ман ба хотири устод Ҳимматзода буд, ҳоло ки эшон номзадиии худро бозпас гирифт,

286

ман бо дигарон вориди рақобат мешавам. Ҳамчунин дигарон номзадии худро бозпас гирифтанд ва танҳо ман ва бародар С. Назар мондем ва дар овоздиҳӣ бародарон ба ман овози бештар доданд. Баъди қатъ гардидани фаъолият КОМ кори устод Нурӣ сабуктар шуд ва ҳизб ба хулосае омад, ки худи Устод бевосита роҳбарии ҲНИТро ба дӯш бигирад. Аз ин рӯ, соли 2003 дар Оиннома тайғирот ворид карда шуд ва симати Дабири кул аз Оиннома бардошта шуд.

– Ба андешаи Шумо оё ҳоло Наҳзат ниёз ба дубора эҳё намудани дабириятро надорад?

Ба андешаи ман дар он замон ниёз ба дабирият эҳсос мешуд ва гумон мекунам, рисолати худро анҷом дод. Агар роҳбарияти ҳизб бихоҳад, ба бахшҳои ноҳиявӣ ва ташкилотҳои ибтидоӣ ва ҷамоатҳо таваҷҷуҳи бештар намояд, дар ин ҳолат ба андешаи ман, баргаштан ба низоми дабирият ба манфиати кор хоҳад буд, зеро ба роҳбари аввали ҳизб кӯмак мешавад.

– Шумо муддатест, ки вакили мардум дар Маҷлиси намояндагон мебошед, ба андешаи Шумо, ҳузури намояндагони ҳизб чӣ манфиате ба ҳизб ва кишвар дорад?

– Ашхосе, ки мегӯянд дар порлумон бо 2 нафар наметавон кореро анҷом дод, аз як ҷиҳат дуруст аст, Шумо тасаввур кунед, ки дар байни 63 нафар бо 2 нафар чизе наметавон ба даст овард. Аммо аз тарафи дигар, вуҷуди ҳамин 2 нафар ҳам, аз манфиат холӣ нест. Зеро ин 2 нафар фикру мулоҳизаҳои худро дар робита бо нуқсону камбудиҳои қавонин ироа медоранд ва андешаҳои онҳо қабул нашавад ҳам, беасар нест, ба худи намояндагон таъсир дорад. То ба ҳол вакилоне, ки бо устод Ҳимматзода якҷоя кор



кардаанд, фазилат ва дониши эшонро эътироф доранд. Аз тарафи дигар дар баробари мухолифат ба пешниҳодоти намояндагони Наҳзат, қисме аз Намояндагони мардумӣ дар алоҳидагӣ ихлоси худро ба Наҳзат изҳор медоранд.

– Баъзе масъул ва аъзои Наҳзат шикоят мекунанд, ки намояндагони мо дар Парлумон натавонистанд, ки ахбори парлумонро дар матбуот инъикос диҳанд. Оё камбудӣ дар худи шумост, ки дар матбуъоти ҳизб фаъол нестед ва ё камбудӣ дар масъулини «Наҷот» аст?

– Аз рӯзноманигорон ҳар касе барои мусоҳиба гирифтан ба мо муроҷиат кунад, ҳеҷ гоҳ рад намекунем. Хабарнигорони дигар расонаҳо ҳар вақт хоҳанд, телефонӣ мусоҳиба мегиранд ва ахбори лозимаро барои худ дарёфт мекунанд. Ба худи ман ҳам чунин шикоятҳо мерасад ва мо ин масъаларо чанд бор баррасӣ намудем. Ҳафтаномаи «Наҷот» ва сайти Наҳзат ҳеҷ вақт оиди кори парлумон ва фаъолияти намояндагони он пайгирӣ намекунанд. Гумон мекунам, камбудӣ дар расонаҳои ҳизб аст.

– Ба андешаи таҳлилгарон ҲНИТро лозим аст, мутобиқ ба талаботи замон бошад, ба андешаи Шумо то кадом андоза пойбанд будан ба сиёсатҳои усулӣ ба нафъи Наҳзат аст?

– Аслан мавзуъ хеле мураккаб аст. Барои як нерӯе, ки дар як ҷомеъа арзи ҳастӣ мекунад, дар ҳар асру замон бидуни мушкилот ба муваффақият нарасидааст. ҲНИТ дар як замон ва кишваре таъсис шуд, ки идеологияи бединӣ асоси сиёсати онро ташкил медод. Бо вуҷуди ин, Наҳзати исломӣ таъсис шуд ва тавонист, на танҳо маҳв нашавад, балки пешрафт ва рушд бикунад. Аслан, дунё ҳарчанд пеш меравад,



корҳо боз мушкилтар мешаванд. Наҳзат дар асоси ақидаи исломӣ бунёд шудааст. Ислом динест, ки маҳдудияти замонӣ ва макониро намепазирад. Барои тағйирот ва пешрафту

тараққиёт, бо ҳифзи усули исломӣ, маҷол медиҳад. ҲНИТ бар асоси арзишҳои волои исломӣ ва бо такя ба дастуроти он дар ҳар давру замон як миқдор тағйири тактикӣ мекунад ва дар фаъолиятҳои худ ислоҳот ворид менамояд. Дуруст аст, ки дар усули Ислом ва таълимоти он наметавон ислоҳот ворид намуд, вале дар фаъолияти шахсӣ, дар дидгоҳ ва дар тасмимгириҳо инсон дар чорчӯби муайяншуда озод аст ва метавонад худро мутобиқ ба шароит намояд. Ҳар ҳаракате, ки дар асоси таълимоти ин дин таъсис меёбад метавонад бидуни тундравӣ дар чаҳорчӯби Ислом фаъолият намояд ва худро мутобиқ ба шароит намояд.

– Бисёриҳо мекӯшанд, ки чилсолагии ҲНИТро зери суол бибаранд, Шумо дар ин маврид чӣ гуфтанӣ доред?

– Ононе, ки ба чилсола шудани ҲНИТ бо шакку тардид менигаранд, аслан на ба чилсолагии ин ҳизб, балки ба ин ҳаракат бовар надоранд. Мо, фарзандони ҳамин ҳаракат, шаҳодат медиҳем, ки дар бораи ҳаракат ва танзим суханҳое мешунавидем ва соли 1979 ба он пайвастем. Вақте мо ба ин ҳаракат ҳамроҳ шудем, фаъолиятҳои муназзами онро дидем ва ин далолат мекард, ки ин ҳаракат солҳо фаъолият доштааст.

Мусоҳиб: А. Ваҳҳоб



Мусоҳиба бо собиқадори Наҳзат

Асадуллоҳ Вализода

«Бедорӣ ва равшанфикрии исломӣ ягона ҳадафи ҳама гуна наҳзатҳост ва маҳакест, ки набзи ҷомеи диндору худотарсро муайян намуда, такомулу пешрафти кишварро таъмин менамояд».

Асадуллоҳ Валиев 8 марти соли 1962 дар деҳаи Лучоби ноҳияи Варзоб дар оилаи диндор таваллуд ёфтааст. Падари эшон Шукруллоҳ аз сулолаи сайидзодагон аст. Ӯ маълумоти исломиро аз бобои худ эшони Валӣ, амакаш эшони Амонуллоҳ ва дигар уламо гирифтааст ва «сайидзодагӣ»ро дар илму дониш, зуҳду тақво ва дар риояи аҳкоми шариат медонад. Соли 1980 мактаби миёнаи рақами 115 ноҳияи Варзобро ба итмом расонида, солҳои 19801985 дар ДМТ дар шуъбаи арабии факултаи забонҳои шарқ таҳсил намуд. Солҳои 19851987 ба ҳайси тарҷумони мутахассисони ҳарбии Шуравӣ дар Либия кору фаъолият дошт. Солҳои 19871992 вазифаҳои муаллим, корманди пешбари Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон, муҳаррири бахши бурунмарзии радиои кишвар кор мекунад. Солҳои 19911992 муассис ва раиси бахши ҲНИТ дар ноҳияи Варзоб, масъули матбуотии бахши ҲНИТ дар шаҳри Душанбе ва НТҶ буд. Солҳои 19931995 шунавандаи риштаи равобити хориҷӣ ва масоили байналмилалии Академияи дипломатии шаҳри Маскав

буд. Тайи солҳои 19941996 ба ҳайси коршинос дар музокироти Сулҳи тоҷикон ширкат варзид ва солҳои 19961997 сармуҳарририи маҷаллаи «Ҷайҳун»ро дар Покистон ба зимма дошт. Соли 1997 Хабаргузории таҳлилии «Мизон»ро таъсис дод ва то соли 2000 директори он буд. Солҳои19992003 узви Раёсати Олии ҲНИТ интихоб шуд ва соли 2000 номзадиашро ба вакилии МН МО аз ҳавзаи Ҳисор пешниҳод кард. Аз соли 2001 ба унвони соҳибкор фаъолият дорад ва мустақилона машғули даъват ва таҳқиқоти илмӣ дар масоили динӣ ва сиёсӣ мебошад. Оиладор ва соҳиби чаҳор фарзанд аст.

– Аввалан шуморо ба муносибати 40умин солгарди ҲНИТ табрик мегӯем!

– Банда низ тамоми аъзоён, раҳбарияту ҳаводорони Ҳаракати исломии Тоҷикистон ва мардуми шарифи кишварро ба ин санаи муборак, ҷашни 40солагии ҲНИТ, табрику таҳният намуда, бурдборию заковатро дар ин масири масъулиятноку бошараф ва тавфиқу комёбиро дар пиёда намудани аҳдофу барномаи Наҳзат тибқи нишондоди Худованд таманно дорам. Албатта, чунин иқдоми хайр дар ин давраи дигаргунсоз, соли баргузории интихоботи президентӣ зимни чорабиниҳои гуногуни ба нақша гирифташуда боиси таблиғу ташвиқи густурдаи ҲНИТ ва боло рафтани ҷойгоҳи он дар ҷомеа хоҳад гашт. Аз ҷумла, чопи китоби алоҳида аз таърихчаи ҲНИТ аз фаъолиятҳои созандаест, ки бо вуҷуди тангии вақт бояд тамоми нерӯ ба он сарф карда шавад, то мазмуну муҳтавояш ҷолиб ва ҷавобгӯи воқеъбинонаи 40 соли ҳаракати исломӣ гардад, бахусус давраи бедорию истиқлолиятхоҳии кишварро дар худ пурра таҷассум намояд.



– Шумо кай бо Наҳзат ошно ва ба он шомил шудед?

– Ман аз ҷараёни таъсиси ҳизби Наҳзати умумиШуравӣ ва баъдан таъсиси шуъбаи он дар ҷумҳурӣ бохабар будам. Тирамоҳи соли 1990 баъди конфронси таъсисии ҳизб дар деҳаи Чортути ноҳияи Рӯдакӣ, як гурӯҳ меҳмонони ин конфронс аз Русия дар хонаи банда ҷой гирифтанд. Аввалин шиносоии ман бо устоди марҳум М.Ҳимматзода низ дар ҳамин рӯзҳо сурат гирифт, ки эшон ба хотири вохӯрӣ бо меҳмонон ба хонаи банда ташриф овард. Баъди Анҷумани таъсисии ҲНИТ, соли 1991, ба узвияти ҳизб пазируфта шудам. Дар конфронси таъсисии бахш дар ноҳияи Варзоб охири тирамоҳи соли 1991 ба ҳайси раиси ҳизби Наҳзат дар ноҳияи мазкур интихоб гардидам. Баъд аз ташкили ҳизб мардум бо як рӯҳияи баланд ба ин падидаи нав муносибат доштанд. Аз аввалин чорабиниҳои чашмраси таблиғотии бахш ташкили вохӯриҳо бо мардум буд. Дар рамазони соли 1992 ҳамроҳи баъзе аз аъзоёни ҳизб намози таровеҳро дар масҷидҳои гуногуни ноҳия гузаронида, бо намозгузорон дар мавзуъҳои мухталиф суҳбатҳо доир мекардем. Мардум таҳти таъсири воқеаҳои он солҳо хеле кунҷков шуда, бедорию огоҳии динию миллиашон боло мерафт. Аз ин рӯ, эшон бо мароқи зиёд ба суханҳо аҳамияти хосса дода, бо суолҳои зиёд муроҷиат менамуданд. Дар давоми нимаи аввали рамазон аз 15 деҳаи ноҳия дидан намудем. Мутаассифона, ин раванд бо саршавии митингҳои баҳорӣ дар соли 1992 ба монеъа дучор шуд.

Аз моҳи феврали соли 1992 дар бахши ҲНИТ дар шаҳри Душанбе ва НТҶ банда ба ҳайси масъули матбуотӣ таъйин гардидам. Баъд аз оғози гирдиҳамоиҳо дар соли 1992, ки дар зоҳир бо ташаббуси элитаи ба

292

дахшиҳо созмон ёфта буд, на ҳамаи аъзоёни ҳизб майли дар он ширкат варзидан доштанд. Чунон ба назар мерасид, ки дар паси парда тарроҳони моҳири фурсатҷӯ аз дохилу хориҷ интизори иштибоҳи неруҳои демократианд, то ба зидди бедории динию озодихоҳии миллӣ бо ташкили ихтилофу фитна байни шаҳрвандон зарбаи муҳлик бизананд. Дар ин вақт раиси расмии ҳизб устод М. Ҳимматзода дар сафар буд (баъдан маълум шуд, ки эшон низ мухолифи ин тазоҳуротанд). Дар чунин марҳилаи ҳассос ва масъулиятнок ҳар шахси бедору огоҳ, хусусан масъулони неруҳои сиёсӣ ва султаи ҳоким аз вазъият бояд хулосаи дуруст баровarда, мардуму кишварро аз вартаи фуру рафтан ба майдони кашмакашиҳои бемаънӣ наҷот медод. Аммо ҳар ду тараф собит намудани мавқеи хеш дар «нақшофаринӣ» дар ин «мазҳака» ақибнишинӣ карда натавониста, миллатро ба имтиҳони навбатӣ равона намуданд .

Вазъияти тезутунди нави сиёсӣ тақозо менамуд, ки баъд аз пирузиҳои нисбӣ дар тазоҳуроти тирамоҳи соли 1991, бояд шеваи мубориза тағйир дода шуда, барои таъмини амну субот тактикаю стратегияи нав дар муқобили фитнаҳои низоми зоҳиран нав ва усулан қадими шӯравӣ ба нақша гирифта шавад. Мутаассифона, зери таъсири пирӯзии тазоҳуроти гузашта, аввалан, аксарияти роҳбарони ҳаракатҳои демокаратӣ ва баъзе аз роҳбарони ҲНИТ дар паи баровардани ҳадафҳои «адолатхоҳӣ» ба доми хаёлот дода шуда, пайравони худро охируламр ба майдон кашиданд. Баъдан, уламои дигари кишвар бо раҳбарии қозиёт низ ба ин тавтиа дода шуданд. Шоҳидон гувоҳанд, ки дар он давра аъзои раёсати бахши ҲНИТ дар шаҳри Душанбе ва НТҶ (иборат аз 14 ноҳия), ки аксаран ҷавон буданд, аз ибтидо аз пайвастани

293

наҳзатиҳо ба ин минтингҳои иғвоангези навбатӣ нороҳат буданд. Ниҳоят баъди машваратҳову баҳсҳои зиёд, раёсати бахши мазкур ин тазоҳуротро муомарае алайҳи неруҳои демократӣ, бахусус Наҳзат номида, якдилона қарор қабул кард, то нерӯҳои исломӣ, ки ағлаби тазоҳуроткунандаҳоро ташкил медоданд, аз майдон хориҷ шаванд. Дар ин маврид муроҷиатномаи махсусе ба унвони Раёсати Олии Наҳзат қабул гардид, ки барои таслими он се нафар, раиси шуъба Ҷ. Маҳмуд, домулло Ҳомидхӯҷа ва банда интихоб гардидем. Ин муроҷиатнома дар ҳузури домулло Муҳаммадрасул ва қорӣ Муҳаммадҷон ба марҳум устод Нурӣ супорида шуд. Аммо ин иқдоми созанда бо сабабҳои ба мо номаълум дар Раёсати Олӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифт. Нисбати он баҳои дурусту воқеӣ дода нашуд. Фақат домулло Муҳаммадрасул бо аъзои раёсати шаҳрӣ вохӯрда, онро иқдоми нодуруст номид, ки ба андешаи мо аз бемасъулиятию бедаракӣ аз вазъият буд. Бешубҳа, раванди минбаъдаи воқеаҳо ва оқибатҳои мудҳиши он дақиқ будани ин тасмими бамавқеъро нишон дод. Шояд аз бетаҷрибагию заифӣ дар пешбурди

муборизаҳои сиёсӣ, ҳалли масоили ихтилофӣ, ҳолати бухронӣ ва пуршиддати вазъияти сиёсӣ, (аз ҷумла эҳтироми беасос нисбати мақомоти «болой»и хоси менталитети шарқиёна ҳам муассир аст) бошад, ки раёсати шаҳрӣ дигар баррасии онро муҷаддадан талаб накард.

– Шумо дар Покистон дар маҷаллаи «Ҷайҳун» зери сарпарастии устод Ҳимматзода фаъолият мекардед. Ин маҷалла чӣ чизро инъикос мекард?

– Бо оғози музокироти Сулҳ байни Ҳукумати Тоҷикистон ва неруҳои мухолифин соли 1993, ки банда он солҳо дар Акедимияи дипломатии шаҳри Маскав таҳсил доштам, ба ҳайси коршинос то соли 1996

294

дар чанд даври он ширкат варзидам. Баъди хатми Академияи номбурда, бо даъвати устод Ҳимматзода барои аз нав фаъол кардани маҷаллаи «Ҷайҳун», ки дар Покистон ба забони арабӣ ба табъ мерасид, ба ҳайси муҳаррири масъул ба кор шуруъ намудам. Маҷалла ҳар моҳ ду маротиба ба нашр мерасид. Мавзуъҳои асосии ин нашрия инъикосу таҳлили раванди музокирот, баррасии мавқеъгириҳои кишварҳои вобаста дар қазияи тоҷикон, интишори матолиб роҷеъ ба ҳаёти муҳоҷирин ва вазъияти дохили кишвар буд.

– Шумо замоне директори маркази таҳлилии «Мизон» будед. Ин марказ дар кадом самт таҳлилҳояшро анҷом медод?

– Бо имзои Созишномаи Сулҳ ба мақсади пайгирӣ, таҳлилу баррасии ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангию динӣ ва инъикоси раванди иҷрои Созишномаи сулҳ соли 1997 Маркази мустақили хабарию таҳлилии «Мизон»ро созмон додем. Дар таъсис ва фаъолияти марказ устодон Ашурбой Имомов, Абдурауф Ҷураев, Ҳамидуллоҳ Ҳабибуллоев ва Муҳибуллоҳ Қурбонов саҳми арзанда доштанд. Ҳамчунин бародар Абдуқаҳҳори Давлат, ки таҷрибаомӯзии худро дар маҷаллаи «Ҷайҳун» оғоз карда буд, дар хабаргузорӣ онро сайқал дод. Хабаргузорӣ кори худро аз нашри бюллетени (ҳафтанома) «Мизон» бо забонҳои русию инглисӣ оғоз намуд. Соли 1999 ба интишори бюллетени ҳаррӯзаи хабарии «Набз» (ба забони русӣ) ва ҳафтаномаи «Мизон» пардохт. Нашрияҳои хабарӣ асосан ба сафоратхонаҳову ташкилотҳои байналмилалии муқими Тоҷикистон, ҳизбҳои сиёсӣ, муассисаҳои давлатию ҷамъиятӣ ва шахсони алоҳида фиристода мешуд. Зимни хабаргузорӣ маркази омӯзиши компютерӣ фаъолият дошт. Дари «Мизон» барои тамоми олимону равшанфикрон ва рӯзноманигорони

295

озодандеш боз буд. Шояд аз ин ҷиҳат буд, ки дар атрофи ин Хабаргузорӣ як зумра мутахассисони варзида ҷамъ омада, ҳамкорӣ менамуданд.

– Агар хато накунем, Шумо дар интихоботи Парлумонии соли 2000 номзадиатонро ба вакилии МН МО пешниҳод карда будед, натиҷа чӣ шуд?

– Баъди эҳёи фаъолияти ҲНИТ соли 1999 ба узвияти РО интихоб гардидам. Дар интихоботи парлумонии соли 2000 дар ҳавзаи интихоботии Ҳисор номзадии маро ҳамчун намояндаи ҲНИТ ба вакилии МН МО ба қайд гирифтанд. Мақсад аз пешбарӣ нишон додани чеҳраи намояндаҳои ҳаракати исломӣ ва дар андешаи мардум шикастани қолаби кухна буд, то онҳо бовар кунанд, ки наҳзатиҳо обод кардани охиратро дар масъулияти ислоҳу таъмири ҳаёти дунё медонанд. Аз дигар тараф, бо истифода аз минбари номзадӣ аҳдофи Наҳзатро бо риояи қонуни шариат ҳамаҷониба тарғиб мекардем ва ба мардум ин рисолатро мерасондем. Албатта, дар он шароити баъдиҷангӣ (имрӯз низ) аз ҷиҳати адами шаффофияти интихобот ва тазвири натиҷаи он баранда шудан имкон надошт. Ба ин нигоҳ накарда, дар байни се номзад тибқи ҳисоби «расмӣ» ба касби 14% орои интихобкунандагон ноил гардидам. Вале тибқи протоколҳои ба дасти намояндагони ҲНИТ расида, аз қитъаҳои интихоботӣ натиҷаи овозҳои ба банда додашуда 25%ро ташкил медод, ки дар ин сурат баргузории интихоботи такрорӣ ногузир буд. Бо машварати аъзоёни ситоди интихоботӣ дар асоси ин протоколҳо банда ба Комиссиюни марказии интихобот даъво пешниҳод намудам. Бо қарори ин Комиссиион гурӯҳи махсус иборат аз кормандони Вазорати адлия дар якчанд участкаҳои интихоботӣ тафтишот гузарониданд. Дар натиҷаи тафтишот маълум шуд, ки интихобот дар



баъзе участкаҳо бо қонунвайронкунии фоҳиш сурат гирифта, варақаҳои зиёди хатназада дар байни тӯдаи варақаҳо партофта шудаанд. Бояд қайд намоям, ки мақсад аз пешниҳоди шикоят ба мардум нишон додани тақаллубу қонунвайронкунӣ дар баргузории интихобот аз ҷониби масъулони участкаҳо ва ҳавзаҳои интихоботӣ ба шумор мерафт, ки маъмулан эшон бо фармони боло ба ин амри номатлуб даст зада, ҳеҷ гоҳ пурсишу кофтуковро нисбати ин аъмоли ҷурмовар гумон намекарданд. Бо ин тафтишот мо ин қолаби номатлуби бемасъулиятию беҷазо мондани раисони участкаҳои интихоботиро шикастан мехостем. Вале дар рӯзи эълони натиҷаи тафтишот дар ҳузури фаъолони ноҳия ва намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ бо иштироки номзадҳо ба вакилӣ дар маҷлисгоҳи ҳукумати ноҳияи Ҳисор, ки қарор буд ин натоиҷ сипас ба Комиссияи марказии интихобот пешниҳод карда шавад, барои монеъа шудан ба ин чорабинӣ ба муқобили банда сӯиқасди мусаллаҳона доир гардид. Бар асари ин сӯиқасд автомобиле, ки дар он савор будем, хароб гашта бошад ҳам, Худованд ҷони моро дар амон нигоҳ дошт. Бо вуҷуди ин тирборон, мо ҳадаф доштем масири худро ба сӯи Ҳисор давом дода, аз чорабинӣ дер намонем. Вале дар минтақаи Испечак якчанд мошинҳои сиёҳшиша моро дунболагирӣ карданд. Дар ин замон бо маслиҳату исрори дӯстон ба хотири муташанниҷ нагардидани вазъият ноилоҷ аз раъйи ба Ҳисор рафтан даст кашидем. Ҳарчанд ин воқеъа дар васоили ахбори умум дарҷ гардида бошад ҳам, раёсати ҲНИТ ба ин масъала бетаваҷҷуҳии амиқ зоҳир намуда, бо изҳороте онро маҳкум ҳам накард ва дар ягон зинаи ҳизбӣ баррасӣ нагардид. Ман ҳам шояд ин бепарвогиро дида, дигар дар ин масъала пофишорӣ накардам. Он замон, агар хато накунам,

ҳамагӣ ду нафар (ҳамчунин ҷаноби М.Кабирӣ дар ноҳияи Файзобод ) дар ҳавзаҳои якмандатӣ аз номи Наҳзат пешбарӣ шуда буданд. Ин иқдом дар таърихи Наҳзати исломии тоҷик аввалин фурсат ба ҳисоб мерафт, ки ҲНИТ расман дар интихобот бо намояндаи худ ширкат варзад. Ба банда дар масири интихобот ва баъди он тавассути миёнаравҳо «вазифаҳо» ҳам пешниҳод шуд, аммо номзад шудан ба вакилӣ дар интихобот масъалаи усулӣ ва сиёсӣ буд, на мансабхоҳӣ.

– Ба унвони касе, ки муддате дар як маркази таҳлилӣ кор карда, таҷрибаи баррасии масоили сиёсиро доред, бигӯед, ки Наҳзат то чӣ андоза дар самти фаъолияти худ муваффақ аст ва чӣ камбудиҳое мулоҳиза намудед?

– Воқеан ин чор даҳа ҳарчанд аз нигоҳи замонӣ барои ба воя расидани инсонҳо марҳилаи тӯлонӣ, давраи камолоти шахсият ба шумор равад ҳам, вале дар ташаккулу инсиҷом ва ҳаматарафа муназзам шудани як Ҳаракате, ки мақсадаш тарбияи мардум, даъвату таблиғ, барномарезӣ кардан ва ҳалли масоили ҷомеа аз нигоҳи шариати Илоҳӣ аст, муддати кофӣ маҳсуб намешавад. Аз тарафи дигар, давраи пайдоиш ва ташаккули ҲНИТ ба замоне рост омада буд, ки ҳама гуна таҳаввулот ва бедорӣ, бахусус, дар заминаи динӣ аз тарафи султаи коммунистӣ бераҳмона пахш карда мешуд. Аз ин лиҳоз, табиист, ки дар чунин шароит таквину ташаккули Наҳзат ба мушкилиҳову монеаҳо мувоҷеҳ мешуд. Бо вуҷуди он, бо ҳидояти Худованд як зумра толибилмони огоҳ, кунҷкову дурандеш ва ҷасуру боирода бо раҳбарии устод С.А. Нурӣ ба таъсиси ҳаракате гом бардоштанд, ки дар андак вақт, ҳанӯз ибтидои солҳои 80ум ҳаводорони зиёде пинҳонӣ худро аъзои он медони



станд. Аз ҷумлаи чунин мухлисон устоди бандадомулло Абдушукури Умар (р) буданд, ки ба синни ҷавонӣ нигоҳ накарда, дар байни мардум ба даъвату таълим машғул гашта, моро ба сӯи ин ҷараёни инсонсоз зина ба зина равона мекарданд. Аз нигоҳи банда, дар он солҳо муассисони Наҳзат бо пеша намудани роҳу усули даъвати исломӣ ва фикру орои махсусашон нисбати мункароту бидъатҳо, мисли оши сари тахта, худоиҳои сермасраф (имрӯз қонунан маҳдуд) байни мардум маълуму машҳур шуданд. Ин шеваи даъвати холис ба бархурди сахт мувоҷеҳ шуд. Ҳамчунин бетаҷрибагии доъиёнро низоми Шуравӣ моҳирона истифода бурда, тавассути кормандону гумоштагони КГБ баъзе уламои исломиро зидди онҳо равона кард, то аҳли илм ба ихтилофу кашмакаш машғул шуда, дар роҳи иршоду таблиғ бо ҳам муттаҳид нашаванд. Дар тӯли ин солҳо раҳбарияти Наҳзат ва уламои озодфикр барои аз байн бурдани ин падидаи номатлуб сайъу талош ба харҷ дода бошанд ҳам, ҳамоно дар ин роҳ мушкилиҳо вуҷуд доранд ва он фишанги муассирест, ки ҳукуматҳо дирӯзу имрӯз барои баровардани ҳадафҳои худ онро ҳамеша зидди густариши Исломи ноб ва уламои огоҳ истифода менамоянд.

Бо дамидани рӯҳи азнавсозӣ ба низоми собиқи Шӯравӣ (охирҳои солҳои 80) ва оғози давраи озодии баёну ақида таъсиси ҲНИ умумиШуравӣ ва баъдан ҲНИТ усулан дуруст бошанд ҳам (ҳарчанд он замон дигар андешаҳо нисбати бармаҳаллии ин амал низ матраҳ буданд), дар тактикаю стратегияи амалӣ намудани ҳадафҳо ҳангоми ворид шудан ба

майдони сиёсати воқеӣ мушкилиҳо пеш омад. Бо тавуҷҷуҳ ба ин падида, ки меҳвари амудии ҲНИТ асосан аз «уламои мухлису мубориз» иборат буда, аз методи мубо



ризаҳои сиёсӣ огоҳии комил надоштанд ва эҳтимоли ба зудӣ ба низоми давр дастбагиребон шуданро пешбинӣ намекарданд, табиатан ҳеҷ гоҳ наметавонистанд паёмади воқеаҳоро дарк намоянд ва ҳаракати исломиро аз доми фитнаҳо берун кашанд. Инсофан, бояд қайд намуд, ки бо амри тақдир суръати ҳодисаҳо ба таври ғайричашмдошт сурат гирифта, гӯё товони андешаву таҳлилро аз даст дода буд.

Дар арафаи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва баъди он бо рӯҳияи дигаргунхоҳии хеш нерӯҳои озодихоҳи демократию исломӣ ба дастовардҳои назаррасе ноил шуданд. Аз назари банда ба ин таҳаввулоти сиёсӣ омилҳои асосии зерин мусоидат намуда буданд: 1. Ҳараҷу мараҷи нисбӣ дар Русия ва муваққатан гусаста шудани занҷираи системаи идоракунии собиқ ҷумҳуриҳо аз тарафи Маскав. 2. Дуруст дарк накардани вазъияти сиёсию иҷтимоӣ аз тарафи низоми коммунистӣ, тайёр набудани раҳбарияти ҷумҳурӣ дар қабули ин ҳадяи ғайричашмдоштистиқлолият ва бар асари он беташаббусӣ дар тасмимгириҳои бамавқеи дуруст ҷиҳати танзими таҳаввулоти сиёсию иҷтимоии кишвар ва ҳалли вазъияти буҳронии ҷомеа, ҳамчунин кашмакашиҳо барои соҳибияти зимоми султа байни элитаи ҳукмрон. 3. Оғози бедории динию озодихоҳии мардум, бахусус баъзе аз зиёиёну уламои исломӣ.

Баъзе соҳибназарон ба ин ақидаанд, ки ҲНИТ бе аз сар гузаронидани давраи таквину ташаккули комили сохторию танзимӣ ва кадрии ҷавобгӯ ба ҳаракати воқеан муназзами сиёсии динӣ иҷборан ба майдони муборизаҳо кашида шуд. Баъдан, низоми пошхӯрандаи коммунистӣ бо рангу ҳилаи нав ташаббусро ҷиҳати саркӯб намудани истиқлолиятхоҳони равшанфикр ба даст гирифта, мардуми кишварро ба ду лагери ба ҳам мухолиф ҷудо кард. Мусибатовар он буд, ки бар



асари он байни уламои динӣ, баъди ҳампаймонии нисбӣ дар тазоҳуротҳои қаблӣ, тафриқаи шадид ба вуҷуд омад. Дар натиҷаи ин муомара (бо нақшаи нерӯҳои дохилию хориҷӣ) ва камтаҷрибагии нерӯҳои демократию исломӣ, набудани лидери ягона, адами маърифати муборизаҳои сиёсӣ, фарҳанги муошırату муколама, адами комёбӣ ба бедории ҳаматарафаи динию миллии ҷомеа ва дигар омилҳо мардум ба низои мусаллаҳонаи таҳмилӣ кашида шавад.

Албатта, таҳлили таърихи ҲНИТ, ҳамчуноне зикр гардид, баррасии густардаю ҳаматарафаро тақозо дорад. Бо ин руҷуи таърихи мухтасар дар ин мавзӯъ иктифо намуда, ба давраи фаъолияти ҲНИТ дар замони имрӯза мепардозем, ки он ба се марҳила тақсимбандӣ мегардад: а) солҳои19972000, замони иҷрои Созишномаи Сулҳ ва таъсиси муҷаддади ҲНИТ; б) солҳои 20002006 давраи ташаккули сохтории ҳизбӣ, ҷудошавии

баъзе аз «мӯҳраҳо» ва оғози ислоҳоти кадрию усулӣ; в) солҳои 2006 то ба имрӯз марҳилаи баъд аз вафоти муассис ва роҳбари ҲНИТ устод Нурӣ ва тавсиаи раванди ислоҳот;

Ин се марҳила дар алоқамандии бевосита қарор дошта бошад ҳам, ҳар яке аз он дорои вижагиҳои хосе мебошад. Аз ҷиҳати гунҷоиш надоштани ин таҳлил ба инъикосу баррасии марҳилаи фаъолияти сулҳофарии ҲНИТ дар ширкат бо ниҳодҳои давлатию ташкилотҳои байналмилалӣ ва замони минбаъдаи ташаккул ва мустаҳкамшавии структура ва ниҳодҳои ҳизбӣ дар сохтори марказии раҳбарияту зинаҳои поёнӣ фақат баъзе нуктаҳои муҳими онро баён медорем.

А) Аз муҳимтарин хусусиятҳои ин давра истиқрори амният ва бо таъсиси ячейкаҳои ҳизбӣ рӯз ба рӯз фарох гардидани фаъолияти ҲНИТ (асосан сиёсию фарҳангӣ) дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ мебошад.



Беҳтарин дастоварди сулҳ иҷозаи таъсиси дубораи Наҳзат аст, ки он бояд ҳамеша дар madди назар бошад. Аз падидаҳои бесобиқаи ин давра аз тарафи баъзе аз раҳбарони ҲНИТ холисона бознигарии таърихчаи наҳзат ва дар ин замина бо дарки масулияти диниву инсонӣ баҳогузории мунсифона ба ҷанбаҳои мусбию манфии фаъолиятҳо ва ишора намудан ба баъзе аз иштибоҳот дар ин масир будааст (ошкоро мавқеъгириҳои устодони роҳил). Ҳамчунин дар ин солҳо, бахусус баъди раиси ҲНИТ интихоб гардидани устод М.Кабирӣ ва шиносондани ҳизб дар доираҳои сиёсӣ, илмию фарҳангии ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ мавқеи ҲНИТро ҳамчун ҳизби сиёсии фаъоли парлумонӣ мустаҳкам намуда, ба баланд шудани обрӯи ҷаҳонии он мусоидат кард. Ин давра бо воруди нерӯҳои нави ислоҳталаб ва инсиҷому қавӣ шудани сохтори низоми дохилиҳизбӣ фарққунандааст. Даст накашидан аз идома додани ин ислоҳот дар тамоми зинаҳои ҳизбӣ ва овардани шахсиятҳои арзанда дар мақомҳои калидӣ боиси дамидани рӯҳу нерӯи нав ба фаъолиятҳои ҲНИТ хоҳад гадид.

Ба ин комёбиҳо нигоҳ накарда, барои баланд бардоштани обрӯ ва реша давондани андешаи исломи сиёсӣ дар зеҳни мардуми кишвар, хусусан зиёиёну уламои динӣ ва густардатар гардидани фаъолияту решадор намудани пояҳои ҲНИТ дар тамоми маҳалҳо байни чорабиниҳои маънавӣфарҳангӣ ва сиёсӣ зарурати тавозун пеш меояд. Лозим ояд ҷанбаи фарҳангию иҷтимоии масоилро бар фаъолиятҳои сиёсии рӯзмарра, хусусан дар маҳалҳо афзал дошта, барои он нерӯи созандаро равона намудан ба мақсад мувофиқтар аст. Дар ин роҳ бояд бештар ба маърифати зеҳнию фарҳангии аъзоён диққат дода шуда, ба нерӯҳои ақлонии ҷомеа такя кардан боиси пешра



виҳост. Пайгирии принсипи «таълиму тарбияи шахс, оила, ҷомеа» калиди тавфиқи сохтори дохилӣ ва равшанфикрии исломии мардум хоҳад буд. Бедорӣ ва равшанфикрии исломӣ ягона ҳадафи ҳама гуна наҳзатҳост ва маҳакест, ки набзи ҷомеи диндору худотарсро муайян намуда, такомулу пешрафти кишварро таъмин менамояд. Ин

дастовард ҷомеаро аз ҳама гуна тавтеаҳо нигоҳ медорад. Ба қавли олими ислоҳпарвар Имом Ҳасани Надавӣ: «Ҳеҷ инқилоби (зеҳнӣА.В) воқеӣ бидуни тазкияи нафс, ихлос, яқин, дарди дин ва сӯзи дарун сирфан бо бисёрии маълумоту қудрати суханронӣ барпо намегардад». Бале, ин амали хештаншиносӣ бояд тибқи нақшаи муайян мунтазам анҷом пазирад ва яке аз самтҳои асосии фаъолияти ҲНИТ бошад. Новобаста аз масъулиятҳои асосӣ саҳим шудани тамоми фаъолони ҳаракат дар ин самт онро ҷоннок ва оммавӣ мегардонад. Дар ин сурат ба ҳаракат шахсони омода ба ҳама гуна имтиҳонҳову мушкилиҳо ва аҷрхоҳ ворид мешаванд. Ин роҳ хеле тӯлонӣ ва пурпечутоб аст. Дар сурати дурусту ҷиддӣ пеш бурдани фаъолият самараи олии ин ҳадаф расидан ба татбиқи он ҷомеъаи намунавии адли Илоҳист (аввалан, байни ҷомеъаи худи наҳзатиҳо), ки баҳри он ҳаракатҳои исломӣ даъвати худро оғоз намуда, дину дунёи мардумро обод ва Худованди якторо розӣ мекунанд.

Б) Бе тазмини дороии кадрии ҳирфаӣ дар сиёсат, иқтисод, фарҳанг, иҷтимоиёт, мудирият, ҷомеъашиносӣ диншиносиву равоншиносӣ ва дигар соҳаҳо ба сиёсати калон ворид шудан аз камбудиҳои асосии фаъолияти дирӯза ва имрӯзаи ҲНИТ мебошад, ки дар васиятҳояшон устодони роҳил (С.А.Нурӣ ва М.Ҳимматзода) таъкид намудаанд. Ишора ба 100 нафар му



тахассиси варзида маънои рамзист. Агар чунин «сад нафарон» аз зинаи поён то боло омода шаванд ҳам, боз мушкилҳо дар ин самт боқӣ хоҳанд монд. Интизом, масъулиятшиносӣ, омодагӣ ба ҳисобот, диққатнокӣ, сабру таҳаммул, боисрорӣ, муташаккилӣ ва худгузарию фидокорӣ аз хусусиятҳои барҷастаи фаъолони ҳаракати исломӣ бояд гардад. Муътадилӣ дар фикру андеша, ҳамчунин амалу иқдомҳо, бародарию муттаҳидии воқеӣ аз авлавиятҳои ҲНИТ маҳсуб шавад. Иҷтиноб аз ҳама гуна хушунат, новобаста аз ин, ки содир шуданаш ва ба кадом хотир буданаш қатъиян амали маҳкумшуда бошад.

В) Бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда ва ҷалби мутахассисони варзида муайян намудани барнома (консепсия)и воқеӣ барои таъмини пешрафти иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоию сиёсии Тоҷикистон ва дурнамои он боиси мақоми хосеро ишғол намудани ҳаракат дар ҷомеъа хоҳад гардид.

Г) Иштирок намудан дар ҳама гуна чорабиниҳои сиёсӣ ва мушоракат дар интихоботҳо ва бастани паймонҳои пешазинтихоботию парлумонӣ бо назардошти дурнамои стротегии ҲНИТ ва ояндаи кишвар анҷом пазиранд, на бо такя ба ғаразҳои худхоҳии зудгузар ва бар ҳар ваҷҳ бо таваккули беасос поягузор шуда, ки дар сурати нокомӣ ҳаракат ба «қудратхоҳӣ» муттаҳам гардида, ба фаъолияти расмии он мамониат пеш ояд. Ба фикри банда, барои таъмини оммавияти ҳизб ва қавитару ба ҳама гуна бархурдҳо тобовар будани он дар марҳилаи кунунӣ ибтидо аз замони ба ҳаёти осоишта гузаштани ҷомеъа дуруст он буд, ки ҲНИТ дар якчанд давр марҳилаи интихоботиро ҳамчун фурсати

таблиғотии хеш истифода бурда, бо адами таъмин набудани шаффофият аз мушорикат дар интихоботҳо дурӣ ҷӯяд. Дар ин замина яке аз



монеъаҳои асосӣ созгор набудани Қонунҳои интихоботист. Дар вазъияти феълӣ бе тағйироти куллӣ дар ин ҳуҷҷати асосӣ шароити шаффофи раъйдиҳии мардум дар интихоботҳо таъмин карда нахоҳад шуд.

Имрӯз, ҲНИТ дар масъалаи ширкат варзидан дар интихобот ё имтиноъ аз он дар байни ду нимроҳа қарор дорад, ки дар охири ин нақбҳо хатари масдудият таҳдид мекунад. Мушкилӣ дар он аст, ки иштирок ва адами он байни тарафдорону мухолифон ва соҳибназарон баъд аз ҷамъбасти он сару садоҳои гуногунро ба бор меорад. Аз ин рӯ, ҲНИТ бо назардошти манофеи стротегии Наҳзату вазъияти ояндаи ҷомеъа ҷанбаҳои мусбию манфии тасмими ниҳоияшро бо дарки масъулият баррасӣ намояд.

Маълум аст, ки фишору тазйиқи воқеъӣ асосан баъди интихоботи парлумонии гузашта болои фаъолиятҳои ҲНИТ ва уламои исломӣ оғоз шуд. Ба фикри банда, адами иштирок дар интихоботи мунтазари раиси ҷумҳурӣ ба мақсад мувофиқтар аст. Вале раёсати ҲНИТ тасмими мушорикатро қабул кардааст, шояд ба хотири вафо кардан ба «ваъда»и худ. Ҳамагон медонанд, ки баъди тақаллуби натоиҷи интихоботи парлумонии соли 2010 тавассути раҳбарият барои ором кардани ташаннуҷи авзоъ тасмими оғози ширкат дар интихоботи риёсати ҷумҳур зери ҳаяҷон шитобкорона иброз шуда буд. Аз ин ҷиҳат, ба адами шароиту имкониёт (аз ҷумла эҳтимоли тазвири раъйи мардум, вале маҳолии исботи он) нигоҳ накарда сурат гирифтани ин иқдом дар пеши ҳаводорону мухлисони ҳаракат амали табиӣ ҳам ҳисоб мешавад. Аммо амри воқеъӣ ба он далолат мекунад, ки дар вазъияти кунунӣ, агар ягон «мӯъҷиза» рух надиҳад, на ин ки шонси баранда шудан, ҳатто гумони фоизи нисбӣ гирифтани намояндаи ҲНИТ вуҷуд надорад, зеро ни



зоми ҳоким барои зарбаи бештар расондан ба ҷойгоҳи ҳизб ва ноумед намудани ҳаводорони ҳаракати исломӣ тамоми фишангҳои қудратию таблиғотиашро барои паст намудани шаъну обрӯи ҳизб ва намояндаи он равона мекунад. Аз ин рӯ, чун то кунун дар хусуси чигунагии ин мушоракат ва тарзи пешбарии номзад тасмиме гирифта нашудааст, муносибтар мебуд, агар ҲНИТ номзади «бетарафи равшанфикр»ро пешбарӣ намуда, таблиғоти пешазинтихоботиро пурсамар ба манофеи худ истифода барад.

Ҳамзамон ҲНИТ аз имрӯз сар карда, барои дастёбӣ ба натоиҷи дилхоҳ дар интихоботи парлумонии оянда, на фақат бо изҳороту баёнияҳо, ҳамчунин бо фаъолияти амалӣ байни мардум заминаро омода сохта, тамоми неруро барои густардатар кардани имконоти мушоракат дар он сафарбар намояд.

Мусоҳиб: М. Орзу

Мусоҳиба бо раиси шуъбаи ҲНИТ дар минтақаи Кӯлоб Муҳаммадшариф Набиев

«Беҳтарин тасмими дурусте, ки дар тӯли ҳаётам гирифтаам, интихоби ҳамин ҳизб мебошад».

Муҳаммадшариф Набиев 9уми сентябри соли 1962 дар шаҳри Кӯлоб дар оилаи коргар таваллуд шуда, солҳои19691979 дар мактаби миёна таҳсил кардааст. Солҳои 19801982 дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷамоҳири Шуравӣ хидмати ҳарбиро ба ҷо овард. Соли 1982 ба Техникуми политехникии ба номи Гагарин дохил шуда, соли 1986 онро бо ихтисоси муҳандиси техникаҳои роҳсозӣ хатм кард. Аз соли 1986 дар МСРи №4 шаҳри Кӯлоб ба ҳайси ёрдамчии механик кору фаъолият дошт. Сипас соли 1990 дар автобазаи мусофиркашонии №17 шаҳри Кӯлоб ба симати нозир ба кор даромад. Дар ин муассиса то соли 2000 дар вазифаҳои танзимгар ва баъдтар муҳандиси истифодабари автомобил кор кард. Аз соли 1999 узви ҲНИТ мебошад ва соли 2001 масъулияти раиси ташкилоти ибтидоиро ба уҳда дошт ва ҳамин сол ба зиёрати хонаи Худо мушарраф гардид. Соли 2004 дар конфронси таъсисии ҲНИТ дар шаҳри Кӯлоб раиси бахши шаҳрии ҲНИТ интихоб шуд. Соли 2008 раиси шуъбаи ҲНИТ дар минтақаи Кӯлоб интихоб гардида, дар ду конфронси баъдӣ, соли 2010 ва 2012 низ ҳамҳизбо



наш аз минтақа ин масъулиятро ба дӯшаш ниҳоданд. Феълан эшон раиси шуъбаи ҲНИТ дар минтақаи Кӯлоб ва узви Раёсати Олии ҲНИТ мебошад. Муҳаммадшариф ҳамзамон дар Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб дар риштаи риёзиёт ғоибона таҳсил мекунад. ӯ оиладор ва соҳиби ?? фарзанд мебошад.

– Бародар Муҳаммадшариф! Пеш аз ҳама Шуморо ба муносибати ҷашни чилсолагии ҲНИТ табрик мегӯем.

– Ташаккур, ман низ аз фурсати муносиб истифода карда, шумо ва ҳамаи аъзо, ҳаводорон ва муҳиббону мухлисонро ба ин ҷашн, ки маъмулан онро ҷашни камолот мегӯянд, табрик менамоям. Паёмбари гиромии мо ҳазрати Муҳаммад (с) дар чилсолагияшон ба паёмбарӣ мабъус шуда буданд. Умед дорам Наҳзат, ки имрӯз 40сола шуд, даст ба фаъолиятҳои густардатаре бизанад, то ба аҳдофи олии худ бирасад.

– Шумо чанд сол аст, ки узви Наҳзат ва яке аз фаъолони он дар минтақаи Кӯлоб мебошед. Мегуфтед, сараввал ба ин ҳизб чӣ гуна ошноӣ пайдо намудед ва чӣ тавр шомили он гардидед?

– Солҳои ҳаштодуми асри гузашта аксарияти фаъолони Наҳзати вилояти Хатлон (Кӯлоб) дар шаҳри Кӯлоб кору зиндагӣ мекарданд. Дар ин минтақа фаъолияти Наҳзат он солҳо хело назаррас буд ва чандин ҳалқаҳои дарсӣ вуҷуд доштанд. Ман фаъолияти онҳоро мушоҳида мекардам ва медонистам, ки воқеан онҳо аз дигарон фарқ мекунанд, вале аз ҳақиқати Наҳзат хабар надоштам. Медидам, ки ин гурӯҳ хеле муназзаманд ва ғояҳои исломиро таблиғ мекунанд ва ҳамчунин таълиму тарбияи исломии ҷавононро ҷиддӣ мегиранд. Дар ибтидо фаъолияти онҳо пинҳонӣ буд, вале оҳистаоҳиста ба баъзе афрод

ошкоро суҳбат мекардагӣ шуданд. Мулло Абдурраҳим (Раҳим Каримов) низ дар ҳамин минтақа дарс медод ва аз ҳамин гурӯҳ буд. Ман шомили яке аз ин ҳалқаҳо шудам ва муддате дар радаҳои поёнии он таҳсил кардам ва ошноии ман бо Наҳзат аз ҳамин ҷо шуруъ шуд. Дар ин минтақа масҷиде буд ба номи «Масҷиди шайх Камол» ва бародарон аксари ҷамъомадҳо ва чорабиниҳои худро дар ҳамин масҷид мегузаронданд ва ман ба ин масҷид зиёд рафту омад мекардам. Ҳатто замоне, ки воқеаҳои солҳои 1992 шуруъ шуданд, нерӯҳои Фронти халқӣ мо, ҳашт нафарро аз дохили ҳамин масҷид дастгир карданд ва мо аз аввалин зиндониҳои минтақаи Кӯлоб будем. Баъди ба имзо расидани Созишномаи сулҳ ва баргашти муҳоҷирин ба ватан ва дубора сабти ном шудани Наҳзат, бо ташаббуси Сайидумар Ҳусайнӣ ва Сайидиброҳими Назар нишастҳои машваратӣ дар мавриди таъсиси шуъбаи ҲНИТ дар минтақаи Кӯлоб доир мегашт ва ман ифтихор мекунам, ки ҷаласаҳои машваратӣ ва омодагӣ ба таъсиси шуъба маҳз дар манзили мо сурат гирифт. Бо сабабҳои гуногун бародарон то соли 2003 мушкилоти зиёдеро паси сар карданд, баъд аз он тавонистанд, шуъбаро расман таъсис диҳанд, вале бо вуҷуди он Наҳзат фаъолият мекард. Аз ҳамон замон дигар ман ба фаъолияти расмӣ шуруъ намудам ва дар зинаҳои гуногуни ҳизб кору фаъолият доштам. Замоне сарвари ташкилоти ибтидоӣ, сипас котиби шуъбаи минтақавӣ, баъдан муовини раиси шуъба ва инак сеюм давра аст, ки масъулияти шуъбаи ҲНИТ дар минтақаи Кӯлоб бар дӯши банда аст.

– Дар солҳои ҳаштодум, ки бародарон бештар ба корҳои тадрис ва таълим машғул буданд, Шумо он замон чӣ кор мекардед?



– Соли 1982 вақте аз аскарӣ баргаштам, таҳаввулоти ҷиддиеро дар фаъолияти бародарон мушоҳида намудам. Кӯчаи мо ба номи «Кӯчаи завод» машҳур аст ва ба ҳамагон маълум буд, ки тамоми фаъолони наҳзатии шаҳри Кӯлоб аз ҳамин ҷо буданд. Манзили бобои Файз ва бобои Рустам ва чанд манзили дигардам чун макони баргузории дарс ва ҳалқаҳо маъруф буд. Аксари ҷавонон ва бонувони он ҷо ба ҳар шакл дар яке аз ҳалқаҳо шомил буданд ва ман низ шомил шудам. Соли 1982 ба Донишгоҳи политехникӣ дохил шудам ва баъди хатми он дар соли 1986 дигар куллан узви ҳамин ҳалқаҳои бародарон будам. Инро бори дигар қайд мекунам, ки ман он вақт намедонистам, ки онҳо аз Наҳзатанд, вале фаъолияти эшон барои ман хело писанд буд.

– Чунончи медонем, аксари наҳзатиҳои минтақаи Кӯлоб баъди ҳаводиси солҳои навадум ҳиҷрат карданд, ё зиндонӣ ва ё кушта шуданд. Шумо худ дар он айём чӣ ҳол доштед ва фазои он даврон чӣ гуна буд?

– Вақте даргириҳо оғоз ёфтанд, мушоҳида намудем, ки афроде мехоҳанд овозаҳо паҳн намоянд ва фитна эҷод кунанд. Мо як гурӯҳ ҷавонон ба ин қарор омадем, ки дар боғи «Пионерӣ», ки дар шаҳри Кӯлоб аст, ҳарчи бештар ҷавононро ҷамъ намоем, то бо ҳам машварат кунем. Ҳадаф аз ин ҷамъомад он буд, ки мо ҷавонон чӣ гуна метавонем пеши роҳи баъзе ҳамсолонамонро бигирем, то аз гирифтани силоҳ ва вориди кашмакашҳо

шудан худдорӣ намоянд. Дар шаҳри Кӯлоб яроқ тақсим мекарданд ва ҷавононро даъват менамуданд, ки мусаллаҳ шаванд. Мо талош намудем, ҷавононро бифаҳмонем, ки набояд ба ҳеҷ ваҷҳ даст ба силоҳ бизананд ва мо то ҷое муваффақ ҳам шудем. Вале вақте мардуми минтақаи Кӯлоб аз

310

майдони «Озодӣ» баргаштанд ва бо худ силоҳ оварданд, фазо куллан дигаргун шуд ва онҳо бо зӯри силоҳ зимоми умурро ба даст гирифтанд. Баъд аз он дастгиркунии наҳзатиҳо ва пайравони онҳо шуруъ шуд ва минҷумла моро аз масҷид дастгир намуда, ба зиндони Фронти халқӣ бурданд. Зиндони онҳо дар Омӯзишгоҳи техникии рақами 38 буд. Ман дар он ҷо бисёр афродеро дидам, ки пеш бо ҳам ошно будем ва якҷо нону намак мехӯрдем ва онҳо маро хуб мешинохтанд. Ман бо эшон суҳбат намудам ва гуфтам, ки ин кор иштибоҳ аст ва суханони ман ба онҳо таъсир кард. Роҳбари ин штаб *Лангарӣ Лангариев* буд ва онҳое, ки маро мешинохтанд, ба назди *Лангарӣ* рафта, гуфтанд: «Набояд ҷавонони Кӯлоб кушта бишаванд». Мо 24 соат дар онҷо будем ва котиби шуъбаи вилоятии Наҳзат низ дар он ҷо зиндонӣ буд ва ман дар ҳамин вақт фаҳмидам, ки ҳизбе ба номи Наҳзат фаъолият доштааст. Фарзандони бобои Файз низ ҳамроҳи ман зиндонӣ буданд ва баъди 24 соат бо кӯмаки баъзе ҷавонони шаҳри Кӯлоб мо озод шудем, вале онҳо аз мо хоҳиш намуданд, ки дар кӯчаҳо нагардем ва бештар дар хонаҳои худ бимонем.

– Баъди пароканда шудани майдони «Озодӣ», наҳзатиҳо ҳамаи мардуми минтақаи Кӯлобро, ки дар майдон буданд, аз ҷумла Сангак Сафаров ва Рустами Абдураҳимро аз шаҳри Душанбе ба Кӯлоб гусел намуданд. Баъди расидани ин мардум вазъияти Кӯлоб чӣ гуна шуд?

– Дар ёд дорам, ки баъди баргаштани онҳо моро озод карданд ва дар аввал вазъият дар Кӯлоб хело ором шуд. Раиси шуъбаи ҲНИТ дар вилояти Хатлон (Кӯлоб) Муҳаммадлоиқи шаҳид ҷони худро ба хатар андохта, ба хотири ором намудани вазъият ҳамроҳи мардуми майдони «Озодӣ» ба шаҳри Кӯлоб омад.

311

Сангак, ки соҳиби як ошхона буд, баъди баргашт *либосҳои низомиро аз тан бадар* намуда, машғули кору зиндагӣ шуд ва бақия низ ба ҳаёти осоишта баргаштанд. Аммо дар шаҳри Кӯлоб зимоми умур аз дасти Сангаку дигарон рафта буд. Бинобар ин, Сангакро ба штаби Фронти халқӣ, ки дар масҷид буд, даъват намуданд ва тибқи шунидам, ӯро таҳдид намуданд, ки корро шуруъ намудаӣ, бояд ба охир бирасонӣ. Баъди ҳамин Сангак дубора вориди даргириҳо шуд ва ба тарафи Қурғонтеппа рафт ва дигар барнагашт ва ҳатто дар ҷанозаи ҷияни худ ширкат надошт. Мардуми Кӯлоб ҳаргиз намехостанд вориди даргирӣ бошанд, вале корро дигарон анҷом медоданд. Гумон мекунам Сангак абзори дасти дигарон қарор гирифта буд ва корҳоеро, ки анҷом медод, аз тарафи дигарон барномарезӣ мешуд. Тамоми равшанфикрон ва ҳатто гурӯҳҳои криминалии Кӯлоб оромиро мехостанд, вале аксарияти онҳоро бо ҳар роҳ аз саҳна дур намуданд, якеро тавассути дору ва дигареро террор карданд.

– Дар ҳоли ҳозир аз минтақаи Кӯлоб 3000 нафар аъзои Наҳзат аст. Ба андешаи Шумо, ин шумора аз минтақае, ки мардумаш ба Ислом гароиши зиёд дорад, кам ба назар намерасад?

– Албатта, вақте минтақа ҳудуди як миллион аҳолӣ дорад ва мардуми он ба Ислом алоқаманданд, ин теъдод хело кам аст ва ба андешаи ман, ин сабабҳои худро дорад. Дар ин минтақа бо тафриқаандозӣ ва таблиғоти дуруғин то андозае чеҳраи Наҳзатро доғдор намоиш додаанд. Ҳоло ҳам аз тарафи баъзеҳо чунин талошҳо сурат мегиранд. Дар замони ҷанги шаҳрвандӣ телевизиони Кӯлоб бо таблиғоти зишту номатлуб дар қалби бисёре аз мардум ҳисси тарсу ҳарос барангехта, бадбинию нафрат нисбат ба Наҳзатро зиёд кардаанд. Баъд аз он, мар



дум дарк карданд, ки ҳама суханон ва таблиғот алайҳи Наҳзат дурӯғ ва тӯҳмате беш набудааст. Имрӯз онҳо Наҳзатро аз наздик шинохтаанд ва бо он иртибот пайдо намуданд ва ман бовар дорам, ки дар оянда фаъолияти Наҳзат на танҳо дар минтақа, балки дар кулли кишвар беҳтар хоҳад шуд. Аз тарафи дигар, имрӯз агар аъзои мо ба се ҳазор расида бошад, бояд донист бошем, ки инҳо танҳо аъзоёне мебошанд, ки бо ариза шомили ин ҳизб шудаанд, вале дар асл бештар аз ин шумора мебошанд.

– Ҳамкории шуъба бо ниҳодҳои ҳукуматӣ дар кадом сатҳ аст?

– Алҳамдулиллоҳ, дар минтақаи Кӯлоб баръакси дигар минтақаҳо, ҳамчуноне ки хабарҳо ба мо мерасанд, фишор болои Наҳзат камтар аст. Албатта, монеъаҳо вуҷуд доранд, вале он табиист, зеро ҳизби ҳоким ҳамеша аҳзоби мухолифро бо ҳар васила фишор меоранд. Баъди протоколи 3220 фишорҳо барои ихроҷи баъзе аъзоҳо бештар ба назар мерасанд ва қариб тамоми ниҳодҳо дар ин самт бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд. Баъзеҳоро тавонистанд расман аз ҳизб берун намоянд, вале аз як тараф адади хеле кам аз ҳизб берун шуданд ва ҳатто онҳоеро, ки расман аз ҳизб берун намуданд, онҳо ҳамчунон аъзои содиқи наҳзат боқӣ мемонанд. Наҳзат бо фитрати мардум созгор аст ва дар қалби онҳо макони худро ёфтааст ва ҳатто бо фишор овардан агар мардум корти Наҳзатро супоранд ҳам, дар дили онҳо боқӣ мемонад.

– Наҳзат чанд барномаро рӯи даст гирифта, ба монанди «ҷавонгароӣ» «мардуммеҳварӣ» ва «худсозӣ». Шумо дар анҷоми кадоме аз ин барномаҳо муваффақ шудед?



– Ба фикри ман, мо дар барномаи «ҷавонгароӣ» бештар муваффақ шудем, бо вуҷуди он ки аксари ҷавонон дар муҳоҷирати меҳнатианд. Ба муҳоҷират рафтани аъзои мо, аз як тараф таъсири манфии худро дорад, вале бо талошу заҳмати роҳбарияти Наҳзат ва ба роҳ мондани барномаи дуруст дар мавриди кор бо муҳоҷирон тавонистем то андозае ин бӯҳронро камтар намоем. Аз тарафи дигар, онҳо барои ба даст овардани маблағ ба Русия раванд ҳам, вақте дар фазои нисбатан озодтар ва демократитар зиндагӣ мекунанд ва аз воқеият бештар огоҳ мешаванд, ҷаҳонбинии эшон зиёд мешавад. Дар мавриди «худсозӣ»,

ба андешаи ман, то имрӯз мо тамоми дастуроти роҳбариятро иҷро намудем ва тибқи барнома ба тадриҷ пеш меравем. Дар самти «мардуммеҳварӣ» ба бахшҳои ноҳиявӣ ва ташкилотҳои ибтидоӣ тавсия додем то тамоми корро бо мардум ва барои мардум анҷом диҳанд. Мо пайваста кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳем, то дар тамоми ҷамъомадҳо, чорабиниҳо ва маросимҳои мардум ширкат биварзем ва ҳарчи аз дастамон меояд, ба онҳо кӯмак намоем. Инро бояд иқрор кард, ки ҳанӯз дар ин барномаҳо комилан ба ҳадди матлуб нарасидаем ва роҳи дарозе дар пеш аст.

– Акаи Муҳаммадшариф! Фикри тағйир додани роҳи интихобкардаатонро ягон бор дар сар парваридаед?

– Ман ҷавонии худро дар даврони Шуравӣ гузаронидаам. Ба ростӣ, зиндагии даврони Шуравӣ барои мо ҷавонон, созгор набуд. Мо бо ҳар роҳ муқобилияти худро ба он нишон медодем. Ман мутахассиси истифодабарии автомобил мебошам ва дар ин соҳа чанде фаъолият намудаам ва дар тахассуси худ муваффақ будам ва дар автобазаи мусофиркашонӣ кор ме



кардам. Ба андешаам, тамоми хостаҳои худро ман дар ин ҳаракат ёфтаам. Истиқлолияти зотӣ ва эҳтироми шахсии худро дар ҳамин ҷо ёфтам. Ман худро бидуни он тасаввур карда наметавонам. Бояд иқрор шавам, он чи Наҳзат ба ман додааст, натавонистам дар баробари андаки он хидмати Исломͧ мусалмононро ба ҷо орам. Ман намедонам, агар дар ин ҳаракат намебудам, имрӯз дар куҷо ва бо киҳо будам, вале инро яқин медонам, ки дар ҳар ҷое, ки мебудам, ҳатман имрӯз хаста, дилгир ва парешонҳол мешудам. Беҳтарин тасмими дурусте, ки дар тӯли ҳаётам гирифтаам, интихоби ҳамин ҳизб мебошад. Боре ҳам андешаи рафтан аз ин ҳаракат ба сарам наомадааст ва гумон намекунам, ки дар оянда ҳам биёяд.

– Дар охир кадом гуфтание доред?

– Ҳар кӣ дар ин роҳ қадам гузошт, ҳатман аз фоидаҳои маънавӣ бархурдор мешавад. Ашхосе буданд, замоне мӯътоди маводи мухаддир ва бо ҳеҷ роҳ натавонистанд аз ин бало наҷот ёбанд, аммо бо омадан ба Наҳзат онҳо ба ҳаёти солими иҷтимоъӣ ва дур аз мавод баргаштанд. Дар интихоботи парлумонии гузашта номзади ҲНИТ ба вакилии маҷлиси маҳаллӣ Асроров Тоҳир буд. Зани русзабоне бемор буд ва чун сандуқи сайёрро ба хонаи ӯ бурданд, пурсид, ки номзадҳо киҳоянд? Гуфтанд фалонӣ ва Асроров Тоҳир. Гуфт: Ман ба Тоҳир овози худро медиҳам. Ба ӯ гуфтанд, Тоҳир аз ҳизби Наҳзат аст. Гуфт: «Ман Наҳзатро намедонам, вале Тоҳирро хуб мешиносам, ки одами хубест. Тоҳир, ки хуб аст, ҳатман ҳизбаш ӯро чунин кардааст ва ин ҳизб хуб будааст».

Мусоҳиб: Б. Қаюмзод



Мусоҳиба бо раиси шуъбаи ҲНИТ дар вилояти Суғд Наимҷон Самеев

«Имрӯз масҷидҳои мо як чизи беҷонро мемонад, намозҳои мо низ рӯҳи зинда надорад».

Самеев Наим Абубакрович 24 майи соли 1962 дар деҳаи Чоркӯҳи ноҳияи Исфара дар оилаи диндор ба дунё омадааст. Соли 1979 мактаби таҳсилоти ҳамагонии ҳамин деҳаро хатм намуда, солҳои 19811983 дар шаҳри Ленингради Русия хидмати ҳарбиро анҷом медиҳад. Эшон хатмкардаи шуъбаи ғоибонаи Техникуми хӯроквории шаҳри Исфара мебошад ва феълан дар Донишгоҳи ба номи Имоми Аъзам таҳсил мекунад. Дар назди уламои шинохтаи минтақа, амсоли Марҳум Домулло Абдусамеъ, Домулло Абдусаттор ва Домулло Нодир таҳсили илми динӣ намудааст. Ба забонҳои арабӣ, русӣ, ӯзбекӣ ва қирғизӣ озодона ҳарф мезанад. Домулло Наимҷон аз муассисини шуъбаи Наҳзат дар вилояти Суғд буда, то имрӯз дар самтҳои гуногуни ин шуъба кору фаъолият намудааст. Эшон солҳои 19992007 масъулияти бахши фарҳангии ҳизбро дар вилояти Суғд ба уҳда дошта, аз соли 2008 то имрӯз раиси шуъбаи вилоятии ҲНИТ мебошад.

Узви Раёсати Олии ҲНИТ ва раиси шуъбаи ҲНИТ дар виояти Суғд мебошад.

Оиладор ва соҳиби чор фарзанд аст.



– Домуллои муҳтарам, Шуморо ба муносибати ҷашни дар пешистода табрик мегӯем.

– Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон, ҳамду сано Худованди якторо ва дуруду раҳмати бепоён ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с)ро. Дар муносибат ба ин ҷашн, гуфтаниям, ки Наҳзат соли 1973 таъсис ёфтааст ва акнун чилсола мешавад. Ҳамон тавре, ки Паёмбар (с) дар синни 40 солагӣ ба пайғамбарӣ мабъус шуданд, ин фоли некест барои ҳизби мо. Албатта, мо дар ин муддат камтар фаъолият кардем ва дар мобайн ҷои холӣ боқӣ мондааст, лизо ба андешаи ман, мо натавонистем 40 соли пурра фаъолият намоем. Акнун ки Наҳзат 40сола шуд, ман ин синни камолотро барои ҳамагон табрик мегӯям ва умед дорам, дастовардҳои хуб ба даст оварем.

– Имрӯз баъзе доираҳо барои заиф сохтани Наҳзат дар ҷомеъа садоҳо баланд мекунанд, ки дар Ислом ҳизб вуҷуд надорад, Шумо ба ин чӣ посух доданиед?

– Боре ман сафаре доштам ба Қирғизистон ва дар шаҳри Бишкек нишасте доштем бо баъзе донишмандон ва шахсиятҳои руҳонӣ. Зимни суҳбат ман аз онҳо савол кардам, ки оё шумо ба ҳизби динӣ ниёз надоред? Онҳо ба ман гуфтанд, ки мо ба ҳизби динӣ ниёз надорем, зеро барои мусалмонон дар ин кишвар ҳама чиз муҳайё аст. Дар донишгоҳҳову мактабҳо сатр мамнуъ нест ва ҳеҷ монеъае барои мусалмонон эҷод карда намешавад, ҳар талабе, ки мо мусалмонон ва руҳоният мекунем, ҳукумат иҷро карда истодааст, лизо ҳеҷ зарурате барои таъсиси ҳизби исломӣ намебинем. Аммо дар мавриди саволи шумо, инро гуфтаниям, ки дар Тоҷикистони мо Ҳизби Наҳзати Исломӣ зарурат дорад, зеро ҳуқуқҳои исломӣ ва

арзишҳои волои исломиро бояд иддае таблиғ намоянд ва аз он дифоъ кунанд. Худованд дар сураи «Оли Имрон» мефармояд: «Бояд аз миёни шумо гурӯҳе бошад, ки даъват ба роҳи хайр намоянд, мардумро амри маъруфу наҳй аз мункар кунанд». Имрӯз муллоҳо аз болои минбарҳо амри маъруф доранд, аммо наҳй аз мункар кам мекунанд. Наҳйи мункарро ҳизб дар баробари рақиби худ, ҳизби ҳоким, озодона анҷом медиҳад, ки муҳтарам ташкилотҳои динии кишвар ин корро анҷом дода наметавонанд.

– Бале, зарурати Наҳзатро дар кишвар ҳамагон дарк намудаанд, вале мақсуди ононе, ки садо баланд мекунанд, ин аст, ки дар Ислом ҳизб нест ва набояд Ислом ба сиёсат ва ҷанбаҳои гуногуни ҷомеъа дахолат кунад.

– Аслан Ислом ба ҳизб ниёз надорад, лекин мо ниёз дорем, мусалмонҳо ниёз доранд. Бубинед, чаро Паёмбар (с) сиёсатмадори варзида буданд? Чунончи Мавдудӣ дар китоби худ овардааст, ки ҳазрати Муҳаммад (с) ҳамчун қонунгузор, беҳтарин қонунгузор ва ҳамчун идоракунандаи давлат, беҳтарин мудир ва муназзим буданд. Масҷиди Паёмабар (с) дар баробари макони намозу ибодат будан ҳамзамон идораи ҳукуматӣ низ буд. Вале имрӯз масҷид дар ҳақиқат, дар тобеъияти ҳукумат ва дар хизмати ҳукумат қарор дорад. Он вақт масҷид ба мардум хидмат мекард ва дар масҷид ҳамаи анвоъи масъалаҳо ҳаллу фасл мешуданд. Имрӯз масҷидҳои мо як чизи беҷонро мемонад, намозҳои мо низ руҳи зинда надорад.

– Ба ҳайси узви РО ва яке аз собиқадорон, метавонед бигӯед, ки кадом самти фаъолияти Наҳзат заиф ва ниёз ба ислоҳот дорад?

– Ман боварӣ дорам, ки тамоми самтҳои Наҳзат барои пиёда намудани аҳдофи он ба қадри имкон та



лош мекунанд, вале баъзе барномаҳои он нотамом мемонанд. Барои мисол барномаи ҷавонгароӣ то кунун пурра амалӣ нашудааст, дар қабули аъзо ва ҷамъоварии ҳаққулузвият натавонистаем барномаи хуберо то кунун ба роҳ монем ва ҳамчунин ба масъалаи обуна ба васоили ахбори ҳизб он қадар аҳамият дода намешавад. Ҳамчунин камбудиҳои дигаре ҳастанд, ки бо назардошти имкониёт то кунун натавонистаем аз уҳдаи онҳо комилан бароем, ба монанди тарбияи кадрҳо.

– Имрӯз бахши Исфарагии ҳизб аз рӯи шумораи аъзо, яке аз бахшҳои муваффақ ба шумор меравад, вале дар муқоиса ба соли 1991, ки 10 ҳазор аъзо дошт, имрӯз танҳо 4 ҳазор аъзо дорад. Сабаб чист?

– Нигоҳи ман ин аст, ки ҳар чизи нав ширин ба назар мерасад ва шояд аксари касоне, ки соли 1991 ба сафи Наҳзат пайвастанд, тасодуфӣ буданд. Иддае агар Наҳзатро хуб шинохт ва бо барномаҳои он ошно шуда, вориди Наҳзат шуд ва дигарон чун диданд, ҳама ба Наҳзат рӯ меоранд, онҳо низ ворид шуданд. Лекин ин 4 ҳазор воқеъан ҳам огоҳона вориди ин ҳизб шудаанд ва агарчи дар шумора камтаранд, аммо ман онҳоро бештар ва беҳтар аз он 10 ҳазор медонам. Аз тарафи дигар кор ва фаъолият намудан дар ҳизби оппозитсионӣ

кори саҳлу осон нест ва мушкилоти зиёд дорад. На ҳама кас тавони бардошти онро дорад. Вақте ки ғалберро такон медиҳед, корношоямаш мерезаду чизҳои хубаш боқӣ мемонад. Мо умед дорем, ки ҳамин гурӯҳи мондагӣ ҳамон содиқоне ҳастанд, ки дар ояти карима омадааст: «Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва ҳамроҳи содиқон боқӣ бимонед».

319

– Чаро имрӯз мардуми ҷонибдори Наҳзат зиёданд, вале ба монанди солҳои 9192 расман ба ҳизб намепайванданд?

– Ба андешаи ман ин ҷо чанд омил вуҷуд дорад, омили асосӣ ин фишорҳои ҳукуматдорон болои Наҳзат ва аъзои он аст, ки аксари афроди андак вобаста ба ҳукумат дар мавриди расман аъзои ҳизб шудан муллоҳаза мекунанд. Омили дигар муосиру муассир набудани кадрҳои Наҳзат мебошад. Имрӯз дар ҷомеъа мушкилоти зиёд вуҷуд дорад, вале масъулини мо ба масъалаҳои доғ ва дар ҷои аввал қарордошта камтар таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, дар масоили иқтисодию мушкилоти ҷомеъа фаъол нестанд.

– Иллати аслии дар ҳизбу ҳаракатҳои ғайрирасмӣ фаъол шудани ҷавонони исфарагӣ дар чист?

– Ба андешаи ман, сабаб дар он аст, ки мардуми Исфара аслан бо Ислом алоқаи зич доранд ва пиру ҷавони он ташнаи таълими дини мубини Ислом мебошанд. Ба сабаби он ки имкони таълими динӣ гирифтан муяссар нест ва донишгоҳҳои исломӣ ва мадрасаҳо кам аст, ҷавонон ногузир пайи таълими улуми динӣ рӯ ба ҳар гуна ҷамъияту созмонҳои динӣ меоранд. Аз як тараф фишорҳо рӯи ҳизби Наҳзати Исломӣ хело зиёд аст, ки иддае аз ҷавонон тоби таҳаммули онро надоранд. Мемонад ҳизбу созмонҳои сиррӣ ва ғайриқонунӣ, ки дар муқоиса ба Наҳзат фаъолият кардан дар онҳо дар нигоҳи аввал осонтар менамояд, чун аъзои кадом ҳизб будани онҳо пӯшида аст ва касе болояшон фишор ворид намесозад. Ҷавонон бехабар аз ҳақиқати онҳо вориди ин созмонҳо мешаванд. Онҳо ба дарки асли масъалаҳо намерасанд ва мебинанд, ки гурӯҳашон аз Ислом дифоъ мекунад. Ҳамчунин адами идеяи мушаххаси ба дину ои

320

ни мардум созгор ҷавононро водор мекунад, ки дунболи пайдо намудани идеяи худ раванд. Вақте инсон дар кишвари худ имконият пайдо накунад, ки озодона масоили динии худро биомӯзад ва ба арзишҳои он эҳтиром гузорад, ноилоҷ ба пинҳонкорӣ мегузарад. Бубин, ҳатто барои таълими динӣ гирифтан ё ба масҷид рафтани фарзандаш ӯро ҷарима мекунанд, дар ин сурат ба ҷуз пинҳонкорӣ аз ӯ чиро бояд интизор шуд? Кишваре, ки беш аз 90 дарсади он мусалмонанд ва аз минбарҳои дохилию хориҷӣ масъулини он бо ифтихор худро мусалмон ва ходими дин меҳисобанд, вале барномаҳои зиддидиниро рӯи даст гирифтаанд. Ин ҳама боиси он мегардад, ки гурӯҳҳои тундрав дар ин кишвар пайдо шаванд ва ҷавонони моро ба доми худ бикашанд.

– Ҳамкории Шумо бо мақомоти маҳаллӣ дар кадом сатҳ аст?

– Ҳамкории мо бо ҳукуматҳои маҳаллӣ дар вилоят гуногун аст ва мо барои ҳамкорӣ омодагии худро борҳо эълон намудаем. Масъулини ҳукуматҳои маҳал дар баъзе ноҳияҳо бо Наҳзат ҳамкории хуб доранд, вале дар маркази вилоят ҳамкории мо ба ҳадди матлуб нест. Масалан, барои гирифтани толор ҷиҳати баргузории чорабиниҳои ҳизбӣ ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мешавем, ҳукумат барои ҳизбҳо фурсати баробар ва имконоти баробар намедиҳад. Толори беҳтаринро дар ихтиёри ҳизби ҳоким мегузорад, вале барои ҲНИТ толори бадтаринро, ки худ нишонаи ҳамкории хуб надоштан бо мост, медиҳад.

– Ба андешаи Шумо, татбиқи протоколи махфии 3220 дар минтақа чӣ гуна сурат мегирад ва чӣ фишорҳое дар ин замина ба шуъбаи вилоятӣ ворид мешавад?

321

– Дар ҳудуди вилоят фишорҳо барои аз сафи Наҳзат баровардани аъзо ба чашм мерасад. Ба падару модар ва хешу табори ҳар наҳзатӣ, ки дар ҳукумат кор мекунанд, фишор меоранд, то наздикони худро аз Наҳзат берун кунанд ва ё аз вазифаи ҳукуматӣ озод карда мешаванд ва ин як намуд фишори ғайримустақим аст. Иддаи дигарро, ки корхона дошта бошанд, ҳаракат мекунанд ба василаи органҳои қудратӣ фишор биёранд, то аз ҳизб бароянд. Ин намуд фишорҳо баъди протоколи мазкур хело зиёд ба мушоҳида мерасад.

– Яке аз барномаҳои рӯи даст гирифтаи ҳизб «ҷавонгароӣ» буд ва Шумо ин барномаро то куҷо роҳандозӣ намудед?

– Мо бо иродаи Худованд муваффақ шудем то имрӯз онро 4050 фоиз амалӣ намоем ва кор дар ин самт идома дорад. Имрӯз аксари масъулини Наҳзат дар бахшҳои ноҳиявии мо ҷавононанд. Аз тарафи дигар, мо барои тарбия намудани ҷавонон барномаҳои хосеро роҳандозӣ карда истодаем, то онҳоро барои оянда омода созем ва масъулиятҳои муҳимро ба эшон вогузорем.

– Шумо узви РО ҳастед ва дар қабули қарорҳои РО саҳимед. Метавонед бигӯед, ки кадом яке аз қарорҳои РО иштибоҳ буд?

Ман ростӣ, дар ҷаласаҳои РО ширкат мекунам ва дар қабули қарорҳо саҳм дорам, вале аз як тараф теъдоди аъзои РО зиёд аст, аз тарафи дигар, мавзуъҳои мавриди баҳс. Ин омилҳо боиси хасташавии аъзои РО мегарданд ва гоҳо масъалаҳо ба таври лозим баҳсу баррасӣ нашуда қабул мешаванд. Мутаассифона, ҳоло ҳамаи он масъалаҳои бо шитобзадагӣ ва нопухта қабулшударо гуфта наметавонам, аммо ба унвони мисол баъзе қисматҳои барномаи страте

322

гии ҳизб бидуни баҳсу баррасии матлуб қабул шуд, ки аз назари ман ин иштибоҳ буд.

– Бо машварати аъзои РО қабул шуд?

– Бале, аксарияти касоне, ки дар шуъбаҳои вилоятӣ ва бахшҳои ноҳияҳо кор намекунанд, ба дарки мушкилоти дар маҳалҳо буда намерасанд. Воқеъияти маҳалҳоро дидан даркор

ва ба мушкилоти манотиқ аз наздик ошно шудан лозим, сипас бо дарназардошти вазъияти манотиқ сари масоил баҳс намуда, ба натиҷаи матлуб расидан ба фоидаи кор аст. Мо, ки корманди шуъбаем ва вазъиятро аз наздик бевосита мушоҳида мекунем, ба дарки масоили маҳал хубтар мерасем.

– Барои дар оянда беҳтар шудани фаъолияти Наҳзат чӣ пешниҳод доред?

– Пешниҳоди банда ин аст, ки раисони бахшҳои ноҳиявӣ ва раисони шуъбаҳои вилоятӣ танҳо барои ду давра интихоб шаванд, ки ҳар давра иборат аз ду сол бошад. Ҳар масъуле, ки панҷ солу даҳ сол дар як масъулият боқӣ монад, потенсиал ва истеъдодҳои ӯ тамом мешавад. Ин як низом ва як меъёри хуб мешавад ва рӯҳияи талош барои расидан ба болотарин мақомро дар байни аъзо зинда мекунад. Дар акси ҳол истеъдодҳои нуҳуфтаи ҷавонон бар асари дар як масъулият муддати тӯлонӣ фаъолият кардани афроди мушаххас зоҳир намешавад ва ҷомеъаи кишвар ва олами Ислом аз неруҳои зеҳнӣ ва ҷисмонии Наҳзат ба таври шоиста истифода бурда наметавонад.

– Барои суҳбати самимӣ ва муфид аз Шумо ташаккур мекунам.

– Саломат бошед.

Мусоҳиб: А. Ваҳҳоб

323

Мусоҳиба бо раиси шуъбаи ҲНИТ

дар минтақаи Қӯрғонтеппа

Қамариддини Афзалӣ

«Сатҳи маърифатӣ ва фаҳму фаросати муллоҳои наҳзатӣ, ба вижа Устод хело боло буд, онҳо мехостанд руҳоният ҳам тахассус дошта бошанд ва дар тамоми соҳаҳои кишвар кор кунанд ва нафъашон ба мардум бирасад».

Қамариддин Афзалӣ (Бегов Қамариддин Афзалович) 10 июни соли 1963 дар собиқ ҷамоъати Яккатути ноҳияи Куйбишев (А.Ҷомӣ) ба дунё омадааст ва солҳои 19701980 дар мактаби миёнаи №29 таҳсил намуда онро бомуваффақият хатм мекунад. Соли 1985 ба риштаи забон ва адабиёти руси Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб дохил шуда, соли 1990 онро бо ихтисоси муаллими забону адабиёти рус ба итмом расонд. Ҳамзамон дар курси кӯтоҳмуддати омӯзиши забони арабӣ, ки дар назди донишгоҳ ташкил шуда буд, таҳсил намуд.

Солҳои 19901992 дар мадрасаи назди масҷиди ба номи «Ҳазрати Алӣ», шаҳраки Уялии ноҳияи Хуросон аз фанҳои забони русӣ ва арабӣ дарс гуфтааст.

Солҳои 19921998 дар кишварҳои Русия ва Украина дар муҳоҷират ба сар бурд. Соли 1999 ба ҳайси ҷонишини мудир оид ба корҳои таълимӣистеҳсолии

ҳунаристони №7и шаҳри Душанбе кору фаъолият намуд. Эшон таълимоти аввалияи диниро дар назди падари худ ва сипас дар назди Домулло Абдуғаффор оғоз намуд. Ӯ ҳамчунин дар назди тағояш Домулло Додарҷон ва Махдуми Абдулвоҳиди Қумсангирӣ таҳсил намуд. Аз соли 1982 ба назди устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ меравад ва ба ҳалқаи дарсии эшон медароянд. Соли 1983 аъзои ҳизб шуда, ҳамзамон масъулияти таълиму тарбияи бахши Наҳзатро дар шаҳри Қӯрғонтеппа ба дӯш мегирад. Соли 1992 котиби вилоятии ҳизб дар собиқ вилояти Қӯрғонтеппа таъин мешавад.

Баъди баргашт аз муҳоҷират ва дубора сабти ном шудани Наҳзат ба фаъолиятҳои сиёсӣ мепардозад. Соли 1999 ҷонишини раиси шуъбаи Ҷавонон, 2001 ҷонишини раиси шуъбаи Илм ва фарҳанг, аз соли 2003 раиси шуъбаи ҷавонон ва варзиш, 2004 сардабири маҷаллаи «Иқбол», 2008 раиси шуъбаи Кадр ва интихобот ва аз соли 2010 раиси шуъбаи ҲНИТ дар минтақаи Қӯрғонтеппа мебошад.

Эшон соли 1998 ба зиёрати Хонаи Худо мушарраф гардид. Ба кишварҳои Туркия, Эрон, Кувейт ва Русия сафар кардааст. Номбурда узви РО ва узви ШС ҲНИТ мебошад. Оиладор ва соҳиби 6 фарзанд аст.

– Шуморо ба муносибати чиҳилумин солгарди таъсиси ҲНИТ самимона табрик мегӯем.

– Ташаккури зиёд. Ман ҳам тамоми аъзо, масъулин ва роҳбарияти Наҳзатро ба ин ҷашн табрик намуда, дуъо мекунам, ки руҳи бузургон ва пешвоёни ин ҳаракат, ба хусус устод Нуриро Худованд шод бигар



донад ва моро дар ин роҳ собиту устувор нигаҳ дорад.

– Солҳои ҳаштод иддае аз домуллоҳои куҳансол ва миёнсол ба Наҳзат ва устод С.А. Нурӣ мухолиф буданд. Тағои Шумо Домулло Додарҷон чӣ гуна муносибат доштанд?

– То замоне ки банда ба шогирдии устод С. А. Нурӣ мушарраф нашуда будам, намедонистам, ки онҳо чӣ гуна муносибат доштанд, вале ҳамин қадараш ба ман маълум аст, ки тағоям дар ҳузури мо ва дар ҷамъомадҳое, ки ба меҳмонҳо хидмат мекардам, номи Устодро ба бадӣ ёд намекард. Аммо баъдтар мушоҳада намудам, ки эшон бо ҳам дӯстӣ доштанд.

– Пас, чаро Шумо дар назди Домулло Додарҷон зиёд таҳсил накардед ва ба ҳалқаи дарсии устод Нурӣ пайвастед?

– Ин тавр нест, ки дар назди тағоям дарси динӣ наомӯхта бошам, аслан дар рӯ овардани ман ба омӯзиши улуми исломӣ тағоям сабаб шуд ва нахустин устоди ман падари эшон домулло Саидраҳмон аст. Баъди вафоти он кас дар таътилҳои тобистона ба назди тағоям рафта дарс мехондам. Он вақт ҳуҷраи домулло ҳамеша пур аз шогирдон буд. Ҳамон вақтҳо дар бораи шахсе ба номи мулло Абудуллоҳ ва дигар ҷавонон ҳар гуна хабарҳо

мешунидам ва бештар онҳоро муллоҳои давлатӣ мегуфтанд. Аммо толибилмон дарсҳояшонро ситоиш мекарданд. Аз ҳамон замон меҳру муҳаббати устод Нурӣ ғоибона ба дилам ҷой шуда ва орзуи мулоқот бо эшон ва шогирдӣ дар дилам пайдо шуд.

– Пас, чӣ тавр бо усод Нурӣ вохӯрдед ва дар ҳалқаи шогирдон даромадед?

326

– Боре аз забони Сироҷиддин ном шогирди тағоям, аз ноҳияи Ғозималик, дар мавриди барномаҳои нави таълимӣ чанд ҳарфи ҷолиб шунидам ва ҳамзамон тавсия кард, ки ба ҷое биравам, ки дар камтарин муддат забони арабиро аз худ кунам. Ӯ ҳамчунин раҳнамоӣ карданро низ ба уҳда гирифт. Аз тағоям иҷоза хостам, эшон маро дуъо доданд ва акаи Сироҷиддин маро гирифта ба назди эшони Қиёмиддин бурд. Дар назди эшон як сол таълим гирифтам ва ин нахустин вохӯрии ман бо ҷавонони наҳзатӣ буд. Онҳо бо услуби сода ва аз рӯи барномаҳои хело ҷолиб дарс мегуфтанд. Қаблан шунида будам, ки онҳо муллоҳои ҳукуматиянд, вале дидам дарсҳояшонро бо ниҳояти эҳтиёт ва пинҳонӣ мегузаранд. Баъдтар кадом хатаре таҳдид кард, ки муддате дарс қатъ гардид ва дар ин ҳол аз эшони Қиёмиддин дуъо гирифта, ба Қумсангир рафтам ва дар назди махдуми Абдулвоҳид 2 сол таълим гирифтам. Баъди ду сол боз ба назди тағоям баргаштам ва хоҳиш намудам, ки маро назди мулло Абдуллоҳ барад. Рӯзе тағоям ба ман гуфт, ки омода бошам, бегоҳ ба ҷое меравем. Бегоҳ ҳамроҳи тағоям ба хонаи бобои Санг рафтем, баъд аз каме нишастан ду ҷавонмарди нуронӣ ба хона даромада дар паҳлӯи тағоям нишастанд. Домулло аз китобдонаш китоберо гирифта, бо яке аз онҳо ҳудуди ду соат китоб хонданд. Баъд тағоям ба он ҷавон гуфт, ки ҳамон хоҳарзодаам, ки дар борааш бо шумо суҳбат карда будам, ҳамин кас аст ва ба ман ишора кард. Ман фаҳмидам, ки ин ҷавон домулло Абдуллоҳ аст. Ҳамон соат маро ба шогирдӣ қабул кард.

– Наҳзат шуруъ аз соли 1979 барномаи «кор бо донишҷӯён»ро рӯи даст гирифт. Амалӣ гаштани ин барнома таҳаввулоти ҷиддиеро дар афкори

327

ҷомеа ба вуҷуд овард, ба гумонам, Шумо тибқи ҳамон барнома ба донишкада дохил шудед.

– Бале, он вақт сару садоҳо зиёд шуд, бахусус аз тарафи хонаводаҳо. Онҳо фарзандони худро ба назди муллоҳо мефиристоданд, то мулло шаванд, Ногоҳ медиданд, ки фарзандонашон дар донишгоҳҳо дохил шудаанд. Баъди ин кор муллобачаҳо бо либоси донишҷӯӣ ва ҳатто бо галстук зоҳир мешуданд. Ман ҳам ба чунин мушкилот гирифтор шудам. Борҳо волидайни маро хешу табор ва ҳамсояҳо фишор меоварданд, ки фарзандатонро нагузоред, то дар назди муллоҳои нав бихонад. Падарам борҳо аз ман талаб намуд, ки ба назди дигар мулло равам. Сатҳи маърифатӣ ва фаҳму фаросати муллоҳои наҳзатӣ, ба вижа Устод, хело боло буд, онҳо мехостанд руҳоният ҳам тахассус дошта бошанд ва дар тамоми соҳаҳои кишвар кор кунанд ва нафъашон ба мардум бирасад. Илова бар ин, раҳбарият мехост кадрҳои сазовор ва лаёқатманди пойбанд ба

таълимоти исломӣ омода намояд. Аммо волидайн садди роҳ мешуданд, на ҳукумат. Ман падарамро бо мушкилоти зиёд, баъди як сол фаҳмонда тавонистам. Падарам ба назди тағоям рафт, тағоям гуфт: Халал нарасон. Сипас ба назди падарарӯсам домулло Асомиддин рафта шикоят кард. Домулло Асомиддин ба падарам гуфт: «Афзалиддин! Агар Худованди мутаъол маро дубора ҷавон гардонад ва дар синну соли Қамариддин бошам, албатта, дар донишгоҳ мехондам, ҳам аз дин ва ҳам аз дунё бохабар мешудам.

– Шумо 18 сол қабл дар шаҳри Қӯрғонтеппа баъзе масъулиятҳои ҳизбиро ба уҳда доштед ва инак баъди 18 сол ба унвони раиси шуъба ба



минтақа баргаштед. Фазои имрӯзаи минтақа аз фазои 18 сол қабл чӣ тафовут дорад?

– Ман худ зодаи ҳамин минтақа ҳастам ва дар ин ҷо нашъунамо ёфтаам ва таълимоти диниро дар ҳамин ҷо гирифтаам. Дар он замон мардум ба Ислом ба унвони арзише, ки аз аҷдодашон мерос гирифтаанд, муносибат мекарданд ва аксари маросимҳои худро бо он мутобиқ мекарданд. Албатта, низоми он давр алайҳи дин мубориза мебурд, вале дар минтақа бӯи исломӣ эҳсос мешуд. Мо истиқлолият ба даст овардем, вале ҳанӯз ба истиқлолияти фикрӣ нарасидаем. Имрӯз, агарчи масҷидҳо дар минтақа зиёданд, вале садои азон шунида намешавад. Он вақт намедидӣ ва намешунидӣ, ки дар бозор аз мақомот намоянда омада, як нафарро барои рӯймоли сар ва ё барои риш доштанаш фишор орад. Рӯймол ва риш рамзи Исломанд ва ҳукуматдорон дар даврони Шӯравӣ нисбат ба ин рамзҳо эҳтиром қоил буданд.

– Оё Шумо пеш аз дубора номнавис шудани ҲНИТ кадом фаъолияте доштед?

– Ман аз солҳои 19831984 дар бахши Наҳзат дар шаҳри Қӯрғонтеппа масъули бахши таълиму тарбия будам ва сипас котиби дастгоҳи шуъбаи вилоятӣ. Соли 1985 вақте ба шаҳри Кӯлоб рафтам, дар он ҷо низ дар самтҳои гуногуни Наҳзат ва дар бахши таълиму тарбия фаъолият доштам. Аз тарафи роҳбарият гоҳо устодон ба шаҳри Кӯлоб меомаданд ва бо мо давраҳои якмоҳа мегузарониданд. Бо домулло Ҳақназар борҳо ба ноҳияҳои гуногун рафта, ҳалқаҳои дарсии мударрисони наҳзатиро назорат мекардем, гузоришҳои хаттӣ мегирифтем, имтиҳонҳои даврӣ ва солона мегирифтем ва ба ғолибон туҳфа медодем. Дар шаҳри Кӯлоб бо дастури роҳбарият дар баробари



дар назди домулло Абдураҳим дарс хондан, иддае аз ҷавононро таълим медодам. Яъне фаъолияти умдаи мо таълим гирифтан ва таълим додан буд. Бале, медонистам, ки бахшҳои иршод, иқтисод ва амният вуҷуд доранд, аммо тафсилоти корҳои онҳоро намедонистам. Мо моҳе як маротиба нишаст доир менамудем ва гузоришҳои хаттӣ медодем.

– Шумо гуфтед, ки аз фаъолиятҳои худ гузоришҳои хаттӣ медодед ва чунончи маълум аст, дар ибтидо тамоми гузоришҳо ва дастуроти Наҳзат шифоҳӣ буданд. Метавонед бигӯед, ки аз кай Наҳзат ба гузоришҳои хаттӣ шуруъ намуд?

– Ба ростӣ, Наҳзат аз кай ба гузориши хаттӣ гузашт, намедонам. Аммо солҳои 8384 масъулият доштам, гузоришҳо хаттӣ навишта мешуданд ва маълум аст, ки муддате пештар аз ин шуруъ шудааст. Мо чор нафар, ман, Муҳаммадсаид Ризоӣ, бародари шаҳид Сайфиддин ва бародар Ваххоҷиддин аз шогирдони устод Нурӣ ҳар моҳ бо эшон менишастем ва гузориш медодем.

– Акаи Қамариддин, чанд давра аст, ки узви РО ва ШС ҳастед. Ба андешаи Шумо, аз қарорҳои РО ё ШС кадомаш қарори ҷоӣ буд?

– Ман ёд надорам қарор ва ё барномаи наҳзатро, ки иштибоҳ ва хато шуда бошад ва ба фикри банда ҳамаи қарорҳо ҷоӣ буданд. Барномаҳои ҷавонгароӣ, мардуммеҳварӣ, ислоҳи сохторӣ, эълони соли Қуръон, ёдбуди шаҳид, ҷашни зодрӯзи Имом Аъзам, сафарҳои корӣ, давраҳои омӯзишӣ ва семинару нишастҳои илмиеро, ки Наҳзат амалӣ мекунад, ҳамаи онҳо дар асоси қарорҳои РО, ШС ва дастуроти роҳбарият сурат мегиранд ва ба гумонам ҳамаи онҳо ҷоӣ буданд. Аммо барномаи стротегиеро, ки Наҳзат



бо қарори РО роҳандозӣ намуд, ба андешаи ман беҳтарин барнома ба шумор меравад.

– Шумо дар самтҳои гуногуни Наҳзат фаъолият доштед, имрӯз дар кадом самти фаъолияти ҳизб камбудӣ эҳсос мешавад ва он ниёз ба таъғйир дорад?

– Ман дар Наҳзат як камбудии ҷиддӣ мебинам, ки бояд роҳбарият дар пайи ислоҳи он бикӯшад ва барои бартараф намудани он чораҳои мушаххас бияндешад. Мо гоҳо қарорҳои хуберо дар ҷаласаҳои РО ё ШС қабул мекунем, вале дар вақти иҷрои он ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавем ва сабабаш дар он аст, ки ин қарор то зинаҳои поёнӣ ё намерасад ва ё хеле ба таъхир мерасад. Монанди қарори ислоҳоти сохторӣ, ки воқеан қарори хуб ва бамаврид буд, аммо аз қабули он беш аз ду сол мегузарад, вале то ҳол Наҳзат натавонист куллан онро ҷомаи амал пӯшонад.

Ба андешаи Шумо, тасмимҳои баъзе аз мақомот дар баробари арзишҳои исломӣ оё бадбинии мардумро нисбат ба ҳукумат ба вуҷуд намеорад?

– Фикр мекунам, мо ҳанӯз аз даврони Шуравӣ он қадар дур нарафтаем ва аксари кадрҳо дар сатҳи роҳбарияти кишвар боқимонда аз ҳамон давронанд. Айб дар қонунҳои кишвари мо нест, зеро қонунҳои мо бад нестанд, вале иддае аз он сӯиистифода мекунанд. Ногуфта пайдост, ки Ислом дини мардуми мост ва ниҳоят арзишманд аст. Низоми Шуравӣ мубориза алайҳи динро қисми таркибии сиёсати худ қарор дод ва бо тамоми қудрату тавони худ бар алайҳи он муборизаро роҳандозӣ кард, вале ба ҳамон андозае, ки мехост, муваффақ нашуд. Ҳокимон дар ҳама давру замон, алалхусус дар кишварҳое, ки аксаран мусалмонанд ва фарҳанги зиндагии мардум бофти

331

исломӣ дорад, хилофи мантиқ ва маслиҳати ҳамон ҳукуматҳост, ки тасмимоти мухолиф бо арзишҳои исломӣ бигиранд.

– Тибқи гузоришҳои аз минтақаҳо ба роҳбарият расида, баъзе аз кормандони мақомоти ҳукумат барои фишор овардан болои Наҳзат аз роҳҳои ғайриқонунӣ истифода мекунанд. Дар минтақаи Шумо аз ин қабил фишорҳо вуҷуд дорад?

– Мо дар давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ зиндагӣ дорем ва мебоист ба озодии эътиқод ва ворид шудани шаҳрвандон ба ину он ҳизб эҳтиром қоил шуд. Ба ин нигоҳ накарда, фишорҳои мақомот пеш аз ин ҳам мушоҳида мешуд, вале баъди протоколи №3220 фишорҳо бештар ва муназзамтар шудааст. Ман намегӯям, ки протоколи 3220 воқеият дорад ё не, вале бандҳои он амалӣ шуда истодаанд. Санҷишҳои ҳизб аз тарафи прокуратура ва дигар мақомоти қудратӣ, дар минтақаҳо талошҳо барои аз сафи Наҳзат хориҷ намудани аъзои он, аз ҷои кор пеш кардани наҳзатиҳо, талаб намудани рӯйхати аъзои Наҳзат ҳамааш намунаи амалии бандҳои ҳамон протокол мебошанд. Дар яке аз ноҳияҳо ҷонишини раиси ноҳия доир ба маънавиёт ҳамроҳ бо ҳайате хона ба хона гашта бонувони наҳзатиро таҳдид намуда, аз онҳо аризаи аз ҳизб берун шуданро мегиранд. Вазифаи мақомоти ҳокимиятҳои маҳал бояд таъмини замин, таъмини амният, таъмири роҳ ва таъмини мардум бо оби нушокӣ ва таъмини барқ бошад. Гӯё онҳо ҳамаи масъулиятҳои худро ба ҷо овардаанд ва танҳо мардумро аз ҳизб берун кардан мондааст. Онҳо хона ба хона мегарданду мегӯянд, шумо аъзои Наҳзатед, номи шумо дар рӯйхати амният ва милиса ё прокура

332

тура аст, аз узвияти Наҳзат фавран бароед. Фишори дигар он аст, ки мардум солҳои дароз дар навбати гирифтани замини наздиҳавлигӣ нишастаанд ва чун навбати онҳо бирасад, ба ӯ мегӯянд, моро дастур додаанд, танҳо барои аъзои ҳизби халқӣ демократӣ замин ҷудо намоем. Бинобар ин, барои шумо наметавонем замин ҷудо намоем. Яке аз ҷонишинҳои раиси шаҳри Қӯрғонтеппа ба масҷид рафта дар рӯзи ҷумъа эълон мекунад, ки дар Тоҷикистон ҲНИТ вуҷуд надорад ва имомхатиб низ гуфтаҳои ӯро тасдиқ мекунад. Инҳо ҳама намудҳое аз фишорҳои равонист. Ҳизбҳо дар байни худ рақобат доранд ва ин кори табиист ва мо ба ин зид нестем, вале рақобат бояд солим бошад ва қонунҳои дар ҷаҳон эътирофшуда ва қавонини кишвар бояд риъоя шаванд.

Мусоҳиб: М. Орзу

333

Саляхетдинов Мухаммед Абдулхаевич

общественный деятель,

президент ассоциации «Со

брание», октивный член ИПВ

СССР

Родился 13 марта 1965 года в Москве. В 1975 году начал изучать арабский язык и основы ислама у студентов из мусульманских стран, которые учились в вузах Москвы.

С 1978 года Саляхетдинов сам начал давать уроки по основам ислама и арабскому языку. В 19791982 годах познакомился с мусульманскими деятелями Средней Азии, Поволжья и Северного Кавказа. Невзирая на авторитарный коммунистический режим, сумел поучаствовать в обмене опытом по практике просветительской деятельности.

В 1982 году участвовал в создании движения «Саф Ислам» (неформальной организации). В эту организацию вошли представители Москвы, Центральной России, Ленинграда, Поволжья и Урала. Цель движения — координация исламской просветительской деятельности.

В ходе демократических преобразований в России, в которой на тот момент проживало более 60 миллионов мусульман, неформальными мусульманскими организациями, было решено легализовать мусульманскую деятельность и организовать Всесоюзную исламскую партию.

334

Саляхетдинов был назначен куратором по Центральному округу России в ходе учредительной конференции всесоюзной Исламской партии Возрождения. Затем он стал членом Совета партии. После распада СССР ИПВ была самораспущена. Саляхетдинов в конце 1992 года образовал общественную организацию «Исламский клуб», которая в 1993 году была переименована в Исламский Конгресс России.

В 1993 году (ноябрь) Саляхетдинов был избран на пост заместителя председателя исполкома и управляющим делами ВКЦ ДУМ (Высшего координационного центра Духовных управлений мусульман России). За время работы в ИКР и ВКЦ ДУМ Саляхетдинов принял участие во многих международных конференциях и семинарах, проходящих в ряде стран (Иордании, Великобритании, Ливии, Чаде, Швейцарии, Судане, Венгрии, Саудовской Аравии, США, Иране и других странах).

В 1999 году Саляхетдинов стал учредителем информационноаналитической газеты «Современная мысль». Является президентом Ассоциации общественных объединений «Собрание» с момента ее образования.

ПИВТ: 40 лет тернистого пути. – Мухаммед Абдулхаевич, ПИВТ в этом году отмечает 40летие со дня зарождения исламского движения в республике. Расскажите, пожалуйста, о том, как вы познакомились с таджикскими соратниками?

335

– Я познакомился с представителями Центральноазиатского исламского движения в 1981 году, еще в советское время. Первое знакомство произошло в Ташкенте.Вузбекской столице тогда функционировала хорошо организованная, хотя и неформальная, надомная образовательная система, по которой обучались тысячи молодых людей и детей. Это обучение называлось «худжра» (комнаты) и было выстроено по сетевому принципу. Наиболее образованный обучал группу учеников, а каждый ученик обучал другую группу и т. д. Обучение велось по старым дореволюционным учебникамар абскогоязыка, Корана, комментариев к Корану, хадисов. Эту программу в Ташкенте возглавлял таджик Мааруфджан. Я прилетел в Ташкент, познакомился с ним, открыл для себя систему "худжра", их образовательную программу.

У нас в Москве, в Казани и других регионах центральной России между тем, складывался свой круг людей, интересующихся исламом. Мы встречались, создавали неофициальные образовательные кружки – поскольку в те времена официально получить знание об исламе было практически невозможно. Религия тогда считалась опиумом для народа, а любое обучение крамолой. Официальные Духовные управления мусульман находились под жестким контролем государства. На тот момент на весь СССР, где насчитывалось примерно 60 млн мусульман, функционировало единственное официальное медресе в Бухаре, рассчитанное всего лишь на несколько десятков человек. Тем не менее, желающие изучать ислам были, и мы, со своей стороны, стремились делать то, что было в наших силах.

– А чем в те времена занимались ДУМы?



– Вели молебны для оставшихся немногочисленных прихожан, а также информировали госорганы, которые вели борьбу с «пережитком прошлого», где и сколько молодых людей пришло в мечеть. А дальше с посетителями мечетей – за их "неблаговидные деяния" разбирались уже на предприятиях или в вузах, где те работали или учились.

– Все имамы "стучали" на своих прихожан?

– Принципиальные долго на своей работе не задерживались или постоянно были в немилости. Имамов тогда было мало. Чтобы попасть в Бухару, нужно было пройти строгий отбор и получить рекомендацию КГБ. Без этой рекомендации или согласования с органами человек не мог обучаться. То есть определенный фильтр присутствовал изначально, но и потом, уже в процессе обучения, со студентами этого единственного в СССР медресе велась, так скажем, профилактическая работа. Их приучали рассказывать о товарищах, и так далее. Так что взаимоконтроль начинался уже со студенческой скамьи. Кто преуспевал в этом, у того и карьера шла в гору.

Вот смотрите: до революции в стране было 14 тысяч мечетей. К 70м годам осталось 70. Разрушению некоторых способствовали сами имамы, а за это им предоставлялись льготы. Государственная машина работала на "уничтожение опиума для народа".

Я помню, как мне старики в мечети рассказывали в конце 70х – плакали, смотрели на меня и говорили: "вот мы умрем, и последнюю московскую мечеть закроют".

– Но, однако, их пессимистические прогнозы, к счастью, не сбылись. И что было дальше – после того, как вы слетали в Ташкент?

337

– В 1982 году ко мне прилетели из Душанбе два представителя их движения Абдульмалик и Халид. Я познакомил их со своим кругом, началось взаимодействие, обмен опытом. У них опыт был, конечно, гораздо более серьезный –их учителя были профессиональными арабистами, знавшие грамматику арабского языка намного лучше, чем выпускники МГИМО и других государственных вузов СССР.

– Как развивался этот культурнообразовательный обмен?

– Основателем этой системы в Таджикистане был известный исламский деятель устад Абдулла Нури. На летние каникулы я и сам ездил в Таджикистан и Узбекистан знакомился с новыми людьми, изучающими ислам, наблюдал за тем, как ведется образование в этой сфере, и посылал туда группы молодых людей. Они там обучались, отдыхали.

Так что наши культурнообразовательные связи и обмен опытом расширялись – мы ездили в Среднюю Азию,онаприезжалик нам, дабыизучитьопытмусульманевропейскойчастистраны. Все это было очень познавательно и интересно. Мы многому у них научились – но и они у нас.

Таким же образом мы установили контакты с Кавказом – с Дагестаном и с Чечней. Но Чечня тогда была очень слаба в плане исламского образования, там было мало обучающихся. Потом мы организовали такой "треугольник"  Дагестан – Средняя Азия – Центральная часть России. И в центре этого треугольника оказалась Астрахань.

– Что стало предпосылкой к созданию ИПВ СССР?

338

– В1989 году, когда началась перестройка, многие стали регистрировать свои партии среди которых был и Жириновский, а мы подумали  почему бы нам не зарегистрировать свою? Мусульман в стране много, должен же ктото отстаивать их интересы.

Провели переговоры с мусульманами на Северном Кавказе, в республиках Средней Азии, в Центральной части России, и приняли решение созвать учредительный съезд Исламской партии возрождения Советского Союза.

Мы долго думали, где собраться, и решили сделать это в центре СССР  в Астрахани.

– Какую роль сыграли таджики в организации астраханской конференции?

– Неформальная таджикская структура советских мусульман была наиболее организованной. У них был лидер, самый образованный в области исламских наук человек, арабист, профессионально знавший грамматику, хадисовед и кораневед.

Узбекская структура была более многочисленной в количественном отношении, но она не была единой. А у таджиков была единая структура по всему Таджикистану, подчиненная единому центру. И когда организовывалась всесоюзная структура, они смогли сыграть ключевую роль в ее организации. На учредительном съезде они представляли большинство по количеству делегатов, принимали активнейшее участие в оргвопросах.

Показательно, что после распада СССР, в 1992 году исламская партия также распалась. Реально она сохранилась только в Таджикистане.

– Что вы пожелаете своим братьям в Таджикистане накануне юбилея?

339

– 20 апреля таджикские братья будут отмечать 40летие. Это был долгий, тернистый путь. Некоторым лидерам в 80х пришлось пройти за "нелегальную исламскую деятельность" через советские тюрьмы – в частности, первому лидеру Абдулле Нури и многим его соратникам.

Потом была многолетняя гражданская война, подогреваемая различными международными политическими силами и завершившаяся подписанием мирного договора при участии России. Так что таджикское движение прошло очень серьезные испытания и имеет свою легендарную историю.

Хотел бы отметить очень важную роль таджикских мусульман в просветительской деятельности как в самом Таджикистане, так и на постсоветском пространстве. И сегодня они продолжают вести просветительскую деятельность в различных регионах России.

Меня связывают с таджикскими братьями самые теплые, дружеские, братские воспоминания. Они многого добились. ПИВТ – единственная исламская партия на постсоветском пространстве, ее члены уже на протяжении многих лет представлены в республиканском парламенте, и это весьма показательно.

Мне остается только пожелать ПИВТ дальнейших успехов, чтобы партия и дальше могла играть весомую роль в жизни общества, работать на благо и процветание своего народа.

Мусоҳиб: Б. Қаюмзод

340

Мусоҳиба бо узви Раёсати Олии ҲНИТ

Шамсиддини Сайид

«Ихтилофи назарҳо ва ошкорбаёниҳо беҳтарин вижагиҳои ҳизби мост ва он на нуқтаи заъф, балки нуқтаи қуввати мост».

Шамсиддин Саидов 6 июни соли 1965 дар ҷамоати Заргари ноҳияи Бохтар дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1982 мактаби миёнаи №9ро хатм намуда, солҳои 19831985 дар сафи Артиши Шуравӣ адои хидмат намуд. Маълумоти ибтидоии диниро дар назди имоми маҳалла марҳум мулло Умар аз бар менамояд. Соли 1986 баъди боздошти устод Нурӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа ҳамроҳ бо садҳо нафар дар нахустин гирдиҳамоӣ иштирок мекунад ва ба сабаби ширкат дар тазоҳуроти зиддидавлатӣ ба муддати се сол аз озодӣ маҳрум шуда, дар зиндонҳои Сибирё зиндонӣ ва соли 1989 ба озодӣ мебарояд. Шамсиддин вакили Анҷумани ҲНИ ИШ ва меҳмони конфронси ҲНИ ИШ дар ӯзбекистон мебошад. Соли 1992 ба Афғонистон ҳиҷрат намуда, баъди бозгашт дар тамоми муддати фаъолияти КОМ дар ин ниҳоди сулҳ кор мекунад.

Бо шуруъи дубораи фаъолияти расмии ҲНИТ аз соли 1999 дар ҳама Анҷуманҳо узви РО интихоб мешавад.

Эшон Хатмкардаи донишгоҳи ДДТ аст.

Оиладор ва соҳиби 7 фарзанд мебошад.

341

– Қаблан шумо ва дигар ҳамватанони худро, ки имрӯзҳо дар муҳоҷиратанд, ба муносибати 40 солагии Наҳзати Исломӣ табрик менамоем!

– Бешак 40солагии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон, моро водор мекунад то ёде аз шаҳидону ҷонбозони ин роҳ ва ба хусус устод Нурӣ намоем. Воқеан, Устод шахсияти нодир ва нотакрор аст, ки дар он замон бо чӣ ирода ва бо чӣ ҷуръат ва бо чӣ дурандешӣ фаъолиятро шуруъ намуданд. Аз ин фурсат истифода бурда, ҳам шумо ва ҳам дигар аъзои ҳизбро ва тарафдорони онро ва ҳамчунин хонаводаҳои онҳоро ба ин муносибат табрик мегӯям ва аз Худованди мутаъол тавфиқи то ба охир сарбаландона рафтан дар ин роҳро орзумандам.

– Шумо яке аз иштирокчиёни нахустин гирдиҳамоии мардуми мусалмон ва ҷавонтарин маҳбуси сиёсии даврони Шуравӣ мебошед, метавонед тафсилоти он воқеаро шарҳ диҳед?

– Мо дар манзили марҳум эшони Абулҳусейн ҳамроҳ бо худи эшон, акаи Холмаҳмад, эшони Раҳматхӯҷа, бародар Худойназар ва чанде аз дигар дӯстон дар сари дастархон нишаста будем, ки аз берун садо баланд шуд. Эшони Абулҳусейн ба берун рафт ва баъди чанд дақиқа омада, сари дастархон нишаст ва дигар даст ба таъом набурд ва ин ҷумла аз забонашон берун омад: «Ин бадбахтҳо аз ҳад гузаронданд». Акаи Холмуҳаммад пурсид, ки чӣ шудааст? Ҷавоб дод, ки ҳазрати домуллоро дуздиданд. Ин хабар ҳамаи моро даступохӯрда кард. Эшони Абулҳусейн дастҳояшро пок карду гуфт, «Бархезед, ки дигар вақти ором нишастан нест, бояд ба назди бародарҳо рафта тасмиме бигирем». Мо чанд

нафар ба мошини эшони Абулҳусейн нишаста, ба шаҳри Қӯрғонтеппа рафтем. Дар назди заводи консерваба

342

рории шаҳр мошини яке аз бародаронро шинохта, таваққуф намудем. Қорӣ Муҳаммадҷони шаҳид аз мошин баромада ба назди мо омад ва гуфт, ки шумо дигар дар ҷараёнед, ки Устодро дар роҳ дуздиданд. Ҳоло аз қафои ҳамаи мо мегарданд ва бояд мошинҳои худро дигар кунем. Ҳоло рафта дар ягон хона мунтазир бимонед, мо дар мавриди чӣ тасмим гирифтан машварат хоҳем кард. Эшони Абулҳусейн гуфт: «Ҳазрати Қорӣ, ҳоло вақти нангу номус аст. Ё мо коре мекунем, ки дар таърих ҳамчун инсонҳои мусалмону мубориз мемонем ва ё ҳамчун тарсу дар таърих маҳв мешавем. Мо бояд бо садои баланд наъра занем, ки магар зулм аз ин ҳам бештар мешавад? Набояд шахсияте ба монанди Домуллоро аз даст бидиҳем, мо наход ин қадар бадбахт бошем. Бояд садо баланд кунем, ки дигар вақти таҳаммул нест». Қорӣ Муҳаммадҷон моро ба сабру оромӣ даъват кард ва хоҳиш намуд, ки мунтазир бошем, то бародарон тасмим бигиранд. Қорӣ зимни насиҳатҳои худ ба мо гуфт, ки воқеан шумо ба монанди ҳазрати Умар ҷуръату шаҳомат доред, вале мутмаин бошед, мо коре хоҳем кард ва шумо мунтазири дастур бошед. Мо ба хонаи эшони Абулҳусейн баргаштем ва таҳорат карда намоз хондем ва дуъо кардем. Баъди намози шом дастур шуд, ки дар совхози Туркманистон ҷамъ шавем. Ман ҳамроҳи акаи Холмуҳаммад ва падари марҳумам ва чанде аз бародарон ба он ҷо рафтем. Дар он ҷо маълум гардид, ки бародарон тасмим гирифтаанд, то ба назди ниҳодҳои давлатӣ рафта, расман эътироз намоянд. Воқеъан солҳои ҳаштод, замоне, ки Ҳукумати Шуравӣ побарҷо ва хело қудратманд буд, на ҳама кас ҷуръати мухолифат бо онро дошт. Аммо бародарони наҳзатӣ на танҳо бо сухан, балки амалан ин эътирози худро нишон доданд. Вақте ба назди бинои

343

Кумитаи вилоятии ҳизби коммунист омадем, мардум он қадар зиёд набуданд, вале дере нагузашта мардуми зиёд омад. Кормандони Кумитаи бехатарӣ ва умури дохила роҳҳоро бастанд, то мардуми аз дигар манотиқ оянда бо гирдиҳамомадагон напайванданд. Бо вуҷуди ин, теъдоди мардум то рафт бештар мешуд ва бародарони гирду атроф бо зану фарзандонашон ба ҳар васила худро ба он ҷо расониданд. Кормандони бехатарӣ ва умури дохила ҷуръати ба назди мо омадан намекарданд. Онҳо ба назди мо намоянда фиристоданд, то сабаби ҷамъ шудани моро бифаҳманд. Бародарон гуфтанд, ки мо ин ҷо барои озод кардани Домуллои калон омадаем ва миёнаравҳо тарзе рафтор мекарданд, ки гӯё аз чизе хабар надоранд. Додситони вилояти Хатлон Абдусаломов ба назди мо омада ҳатто қасам хӯрд, ки аслан чунин ҳодиса нашудааст ва касе Домуллоро дастгир накардааст ва агар ин ҳодиса мешуд, ман аввалин шуда хабар меёфтам ва шояд Домулло ба меҳмонӣ рафта бошад. Аммо мо шоҳид доштем, ки устодро дастгир кардаанд, бинобар ин, пароканда нашудем. Талаби қатъии мо озод намудани Устод буд ва воқеъан ин кори мо барои онҳо як амали хело ҳам боварнакарданӣ буд. Сипас ба таҳдид шурӯъ намуда, гуфтанд, медонед ин кори шумо хилофи қонун аст ва шумо дар муқобили

Ҳукумати Шуравӣ даст боло мекунед. Оё медонед, ки натиҷаи кори шумо чӣ мешавад? Ҳама пиру ҷавон бо як овоз мегуфтанд, мо барои Домуллои азизамон, агар ҷони худро диҳем, ҳоло ҳам чизе накардаем. Шаб шуд ва мардум бисёртар шуданд, ҳамчунон то субҳ он ҷо монданд ва намозро ҳам дар ҳамон ҷо хондем. Субҳ баъзе заду хӯрдҳо сурат гирифт ва кормандони милиса мехостанд бо зӯрӣ мардумро пароканда кунанд. Яке аз кормандони ми



лиса писари калонии устод Муҳаммадҷонро канор зад ва нисбати эшон хело беэҳтиромона ва бо таҳқир рафтор намуд. Мо ҳуҷум карда, Муҳаммадҷонро аз дасти онҳо гирифтем ва кормандони милиса чун ин ҳолатро диданд, гуфтанд, «бубахшед, ки моро фармон доданд ва намедонем чӣ кор кунем». Вазъият то рафт ҳассостар мешуд ва мардум садои «озодии Устод» ва «Аллоҳу Акбар»ро баланд карданд. Дар ниҳояти кор онҳо иқрор намуданд, ки Домуллоро дастгир кардаанд ва қаблан ҳам ба эшон даъватнома фиристода буданд. Мардум гуфтанд, дигар мо ба шумо бовар надорем ва шояд Домуллоро кушта бошед, мо мехоҳем ӯро бубинем. Чун мардум дар ин талаби худ қотеъона истодагӣ намуданд, мақомот талаб намуд, то мо гурӯҳеро ҷудо намоем ва онҳо ба дидани Домулло бираванд.

Воқеъан ин аввалин тазоҳуроти эътирозии мардум дар муқобили ҳизби коммунист буд, ки соли 1986 дар шаҳри Қӯрғонтеппа сурат гирифт ва бояд мардуми тоҷик ин санаро ҷашн бигирад. То он дам дар Шуравӣ чунин тазоҳурот ба ин шакл сурат нагирифта буд. Баъди ин ҳодиса ҳамон сол дар ҷумҳурии Қазоқистон бинобар сабаби иваз намудани роҳбари аввали ҷумҳурӣ ба шахси рустабор тазоҳуроти дигаре дар шаҳри Алмаато сурат гирифт, ки он дуюм маҳсуб мешуд. Дар зиндон кормандони амниятӣ дар суҳбат бо ман гуфт: «Шумо аввалин шуда, обрӯ ва эҳтироми ҳизби коммунистро паст кардед ва бояд ҷавоб бидиҳед». Онҳо ҳаргиз таваққуъ надоштанд, дар давлате, ки низомаш бединист мардуми он барои дифоъ аз руҳоният тазоҳурот мекунанд ва мусалмонон даст ба амали сиёсӣ мезананд.

– Чаро Устодро рабуданд ва наҳзатиҳо чӣ гуна аз ин ҳодиса огоҳ шуданд?



– Устод Нурӣ дар он айём дар МБТИи вилоят кор мекард ва эшон зери назорати шадид қарор дошт. Он кас инро эҳсос мекард ва тахмин мерафт, ки нақша доранд ӯро ҳабс кунанд. Ҳамеша як ё ду нафар аз бародарон Устодро ҳамроҳӣ менамуданд. Роҳбари он корхона Устодро рухсат дода, ба Ёвон мефиристад. Чунончи худи Устод нақл мекунад, он бригадир он касро сахт эҳтиром менамуд ва ҳамеша чун ӯро ба ҷое мефиристод, бо самимият худоҳофизӣ мекард, вале ин дафъа ҳатто ба чеҳраи Устод нигоҳ накард. Устод эҳсос намуд, ки бригадир чизеро медонад, вале наметавонад ба ӯ ошкор созад. Дар ин сафар Устодро аз совхози Туркманистон бародари шаҳид Абдуғаффор ҳамроҳӣ намуд. Дар масири Ёвон мошини онҳоро нозирони роҳ манъ мекунанд ва чанд шахси бегона домуллоро аз мошин фуроварда бо худ мебаранд. Ин хабарро шоҳиди ҳодиса ба

масъулини Наҳзат ва хонаводаи Устод расонд. Ба андешаи ман онҳо нияти шум доштанд ва илло дар он замон даъватнома фиристодан мушкил набуд. Дар он замон агар даъватнома фиристода мешуд, шаҳрвандон дар мавъиди муқарраршуда ҳатман худро мерасонданд. Дуздида шудани Устод ва як шабонарӯз инкор кардани онҳо худ далолат бар он мекунад, ки агар мардум қиём намекарданд, шояд устод Нуриро дигар касе намедид. Имрӯз муборизони мисли устод Нуриро дар кишварҳои озодихоҳ қаҳрамонҳои миллӣ эълон мекунанд, вале мутаассифона, дар кишвари мо то имрӯз ҳукумат ҳатто намехоҳад аз эшон ёд кунад.

– Муддате дар шуъбаи равобити Наҳзат кору фаъолият доштед, ба андешаи шумо Наҳзат дар сиёсати хориҷии худ то кадом андоза муваффақ аст?



– Соли 1989 аз зиндон озод шуда ба ватан баргаштам ва метавон гуфт, аз ҳамон рӯзҳо дар риштаи равобити Наҳзат кор мекунам. Ба ростӣ, аз ҳамон рӯзҳо бо устод С.А. Нурӣ дар хусуси тақвият додани робитаҳо чун суҳбатҳо мерафт, эшон таваҷҷуҳе ба банда мекард ва баъзе масъулиятҳоро дар ин самт ба дӯши банда мегузошт. Банда дар ин шуъба то охири ҳаёти Устод боқӣ мондам.

Наҳзат дар сиёсати хориҷии худ муваффақ аст ва имрӯз онро ҳамчун ҳизби муътадил, боандеша, мардумӣ ва пурқувват мешиносанд. Баъди ҳодисаҳои 11 сентиябр бадхоҳони Наҳзат талош намуданд, то ҳизбро дар рӯйхати сиёҳи террористӣ ворид намоянд. Аммо сиёсати дуруст ва дипломатияи Наҳзат, тавонист сулҳхоҳӣ ва муътадилии онро ба исбот бирасонад ва аз рӯйхати сиёҳ онро берун барад. Муваффақияти дигари бахши равобити Наҳзат дар он аст, ки тавонист ҲНИТро дар хориҷ муаррифӣ кунад ва боиси ифтихори мост, ки дар доираҳои илмии Аврупо Наҳзати моро ҳамчун намунаи исломи муътадил меомӯзанд. Барои тақвияти ин самт бояд Наҳзат барномаҳои стратегӣ омода намояд ва кадрҳои ҷавонро омӯзиш диҳад.

– Шумо ба хориҷ сафарҳои зиёд анҷом медиҳед ва дар ҳар сафар бо садҳо шаҳрвандони муҳоҷир вомехӯред, ба фикри Шумо, онҳо то кадом андоза бо Наҳзат ошноӣ доранд ва муносибаташон ба ин ҳизб дар кадом сатҳ аст?

– Ростӣ, дар сафарҳои худ ман на танҳо бо шаҳрвандони кишвари худ, балки бо дигар ақвому миллатҳои гуногун вохӯриҳо ва суҳбатҳо менамоям. Ман бо боварии комил метавонам бигӯям, ки Наҳзат ҳатто барои ғайри тоҷикон ҳам ношинос нест. Дуруст аст, ки шинохти онҳо мутафовит аст. Барои мисол, гурӯҳе аз



равшанфикрон ва соҳибони мутолиъа Наҳзатро хуб мешиносанд, вале гурӯҳе танҳо номи онро шунидаанду халос. Аммо агар ба солҳои баъди фурӯпошии Шуравӣ муқоиса кунем, мебинем, ки ҳоло Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро дар доираҳои сиёсии кишварҳо хуб мешиносанд. Аммо дар миёни мардуми муҳоҷири худамон, сол то сол суҳбат дар хусуси Наҳзат як мавзӯи ҳамешагии маҷлису нишастҳои онҳо гаштааст. Дар баробари ин

бояд таъкид кунем, ки Наҳзат бо вуҷуди доштани рӯзномаву маҷалла ва сомонаи хеш, ҳоло ҳам натавонистааст бурду бохти худро муаррифӣ намояд. Дуруст аст, ки ҳангоми вохӯрӣ ва суҳбатҳо бо муҳоҷирин саволҳои зиёде ба мо медиҳанд ва оиди барномаҳои он мепурсанд ва посух ҳам мегиранд. Бори дигар таъкид мекунам, ки Наҳзат бояд барои таблиғ барномаи ҷиддӣ ва мушаххасеро рӯи даст гирад.

– Ба ақидаи бархе таҳлилгарон дар Наҳзат ихтилофи назарҳо ва андешаҳо миёни усулгароҳо ва ислоҳталабон вуҷуд дорад, ба андешаи Шумо то чӣ андоза ин фикр воқеъият дорад?

– Мутаассифона, бархе аз таҳлилгарон дар замони ҳаёти Устод ҳам чунин гумонҳои беасос доштанд. Назари ман ин аст, ки озодии фикру баён ва мустақилият дар андешароние, ки дар Наҳзат ҳаст, барои дигарон ва ба хусус доираҳои ҳукуматӣ хело тааҷҷубовар аст. Зеро онҳо чунин фарҳангро надоранд ва одат кардаанд, ҳамеша даст пеши бар суханони роҳбарони худро, агарчи нодуруст ҳам бошанд, хоҳу ноҳоҳ бипазиранд. Чунин инсонҳо агар дар маҷлисҳои мо бинишинанд ва суҳбатҳо ва баҳсҳои моро бишнаванд, гумон мекунанд, ки ҳатман инҳо як ихтилофҳои дохилӣ доранд. Онҳо мебинанд, ки як корманди оддӣ раиси худро ошкоро мегӯяд, ин кор ба



андешаи ман иштибоҳ аст ва бахри ислоҳи он бояд чунину чунон кард, дар ҳайрат мемонанд. Таҳлилҳое, ки гӯё дар Наҳзат ихтилофи шадид ҳаст, аз диди нодурусти онҳост. Ихтилофи назарҳо ва ошкорбаёниҳо беҳтарин вижагиҳои ҳизби мост ва он на нуқтаи заъф, балки нуқтаи қуввати мост. Аз тарафи дигар баъзе таҳлилгарон ин ҳақиқатро хуб дарк кардаанд, вале ҳадаф бадном намудани Наҳзат аст.

– Ба Русия низ сафарҳо ва бо собиқ наҳзатиҳои он ҷо вохӯриҳо доштед, гуфта метавонед, ки фаъолони собиқ наҳзатӣ имрӯзҳо ба чӣ корҳо машғуланд, оё дар фикри таъсиси созмон ё ҷамъияте ҳастанд?

– Аз суҳбатҳо бо собиқ наҳзатиҳо бармеояд, ки аксарияти онҳо эҳсоси масъулият доранд ва бо ҳар васоил таблиғ мекунанд ва мардумро тарбия мекунанд ва инро вазифаи ҳамешагии худ медонанд. Албатта, имрӯзҳо онҳо фаъолияти инфиродӣ мекунанд. Яке ҷамъиятеро роҳбар аст ва дигаре ташкилоти ғайри давлатӣ дорад, сеюмӣ дар масҷиде имом аст. Онҳо бо ҳам муносибати хуб доранд ва дар баъзе масоил бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд.

– Ба андешаи Шумо кадом тасмими ҲНИТ иштибоҳ буд?

– Аз нуқта назари банда ҳар тасмими ҷиддие, ки Наҳзат мегирад, қаблан дар Шӯрои Сиёсӣ, сипас дар Раёсати Олии ҲНИТ баҳсу баррасӣ мешавад. Ман ёд надорам, ки ягон қарори мо бе баҳсу баррасӣ қабул шуда бошад. Лизо ман тамоми тасмимоти Наҳзатро дуруст ва бамавқеъ меҳисобам. Аммо имкон дорад, ки дар баъзе аз тасмимоти афрод, ки бидуни машварат гирифта бошад, иштибоҳ роҳ ёбад.

– Дар охир кадом гуфтании дигаре доред?

349

– Умед дорем, ки дар ҲНИТ чӣ ҷавонон ва чӣ бузургсолон ҳама ба қадри ин неъмати гаронбаҳо бирасанд. Ин далели қудрату тавоноӣ ва заковати мо тоҷикон аст, ки баъди азҳампошии Шуравӣ, бар хилофи дигар миллатҳо тавонистем Наҳзатро ҳифз кунем. Имрӯз Наҳзат ҳамчун як амонате бар дӯши мост, дигар миллатҳои собиқ Шуравӣ ба мо ҳасад мебаранд. Ман борҳо бо наҳзатиҳои собиқ Шуравӣ вохӯрдаам. Аз суҳбат чун мефаҳманд, ки ман аз Наҳзатам ашк аз чашмонашон ҷорӣ мешавад ва мегӯянд: кош мардуми мо низ чунин неъмати гаронбаҳое медоштанд. Боре бо яке аз дӯстонам дар шаҳри Маскав вохӯрдам ва чун аз аҳволи эшон пурсон шудам, ба ман гуфт, мо чӣ ҳоле дошта бошем, муҳим нест. Муҳим ин аст, ки шумо ҳоли хуб дошта бошед ва бо ваҳдату якпорчагӣ ин амонатро нигоҳ доред.

Бинобар ин, моро лозим аст, ҳама бародарону хоҳарон даври ин мактаб ҳалқа занем ва ба ёрии Худованд ва кӯмаку дастгирии якдигар ин роҳеро, ки садҳо нафар дар масири он шаҳид шудаанд сарбаландона ба пеш бибарем. Ваҳдату ҳамдилии мо рӯҳи шуҳадоро аз мо шод мегардонад. Бори дигар ҳамаи шуморо ба ин санаи фархунда табрик мегӯям ва ба тамоми бародарон муваффақият ва сарбаландиро орзумандам.

Мусоҳиб: М.Орзу

350

Мусоҳиба бо узви Шӯрои сиёсии ҲНИТ Давлат Назар

Назаров Давлат Назарович 20 апрели соли 1967 дар ноҳияи Панҷ дар оилаи мутахассиси соҳаи кишоварзӣ (агроном) ба дунё омадааст.

Таҳсилоти мактабии худро дар мактаби рақами 34–и зодгоҳаш соли 1982 ба итмом расонидааст.

Таҳсилоти исломии худро дар назди донишмандони бузурги исломии Тоҷикистон ба монанди эшони Сайидҷалол (раҳ), эшони Абдусаттори Вахшӣ (раҳ), эшони Аҳмадхоҷа (раҳ), домулло Сайидраҳмони Қурғанӣ (раҳ) ва домулло Сайидраҳмони Душанбегӣ (раҳ) такмил додааст. Ё яке аз донишмандони ҷавон дар соҳаи фиқҳи исломӣ, улуми Қуръони карим, улуми ҳадис, мантиқ, маъонӣ, адабиёти форсӣ ва грамматикаи забони арабӣ мебошад.

Фаъолияти меҳнатии худро дар соли 1986 дар иттиҳодияи истеҳсолии «Помир» оғоз карда, дар корхонаи мазкур то соли 1992 фаъолият кардааст.

Охирҳои соли 1992 бо сабабҳои маълум ба Давлати Исломии Афғонистон ҳиҷрат кардааст ва дар онҷо дар бахши таълиму тарбия ва муҳофизати муҳоҷирини тоҷик адои вазифа намудааст.

Соли 1996 бо дастури роҳбари ИНОТСайид Абдуллоҳи Нурӣ барои пиёда кардани истиқрори сулҳ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргашта дар ин ҷода саҳми худро гузошта аст.



Дар солҳои 19982000 ба сифати мудири шуъбаи умумӣ ва раиси дастгоҳи КОМ фаъолият намудааст. Барои хидматҳои шоиста дар истиқрори сулҳ бо ифтихорномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мушарраф гаштааст.

Таҳсилоти олии худро дар риштаи ҳуқуқ дар Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ соли 2000 хатм намудааст.

Аз соли 2000ум то инҷониб дар вазифаҳои гуногун дар ҲНИТ фаъолият намуда дар ҳоли ҳозир раиси шуъбаи Иршод ва таблиғ, узви Раёсати Олӣ ва Шӯрои Сиёсии ҲНИТ мебошад.

Оиладор ва соҳиби 6 (шаш) фарзанд мебошад.

– Аввалан шуморо ба муносибати чиҳилумин солгарди ҲНИТ табрик мегӯем.

– Ман изҳори ташаккур менамоям ва дуо мекунам, ки Худованд мову шуморо тавфиқ бидиҳад, то дар хидмати мардуми азизи Тоҷикистон бошем. Баъдан шуморо ба муносибати ин ҳамоиши муҳим, яъне чил соли заҳмат, кӯшиш, талош ва ҳаракат табрик мегӯям. Аллоҳи покро ҳазорон шукр мегӯям ва сипосгузорам, ки моро тавфиқ доду ҳидоят кард, ки ба ин ҳизби илоҳӣ шомил шавем ва вобаста ба имконоту шароит ва тавоне, ки дорем барои рушду пешрафти миллат ва кишварамон талош намоем.

– Муддате дар шуъбаи Иршод ва таблиғи ҲНИТ кору фаъолият доштед, дар мавриди корҳои дар ин замина анҷомдодаатон чанд сухан мегуфтед.

– Дар ҳақиқат ман ҳудуди се сол масъул ва сарпарасти шуъбаи Иршод ва таблиғи ҲНИТ будам. Замоне устод С. А. Нурӣ маро даъват карданд ва фармуданд, ки имрӯз зарурат пайдо шудааст, ки мардум ва махсусан аъзоёни ҳизбро бо фиқҳ ва



ақидаи Имоми Аъзам бештар ошно намоем. Аммо бо роҳи илмӣ ва ба дур аз таассуб, на бо роҳи ҷадалу кашмакашҳои беҳуда ва нодуруст. Ман бо дастури Устоди марҳум ин корро анҷом додам. Устод таъсири дигар фарҳангҳову мазоҳиби исломии ғайри ҳанафиро дар ҷомеа эҳсос намуда буданд, бинобар ин, ба мо дастури махсус доданд, ки фаъолиятҳои мазҳабии худро дар дигар манотиқ ҳам бештар намоем. Дар тӯли се соле, ки раҳбарии шуъбаро ба уҳда доштам, бо Устоди марҳум вақте машваратҳои корӣ анҷом медодем, ҳамеша таъкид мекарданд, ки ҳадафи шуъба тарвиҷи фарҳанги исломӣ ва мазҳаби ҳанафӣ ва баъд таблиғи аҳдоф ва рисолати ҳизб мебошад. Дар ин муддат, албатта, камбудиҳое низ доштем, вале бо вуҷуди камбудиҳо ва мушкилот дар заминаи фарҳангӣ талоши фаровон намудем. Махсусан дар асри суръат ва технология аксарияти гурӯҳҳо ва мазоҳиби бегона дар талошанд, ки ақоиди худро ба мардуми ноогоҳ ба номи

Ислом таҳмил кунанд. Бинобар ин, мо барои ҳифзи мазҳаб ва ақидаи худ семинарҳои илмӣ ва фарҳангии зиёдеро дар аксарияти манотиқи кишварамон баргузор намудем. Аз Кӯлобу Қӯрғонтеппа сар карда, то ноҳияҳои тобеъи марказ ва Суғд барномаҳои илмиеро дар ин замина амалӣ намудем. Семинарҳои илмӣ дар бораи шинохти ақидаи Имом Абуҳанифа, ҳофизшиносӣ, саъдишиносӣ ва ғайра баргузор намудем. Дар минтақаи Бадахшон бошад, ба хотири эҳтиром ба мазҳаб ва ақидаи мардуми маҳал фаъолиятҳои мо маҳдуд ба барномаҳои фарҳангӣ буд.

Ба таври умум метавонам бигӯям, ки дар ин шуъба фаъолияти мо таъсири мусбат дошт. Зеро мавзуъҳои баҳси конфронсу семинарҳое, ки дар он



замон баргузор карда будем, то ҳол бархе аз онҳо идома доранд ва мардуми ин манотиқ бо мо дар тамосанд ва байнамон саволу ҷавобҳо аз тариқи телефон сурат мегирад. Шояд то андозае тавонистем барои шинохт ва тарвиҷи мазҳаб ва фарҳанги ҳанафӣ саҳми худро бигзорем.

– Ба унвони шахси кордида дар ҳамин ришта гуфта метавонед, ки дар ин самт мушкил дар чист? Заъфи уламо, ё дарку фаҳми мардум ба Ислом?

– Баъд аз фурӯпошии Шуравӣ ва истиқлолияти кишварамон, андеша ва афкори мухталифе вориди ҷомеаи мо шуд. Дар замони ҳокимияти Шуравӣ мардуми мо аз хатти форсӣ дур монданд ва огоҳии динии мардум хеле поин рафт. Бинобар ин, вақте гурӯҳҳо ва мазоҳиби мухталиф ба номи Ислом вориди ҷомеаи мо шуданд ва китобҳои мухталиферо низ вориди кишвар намуданд, тавонистанд бархе гурӯҳҳоро таҳти таъсир қарор диҳанд. Гароиш ба таҳририҳо, салафиҳо ва худро пайрави аҳли байт эълон кардани бархе дигар маҳз аз ҳамин ноогоҳӣ ва бехабарӣ аз мазҳаби муътадили ҳанафӣ сарчашма мегирад.

Дар ин марҳила роҳбарияти Ҳизби Наҳзати Исломӣ мушкилотро ба хубӣ дарк кард. Агарчӣ шароит ва имконот дар ин замон хеле маҳдуд буд, бо вуҷуди он устод Нурӣ барои пешгирии ин раванд хеле андеша мекарданд ва ба мо дастур доданд, ки дар заминаи муаррифии мазҳаб ва ақидаи Имом Абуҳанифа тамоми талоши худро ба кор гирем. Бо роҳнамоӣ ва машварати Устоди марҳум семинарҳо ва барномаҳои илмии мо ба таври озод ва кушода баргузор мешуданд, то ки ба саволҳо ва шубҳаҳои афрод тибқи



мазҳаби ҳанафӣ посух бигӯем ва огоҳии мардумро боло бибарем.

Имрӯз ҳам бо тамоми эҳтироме, ки ба дигар мазоҳиби исломӣ дорем, бори дигар таъкид мекунам, ки ҷомеаи моро зарур аст, аз мазҳаби Имоми Аъзам пайравӣ намояд. Зеро мазҳаби муътадил аст ва бо ягон мазҳаби исломӣ бадбинӣ ва душманиро раво намебинад. Ҳамчунин пайравӣ кардан аз як мазҳаб дар кишвар ба амнияту оромӣ ва

суботи ҷомеъа мусоидат мекунад. Вақте дар кишвар амният ва оромиш ҳоким бошад, заминаи рушди иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангиву илмӣ низ фароҳам мешавад.

– Аз нигоҳи Шумо, фаъолияти ҲНИТ дар кадом самт бештар аст, самти динӣ ё сиёсӣ?

– Аз нигоҳи банда, фаъолияти ҲНИТ ҳарду самтро дарбар мегирад. Аммо ба хотири ҳизби динӣ будан ва бархе масоили дигар дар як давра фаъолиятҳои динии Наҳзат бештар буд. Бо мурури замон ва махсусан дар ду соли охир пешрафтҳое дар заминаи сиёсӣ низ ба чашм мерасад. Агарчи дар бархе манотиқ то ҳол фаъолиятҳои динӣ бештаранд, аммо метавон гуфт, дар як ё ду соли баъд бо талоши зиёдтар фаъолияти Наҳзат метавонад дар ҳама ҷо дар ду самт баробар шавад. Аз тарафи дигар, набояд фаромӯш кард, ки дар бархе манотиқ махсусан вилояти Суғд фаъолияти сиёсии Наҳзат назаррастар аст. Ба таври умум метавон гуфт, ки фаъолияти Наҳзат ба таври мантиқӣ ва мутаодил дар ҷараён аст ва бо идомаи ин раванд дар оянда мо шоҳиди беҳтар шудани фаъолият дар ҳарду самт хоҳем шуд.

– Ҳукумат бо ҳар роҳ талош мекунад фаъолияти динии ҲНИТро маҳдуд намояд. Оё ин ба заминаи мардумии ҳизб таъсир мерасонад? Мас



ъалаҳое мисли манъи ҷавонони то 18 сола аз масҷид, масъалаи манъи ҳиҷобу риш оё метавонад ба ҳизб таъсир расонад?

– Табиист, ки бархе ҳукуматҳо барои рақибони сиёсии худашон монеъа эҷод мекунанд. Ин вижагии ҳамаи кишварҳои ғайридемократӣ ё ба ном демократии ҷаҳони севвум аст. ҲНИТ ҳам яке аз фаъолтарин нерӯи сиёсӣ дар ҷомеъаи мо мебошад. Ба ҳамин хотир ҳукумат ба ин ҳизб фишори бештар ворид мекунад. Ин ягон ҷои нигаронӣ надорад, зеро табиати кор ҳамин аст. Аъзоён ва ҷонибдорони Наҳзат набояд аз ин фишорҳо рӯҳафтода шаванд. Фаъолият дар чаҳорчӯбаи қонун ин ҳаққи мусалламу ҳамаи шаҳрвандон аст ва то замоне, ки фаъолият дар ин чорчӯба сурат бигирад, ҷои ҳеҷ нигароние вуҷуд надорад.

Шояд ин масъала дар бархе гурӯҳҳо таъсир дошта бошад, аммо ин роҳи ҳалли масъала нест. Бо фишор овардану маҳдуд кардан мушкилот ҳал намешаванд. Гуфтугӯ ва табодули назар метавонад дидгоҳҳои гӯруҳҳои сиёсии ҷомеаи моро ба ҳам наздик кунад. Ҳизбҳои сиёсӣ даст ба дасти ҳам бидиҳанд, ба нафъи рушду пешрафти кишварамон хоҳад буд. Зеро ҳар чизеро, ки манъ карданд ва маҳдуд намуданд, таваҷҷӯҳи мардум ба он бештар мешавад. Монеъагузорӣ роҳи ҳалли масъала нест. Агар ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамфикрӣ байни ҳизбҳо бештар шавад, ҳам ба нафъи ҷомеъа аст, ҳам ба нафъи ҳукумат.

– Ба андешаи Шумо кадом самти фаъолият дар ҲНИТ заъф ва ниёз баислоҳот дорад?

– Ба назари ман бештари фаъолони ҲНИТ имрӯз дорои маълумоти динӣ ҳастанд ва маълумоти сиёсӣ камтар аст. Агар роҳбарияти ҲНИТ дар оянда тамоми кӯшишҳои худро ба харҷ диҳад, то огоҳии сиёсии

аъзо ва ҷонибдоронашро боло барад хеле хуб мешавад. Ҳамчунин ҲНИТ бояд ба ҷанбаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ диққати кофӣ дошта бошад. Зеро бидуни иқтисод наметавон дар ҷомеа муваффақ шуд. ҲНИТ бояд барои рушди иқтисодии худ ва кишвар барномаҳои мушаххас дошта бошад. Вале ин ҳам дар сурате имконпазир мегардад, ки дар кишвар рақобатҳои солим вуҷуд дошта бошад ва дар парлумон намояндагони аҳзоби мухталиф ҳузур ёбанд.

– Оё дар муқоисаи фаъолияти имрӯзаи ҳизб бо замони устод Нурӣ тағйироти мусбӣ ё манфӣ ба мушоҳада мерасад?

Ҳар шахс дар ҷомеъа таъсир ва ҷойгоҳи хоси худро дорад. Замони Устод ҳам ҳамчун худаш хусусиятҳои хоси худро дошт. Устоди марҳум бо таҷрибаи калони раҳбарӣ ва сиёсии худ барои ҳар як аъзои Наҳзат пуштибони қавӣ буд ва ҳар як аъзо инро эҳсос мекард. Устод Нурӣ хидмати бузургеро барои миллат ва кишвари худ анҷом дод. Ҳатто муносибати Устод бо ҳукумат дар он замон хеле хуб буд. Ҳама медонанд, ки Устод дар он даврон гузаштҳои зиёде кард. Ҳатто баъзеҳо барои гузаштҳояш Устодро интиқод ҳам мекарданд. Аммо ман фикр мекунам, ки тамоми корҳои Устод дар он лаҳза бо ҳикмат ва бар асоси Қуръону суннат будааст. Оромии кишвар ва амнияти мардумро Устод неъматҳои илоҳӣ медонист ва гузаштҳои эшон маҳз барои ҳифзи ҳамин оромӣ буд. Ба ҳамин хотир номи Устод дар таърихи тоҷикон барои ҳамеша сабт хоҳад шуд. Мо пайваста дуъо мекунем, ки Худованд Устодро мавриди раҳмати хеш қарор диҳад ва ҷаннатро маъвояш гардонад.

Яке аз муҳимтарин корҳои устод Нурӣ дар дохили Наҳзат, ин интихоби ҷонишин баъд аз худаш мебо



шад. Ба эътирофи таҳлилгарони дохиливу хориҷӣ Устод дар интихоби ҷонишини хеш низ иштибоҳ накард. Интихоби шахсияти донишманду сиёсатмадор, сабур ва бо тамкин М. Кабирӣ яке аз беҳтарин амалҳое аст, ки Устод анҷом доданд. Интихоби М. Кабирӣ ба унвони як шахси хидматкарда дар Наҳзат ва шогирди мактаби устодони марҳум Нурӣ ва Ҳимматзода як интихоби олӣ буд. Имрӯз мо шоҳидем, ки устод Кабирӣ роҳи устодонро ба таври саҳеҳ ва равшан идома дода истодааст ва аксари хислатҳои устоди марҳум дар М. Кабирӣ ҳам дида мешавад. Махсусан сабр, гузашт, тамкин ва роҳ надодан ба эҳсосот сифатҳое мебошанд, ки М. Кабирӣ аз устоди марҳум ба ирс бурдааст.

Дуруст аст, ки ҷои устодони бузургвор холӣ аст, вале шахсан ман дар ин замина аз бародар Кабирӣ ягон камбудӣ ва заъфро мушоҳида накардаам. Балки шоҳиди онам, ки тамоми талошу кӯшиши худро барои амалӣ намудани ормонҳои устодон ва ҳифзи ин амонат ба харҷ медиҳад ва мебинам, ки муҳимтарин хислатҳо, яъне сабр, истодагарӣ ва хастагинопазириро аз устодон хуб омӯхтааст.

– Шумо узви Шӯрои Сиёсии ҲНИТ мебошед, оё дар ягон қарори Шӯро иштибоҳ роҳ ёфтааст?

– Рости гап, дар ягон қарори Шӯрои сиёсӣ иштибоҳ намебинам, зеро ҳар масъала дар Шӯрои сиёсӣ ба таври васеъ таҳлил ва баррасӣ мешавад. Баъзе қарорҳои Шӯро ҳатто соатҳо мавриди баррасӣ қарор мегирад. Пас чӣ гуна метавонад бо чунин баррасиҳову таҳлилҳои дақиқ Шӯро қарори иштибоҳӣ барорад? Дар тӯли ин чанд сол мушоҳида накардаам, ки дар қарорҳои ШС иштибоҳ рафта бошад.

358

– Чаро вақтҳои охир фаъолияти Шумо дар Наҳзат камтар мушоҳида мешавад?

– Ман фикр намекунам, ки фаъолияти банда вақтҳои охир камтар шуда бошад, баръакс вақтҳои охир бештар ба корҳои илмӣ машғулам ва зиёдтар бо китобу навиштани мавзуъҳои илмӣ сарукор дорам. Барои ҳамин, шояд дигарон эҳсос кунанд, ки фаъолияти ман камтар шудааст.

– Барои пешрафти ҲНИТ чӣ пешниҳодҳо доред?

– Масъулин ва аъзоёни Наҳзат бояд сатҳи дониши худро боло баранд. Ба масоил нигоҳи амиқ кунанд. Сабру истиқомати худро аз даст надиҳанд ва ҳамеша бо ёд ва зикри Парвардигор бошанд, зеро роҳнамо ва мушкилкушои аслӣ ӯст. Орзу дорам, ки сулҳу оромише, ки бо заҳматҳои ҲНИТ бо сарварии Устоди марҳум ва Ҳукумат ба даст омадааст, ҳамеша дар Тоҷикистони мо пойдор бошад. Мушкилоти мардуми мо кам шаванду сабру гузашт дар байни мардуми мо аз ҳама бештар гардад. Орзу дорам, ки ҲНИТ ва кишвари азизамонро пешрафта, сарафроз ва сарбаланд бубинем.

Мусоҳиб:А.Ваҳҳоб

359

Мусоҳиба бо раиси бахши Фарҳанг ва иршоди ҲНИТ дар м. Қӯрғонтеппа

Саидова Хайринисо

«Имрӯз на Наҳзат ва на дигар нерӯе ҳаққи раъйи худро болои афроди ҷомеъа таҳмил карданро надоранд.»

Саидова Хайринисо 17уми марти соли 1969 дар оилаи коргар ва рӯҳонӣ дар деҳаи Пахтаободи ноҳияи Вахш ба дунё омадааст. Ва соли 1986 мактаби миёнаи №38 ноҳияи Вахшро хатм намуд ва улуми диниро дар оғоз назди падараш ва сипас дар назди мулло Муҳаммадкасир, хонум Ҳамробии Одил ва М. Искадарӣ омӯхтааст.

Солҳои 1992 ба Давлати Исломии Афғонистон ҳиҷрат карда, аз соли 1993 ба ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон мепайвандад ва ин боис мегардад, то маълумоти бештари динӣ ва сиёсиро аз худ намояд.

Хайринисо дар ҶИА дар солҳои дар ҳиҷрат ба сар бурдан дар назди радиои «Садои Тоҷикистони озод» дар давраи омӯзишии хабарнигорӣ ширкат намуда, баъди хатми давра бо ин радио ҳамкорӣ мекунад.

Баъди имзои Созишномаи сулҳ, соли 1997 ба зодгоҳаш Хатлонзамин бармегардад. Соли 1999 баъди баргузор шудани Анҷумани таъсисии ҲНИТ дар

360

шуъбаи ҲНИТи вилояти Хатлон масъулияти бахши бонувонро ба ухда гирифта, то соли 2011 дар ин самт фаъолият намудааст.

Соли 2010 дар интихоботи парлумонии кишвар аз тарафи Наҳзат аз ҳавзаи № 27 ноҳияи Бохтар ба ҳайси номзад ба МН МО пешбарӣ шуд.

Солҳои 20012006 дар Донишгоҳи давлатии ба номи Н. Хусрави шаҳри Кӯрғонтеппа дар риштаи забон ва адабиёти точик таҳсил намуда, онро бомуваффақият хатм кард.

Аз соли 2003 то имрӯз узви Раёсати Олии ҲНИТ мебошад ва аз соли 2012 масъулияти раҳбарии бахши Фарҳанг ва иршоди шуъбаи ҲНИТ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлонро ба ухда дорад.

– Хонуми Хайринисо, сароғоз шуморо ба муносибати ин ҷашни бузург, 40солагии таъсиси Наҳзат табрик мегӯем, Шумо ба ин муносибат кадом гуфтание доред?

– Банда аз фурсати муносиб истифода бурда, Шумо ва дар симои Шумо тамоми масъулин ва аъзову ҳаводорони ҳизб ва дар умум тамоми мардуми мусалмони кишварро ба муносибати ҷашни 40 солагии ҲНИТ табрику таҳният гуфта, таманно ва орзӯи ҳамешагии банда ин аст, ки Худованди мутаъол моро дар расидан ба ормонҳову ҳадафҳои Наҳзат, ки ҳама маншаъгирифта аз Қуръону суннат аст, кӯмак намояд.

– Дар айёми ҳодисаҳои солҳои 1992 наздик ба як миллион тоҷик гуреза шуд ва қисмате аз онҳо ба Афғонистон паноҳ бурданд, ки Шумо низ яке аз онҳо будед. Иллати ба Ҳаракати Наҳзати Исломӣ пайвастани шумо чӣ буд?

361

– Ба ростӣ ман мунтазири ин савол набудам. Шумо бо ин савол маро водор намудед, ки он даврони талхро бори дигар ба ёд биёрам ва лаҳазоти мушкилу дардовари зиндагии занону кӯдакони дур аз Ватан афтода дар сафҳаи хотирам бори дигар буруз кунад. Ман дар хонаводаи рӯҳонӣ ба дунё омада ва бузург шудаам ва аҳли хонаводаи мо дар ҳамин ҳаракат буданд. Қабл аз ҳиҷрат, дар замони оромӣ рӯзе ман дар хона чизеро меҷустам, ногоҳ аз дохили сандуқ аксҳои бародаронам ва дигар чизҳоеро пайдо намудам, ки далолат бар узви Наҳзат будани онҳо мекард. Аз бародари бузургам дар бораи онҳо пурсидам, ӯ ба ман гуфт, ки барои ин чизҳоро фаҳмидани ту ҳанӯз вақт нарасидааст. Ман фикр мекардам онҳо аз чизе ҳарос доштанд ва чизеро аз ман пинҳон мекунанд, вале баъди ба Афғонистон рафтан фаҳмидам, ки онҳо узви ҳамин ҳаракат будаанд. Вақте ба

Афғонистон рафтем, нахустин кореро, ки роҳбарияти Наҳзат анҷом дод, ҷамъ намудани мардуми парокандаи тоҷик буд. Зеро гурезаҳо аз се минтақа вориди хоки Афғонистон шуда буданд, Шаҳритус, Қумсангир ва Панҷи Поён. Ҳангоме ки Наҳзат мардумро ҷамъ мекард ва дар миёни онҳо занону кӯдакон хело зиёд буданд, ман наҳзатиҳоро дар ин кор кӯмак намудам ва онҳо даву тоз ва саъю талош ва ҷасорати маро дида, пешниҳод карданд, ки дар муборизаҳо бо эшон бошам. Ман худ омодаи шомили ин ҳаракат шудан будам, ин ҳама боис гардид, то яке аз аъзои он гардам. Ба ғайр аз ман чанд бонуи дигар низ дар ин ҳаракат шомил буданд ва барои муҳоҷирин хидмат менамуданд. Мо беш аз 1000 оиларо сарварӣ менамудем ва дар пайдо кардани хешу ақрабо, бародару падар ва шавҳарашон кӯмак мерасондем, онҳоро номнавис карда,



ҷои буду бошашонро маълум намуда, маълумоти заруриро ҷамъоварӣ мекардем.

Роҳбарияти Наҳзат, ба хусус устод С. А. Нурӣ аз фаъолиятҳои мо бохабар шуданд ва бидуни даъвати касе ва ё ташвиқи касе худро шомили ин ҳаракат дидам. Ҳамчунин хабарнигорон аз ҷониби роҳбарият ба назди муҳоҷирон мерафтанд ва аз аҳволи онҳо хабар гирифта, дилгарм менамуданд ва ман тавассути онҳо ахборро ба роҳбарият мерасондам. Бо бародар Бобоҷони Шафеъ ман дар ҳамон ҷо шинос шудам, ки хабарнигори Наҳзат буд ва ҳамон шабу рӯз дар миёни муҳоҷирон фаъолият мекард. Он вақт, агар хато накунам, дар дафтари марказии Наҳзат котиб Сайидумари Ҳусайнӣ буданд ва ман шахсан чанд маротиб нома ва ҳатто сабти овоз фиристодам ва аз он ҷо ҷавоби нома ба ман расид, хело хурсанд шудам, ки роҳбарият дар фикри мо будааст. Баъд аз он иртиботи ҳамешагӣ барқарор шуд.

– Бонувон дар Ҳаракати Наҳзат кадом корҳоро анҷом медоданд?

– Ба ростӣ, дар Афғонистон бонувони зиёде дар ин ҳаракат фаъолият менамуданд ва ҳар яке масъулияти хосеро ба уҳда дошт. Дар ибтидо тақрибан вазифаи ҳамаи мо ҷамъоварӣ ва рӯйхат намудани муҳоҷирон буд, ки дар ин кор ҳам бародарон ва ҳам хоҳарон фаъолият менамуданд. Сипас бо дастури роҳбарият дар хонаҳо синфхона ташкил карда шуд ва кӯдакон барномаи мактаби миёнаро меомӯхтанд ва мо аз рӯйхати тартибдодаамон муаллимаҳо, табибон, мураббияҳо ва дигар мутахассисонро пайдо менамудем ва ба онҳо вазифа медодем. Баъдтар Наҳзат мактаб, мадраса ва шифохонаҳо сохт, ки бонувон дар он ҷо ба мардуми муҳоҷир хидмат менамуданд. Гурӯ



ҳе аз бонувон дар хаймаҳо мегаштанд ва бо муҳоҷирон суҳбат намуда, аз мушкилоташон пурсон мешуданд. Баъд аз огоҳӣ ёфтан ба ашхоси масъул хабар медоданд, то мушкили онҳоро ҳал намоянд. Аз тамоми фаъолиятҳо ба роҳбарият гузоришҳо менавиштанд. Аз ҷониби роҳбарият эшони Сайидқиёмиддин омада, моро хабар мегирифт ва тавсияҳо медод.

Дере нагузашта Наҳзат ба фаъолиятҳои муназзам шуруъ намуд ва бахшҳои худро таъсис дод. Бонувон дар кумитаҳои иршод, матбуъот ва даъват фаъолият мекарданд. Наҳзат инчунин барои бонувон корхонаҳои дӯзандагӣ бунёд кард, давраҳои омӯзишӣ дар ихтисосҳои гуногун баргузор намуд, барои омода намудани ҳамшираҳои шафқат курсҳои дарозмуддат доир кард ва ба иштирокчиёни ин давраҳо сертификат дода мешуд.

– Баъди бозгашт аз ҳиҷрат муддате масъулияти бахши бонувони ҲНИТро дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон ба уҳда доштед ва дар ин муддат натавонистед аз миёни бонувони минтақа як чеҳраи шинохта тарбия намоед, Шумо камбудиро дар худ мебинед, ё дар Наҳзат?

– Рости гап, агар воқеиятро гӯям Ҳизби Наҳзат барои мо майдонро омода ва тамоми шароитро муҳайё сохтааст, барои кору фаъолияти пурсамар мо бонувонро ҳамеша ташвиқу тарғиб менамояд. Ҳаракати Наҳзат дар ибтидо дар минтақаи Хатлонзамин ба вуҷуд омадааст ва аксари роҳбарияти он аз ҳамин минтақа мебошанд. Мо талоши худро кардем ва шахсан ба ҳамаи 14 ноҳияи минтақа борҳо сафар карда, садҳо вохӯрӣ, нишаст ва семинарҳо баргузор намудаем ва бо аксари бонувони Наҳзат суҳбатҳои рӯ ба рӯ доштам. Ба ростӣ, фарҳанги мардуми ин минтақа



аз дигар манотиқи кишвар фарқ дорад, руҳониҳои мо ба ҳамсарону духтаронашон иҷозаи берун аз маҳалли зисташон фаъолият карданро намедиҳанд. Воқеан онҳо дар маҳалҳои худ хело фаъоланд ва намуна ҳам ҳастанд. Инчунин баъзе оилаҳо намегузоранд бонувон дар кори сиёсӣ фаъолтар бошанд. Мутаассифона, дар ин ҷо фаҳми нодуруст аз Ислом ва диёнат аст ва хело оилаҳо аз маълумоти андаке, ки аз Ислом доранд, сиёсатро чизи нодуруст мепиндоранд ва гоҳо камбудиҳои ҳукуматро дида, мегӯянд, агар сиёсат ва давлатдорӣ ҳамин тавр бошад, пас беҳтар аст ба он худро олуда насозем. Воқеан аламовар аст, ки бонуе мактаби миёнаро бо баҳои хубу аъло хатм мекунад ва ба донишгоҳ дохил мешавад ва баъди ба шавҳар баромадан дигар ҳама фаъолиятҳои ҳизбиро тарк мекунад. Пеш аз солҳои 1990 вақте ман мактаби миёнаро хатм намудам ва хостам ба донишгоҳ дохил шавам, дар хона маро манъ карданд. Вале вақте онҳо шомили Наҳзат шуданд ва аз ҳақиқати Ислом бохабар гаштанд, дигар на танҳо манъ накарданд, балки тарғиб ҳам намуданд. Онҳо маро барои дохил шудан ба Донишгоҳ кӯмак карданд.

– Муддатест узви Раёсати Олӣ мебошед, ба андешаи Шумо ҳукумати мавриди назари Наҳзат чӣ гуна аст?

– Барои мо шакл ва номи ҳукумат муҳим нест, муҳим моҳият ва табиати он аст. Ҳукумате, ки фикру раъйи мардумро дар чорчӯбаи фикру раъйи худ маҳдуд насозад. Ҳукумате, ки барояш қонун асл бошад, ҳукумате, ки раиси он ошкоро бигӯяд, ман дар фалон масъала иштибоҳ кардам, дар он масъала фикри дигарон дурустар аст. Ҳукумате, ки ба мардум хидмат кунад ва аз он ифтихор намояд, дар он ҳуку

мат роҳбарон аз мансаб ва вазифаи ҳукуматӣ сӯиистифода накунанд, дар мавриди ба тасвиб расондани қонунҳо фикри мардумро ба инобат бигирад, сарватҳо баробар тақсим шаванд, баҳри солимии ҷомеъа талош намояд ва мардум аз он натарсанд, балки онро эҳтиром кунанд.

– Пас, агар Наҳзат ба сари қудрат биёяд, оё андешаҳои худро болои ҷомеа таҳмил намекунад?

– Ман фикр намекунам, ки Наҳзат як чунин тасмим бигирад ва боварӣ дорам, ки мардуми кишвар бовар карда, интихоб намоянд ё не, ҳамеша ба фикру ақидаи дигарон эҳтиром қоил мешавад. Имрӯз на Наҳзат ва на дигар нерӯе ҳаққи раъйи худро болои афроди ҷомеъа таҳмил карданро надоранд. Агар Наҳзат ҷонибдори худкомагӣ мебуд, онро дар дохили худ ҷорӣ менамуд, вале тавре мебинем дар дохили Наҳзат афкор ва андешаҳои гуногун вуҷуд дорад ва на устод Нурӣ дар гузашта ва на устод Кабирӣ имрӯзҳо касеро барои фикр ва андешааш сарзаниш накардаанд.

– Яке аз барномаҳои солҳои охир рӯи даст гирифтаи ҲНИТ худсозӣ буд, Шумо ин барномаро дар минтақа то куҷо амалӣ намудед?

– Худсозӣ ба маънои он аст, ки ҳар узви ҳизб, масъулин ва ғайри масъулин пеш аз он, ки барои ислоҳи камбудиҳои дигарон иқдом саъй кунад, бояд нигоҳе ба худ намояд ва камбудиҳои худашро аввал пайдо, сипас ислоҳ кунад. Агар ниёз ба такмили ихтисос бошад, бояд баҳри такмилаш талош ба харҷ диҳад. Зеро ҳаёт дар ҳаракат аст ва ҳамеша бояд талош намуд, то ҳамқадами замон буд, ба маънои он, ки ба илму дониши худ мағрур нашавем ва ҳамеша аз

366

илму технологияҳои муосир истифода намоем. Аммо гумон мекунам, на ҳама моҳияти ин барномаро дарк кардаанд. Лизо баҳри натиҷагирӣ аз иҷрои ин барнома ҷаласаҳои хос сурат нагирифтааст ва аз мо гузорише дар ин маврид талаб накардаанд. Барнома барномаи хуб ва ҷиддӣ буд, аммо масъулин ба он аҳамияти ҷиддӣ надоданд.

– Дар охир ягон гуфтание доред?

– Шуъбаи ҲНИТ дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар ҷаласаи Раёсати худ соли 2013ро барои шуъба соли «ислоҳот» эълон намуд. Аз ин пас дар ҳар ҷаласа яке аз масъалаҳои муҳим, ин пайдо намудани камбудӣ ва талош баҳри ислоҳи он аст. Мо дар ин сол ҳама гуна ислоҳотро дар шуъба анҷом хоҳем дод. Аз роҳбарияти ҲНИТ ва шуъбаҳои марказӣ хоҳиш дорем, ки аз ин пас фаъолияти назоратиро дар шуъбаи мазкур ва бахшҳои минтақавӣ бештар намоянд.

Мусоҳиб: М.Орзу

367

Мусоҳиба бо узви РО ҲНИТ

Ҳафиза Содиқова

«Касе, ки дар тасмими худ ҷиддӣ бошад, фишорҳо барои ӯ кӯмак мерасонанд»

Содиқова Ҳафиза Абдумуталлибовна 28 сентябри соли 1969 дар шаҳри Хуҷанд дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ соли 1997 дар Хонаи хизмати маишии «Наврӯз» ба ҳайси бофанда ва дӯзанда фаъолият намудааст. Солҳои 19972001 мураббӣомӯзгори боғчамактаби «Офтобак»и ноҳияи Зафаробод буд. ӯ соли 1999 ба Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Хуҷанд дохил шуда, соли 2002 онро бомуваффақият хатм намуд.

Ҳафиза Содиқова дар оилаи мутадайин тарбия ёфта, аз айёми наврасӣ пойбанди муқаррароти исломӣ мебошад. Улуми ибтидоии диниро аз волидон ва бибихотунҳои маҳал омӯхта, сипас бо роҳи худомузӣ донишҳои исломии хешро такмил намуд.

Соли 2001 ба узвияти ҲНИТ пазируфта шуд ва дере нагузашта бонувони наҳзатии шаҳри Хуҷанд ӯро сарвари хеш интихоб намуданд. Аз моҳи июни соли 2003 масъулияти бахши бонувонро дар шуъбаи вилоятии ҲНИТ дар вилояти Суғд ба уҳда



дорад. Дар интихоботҳои солҳои 2005 ва 2010 ба ҳайси номзад ба вакилии Маҷлисҳои шаҳрӣ ва вилоятӣ вориди муборизаҳои сиёсӣ шуд.

Ҳафиза Содиқова ба шаҳру навоҳии вилоят сафарҳои корӣ анҷом дода, дар ташаккули маърифати сиёсӣ ва мазҳабии бонувони Наҳзат ва ҳаводорони он саҳми босазое дорад. Соли 2011 дар Анҷумани нуҳуми ҲНИТ Ҳ. Содиқова узви Раёсати Олии ҳизб интихоб шуд. ӯ оиладор ва соҳиби 6 фарзанд аст.

– Дар ибтидо шуморо дар радифи тамоми ашхосе, ки дар ин ҳизб кору фаъолият мекунанд, ба муносибати чиҳилумин солгарди таъсиси Наҳзат муборакбод менамоем!

– Ташаккур, ман хело хушҳолам, ки ба ин рӯз расидем. Воқеан, Наҳзат дар давоми ин чиҳил сол бисёр заҳматҳо кашид ва пастию баландиҳои зиёдеро пушти сар кард ва имрӯз, сипоси бепоён Худойро, ба камолот расид ва ҷойгоҳи худро дар ҷомеа касб намуд. Акнун ки мо имсол ҷашни чилсолагии онро қайд мекунем ва ин бисёр фурсати муносиб аст, то тамоми аъзову ҷонибдорони ҲНИТро ба ин санаи фархунда аз самими қалб табрик намоям.

– Хонум Ҳафиза, метавонед бигӯед, ки чӣ боис гардид, ки Шумо ба ин ҳизб пайвастед?

– Ошноии ман бо ин ҳизб ҳанӯз аз солҳои 9091 оғоз шуда буд. Дар он солҳо ман ва ҳазорон ҷавони амсоли ман медиданд, ки ин ҳизб чӣ гуна ба муқобили зулму фасод мубориза мебурд ва хостори адолати иҷтимоъӣ буд, дар он замоне, ки баён кардани ҳақиқат ва талаби адолат хело душвор буд. Аз ҳамон рӯзҳо дар қалби ман шавқи пайвастан ба ин гурӯҳ

пайдо шуд, вале ҳодисаҳои нохуши он солҳо боис гашт, ки ман натавонистам ба ҳадафи худ бирасам. Билохира аз аввалҳои соли 2001 расман ба сафи Наҳзат пайвастам ва муддате ҳамчун аъзои қаторӣ фаъолият намудам. Сипас масъулияти бахши бонувонро дар шуъбаи шаҳрии ҳизб дар шаҳри Хуҷанд ба уҳдаи банда гузоштанд ва аз соли 2003 масъули бонувони вилоят таъйин шудам.

– Пас муддати 10 сол мешавад, ки Шумо масъулияти бахши бонувони Наҳзатро дар вилояти Суғд ба уҳда доред, дар ин замон бахши бонувон дар вилоят чӣ пешрафту муваффақиятҳо дорад?

– Ба ростӣ, бахши бонувон то кунун садҳо семинар, мизи гирд, вохӯриҳо ва нишастҳои илмӣ, озмунҳо ва суҳбатҳои илмӣ баргузор намуда, ки садҳо бону аз он истифода намудаанд. Бахш дар тамоми ин чорабиниҳо талош мекард, то сатҳи маърифатнокии сиёсӣ ва ҳуқуқии бонувонро баланд бардорад. Ҳамчунин ба роҳ андохтани давраҳои омӯзиши компютер ва кор бо интернет барои рушди тафаккур ва ҷаҳонбинии онҳо кӯмак расонид. Бисёре аз онҳо имрӯз тавони баррасии масоили сиёсии кишвар ва минтақаро доранд ва соҳиби фикру андеша гаштаанд. Инчунин бахши бонувони вилоят ва навоҳӣ дар раванди ҳосил намудани маърифати исломии занони қисмати шимоли кишвар саҳми чашмрас дорад.

– Оё узви Раёсати Олӣ интихоб шуданатон дар фаъолияти Шумо ягон таъсир гузоштааст?

– Узви РО интихоб шудан ва ширкат дар ҷаласаҳои он маро водор намуд, ки дониши сиёсӣ ва динии хешро такмил диҳам ва масъулиятшиносу амалгаро бошам ва боз ҳам ҷиддитар фаъолият кунам. Аз



тарафи дигар, маълум аст, ки тафаккури динӣсиёсии ҳар узви РО инкишоф меёбад, таҷрибаи зиёд касб мекунад. Инчунин узви РО бо авзоъи бахшҳои гуногуни ҳизб аз наздик ошно мешавад ва ба мурури замон обутоб меёбад.

Бояд қайд кард, ки узвияти панҷ шаш нафар бону дар РО бидуни шак ба манфиати кор аст, зеро бонувон низ мехоҳанд дар ҳалли мушкилот саҳим бошанд ва дар муайян намудани барнома ва хатти машйи Наҳзат ширкат варзанд. Дар ҷаласаҳои РО мо бо роҳбарияти ҳизб рӯ ба рӯ менишинем ва масъалаҳоро матраҳ ва бо ҳам якҷоя ҳал мекунем, ки ин барои як зани мусалмон шараф аст.

– Баъзе таҳлилгарон бар ин ақидаанд, ки бонувон дар ҳизб фаъолияти назаррас надоранд ва аз бонувон чеҳраҳои шинохта дида намешаванд. Оё Шумо ба ин фикр розиед?

– Шояд ин гуфтаҳо панҷ ё шаш сол пеш то андозае дар вилояти мо дуруст меомад, вале имрӯзҳо занон бисёр талош мекунанд ва дар ҷомеа низ ба хубӣ муаррафӣ шудаанд. ҲНИТ тамоми шароитро дар ихтиёри онҳо гузоштааст ва масъулини вилоят низ ба эшон

кӯмак мерасонанд. Ман барои мисол метавонам чанд бонуеро номбар кунам, ки хело фаъоланд ва иншоаллоҳ, дар оянда аз чеҳраҳои шинохта хоҳанд шуд. З. Акбарова аз ноҳияи Ҷ. Расулов, С. Раҳимова аз ноҳияи Ашт, С. Шералиева аз шаҳри Хуҷанд, Н. Абдуллоева ва Н. Камолова аз ноҳияи Исфара, Ф. Фатҳуллоева ва М. Содиқова аз ноҳияи Панҷакент, М. Расулова ва Г. Турдиева ва даҳҳо бонуи дигар, ки дар ҷомеъа бисёр фаъолиятҳои назаррас кардаанд ва аллакай муаррифӣ шудаанд.

371

– Барои ҷалби аъзо ва расонидани аҳдофи ҲНИТ аз кадом васоил истифода менамоед?

– Мо сафарҳои кориро ба бахшҳои ноҳиявӣ ва ташкилотҳои ибтидоӣ бештар ба роҳ мондаем ва талош мекунем дар ҷомеъа бо бонувон вохӯриҳо бештар баргузор намоем ва ҳамчунин чорабиниҳои илмӣ ва фарҳангӣ баргузор менамоем. Дар тамоми ин сафарҳо ва чорабиниҳо мо мардумро бо барнома ва Оинномa ва аҳдофи Наҳзат ошно месозем. Василаи дигар ин зиёрат ва вохӯриҳои фардист бо бонувон, ки аз ин услуб ҳам бонувони мо ба хубӣ истифода мекунанд.

– Мардум аз Шумо чӣ гуна истиқбол мекунанд?

– Мардум ҳама якранг нестанд, бинобар ин, ҳама якнамуд истиқбол намекунанд. Ҳастанд мардумоне, ки зиддият мекунанд ва мегӯянд, дар Ислом ҳизб нест ва ё мегӯянд, зан набояд ба сиёсатҳои Ислом даст бизанад. Вале баъди чанд нишаст мебинем, ки онҳо оҳистаоҳиста аз фикри нодурусти худ бармегарданд ва моро гӯш мекунанд. Онҳо мушоҳида мекунанд, ки масъулини Наҳзат бо равшанфикрӣ ва ҳақиқатгӯии худ аз дигарон фарқ мекунанд. Мебинанд, ки аъзои Наҳзат хаста намешаванд ва аз мардум чизе талаб ва умед надоранд ва танҳо корҳои худро барои миллат ва ватан анҷом медиҳанд ва аҷру мукофотро аз Худо металабанд. Бисёриҳо баъди суҳбат мегӯянд, ки мо дар бораи Наҳзат суханони баде мешунидем ва ҳатто мегуфтанд, ин ҳизби ғайрирасмӣ ва мамнуъ аст. Албатта, баъди суҳбат ва гуфтугуҳо фикру андешаи онҳо тағйир меёбад ва аҳёнан ба ҳизби мо мепайванданд.

372

– Дар муддати фаъолияти худ ба ҳайси масъули бонувон дар вилоят чӣ мушкилот ва фишорҳоеро мувоҷеҳ шудед?

– Агар манзури шумо муддати 12 сол фаъолияти ман бошад, бале мушкилоти зиёде ба сари мо омад. Хусусан соли 2004 фишор хело зиёд буд ва раиси маҳалла ва иддае аз мақомот ба хонаи мо меомаданд ва таҳдид мекарданд, то аз ҳизб хориҷ шавам ва боре ҷарима ҳам карданд. Чунин корҳо дар он вақт хело зиёд мешуд, вале имрӯзҳо ба он андоза нест, аммо вуҷуд дорад. Касе, ки дар тасмими худ ҷиддӣ бошад, фишорҳо барои ӯ кӯмак мерасонад.

– Шумо аз кор дар боғчаи кӯдакон даст кашидед ва ба фаъолияти сиёсӣ даст задед, оё пушаймон нестед?.

– Бале. Ман дар боғча кор мекардам ва ба тарбияи кӯдакон машғул будам. Барои ҳар зан тарбияи кӯдак аз ҳама болотар ва азизтар аст ва он кор барои ман низ хело писанд буд. Аммо фаъолият намудан дар ҳизби сиёсиеро, ки характери динӣ дорад ва аз ҳуқуқи мардуми мусалмон дифоъ мекунад, барои худ дар шароити кунунӣ муҳимтар ҳисобидам.

Ба унвони зан барои Шумо хонанишинӣ ва тарбияи фарзанд муҳимтар аст, ё дар хидмати ҷомеъа будан?

Инҳо ҳарду барои ман мухим аст ва интихоби яке аз онҳо маънои онро надорад, ки дигареро қабул надошта бошем. Вақте ман дар оилаам машғули тарбияи фарзанд мешавам, ин кор низ хидмати ҷомеъа аст. Тарбияи фарзанд ба хотири комил намудани ҷомеъа аст, бинобар ин ман дар ҳарду самт талош мекунам, то муваффақ шавам. Мо набояд ба таври мутлақ баҳо диҳем, зеро на ҳар зане, ки берун аз хо



нааш кору фаъолият мекунад, муваффақ ва на ҳар зане, ки ба умури манзил ва тарбияи фарзандонаш машғул мешавад, ноком аст.

– Оё ягон суолеро мунтазир будед, ки мо онро напурсидем?

– Ман мунтазир будам, шумо дар бораи касоне низ мепурсед, ки дар ин роҳ ҷонфидоиҳо намуданд, то аз талошу заҳматҳои онҳо ёдовар шавем. Мехостам ёде аз собиқ раиси шуъбаи ҲНИТ дар вилояти Суғд бародари шаҳид Шамсиддини Шамсиддин намоям. Зеро маҳз дар замони раисии ҳамин кас ман ба сафи Наҳзат пайвастам. Ин шахсияти бузург тамоми талоши худро дар ин роҳ сарф намуданд ва дар ҳамин роҳ ба шаҳодат расиданд.

– Хотироти фаромӯшношуданӣ аз эшон доред?

– Чизе, ки аслан наметавонам онро фаромӯш кунам он аст, ки дар нахустин рӯзи ба кор омаданам ба ман Қуръони каримро бо тарҷумаи русӣ ва Сарқонуни кишварро ҳадя намуда буданд. Эшон ба ман гуфтанд: Акнун, ки ба фаъолияти сиёсӣ мепардозӣ, ҳамеша дар ёд дошта бош, ки фаъолияти ту бояд дар асоси Қуръони карим ва Сарқонуни кишвар бошад.

– Таманниёт ва орзуи Шумо ба ҲНИТ

– Аз Худованд таманнои онро дорам, ки ин ҳизб манфиати ҷомеаро аз манофеи худ болотар ҳисобида, ҳамеша дар роҳи ризои Худо бахри манофеи миллат ва Ватан талош намояд.

– Ташаккур барои суҳбататон.

– Саломат бошед.

Мусоҳиба: З.Раҳмонӣ

374

Мусоҳиба бо иҷрокунандаи вазифаи раиси шуъбаи ҲНИТ дар Бадахшон

Муслима Броимшоева

«Дар мушкилтарин лаҳазоте, ки мардуми Бадахшон дар он гирифтор омаданд, ҲНИТ ягона ҳизби сиёсии кишвар буд, ки ба кӯмаки онҳо шитофт ва аз манофеи мардуми Бадахшон ҳимоят намуд.»

Броимшоева Муслима Қимматшоевна 25уми феврали соли 1970 дар ноҳияи Роштқалъа (собиқ Шуғнон) таваллуд шудааст. Соли 1987 мактаби миёнаи рақами 12и ба номи Шириншоҳ Шотемури ноҳияи Шуғнонро хатм намуда, дар худи ҳамон сол ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултаи Филология дохил шуда, 1992 онро хатм намуд. Соли 1992 дар мактаби миёнаи рақами 4и ноҳияи Роштқалъа ба ҳайси муаллимаи забони тоҷикӣ , сипас ҷойнишини директор оид ба корҳои таълимӣ кор кардааст. Соли 1994 дар Донишгоҳи давлатии ба номи Моёншо Назаршоеви шаҳри Хоруғ ба ҳайси устоди кафедраи забони тоҷикӣ кору фаъолият кард. Соли 1995 ба аспирантураи пажӯҳишгоҳи улуми инсонии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуд. Соли 2000 дар Донишгоҳи ҶомеатузЗаҳрои ҶИЭ ба муддати як сол ба омӯзиши улуми динӣ машғул шуд. Соли 2006 дар Институти забон ва ада

375

биёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ рисолаи номзадии худро дар мавзӯъи «Боварҳо ва таъбирҳои забонҳои шуғнонӣрушонӣ» ҳимоя намуд. Аз соли 2006 ба симати ходими калони илмии шуъбаи забонҳои помирии Институти гуманитарии ба номи Баҳодур Искандарови АИ ҶТ фаъолият мекунад. Муслима Броимшоева соҳиби чанд мақолаҳои илмӣ ва муаллифи китоби «Таҳлили этнолингвистии боварҳо ва таъбирҳои забонҳои шуғнонӣрӯшонӣ» мебошад. Дар айни ҳол дар мавзӯъи «Этнолингвистии дуо ва фотиҳаҳои мардуми Бадахшон» барои рисолаи докторӣ корҳои таҳқиқотӣ гузаронида истодааст.

Муслима Броимшоева соли 2000 ба узвияти Наҳзат шомил гардид. Феълан узви Раёсати Олии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ва иҷрокунандаи вазифаи раиси шуъбаи ҲНИТ дар ВМБК мебошад.

– Хонум Муслима! Сароғоз шуморо ба муносибати 40умин солгарди ҲНИТ табрик мегӯем. Шумо бо намояндагӣ аз мардуми шарифи Бадахшон ба ин муносибат гуфтание дошта бошед, бифармоед.

– Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон. Ман аз фурсат истифода бурда, аз номи мардуми Бадахшон, роҳбарияти Наҳзати исломӣ, масъулин, аъзо ва тамоми ҷонибдорону муҳиббони ҲНИТро табрик ва таҳният мегӯям. Аз Парвардигори олам барои ҳамаи онҳо бурдборию комёбиҳо орзу менамоям ва барои кишвари азизамон Тоҷикистон рушду пешрафтро таманно дорам.

– Хонум Муслима, сабаби ба сафи ҲНИТ шомил шудани Шумо дар чист?

376

– Вақте ман мушоҳида кардам, ки дар ҷомеаи мо баъзе корҳои зишт ва бадахлоқӣ вуҷуд дорад ва дидам, ки баъзе кормандон ва мақомоти ҳукумат вазифаҳо ва масъулиятҳои худро аз рӯи виҷдон анҷом намедиҳанд ва даст ба порахӯрию фасод мезананд, нахостам, ки дар сафи онҳо бошам, балки бо роҳҳои қонунӣ мухолифати худро изҳор намоям. Ман ҲНИТро чун ҳизби дорои хусусиятҳои беҳтарини динӣ, ахлоқӣ ва сиёсӣ ёфтам ва беҳтарин василаи мухолифат ба ноадолатиҳои ҷомеаро дар пайвастан ба сафи он ҳисобидам. Ман ба Наҳзат пайвастам, зеро ба ақидаи ман, ягона роҳи наҷоти ҷамъият ва халқи тоҷик маҳз дар ҳамин ҳизб аст.

– Қаблан аз чунин як ҳизб огоҳӣ доштед ва ё интихоби ин ҳизб аз ҷониби шумо тасодуфӣ буд?

– Солҳои 1992 вақте ки ман дар Донишгоҳи миллӣ таълим мегирифтам, оиди Наҳзат бисёр шунида будам ва бо Оинномa ва барномаи он ошно будам ва аз мақсаду мароми он хабар доштам. Фаъолияти Наҳзат дар он айём дар миёни донишҷӯён хуб ба роҳ монда шуда буд ва на танҳо ман, балки ҳазорон донишҷӯ аъзо, тарафдор ва ҳаводорони Наҳзат буданд. Ман дар ҳаёти худ ҳамеша чун кореро анҷом доданӣ мешавам, садҳо маротиб болои он фикр мекунам ва имкон надорад, ки шомил шудани ман ба ин ҳизб тасодуфӣ бошад. Чунки ин кори оддӣ ва соддае нест ва ман хуб медонистам, ки шомил шудан ба ин ҳаракат муваққатӣ нест, балки тақдири худро бо он пайваст намудам.

– Ба унвони аввалин бонуе, ки сарпарастӣ ва роҳбарии як шуъбаи минтақавии ҲНИТро ба уҳда доред, метавонед бигӯед, ки оё ин масъулият барои шумо мушкилотеро пеш наёвардааст?

377

– Албатта ҳеҷ кор бе мушкилӣ намешавад ва ҳатто дар оила, ки инсон сарпарастии чанд кӯдакро ба зимма дорад, садҳо мушкилӣ сар мезанад. Инсон агар дар зиндагӣ талош кунад, то кори муҳимеро анҷом диҳад ва ба ҳадаф бирасад, табиист, ки бояд талошу заҳмат бикашад ва ранҷу азобро таҳаммул намояд. Баъди ба шаҳодат расидани бародар Сабзалӣ роҳбарияти ҲНИТ масъулияти роҳбарии шуъбаи бадахшонии ҳизбро эътимод намуда, то баргузории конфронс ба ман супориданд. Ин масъулияти хеле сангин буд ва ман таваққуъ надоштам, вале вақте масъулият ҳизбӣ буд, ман қабул намудам ва ваъда додам, ки тамоми талошамро харҷ хоҳам кард, то дар баланд бардоштани рӯҳия ва маънавиёти аъзо ва ҷонибдорони Наҳзат саҳим бошам. Дар вазъияти феълӣ таҳаммули ин масъулият хело вазнин аст, вале дар минтақа баъди он, ки 4 масъули баландпояи ҳизб дар Бадахшон ваҳшиёна кушта мешавад, мушкилот даҳ баробар бештар ва гаронтар аст. Ман мутмаинам, ки дар анҷоми масъулияти худ тамоми талошамро харҷ хоҳам кард ва аз Худованд талаб мекунам, то дар адои рисолати худ ба ман кӯмак намояд.

– Ҳаводисе, ки ахиран дар Бадахшон рух дод ва куштаҳо низ ба ҷой гузошт. Ба андешаи шумо, оё мешуд ҳукумат қазияи Бадахшонро бо роҳи дигар ҳал мекард?

– Дар Бадахшон Назаров аз тарафи афроди номаълум кушта шуд ва дар ин маврид бояд аз тарафи Вазорати умури дохила ё прокуратура парванда боз мешуд ва дар паи ҷустуҷӯи ҷинояткорон меафтоданд ва парванда ба додгоҳ супорида мешуд. Роҳи ҳалли табиӣ ва асосӣ ҳамин буд, ки мутаассифона ҳукумат дунболи он нагашт, балки лашкари зиёде гирифта як

378

шаҳрро зери тиру тӯп қарор дод, ки дар натиҷа мардуми бегуноҳ зарар диданд ва баъзеҳо кушта шуданд. Дар натиҷаи ин амалиёт занону кӯдакони зиёд ба бемории равонӣ гирифтор шуданд. Ба андешаи ман, истифода аз ин услуб тамоман нодуруст буд ва роҳи дурусти истифода аз ақлу хирад ва мантиқ вуҷуд дошт, ки онро истифода накарданд. Натиҷаи амалиёти нодуруст он шуд, ки эътимоди мардум нисбат ба ҳукумат камтар гардид.

– Пеш аз шумо раисии шуъбаи ҲНИТ дар ВМБК ба уҳдаи бародари шаҳид Сабзалӣ буд, ки ӯро ба шаҳодат расонданд. Шаҳодати ӯ ба аъзои Наҳзат ва умуман мардуми Бадахшон чӣ таъсире ба ҷо монд?

– Ман фикр мекунам, бо ба шаҳодат расонидани Сабзалӣ Мамадризоев ва мавриди тирборон қарор додани қароргоҳи ҲНИТ мехостанд, фаъолияти ин ҳизбро дар Бадахшон қатъ намоянд. Ман гумон мекунам, ин ҳодиса ба мардуми Бадахшон таъсири баръакс расонд. Ин кор боиси он гардид, ки мардуми Бадахшон ва ба хусус ҷавонони зиёд тарафдори ҳизб гардиданд ва феълан мо садҳо аризаи шомил шудан ба ҳизбро дар даст дорем. Ман фикр мекунам, мардум акнун пай бурданд, ки шиори «Имон ба Худо, садоқат ба Ватан ва хидмат ба мардум», ки беҳтарин шиор ва паёми холисонаи Наҳзат аст, воқеият дорад. Дигар мардуми мо Наҳзатро ҳамчун ҳомӣ ва тарафдори воқеии сулҳу оромӣ медонанд ва онро моли худ меҳисобанд. Дар мушкилтарин лаҳазоте, ки мардуми Бадахшон дар он гирифтор омаданд, ҲНИТ ягона ҳизби сиёсии кишвар буд, ки ба кӯмаки онҳо шитофт ва аз манофеи мардуми Бадахшон ҳимоят намуд. Тибқи дастури роҳбарият, мо ҳайатеро ташкил

379

намуда ба тамоми манзилҳои осебдидагон рафта аз ҳоли онҳо хабар гирифтем ва новобаста аз он ки наҳзатӣ ҳастанд ё не, ба онҳо ҳамдардии худро баён намудем. Албатта, мардум инро мебинанд ва ҳис мекунанд. Ман метавонам бо боварии том бигӯям, ки Наҳзат дар Бадахшон аз маҳбубияти вижае бархурдор аст.

– Хонум Муслима! Муносибати Шумо бо мақомоти ҳукуматии вилоят ва ташкилотҳои ҷаъмиятӣ чӣ гуна аст?

– Шуъбаи Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар Бадахшон пайваста талош мекунад, то бо ҳама алоқа ва муносибати хуб дошта бошад. Мо ҳамеша омодаем бо ҳама ҳамкории хуб ба роҳ монем. Дар ҳар чорабиние, ки даъват шавем, ҳатман ширкат мекунем ва ин масъулияти мост. Аммо савол ин ҷост, ки оё онҳо омодаанд бо мо ҳамкорӣ кунанд?

– Ба унвонии масъули Наҳзат дар Бадахшон ва ҳамчун узви Раёсати Олии ҲНИТ бигӯед, ки ҲНИТ дар оянда барои тақвияти фаъолияти худ дар Бадахшон бояд чӣ корҳоеро анҷом диҳад?

– Дар Бадахшон ҲНИТ бояд таблиғотро бештар ба роҳ монад ва мардумро бо маром ва аҳдофи Наҳзат хубтар ошно созад. Вақти он расидааст, ки Наҳзат давраҳо ва курсҳои омӯзиши касбу ҳунар ва забонҳоро бештар ба роҳ монад, инчунин корхонаҳое бунёд намояд ва барои афроди бекор ҷои кор эҷод кунад. Ҳоло мо талош дорем, бахши Наҳзати Исломиро дар ноҳияи Мурғоб таъсис диҳем, зеро то ҳол мо дар ин ноҳия бахш надорем ва тамоми чораҳо дар ин замина андешида шудаанд ва мо аллакай дар ин ноҳия ташкилоти ибтидоӣ дорем. Ман бо муовини раиси ҲНИТ ва сарпарасти минтақаҳо Муҳаммадкарими



Орзу оид ба баргузории баъзе чорабиниҳои мазҳабии мардуми минтақа суҳбат доштам ва дар назар дорем, ки аз ин пас чунин чорабиниҳо ва ба хусус ҷашни «Рӯзи нур» ва «Зодрӯзи Оғохони чор» ва дигар чорабиниҳои мазҳабиро баргузор намоем.

– Имрӯз дар ҲНИТ шаш нафар бону узви Раёсати Олӣ ва як нафар узви Шӯрои Сиёсӣ мебошад. Аз нигоҳи Шумо, барои бештар фаъол гардидани бонувон чӣ корҳоеро бояд анҷом дод?

– Ба фикри ман бонувони ҲНИТ дорои одобу ахлоқи ба худ хосе ҳастанд ва аксари онҳо оиладор ва соҳиби чанд фарзанд мебошанд ва тарбияи фарзандҳо бештар ба дӯши онҳост ва яке аз сабабҳои камфаъолиятии онҳо дар ҳамин аст. Аз тарафи дигар бонувони наҳзатӣ наметавонанд дар корхонаҳои давлатӣ ва дигар муассисаҳои ҳукуматӣ фаъолият намоянд ва ин ҳам таъсири худро дорад. Ба фикри ман, Наҳзат ҳама шароитро барои онҳо омода намудааст ва бояд онҳо худ бештар талош намоянд ва худро дар ҷомеъа матраҳ кунанд. Наҳзат ҳам бояд дар ин самт ба онҳо кӯмак расонад ва барояшон фурсати истисноӣ диҳад ва давраҳои омӯзишӣ доир намуда, онҳоро омӯзиш диҳад. Акнун ки шуъбаи бонувон дубора ба фаъолият шуруъ намуд, ман гумон мекунам, ки яке аз барномаҳои стратегии ин шуъба баланд бардоштани сатҳи маърифатии бонувон ва пайдо намудани чеҳраҳои нав аз ҳисоби онҳо бошад.

Мусоҳиба: З. Раҳмонӣ



Мусоҳиба бо мушовири ҳуқуқии раиси ҲНИТ Зарафо Раҳмонӣ

«Албатта, мо мандатро соҳиб нашудем, вале дили ҳазорон интихобкунандаро ба даст овардем, аммо ҷониби дигар чанд нафарро депутат карду эътимоди мардумро аз даст дод»

Хӯҷаева Зарафо Раҳмоновна 23 феврали соли 1972 дар ноҳияи Қумсангир таваллуд шудааст. Соли 1989 мактаби миёнаи рақами 17 ноҳияи Вахшро хатм намуда, соли 1992 ба сабаби ҷанги шаҳрвандӣ ба шаҳри Турсунзода ва сипас ба шаҳри Душанбе фирорӣ шудааст. Соли 1994 ба Донишгоҳи омӯзгории ба номи Қ.Ҷӯраев дохил шуда, соли 1999 онро бо муваффақият ба итмом расонд.

Соли 2000 ба Ҳизби Наҳзати Исломӣ шомил шуда, то соли 2008 сардабирии маҷаллаи «Найсон»ро ба уҳда дошт. Солҳои 20082010 раисии шуъбаи фарҳанг ва ҳунари ҲНИТ, солҳои 20102011 муовини раиси дастгоҳи ҲНИТ, соли 2011 раиси шуъбаи фарҳанг ва иршод ва аз соли 2012 мушовири раиси ҲНИТ оид ба корҳои ҳуқуқӣ мебошад. Номбурда Узви Райёсати Олӣ ва Шӯрои Сиёсии ҲНИТ буда, дар интихоботи парлумонии ҶТ солҳои 2005 ва 2010 ҳамчун номзад дар ҳавзаи рақами 1 ширкат варзидааст.



Аз соли 2003 узви иттифоқи журналистони Тоҷикистон, соли 2004 узви Академияи «Муколамаи динӣдунявӣ» ва аз соли 2005 узви фаъоли «Клуби мубоҳисавии занон» мебошад. Соли 2005 ба ДМДТ ба факултаи ҳуқуқшиноси шомил шуда онро бо муваффақият хатм намуд. ӯ соли 2005 ташкилоти ҷамъиятии «Нишот»ро таъсис дод ва сарварии онро ба уҳда дорад. Аз соли 2010 узви адвокатураи мустақили шаҳри Душанбе мебошад.

Оиладор ва соҳиби 4 фарзанд мебошад.

– Хонум Зарафо, Шуморо ба муносибати ин ҷашни бузург, 40умин солгарди таъсиси ҲНИТ табрик мегӯем. Агар Шумо ба ин муносибат гуфтание дошта бошед, бифармоед!

Бисмиллоҳи Раҳмони Раҳим. Ташаккур барои табрик намудан, ман ба унвони яке аз бонувони ин ҳизб эҳсоси хурсандӣ ва фараҳмандӣ мекунам, ки тавонистем ба ин рӯзи муборак, яъне чиҳилумин солгарди таъсисёбии ҲНИТ бирасем. ҲНИТ тавонист дар ин муддат ба бисёре аз аҳдоф ва ормонҳои худ бирасад ва иддае аз аҳдофи дигари худро дорад, анҷом медиҳад. Ҷашни 40солагӣ боиси хурсандии натанҳо мо бонувон, балки тамоми аъзо, ҷонибдору ҳаводорон ва нафароне, ки аз ин ҳаракат умеди зиёд доранд, мебошад.

– Хонум Зарафо! Шумо дар Наҳзат собиқаи 13сола доред ва аз сиёсати Наҳзат хуб воқифед. Баъзеҳо чунин интиқод мекунанд, ки Наҳзат ба қишри бонувон камтар аҳамият медиҳад. Ба андешаи Шумо ин интиқодҳо то кадом андоза дуруст аст?

– Тибқи Оинномa ва барномаҳои ҲНИТ ҳама аъзо баробарҳуқуқанд ва дар Наҳзат ҳеҷ имтиёз ва фарқ

гузорӣ миёни мард ва зан вуҷуд надорад. Аммо наҳзат аз замони таъсис то имрӯз ба бонувон таваҷҷуҳи бештар дорад ва садҳо барномаи хосро барои бонувон роҳандозӣ намуда ва баҳри боло бурдани сатҳи дониши онҳо чандин давраҳои омӯзишӣ доир намудааст. Ҳамин ки мебинем имрӯз зиёда аз нисфи аъзоёни ҲНИТро занон ташкил медиҳанд, худ шоҳиди он аст, ки дар Наҳзат ба бонувон диққати бештар дода мешавад. Бале, воқеан аз ҷониби бархеҳо нисбати Наҳзат интиқоду эродҳое гирифта мешаванд ва банда низ чандин маротиба онро шунидаам, ба андешаи ман аксари онҳо асос надоранд. Оинномa ва барномаи ҳизб ба ҳамагон фурсати баробар диҳад, ҳамарӯза сафи аъзои Наҳзат аз ҳисоби бонувон афзоиш ёбад ва барои чеҳра шудани бонувон тамоми имконот фароҳам оварда шавад, оё ин маънои онро надорад, ки Наҳзат ба ин қишр аҳамияти ҷиддӣ медиҳад? Аммо агар манзур дар миёни бонувони Наҳзат кам будани чеҳраҳои маъруф аст, иллати онро дар худи бонувон бояд ҷӯст. Занон бояд худ талош намоянд ва ҷойгоҳ пайдо кунанд, Наҳзат дар ин самт тамоми имконниятҳоро барои онҳо фароҳам овардааст.

– Ба назари Шумо, фазои имрӯзаи ҲНИТ барои фаъолияти як зан муносиб аст ва ё монеъаҳое вуҷуд дорад?

– Аз шуруъи фаъолияти қонунии ҲНИТ то имрӯз Наҳзат тавонист шароити хуб ва муносибро барои занон муҳайё намояд ва барои бонувон шуъбаи алоҳидае таъсис дод. Аммо бонувон бештар дар ҳамин шуъба ҷамъ мешуданд ва рақобати онҳо низ дар доираи ҳамин шуъба буд. Роҳбарияти Наҳзат бо сарварии устод Нурӣ ба хулоса омаданд, ки бонувонро



лозим аст, дар ҳама самтҳо фаъол бошанд. Албатта, дар ин масъала баъзе аз бонувони мо норозигии хешро изҳор намуданд, вале агар мунсифона ба ин қарори роҳбарият назар намоем, тасмим ба нафъи тамоми бонувон буд. Баъди барҳам додани ин шуъба онҳо дар тамоми шуъбаҳо ба фаъолият пардохтанд. Имрӯз бахши бонувон дубора рӯи кор омад, вале бо ин вуҷуд хоҳарон дар тамоми шуъбаҳои дигар фаъолият доранд.

– Қаблан дар ҲНИТ маҷаллаи бонувон бо номи «Найсон» ба табъ мерасид, чаро ин маҷалла имрӯз вуҷуд надорад?

– Чунончи қайд кардам, банда фаъолияти худро дар Наҳзат ба ҳайси хабарнигор оғоз карда будам ва як сол баъд аз омаданам лоиҳаи таъсиси маҷаллаи бонувонро бо номи "Найсон" ба роҳбарият пешниҳод намудам ва пешниҳод дастгирӣ ёфт. Моҳи апрели соли 2001 аввалин шумораи он рӯи чоп омад. Дар кӯтоҳтарин муддат маҷалла хонандаи худро пайдо намуд. Дар баробари маҷаллаи "Найсон" ҳамчунин маҷаллаҳои "Иқбол" ва "Сафинаи умед" нашр мешуданд. Ҳар се маҷалла тобеъи шуъбаҳои хос буданд ва гоҳо як мақола дар чанд маҷалла дида мешуд ва аз лиҳози сифат ин маҷаллаҳо дар сатҳи маҷаллаҳои дар кишвар нашршаванда баробар набуданд. Аз инрӯ, раҳбарият тасмим

гирифт, то ҳар се маҷалла бо номи "Сафинаи умед"як карда шаванд ва сифатан хубтар бошад. Ба гумони банда, баъди таъсиси шуъбаи бонувон вақти он ҳам омадааст, ки "Найсон" дубора рӯи чоп биёяд. Хоҳарон акнун таҷрибаи зиёд доранд ва дархости обуна ба ин маҷалла ҳам хело зиёд аст ва мо садҳо номаи дархостӣ барои чопи дубораи он дар даст дорем.

385

– Чаро дар Наҳзат шуморо гоҳо бо ҳазл «бародар Зарафо» мегӯянд?

– Чунки дар қатори мардон кору фаъолият дорам, мисли бародарони дигар дар шодию хурсандӣ ва дар ғаму андӯҳ бо ҳам ҳастем. Соли 2004 марҳум устод Нурӣ дар яке аз ҷаласаҳои Шӯрои Сиёсӣ масъалаи таъйин намудани масъули матбааро ба миён гузошт ва бандаро ба ин маҷлис даъват намуданд. Чун ман аз дар даромадам ҳама бародарони аъзои ШС нишаста буданд ва Устод гуфтанд: "Мо мардеро ҷустуҷӯ мекардем, ки ин масъулиятро ба дӯш бигирад, вале ин мард ҳам, зан будааст". Шояд ба ин хотир аст, ки баъзеҳо маро бо ҳазл "бародар" мегуянд.

– Оё Шумо онро нисбат ба худ таҳқир намеҳисобед?

– На, балки ифтихор мекунам. Аксари оятҳо ва хитобҳои қуръон бо «Ё айюҳаллазина оману» яъне эй мардоне, ки имон овардаед омадааст, вале ин хитоб ба занон низ муваҷҷаҳ аст. Дар урфияти аксари миллатҳо мард ба маънои ҷасурию тавонмандӣ ва зан ба маънои заифу нотавон омадааст. Басо мардоне ҳастанд, ки зан мебошанд ва заноне, ки мард мебошанд. Ононе, ки маро ҳамчун мард хитоб мекунанд, инро на ба ҳадафи таҳқир, балки ба ҳадафи таъриф мегӯянд. Пас чаро мо онро нисбати худ таҳқир биҳисобем?

– Хонум Зарафо! Ба назари Шумо, ҷомеъа ба зан ҳамчун модар бештар ниёз дорад, ё зан ҳамчун коргар?

– Новобаста аз он ки зан хонашин аст ва ё дар ҷомеъа кору фаъолият мекунад, пеш аз ҳама модар буданаш беҳтар аст. Албатта, танҳо зане дар ҷомеъа муваффақ мегардад, ки дар тарбияи фарзандон ва

386

хонавода муваффақ бошад. Байни ин ду ҳеҷ тазоде вуҷуд надорад ва зан метавонад ҳам машғули тарбияи фарзанд бошад ва ҳам дар ҷомеъа фаъол бошад. На ҳар зане, ки хонашин аст, дар тарбияи фарзандон муваффақанд ва на ҳама заноне, ки кор мекунанд, дар тарбияти фарзандон нокоманд. Барои ҳамин зани муваффақ касест, ки дар ҳарду ҷиҳат фаъол бошад. Муҳим он аст, ки духтарон ҳанӯз аз даврони мактабӣ омӯзиш дода шаванд ва аз онҳо муррабиён тайёр карда шавад ва фалсафаи издивоҷ ва фарзанддориро биомӯзанд. Агар зан фарҳанги тарбияи фарзандро дониста бошад, метавонад тавре барномарезӣ намояд, ки ҳам фарзандҳои худро дар руҳияи диндорӣ ва муҳаббати ватан парвариш намуда, тақдими ҷомеа намояд ва ҳам чеҳраи муваффақи ҷомеа гардад.

– Шумо дар таърихи Наҳзат нахустин бонуе мебошед, ки узви ШС интихоб шудед. Ба назари Шумо, ин мақомро ба талошу заҳмат соҳиб шудед, ё аз рӯи квота ба Шумо дода шуд?

– Бубинед, ҳеҷ дастоварде бидуни талошу заҳмат ба даст намеояд. Наҳзат ҳизби сиёсист ва бояд фаъолияти он мутобиқи тақозои замон бошад, яқин дорам, ки чунин ҳам ҳаст. Имрӯз дар Шӯрои Сиёсии Наҳзат як нафар бону ҳаст, ин хело пешравист барои Наҳзат. Акнун бояд бонувон барои расидан ба ин мақом талош кунанд ва худро нишон диҳанд. Ман гумон мекунам, дар Наҳзат бонувоне ҳастанд, ки хеле муваффақанд, талошҳо мекунанд ва ба ин мақом сазоворанд. Дар Раёсати Олии ҲНИТ қаблан 3 бону буд ва дар Раёсати Олии ҳозира теъдоди онҳо ба 5 нафар расидааст.

387

– Шумо дар интихоботи парлумонии кишвар солҳои 2005 ва 2010 ба ҳайси номзад ширкат варзидед ва ба сабаби тақаллуб пирӯз шуда натавонистед. Оё Шумо омодаед дар интихоботҳои оянда низ ба ҳайси номзад ширкат намоед?

– Аввал ин ки дар интихоботҳо тақаллуб ҷой дошт ва сабаби муваффақ нагаштани худро ман маҳз дар ҳамин мебинам. Мо ҳарчанд шикоятҳо ба додгоҳ бурдем, вале касе ба ҳарфи мо гӯш надод. Албатта, мо мандатро соҳиб нашудем, вале дили ҳазорон интихобкунандаро ба даст овардем, аммо ҷониби дигар чанд нафарро депутат карду эътимоди мардумро аз даст дод. Ман омодаам дар тамоми интихоботҳои оянда ба ҳайси номзад ширкат намоям ва ҳаргиз хаста нахоҳам шуд.

– Шумо ба ҳайси мушовири ҳуқуқии раиси ҲНИТ фаъолият мекунед. Ба фикри Шумо, чаро агар наҳзатӣ ҷиноятe содир кунад, ҳатман онро дар расонаҳо мееоранд?

– Аввал ин ки наҳзатӣ бояд дорои фарҳанги хос бошад ва бояд қонунҳои кишварро риоя кунад ва аслан ба қонуншиканӣ роҳ надиҳад ва ин тавсияи ҳамешаи роҳбарият аст ба тамоми аъзои Наҳзат. Ҳеҷ гоҳ Наҳзат даъво накардааст, ки аъзои он ба қонунвайронкуниҳо роҳ намедиҳанд. Агар наҳзатӣ ҷиноятe содир намуд, бояд ҳамчун шаҳрванд тибқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Бо вуҷуди он ки аз ҷониби масъулини ҳукуматӣ ё аз ҷониби аъзои ҲХДТ ва ҳизбҳои сиёсии кишвар ҳамасола садҳо ҷиноят содир карда мешавад ва ҷиноятҳои хеле вазнин, вале дар радио ва телевизион хабаре дода намешавад, ки онҳо узви кадом ҳизбанд ва ҳизб боиси он гардидааст, ки ба чунин ҷиноятҳо даст зананд. Аъзоёни

388

ҲНИТ агар ҳатто дар ҷиноятe гумонбар шаванд, сару садоҳо баланд мешаванд ва Наҳзатро айбдор мекунанд. Ин ҳама далели заъфу нотавонии ҳизби ҳоким аст, зеро онҳо дар Наҳзат рақиби худро мебинанд ва хуб медонанд, ки ин ҳизб маҳбубияти мардумро касб намудааст.

– Хонум Раҳмонӣ, Шумо дар зинаҳои гуногуни ҳизб фаъолият намудаед ва имрӯз узви РО, узви ШС ва мушовири ҳуқуқии раиси ҲНИТ мебошед. Оё барои расидан ба мақоми баландтаре талош мекунед?

– Ман боре талошамро ба мақсади расидан ба мақом ва ҷойгоҳ анҷом надодаам ва гумон мекунам, ки аксарияти аъзои Наҳзат низ чунинанд. Ман бо ризои Худованд дар ҳадди тавони хеш фаъолият хоҳам кард. Аммо боварӣ дорам, ки ҳар масъулиятеро, ки роҳбарият бар дӯши ман гузорад, бо инояти Худованд аз уҳдаи он мебароям ва ин зарфиятро дорам. Наҳзатии воқеъӣ касест, ки новобаста аз ин ки кадом масъулиятро ба дӯш дорад, ҷиҳати пиёда кардани аҳдоф ва ормонҳои Наҳзат талош мекунад ва аҷру мукофотро танҳо аз Худованд мунтазир аст.

– Протоколи 3220 чӣ таъсире болои Наҳзат гузошт?

– Протоколи махфии 3220, ки дар Наҳзат таъсири худро гузошт. Мо агар фишорҳои мақомоти гуногуни ҳукуматро яке аз мавзӯъҳои ҳамин протокол биҳисобем, метавонем бигӯем, ки онҳо муваффақ шуданд дар соли 2012 450 нафарро аз узвият берун кунанд. Аммо ҳамзамон ин протокол таъсири мусбӣ низ дод. Аз як сӯ иртибот ва ҳамбастагӣ миёни аъзои Наҳзат қавитар гардид, аз сӯи дигар имтиҳон ва санҷише буд барои аъзои Наҳзат, ки мо дар ин маврид



мушкилӣ мекашидем, то азму ирода ва руҳияву маънавиёти ҳамаи аъзоёнро биозмоем.

– Шумо ба даҳҳо кишвари хориҷӣ сафарҳо доштед ва ин сафарҳо дар шахсиятсозии Шумо чӣ нақш доранд?

– Аксари сафарҳои банда аз тарафи ташкилоти ҷаъмиятиест, ки ман сарварии онро ба уҳда дорам, вале дар ҳама ҷо худро намояндаи Наҳзат низ муаррифӣ мекунам. Албатта, ҳар сафар барои ман як мактабро мемонад, ки аз он садҳо чизро меомӯзам ва ҷаҳонбинии ман васеътар мешавад. Ман дар ҳар кишвар бо мардуми он, урфу одатҳои мардум ва қавонини он ҷо шинос мешавам.

– Хонум Зарафо! Шахсияти Шумо дар ҷомеъа чӣ гуна ташаккул ёфт?

– Пеш аз шомил шуданам ба ҳизб соҳиби маълумоти олии омӯзгорӣ будам ва баъди мушарраф гаштанам ба узвияти Наҳзат маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ гирифтам. Ман ҳамзамон бо фаъолият дар ҲНИТ сарварии ташкилоти ҷаъмиятии “Нишот”ро ба уҳда дорам. Инҳо ҳама дар шахсияти ман таъсир доранд ва бо тарзе маро дар ҷомеа матраҳ намуданд. Вале бояд бигӯям, ман ҳар чизе пайдо кардам, аз ҳизб пайдо кардам. Имрӯз дар ҷомеъа Зарафои наҳзатиро бештар мешиносанд, аз ин ки Зарафои ҳуқуқдон ва ё раиси ташкилоти ҷамъиятӣ.

– Ташаккур барои суҳбататон.

– Саломат бошед!

Мусоҳиб: А. Ваҳҳоб

390

Мусоҳиба бо узви Раёсати Олии ҲНИТ

Руқияи Нурӣ

«Наҳзат хонаи асосии ҳар яки мост ва бояд саҳми худро дар рушду пешрафти он гузорем».

Руқияи Нурӣ 4 майи соли 1973 дар совхози Туркманистони ноҳияи Вахш дар оилаи диндор ба дунё омадааст. Улуми диниро сароғоз назди падари худ, устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ меомӯзад, сипас муддате дар назди домулло Абдуллоҳи Хитоб забони арабӣ ва улуми шаръиро таълим мегирад. Соли 1990 мактаби миёнаи рақами 20 ноҳияи Вахшро ба итмом мерасонад ва омӯзиши улуми исломиро идома медиҳад. Соли 1999 ба риштаи фиқҳ ва мабонии ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии Теҳрон дохил шуда, соли 2003 онро хатм мекунад. Фаъолияти ҳизбии худро аз соли 2004 дар дастгоҳи раиси ҲНИТ ба ҳайси масъули бойгонии ҳизб оғоз менамояд. Соли 2010 раиси Шӯрои бонувони ҲНИТ интихоб шуд. Соли 2011 дар Анҷумани навбати ҲНИТ узви Раёсати Олӣ интихоб мешавад.

Оиладор, соҳиби 4 фарзанд мебошад.

391

– Хонум Руқия, дар ибтидо Шуморо бо муносибати чиҳилумин солгарди таъсисёбии ҳаракати Наҳзат табрик мегӯем!

– Банда низ,Роҳбарияти ҲНИТ,аъзои Раёсати Олӣ ва тамоми касонеро, ки дар ин ҳаракат фаъолият мекунанд, табрику муборакбод менамоям ва барои ҳамагон муваффақият дар тамоми мароҳили зиндагиро орзу мекунам.

– Падари шумо аз муассисони ин ҳаракат аст ва дар ин роҳ заҳматҳои зиёде кашиданд. Шумо дар рафтору гуфтори эшон, қабл аз онки Наҳзат ба кори расмӣ шуруъ намояд, чизи ғайритабииро мушоҳида мекардед?

– Падари ман ҳамчуноне ки дар берун аз оила талош мекард, дар дохили хона ҳам барои таълиму тарбияи мо саъйи зиёд ба харҷ медод. Ёд дорам, дар замони кӯдакӣ ба мо панду насиҳат мекард ва Исломи воқеиро меомӯзонд. Аз чаҳорсолагӣ ба ман номҳои Аллоҳро меомӯзонд ва дар шашсолагиам бо таълими он кас хондани хатти форсиро аз худ намӯда будам. Дар овони наврасӣ дигар китобҳои “Қоидаи бағдодӣ”ва “Зарурияёти динӣ”ро аз худ намудам. Моро пайваста ба хондани ашъори исломӣ ташвиқ мекарданд ва дар манзили мо, ки писарону духтарон барои дарсгирӣ меомаданд, барномаҳои исломӣ баргузор мегардид. Ин барномаҳо аз тарафи падарам таҳия мешуданд ва модарам дар масоили фиқҳӣ ва ақидатӣ суҳбат мекарданд ва мо шеърхонӣ мекардем. Устод ҳар ҳадаферо мехостанд дар ҷомеъа пиёда намоянд, онро аз хонаводаи худ шуруъ мекарданд.

Масъалаи дигаре, ки падарам болои он таъкид мекарданд, ин илмомӯзии духтарон буд ва ин корро

392

низ аз оилаи худ шуруъ намуданд. Дар он давр руҳоният талош мекарданд, то бо ҳар роҳ духтарони худро аз мактаб бароранд, зеро таълим ғайриисломӣ буд. Аммо падарам чизи дигар мехост. ӯ мехост, то уламои исломӣ низ духтарони худро ташвиқ ба илмомӯзӣ кунанд ва ин корро низ аз хонаводаи худ шуруъ намуданд. Аз сабаби онки эшон бисёр китоб мутолиа мекарданд, аҳёнан маро низ ба утоқи хоси худ хонда, дар мавриди китобе маълумот медоданд, то дар дили ман шавқи китобхонӣ эҷод намоянд. Дар айёми таътилҳои тобистона моро барои омӯзиши улуми шаръӣ ба хондан мефиристоданд.

– Шумо аз вуҷуди ҳаракати Наҳзат кай огоҳӣ пайдо кардед?

– Соли 1986 вақте ки кормандони мақомоти қудратӣ омада хонаи моро кофтуков намуданд ва падарамро зиндонӣ карданд, ман фаҳмидам, ки падари ман ҳатман шахсияти муҳиме ҳаст. Вақте дидам, мардуми зиёде барои дифоъ ва пуштибонӣ аз ӯ тазоҳурот карданд ва чанд нафар аз бародарон,амсоли амакам, акаи Маҳмуд, акаи Шамсиддин, бобои Афғон ва дигарон ба хотири дифоъ аз эшон зиндонӣ шуданд, дарёфтам, ки воқеан падари ман кори муҳимеро анҷом додааст. Баъди ин ҳодисаҳо модарам моро аз воқеияти кор ва фаъолиятҳои падарамон қиссаҳо мекарданд.

– Омадани Шумо ба ҲНИТ ва ба фаъолияти сиёсӣ пардохтанатон хоҳиши худи Шумо буд ё дастури падар?

– Наҳзат хонаи асосии ҳар яки мост ва бояд саҳми худро дар рушду пешрафти он гузорем. Падари ман дар бинои ин ҳаракат хело заҳмат кашидаанд ва

393

ман худро бе ин ҳизб тасаввур карда наметавонам. Ҳамчунин иддае дар ин роҳ ба шаҳодат расидаанд ва инро ман хуб медонам. Вақте ки соли 2003 таҳсилро дар Ҷумҳурии Исломии Ирон ба итмом расондам, ба падарам гуфтам, шумо гуфтед хонед, ман хондам ва акнун вақти кор аст, ва бояд кор кунам. Намедонам ба чӣ сабаб буд, ки дар ибтидо падарам розӣ нашуданд. Вақте бемор шуданд, ба ман гуфтанд, ҳуҷҷатҳои худро ба фавқуллисонс (аспирантура) бисупор ва як мавзӯъро бигиру бо ман кори илмӣ бикун. Вале ман исрор намудам, то билохира розӣ шуданд ва соли 2004 ба кор шуруъ намудам. Аммо дар назар дорам, васияти эшонро анҷом диҳам ва дар мавзуъи шахсияти эшон кори илмӣ бинависам. Албатта, дигар худи эшон нестанд, вале аз таърих маълумотҳои зиёдеро пайдо хоҳам кард.

– Имрӯз Шумо узви Раёсати Олиед, вале чаро фаъолияти Шумо дар Наҳзат камтар мушоҳида мешавад?

– Воқеан, ман дар ин ҳаракат фаъолият карда истодаам ва ҳар масъулиятеро, ки аз тарафи роҳбарият ба ман супориш дода мешавад, онро анҷом медиҳам. Соли 2004 вақтидар қайди ҳаёт будани падарам ба фаъолияти расмӣ корро аз масъули бахши бойгонӣ дар Дастгоҳи ҲНИТ шуруъ намудам. Ба ростӣ, кор дар ин бахш маро бо ҳаёти гузаштаи Наҳзат ва хусусан фаъолиятҳои падарам бештар ошно намуд. То он замон ман гӯё дар хусуси падари худ ва кору заҳматҳои эшон ҳама чизро медонистам, вале баъди мутолиаи авроқ ва санадҳои ҲНИТ ба ҳақиқатҳои нав ва тозае ошно шудам, ки барои ман хело муфид буданд. Хусусан ман бо фаъолиятҳои Наҳзат дар Афғони



стон, бо ҳаракати Наҳзат ва бо ИНОТ шинос шудам. Мушоҳида намудам, ки воқеан ин бахш ниёз ба заҳмат ва талоши бештаре дорад ва корҳои ҷиддиеро бояд анҷом дод. Борҳо ба масъулини мақоми боло муроҷиат намуда, кӯмак хостам, вале ҷуз ваъда барои ман чизе надоданд. Билохира ҳайате иборат аз шаш нафар ташкил карда шуд, то бойгонии Наҳзатро ба танзим дароваранд, вале ин ҳайат танҳо 34 маротиба ҷамъ шуда, корҳоеро анҷом доданд ва бо ҳамин корро дигар идома надоданд. Эҳсос намудам, ки касе ба ин бахш аҳамияти ҷиддӣ намедиҳад. Ду сол дар ҲНИТ барои хоҳарон давраҳои омӯзишӣ роҳандозӣ намуда, бештар бо бонувон кор кардам. Маъмулан ман фаъолиятҳоеро, ки хоси бонувон аст, бештар дӯст медорам ва мехоҳам дар ҳамин замина фаъолият намоям.

– Фаъолияти ҲНИТро дар умум ва хусусан бахши бонувонро чигуна арзёбӣ мекунед?

– Ҳамеша дар ин ҳаракат бародарон хоҳарони холису содиқе ҳастанд, ки заҳмат мекашанд, талош мекунанд ва иншоаллоҳ, Худованд аҷри онҳоро хоҳад дод. Ба ҳамин хотир аст, ки Наҳзат имрӯз пойдор мондааст. Аз ташкил ва дубора ба фаъолият шуруъ намудани шуъбаи бонувон ман хело хушҳол шудам. Мо қаблан шӯрои бонувон доштем ва масъулияти ин шӯро ба дӯши ман буд. Ҳамин шӯро ба хулоса омад, ки шуъбаи бонувон таъсис дода шавад ва хушбахтона, роҳбарияти Наҳзат ин талаби моро ба инобат гирифта, шуъбаро таъсис доданд. Ҳанӯз ин шуъба дар марҳалаи аввали фаъолияти худ қарор дорад ва наметавон онро имрӯз баҳогузорӣ намуд.



– Чаро то имрӯз фаъолияти бонувони Наҳзат камранг аст ва ҳеҷ кадри шинохтае аз ҳисоби бонувон буруз накардааст?

– Воқеан, ин камбудии мост, ки натавонистем аз ҳисоби бонувон чеҳраҳо омода намоем. Дар ҳизбе, ки беш аз 50%и онро бонувон ташкил медиҳад, 12 нафар чеҳра хело кам аст ва барои ин бояд барномаҳои мушаххас таҳия карда шавад. Бояд дар ҳама маҳфилу чорабиниҳои беруниҳизбӣ талош намоем, то бонувони мо бештар ширкат намоянд ва таҷриба касб кунанд ва намешавад ҳамеша ҳамон як ду нафари муайянро равон кунем. Бонувони мо аз нигоҳи шаръӣ хело маълумоти хуб доранд ва дар ин самт дар ҷомеъа пешсаф мебошанд, вале аз нигоҳи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ бояд ба онҳо маълумоти бештар дод. Наҳзат бояд бо истифода аз устодони қавӣ дар баланд бардоштани сатҳи

маърифатнокии бонувон курсҳо ва нишастҳо ташкил намояд. Бояд мавзуъҳои гуногун матраҳ шавад ва бонувон дар баҳсу мунозира ширкат биварзанд.

– Шумо тарбиядида ва парваришёфтаи ҳамин мактабед, оё то имрӯз ба монанди худ нафареро омода кардаед?

– Ман дар ҳадди тавони худ талош кардам, вале ба ин иқрорам, ки ҳанӯз масъулияти худро пурра анҷом надодаам. Дар давоми ду соле, ки бо бонувон ҳамарӯза соатҳо кор кардам, тавонистам чор нафари онҳоро хело омода намоям ва бо улуми шаръӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ хуб ошно созам. Онҳо имрӯз барои идомаи таҳсил дар хориҷи кишвар, дар Миср, Сурия ва Туркия машғули илмомӯзӣ мебошанд. Ман ҳамеша бо онҳо дар тамосам ва оиди масоили гуногун суҳбат



мекунем. Ба ин қаноат накарда, дар Наҳзат, дар ҷомеа ва ҳатто дар манзили худ кор мекунам. Ман ҳам бо шуъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбе ва ҳам бо чор бахши ҲНИТ дар навоҳии шаҳри Душанбе ҳамкорӣ мекунам ва дар тамоми чорабиниҳо фаъолона ширкат меварзам ва бахри фаҳмондадиҳии ормону аҳдофи Наҳзат талош мекунам.

– Дар мавриди пайравони ин ҳаракат чӣ таманниёт ва орзуҳо доред?

– Орзуи сарбаландии ҳамешаги пайравону дӯстдорони ин ҳаракатро дорам, орзу дорам, ки ифтихори ин ҳаракат ва ифтихори тамоми мусалмонони Тоҷикистон бошанд. Барои пиёда кардани аҳдофу ормонҳои Наҳзат тамоми саъю талоши худро дареғ надоранд.

Мусоҳиба: З.Раҳмонӣ



Мусоҳиба бо раиси шуъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбе Сайид Муҳаммади Нурӣ

“Ман роҳи падари бузургвори худро интихоб намудам, зеро яқин дорам, ки ин роҳи хидмат ба дину миллат аст”.

Сайид Муҳаммади Нурӣ 11 сентябри соли 1974 дар деҳаи Якуми Майи совхози «Туркманистон»и ноҳияи Вахш дар оилаи диндор ба дунё омадааст. Маълумотҳои аввалияи диниро ҳанӯз аз овони кӯдакӣ аз падари худ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ омӯхтааст. Мактаби миёнаи рақами 20 ноҳияи мазкурро соли 1991 хатм менамояд. Ҳифзи Қуръони маҷидро дар назди яке аз муассисони Наҳзат Қорӣ Муҳаммадҷон оғоз намуда, дар назди қориҳои ӯзбекистон ба поён мерасонад. Ба факултаи Қуръони Донишгоҳи гуманитарии Фаронса дохил шуда, онро низ хатм менамояд. Соли 2000 ба факултаи ҳуқуқи ДМТ дохил шуда, соли 2007 онро хатм мекунад.

Ба кишварҳои Эрон, Кувейт, АМА, Испания. Швейцария, Олмон, Фаронса, Туркия, Қазоқистон ва Русия сафар кардааст.

ӯ соҳибкор, мудири Ҷамъияти Саҳомии Навъи кушодаи «Олами кӯдакон» мебошад. Соли 2003 ташкилоти ҷамъиятии «Бунёди Нурӣ»ро таъсис дода ва ҳоло раиси ин ташкилот аст.

398

Соли 2005 раиси ташкилоти ибтидоии №7 ноҳияи Шоҳмансур, соли 2005 раиси шуъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбе интихоб мешавад. Феълан узви РО ва узви ШС ҲНИТ ва раиси шуъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбе мебошад.

Оиладор ва соҳиби 3 фарзанд аст.

Қории мухтарам, Шуморо ба муносибати 40солагии ҲНИТ табрик мегӯем.

Ташаккур, ман ҳам дар навбати худ Шумо ва тамоми аъзову ҷонибдорони ҲНИТро ба ин муносибат табрик мекунам. Воқеан боиси ифтихор аст, ки дар кишваре чун Тоҷикистон, ки аксари мардуми он мусалмонанд, ҳизби исломӣ расман фаъолият мекунад. Инак чиҳилумин сол аст, ки ҲНИТ дар масири зиндагии мардуми кишвар қадам мезанад ва табиист, ки дар ин муддат ҳаводиси бисёр мураккабу душвор ва хатарнокро паси сар намуд. Аз даврони Шӯравӣ фаъолияти пинҳониро оғоз намуд ва мароҳили гуногун, аз қабили фаъолияти расмӣ, ҳиҷрат, ҷиҳод ва сулҳро тай намуд ва дар ин муддат тавонист мавқеъи худро мушаххасу устувор нигоҳ дорад. Имрӯз ҳам новобаста ба вазъиятҳои ҳассосу мураккаб ва таҳаввулоти сиёсатҳои дохиливу хориҷӣ ва вазъи геополитикии ҷаҳон, ҲНИТ дар мавқеи худ ҳамчунон побарҷост. 40 соли талошу мубориза, сабру тоқат, худшиносиву худогоҳӣ ин ҳизбро обутоб дод ва ба камол расонд. Худовандро сипосгузорам ва шукр мегӯям, ки маро аз аҳли ин корвон қарор дод ва паймудани ин роҳи бошарафро насибамон гардонд.

– Мо устод Нуриро ба унвони донишманди улуми исломӣ ва сиёсатмадори муваффақ мешиносем, Шумо қиблагоҳатонро тавсиф намоед?

399

– Падари ман устод Нурӣ ҳамчуноне ки дар фаъолиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоии худ муваффақ буд, дар муносибат бо ҳамсару фарзандон низ муваффақ буд. Мо, фарзандон, он касро падари ҳалиму меҳрубон, хоксору ботамкин ва бовафову қавиирода мешиносем. Устод барои мо на танҳо падари идеалӣ, балки дар зиндагӣ устод ва роҳнамоанд. ӯ ба мо дарси ростқавлӣ, амонатдорӣ, парҳезгорӣ, вафодорӣ, иззату эҳтиром ва дигар хислату рафтори накуро омӯзонд. Барои мо гуфтор, рафтор, нигоҳ, ибодат ва ҳар лаҳзаи ҳаёташ дарси ибрат аст. Моро дар рӯҳияи ишқу алоқа доштан бо Худованд ва Қуръону Паёмбар (с) тарбия менамуд. Худоро ҳазорон сипосу ситоиш, ки фарзанди чунин шахсиятам. Ҳеҷ гоҳ ба худамон иҷозат надодаем, ки аз мақому манзалат ё пулу молаш ифтихор кунем. Аммо ба имону тақво, ахлоқу одоб ва он тарбияе, ки моро кардааст, ҳамеша ифтихор дорем. Дар ин рӯзҳо, ки мактаби таъсиснамудаи эшон ба синни 40 мерасад, аз Худованд хоҳони онам, ки падарамро ҳамроҳи сиддиқин, шуҳадо ва солеҳин ҳашр намояд.

– Беҳтарин панди падарро, ки ҳамеша дар хотир доред, кадом аст?

– Падари бузургвори мо ҳеҷ гоҳ панду андарзашро аз мо дареғ намедошт. Тамоми гуфтаҳои эшон дар хотири ман нақш бастааст. Аммо як насиҳаташон пайваста дар тасаввурам ҷилвагар аст. Солҳои охир мегуфт, «Фарзандони ман! Аз ин ки шумо фарзанди як лидер ё роҳбар ҳастед, ҳеҷ гоҳ ифтихор накунед, шумо талош намоед, то худ шахсият шавед».

– Дар яке аз мусоҳибаҳои худ Устод гуфта буд, ки намехоҳад яке аз фарзандони эшон вориди

400

сиёсат шуда, бо роҳи эшон биравад. Чаро Шумо роҳи падарро интихоб намудед?

– Устод, Худо раҳматашон кунад, дар сиёсат воқеан бисёр роҳи душворро паси сар карда буд. Аммо дар интихоби касб ҳеҷ гоҳ болои мо фишор намеовард, ки ту ҳатман фалон касбро интихоб бикун. Бале, шояд эшон гуфта бошанд, ки фарзандонам ба сиёсат ворид нашаванд, вале ин худ яке аз услубҳои ҳаёти эшон буд. Устод бо ин сухан гуфтанӣ аст, ки наметавон касеро маҷбуран, бидуни ирода ва хоҳишаш ба роҳе бурд. Эшон ба мо дарси мустақилона зистан ва мустақилона тасмим гирифтанро меомӯзонд. Падарам гуфтааст, ки ба сиёсат ворид нашаванд, аммо ҳеҷ гоҳ нагуфтааст, ки ба роҳи Худову Паёмбар нараванд, баръакс ҳамеша зимни насоеҳи худ ба мо таъкид мекард, ки дар роҳи Ислом ва хидмати ҷомеъа мардонавор устувор бошед. Ман роҳи падари бузургвори худро интихоб намудам, зеро яқин дорам, ки ин роҳи хидмат ба дину миллат аст. Аз тарафи дигар ин роҳ роҳи Паёмбар, роҳи саҳобагон, роҳи олимону орифон ва роҳи саодатмандию сарбаландии ду ҷаҳон аст. Ман аз Худованд мехоҳам, то вопасин нафас, маро дар ин роҳ собитқадам нигаҳ дорад.

– Мақоми Шумо дар миёни масъулини Наҳзат аз рӯи кадом меъёр аст, корманди ҳизб ё ҳамчун фарзанди муассиси ҳизб?

– Беҳтар мебуд агар ин мавзуъро аз дигарон мепурсидед, вале аз нигоҳи банда ҳарду эҳсос мешавад. Масъулине, ки бо Устод буданд ва солҳо дар канори ҳам пайкор карданд, ба ман ҳамчун фарзанди Устод ва масъули наҳзатӣ эҳтиром доранд, аммо қишри ҷавон ҳамчун масъули наҳзатӣ ва фарзанди Устод. Аммо банда ҳамон насиҳати пада

401

рамро дар ёд дорам. Бинобар ин, бо тамоми аъзо, масъулин ва роҳбарияти Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон муносибати бародарона дорам ва аз ҳамаи онҳо таҷриба меомӯзам ва бо аксари масъулин муносибатам шогирдона аст.

– Баъди даргузашти Устод қарор буд, оромгоҳи эшонро бисозанд, Дар ин замина чӣ корҳое анҷом дода шуд?

– Соли гузашта, мо бо фарзандони марҳум Зокирҷон Вазиров иқдом ба сохтани оромгоҳ намудем. Ҳудуди ҳафтод дарсади корҳоро дар ин замина ба анҷом расонидем. Худо хоста бошад, бо мусоид шудани вазъи боду ҳаво, корҳои боқимондаро низ анҷом хоҳем дод.

– Ба андешаи Шумо чаро фаъолияти Наҳзат дар шаҳри Душанбе ба кундӣ пеш меравад?

– Кору фаъолият дар шаҳри Душанбе аз дигар манотиқ фарқ мекунад. Ин ҷо маркази кишвар аст ва ҳама камбудиву нуқсонҳо зуд ба назар мерасад. Гузашта аз ин, аксарияти мардуме, ки дар пойтахти ватани азизи мо зиндагӣ мекунанд, аз дигар навоҳӣ ба ин ҷо омаданд. Урфу одатҳои онҳо гуногун ва ҷаҳонбинияшон мутафовит мебошад ва ҳама дар як сатҳ нестанд. Барои расонидани аҳдофи Наҳзат ва бурдани таблиғот дар миёни аҳолии шаҳр моро зарур ва лозим аст, то афродеро омода намоем, ки бо ҳар қишри ҷомеъа ба таври муносиб гуфтугузор карда ва, онҳоро қонеъ гардонда битавонанд. Аз тарафи дигар, тамоми ҳизбу созмонҳои сиёсӣ дар пойтахт фаъолият мекунанд ва рақобат дар шаҳр хело қавист. Бо вуҷуди ин ҳама мушкилот, наметавон фаъолияти Наҳзатро дар шаҳри Душанбе заъиф ҳисобид. Дар соли 2010, ки интихоботи парлумонӣ баргузор шуд, корҳои



ташкилӣ, таблиғотии Наҳзат дар шаҳри Душанбе бесобиқа буд. Имрӯз аъзои Наҳзат дар шуъба назар ба солҳои пешин бештар ҷалб шудаанд ва дар татбиқи барномаи ҷавонгарой хело муваффақем.

– Муносибат ва ҳамкории Шумо бо ҳукумат дар кадом сатҳ аст?

– Муносибат ва ҳамкории мо танҳо дар доираи фаъолияти Наҳзат дар шаҳри Душанбе амалӣ мешавад. Дар ҷаласаҳои ҳукумати шаҳр ширкат меварзем ва пешниҳоду дархостҳои худро ба шаҳрдорӣ мерасонем. Дар чорабиниҳое ки дар шаҳр доир мегардад, кормандони мо даъват мешаванд ва барномаҳое, ки дар ҳудуди шаҳр анҷом дода мешаванд, мисли «Мубориза алайҳи нашъамандӣ», «Тозагии муҳити зист», «Назорати соҳаи хизматрасониву коммуналӣ» ниҳодҳои зидахли ҳукумати шаҳр масъулини шуъбаи шаҳрии ҳизбро ба ҳайси нозир даъват менамоянд ва дар ин гуна чорабиниҳо бевосита ширкат меварзанд.

– Кадом самти фаъолияти ҲНИТ, аз нигоҳи Шумо, заъиф ва ниёз ба ислоҳот дорад?

– Дар шароити кунунӣ, ба андешаи банда, Наҳзат дар тамоми самтҳо фаъолияти қаноатбахш дорад. Аммо ман чанд мулоҳизае дорам, ки умед аст сари он бо ҳам андеша намоем. Мулоҳизаи нахустин дар бобати тайёр намудани кадрҳои мутахассис ва ҷавобгӯи замон аст, ки дар ин замина бояд барномаҳои мушаххас ва ҷиддӣ роҳандозӣ шаванд. Агар имрӯз ташкили дарсҳои ҳуҷрагӣ қонунан мамнуъ аст, бояд Наҳзат роҳҳои қонуниро пайдо намуда, мактаби суннатии омода намудани кадрҳоро роҳандозӣ намояд. Мулоҳизаи дигар ин аст, ки Наҳзат аз ин пас бештар бояд ҳушёру зирак бошад ва ба фитнаву найранги шахсони тасодуфӣ дода нашавад. Аъзо ва масъулини он

набояд иҷозат диҳанд, ки касе шаъну шараф ва ҳайсияти роҳбарияти ҲНИТро паст бизанад. Роҳбарият бояд фигураи асосӣ ва улгуи ҳар узви Наҳзат бошад, амру дастуроти ӯро бо ҷон бипазиранд ва дар пайи анҷоми он бо тамоми тавон талош намоянд. Мулоҳизаи ахири ман ин аст, ки ба сабаби афзоиши фишорҳои гуногун болои Наҳзат, бояд ҷанбаи амниятии ҳизб тақвият дода шавад. Аъзои Наҳзат бояд иртиботи ҳамешагӣ бо якдигар тавассути шабакаҳои иҷтимоъии интернетӣ ва мобилӣ дошта бошанд.

– Боз чӣ гуфтании дигар доред?

– Мехоҳам илова намоям, ки Наҳзат имрӯзҳо ба синни мубораки 40 мерасад ва дар ин муддат ба як нерӯ ва мактаби қавие табдил шудааст. Итминони комил дорам, ки дар Наҳзат афроде ҳастанд, ки омодаанд ба хотири идомаи ин роҳ ва комёбиву муваффақияти он молу ҷон ва тамоми дороии худро дареғ надоранд. Аз Худованд бо тазарруъ дархост дорам, ки сафи чунин ҷавонмардонро дар ин ҳаракат биафзояд. Наҳзат ҳамеша сулҳу пешрафт ва оромии ҷомеъаро хоҳон аст ва баҳри он талош хоҳад кард. Пешрафту муваффақияти мардуми тоҷик яке аз арзишҳои муҳим барои Наҳзат ва наҳзатиён мебошад. Худованд рӯҳи тамоми нафаронеро, ки дар ин роҳ ҷон бохтаанд ва барои ин мактаби бузург хидмат кардаанд, шод бигардонад ва Аллоҳи меҳрубон аз ҳамаашон розӣ бошад.

Ташаккур барои суҳбату маслиҳатҳои ҷолибатон!

Саломат бошед!

Масоҳиб: М. Орзу

404

Мусоҳиба бо раиси шуъбаи бонувони ҲНИТ Парвини Иброҳимзод

«Ман дар ин ҷо дарсҳои худшиносӣ ва худошиносӣ гирифтам, ки ин бароям хеле муҳим аст.

Парвини Иброҳимзоди Давлатиён 31 октябри соли 1974 дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Соли 1982 ба мактаби миёнаи рақами 21 шаҳри Хуҷанд дохил шуд. Хонаводаи ӯ соли 1989 ба шаҳри Қӯрғонтеппа мекучанд ва хонишро дар мактаби миёнаи рақами 6 ба номи Ленини шаҳри Қӯрғонтеппа идома дода, соли 1992 онро бо медали тилло хатм намудааст. Ҳамон сол ба Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, факултаи забонҳои шарқ, бахши забони форсӣ дохил шудааст. Дар аснои таҳсил ҳамзамон солҳои 19941995 ба ҳайси мураббияи бегоҳирӯзӣ дар боғчаи бачагонаи рақами 40 (боғчаи шабонарӯзӣ) ш. Душанбе ифои вазифа кардааст. Соли 1995 роҳбарияти факулта ӯро барои кор дар радио тавсия медиҳад ва солҳои 19952000 ба симати гӯяндаи Радиои бурунмарзии ЧТ, бахши форсӣ кору фаъолият кардааст. Соли 2001 бо бонувони наҳзат ошноӣ пайдо мекунад ва аввалин бор ба қароргоҳи Наҳзат қадам мегузорад. Баъди ошноӣ бо Оиннома ва барномаи ҲНИТ дархост навишта шомили Наҳзат мегардад. Баъди як сол шуъбаи

бонувон ӯро ба кор даъват мекунад ва номбурда ба ҳайси корманд дар ин шуъба фаъолиятро оғоз менамояд. Дар муддати

405

11 соли узвият дар Наҳзат дар шуъбаҳои мухталиф масъулиятҳои гуногунро ба ухда дошт. Соли 2001 муҳаррири маҷаллаи «Найсон», 2003 котиби масъули маҷаллаи «Найсон», 2007 муовини раиси шуъбаи фарҳанг ва ҳунар ва ҳамзамон муҳаррири маҷаллаи «Сафинаи умед», 2010 корманди дастгоҳи раиси ҲНИТ, 2011 мухбири ҳафтаномаи «Наҷот» ва 2011 корманди шуъбаи таҳлил ва барномарезии ҲНИТ буд ва аз 2012 раиси шуъбаи Бонувони ҲНИТ мебошад.

Дар интихоботи соли 2010 ба Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ва маҷлисҳои маҳаллӣ аз ҷониби ҳизб номзад ба Маҷлиси шаҳрии шаҳри Душанбе пешбарӣ шуда буд.

Оиладор, соҳиби 5 фарзанд.

– Хонум Парвин, Шумо ва тамоми бонувони Наҳзатро ба муносибати чиҳилумин солгарди таъсиси Наҳзат табрик мегӯем!

– Ташаккури зиёд, ман ҳам дар навбати худ мехоҳам тамоми аъзоён, муҳиббон ва ҳаводорони Наҳзатро ба ин рӯзи фархунда табрику таҳният намоям. Агар инсон ба ин синну сол расад, атрофиён мегӯянд, ки ӯ ба камол расидааст. Пас ба камол расидани наҳзатро ба тамоми ҳамватанонамон табрик мекунам.

– Шуъбаи бонувони ҲНИТ шуъбаест, ки як сол қабл фаъолияти худро шуруъ намуд ва Роҳбарият масъулияти ин шуъбаро ба дӯши шумо вогузор намуд. Хонум Парвин! Шумо бо чӣ барномаҳои тоза мехоҳед кори ин шуъбаро роҳандозӣ намоед?

– Қобили ёдоварист, ки дар ҳизби Наҳзат шуъбаи бонувон навтаъсис нест. Вақте ки бори аввал, соли 2001, ман ба ҳизб омадам, кори худро дар шуъбаи бонувон шуруъ карда будам. Дар шуъба хоҳарони

406

зиёде фаъолият мекарданд. Хоҳарони тавонову донишманд. Аммо самти кори онҳо танҳо бо бонувон маҳдуд шуда буд. Аз ин рӯ, бо маслиҳати устод Нурӣ (руҳашон шод бод), ки хеле дурандешу оқил буданд, шуъба баста шуд ва бонувонро ба тамоми шуъбаҳои дар ҳизб амалкунанда тақсим карданд. Ҳоло бонувон дар тамоми шуъбаҳои Наҳзат кору пайкор мекунанд. Онҳо то симати раиси шуъба, муовин, раисони бахшҳо ва ҳатто мушовирии раиси ҲНИТ расидаанд. Имрӯз зан ҳатто узви Шӯрои Сиёсии ҳизб аст. Ба фикри банда, Устод айнан ҳаминро мехостанд, аммо хеле мутаассифам, ки он кас имрӯз бо мо нестанд ва натиҷаи он дурандешии худро намебинанд. Мо умед дорем, ки руҳи Устоди арҷманд аз мо розӣ ва шод бошад.

– Аксарияти аъзои Наҳзатро бонувон ташкил медиҳанд, лутфан мегуфтед, ки Шумо чӣ гуна метавонед бо ҳамаи бонувон кору фаъолият намоед?

– Чӣ тавре ки ба ҳамагон маълум аст, 50 фисади аъзои Наҳзатро бонувон ташкил медиҳанд. Фикр мекунам, аз ин рӯ, дар ҳоли ҳозир боз барои барқарор намудани шуъба эҳтиёҷ пеш омадааст. Соли сипаришуда, яъне соли 2012 моҳи феврал шуъбаи бонувон барқарор карда шуд ва ба фаъолият шуруъ намуд ва сарварии онро роҳбарияти ҳизб ба дӯши камина вогузор кард. Ростӣ, вақте тасмими роҳбарият дар бораи ба сарварии шуъбаи бонувони ҲНИТ таъин шуданамро фаҳмидам, каме даступохӯрда шудам. Якчанд рӯз ба худ меандешидам, ки оё аз уҳдаи ин масъулияти сангин баромада метавониста бошам? Рӯзе китоберо мехондаму ин ҳадиси Паёмбари Ислом (с)ро вохӯрдам: "Киштиро таҷдид кунед, ки баҳр жарф аст, нерӯро таҷдид кунед,



ки роҳ дур аст". Ҳамин ҳадиси набавӣ ба ман боварӣ ва тавоноӣ бахшид.

Мо барномаҳои зиёдеро барои кор бо бонувон пешбинӣ намудаем. Пеш аз ҳама, тасмим дорем, ба ҷомеъа чеҳраҳои беҳтарини миллӣ ва сиёсиро муаррифӣ намоем. Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани малакаи ақидатӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии бонувони ҳизбӣ дар ҳамкорӣ бо Академияи исломӣ давраҳои кӯтоҳмуддати махсус баргузор карда мешаванд. Инчунин ташкили якчанд маҳфилҳоро дар назар гирифтаем. Аз ҷумла, маҳфили "Бонувони боистеъдод", Клуби мубоҳисавии занон, силсиланишастҳо зери унвони "Зан ва ҷомеъа". Умед дорем, ки дар ин маҳфилҳо битавонем бонувони фарҳехтаву соҳибтаҷриба ва сиёсатшиносу донишмандро аз тамоми қишри ҷомеъа гирди ҳам орем.

Албатта, ҳеҷ ҷомеъае бидуни мушкилот буда наметавонад ва зан беш аз ҳама дар мушкилоти зиндагӣ дучори ҳам садамаи молию ҷисмонӣ ва ҳам шикасти руҳӣ мегардад. Барои ислоҳ ва аз байн бурдани ин мушкилот, мо бояд пеш аз ҳама онҳоро бишносем ва баъдан аз пайи бартараф намудани онҳо шавем. Аз ин рӯ, мо тасмим дорем, дар силсиланишастҳои "Зан ва ҷомеъа" ин мушкилотро ба ҷомеъа муаррифӣ намуда, роҳҳалли онро низ пайдо намоем.

– Шумо мактаби миёнаро бо медали тилло хатм намудед ва маълумоти олӣ доред, қаблан дар радио кору фаъолият доштед. Чаро баъди узви Наҳзат шудан ҳамаро тарк кардед ва тамоми фаъолияти худро ба Наҳзат равона намудед?

– Аз радио рафтани ман якчанд сабабҳо дорад. Пеш аз ҳама ин узви ҲНИТ шудани ман аст. Ба ҳамагон маълум аст, ки то ҳол рӯйи аъзоёни ҳизб фи



шорҳо хеле зиёданд. Аз ҷумла, яке аз садҳое, ки пеши рӯйи онҳо пайдо мешаванд, ин аст ки наметавонанд бо узвияти ҳизб дар идораҳои давлатӣ фаъолият дошта бошанд. Дуввум, бо рӯсарӣ сари кор рафтани ман аст. Азбаски Ҳукумати Тоҷикистон нисбати рӯсарии занон, ки ба тарви исломӣ баста шудааст, ҳассосияти зиёд дорад, ман наметавонистам дигар он ҷо фаъолият намоям. Аммо то ҳозир ин мушкилот вуҷуд дорад ва фишорҳо рӯз ба рӯз нисбати муҳаҷҷабаҳое, ки мехоҳанд дар мактабҳои миёнаву олӣ таҳсил намоянд ва ё дар идораҳои давлатӣ кору фаъолият дошта бошанд, зиёдтар мешаванд. Маро борҳо

дубора барои кор ба радио инчунин ба дигар идораҳои давлатӣ даъват карданд, аммо бидуни рӯсарӣ. Лекин ман наметавонам фарзи Илоҳиро қурбони ин корҳо намоям.

– Дар қароргоҳи Наҳзат садҳо бону дар рӯзҳои ҷумъа намоз мехонданд, вале масҷид ба коми оташ рафт ва дигар бонувони кишвар ягона масҷидеро, ки доштанд аз даст доданд. Ин ҳодиса дар ҳаёти бонувон чӣ таъсир расонд?

– Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол масҷиде вуҷуд надорад, ки бонувон рафта он ҷо ибодат намуда, эҳтиёҷоти динӣ, руҳӣ ва маънавии худро бароварда созанд, ҳол он ки ин кор барои занон шаръан манъ нашудааст. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, Наҳзат маркази фарҳангие боз кард ва аз сабаби он, ки намоз аз фарҳанги аслии мост, намози ҷумъаро ба роҳ монд. Садҳо бонувон рӯзҳои ҷумъа имконият пайдо карданд, ки ба ин макон омада, намози ҷумъаро адо намоянд. Онҳо на танҳо барои ибодат меомаданд, балки барои гӯш кардани суҳбатҳои ҷолибе, ки пеш аз шуруъи намоз ҳам аз ҷониби бонувон ва ҳам бародарон, пешкаши онҳо мегардид, мео



маданд. Ин марказ барои онҳо на танҳо ҷойи ибодат, балки макони муошират ҳам буд. Онҳо дар як ҳафта як бор имкони аз ҳоли якдигар огоҳ шудан, ба шодиву ғами якдигар шарик гаштанро доштанд. Фалсафаи намози ҷумъа низ ба фикри ман ҳамин аст. Дар намози ҷумъа на танҳо занони ҳизбӣ ширкат менамуданд, балки тамоми бонувон аз қишрҳои мухталифи шаҳри Душанбе ва навоҳӣ низ ширкат доштанд. Чи тавре ки шумо қайд кардед, ин марказ ба коми оташ фурӯ рафт. Албатта, ҳар амале, хоҳ он бад бошад ва хоҳ нек, таъсири худро дорад. Ин амал низ ба бонувон бетаъсир намонд. Шояд аз суҳбат дур равем, аммо ман ин ҷо мехостам хотираеро аз он рӯз ёдовар шавам.

Рӯзи ба оташ кашида шудани масҷид ман он ҷо ҳузур доштам. Баъд аз намози пешин буд. Ин гуна ҳодисаи даҳшатнокро ман дар ҳаёти худ аввалин бор дидам. Ҷавонони зиёде ҷамъ шуда буданд ва ҳар яке мехост барои хомӯш кардани оташ ва берун кардани чизҳое, ки дар масҷид буданд, кӯмаке карда бошанд. Ногоҳ ба ёдам расид, ки дар яке аз ҷевонҳои масҷид китобҳои зиёди Қуръон, ки барои намозхонон гузошта шуда буд, маҳфуз аст. Аз он ҷавонон хоҳиш кардам, ки Қуръонҳоро аз бинои оташгирифта берун оранд. Аммо мутаассифона, ба он ҷо дигар ворид шуда натавонистанд. Баъд аз омадани оташнишонҳо ва хомӯш шудани оташ, хоҳар1они дигар, аз ҷумлаи масъулин, аъзоён ва умуман дӯстдорони ҳизб ҳозир шуда буданд. Аввалин коре, ки мо кардем, ин берун овардани Қуръонҳо аз иморати сӯхта буд. Ман медонистам, ки мӯъҷизаҳои Илоҳӣ хеле зиёданд, аммо инашро ман бо чашмони худ дидам. Ба ягон дона аз китоби Қуръон осебе аз оташ нарасида буд.



Вақте занон аз воқеъа бохабар шуданд, чунон ғамгин гаштанд, ки забон аз тасвири он оҷиз аст. Онҳо омода буданд, то барқарор шудани бино дар ҳавлии ҳизб намози ҷумъаро бихонанд, аммо хондани намози ҷумъа дар ҳизб тамоман манъ шуд.

Чунончи қайд кардем, ҳар амале рӯйи инсон таъсиргузор аст, хоҳ бад бошад, хоҳ нек. Ҳодисаи мазкур низ албатта, дар ҳаёти бонувон бетаъсир набуд. Лекин ба фикри камина, ҳар коре, ки сари бандаи Худо меояд, бе ҳикмат нест. Чунончи Худованд мефармояд: "Бигӯ, ҳаргиз чизе (аз хайру шар) ба мо намерасад, магар чизе ки Худо муқаддар карда бошад" ("Тавба"51).

– Оё шуъбаи бонувон ниёзи он бонувонеро, ки ҳангоми намозҳо ҷамъ мешуданд, бароварда месозад ва чӣ гуна?

– Албатта, ташкили якчунин масҷид ва ҷамъ омадани садҳо занон дар он пешрафте дар фаъолият буд, аммо инро бояд қайд кард, ки пеш аз ташкили он низ бонувони зиёде ба ҳизб омаду рафт доштанд. Мо кӯшиш карда истодаем, ки ниёзҳои ононро бароварда созем ва сафи онон боз ҳам зиёд гардад. Барои ин дар қароргоҳи марказии ҳизб суҳбатҳои ақидатӣ – сиёсӣ ба роҳ мондем. Инчунин ҳамин гуна суҳбатҳо дар бахшҳои минтақавӣ низ хеле хуб ба роҳ монда шудаанд. Бар замми ин, аз ҷониби шуъбаи бонувон дар ҳамкорӣ бо шуъбаҳои фарҳанг ва иршод ва Академияи исломии ҳизб семинарҳои илмӣ – фарҳангӣ, озмунҳо, нишастҳову баҳсҳои илмӣ ташкил карда мешаванд, ки занон иштироккунандагони фаъоли ин чорабиниҳоанд.

– Барномаҳои шуъбаи бонувони ҲНИТ танҳо аъзои наҳзатро фаро мегирад?



– Барномаи шуъбаи бонувони ҲНИТ на танҳо аъзоёни ҳизб, балки тамоми бонувон аз қишрҳои гуногуни ҷомеъаро фаро мегирад. Ҳамон гунае, ки пештар низ қайд карда будем, шуъба барномаҳои ҷолиберо пешкаши бонувон мегардонад. Бахшида ба ҷашнҳои миллӣ ва касбӣ чорабиниҳои рангоранг баргузор карда мешаванд. Маҳфилҳо ва нишастҳои илмӣ ва фарҳангӣмаърифатӣ гузаронида мешаванд.

– Дар кишвар садҳо ташкилотҳои ғайридавлатист, ки бо бонувон фаъолят мекунанд, Шумо бо чунин ташкилотҳо чӣ ҳамкориҳое доред?

– Дуруст аст, ки дар ҳоли ҳозир ҷомеъаи шаҳрвандӣ хеле фаъол аст ва ташкилотҳои ҷамъиятии зиёде дар Тоҷикистон кору фаъолият менамоянд. Сарварони бисёре аз ин ташкилотҳо занонанд ва мо бо бисёре аз онҳо робитаҳои хуб барқарор кардаем. Дар гузаронидани чорабинию тадбирҳои сиёсиву фарҳангӣ ва иҷтимоӣ бо онҳо ҳамкории хуб дорем. Тӯли чанд сол аст, ки бо ташаббуси ТҶ "Занинтихобкунанда", ки сарварии онро хонум Раъно Охунова бар уҳда дорад, Клуби мубоҳисавии занон бо ширкати бонувони фаъол аз аҳзоби мухталифи ҶТ гирд оварда шудаанд. Шарофат Ҳусайнӣ ва Зарафо Раҳмонӣ чанд сол аст, ки аъзои фаъоли ин клуб мебошанд. Инчунин бонувони наҳзатӣ ба сифати тренер дар лоиҳаҳои гуногуни ташкилотҳои ҷамъиятӣ фаъолият намудаанд. Ҳамзамон бо созмонҳои байналмилалӣ низ алоқаи хубе барқарор намудаем. Қариб дар ҳамаи семинарҳое, ки ин созмонҳо ташкил мекунанд, ширкати фаъоли бонувони наҳзатӣ ба чашм мерасад.

Умед дорем, ки дар оянда ин ҳамкориҳои мутақобилан судманд боз ҳам хубтару беҳтар ба роҳ монда шаванд.

412

– Ҳамарӯза даҳҳо бонувон ба қароргоҳи марказии ҲНИТ муроҷиат мекунанд, Оё Шумо метавонед бигӯед, ки дар чӣ масоиле онҳо бештар муроҷиат мекунанд?

– Бале, ҳамарӯза бонувони зиёде ба қароргоҳи марказии ҳизб меоянд. Бархе аз онҳо бо мушкилоти хонаводагӣ муроҷиат менамоянд. Мо онҳоро ба Академияи исломии ҳизб барои маслиҳату машварат мефиристем. Аммо бисёре аз онҳо занҳои азобу озордидаву ранҷкашидаанд. Нафаре фарзандашро аз даст додаву дигаре волидайн ва ё бародару хоҳарашро. Онҳо дарк кардаанд, ки танҳо Ислом ва Қуръон метавонад таскини дили пурдарди онҳо гардад. Азбаски дар ҷумҳурии мо то ҳол маконе вуҷуд надорад, ки якчунин бонувон битавонанд бо ибодат ё бо суҳбат тасаллои худро пайдо кунанд, ҳамарӯза ба қароргоҳи ҳизб меоянд ва ба шуъбаи бонувон муроҷиат мекунанд. Онҳо аз мо кӯмаки молӣ интизор нестанд, танҳо ниёз ба сухане доранд, ки битавонад дубора ба ҳаёт дилгармашон кунад.

Бояд ин ҷо қайд кард, ки мушкилоти аз ҳама бузурги ҷомеъаи мо муҳоҷирати меҳнатии мардон ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя, аз ҷумла Русия мебошад. Ин мушкилот аз пайи худ дар хонаводаҳо душвориҳои зиёди дигареро эҷод намудааст, аз ҷумла мушкилоти руҳию равонӣ. Дар хонаводаҳои муҳоҷирони ҷавон нофаҳмиҳо байни хушдоману келинҳо ва то ба ҷанҷол омада расидани онҳо зиёд ба чашм мехӯрад. Таассуфовараш ин аст, ки оқибат ҳамаи инҳо ба талоқ меанҷомад.

Аз ин рӯ, шуъба тасмим гирифтааст, ки барои занон ва ҷавондухтарон суҳбатҳое бо равоншинос роҳандозӣ намояд. Табиб пеш аз он ки ба табобати бемор шуруъ кунад, аввал беморро ташхис намуда, ва

413

бемори ва сабаби пайдоиши онро муайян менамояд, он гоҳ ба мудовои он мепардозад. Мо низ бояд мушкилотро бишносем, сабаби пайдоиши онро аниқ кунем, баъдан роҳҳалҳои лозимиро пешниҳод намоем.

Ман орзуи онро дорам, ки бо кӯмаки Худованди мутаъол барои хизмат ба занони шарифи Тоҷикистон гоми устуворе бардошта бошем.

– Ба андешаи Шумо, ҳукуматдорон чаро аз рӯсарибандӣ бадашон меояд?

– Ин ҳассосиятро шахсан ман дар якчанд унсур мебинам. Аввал ин ки душманони Ислом ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ ҷой ором наменишинанд. Бо ҳар роҳ кӯшиш мекунанд, ҷомеъаҳои исломиро ба фасод бикашанд. Азбаски занон қишри таъсирпазири ҷомеъа мебошанд, пеш аз ҳама кӯшиш мекунанд, ин гурӯҳро заъиф намоянд. Аз ин рӯ, дар мавзӯъ ба гумони мо дасти душманон аз хориҷ бештар аст.

Дуввум, баъзе аз ҳукуматдорон баҳона пеш меоранд, ки чунин либос пӯшидани занон таблиғи фарҳанги бегонаро дар ҷумҳурӣ ба роҳ мемонад. Аммо дар асл мо шоҳиди он ҳастем, ки ВАУ, аз ҷумла телевизион, ба унвони либоси миллӣ ҷӣ шакл пӯшишҳоеро пешкаши ҷомеъаи бе ин ҳам фасодзадаи мо мегардонанд. Онҳо либоси миллиро танҳо дар матоъ ва гулдӯзиҳои миллӣ мебинанд, аммо ба тарзи дӯхти онҳо ҳеҷ кас аҳамият намедиҳад.

Саввум, ин ки ҳукуматдорони мо ба дарки фалсафаи аслии рӯймол нарасидаанд. Шояд наметавонанд дарк кунанд, ки рӯймол барои зан на танҳо пӯшиши сар, балки муҳофизатгари иффат, покдоманӣ ва шарму ҳаёи ӯст. Шояд дар ин маврид мо ҳам муқассир бошем, ки дар ин қадар соли фаъолият натавонистем, ин андешаро ба онҳо бирасонем.



Имрӯз занону духтарони мо тақлид ба занони амрикоӣ ва аврупоӣ мекунанд ва риоя намудани пӯшиши исломиро нишонаи ақибмондагӣ медонанд. Ҳол он ки худи аврупоиён дар ин андеша нестанд. Доктор Густав Лубун дар мавриди арзиш ва мақоми зан дар Ислом чунин мегӯяд: “Ҳар гоҳ бихоҳем дараҷаи таъсири Қуръон дар тағйири авзоъи зан ва боло бурдани мақоми ӯ дар ҷомеаро бидонем, бар мо воҷиб аст, ки авзоъ ва аҳволи ӯро дар даврони шукуфоии ҳукумати Ислом мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳем. Муаррихон нақл кардаанд, ки занони мусалмон дорои ҳамон манзалату мақом ва арзише ҳастанд, ки хоҳаронашон дар Аврупо ба тозагӣ онро ба даст овардаанд ва дар воқеъ онро аз арабҳои наҷиб ва шариф ва дорои одатҳои писандидаи Андалус иқтибос ва касб кардаанд... Ба ростӣ аврупоиён усули мардонагӣ ва он чиро ки боиси эҳтиром ва арзиши зан буд, аз арабҳо ёд гирифтанд. Ин Ислом буд, ки ба фарёди инсон расид ва ӯро аз чоҳи зиллату бадбахтӣ берун овард ва ба болотарин мақом расонид...”

– Шумо 13 сол аст дар наҳзат кору фаъолият доред, лутфан бигӯед, оё ягон нафъе бардоштед ва ё зараре дидед?

– Ин суол ба назари ман каме аҷиб аст. Шоири ширинкалом Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чунин мефармояд:

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,

Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Инсон агар қобилияти дарку фаҳмиш ва таҳлили дуруст дошта бошад, дар ҳар ҷода ва дар ҳар кору фаъолият барои худ фақат манфиат касб менамояд. Ман то ба ҳизб омадан дар чанд ҷойи дигар кор



кардаам ва фоидаҳои зиёд ба даст овардаам, ки шояд дар давоми умрам ба кор оянд. Аммо ҳизб дар ҳаёти ман ҷою мақоми хосеро дорост. Вақте ман дар радио ба ҳайси

гӯянда кор мекардам, касе маро ҳатто намешинохт. Мо ҳатто ҳуқуқи гуфтани номи худро надоштем. Аммо ба шарофати ҳизб маро дар як муҳити муайян ҳамчун шахсият шинохтаанд. Ман дар ин ҷо дарсҳои худшиносӣ ва худошиносӣ гирифтам, ки ин бароям хеле муҳим аст.

– Боз чӣ гуфтание доред?

– Шуъбаи бонувон мисли дигар шуъбаҳои ҲНИТ ба хотири эҳёи дини мубини Ислом, фарҳанг ва суннату русуми ниёгон дар талоши онанд, ки бо мадади Худованди бузург ҳамроҳи дигар нерӯҳои солиму созанда ҷомеъаи кишварамонро аз бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиву маънавӣ раҳоӣ бахшад. Мо умед дорем, дар солҳои наздик битавонем ба ҷомеъаи Тоҷикистон намунаи бонуи мусалмони муосирро муаррифӣ намоем. Дар охир таманнои онро дорам, ки Худованд моро дар ин ҷодаи воқеан душвору сангин устувор ва муваффақу муайяд бигардонад!

Мусоҳиб: М. Орзу



Мусоҳиба бо узви Шӯрои сиёсии ҲНИТ Абдуқаҳҳори Давлат

“Акнун масъулияти минбаъдаи таърихӣ бар дӯши мост ва мо ҳам бояд тавре ин мактабро ба мерос гузорем, ки роҳу равиш ва манҳаҷи он тибқи хостаи муассисон бошад”.

Абдуқаҳҳори Давлат 5 августи соли 1975 дар ноҳияи Колхозобод (Ҷ. Румӣ) дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Ошноӣ бо улуми исломиро ҳанӯз аз овони кӯдакӣ дар назди домулло Саидхоҷа ва қорӣ Муҳаммадвалӣ дар зодгоҳи худ оғоз намуда, сипас дар назди домулло Муҳаммадтолиб онро такмил медиҳад. Дар авоили солҳои навадум дар назди домулло Атохоҷаи Қумсангирӣ касби илм намуда, улуми сарфу наҳвро дар назди қорӣ Саидбек азбар мекунад. Баъди хатми мактаби миёна дар соли 1992 ба Техникуми савдои шаҳри Душанбе дохил мешавад ва баъди сар задани ҳаводиси солҳои 1992 ба Давлати Исломии Афғонистон ҳиҷрат намуда, аз он ҷо ба Покистон меравад ва Донишкадаи забони арабии ба номи Имом Абуҳанифа (р)ро бо баҳои хубу аъло хатм мекунад. Дар Покистон муддате ба ҳайси муҳаррири масъули маҷаллаи арабизабони тоҷикон бо номи «Ҷайҳун» кор кардааст. Баъди имзои Созишномаи сулҳ ба Ватан баргашта, факултаи журналистика ва тарҷумонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва факултаи Иқтисодиёти ҷаҳони До



нишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро хатм кардааст ва унвонҷӯи Академияи дипломатии назди Вазорати корҳои хориҷаи Федератсияи Русия мебошад. Номбурда дар вазифаҳои гуногун, аз ҷумла ёвари директори Хабаргузории илмию таҳлилии «Мизон», сармутахассиси Маркази матбуоти Вазорати саноати ҶТ, ёвари директори генералии ҶСНК «Тоҷиктекстил» кор кардааст. Фаъолияти ҳизбии худро аз соли 1999 оғоз намуда, то кунун дар бахшҳои мухталифи ҲНИТ фаъолият дорад, аз ҷумла, котиби Дастгоҳи

иҷроия (19992000,) муовини раиси шуъбаи кадр ва омӯзиши сиёсӣ (20012004,) сармуҳаррири ҳафтаномаи «Наҷот», раиси шуъбаи табъу нашри ҲНИТ (20042010) ва айни замон раиси шуъбаи робитаҳои хориҷии ҲНИТ мебошад. Соли 2007 Маркази иттилоотиву таҳлилии «Пресспанорама» таъсис дода, то ҳол директори ин марказ аст. Узви Шӯрои сиёсӣ ва Раёсати Олии ҲНИТ мебошад. Оиладор соҳиби 1 фарзанд аст.

Бародари гиромӣ, шуморо ба муносибати ҷашни 40солагии Наҳзат табрик мекунем.

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон.Бо изҳори ташаккур дар ибтидо аз шумо тамоми бародарону хоҳарони наҳзатиро бо ин санаи муҳим табрику таҳният мегӯям. Воқеан дар тӯли ин 40 сол ҳизб марҳилаҳои гуногуни ташаккулёбиро аз сар гузаронид. Солҳои фаъолияти пинҳонӣ, ширкат дар ҳукумати эътилофӣ, ҳиҷрат, мубориза ву муқовимат барои бозгашти сарбаландона ба кишвар ва соҳиб шудан ба ҳуқуқҳои аздастрафта, инчунин мушорикат дар КОМ ва ҳукумати давраи гузариш ҲНИТро ба чиҳили камолот расонид. Ин сана маънои онро дорад, ки наҳзатии имрӯз аз наҳзатии ибтидои солҳои навад бо



вижагиҳои хосе, ки ба узви як ҳаракати исломии муосир тааллуқ дорад, фарқ мекунад. Дар гузашта душманони ин ҳаракат бо ангушти иттиҳом онро ба тӯдаи «муллоҳои аз сиёсат» бехабар ташбеҳ мекарданд, вале имрӯз ин корро карда наметавонанд. Дар ин санаи хеле муҳим шояд таассуфовар ин бошад, ки дар паҳлӯи мо устодону бузургоне, ки дар таъсиси ин ҳизб заҳмат кашидаанд, нестанд. Ба хусус устодон Нуриву Ҳимматзода, Худованд онҳоро шомили раҳмати худ гардонида, дар биҳишти ҷовидон маъво диҳад.

Замони даргириҳо Шумо донишҷӯ будед, аммо чӣ сабаб шуд, ки таҳсилро канор гузошта, ҳиҷратро ихтиёр намоед?

Моҳи сентябри 1992 вақте ба айёдати волидайни худ ба ноҳияи Колхозобод рафтам, гурӯҳҳои мусаллаҳи сиёҳпӯш ба вилояти мо бо танку зиреҳпӯш ҳуҷум карданд. Аҳлу оила, падару модар ва дигар хешу ақрабо ба Душанбе муҳоҷир шуданд ва мебоист ман ҳам ба Душанбе меомадам, аммо роҳи рафтуомад якбора банд шуду омада натавонистам. Ман таҳсилро на аз рӯи ихтиёр, балки аз ноилоҷӣ канор гузоштам. Агар бигӯем, хотираҳои ҳиҷрат ҳама дарси зиндагӣ ва дарси ҳаёт аст, хато намекунем. Он шабурӯз мардум умед доштанд, ки ин мушкилӣ ҳарчи сареътар ҳалли худро хоҳад ёфт, хусусан баъди сессияи 16уми «таърихӣ». Ҳама бо чашми имдод ба қасри «Арбоб» менигаристанд, ки шояд роҳбарияти нави кишвар коре барои қатъи ҷангу хунрезӣ анҷом бидиҳад. Вале рафти ҳаводиси баъдӣ нишон дод, ки ин гумонҳо танҳо орзуву хаёланд. Ҳукумати нав ба ҷои ба мушкили мардум расидан, «отчистка»ро дар ҷумҳурӣ, ба хусус дар вилояти собиқ Қӯрғонтеппа ва шаҳри Душанбе роҳандозӣ кард. Дар ноҳияҳои Шаҳ

ритус, Қумсангир ва Панҷ мардуми зиёдеро ба шаҳодат расониданд. Ҳатто алайҳи бошгоҳҳои мардуми гурезаи бесилоҳ аз он тарафи симхор, дар лаби дарёи Ому ҳуҷум сурат гирифт, ки ман ва ҳазорон мардуми дигарро водор ба ҳиҷрат ба Афғонистон кард.

Баъд аз ҳиҷрат Шумо дар бархе аз сохторҳои давлатӣ кору фаъолият намудед, ҳамон вақт назари масъулини ниҳодҳои ҳукуматӣ ба мухолифин чӣ гуна буд?

Бояд қайд намоям, ки ҳадаф аз фаъолият дар ин сохторҳо танҳо касби таҷрибаи корӣ буд, на чизе беш аз ин. Дар Вазорати саноат ба ҳайси сармутахассиси Маркази матбуот ва дар ҶСШК «Тоҷиктекстил» дар ибтидо ба ҳайси сардори шуъбаи умумӣ ва баъдан ба ҳайси ёвари директори генералии корхона фаъолият кардам. Роҳбарияти ин ду сохтор аз фаъолияти банда қаноатманд буданд. Дар байни давлатмардон низ афроде буданд, ки ба мухолифин назари мусбат надоштанд, ҳатто агар имкон пайдо мешуд, барои ихроҷи онҳо аз сохторҳои давлатӣ дастур медоданд ва дар айни ҳол афроди хуб хеле зиёд буданд, ки аз ваҳдату мусолиҳаи миллӣ ҳарф мезаданд.

Дар ин ҷо мехоҳам, як қиссаи воқеъиро аз фаъолиятам дар ҶСНК «Тоҷиктекстил» ёдовар шавам. Ҳар ҳафта ҷаласаи Шӯрои директорон баргузор мешуд ва ман ҳам ба ҳайси ёвари директори генералӣ дар ин ҷаласаҳо ширкат мекардам. ҲХДТ барои ҷалби аъзои нав бо як гурӯҳ коргарзанони ҶС «Нассоҷ» муроҷиат мекунад, дар он ҷо посух мешунаванд, ки мо аъзои ҲНИТ мебошем. Ин хабар онҳоро сахт нороҳат мекунад ва баҳсро то Шӯрои директорон мекашанд. Аҷибаш ин буд, ки маро барои суҳбат кардан бо ин коргарзанон муваззаф сохтанд ва ҳатто ёдам меояд, ки



ба ман гуфтанд: «Кучоро нигоҳ мекунӣ, ки Наҳзат дар корхона ячейкаҳояшро ташкил кардааст….».

Фарҳанги коргузории Наҳзат аз ниҳодҳои ҳукуматӣ чӣ фарқият дорад?

Ба назари ман муҳимтарин фарқият дар фарҳанги муносибат ва кории исломӣ аст, ки дар асоси арзишҳои диниву мазҳабӣ пайдо мешавад. Дар Наҳзат ин фарҳанг роиҷ аст ва ҳамаи масъалаҳо дар доираи ҳамин арзишҳо, яъне арзишҳои исломӣ ҳаллу фасл мешаванд. Вале дар ниҳодҳои ҳукуматӣ то ҳол фарҳанги кӯҳнаи Шуравӣ роиҷ аст. Сабабаш дар он аст, ки афроде, ки сари қудратанд, аз мактаби Ҳизби коммунистӣ гузашта, тарбиядидаву таҳсилкардаи он замонанд. Муншии аввали ҳизби Коммунист, муншиҳои вилоятиву ноҳиявӣ таҳқиру дашном медоданд ва онҳо дар навбати худ ин фарҳангро дар маҳалҳо истифода мекарданд. Ҳанӯз ҳам аз ин гуна фарҳанги коргузорӣ дар идораҳо истифода мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо ҳатто ҳайсияти коргар ба инобат гирифта намешавад, вале мардум аз рӯи ночорӣ маҷбуранд, кор кунанд ва зиндагии худро пеш баранд.

Шумо замоне раиси шуъбаи табъу нашри ҲНИТ будед ва ин шуъба дар пайиислоҳоти сохтории ҳизб барҳам хӯрд. Ислоҳоти сохторӣ дар пешрафти кори ҲНИТ чӣ таъсир расонид?

Албатта, ҳар ислоҳот ҷанбаи мусбии худро дорад, вале гумон мекунам, барҳам додани ин шуъба ҷанбаҳои манфӣ низ дошт. Он замон як блоки қавии иттилоотӣ ва расонаӣ ба вуҷуд омада буд, ки нашри ҳама гуна матолиб бо ҳамоҳангии комил ва барномавӣ сурат мегирифт. Ҳафтаномаву маҷаллаҳо ва сомона дар таъмини маводу мақолаҳо комилкунандаи якдигар буданд. Маводе, ки хусусият ва талаботи жанрӣ дар он мутобиқат ба мӯҳтавои ҳафтано

421

ма, маҷаллаҳо ё ин ки сомона мекард, дар ҷои худ нашр мешуд. Мушкили асосие, ки имрӯз дар саҳифаҳои расонаҳо мебинем, ин баъзан ба хусусиятҳои жанрӣ ҷавобгӯ набудани матолиб аст, ки ба нашр мерасанд. Дар ҳоли ҳозир ҳар як расонаи мо ба шакли инфиродӣ ва барномаи дохилии худ фаъолият дорад, ки эҳтимолан дар баъзе ҳолатҳо корҳои муҳими расонаӣ ба сабаби ҳамоҳанг нашудан ё наомадани барномаҳои онҳо аз мадди назар дур мемонад. Ин амал дар инъикоси ҳаёти ҳизбӣ ва нашри матолиб таъсири манфӣ мерасонад. Дар баробари ин, шуъбаи табъу нашр як идда корҳоеро барои худкифо шудани расонаҳои ҳизбӣ рӯи даст гирифта буд, ки ба ҳизб фоидаи молӣ меовард.

Шумо яке аз номзадҳои ҲНИТ ба МН будед ва бо интихобкунандагони худ вохурӣ ва суҳбатҳо доштед, ҳоло мегуфтед, ки тақаллубкориҳо дар интихобот аз бетафовутии мардум нисбат ба сиёсат сар мезананд, ё мубтанӣ бар ташаккул наёфтани шуури фарҳанги сиёсии эшон аст?

Дар ин ҷо ҳаргиз намешавад бетафовутии мардумро сабаби тақаллубкориҳо дар интихобот донист. Дуруст аст, ки фарҳангу шуури сиёсӣ дар мо тоҷикон ҳанӯз ҳам ба таври комил ташаккул наёфтааст, вале мо дар роҳи ташаккулёбӣ ва рушди ин фарҳанг ҳастем. Агар интихоботҳои баъди мусолаҳаи миллиро мо мавриди таҳлил қарор бидиҳем, мебинем, ки интихоботи 2010 комилан аз интихоботҳои қаблӣ фарқ мекард. Яъне ширкати густурдаи мардум дар интихобот ва мубориза номзадҳо ба вакилӣ бозгӯи он аст, ки фарҳанги сиёсии мардуми мо як каме пеш рафтааст. Ба фикрам, аввалин бор баъди истиқлолият мақомот ва ҳизби ҳоким заъфу нотавонии худро дар пеши рақибони сиёсиаш бо чашми сар диданд. Барои уму

422

мигӯӣ нашудан, метавон аз ҳавзае, ки худи ман номзад будам, мисол биёрам. Рақибам, ки раиси ноҳия буду бар замми ин қаробати хешу таборӣ бо Президенти кишвар дошт, аз гузаронидани мулоқотҳои муштарак худдорӣ мекард. Ҳатто яке аз мулоқотҳоеро, ки мақомот ва ҳавза дар беморхонаи марказӣ бо ширкати фаъолони ноҳия ташкил карда буд, нахостанд моро даъват кунанд. Мо рафта, ба толор даромадем, талаботи қонунгузориро бароящон фаҳмондем, ки мо низ ҳаққи ширкатро дорем. Аз соати 9.00 то 10.30 ба сардии ҳаво нигоҳ накарда, мо ҳамроҳи мардум мунтазири ӯ шудем, вале ӯ наомад. Аниқтараш аз дарвозаи беморхона ворид шуду ба толор надаромад.

Тақаллубкориҳо танҳо аз афроде сар мезанад, ки тааллуқ ба элитаи ҳоким доранд. Онҳо супориш мегиранд ва супориш иҷро мекунанд. Ин албатта, бармегардад, боз ба надоштани фарҳанги сиёсӣ, тамаъҷӯӣ, тамаллуқкорӣ ва тарси аз даст додани мақому ҷойгоҳи ин гуна афрод.

Наҳзат дар барномаи кор ба муҳоҷирин хеле фаъол буд, вале ҳоло аҳзоб ва ба хусус ҲХДТ низ ба масъалаи муҳоҷирин аҳамият медиҳад. Ба андешаи Шумо рақобат миёни аҳзоб барои ҷалби аъзо ва ҷонибдорон аз ҳисоби муҳоҷирин шуруъ шудааст?

Таваҷҷуҳи ҲНИТ ба муҳоҷирон то ҷое ҳизби ҳокимро ба андеша водор кард ва як навъ рақобатро байни ду ҳизб ба вуҷуд овард. Наҳзат пешниҳод кард, ки дар кишвар як ниҳоди мустақил дар сатҳи вазорат бояд барои расидагӣ ба мушкили муҳоҷирон ташкил шавад ва мақомот бо таъсиси як хадамот иктифо намуд. Бояд ёдовар шавам, ки ҲНИТ се сол қабл бо даъвати худи муҳоҷирин як ҳайати 20 нафараро ба



шаҳру вилоятҳои мухталифи Федератсияи Русия равон кард, ки ҳайат аз шаҳрҳои Владивосток, Новосибирск, Екатеринбург, Перм, Самара, Қазон, Уфа, Нижний Тагил, Сургут, Маскав, СанкПетербург ва минтақаҳои дигар дидан намуда, бо муҳоҷирон суҳбату мулоқотҳо анҷом доданд. Ин барнома ҳанӯз ҳам идома дорад ва ҳамасола баъзе бародарон барои ин кор сафарбар карда мешаванд. Ба назари ман, ҷалби муҳоҷирин ба ҳизб он қадар муҳим нест, муҳим ба қалби муҳоҷир роҳ пайдо кардан аст, то ӯ ба қаноати қалбӣ бирасад ва дар ҳизб пуштибони ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ ва конститутсиониашро бубинад ва пойбандӣ ба ормону арзишҳои ҳизб нишон бидиҳад.Дар ғайри сурат узвияти нафаре, ки ба ормону арзишҳои ҳизб пойбанд нест, ҳеҷ маънӣ ё манфиате ба ҳизб расонида наметавонад.

Наҳзат дар алоқа бо хориҷ бештар бо ҳукуматҳо робита ва ҳамкорӣ дорад ва ё бо созмон ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ?

Наҳзат бо ҳама доира ва қишрҳои дохиливу хориҷӣ ҳамкорӣ дорад. Ҳамин гуна ҳамкориҳо буд, ки имрӯз Наҳзатро дар ҳама самтҳо мешиносанд ва аз он ҳамчун ҳизби дорои ҷаҳонбинии Исломи муътадил ном мебаранд. Дар баъзе аз кишварҳо таҷрибаи фаъолияти Наҳзат мавриди омӯзиш қарор дорад ва ҳамчун намуна истифода мешавад. Ин эътироф, албатта, саҳлу осон ба даст наомадааст ва робитаҳои доимии роҳбарияти ҳизб бо доираҳои мухталифи хориҷӣ, корпусҳои дипломатӣ, марказҳои таҳлиливу омӯзишӣ сабаби аслии ин эътироф аст.

Оё Наҳзат дар сиёсатҳои худ зери таъсири барномаҳои ҳизбу ҳаракатҳои кишварҳои дигар қарор мегирад?



Чунин таъсир вуҷуд надорад, вале Наҳзат аз таҷориб ва фаъолияти онҳо истифода мебарад ва ин кори маъмулии ҳар ҳизб аст. Табодули таҷриба ҳаргиз маънои зери таъсир

қарор гирифтанро надорад. Фитрати инсонӣ ҳам ин гуна хусусиятҳоро дорад ва баъзан мешавад, ки гароишҳо пайдо мешаванд, ки дар кори ҷамъиятӣ ва гурӯҳӣ ҳаргиз таъсиргузор нест. Наҳзати мо наҳзати сирф, исломӣ бо андешаҳо ва ҷаҳонбинии тоҷикӣ аст.

Шумо бо Вазорати хориҷии кишвар ва дигар сохторҳои он чӣ гуна ҳамкорӣ доред?

Ҳамкориҳо ҳаст, вале қонеъкунанда нестанд. Ин албатта, боз ба ҳамон фарҳангу муносибати сиёсӣ ва ҷаҳонбиние, ки дорем, бармегардад. Вале қадам ба қадам пеш рафта истодаем ва умед аст, ки ин ҳама бу хубӣ паси сар хоҳад шуд.

Дар охир чӣ гуфтании дигаре доред?

Ҳифзи ин мактаб, ки аз бузургони мо ба мерос омадааст, аз масъулиятҳои мост. Онҳо дар сахттарин шароит тавонистанд аз ин мактаб ҳифозат кунанд ва нагузоранд, ки роҳи оғозгашта дучори лағзишҳо шавад. Хатарҳо ва адовати душманонро бо иноят ва сабри илоҳӣ паси сар карданд ва нагузоштанд, то Наҳзат як абзор барои доираҳои дигар бошад. Акнун масъулияти минбаъдаи таърихӣ бар дӯши мост ва мо ҳам бояд тавре ин мактабро ба мерос гузорем, ки роҳу равиш ва манҳаҷи он тибқи хостаи муассисон бошад.

Саломат бошед.

Мусоҳиб: М.Орзу

425

ҲИЗБИ НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН

ISLAMIC REVIVAL PARTY OF TAJIKISTAN

АСНОД

СОХТОР

ВА

ЧЕҲРАҲОИ

ҲНИТ

426

427

АНҶУМАНҲОИ ҲИЗБИ

НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ

ТОҶИКИСТОН

«Мақоми олии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон анҷуман мебошад. Анҷумани ҳизб дар муддати чаҳор сол як маротиба даъват карда мешавад. Раёсати Олии ҳизб тибқи зарурат метавонад анҷумани ғайринавбатиро даъват намояд. Вақт ва ҷои гузаронидан, шумора ва тартиби пешниҳоди вакилон ва рӯзномаи анҷуманро раёсати ҳизб муайян мекунад. Анҷуман дар сурати ҳозир будани аз се ду ҳиссаи вакилон баргузор мешавад. Қарорҳои анҷуман бо тарафдории аксарияти вакилони иштироккунанда қабул карда мешавад. Анҷуман ваколатдор аст, Раёсати Олии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро интихоб намояд, раиси ҳизб, ҳайат ва раиси комиссияи тафтишотиро бо пешниҳоди раёсати ҳизб интихоб намояд, хатти машйи ҳизбро муайян кунад, оинннома ва барномаи ҳизбро қабул намуда, дар онҳо тағйироту иловаҳо ворид намояд, рамз ва парчами ҳизбро тасдиқ ва қабул намояд, дар ҳолатҳои зарурӣ метавонад, баъзе салоҳиятҳои худро бо тарафдории аз се ду ҳиссаи вакилони иштироккунанда ба Раёсати Олии ҳизб диҳад, пешниҳоди Раёсати Олии ҳизбро дар хусуси истеъфои раис, раиси комиссияи тафтишотӣ ва ҳайати он баррасӣ ва тасдиқ намояд, номзади ҳизбиро ба мақоми президентӣ, инчунин рӯйхати номзадҳоро ба вакилии Маҷлиси намояндагон пешбарӣ намояд» (аз оинномаи ҲНИТ)

428

Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон то имрӯз 9 Анҷумани навбатӣ ва ғайринавбатӣ баргузор намудааст.

Анҷумани I (таъсисӣ)

Таърих: 20.10.1991

Макон: ш. Душанбе, «Хонаи маориф».

Иштирокчиён: 657 вакил ва 310 меҳмонон.

Рузномаи Анҷуман:

1. Таъсиси Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон.

2. Қабули оинннома ва барномаи ҲНИТ.

3. Интихоби Раёсати Олии ҲНИТ.

4. Интихоби раиси ҲНИТ.

5. Интихоби ҳайати Комиссияи тафишот.

6. Масоили мухталиф.

Анҷумани II (таъсисӣ)

Таърих: 16.09.1999

Макон: ш. Душанбе, толори «Филармония».

Иштирокчиён: 600 вакил ва меҳмонон.

Рӯзномаи Анҷуман:

1. Таъсиси Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон.

2. Қабули оиннома ва барномаи ҲНИТ.

3. Интихоби Раёсати Олии ҲНИТ.

4. Интихоби раиси ҲНИТ.

5. Интихоби ҳайати Комиссияи тафтишот.

6. Интихоби дабири кулли ҲНИТ

7. Пешниҳоди номзади ҲНИТ ба мақоми президентии кишвар.

8. Масоили мухталиф.

Ба сабаби онки то пешниҳоди номзад ба мақоми президентӣ вақти қонунӣ нарасида буд Анҷуман дар кори худ танаффуси чандрӯза эълон намуд. Дар моҳи октябри ҳамон сол Анҷуман ба кори худ идома дода, номзадии узви фаъъоли Наҳзат, вазири иқтисод ва



равобити иқтисоди хориҷии кишвар Давлат Усмонро ба мақоми президентӣ пешбарӣ намуд.

Анҷумани III (ғайринавбатӣ)

Таърих: 31.12.1999

Макон: ш. Душанбе, толори «Филармония».

Иштирокчиён: 400 вакил ва меҳмонон.

Рӯзномаи Анҷуман:

1. Қабули барномаи пешазинтихоботии ҲНИТ

2. Пешниҳоди рӯйхати номзадҳои ҲНИТ барои номзадӣ ба МН МО ҶТ.

3. Масоили мухталиф.

Анҷумани IV (навбатӣ)

Таърих: 13.09.2003

Макон: ш. Душанбе, толори «Қароргоҳи марказии ҲНИТ».

Иштирокчиён: 600 вакил ва меҳмонон.

Рӯзномаи Анҷуман:

1. Гузориши раиси ҲНИТ оид ба фаъолияти ҳизб дар солҳои 19992003.

2. Гузориши раиси КТ оид ба фаъолияти ҳизб дар солҳои 19992003.

3. Ворид намудани тағйироту иловаҳо ба оинномаи ҲНИТ.

4. Интихоби РО.

5. Интихоби раиси ҲНИТ.

6. Интихоби ҳайати КТ.

Анҷумани V (ғайринавбатӣ)

Таърих: 19.12 2004

Макон: ш. Душанбе, толори «Қароргоҳи марказии ҲНИТ».

Иштирокчиён: 450 вакил ва меҳмонон.

Рӯзномаи Анҷуман:

430

1. Тасдиқи рӯйхати номзадҳои ҲНИТ ба вакилии МН МО ҶТ.

2. Қабули платформаи пешазинтихоботии ҲНИТ

3. Ташкили ситоди баргузории интихоботи соли 2005

4. Масоили мухталиф.

Анҷумани VI (ғайринавбатӣ)

Таърих: 02.09.2006

Макон: ш. Душанбе, толори «Қароргоҳи марказии ҲНИТ».

Иштирокчиён: 238 вакил ва 49 меҳмонон 14 расонаҳои хабарӣ.

Рӯзномаи Анҷуман:

1. Интихоби раиси ҲНИТ.

2. Ширкати ҲНИТ дар интихоботи Президентии 2006

3. Масоили мухталиф.3

Анҷумани VII (навбатӣ)

Таърих: 24.09. 2007

Макон: ш. Душанбе, толори «Қароргоҳи марказии ҲНИТ».

Иштирокчиён: 400 вакил ва меҳмонон.

Рӯзномаи Анҷуман:

1. Гузориши раиси ҲНИТ оид ба фаъолияти ҳизб дар солҳои 20032007.

2. Гузориши раиси КТ оид ба фаъолияти ҳизб дар солҳои 20032007.

3. Интихоби РО.

4. Интихоби раиси ҲНИТ.

3 Дар масоили мухталиф ду пешниҳод аз тарафи раиси тозаинтихобшудаи ҲНИТ М. Кабирӣ шуд. Якум интихоби М. Ҳимматзода ба ҳайси роҳбари маънавии ҲНИТ, дуюм интихоби фарзанди устод Нурӣ, Муҳаммадҷони Нурӣ ҳамчун узви РО, ки ҳарду пешниҳодҳо аз тарафи Анҷуман қабул карда шуданд.

431

5. Интихоби ҳайати КТ.

6. Масоили мухталиф.

Анҷумани VIII (ғайринавбатӣ)

Таърих: 20.12. 2009

Макон: ш. Душанбе, толори «Кохи Ҷомӣ».

Иштирокчиён: 581 вакил ва 611 меҳмон.

Рӯзномаи Анҷуман:

1. Паёми роҳбари маънавии ҲНИТ Муҳаммадшариф Ҳимматзода.

2. Суханронии раиси ҲНИТ М. Кабирӣ дар бораи Платформаи ҳизб.

3. Фикру андешаҳои вакилон ва меҳмонон перомуни суханронӣ.

4. Пешниҳод ва тасдиқи рӯйхати номзадҳои ҲНИТ ба вакилии МН МО ҶТ ба ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ

5. Масоили мухталиф (қабули муроҷиатномаи ҲНИТ дар бораи дастгирии НБОи Роғун)

Анҷумани IX (навбатӣ)

Таърих: 2324. 09. 2011

Макон: ш. Душанбе, толори «Қароргоҳи марказии ҲНИТ».

Иштирокчиён: 250 вакил ва беш аз 1500 меҳмонон.

Рӯзномаи Анҷуман:

1. Гузориши раиси ҲНИТ М. Кабирӣ оид ба фаъолияти ҳизб дар солҳои 20072011.

2. Гузориши раиси КТ М. Файзмуҳаммад оид ба фаъолияти ҳизб дар солҳои 20072011.

3. Интихоби РО.

4. Интихоби ҳайати КТ.

5. Интихоби раиси ҲНИТ.

6. Масоили мухталиф.

432

ОИННОМАҲОИ

ҲИЗБИ НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ

ТОҶИКИСТОН

ЯКУМ:

Оинномаи Ҳизби Наҳзати Исломии Умумииттифоқӣ.

Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим

Оинномаи.4 Ҳизби Наҳзати исломии Умумииттифоқӣ

1. Мақсад ва вазифаҳо.

1.1 ҲНИ ташкилоти умумииттифоқии динӣсиёсии мусулмонон мебошад.

1.2 Мақсади ҲНИ.

эҳёи маънавӣ истиклолияти иқтисодӣ

бедории сиёсӣ ва ҳуқуқи мусалмонон ба мақсади амалӣ кардани асосҳои Қуръон ва суннат дар ҳаёт.

1.3 Роҳҳои расидан ба ин мақсадҳо:

Густариши Ислом бо ҳамаи воситаҳои ахборотии дастрасшуда дар байни ҳамаи халқҳо

иштироки фаъолонаи мусулмонон дар ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии мамлакат

дар зиндагии ҳарруза ҳар як аъзои ҲНИ иҷро кардани талаботҳои Ислом.

4 Оинномаи ҲНИ ИШ соли 1990 дар Анҷуман шаклан қабул шуд. Моҳи феврали 1991 ҳайате болои он кор карда, ба Вазорати адлияи Русия пешниҳод гардид. Дар ин ҳайат аз

Тоҷикистон С. А. Нурӣ, М. Ҳимматзода, О. Абдусалом, З. Розиқ, Абдумалик Зокиров ва С. Назар шомил буданд.

433

2. Узвият ба ҲНИ

2.1 Аъзои ҲНИ ҳар як мард ва зани мусулмон шуда метавонад, ки:

ба синни 15солагӣ расида бошад

талаботҳои исломиро иҷро кунад

Оиннома ва барномаи ҲНИро эътироф намуда,барои дар ҳаёт татбиқ намудани онҳо кӯшишу ҳамкорӣ намояд.

аз тарафи ду аъзои ҲНИ тавсия дода шуда, ташкилоти ибтидоӣ тавсияи ӯро ба аъзогӣ якдилона қабул намояд.

2.2 Аъзои ҲНИ ҳуқуқ дорад:

дар интихоботи органҳои роҳбарикунандаи ҳизб иштирок намояд.

ба воситаи Х,.Н.И.дар' ҳаёти сиёсии мамлакат иштирок намояд.

таклифҳо пешниҳод намояд.

фикру андешаҳои худро баён ва аз он ҳимоя кунад

дар ҳолати муҳтоҷи ва таъқиботи ғайриқонунӣ аз

ҳисоби ҳизб ёрӣ гирад.

2.3 Аъзои ҲНИ вазифадор аст:

амру наҳи исломро дар ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ иҷро намояд.

талаботи оиннома ва барномаи ҲНИро иҷро намояд.

асосҳои ахлоқии Исломро пайравӣ намояд.

аз рӯи имконият ҳар моҳ на камтар аз 2 сум ба ҲНИ ёрии моддӣ расонад.

2.4 Аъзои ҲНИ аз аъзогӣ бароварда мешавад, агар:

аъзои дигар ҳизб шавад.

талаботи Исломро иҷро накунад

434

симои ахлоқии ӯ ҲНИ ро бадном намояд

нишондодҳои оиннома ва барномаи ҲНИро вайрон кунад.

2.5 Қарор дар хусуси аз аъзогии ҲНИ хориҷ карданро ташкилоти ибтидоӣ бо аксарияти овоз қабул мекунад.

2.6 Аз болои чунин қарор ба Шӯрои Уламои зинаи наздиктарин шикоят кардан мумкин аст.

3. Сохти ҲНИ

3.1 ҲНИ дар асоси аъзогии фардӣ ба ташкилоти ягонаи умумииттифоқӣ сохта мешавад.

3.2 ҲНИ ба мақсади омӯзиш ва таблиғоти Ислом, ташкилотҳои ҷавонон ва наврасонро барпо мекунад.

3.3 Зинаи аввали ҲНИ, ки аъзоёни ҲНИро вобаста ба макони зист муттаҳид месозад, ташкилоти ибтидоист,ки:

Ориф (раис) ро интихоб мекунад.

сиёсати ҲНИро ба омма мерасонад.

дар ҳайати ташкилотҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ, ҷумхуриявӣ ва минтақавии ҲНИ дохил мешавад.

3.4 Дар ноҳияҳо орифон Амин (раис)и худро интихоб мекунад.

3.5.Ташкилотҳои вилоятӣ (ҷумҳуриятӣ, минтақавӣ, хусусиятҳои маҳаллии худро ба ҳисоб гирифта, сохти органҳои марказии ҲНИро мекунад?

4. Органҳои марказии ҲНИ

4.1 Органи олии ҲНИ анҷуман мебошад, ки дар муддати камтар аз 2 сол як маротиба гузаронида мешавад.

4.2 Вазъият, вақт, ҷои гузаронидан, намояндагии вакилон ва рӯзномаи анҷуманро Шӯро Уламо муайян мекунад.



4.3 Анҷуман дар сурати ҳозир будани аз 3 ду ҳиссаи вакилон салоҳиятдор ҳисобида мешавад.

4.4.Қарорҳои анҷуман бо раъйи зиёда аз 3 ду ҳиссаи вакилони иштироккунанда қабул карда мешавад.

4.5 Анҷуман вазифадор аст:

аз ҳисоби олимони салоҳиятдори исломӣ, ки конфронсҳои минтақавӣ тавсия додаанд, Шӯрои Уламоро интихоб намояд.

номзадии Амири ҲНИ ва муовини аввали ӯро тасдиқ намояд.

ҳуҷҷатҳои ҲНИро тасдиқ намояд.

ҳисоботи Амирро дар хусуси кори Шӯрои Уламо ва кумитаи иҷроия шунавад.

коммиссияи назоратӣтафтиширо интихоб намояд.

ҳиссоботи комиссияи назоратӣтафтиширо шунавад.

4.6 Шӯрои Уламо органи олии ҲНИ дар байни анҷуманҳост. Шӯрои Уламо ба тарафдории аз 3 ду ҳиссаи ҳамаи аъзоёнаш қарор қабул мекунад.

4.7 Шӯрои Уламо вазифадор аст:

раиси Шӯрои Уламоро ба анҷуман пешбарӣ намояд, ки он Амири ҲНИ ҳисоб меёбад

бо пешниҳоди Амири ҲНИ ҳайати кумитаи иҷроия, ҷойнишинони Амир, котиби масъул ва хазиначиро тасдиқ намояд.

Оинномa, барнома ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳизбиро қабул кунад, тағйирот дароварад ва барои тасдиқ ба анҷумани ҲНИ пешниҳод намояд.

фаъолияти рӯзмарра (стратегӣ) ва тактикии ҲНИро муайян намояд.



зинаҳои поёнии ҲНИро ташкил намуда, ба ҲНИ дар ташкили корҳояшон ёрӣ расонад.

аъзоёни бесалоҳияти Шӯрои Уламоро бо қарори Шӯрои Уламо аз ҳайати худ хориҷ намуда, барои тасдиқ намудан, қарорро ба анҷумани ҳизб пешниҳод намояд.

4.8 Кумитаи координатсионӣ органи иҷроияи ҲНИ:

кори ҳаррӯзаи ҳизбро роҳбарӣ менамояд.

шуъбаҳои зеринро ташкил медиҳад:

ахборотӣ, маъориф, молиявӣхоҷагӣ, матбуот, гӯруҳҳои корӣ ва ғайра

Амири ҲНИ раиси кумитаи иҷроия мебошад.

4.9 Коммиссияи назоратӣтафтишотӣ:

фаъолияти молиявию хоҷагии ҳамаи зинаҳои ҲНИро назорат мекунад

таҳти роҳбарии раиси К.Н.Т. ки анҷуман ӯро интихоб намудааст, амал мекунад.

фақат дар назди анҷумани ҲНИ ҳисобот медиҳад.

4.10 Амири ҲНИ ҳизбро ба воситаи Шӯрои Уламо ва кумитаи иҷроия роҳбарӣ менамояд.

4.11 Дар сурати бесалоҳиятии Амир ва муовини аввали вай, Шӯрои Уламо қарори барканор кардани онҳоро барои тасдиқ кардан ба анҷумани ғайринавбатии ҳизб пешниҳод мекунад. То анҷумани ғайринавбатӣШӯрои Уламо Амирро аз иҷрои вазифа дур карда наметавонад.

5. Фаъолияти молиявию хоҷагии ҲНИ

5.1 Ҳамаи зинаҳои ҲНИТ шахси юридикӣ мебошанд, ки дар бонки давлати ҳисоб мекушоянд, дорои мӯҳр ва сикка (штамп) мебошанд, ҳуқуқи



фаъолияти молиявию хоҷагӣ доранд ва метавонанд муассисаҳои мустақилона ва муштарак кушоянд.

5.2 Маблағи ҲНИ иборат аст аз:

ёрдампулии ҳармоҳаи аъзоёни ҳизб

ҷамъоварии яквақтӣ

даромад аз фаъолияти нашриёти ҳизбӣ

ёрдами шаҳрвандон, кооперативҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо

даромад аз ҳисоби фаъолияти молиявӣхоҷагӣ муассисаҳо, ширкатҳо ва кооперативҳои худӣ ва муштарак

закот, садақот ва дигар хайрияҳо.

5.3 Ҳамаи ташакилотҳои ҲНИ ба ташкилотҳои болоӣ панҷоҳ фоизи даромади худро медиҳанд.

5.4 Маблағу ашёҳое, ки барои гузаронидани маъракаҳои хос пешбинӣ шудаанд ба ташкилотҳои болои гузаронида намешаванд.

5.5 Маблағу ашёҳое, ки баъди барҳам хӯрдани яке аз ташкилотҳои ҲНИ боқӣ мемонанд, аз рӯи усули гузаронидани даромадҳо ба ташкилоти болоӣ гузаронида мешавад.

6. Матбуот

6.1 ҲНИ матбуоти марказӣ ва минтақавиро нашр мекунад.

6.2 ҲНИ дорои матбааи худӣ шуда метавонад.

6.3 Роҳбарияти умумии органи марказии матбуотро Амир ба воситаи муҳарир иҷро мекунад.

7.ҲНИ дорои рамзи хурдие шуда метавонад, ки онро Шӯрои Уламо муайян мекунад..

ДУЮМ:

Оинномаи ҲНИТ аз соли 1991

Оинномаи5

Ҳизби Наҳзати Исломии Точикистон

БисмиллоҳирРаҳмонирРаҳим

1. Мақсад ва мароми ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон.

1.01 Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ташкилоти ҷамъиятӣсиёсии мусулмонони Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бар асоси ақидаи исломӣ бунёд мегардад, ки он эмони ба Худои ягона ва рисолати Муҳаммад (с) аст.

Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад.

1.02 Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ҳизби шакли порлумонӣ буда, дар муборизаҳои интихоботӣ фаъолона ширкат меварзад ва намояндаҳои худро ба номзадии халқ пешбарӣ мекунад.

1.03 Ҳадафҳои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон:

эҳёи маънавии шаҳрвандони ҷумҳурӣ;

истиқлолияти иқтисодӣ ва сиёсии ҷумҳурӣ;

бедории сиёсӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади амалӣ кардани асосҳои Ислом дар ҳаёти мусулмонони ҷумҳурӣ.

1.04 Вазифаҳои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон:

5 Оинномаи мазкур дар нахустанҷумани Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон 26 октябри соли 1991 қабул гардида, дар асоси пешниҳоду дархостҳои вакилон такмил дода шуд.



густариш ва таблиғоти Ислом ба воситаҳои ахборотии дастрасшуда дар байни халқҳои ҷумҳурӣ;

ҷалб намудани мусулмонон дар ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии ҷумҳурӣ;

дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҳар як аъзои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон риоя ва амалӣ намудани талаботҳои Ислом;

таъсис намудани ташкилотҳои ҷавонон

2. Узвият ба Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон

2.01 Аъзои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ҳар як шахси мусулмон шуда метавонад, ки ба ташкилоти ибтидоии хизб бо ариза муроҷиат намуда:

ба синни 18солагӣ расида бошад;

талаботҳои Исломро иҷро намояд;

оиннома ва барномаи Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро эътироф намуда, таъаҳҳуд намояд, ки мутобиқи он амал мекунад ва барои дар ҳаёт татбиқ намудани онҳо кӯшиш мекунад;

аз тарафи 2 нафар аъзоёи Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон тавсия дода шуда, ташкилоти ибтидоӣ ба аксарияти овозҳо аъзогии ӯро тарафдорӣ намояд ва муҳлати санҷишро, ки аз 2 то 5 моҳ аст гузарад.

2.02 Аъзои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад:

дар интихоботи мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб иштирок намояд ва баъди 2 соли собиқаи узвият ба роҳбарияти органҳои ҳизбӣ интихоб шавад.

дар ҳаёти сиёсӣиқтисодии ҷумҳурӣ дар доираи қонунҳои ҷорӣ иштирок намояд,

таклиф ва фикру андешаҳои худро пешниҳод ва аз он ҳимоя намояд,

440

дар ҳолати мухтоҷӣ ва таъқиботи ғайриқонунӣ аз ҳисоби ҳизб ёрӣ гирад ва пуштибонӣ ёбад.

2.03 Аъзои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон вазифадор аст:

амру наҳи Исломро дар ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятии худ иҷро намояд,

талаботи оиннома ва барномаи Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро амалӣ намояд,

асосҳои ахлоқии Исломро пайравӣ намояд,

барои баланд бардоштани савияи дониши динии худ кӯшиш намояд,

ҳар моҳ на камтар аз 2 сӯм ҳаққи узвият супорад,

2.04 Аъзои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон аз узвият хориҷ карда мешавад, агар:

хоҳиши аз ҳизб баромаданро бо ариза ба ташкилоти ибтидоӣ изҳор кунад,

аъзои дигар ҳизб шавад,

талаботҳои Исломро иҷро накунад,

симои ахлоқии ӯ Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро бадном намояд,

коре бар зидди сиёсат ва хатти машйи Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон анҷом бидиҳад,

нишондодҳои оиннома ва барномаи Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро вайрон кунад.

2.05 Қарор дар хусуси аз аъзогии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон хориҷ карданро ташкилоти ибтидоӣ бо аксари овоз қабул мекунад.

2.06 Аз болои чунин қарор ба раёсати зинаҳои болоии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон шикоят кардан мумкин аст.

3. Сохти Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон,

3.01 Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар асоси узвияти фардӣ ва ташкилоти ягонаи умумиҷумҳурӣ таркиб меёбад.

441

3.02 Зинаи аввали Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ташкилоти ибтидоист:

дар асоси аризаи шахсӣ ба аъзогии ҳизб қабул менамояд ва аз аъзогӣ хориҷ менамояд,

аъзоёни ҳизбро вобаста ба макони зист муттаҳид менамояд,

роҳбари ташкилоти ибтидоиро интихоб менамояд,

сиёсати Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро ба омма мерасонад.

дар ҳайати ташкилотҳои ноҳиявии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дохил мешавад.

3.03 Дар вилоят ва ноҳияҳо конфронс, раёсати вилоят /ноҳия/ ро интихоб менамояд.

3.04 Конфронс дар муддати на камтар аз 2 сол як маротиба гузаронида мешавад ва дар сурати ҳозир будани 2/3 ҳиссаи вакилон салоҳиятдор шуморида мешавад.

3.05 қарорҳои конфронс бо раъйи 2/3 ҳиссаи вакилони иштироккунанда қабул карда мешаванд,

3.6 Конфронс ваколатдор аст:

ҳайати раёсати шуъба ва комиссияи назоратитафтишотиро интихоб намояд,

раиси шуъба ва ҷонишинони ӯро бо пешниҳоди ҳайати раёсат интихоб намояд:

ҳисоботи раиси шуъба ва кумитаи назоратӣ тафтишотиро шунавад ва ба кори онҳо баҳо диҳад.

3.07 ҳайати раёсати шуъба мақоми роҳбарикунандаи шуъбаи вилоятӣ /ноҳиявӣ/ дар байни конфронсҳо мебошад. Ҳайати раёсат бо тарафдории 2/3 ҳиссаи ҳамаи аъзоёни он қарор қабул мекунад.

3.08 Ҳайати раёсат вазифадор аст:

кори ҳаррӯзаи шуъбаи вилоятӣ /ноҳиявӣ/ ро роҳбарӣ намояд,

442

ба конфронс номзадии раис ва ҷонишинони ӯро пешбарӣ намояд,

аъзоёни бесалоҳияти ҳайати раёсати шуъбаро бо пешниҳоди раиси шуъба бо тасдиқи 2/3 ҳиссаи аъзоёни ҳайати раёсат аз ҳайати худ хориҷ намояд.

4. Мақомоти марказии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон

4.01 Мақомоти олии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон анҷуман буда, дар муддати на бештар аз 4 сол як маротиба даъват карда мешавад.

4.02 Вазъият, вақт, ҷои гузаронидан, намояндагии вакилон ва рӯзномаи анҷуманро ҳайати раёсат муайян мекунад.

4.03 Анҷуман дар сурати ҳозир будани 2/3 ҳиссаи вакилон салоҳиятдор ҳисобида мешавад.

4.04 Қарорҳои анҷуман бо раъйи 2/3 ҳиссаи вакилони иштироккунанда қабул карда мешаванд.

4.05 Анчуман ваколатдор аст:

ҳайати раёсати Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро интихоб намояд:

комиссияи назоратйтафтишотиро интихоб намояд,

раиси Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ва муовинонашро бо пешниҳоди ҳайати раёсат интихоб намояд,

ҳуҷҷатҳои ҳизбро қабул намояд,

Оиннома ва барномаи ҳизбро қабул намуда, дар онҳо тағйирот ва иловаҳо дарорад ва ба кори онҳо баҳо диҳад.

4.06 Ҳайати раёсат мақоми олии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар байни анҷуманҳост. Ҳайати раёсат ба тарафдории 2/3 ҳиссаи ҳамаи аъзоёни раёсат қарор қабул мекунад.

4.07 Ҳайати раёсат вазифадор аст:

443

кори ҳаррӯзаи Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро роҳбарӣ намояд:

номзадии раис ва ҷонишинонашро барои интихоб ба анчуман пешкаш намояд,

бо пешниҳоди раиси Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ҳайати кумитаи иҷроия, котиби масъул ва хазиначиро тасдиқ намояд,

оиннома, барнома ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳизбро таҳлил намуда, барои тасдиқ ба анҷуман пешниҳод намояд,

мавқеъ ва фаъолияти рӯзмарраи ҳизбро муайян намояд,

дар сохтор ва ташкили кори зинаҳои поёнии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ёрӣ расонад,

аъзоёни бесалоҳияти ҳайати раёсатро бо пешниҳоди раиси Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ва тасдиқи 2/3 ҳиссаи аъзоёни ҳайати раёсат аз ҳайати худ хориҷ намояд.

4.08 Кумитаи ичроияи ҳизб дорои шуъбаҳои зерин мебошад: иршодоту таблиғот, таълиму тарбия, молия ва хочагӣ, матбуот ва шуъбаи кор бо ҷавонон.

4.09 Бо салоҳдиди худ ҳайати раёсат метавонад шуъбаҳои дигарро ташкил намояд.

4.10 Комиссияи назоратӣтафтишотӣ:

фаъолияти ҳамаи зинаҳои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро назорат ва тафтиш мекунад,

таҳти роҳбарии раиси комиссияи назоратӣтафтишотӣ, ки анҷуман интихоб намудааст, амал мекунад,

дар назди анҷуман ва конфронси Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ҳисобот медиҳад.

4.11 Раиси Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон роҳбарии ҳизбро ба воситаи ҳайати раёсат амалӣ менамояд.

444

4.12 Дар хусуси бесалоҳиятии раиси Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ва ҷонишинонаш ҳайати раёсат бо 2/3 ҳиссаи овозҳо қарор кабул намуда, карори мазкурро барои тасдиқ ба анҷумани навбатӣ ё ғайри навбатии ҳизб пешниҳод менамояд. То анҷумани ҳизб, раис ва ё ҷонишини ӯро аз иҷрои вазифа боздоштан мумкин аст.

5. Фаъолияти молиявию хоҷагии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон

5.01 Ҳамаи зинаҳои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон шахси ҳуқуқӣ /юридикӣ/ мебошанд.

Дар бонки давлатӣ ҳисоб мекушоянд, дорои муҳр ва сикка /штамп/ мебошанд, ҳуқуқи фаъолияти молиявӣ ва хоҷагӣ доранд, метавонанд муассисаҳои мустақилона ва муштарак кушоянд.

5.02 Манобеи даромади Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон иборат аст аз:

хаққи узвият,

ёрдампулии яквақта бо қарори ҳайати раёсат дар ҳолатҳои зарурӣ,

даромад аз нашрияҳои ҳизбӣ, хайрияҳои шаҳрвандон, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар манобее, ки ба қонунҳои амалкунанда мухолиф нестанд.

5.03 Ҳамаи ташкилотҳои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ба ташкилотҳои болоӣ 50% даромади худро медиҳанд.

5.04 Маблағу ашёе, ки барои гузаронидани маъракаҳои хос пешбинӣ шудаанд, ба ташкилотҳои болоӣ гузаронида намешаванд,

5.05 Маблағу ашёе, ки баъди барҳам хӯрдани яке аз ташкилотҳои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон боқӣ мемонанд, ба ташкилотҳои болоӣ гузаронида мешаванд,

445

6. Органи иттилоотии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон

6.01 Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон матбуоти марказӣ ва вилоятиро /минтақавиро/ нашр мекунад, ки мувофиқи қонуни амалкунанда ба қайд гирифта мешаванд.

6.02 Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон метавонад дорои матбааи худ бошад.

6.03 Роҳбари умумии органи марказии матбуотро раиси шуъбаи матбуот ба воситаи муҳаррир иҷро мекунад.

7. Рамз ва парчам,

7.01 Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дорои рамз ва парчами худ мебошад, ки онро анҷуман муайян мекунад ва мувофиқи қонуни амалкунанда ба қайд гирифта мешаванд.

8. Тартиби қатъи фаъолияти ҳизб,

8.01 Фаъолияти Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон бо қарори анҷуман бо тарафдории 2/3 ҳиссаи овозҳо қатъ мегардад.

8.02 Молу ашёи ҳизб, баъди қатъшавӣ бо мақсадҳои дар оинномаи мазкур пешбинишуда сарф мешаванд.

446

СЕЮМ:

Оинномаи ҲНИТ аз соли 1999

Ба номи Худо

Оинномаи6 Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон

1.Ном, мақсад ва вазифаҳои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон

1.1 Номи ҳизб, Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон мебошад.

ҲНИТ созмони ҷамъиятӣсиёсӣ буда, дар асоси ақидаи исломӣ бунёд гашта, тибқи Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар қонуну санадҳои ҳуқуқӣ фаъолият менамояд.

ҲНИТ ҳизби ҷумҳуриявӣ буда, дар қаламрави ҶТ амал мекунад.

1.2 ҲНИТ дар маъракаҳои сиёсӣ ва чорабиниҳои оммавӣ фаъолона иштирок менамояд ва намояндагони худро ба мақомоти намояндагони маҳаллӣ, вакилии Маҷлиси Олӣ ва президентии ҶТ пешбарӣ менамояд;

ҲНИТ дар маъракаҳои сиёсӣ метавонад дар алоҳидагӣ ва ё дар иттиҳод бо дигар ҳизбу созмонҳо иштирок намояд.

1.3 Ҳадафҳои ҲНИТ:

ҳифзи истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон;

ҳимояти якпорчагӣ ва тамомияти арзии Тоҷикистон;

6 Оинномаи мазкур дар нахустанҷумани Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон баъди ба фаъолияти дубора шуруъ намудани Наҳзат 16 сентябри соли 1999 қабул гардид.



таъмини ваҳдати миллӣ ва ҳамзистии бародаронаи халқҳои Тоҷикистон;

эҳёи маънавии шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар асоси арзишҳои волои исломӣ ва миллӣ;

инкори қатъии маҳалгароӣ ва қавмгароӣ дар идораи давлат ва сиёсати кадрҳо;

мусоидат ба раванди демократикунонии ҷомеа;

амалӣ сохтани ҳадафҳои худ аз роҳи иштироки намояндагони ҳизб дар ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор;

1.4 Вазифаҳои ҲНИТ:

таъмини инкишофу тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон;

таъмини инкишофи демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва иҷтимоии ҷомеа;

таъмини озодиҳои фардӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва динии шаҳрвандон;

густариши арзишҳои волои исломӣ, миллӣ ва умумибашарӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон;

баланд бардоштани сатҳи фарҳангӣ ва сиёсии шаҳрвандон, бахусус занҳо ва ҷавонон аз тариқи иштироки онҳо дар фаъолиятҳои сиёсӣ ва умури давлатӣ.

2.Узвият ба ҲНИТ

2.1 Аъзои ҲНИТ ҳар як шаҳрванди мусалмони ҶТ шуда метавонад, ки ба ташкилоти ибтидоии ҲНИТ бо ариза муроҷиат намуда:

ба синни 18 расида бошад:

нисбати арзишҳои дини мубини Ислом ва фарҳанги миллӣ эҳтиром қоил бошад;

оиннома ва барномаи ҲНИТро эътироф намуда, фаъолияти сиёсии худро тибқи он амалӣ созад ва барои дар ҳаёт татбиқ намудани он кӯшиш намояд;

аз тарафи ду нафар аъзои ҳизб барои қабул ба

448

аъзогӣ тавсия пешниҳод намуда, ташкилоти ибтидоӣ бо аксарияти овозҳо узвияташро қабул намояд ё тавсияи шахсии раиси ҳизбро дар бораи ҳамкории қаблияш пешниҳод намояд.

2.2 Аъзои ҲНИТ дорои ҳуқуқҳои баробар буда, салоҳиятҳои зеринро доранд;

дар интихоби мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб иштирок намояд ва ба мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб интихоб шавад;

дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ иштирок намояд;

фикру андешаҳои худро оиди оиннома, барнома ва фаъолияти ҳизб пешниҳод карда, аз он ҳимоя намояд;

аз як ташкилоти ибтидоӣ ба ташкилоти ибтидоии дигар вобаста ба тағйирёбии маҳалли зисташ гузарад;

дар мавриди поймолшавии ҳуқуқҳои конститутсиониаш аз тарафи ҳизб пуштибонӣ ёбад;

2.3 Аъзои ҲНИТ вазифадор аст:

талаботи оиннома ва барномаи ҲНИТро амалӣ намояд;

арзишҳои фарҳангӣ ва ахлоқи исломиро пайравӣ намояд;

ҳадаф ва сиёсати ҲНИТро таблиғ намояд;

ҳар моҳ тибқи меъёри қабулшуда ҳаққи аъзогӣ пардохт намояд.

2.4 Аъзои ҲНИТ аз узвияти ҳизб хориҷ карда мешавад, агар:

хоҳиши баромадан аз ҳизбро бо ариза ба ташкилоти ибтидоии ҳизб изҳор кунад;

аъзои ҳизби дигар шавад;

беэҳтиромӣ нисбати арзишҳои дини мубини Ислом ва фарҳанги миллӣ зоҳир намояд;

449

коре бар зидди сиёсати муайянкардаи ҲНИТ анҷом бидиҳад;

нишондодҳои оиннома ва барномаи ҲНИТро вайрон кунад;

2.5 Қарор дар хусуси аз аъзогии ҲНИТ хориҷ карданро ташкилоти ибтидоии ҳизб бо аксари овозҳо қабул мекунад.

2.6 Аз болои қарори қабулкардаи ташкилоти ибтидоӣ ба раёсати зинаҳои болоии ҳизб шикоят кардан мумкин аст.

3 Сохтори ҲНИТ

3.1 ҲНИТ дар асоси узвияти фардӣ ва ташкилоти ягонаи ҷумҳуриявӣ таркиб меёбад.

3.2 Зинаи аввали ҲНИТ ташкилоти ибтидоист, ки:

дар асоси аризаи шахсӣ ба аъзогии ҳизб қабул менамояд ва аз аъзогӣ хориҷ менамояд;

аъзоёни ҳизбро вобаста ба макони истиқомат дар ташкилотҳои ибтидоӣ муттаҳид менамояд;

роҳбари ташкилоти ибтидоиро интихоб менамояд;

сиёсати ҲНИТро ба омма мерасонад;

дар ҳайати ташкилотҳои ноҳиявӣ ва шаҳрии ҲНИТ дохил мешавад.

3.3 Дар вилоят, шаҳр ва ноҳия конфронси ҳизб, раёсати вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии ҳизбро интихоб менамояд.

3.4 Конфронсҳои ҳизб ба таври маъмул дар муддати на бештар аз 2 сол як маротиба даъват карда мешаванд ва дар сурати ҳозир будани аз се ду ҳиссаи вакилон салоҳиятдор шуморида мешавад.

3.5 Қарорҳои конфронс бо тарафдории аз се ду ҳиссаи вакилони иштироккунанда қабул мешаванд.

3.6 Конфронс ваколатдор аст:

раёсати шуъба ва ҳайати комиссияи тафтишо

450

тиро интихоб намояд;

раиси шуъба ва ҷонишинони ӯро бо пешниҳоди раёсат интихоб намояд;

ҳисоботи раиси шуъба ва комиссияи тафтишотиро шунавад ва кори онҳоро баҳо диҳад.

номзадҳоро ба мақоми намояндагии маҳаллӣ ва вакили Маҷлиси Олӣ пешниҳод намояд;

3.7 Раёсати шуъба мақоми роҳбарикунандаи шуъбаи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии ҳизб дар байни конфронсҳо мебошад. Раёсат бо тарафдории аз се ду ҳиссаи ҳамаи аъзои он қарор қабул мекунад.

3.8 Раёсати шуъба вазифадор аст:

кори ҳаррӯзаи шуъбаи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявиро раҳбарӣ намояд;

ба конфронс номзадии раис ва ҷонишинони ӯро пешбарӣ кунад;

аъзои бесалоҳияти раёсати шуъбаро бо пешниҳоди раиси шуъба муҳокима намуда, бо тарафдории аз се ду ҳиссаи овозҳо аз ҳайати худ хориҷ намояд.

шикоятҳои воридшуда аз болои қарорҳои зинаҳои поёниро муҳокима намуда, қарор қабул намояд.

4 Мақомоти марказии ҲНИТ

4.1 Мақоми олии ҲНИТ анҷуман буда, маъмулан дар муддати на бештар аз чаҳор сол як маротиба даъват карда мешавад.

4.2 Вақт ва ҷои гузаронидан, шумора ва тартиби пешниҳоди вакилон ва рӯзномаи анҷуманро раёсати ҳизб муайян мекунад.

4.3 Анҷуман дар сурати ҳозир будани аз се ду ҳиссаи вакилон салоҳиятдор ҳисобида мешавад.

4.4 Қарорҳои анҷуман бо тарафдории аз се ду ҳиссаи вакилони иштироккунанда қабул карда мешавад.

451

4.5 Анҷуман ваколатдор аст:

раёсати олии ҲНИТро интихоб намояд;

раиси ҳизб, муовинҳои раиси ҳизб, дабири кулл ва раиси комиссияи тафтишотиро бо пешниҳоди раёсати ҳизб интихоб намояд;

хатти машйи ҳизбро муайян кунад;

оиннома ва барномаи ҳизбро қабул намуда, дар онҳо тағйироту иловаҳо ворид намояд;

пешниҳоди раёсатро дар хусуси истеъфои раис, муовинҳои раис, дабири кулл ва раиси комиссияи тафтишотӣ муҳокима ва тасдиқ намояд;

4.6 Раёсати Олии ҳизб мақоми роҳбарикунандаи ҲНИТ дар байни анҷуманҳо мебошад. Раёсати Олии ҳизб бо тарафдории аз се ду ҳиссаи аъзои иштироккунанда дар ҷаласаҳои худ қарор қабул мекунад.

4.7 Раёсати Олии ҲНИТ вазифадор аст:

номзадии раис, муовинҳои ӯ ва дабири кулл ва раиси комиссияи тафтишотиро барои интихоб ба анҷуман пешниҳод намояд;

Оиннома, Барнома ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳизбро омода намуда, барои тасдиқ ба анҷуман пешниҳод намояд;

фаъолияти рӯзмарраи ҳизбро муайян намояд;

арзу шикоятҳои зинаҳои поёнии ҳизбро баррасӣ намуда, қарор қабул намояд;

дар таъсис ва ташкили кори зинаҳои поёнии ҳизб ёрӣ расонад;

бо пешниҳоди раиси ҳизб интихоб ва истеъфои муовинони раиси ҳизб, дабири кулл, раиси комиссияи тафтишотӣ ва аъзои Раёсати Олиро баррасӣ намуда, бо тарафдории аз се ду ҳиссаи овозҳо қарор қабул намояд;

анҷуманҳои навбатӣ ва ғайринавбатиро даъват намояд;



4.8 дастгоҳи иҷроияи ҲНИТ тавассути Дабири кулл идора мешавад ва дорои шуъбаҳои зерин мебошад:

матбуот, таҳлил ва интишорот;

алоқа бо ҳизбу созмонҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ;

оиди кор бо умури занон;

кор бо ҷавонон;

4.9 Бо салоҳдиди худ Раёсати Олӣ метавонад шуъбаҳои дигарро таъсис диҳад.

4.10 Комиссияи тафтишотии ҲНИТ:

фаъолияти ҳамаи зинаҳо ва шуъбаҳоро тафтиш мекунад;

дар анҷуман, конфронс ва Раёсати Олии ҲНИТ ҳисобот медиҳад;

4.11 Раиси ҲНИТ роҳбарии ҳизбро тавассути Дабири кулл амалӣ менамояд;

4.12 Раиси ҲНИТ барои 4 сол интихоб карда мешавад ва салоҳиятҳои зеринро дорад:

ҲНИТро дар дохил ва хориҷи кишвар намояндагӣ мекунад;

бо пешниҳоди дабири кулл дастгоҳи иҷроияи ҳизб ва масъулони онро таъин менамяд;

ҷаласаи Раёсати Олии ҳизбро даъват мекунад ва онро раисӣ мекунад;

масъалаи истеъфои муовинҳои раиси ҳизб, дабири кулл, раиси комиссияи тафтишотӣ ва аъзои Раёсати Олии ҳизбро барои баррасӣ ва тасдиқ ба раёсати ҳизб пешниҳод менамояд;

фаъолияти фарҳангӣ, илмӣ ва таблиғотии ҳизбро роҳбарӣ мекунад;

Фаъолияти молиявӣ, хоҷагӣ ва сармоядории ҳизбро идора менамояд;

қарорҳои Раёсаи Олии ҳизбро имзо мегузорад.

453

4.13 Масъалаи истеъфои раиси ҲНИТро Раёсати Олии ҳизб бо овоздиҳии аз се ду ҳиссаи аъзо тарафдорӣ намуда, барои тасдиқ ба анҷумани навбатӣ пешниҳод менамояд. Дар сурати ғайри қобили амал шудани раис, вазифаи ӯро то анҷумани ҳизб бо қарори Раёсати Олӣ яке аз муовинҳои раис ба ӯҳда мегирад.

4.14 Дабири кулли ҲНИТ, дар як вақт муовини раиси ҳизб буда, бо пешниҳоди раёсат дар анҷумани ҳизб интихоб мешавад ва дорои ваколатҳои зерин мебошад:

фаъолияти амалии ҳизбро тавассути дастгоҳи иҷроия, ташкилотҳои маҳаллӣ ва шуъбаҳои он пеш мебарад;

дастгоҳи иҷроияи ҳизбро роҳбарӣ мекунад;

гузориши раисони шуъбаҳоро қабул намуда, ба раис пешниҳод менамояд.

5 Фаъолияти молиявию хоҷагии ҲНИТ

5.1 Ҳамаи зинаҳои ҲНИТ метавонанд, суратҳисоби бонкӣ, мӯҳр ва сиккаи худро дошта бошанд:

инчунин метавонанд фаъолияти молиявӣ ва хоҷагии худро ба роҳ монда, корхона ва муассисаҳо ташкил намоянд.

5.2 Сарчашмаҳои даромади ҲНИТ иборат аст аз:

ҳаққи аъзогӣ;

ёрдампулии яквақта бо қарори раёсат дар ҳолатҳои зарурӣ;

даромад аз нашрияҳои ҳизбӣ;

хайрияҳои шахсони алоҳида, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар сарчашмаҳое, ки ба қонунҳои амалкунанда мухолиф нестанд.

5.3 Ҳамаи ташкилотҳои поёнии ҲНИТ ба сохторҳои болоӣ 50% даромади худро интиқол медиҳанд;

454

5.4 Маблағу ашё, ки барои гузаронидани чорабиниҳои хос пешбинӣ шудаанд, ба сохторҳои болоӣ гузаронида намешаванд.

5.5 Маблағу ашё, ки баъди барҳамхӯрии яке аз ташкилотҳои ҳизб боқӣ мемонад, ба сохторҳои болоӣ гузаронида мешавад.

6 Нашрия ва воситаҳои ахбори ҲНИТ

6.1 ҲНИТ дорои нашрияҳо, воситаҳои ахбори ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мебошад, ки мувофиқи қонунҳои амалкунанда ба қайд гирифта мешаванд.

6.2 ҲНИТ метавонад дорои матбаа, маркази интишорот ва студияи садо ва симои худ бошад.

7 Рамз ва парчам

7.1 ҲНИТ дорои рамз ва парчами худ мебошад, ки онро анҷуман муайян мекунад ва тибқи қонунҳои амалкунанда ба қайд гирифта мешавад.

8 Тартиби қатъи фаъолияти ҳизб

8.1 Фаъолияти ҲНИТ бо қарори анҷуман бо тарафдории аз се ду ҳиссаи овозҳо ба мақсади аз нав ташкилкунӣ ва ё барҳамдиҳӣ қатъ мегардад ва мутобиқи қонунҳои амалкунанда бо қарори суд қатъ карда мешавад;

8.2 Молу ашёи ҳизб, баъди қатъшавии фаъолияташ ба мақсадҳое, ки дар оинномаи мазкур нишон дода шудааст, сарф карда мешавад.

9 Маҳали ҷойгиршавии ҲНИТ

9.1 ҲНИТ дар суроғаи зерин қарор дорад:

шаҳри Душанбе, шаҳраки Калинин, кӯчаи Тухтагул хонаи 55.

455

ЧОРУМ:

Оинномаи ҲНИТ аз соли 2003

Ба номи Худо

Оинномаи7 Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон

1.Ном, ҳадаф ва вазифаҳои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон

1.1 Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон созмони сиёсӣ буда, дар асоси ақидаи исломӣ бунёд гашта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар қонунҳои амалкунанда, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ фаъолият менамояд.

Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонҳизби ҷумҳуриявӣ буда, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад.

1.2 Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар маъракаҳои сиёсӣ ва чорабиниҳои оммавӣ фаъолона иштирок менамояд ва намояндагони худро ба мақомоти намояндагии маҳаллӣ, ба вакилии Маҷлиси намояндагон ва президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ менамояд;

Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар маъракаҳои сиёсӣ метавонад дар алоҳидагӣ ва ё дар иттиҳод бо дигар ҳизбу созмонҳо иштирок намояд.

1.3. Ҳадафҳои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон:

7 Оинномаи мазкур ба даровардани тағйироту иловаҳо ба оинномаи ҲНИТ аз соли 1999 дар Анҷумани навбатии ҲНИТ соли 2003 қабул карда шуд.

456

ҳифзи истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон;

ҳимоят аз истиқрори сулҳ, таъмини ваҳдати миллӣ ва ҳамзистии бародаронаи халқҳои Тоҷикистон;

густариши арзишҳои волои исломӣ, миллӣ ва умумибашарии шаҳрвандон дар ҷомеаи Тоҷикистон;

эҳёи фарҳанг ва маънавиёти шаҳрвандони Тоҷикистон дар асоси арзишҳои волои исломӣ ва миллӣ; инкори қатъии маҳалгароӣ ва қавмгароӣ дар идораи давлат ва сиёсати кадрҳо;

мусоидат ба раванди демократикунонии ҷомеа;

амалӣ намудани ҳадафҳои худ аз роҳи иштироки намояндагони ҳизб дар мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор;

1.3 Вазифаҳои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон:

мусоидат барои таъмини инкишофи тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон;

мусоидат барои таъмини инкишофи демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва иҷтимоии ҷомеа;

мусоидат барои таъмини озодиҳои фардӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва динии шаҳрвандон;

баланд бардоштани сатҳи дониши сиёсӣ ва фарҳангии шаҳрвандон, бахусус занон ва ҷавонон аз тариқи чорабиниҳои сиёсӣ барои иштироки онҳо дар фаъолиятҳои сиёсӣ ва умури давлатӣ.

2.Узвият ба Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон, ҳуқуқ, салоҳият ва вазифаҳо

2.1 Узви Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ҳар як шаҳрванди мусалмони Тоҷикистон шуда метавонад, ки ба синни 18 расида:

бо ариза ба ташкилоти ибтидоии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон муроҷиат намояд;



нисбати арзишҳои дини мубини Ислом ва фарҳанги миллӣ эҳтиром қоил бошад;

оинномa ва барномаи Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро эътироф намуда, фаъолияти сиёсии худро тибқи он амалӣ созад ва барои дар ҳаёт татбиқ намудани он кӯшиш намояд;

бо тавсияи ду нафар аъзо, пешниҳоди ташкилоти ибтидоӣ ва бо ҷонибдории раёсатҳои мазкур узвияташ қабул карда мешавад.

2.2 Узви Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дорои ҳуқуқ ва салоҳиятҳои зерин мебошад:

дар интихоби мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб иштирок намояд ва ба мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб интихоб шавад;

дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ иштирок намояд;

фикру андешаҳои худро оиди оинномa, барнома ва фаъолияти ҳизб пешниҳод карда, аз он ҳимоя намояд;

аз як ташкилоти ибтидоӣ ба ташкилоти ибтидоии дигар вобаста ба тағйирёбии маҳалли зисташ гузарад;

барои интихоб шудан дар мақомоти интихоботии ҳокимият аз тариқи ҳизб номзад пешниҳод намояд ва ё пешниҳод шавад;

дар мавриди поймолшавии ҳуқуқҳои конститутсиониаш аз тарафи ҳизб пуштибонӣ ёбад;

2.3 Узви Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон вазифадор аст:

талаботи оинномa ва барномаи Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро амалӣ намояд;

арзишҳои фарҳангӣ ва ахлоқи исломиро риоя ва пайравӣ намояд;

ҳадаф ва сиёсати Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро таблиғ намояд;

тибқи меъёри қабулшуда ҳар моҳ ҳаққи узвият пардохт намояд.

2.4 Узви Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон огоҳонида ва ё аз узвият хориҷ карда мешавад, агар:

хоҳиши баромадан аз ҳизбро бо ариза ба ташкилоти ибтидоии ҳизб изҳор кунад;

узви ҳизби дигар шавад;

беэҳтиромӣ нисбати арзишҳои дини мубини Ислом ва фарҳанги миллӣ зоҳир намояд;

коре бар зидди сиёсати муайянкардаи Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон анҷом бидиҳад;

нишондодҳои оинномаи Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро вайрон кунад;

2.5 Қарор дар хусуси аз узвияти Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон хориҷ карданро ташкилоти ибтидоии ҳизб бо аксари овозҳо қабул мекунад.

2.6 Аз болои қарори қабулкардаи ташкилоти ибтидоӣ ба раёсати зинаҳои болоии ҳизб шикоят кардан мумкин аст.

3 Сохтори Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон

3.1 Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар асоси узвияти фардӣ ва ташкилоти ягонаи ҷумҳуриявӣ таркиб меёбад.

3.2 Зинаи аввали Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ташкилоти ибтидоист, ки:

дар асоси аризаи шахсӣ ба узвияти ҳизб қабул ва аз он хориҷ менамояд;

аъзои ҳизбро вобаста ба макони истиқомат дар ташкилотҳои ибтидоӣ муттаҳид менамояд;

роҳбари ташкилоти ибтидоиро интихоб менамояд;



сиёсати Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро ба омма мерасонад;

дар ҳайати ташкилотҳои ноҳиявӣ ва шаҳрии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дохил мешавад.

3.3 Дар вилоят, шаҳр ва ноҳия конфронси ҳизб, раёсати вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии ҳизбро интихоб менамояд.

3.4 Конфронсҳои ҳизб дар шуъбаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ дар муддати на бештар аз 2 сол як маротиба даъват карда мешаванд ва дар сурати иштироки аз се ду ҳиссаи

вакилон баргузор мегарданд. Дар ҳолатҳои зарурӣ конфронсҳои ғайринавбатӣ даъват карда мешаванд.

3.5 Қарорҳои конфронс бо тарафдории аксарияти вакилони иштироккунанда қабул мешаванд.

3.6 Конфронс ваколатдор аст:

раёсати шуъба ва ҳайати комиссияи тафтишотиро дар ду сол як маротиба интихоб намояд;

раиси шуъба ва раиси ҳайати тафтишотиро бо пешниҳоди раёсат интихоб намояд;

ҳисоботи раиси шуъба ва комиссияи тафтишотиро шунавад ва кори онҳоро баҳо диҳад.

номзадҳоро ба мақомоти интихоботии ҳокимият, инчунин ба вакилии маҷлисҳои маҳаллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешбарӣ намояд;

3.7 Раёсати шуъба мақоми роҳбарикунандаи шуъбаи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии ҳизб дар байни конфронсҳо мебошад. Раёсати шуъба бо тарафдории аксарияти аъзои он қарор қабул мекунад.

3.8 Раёсати шуъба вазифадор аст:

кори ҳаррӯзаи шуъбаи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявиро раҳбарӣ намояд;

номзадии раис ва раиси ҳайати тафтишотиро

460

барои тасдиқ ба конфронс пешбарӣ кунад;

аъзои бесалоҳияти раёсати шуъбаро бо пешниҳоди раиси шуъба ва ё аз се як ҳиссаи аъзои раёсат муҳокима намуда, бо тарафдории аз се ду ҳиссаи овозҳо аз ҳайати худ хориҷ намояд.

4 Мақомоти олии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон

4.1 Мақоми олии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон анҷуман мебошад. Анҷумани ҳизб дар муддати чаҳор сол як маротиба даъват карда мешавад. Раёсати Олии ҳизб тибқи зарурат метавонад анчумани ғайринавбатиро даъват намояд.

4.2 Вақт ва ҷои гузаронидан, шумора ва тартиби пешниҳоди вакилон ва рӯзномаи анҷуманро раёсати ҳизб муайян мекунад.

4.3 Анҷуман дар сурати ҳозир будани аз се ду ҳиссаи вакилон баргузор мешавад.

4.4 Қарорҳои анҷуман бо тарафдории аксарияти вакилони иштироккунанда қабул карда мешавад.

4.5 Анҷуман ваколатдор аст:

Раёсати Олии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро интихоб намояд;

раиси ҳизб, ҳайат ва раиси комиссияи тафтишотиро бо пешниҳоди раёсати ҳизб интихоб намояд;

хатти машйи ҳизбро муайян кунад;

оиннома ва барномаи ҳизбро қабул намуда, дар онҳо тағйироту иловаҳо ворид намояд;

рамз ва парчами ҳизбро тасдиқ ва қабул намояд;

дар ҳолатҳои зарурӣ метавонад, баъзе салоҳиятҳои худро бо тарафдории аз се ду ҳиссаи вакилони иштироккунанда ба Раёсати Олии ҳизб диҳад;

пешниҳоди Раёсати Олии ҳизбро дар хусуси истеъфои раис, раиси комиссияи тафтишотӣ ва ҳайати



он баррасӣ ва тасдиқ намояд;

номзади ҳизбиро ба мақоми президентӣ, инчунин рӯйхати номзадҳоро ба вакилии Маҷлиси намояндагон пешбарӣ намояд.

4.6 Раёсати Олии ҳизб мақоми роҳбарикунандаи Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар байни анҷуманҳо мебошад. Ҷаласаи Раёсати Олии ҳизб дар сурати иштироки аз се ду ҳиссаи аъзои раёсат баргузор мегардад ва бо тарафдории аксарияти аъзои иштироккунанда қарор қабул мекунад.

4.7 Раёсати Олии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ваколат дорад:

номзадии раиси ҳизб, ҳайат ва раиси комиссияи тафтишотиро барои интихоб ба анҷуман пешниҳод намояд;

лоиҳаи оиннома, барнома ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳизбро омода намуда, барои тасдиқ ба анҷуман пешниҳод намояд;

фаъолияти рӯзмарраи ҳизбро муайян намояд;

сохторҳои ҳизбӣ ва ниҳодҳои зарурироро таъсис ва барҳам диҳад;

номзади ҳизбиро ба мақоми президентӣ, инчунин рӯйхати номзадҳоро ба вакилии Маҷлиси намояндагон барои тасдиқ ба Анҷуман пешниҳод намояд;

арзу шикоятҳои зинаҳои поёнии ҳизбро баррасӣ намуда, қарор қабул намояд;

дар таъсис ва ташкили кори зинаҳои поёнии ҳизб ёрӣ расонад;

бо пешниҳоди раиси ҳизб интихоб ва истеъфои муовини аввал ва муовинҳои раис, инчунин истеъфои ҳайат ва раиси комиссияи тафтишотӣ ва аъзои Раёсати Олии ҳизбро баррасӣ намуда, бо тарафдории аксарияти овозҳо қарор қабул намояд;

462

анҷуманҳои навбатӣ ва ғайринавбатиро даъват намояд;

4.8 Раиси Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон барои 4 сол интихоб карда мешавад ва салоҳиятҳои зеринро дорад:

роҳбарии умумии ҳизбро ба ӯҳда дорад;

масъулони дастгоҳи иҷроияи ҳизбро таъйин ва озод мекунад;

Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро дар дохил ва хориҷи кишвар намояндагӣ мекунад;

ҷаласаи Раёсати Олии ҳизбро даъват мекунад ва онро раисӣ мекунад;

раисони бахшҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва шуъбаҳои вилоятии ҳизбро дар сурати аз тарафи онҳо содир шудани кирдори мухолифи сиёсати пешгирифтаи ҳизб аз вазифа озод менамояд;

масъалаи истеъфои муовинҳои раиси ҳизб, раиси комиссияи тафтишотӣ ва аъзои Раёсати Олии ҳизбро барои баррасӣ ва тасдиқ ба раёсати ҳизб пешниҳод менамояд;

қарорҳои Раёсаи Олии ҳизбро имзо мегузорад.

4.9 Комиссияи тафтишотии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон:

комиссияи тафтишотии ҳизб дар ҳайати се нафар дар анҷумани ҳизб интихоб карда мешавад ва Раёсати Олӣ номзадии раиси комиссияи тафтишотиро аз байни онҳо барои интихоб ба анҷуман пешниҳод менамояд.

фаъолияти ҳамаи зинаҳо ва шуъбаҳоро тафтиш мекунад;

дар анҷуман, конфронс ва Раёсати Олии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ҳисобот медиҳад;

4.10 Дар сурати ғайри қобили амал шудани раис,

463

вазифаи ӯро то анҷумани ҳизб бо қарори Раёсати Олӣ яке аз муовинҳои раис ба ӯҳда мегирад.

5. Фаъолияти молиявию хоҷагии Ҳизби Наҳзати

Исломии Тоҷикистон

5.1 Ҳамаи зинаҳои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон метавонанд, суратҳисоби бонкӣ, мӯҳр ва сиккаи худро дошта бошанд:

инчунин метавонанд фаъолияти молиявӣ ва хоҷагии худро ба роҳ монда, корхона ва муассисаҳо ташкил намоянд.

5.2 Сарчашмаҳои даромади Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон иборат аст аз:

ҳаққи узвият;

ёрдампулии яквақта бо қарори раёсат дар ҳолатҳои зарурӣ;

даромад аз нашрияҳои ҳизбӣ;

даромад аз корхона ва муассисаҳои ҳизб;

хайрияҳои шахсони алоҳида, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар сарчашмаҳое, ки ба қонунҳои амалкунанда мухолиф нестанд.

5.3 Ҳамаи ташкилотҳои поёнии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ба сохторҳои болоӣ 50% даромади худро интиқол медиҳанд;

5.4 Маблағу ашё, ки барои гузаронидани чорабиниҳои хос пешбинӣ шудаанд, ба сохторҳои болоӣ гузаронида намешаванд.

5.5 Маблағу ашё, ки баъди барҳамхӯрии яке аз ташкилотҳои ҳизб боқӣ мемонад, ба сохторҳои болоӣ гузаронида мешавад.

6 Нашрия ва воситаҳои ахбори Ҳизби Наҳзати

Исломии Тоҷикистон

Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дорои нашрияҳо, воситаҳои ахбори ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ме

464

бошад, ки мувофиқи қонунҳои амалкунанда ба қайд гирифта мешаванд.

Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон метавонад дорои матбаа, маркази интишорот ва студияи садо ва симои худ бошад.

7 Робитаҳои хориҷӣ

Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бо ҳизбу созмонҳои хориҷӣ робита барқарор намояд.

8 Рамз ва парчам

Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дорои рамз ва парчами худ мебошад, ки онро анҷуман муайян мекунад ва тибқи қонунҳои амалкунанда ба қайд гирифта мешавад.

9 Тартиби қатъи фаъолияти ҳизб

Фаъолияти Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон бо қарори анҷуман бо тарафдории аз се ду ҳиссаи овозҳо ба мақсади аз нав ташкилкунӣ ва ё барҳамдиҳӣ қатъ мегардад ва мутобиқи қонунҳои амалкунанда бо қарори суд қатъ карда мешавад.

Молу ашёи ҳизб, баъди қатъшавии фаъолияташ ба мақсадҳое, ки дар оинномаи мазкур нишон дода шудааст, сарф карда мешавад.

10.Маҳали ҷойгиршавии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон

10.1 Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар суроғаи зерин қарор дорад:Шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, хонаи 1.

10.2 Дар сурати тағйир ёфтани суроға ба Вазорати адлия хабар дода мешавад.

465

РАЁСАТИ ОЛИИ

ҲИЗБИ НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ

ТОҶИКИСТОН

«Раёсати Олии ҳизб мақоми роҳбарикунандаи Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар байни анҷуманҳо мебошад. Ҷаласаи Раёсати Олии ҳизб дар сурати иштироки аз се ду ҳиссаи аъзои раёсат баргузор мегардад ва бо тарафдории аксарияти аъзои иштироккунанда қарор қабул мекунад. Раёсати Олии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ваколат дорад: номзадии раиси ҳизб, ҳайат ва раиси комиссияи тафтишотиро барои интихоб ба анҷуман пешниҳод намояд, лоиҳаи оиннома, барнома ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳизбро омода намуда, барои тасдиқ ба анҷуман пешниҳод намояд, фаъолияти рӯзмарраи ҳизбро муайян намояд, сохторҳои ҳизбӣ ва ниҳодҳои заруриро таъсис ва барҳам диҳад, номзади ҳизбиро ба мақоми президентӣ, инчунин рӯйхати номзадҳоро ба вакилии Маҷлиси намояндагон барои тасдиқ ба Анҷуман пешниҳод намояд, арзу шикоятҳои зинаҳои поёнии ҳизбро баррасӣ намуда, қарор қабул намояд, дар таъсис ва ташкили кори зинаҳои поёнии ҳизб ёрӣ расонад, бо пешниҳоди раиси ҳизб интихоб ва истеъфои муовини аввал ва муовинҳои раис, инчунин истеъфои ҳайат ва раиси комиссияи тафтишотӣ ва аъзои Раёсати Олии ҳизбро баррасӣ намуда, бо тарафдории аксарияти овозҳо қарор қабул намояд, анҷуманҳои навбатӣ ва ғайринавбатиро даъват намояд» (аз оинномаи ҲНИТ)

466

Соли 1973 баъди таъсиси Наҳзат Шурои уламоро (ба мафҳуми имрӯза раёсати олӣ) ба таври ғайри расмӣ таъсис доданд. Нахустин ҷаласаи ин Шуро дар аввалҳои соли 1975 баргузор гардид. Интихоби Шӯро танҳо тавассути роҳбарият сурат мегирифт ва теъдоди аъзои Шӯрои уламо ҳамасола меафзуд. Қабл аз пазируфтани ҳар узви ҷадид ба шӯрои

уламо, аз ӯ тааҳҳуд гирифта мешуд. Аз соли 1973 то соли 1980 илова ба панҷ нафар муассис ашхоси зерин ба ин Шӯро шомил гардиданд:

Қиёмиддини Ғозӣ, Муҳаммадрасули Салом, Мулло Абдулазиз, Махсуми Кароматуллоҳ, Мулло Аҷик, мулло Абдураҳим, мулло Сайидумрон, Давлат Усмон, мулло Қурбон, мулло Абдуллоҳи Хитоб, Қосим Раҳим, Ҳақназари Ғоибназар, Айёмиддин Сатторӣ, мулло Сайидумрон ва дигарон.

Аз соли 1980 ба сабаби зиёд шудани теъдоди аъзои Шӯрои уламо роҳбарияти ҳаракат дар манотиқи дигари Ҷумҳурӣ низ бахшҳои ҷудогонаи ин шуроро таъсис дод.

Соли 1990 вақте Анҷумани таъсисии ҲНИ ИШ дар Астрахан баргузор шуд 68 вакил аз Тоҷикистон дар он ширкат доштанд ва аз 15 нафар узви РОи ҲНИ ИШ Муҳаммадшариф Ҳимматзода, Давлат Усмон, Сайидиброҳими Назар, Сайидумар Ҳусайнӣ ва Зубайдуллоҳи Розиқ аз Тоҷикистон буданд.

ҲНИТ аз соли 1991 то кунун дар анҷуманҳои навбатии худ панҷ маротиба аъзои Раёсати Олии худро интихоб намуд.

Давраи аввал (19911995)

Теъдоди аъзо 17 нафар.

Рӯйхати аъзои РО ҲНИТ:

467

Муҳаммадшариф Ҳимматзода, Давлат Усмон, Саидиброҳими Назар, Муҳаммадрасули Салом, Амриддин Табарӣ, Абдуллоҳи Хитоб, Муҳаммадҷон Ғуфронов, Қосим Раҳим, Убайдуллоҳ Файзуллоев, Сайидумар Ҳусайнӣ, Одинабек Абдусаломов, Мирзоюсуф Фозилов, Муҳаммадлоиқ, Ҳақназари Ғоибназар, Воҳидхон Қосиддинов, Айёмиддин Сатторӣ, Ҷалолиддини Маҳмуд

Давраи дуюм (19992003)

Теъдоди аъзои РО 41 нафар.

Аз ҷумла бонувон 3 нафар

Рӯйхати аъзои РО ҲНИТ:

Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, Муҳаммадшариф Ҳимматзода, Саидумар Ҳусайнӣ, Муҳаммадалӣ Файзмуҳамад, Муҳиддин Кабирӣ, Одинабеки Абдусалом, Убайдуллоҳ Файзуллоев, Қосими Раҳим, Абдулҳай Искандаров, Саидиброҳим Гадоев, Ҷалолиддини Маҳмуд, Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода, Мирзоюсуф Фозилов, Асадулло Валиев, Маҳмадалӣ Ҳаит, Ҳикматуллоҳ Сайфуллозода, Давлатхуҷаи Маҳмадуллоҳ, Розия Сайфуллоева, Давлат Назар, Неъматуллоҳ Амонбеков, Абдушукур Умаров, Ғуломалӣ Қурбонов, Ҳақназар Ғоибназар, Хайриддин Тоҷиддинов, Раҷабалӣ Комилов, Сабзалӣ Шарипов,

Давлат Усмон, Қиёмиддини Ғозӣ, Шамсиддин Сайид, Иззатуллоҳ Саъдуллоев, Файзиддин Имомов, Неъматуллоҳ Билолов, Облоқул Собиров, Зубайдуллоҳи Розиқ, Шоҳнаим Карим, Наҷотхон Исоматдинова, Мағфират Одилова, Абдуғаффор Бурҳонӣ, Қаландари Садриддин, Воҳидхон Қосиддинов ва Абдуносир Муборакшоев.

11 нафари аввали дар руйхатомада узви Шурои сиёсии буданд.



Давраи сеюм (20032007)

Теъдоди аъзои РО 41 нафар.

Аз давраи гузашта 24 нафар.

Аъзои нав 17 нафар.

Аз ҷумла бонувон 3 нафар.

Рӯйхати аъзои РО ҲНИТ:

Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, Муҳаммадалӣ Файзмуҳаммад, Муҳиддин Кабирӣ, Муҳаммадшариф Ҳимматзода, Сайидумар Ҳусайнӣ, Воҳидхон Қосиддинов, Ҷалолиддини Маҳмуд, Ҳикматуллоҳ Сайфуллоҳзода, Саидиброҳими Назар, Шоҳнаим Карим, Маҳмадалӣ Ҳаит, Абдулҳай Искандар, Абдуғаффор Бурҳонӣ, Муҳаммадсаид Ризоӣ, Зубайдулоҳи Розиқ, Шамсиддин Сайид, Мирзомуҳаммади Ҳодизода, Давлатхуҷаи Маҳмадуллоҳ, Қамариддин Афзалӣ, Саъдуддини Рустам, Ҳақназар Ғоибназар, Қосими Раҳим, Наимҷон Самиев, Додоҷон Ёқубов, Аббос Раҷабзода, Шамсиддин Шамсиддинов, Абдулворис Абдуҷабборов, Қаландари Садриддин, Хайринисо Сайидова, Абдусамад Ғайратов, Қурбонмурод Қурбонов, Неъматуллоҳ Ишонов, Давлат Назар, Абдушукур Умаров, Ҳомидхуҷа Маҳмадхуҷаев, Акоша Кабирӣ, Шарофат Ҳусайнӣ, Таваккал Бобоев, Неъматуллоҳ Амонбеков, Муслима Броимшоева, Салимшоҳ Шириншоев.8

Ёздаҳ нафари дар аввали рӯйхатбуда, дар нахустин ҷаласаи раёсати олии ҲНИТ ҳамзамон узви Шӯрои сиёсӣ интихоб шуданд.

8 Баъди даргузашти устод Нурӣ дар Анҷумани шашуми ғайринавбатии ҲНИТ дар соли 2006 бо пешниҳоди раиси ҲНИТ М. Кабирӣ фарзанди устод Нурӣ, Муҳаммадҷони Нурӣ аз тарафи Анҷуман узви РО интихоб шуд.



Давраи чорум (20072011)

Теъдоди аъзои РО 49 нафар.

Аз давраи гузашта 29 нафар.

Аъзои нав 20 нафар.

Аз ҷумла бонувон 3 нафар.

Рӯйхати аъзои РО ҲНИТ:

Муҳаммадшариф Ҳимматзода, Муҳиддин Кабирӣ, Сайидумар Ҳусайнӣ, Ҷалолиддини Маҳмуд, Муҳаммадалӣ Файзмуҳаммад, Воҳидхон Қосиддинов, Шамсиддини Саид, Шоҳнаими Карим, Маҳмадалӣ Ҳаит, Ҳикматуллоҳ Сайфуллоҳзода, Мирзомуҳаммадӣ Навид, Зубайдуллоҳи Розиқ, Сайидиброҳими Муҳаммадназар, Қамариддин Афзалӣ, Давлатхуҷаи Муҳаммадуллоҳ, Қиёмиддин Шаропов, Муҳаммадҷони Нурӣ, Ҳакназари Ғоибназар, Саъдуддини Рустам, Муҳаммадсаид Ризоӣ, Азизхуҷа Хоҷаев, Давлатхуҷа Назаров, Олимҷони Сафар, Муҳаммадкарими Орзу, Зарафои Раҳмонӣ, Муҳаммадшариф Набиев, Холмуҳаммади Асозода, Абдуқаҳҳори Давлат, Неъматуллоҳ Амонбеков, Акоша Кабиров, Абдусаттор Бобоев, Қаландари Садриддин, Азимҷон Ваҳҳобов, Абдулҳамид Ҷумаҳмадов, Лоиқ Тошиев, Хайринисо Саидова, Қараев Муҳаммадраҳим, Сабзалӣ Шарипов, Умаршо Давлатов, Довуд Ҳасанов, Салимшо Шириншоев, Муслима Броимшоева, Убайдулло Файзуллоев, Илҳом Ёқубов, Наимҷон Самиев, Аббос Раҷабов, Мирзоқул Хоҷиматов, Абдулқосими Раҳимзод ва Шамсиддини Шамсиддин.

Чордаҳ нафари дар аввали рӯйхатбуда, дар нахустин ҷаласаи раёсати олии ҲНИТ ҳамзамон узви Шӯрои сиёсӣ интихоб шуданд.

470

Давраи чорум (20112015)

Теъдоди аъзои РО 59 нафар.

Аз давраи гузашта 38 нафар.

Аъзои нав 21 нафар.

Аз ҷумла бонувон 5 нафар.

Рӯйхати аъзои РО ҲНИТ:

Муҳиддин Кабирӣ, Сайидумар Ҳусайнӣ, Муҳаммадалии Ҳаит, Муҳамадкарими Орзу, Муҳаммадалии Файзмуҳаммад, Воҳидхон Қосиддинов, Ҷалолиддини Маҳмуд, Шоҳнаими Карим, Ҳикматуллоҳ Сайфуллозода, Зубайдуллоҳи Розиқ, Сайидиброҳим Муҳаммадназар, Қамариддин Афзалӣ, Муҳаммадҷони Нурӣ, Давлатхуҷа Назаров, Акоша Кабирӣ, Абдуқаҳҳори Давлат, Зарафои Раҳмонӣ, Шамсиддини Саид, Давлатхуҷаи Муҳаммадуллоҳ, Ҳақназари Ғоибназар, Саъдуддини Рустам, Муҳаммадсаид Ризоӣ, Азизхуҷа Хоҷаев, Неъматуллоҳ Амонбеков, Муҳаммадшариф Набиев, Наимҷон Самиев, Аббос Раҷабов, Мирзоқул Ҳоҷиматов, Абдулқосим Раҳимзод, Абдусаттор Бобоев, Қаландари Садриддин, Азимҷон Ваҳҳобов, Убайдулло Файзуллоев, Илҳом Ёқубов, Хайринисо Саидова, Умаршо Давлатов, Довуд Ҳасанов, Муслима Броимшоева, Қиёмиддини Аваз, Furthermore-Бобоҷони Қаюмзод. Муҳаммадсиддиқи Комил, Раҳматуллоҳи Раҷаб, Исломиддини Файзалӣ, Айёмиддин Сатторӣ, Абдусаттор Каримов, Руқияи Нурӣ,

Неъматов Ҳабибхон, Отаев Камолхон, Содиқова Ҳафхон, Ҳомидов Олимҷон, Бобоев Абдусаттор, Мамадризоев Сабзалӣ, Адолатшоев Саодатшо, Шодиев Баҳодур, Нозиров Саидмурод, Ғайратов Абдусамад, Маҳмадалиев Фахриддин, Абдураҳмонов Асомиддин, Гулов Эҳромиддин.

Ҳабдаҳ нафари дар аввали рӯйхатбуда, дар нахустин ҷаласаи раёсати олии ҲНИТ ҳамзамон узви Шӯрои сиёсӣ интихоб шуданд.

471

РАИСОНИ

ҲИЗБИ НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ

ТОҶИКИСТОН

«Раиси Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон барои 4 сол интихоб карда мешавад ва салоҳиятҳои зеринро дорад: роҳбарии умумии ҳизбро ба ӯҳда дорад, масъулони дастгоҳи иҷроияи ҳизбро таъйин ва озод мекунад, Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро дар дохил ва хориҷи кишвар намояндагӣ мекунад, ҷаласаи Раёсати Олии ҳизбро даъват мекунад ва онро раисӣ мекунад, раисони бахшҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва шуъбаҳои вилоятии ҳизбро дар сурати аз тарафи онҳо содир шудани кирдори мухолифи сиёсати пешгирифтаи ҳизб аз вазифа озод менамояд, масъалаи истеъфои муовинҳои раиси ҳизб, раиси комиссияи тафтишотӣ ва аъзои Раёсати Олии ҳизбро барои баррасӣ ва тасдиқ ба раёсати ҳизб пешниҳод менамояд, қарорҳои Раёсати Олии ҳизбро имзо мегузорад»

(Аз оинномаи ҲНИТ)

То имрӯз се нафар раисии Ҳизби Наҳзатро ба ухда доштанд:

Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ аз соли1973 то соли 1991 ва аз соли 1999 то 2006.

Устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода аз соли 1991 то 19939. Лозим ба ёдоварист, ки Устод Нурӣ дар ин замон низ раҳбарии ҳаракатро ба уҳда дошт.

9 Устод Ҳимматзода соли 1991 барои чор сол раиси ҲНИТ интихоб шуданд. Додгоҳ фаъолияти ҲНИТро соли 1993 мамнуъ эълон намуд, то соли 1999 М. Ҳимматзода ҳамчунон раиси ҲНИТ боқӣ монд.

472

Устод Муҳиддин Кабирӣ аз 2006 то имрӯз.

Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ

Муассиси Наҳзати Исломии Тоҷикистон устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ 15 марти соли 1947 дар деҳаи Иштиёни ноҳияи Сангвор (Тавилдараи имрӯза) дар оилаи диндор ба дунё омадааст. Аҳли хонадони эшон ба Вахшонзамин кӯчонида мешаванд ва Устод ҷавонии худро дар онҷо мегузаронад. Соли 1965 мактаби миёнаро хатм карда, дар курси

муҳандисии назди Муассисаи Баҳисобгирии шаҳри Қӯрғонтеппа таҳсил намуда, дар ҳамин идора ба унвони муҳандисгеодезист кору фаъолият мекунад.

Устод аз овони туфулият дар назди падари худ домулло Нуриддин тарбияти динӣ ёфта маълумоти зарурии исломиро меомӯзад. Сипас дар назди махдуми Сиёмиддини Наҷмиддин муддате таҳсили улуми исломиро идома медиҳад, пас аз он ба назди Мавлавӣ Муҳаммадҷони Қӯқандӣ рафта чанд сол ба илмомӯзӣ машғул мешавад. Эшон бо одобу ахлоқ, ва илму маърифатнокии худ дар миёни руҳонияти он даврон маъруф мешавад.

Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ соли 1973 дар шаҳри Қӯрғонтеппа ҳамроҳ бо чаҳор нафар ҷавонони равшанфикр «Созмони Ҷавонони Исломии Тоҷикистон»ро таъсис медиҳад. Ин нахустин ҳаракати миллӣмазҳабӣ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар

473

тамоми минтақаҳои собиқ Шуравӣ ба шумор меравад. Ин гурӯҳ бо барномарезии дақиқ ва фаъолияти холисона муваффақ мешаванд, то дар кӯтоҳтарин муддат аксари уламои равшанфикр ва бедори кишварро ба ин созмон ҷалб намоянд. Дар солҳои 1978 аъзои ин созмон бо номи «Муллоҳои нав» ва «Ҷавонон» дар кишвар маъруф шуда, шаҳри Қӯрғонтеппа ба яке аз марокизи омӯзиши улуми исломӣ табдил ёфта буд, ки ҳар толибилм орзуи рафтан ба онҷоро дар дил дошт.

Аз соли 1978 устод Нурӣ бо ташкил намудани бахши равобит дар ин созмон ашхосеро барои пайдо намудани ҳамфикрон ба дигар ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ мефиристод ва соли 1982 дар аксари манотиқи мусалмоннишини Шуравӣ афроде пайдо мешаванд, ки наҳзати ин созмонро мешинохтанд ва аз ҳама минтақаҳо толибилмон ба Тоҷикистон фиристода мешуданд.

Моҳи июни соли 1986 аз ҷониби мақомоти амниятии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ амалиёти густардае алайҳи аъзои ин созмон сурат мегирад ва манзили 64 нафар кофтуков ва китобҳои эшонро мусодира мекунанд. Худи устод Нурӣ моҳи феврали соли 1987 аз рӯи моддаи 203и Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон бо иттиҳоми “Паҳн кардани хабарҳои бардурӯғе, ки сохти ҷамъиятиву давлати сотсиолистиро бадном мекунанд”, ба муддати 1,5 сол аз озодӣ махрум мегардад ва ба Сибирё табъид мешавад.

Баъди озод шудан аз зиндон бо истифода аз фазои каме озодтари кишвар Устод ба фаъолияти ҳаракат идома медиҳад. Солҳои 19891992 сардабирии маҷаллаи “Минбари Ислом”, нашрияи Идораи мусалмонони ҶТро ба ӯҳда дошт ва дар айни ҳол

474

ҳаракатро роҳбарӣ менамуд. Бар асари ҷангҳои шаҳрвандӣ, ба Афғонистон ҳиҷрат менамояд. Баъди аз тарафи додгоҳ манъ намудани фаъолияти ҲНИТ, дар ҳиҷрат устод Нурӣ Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистонро таъсис дода, барои ба даст овардани

ҳуқуқҳои аз даст рафтаи муҳоҷирони иҷборӣ ва баргардонидани оворагону гурезагон ба Ватан даст ба муборизаи сиёсиву низомӣ мезанад.

Соли 1995 Иттиҳоди Неруҳои Оппозитсияи Тоҷикистон (ИНОТ) таъсис меёбад ва ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон шомили он мегардад ва худи устод Нурӣ сарварии ИНОТро ба ӯҳда мегирад. Ин созмони сиёсиву низомӣ бо роҳбарии ӯ дар раванди музокироти сулҳи байни тоҷикон муваффақиятҳои зиёд ба даст овард. Бо мақсади ҳарчи тезтар расидан ба тавофуқи ниҳоӣ ӯ ҳафт маротиба берун аз кишварамон бо Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Э. Раҳмон дидору мулоқот намудааст. Ин вохӯриҳо дар раванди музокироти сулҳ дар Тоҷикистон нақши ҳалкунанда доштанд. Билохира дар шаҳри Маскав 27 июни соли 1997 Созишномаи сулҳи тоҷикон ба имзо мерасад ва дар асоси ин созишнома Комиссияи Оштии Миллӣ (КОМ) таъсис дода мешавад.

Аз июли 1997 то охири марти 2000 устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ Комиссияи Оштии Миллиро сарварӣ намуда, дар эҷоди эътимоду ҳамдигарфаҳмӣ ва сулҳу оштии кишвар хидматҳои шоёнеро анҷом дод.

Моҳи сентябри соли 1997 устод Нурӣ Кумитаи танзимии ҳизбро ташкил намуда, Ҷалолиддини Маҳмудро раиси он таъйин мекунад. Вазифаи ин кумита даври ҳам ҷамъ намудани собиқ аъзои наҳзат ва ба танзим даровардани фаъолияти онҳо ва омодасозии замина барои баргузор намудани анҷуман буд.

475

Моҳи сентябри соли 1999 ҲНИТ Анҷумани худро баргузор намуда, дар он устод Нурӣ ба ҳайси раиси ҲНИТ интихоб мегардад ва дар Анҷумани навбатии соли 2003 барои чор соли дигар дубора раиси ҲНИТ интихоб мешавад.

Устод дар садҳо семинарҳои илмии байналмилалӣ ширкат ва суханрониҳо намудааст ва чун сиёсатмадори донову варзида, ботамкину дурандеш ва чун фақеҳу донишманди улуми исломӣ дар арсаи байналмилалӣ шинохта шудааст. Муаллифи чандин асарҳои илмӣ, сиёсӣ ва диниву фалсафист. Аз ҷумла китобҳои пурарзиши ӯ «Дар он сӯи сиёсат» (соли 1996), «Имрӯзу фардои Тоҷикистон» (соли 2000) «Назаре ба ҳуқуқи башар аз дидгоҳи Ислом», «Оштинома», «Истиқлол чӣ мафҳум дорад?», (соли 2001) ва тафсири «Сураи АлМӯъминун» ба табъ расидаанд.

Барои хидматҳои шоиста дар ҷодаи татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон бо ордени «Исмоили Сомонӣ» сарфароз гардонида шудааст.

8 августи соли 2006 бар асари беморӣ дунёи фониро падруд гуфта, ба лиқои Ҳақ пайваст.

Пас аз даргузашт бо ордени «Зарринтоҷ» (дараҷаи аввал) сарфароз гардонида шудааст.

Аз эшон мактабе ба ёдгор мондааст, ки ҳазорон пайрав, ҷонибдор ва ҳаводорро дар бар мегирад.

476

Устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода

Соли 1951 дар деҳаи Ғундараи собиқ ноҳияи Сангвор (Тавилдараи имрӯза) ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ дар назди донишмандони даврон улуми исломиро омӯхтааст.

Соли 1978 ба сафи Наҳзат мепайвандад ва дере нагузашта ба унвони яке аз фаъолони ин ҳаракат шинохта мешавад. Баъди ҳабсшавии устод Нурӣ соли 1986 Шӯрои Наҳзат эшонро муваққатан роҳбар интихоб мекунад.

Соли 1990 дар анҷумани таъсиси Ҳизби Наҳзати Умумииттифоқӣ, ки 9 июн дар шаҳри Астрахани Федератсияи Русия баргузор шуд, бо вуҷуди онки эшон дар он ширкат надоштанд узви Расати олии ҲНИ ИШ интихоб гардид.

6 октябри соли 1990 дар Конфронси таъсисии шуъбаи Тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар деҳаи Чортути ноҳияи Ленин баргузор шуд, ӯро раиси бахши Тоҷикистонии ҲНИ ИШ интихоб карданд.

Баъди ба истиқлолият расидани Тоҷикистон дар Анҷумани таъсисии ҲНИТ соли 1991 устод М. Ҳимматзода раиси ҲНИТ интихоб мегардад. Охири соли 1992 бар асари ҷанги шаҳрвандӣ иҷборан ба Ҷумҳурии Исломии Покистон ҳиҷрат мекунад ва дар Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон ва ИНОТ ба унвони муовини раис кору фаъолият менамояд.

477

Солҳои 19931997 дар Донишгоҳи байналмилалии Покистон таҳсил намуда, онро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм кардааст.

Эшон аз соли 1994 то соли 1997 дар музокироти сулҳи тоҷикон ба унвони муовини раиси ҳайати гуфтушунид иштироки фаъол дошт. Баъди бозгашт ба Ватан аз моҳи июли соли 1997 то моҳи октябри соли 1998 узви зеркомиссияи сиёсӣ ва аз октябри соли 1998 то апрели соли 2000 ба ҳайси раиси зеркомиссияи ҳуқуқии КОМ ифои вазифа намудааст.

Аз 19 январ то 20 марти соли 2000 сафир доир ба супоришоти махсуси Вазорати умури хориҷии ҶТ буд. Дар интихоботи парлумонии солҳои 2000 ва 2005 аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ мувофиқи рӯйхати ҳизбӣ ба ҳайси вакили МН МО ҶТ интихоб мешавад.

Барои хидматҳои шоён бо ордени «Дӯстӣ» сарфароз гардонида шудааст.

Устод Ҳимматзода муаллифи китобҳои «Дар ҷустуҷӯи ҳақиқат», «Зиндагӣ ва осори Абуҳанифа», «Ақидаи Имом Абуҳанифа», «Дидгоҳ ва масоил», «Таассуби мазҳабӣамали номақбул» мебошад.

Эшон дар даҳҳо симпозиуму конфронсҳои байналмилалӣ гузоришу маърӯзаҳо кардааст.

Устод Ҳимматзода аз соли 1999 то 2006 ба ҳайси муовини раиси ҲНИТ фаъолият кардааст. Соли 2006 дар Анҷумани ғайринавбатӣ бо пешниҳоди раиси ҲНИТ Муҳиддин Кабирӣ роҳбари маънавии ҲНИТ интихоб шуд.

Устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода 17 марти соли 2010 бар асари бемории тӯлонӣ аз олам даргузашт.

Аз эшон ҳафт фарзанд ба ёдгор мондааст.

478

Устод Муҳиддин Кабирӣ

Соли 1965 дар деҳаи Қа

самдараи ноҳияи Файзобод

таваллуд шудааст. Пас аз

хатми мактаби таҳсилоти ҳа

магонӣ соли 1982 аввал Тех

никуми омории шаҳри Орҷо

никидзеобод (алҳол шаҳри

Ваҳдат), сипас Донишгоҳи

давлатии Тоҷикистон ва До

нишгоҳи Санъои Ҷумҳурии

Яман ва Академияи диплома

тии шаҳри Маскавро бому

ваффақият ва бо дипломи аъ

ло хатм карда номизади улу

ми сиёсӣ мебошад. Аз овони кӯдакӣ ва ҷавонӣ дар назди уламои маъруфи кишварамон улуми гуногуни исломиро ба таври хусусӣ фаро гирифтааст.

Дар айёми донишҷӯӣ узвияти ҲНИТро пазируфта, дар байни ҷавонон ва донишҷӯён ба фаъолияти тарғиботӣ ва дигар умури ҳизбӣ машғул гардидааст. Ҳамзамон бо таҳсил, аз соли 1992 узви раёсати Иттиҳоди байналмилалии донишҷӯён буда, аз соли 1995 ба ҳайси мудири намояндагии ин созмон дар Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракулманофеъ (ИДМ) адои вазифа намудааст. Аз соли 1995 то 1997 ба симати Директори генералии ширкати «НМВ» ва раиси Маркази фарҳангии тоҷикон – «Сино» – и шаҳри Маскав фаъолият намудааст.

Аз моҳи сентябри соли 1997 ба Тоҷикистон баргашта, ба ҳайси ёвари раиси КОМ ва моҳи октябри соли 1999 то 1 апрели соли 2000ум узви зерко

479

миссияи сиёсии Комиссияи Оштии Миллӣ ифои вазифа намуда, дар таҳкими сулҳу ваҳдат ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштааст.

Баъди ба фаъолияти дубора шуруъ намудани ҲНИТ соли 1999 дар Анҷумани навбатии ҲНИТ узви Раёсати Олии ҲНИТ интихоб гардид ва аз соли 2000 сарварии маркази таҳлилии ҲНИТро ба зимма дошт. Солҳои 20012003 муовини раиси ҲНИТ ва аз соли 2003 муовини аввали раиси ҲНИТ интихоб гардид.

Чун сиёсатмадор ва ташкилотчии варзида ба камол расид, қобилият ва истеъдоди баланди ӯ дар Тоҷикистон ва берун аз он маълум гардид. Маҳз дар ин давра вай дар мустаҳкам кардани равобити байналмилалии ҲНИТ ва баланд шудани обрӯ ва нуфузи ин созмони сиёсӣ дар арсаи ҷаҳонӣ нақши бориз ва фаъол бозид.

Соли 2006, пас аз вафоти устоди шодравон Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар Анҷумани ғайринавбатии ҲНИТ Муҳиддин Кабирӣ раиси ҲНИТ интихоб гардид. Дар анҷуманҳои навбатии солҳои 2007 ва 2011 дубора Раиси ҲНИТ интихоб гардид.

Муҳиддин Кабирӣ на танҳо сиёсатмадор, балки сиёсатшиноси варзида низ ба шумор меравад. ӯ номзади улуми сиёсатшиносӣ мебошад. Бо забонҳои русӣ, арабӣ ва инглисӣ озодона ҳарф мезанад.

Оиладор соҳиби 8 фарзанд аст.

480

МУОВИНҲОИ РАИСИ

ҲИЗБИ НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ

ТОҶИКИСТОН

Тибқи оинномаи ҲНИТ яке аз ваколатҳои Раёсати Олии ҲНИТ чунин аст: «бо пешниҳоди раиси ҳизб интихоб ва истеъфои муовини аввал ва муовинҳои раис, инчунин истеъфои ҳайат ва раиси комиссияи тафтишотӣ ва аъзои Раёсати Олии ҳизбро баррасӣ намуда, бо тарафдории аксарияти овозҳо қарор қабул намояд»

Соли 1991 баъди ба фаъолияти расмӣ шуруъ намудани ҲНИТ то ба имрӯз дар марҳалаҳои гуногун 12 нафар муовинати раиси ҲНИТро ба зимма доштанд. Аз миёни онҳо Давлат Усмон ва Сайидиброҳими Назар танҳо дар замони раисии М. Ҳимматзода муовини раиси ҲНИТ буданд. Аммо Муҳаммадшариф Ҳимматзода, Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода, Мирзоюсуф Фозилов, Муҳиддин Кабирӣ ва Шамсиддин Шамсиддинов дар замони роҳбарии устод Нурӣ муовини раиси ҲНИТ буданд. Маҳмадалӣ Ҳаит ва Муҳаммадкарими Орзу дар замони роҳбарии М. Кабири муовин буданд. Сайидумар

Ҳусайнӣ, Воҳидхон Қосиддин ва Ҷалолиддини Маҳмуд ҳам дар замони устод Нурӣ ва ҳам дар замони роҳбарии М. Кабирӣ муовин буданд.

481

1. Давлат Усмон 19911993

2. Сайидиброҳим Назар 19911993

3. Муҳаммадшариф Ҳимматзода 19992003

4. Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода 1999

5. Мирзоюсуф Фозилов 19992001

6. Муҳиддин Кабирӣ 20012003

7. Шамсиддин Шамсиддин 20022003

8. Муҳаммадшариф Ҳимматзода 20032006

9. Муҳиддин Кабирӣ (муовини аввал) 20032006

10. Сайидумар Ҳусайнӣ 20032007

11. Воҳидхон Қосиддинов 20032005

12. Ҷалолиддини Маҳмуд 20052007

13. Сайидумар Ҳусайнӣ (муовини аввал) 20072011

14. Воҳидхон Қосиддинов 20072011

15. Маҳмадалӣ Ҳаит 20072011

16. Сайидумар Ҳусайнӣ 2011

17. Маҳмадалӣ Ҳаит 2011

18. Муҳаммадкарими Орзу 2011

482

НИҲОДҲОИ

ҲИЗБИ НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ

ТОҶИКИСТОН

ЯКУМ:

Ниҳодҳои Наҳзат то соли 1990

Дар солҳои аввали ташкилёбии Наҳзат тамоми фаъолиятҳои он дар чаҳорчӯби ҳалқаҳо амалӣ мегардид. Ҳар ҳалқа ташкилоти ибтидоӣ ба шумор мерафт ва дар итоати зинаи болотаре буд, ки дар шаҳр ё ноҳия вуҷуд дошт.

Дар ҳар ҳалқа панҷ нафар шомил мегардид ва ба эшон масъулиятҳои зерин дода мешуд:

1. Роҳбари ҳалқа: Масъулияти умумии ҳалқа ва иртибот ба ҳалқаҳои болоиро ба дӯш дошт.

Масъули умумии ҳалқаҳо устод Нурӣ буд.

2. Масъули иршод: Барқарор намудани иртибот бо уламо, ташкили суханрони ва даъватҳои исломӣ дар ҷашну маъракаҳоро ба зимма дошт.

Масъули умумии Иршод Муҳаммадҷон Ғуфронов

3. Масъули молӣ: Ҷамъоварии ҳаққулузвият, хайрияҳо, табъу нашри китобҳо ва таълифу тарҷумаи китобҳоро ба дӯш дошт.

Масъули умумии молӣ Қосим Раҳим буд.

4. Масъули таълиму тарбия: Кашфи истеъдодҳо, тавсияи толибилмон барои хондани ин ё он китоб, роҳнамоии онҳо ба донишгоҳҳо, барномарезии



дарсҳо, баргузор намудани имтиҳонот ва мусобиқаҳоро ба уҳда дошт.

Масъули умумии таълиму тарбия Абдуллоҳи Хитоб буд.

5. Масъули амниятӣ: Таъмини амнияти ҷои дарс, тарзи ҳузури талабаҳо ва устодон, муҳофизати низому тартибот дар маъракаҳоро ба зимма дошт.

Масъули умумии амниятӣ О. Абдусалом буд.

6. Масъули кор бо донишҷӯён: ин бахш соли 1982 таъсис дода шуд ва вазифаи он ҳамоҳангӣ бо масъули таълиму тарбия дар ташвиқи толибилмон барои дохил шудан ба донишгоҳҳо, роҳандозӣ намудани ҳалқаҳои дарсӣ дар миёни донишҷӯён ва ошно намудани онҳо бо аҳдофи Наҳзат буд.

Масъули умумии кор бо донишҷӯён Қиёмиддини Ғозӣ буд.



ДУЮМ:

Ниҳодҳои марказии ҲНИТ

Тибқи Оинномаи ҲНИТ аз ҷумла ваколатҳои Раёсати Олии ҲНИТ чунин аст: «Сохторҳои ҳизбӣ ва ниҳодҳои заруриро таъсис ва барҳам диҳад;». ҲНИТ имрӯз дар марказ дорои ниҳодҳои зерин мебошад:

Дастгоҳи иҷроияи ҲНИТ, шуъбаи интихобот, шуъбаи омор ва назорат, шуъбаи мол ва дороӣ, шуъбаи фарҳанг ва иршод, шуъбаи таҳлил ва барномарезӣ, шуъбаи бонувон, шуъбаи равобит, шуъбаи ҷавонон ва варзиш ва Академияи исломии Наҳзат.

Дастгоҳи иҷроияи ҲНИТ

Дастгоҳи иҷроияи ҲНИТ соли 1999 бо номи Дафтари мақоми роҳбарӣ таъсис ёфтааст. Соли 2006 номи он Дастгоҳи иҷроияи ҲНИТ, соли 2007 Дафтари раиси ҲНИТ ва аз соли 2010 Дастгоҳи иҷроияи ҳизб номида шуд.

Раисони он:

1.Асоев Абдулбузург 19992003.

2.Ҳикматуллоҳ Сайфуллозода 20032005

3.Воҳидхон Қосиддинов 20062007

4.Муҳаммадкарими Орзу 20072010

5.Шамсиддини Сайид 2010

6.Воҳидхон Қосиддинов 2010 то имрӯз.

485

Шуъбаи интихобот

Шуъбаи интихобот соли 2001 бо номи шуъбаи кадр ва омӯзиши сиёсӣ (ШКОС) таъсис шудааст. Соли 2006 номи он шуъбаи кадр ва интихобот (ШКИ) ва аз соли 2008 шуъбаи интихобот (ШИ) номида шуд.

Раисони шуъба:

1.Маҳмадалӣ Ҳаит 20012007

2.Қамариддини Афзалӣ 20072011

3.Раҳматуллои Раҷаб 2011 то имрӯз.

Шуъбаи омор ва назорат

Шуъбаи омор ва назорати ҲНИТ соли 2008 бо номи шуъбаи ташкилӣ ва назорат таъсис шуд ва аз соли 2010 бо номи шуъбаи омор ва назорат фаъолият мекунад.

Раиси он:

Акоша Кабирӣ аз соли 2008 то имрӯз.

Шуъбаи мол ва доройӣ

Шуъбаи мол ва дороии ҲНИТ яке аз ниҳодҳоест, ки аз замони таъсиси наҳзат, яъне соли 1973 бо номи бахши молӣ фаъолият дорад.

Раисони он:

1.Қосим Раҳим 19741982

2.Амриддин Табаров 19821990

3.Қосим Раҳим 19901998

4.Ҳақназари Ғоибназар 19982000

5.Сабзалӣ Шариф 20002005

6.Давлат Назар 20052008

7.Шоҳнаими Карим 2008 то имрӯз.

486

Шуъбаи фарҳанг ва иршод

Шуъбаи фарҳанг ва иршоди наҳзат аз замони таъсиси ҳизб дар соли 1973 дар ду самти ҷудогона, яъне бахши иршод ва бахши таълим фаъолият мекунад. Соли 1982 бахши наве бо номи кор бо донишҷӯён таъсис дода шуд. Баъди Анҷумани таъсисии ҲНИТ дар соли 1991 шуъбаи иршод ва шуъбаи таълиму тарбия расман ба фаъолият оғоз карданд. Аз соли 1999 бо номи шуъбаи илм, фарҳанг ва иршод фаъолият мекунад. Соли 2008 шуъба ба ду қисмат, шуъбаи фарҳанг ва ҳунар ва шуъбаи иршод ва таблиғ ҷудо карда шуд. Аз соли 2010 шуъба бо номи фарҳанг ва иршод фаъолият мекунад.

Раисони шуъба:

1.Ғуфронов Муҳаммадҷон (иршод) 19731991

2.Абдуллоҳи Хитоб (таълиму тарбия) 19751992

3.Талабшоҳи Холиқ 2000

4.Сайидиброҳими Назар 20002008

5.Зарафо Раҳмонӣ 20082010

6.Муҳаммадкарими Орзу 20102011

7.Зарафо Раҳмонӣ 20112012

8.Муҳаммадсайид Ризоӣ 2012 то имрӯз

Шуъбаи таҳлил ва барномарезӣ

Шуъба аз соли 2000 бо номи маркази таҳлилӣ таъсис дода шуд ва аз соли 2007 бо номи шуъбаи таҳлил ва аз соли 2010 бо номи шуъбаи таҳлил ва барномарезӣ фаъолият дорад.

Раисони шуъба:

487

1.Муҳиддин Кабирӣ 20002006

2.Акоша Кабирӣ 20072008

3.Сайидиброҳими Назар 20082010

4.Бобоҷони Қаюмзод 20102012

5.Азимҷон Ваҳҳобов 2012 то имрӯз

Шуъбаи бонувон

Шуъбаи бонувон соли 1991 таъсис дода шуд. Соли 2004 бо қарори Шӯрои Сиёсӣ фаъолияти шуъба қатъ гардид. Соли 2009 Шӯрои бонувон таъсис дода шуд ва аз соли 2012 шуъба дубора ба фаъолият шуруъ намуд.

Раисони шуъба:

1.Раҷаббӣ Кабирова 19911993

2.Наргис Расулӣ 2000 2002

3.Сайфуллоева Розия 2002 2004

4.Руқия Нурӣ (шӯрои Бонувон) 2009  2012

5.Парвина Иброҳимзод 2012 то имрӯз

Шуъбаи равобит

Шӯъбаи равобит соли 1978 бо номи бахши алоқа таъсис дода шуд ва ҳадаф аз таъсиси он иртибот бо уламо ва донишмандони исломӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои собиқ Шӯравӣ буд. Аз соли 1999 бо номи шӯъбаи робита бо ҳизб, ҳаракат, созмон ва корпусҳои дипломатии муқими кишвар фаъолият дошт. Аз соли 2010 бо номи шӯъбаи равобит фаъолият дорад.

Раисони он:

1.Одинабеки Абдусалом 19781990

488

2.Шамсиддини Сайид 19901993

3.Муҳаммадшариф Ҳимматзода 19931999

5.Шамсиддини Саид 19992010

7.Абдуқаҳҳори Давлат 2010 то имрӯз

Академияи Наҳзат

Академияи Наҳзат соли 2001 бо номи маҷмаи уламо таъсис ёфта, аз соли 2010 бо номи Академияи Наҳзат фаъолият дорад.

Раисони он

1. Абдулҳайи Искандар 2001 2007

2. Давлатхуҷаи Муҳаммадуллоҳ 20072008

3. Зубайдуллоҳи Розиқ 2008 то имрӯз

Шуъбаи ҷавонон ва варзиш

Шуъба соли 1982 бо номи бахши кор бо донишҷӯён таъсис шуд. Аз соли 1991 бо номи шуъбаи ҷавонон, аз соли 1993 бо номи иттиҳоди донишҷӯёни тоҷик ва аз соли 1999 бо номи шуъбаи ҷавонон ва аз соли 2008 бо номи шуъбаи ҷавонон ва варзиш фаъолият мекунад.

Раисони он:

1. Саидумар Ҳусайнӣ 19931999

2. Муҳаммадсаид Ризоӣ 19992003

3. Қамариддин Афзалӣ 20032007

4. Қиёмиддини Аваз 20072012

5. Бобоҷони Қамзод 2012 то имрӯз

489

СЕЮМ:

Ниҳодҳои минтақавии ҲНИТ

ҲНИТ дорои 6 шӯъбаи минтақавӣ, 68 бахшҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ва 1130 ташкилоти ибтидоӣ мебошад ва теъдоди аъзои он ба 41235 расид..

Шуъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбе

Шуъба соли 1990 бо номи шуъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбе ва навоҳии тобеъи ҷумҳур таъсис дода шуд. Соли 2003 он ба ду шуъба ҷудо шуд: шуъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбу ва шуъбаи ҲНИТ дар НТҶ. Шуъба дорои 4 бахш, 91 ташкилоти ибтидоӣ ва 3713 узв мебошад:

Бахшҳои шуъба:

1. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Шоҳмансур.

2. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ.

3. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Фирдавсӣ

4. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Сино.

Раисони шуъба:

1. Амриддин Табарӣ 19911992

2. Ҷалолиддини Маҳмуд 19921993

3. Ҷалолиддини Маҳмуд 19992003

4. Акоша Кабирӣ 20032007

5. Маҳмадалӣ Ҳаит (иҷрокунанда) 20072008

6. Муҳаммадҷони Нурӣ 2008 то имрӯз

Шуъбаи ҲНИТ дар Навоҳии тобеи марказ (НТМ)

Шуъба соли 1990 якҷоя бо шуъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбе таъсис дода шуд. Аз соли 2003 шуъба дар алоҳидагӣ фаъолият мекунад. Шуъба



дорои 14 бахш 163 ташкилоти ибтидоӣ ва 5889 узв мебошад:

Бахшҳои шуъба:

1. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Рӯдакӣ.

2. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Турсунзода.

3. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Шаҳринав

4. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Ҳисор.

5. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Варзоб.

6. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Ваҳдат.

7. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Норак

8. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Нуробод.

9. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Рашт.

10. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Тавилдара.

11. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Роғун.

12. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Тоҷикобод

13. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Ҷиргатол.

14. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Файзобод.

Расиони шуъба:

1. Амриддин Табарӣ 19911992

2. Ҷалолиддини Маҳмуд 19921993

3. Ҷалолиддини Маҳмуд 19992003

4. Сабзалӣ Шарипов 20032010

5. Ҷалолиддини Маҳмуд (и/в) 2010 то имрӯз

Шуъбаи ҲНИТ дар вилояти Суғд

Шуъба соли 1991 таъсис дода шуд. Шуъба дорои 17 бахш 310 ташкилоти ибтидоӣ ва 13800 узв мебошад:

Бахшҳои шуъба:

1. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Ашт.

2. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Б. Ғафуров.



3. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Зафаробод.

4. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Истаравшан.

5. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Исфара.

6. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Конибодом.

7. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Мастчоҳ.

8. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Спитамен.

9. Бахши ҲНИТ дар шаҳри Хуҷанд.

10. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Чкаловск.

11. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Ҷ. Расулов.

12. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Шаҳристон.

13. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Ғончӣ.

14. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Панҷакент.

15. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Айнӣ.

16. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ

17. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Қайроқум

Раисони шуъба:

1. Убайдуллоҳ Файзуллоев 19911993

2. Мирзоюсуф Фозилов 19992000

3. Шамсиддини Шамсиддин 20002002

4. Додоҷон Ёқубов 20022004

5. Убайдуллоҳ Файзулоев 20042008

6. Наимҷон Самиев 2008 то имрӯз

Шуъбаи ҲНИТ дар минтақаи Қӯрғонтеппа

Шуъба соли 1991 таъсис дода шуд. Шуъба дорои 14 бахш 330 ташкилоти ибтидоӣ ва 12534 узв мебошад:

Бахшҳои шуъба:

1. Бахши ҲНИТ дар шаҳри Қӯрғонтеппа.

2. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Қубодиён.

3. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Вахш.

4. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Қумсангир.



5. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Хуросон.

6. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Ёвон.

7. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Шаҳритус.

8. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Панҷ.

9. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи А. Ҷомӣ.

10. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Ҷ. Румӣ.

11. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Бохтар.

12. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Ҷиликул.

13. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Сарбанд.

14. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Н. Хисрав.

Расиони шуъба:

1.Муҳаммадрасул Саломов 19911993

2.Садурдинов Қаландар 19992010

3.Қамариддини Афзалӣ 2010 то имрӯз

Шуъбаи ҲНИТ дар минтақаи Кӯлоб

Шуъба соли 1991 таъсис дода шуд. Соли 1999 баъди ба фаъолияти дубора пардохтани ҲНИТ то соли 2004 якҷоя бо шӯъбаи ҲНИТ дар минтақаи Қурғонтеппа бо номи шӯъбаи вилояти Хатлон фаъолият менамуд. Соли 2004 конфронси шӯъба баргузор шуд ва шӯъбаи мустақил бо номи шӯъбаи ҲНИТ дар минтақаи Кулоб таъсис дода шуд. Шуъба дорои 9 бахш 89 ташкилоти ибтидоӣ ва 3532 узв мебошад:

Бахшҳои шуъба:

1. Бахши ҲНИТ дар шаҳри Кӯлоб.

2. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Мӯъминобод.

3. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Восеъ.

4. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Фархор.

5. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Шӯрообод.

6. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Темурмалик.

7. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Ховалинг.



8. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Ҳамадонӣ.

9. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Данғара.

Раисони шуъба:

1.Маҳмалоиқ 19911992

2.Садурдинов Қаландар (Хатлон) 19992004

3.Абдусамад Ғайратов 2004 – 2006

4.Қараев Муҳаммадраҳим 20062008

5.Маҳмадшариф Набиев 20082013

Шуъбаи ҲНИТ дар Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ (ВМБК)

Шуъба соли 2000 таъсис дода шуд. Шуъба дорои 7 бахш 147 ташкилоти ибтидоӣ ва 1760 узв мебошад:

Бахшҳои шуъба:

1. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Дарвоз.

2. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Ванҷ.

3. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Рушон.

4. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Шуғнон.

5. Бахши ҲНИТ дар шаҳри Хоруғ.

6. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Роштқалъа.

7. Бахши ҲНИТ дар ноҳияи Ишкошим.

Раисони шуъба:

1. Алиев Абдуносир 20002004

2. Эмомназаров Эмомназар 2004

3. Неъматуллоҳ Амонбеков 20042007

4. Сироҷидин Калонов 20072010

5. Сабзалӣ Мамадризоев 20102012

6. Муслима Броимшоева и/в 2012 то имрӯз

НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ

УМУМИИТТИФОҚӣ

Дар охирҳои соли 1978 Наҳзати Исломии Тоҷикистон Одинабеки Абдусаломро ҳамчун намоянда ба Русия равон намуд. Ҳадаф аз фиристодани эшон иртибот бо уламо ва машоихи манотиқи гуногуни Иттиҳоди Шуравӣ буд. Солҳои 1982 иртибот миёни уламои равшанфикри аксари манотиқи собиқ шуравӣ барқарор шуд ва вохӯриҳо шурӯъ шуданд. Даҳҳо толибилмон аз Узбекистон, Озарбойҷон, Чеченистон, Қирғизистон ва аз Русия ба Тоҷикистон омада дар назди уламои кишвар дарс мехонданд. Аз соли 1984 ҳаракати Наҳзат чанд нафар аз ҷавононро бо талаби мардуми он манотиқ барои таълими улуми исломӣ ба шаҳрҳои гуногуни Руссия фиристод. Баъд аз муҳайё шудани фазои нисбатан боз дар даврони "Бозсозӣ" мусалмонони ин кишвар низ ба хулосае омаданд, ки ҳизб, ҷамъият ва ё созмони худро таъсис диҳанд.

20 майи соли 1990 ҳайати тадорукот иборат аз 36 нафар аз аксарияти минтақаҳои Иттиҳоди Шуравӣ дар шаҳри Қизилюрти Ҷумҳурии Худмухтори Доғистон ҷамъ шуда, ҷаласаи нахустини худро баргузор намуданд. Дар ин ҳайат аз Тоҷикистон Зубайдуллоҳи Розиқ ва Абдумалик Зокиров ширкат доштанд. Рӯзномаи ҷаласа иборат аз се масъала буд.

Масъалаи якум: Таъсиси иттиҳод, ҷамъият ва ё ҳизб барои мусалмонон.

Баъди баҳсу баррасиҳои зиёд атрофи ин масъала ҳайати тадорукот ба хулоса омаданд, ки Ҳизби Наҳзати Исломии Умумииттифоқӣ таъсис дода шавад.



Масъалаи дуюм: Макони баргузории анҷумани таъсисии ҲНИ ИШ.

Баъди муноқишаи ин масъала ба қароре омаданд, ки Анҷуман рӯзҳои 910 июн дар шаҳри Астрахан баргузор карда шавад.

Масъалаи сеюм: Омода намудани санадҳои лозима барои баргузории анҷуман.

23 май кумитаи тадорукот ба Шӯрои депутатҳои халқии шаҳри Астрахан ариза навишт, ки матни он чунин аст:

Ариза Ба кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқии шаҳри Астрахан.

Кумитаи тадорукот оид ба баргузории Анҷумани навбатии созмони ҷамъиятӣдинии мусалмонони умумииттифоқӣ «Наҳзат» ба маълумоти шумо мерасонад, ки гурӯҳи ташаббускори мусалмонони СССР, ки дар ш. Қизилюрти Ҷумҳурии Автономии Иттиҳоди советии Доғистон баргузор шуд, қарор қабул кард:

Дар таърихи 910 июни соли 1990 созмони мазкурро таъсис намуда, Анҷумани навбатии онро дар ш. Астрахан баргузор намоянд. Оғоз соати 10 ва дар рӯзи корӣ соати 12, теъдоди иштирокчиён тахминан 300 нафар. Рузнома:

1. Таъсиси Анҷумани навбатии созмони ҷамъиятӣдинии мусалмонони умумиитифоқӣ «Наҳзат».

2. Қабули оиннома ва барномаи созмон.

3. Интихоби ҳайати роҳбарӣ ва кории созмон.

Кумитаи тадорукот

Ш. Астрахан 23.05.1990

496

Аз тарафи мақомоти иҷроияи шаҳри Астрахан аовоби рад омад, ки дар он гуфта мешуд: Бинобар нооромии авзоъ дар шаҳр ба сабаби омадани гурезаҳо аз Арманистон ва набудани ҷойҳои холӣ дар меҳмонхонаҳо баргузории анҷуман дар шаҳри Астрахан иҷозат дода намешавад. Аммо ба сабаби он, ки вакилон аз гушаву канор даъват шуда ва иддае омада буданд, ҳайати тадорукот ба хулосае омад, ки Анҷуманро баргузор намоянд.

9 июни соли 1990 дар шаҳри Астрахан Анҷумани Ҳизби Наҳзати Исломии Иттиҳоди Шуравӣ баргузор гашт. Дар ин Анҷуман аз тамоми манотиқи шуравӣ вакилон ширкат доштанд ва бештарини вакилон аз Тоҷикистон буданд. Аз кишвари мо ба ҳайси вакилу меҳмон дар ин анҷуман 68 нафар ширкат варзиданд. Бар замми ин мебоист 25 нафари дигар аз вилояти Ленинобод (Суғд) ширкат мекард, вале онҳоро дар шаҳри Тошканд боздошт намуданд.

Бо вуҷуди монеаҳои зиёд анҷуман баргузор шуд ва қарорҳои зеринро қабул кард:

1. ҲНИ ИШ таъсис карда шавад.

2. Шӯрои Уламо дар ҳайати 15 нафар интихоб карда шавад.

3. Ахмадқадӣ Ахтаев, раиси ҲНИ ИШ интихоб карда шавад.

4. Оиннома ва барномаи ҲНИ ИШ қабул карда шавад.

5. Бахшҳои ҲНИ ИШ дар минтақаҳо таъсис дода шаванд.

6. Ҳайати Комиссияи тафтишотӣ иборат аз се нафар ташкил карда шавад.

497

7. Кумитаи иҷроия (координационный орган) иборат аз се нафар дар шаҳри Маскав ташкил карда шавад.

Шӯрои уламо (Раёсати Олӣ) ҲНИ ИШ ашхоси зерин интихоб шуданд:

Аҳмадқади Ахтаев (раиси ҲНИ), Саидиброҳими Назар (муовини аввал), Давлат Усмон (муовин оид ба корҳои ташкилӣ), Ҳайдар Ҷамол (узви кумитаи иҷроия), Сайидумар Ҳусайнӣ (узви ҳайати Комиссияи тафтишотӣ), Муҳаммадшариф Ҳимматзода,

Зубайдуллоҳи Розиқ, Багауддин Кебидев, Валиахмед Садуров (котиби матбуотӣ), Хаджимурат Абузайд (раисикунандаи Анҷуман), Рафиқ аз Озарбойҷон, Аҳмад аз Чеченистон, Одам Дунёев, Муҳаммад Салоҳиддин ва Абдулла Утаев аз Узбекистон.

ҲНИ ИШ 14 моҳ яъне то фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ умр дид.

Рӯйхати ширкаткунандагони Анҷумани нахустини ҲНИи ИШ аз Тоҷикистон

Давлат Усмон, Сайидиброҳими Назар, Зубайдуллоҳи Розиқ, Сайидумар Ҳусайнӣ, Одинабеки Абдусалом, Абдумалик Зокиров, Муҳиддин Кабирӣ, Абдураҳмон Хитобов, Ҷалолиддини Маҳмуд, Акоша Кабирӣ, Шамсиддини Сайид, Кенҷаев Абдураҳмон, Қандаков Рустам, Худойназар Маҳмадназаров, Назиров Насриддин, Абдуғаффор Бурҳонӣ, Муҳаммадюсуфи Сангинмурод, Абдушариф Боқизода, Сироҷиддин Шамсов, Мӯъминшоҳ Маҳмудов, Имомалӣ Норов, Сайидасрор Ғозиев, Қандаков Муҳаммадраҷаб, Оев Сафаралӣ, Абдуҳалими Орифӣ, Ғуломалӣ Қурбонов, Ҳасан Музаффаров, Иброҳим Назаров, Исмоил Раҳмонов, Ҳаймурод Муртазоев, Салимшо Ширишоев, Ёқубов

498

Фатҳуддин, Умаров Холмаҳмад, Сайфиддин Саиднуриддинов, Давлатов Исҳомиддин, Қурбоналӣ Умаров, Имиров Ҷоншоҳ, Файзиддин Ҳалимов, Сафар Тайибов, Садриддин Қаҳҳоров, Сайидакрам Аҳмадов, Амриддин Мухриддинов, Абдулмуқаддир Хушвахтов, Қурбонмурод Қаландаров, Қосимҷон Исматов, Қосим Расулов, Нуруллоҳи Ҳисорӣ, Абдуллоҳи Қарабой, Қувандуқ (Ҳамза) аз Қӯрғонтеппа, Абдулазизи ӯзбек, Муҳаммадрасули ӯзбек, Ҳоҷӣ Қурбон аз Шаҳритус, Мулло Алӣ аз Ғозималик, Ниёзов Абдуғаффор, Хуршед Худойбердиев, Расулов Назриддин, Қурбонов Ҷалил ва Юсупов Бобоазиз

Намунаи сарбарги Ҳизби Наҳзати Умумииттифоқ

499

Ахтаев Ахмадкадӣ

Раиси ҲНИ Умумииттифоқ

Ахтаев Аҳмадқадӣ соли 1942 дар деҳаи Кудаллии ноҳияи Гунбаски Ҷумҳурии Доғистон ба дунё омадааст. Падараш дар ҷанги дуюми ҷаҳон кушта шуда дар тарбияи модар ба камол расидааст. Забони арабӣ ва маълумоти диниро ҳанӯз дар кудакӣ дар назди уламо ва машоихи машҳури Доғистон аз худ намудааст. Дар синни 15солагӣ пеш аз муҳлат мактаби миёнаро бо нишони тилло хатм намуда, ба Донишгоҳи тиббии Доғистон дохил мешавад ва онро бо баҳои аъло хатм мекунад. Дар баробари таҳсил дар донишгоҳ маълумоти пурраи диниро низ аз худ мекунад. Бист сол дар Доғистон ва дигар шаҳрҳои Русия дар соҳаи тиб фаъолият мекунад.

Аз соли 1980 бо Наҳзати исломии Тоҷикистон дар иртибот буд ва барои таъсиси Наҳзат дар Кавказ талошҳои зиёде намудааст. Соли 1984 нишастеро бо мусалмонони Кавказ

ташкил медиҳад ва дар он вохурӣ бо як овоз роҳбари Ҳаракати исломии Кавказ интихоб мешавад.

Соли 1988 баъд аз озод шудани роҳбари Наҳзати Исломии Тоҷикистон, устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, Ахтаев барои зиёрати эшон ба Тоҷикистон меояд ва бо Наҳзати Тоҷикистон аз наздик ошно мешавад.



Соли 1990 дар Анҷумани таъсисии ҲНИ ИШ раиси Ҳизби Наҳзати Исломии Иттиҳоди Шуравӣ интихоб шуд.

Баъди барҳам хӯрдани ИШ моҳи августи соли 1992 ҲНИ ИШ аз фаъолият боз мемонад ва Аҳмадқадӣ созмони исломии умумирусиягии «Алисломия»ро таъсис медиҳад ва сарварии онро ба дӯш мегирад. Бо талошу заҳмати эшон дар Доғистон ва дигар минтақаҳои Русия беш аз 200 масҷид сохта мешавад. Садҳо духтарону писаронро барои таҳсил ба кишварҳои гуногун мефиристад. Ӯ ҷонибдори ширкати мусалмонон ва рӯҳониён дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар буд.

Соли 1992 Аҳмадқадӣ вакили Шӯрои Олии Доғистон интихоб гардид. Ӯ ҳамеша дар ҳаёти иҷтимоӣсиёсӣ ва динии кишвар фаъолона ширкат менамуд ва дар олами ислом бо андешаҳои худ машҳур аст. Дар конфронсҳои илмӣ дар шаҳрҳои Хартум, Женева, Истамбул ва Лондон ширкат варзидааст ва дар ҳамаи маҳфилҳо мусалмононро ба ваҳдат даъват менамуд. Ӯ сармуҳаррири рӯзномаи «Единство» буд.

Китобҳои «Аҳодиси мунтахаба» ва «Ҳама чиз дар хусуси аҳодис» маҳсули дасти эшон аст.

Тобистони соли 1998 ҳангоми рафтан ба масҷид дар деҳаи Кудали ба таври释 мармуз вафот мекунад.



НАШРИЯҲОИ

ҲИЗБИ НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ

ТОҶИКИСТОН

Наҳзат дар ибтидои фаъолияти худ барномаи мушаххаси таълимиро ба роҳ монда буд ва аз китоб ва адабиёти мавҷуда истифода мекард. Авоили солҳои 1980 вақте барномаҳои дарсии онҳо куллан ба танзим даромада буданд ва эҳсоси нуқсон дар китобҳо мушоҳида шуд, ҳаракат дар фикри пайдо намудани китобҳои динӣ гардид.

Аз ҳамин солҳо Наҳзат ба фикри чоп ва нашри китобҳо шуд ва аз василаю ва имконоти гуногуне истифода менамуд. Дар ибтидо онҳо китобҳоро бо датгоҳи аккоси аксбардорӣ менамуданд ва дар шакли сурат чоп менамуданд. Китобҳои зиёде ба ин шакл чоп шуданд аз қабили «Китоби тақво», «Шаҳодатул ҳақ», «Ҳивор маъа садиққил мулҳид», «Алмадду

валҷазр», «Тариқуддаъват», «Маолимуттариқ», «Тазкиратуддуъотил Ислом» ва садҳо китобҳои дигар.

Ҳамзамон эшон дар баъзе корхонаҳо китобҳое амсоли «Дини ислом чист» ва «Ислом дини нима»ро чоп менамуданд. Баъдтар тавонистанд чанд адад дастгоҳҳои ҳуруфчиниро бо василаҳои гуногун аз худ намоянд.

Василаи дигари чоп намудани баъзе китобҳо маслиҳати ғайри расмӣ бо баъзе чопхонаҳо чи дар Тоҷикистон ва чи дар берун.

Василаи дигар ин ба таври дастнависӣ руйбардор намудани китобҳо.

Нахустин нашрияи ҲНИТ солҳои 19831984 ба теъдоди 200 нусха ба табъ расид. ҲНИТ то имрӯз ва



рақа, рӯзнома ва маҷаллаҳои зиёде ба нашр расонидааст. Аз ҷумла:

Варақаи «Ҳақиқати Ислом»

Варақаи «Ҳақиқати Ислом» нахустин нашрияи ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ин варақа ба теъдоди то сад нусха бори нахуст солҳои 1983 1984 ба табъ расид. Варақа ба муносибатҳои гуногун ва бо теъдодҳои мухталиф чоп мешуд. Соли 1986 замони амалиёти КГБ алайҳи уламои ҳаракати Наҳзат ҳангоме, ки манзилҳои онҳоро тафтиш менамуд аз ҳамин варақа пурсон мешуд.

Моҳномаи «Ҳидоят»

Наҳзат аз марти соли 1990 нахустин шумораи «Ҳидоят»ро бо ҳуруфи кириллӣ дар ҳаҷми 8 саҳифаи А4 ба табъ расонид. Аз моҳи августи ҳамон сол «Ҳидо



«Ҳидоят» ба забони форсӣ низ табъ мешуд. Моҳнома зери сарпарастии устод Ҳимматзода ва таҳияи Муҳаммадсиддиқи Комил ва Муҳаммадии Ҳасан чоп мешуд.

Рӯзномаи «Наҷот»

«Наҷот» рӯзномаи расмии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон мебошад, ки ҳафтае як маротиба ба табъ мерасад. Соли 1990 нахустин шумораи рӯзномаи «Наҷот» ба табъ расид ва пас аз нашри 43 шумора ба сабаби ҷангҳои таҳмилӣ нашри он қатъ гардид.10

10 Аз 10 ноябри соли 1995 Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар ҳиҷрат рӯзномаи «Наҷот»ро бо шиори «Дар атрофи дини Худо муттаҳид бошед ва пароканда нашавед» нашр менамуд.

Баъди баргашт аз ҳиҷрат боз соли 1999 16 сенятбр дар ҳаҷми 4 саҳифа ба табъ расид. Ҳамон сол аз шумораи №2 «Наҷот» дар ҳаҷми 8 саҳифа ба нашр мерасид. Дар соли 2004 дар ҳаҷми 16 саҳифа чоп мешавад.

Сардабирони рӯзномаи «Наҷот»:

1. Аёмиддини Сатторӣ 19901992.

2. Сайидумар Ҳусайнӣ 19992000

3. Абумуҳаммади Ворис 20002001

4. Зубайдуллоҳи Розиқ 20012004

5. Султони Ҳамад 20042004

6. Сайдумар Ҳусайнӣ 2004

7. Абдуқаҳҳори Давлат 20042010

8. Ҳикматуллоҳ Сайфуллозода 2010 то имрӯз

505

Маҷаллаи «Найсон»

Моҳи апрели 2001 шуъбаи бонувони ҲНИТ маҷаллаи «Найсон»ро таъсиси дод. Дар октябри 2008 ҳамаи маҷаллаҳо мутаваққиф гардиданд ва ба ҷои онҳо як маҷалла бо номи «Сафинаи умед» бо муқоваи ранга дар ҳаҷми 48 саҳифа ба чоп шуруъ намуд.

Сардабирони маҷалла:

1. Наргис Расулӣ.

2. Зарафо Раҳмонӣ.

Маҷаллаи «Сафинаи умед»

Аз июни 2001 маҷаллаи илмӣ фарҳангии «Сафинаи умед» нашр шуд, ки онро шуъбаи илму фарҳанги ҲНИТ таъсис дод.

Сардабири маҷалла:

1. Саидиброҳими Назар 20012009

2. Муҳаммадсиддиқ Комил 2009 то имрӯз

506

Маҷаллаи «Иқбол»

Аз апрели 2006 шуъбаи ҷавонони ҲНИТ маҷаллаи «Иқбол»ро таъсис дод ва сармуҳарири он Қ. Афзалӣ буд.

НАШРИЯҲОИ ДИГАРИ ҲНИТ

Ҳафтаномаи «Наҷот» дар ҳиҷрат:

«Садои муҷоҳид» нашрияи артиши Наҳзати Исломии Тоҷикистон

507

Маҷаллаи «جيحون » (Ҷайҳун)

Маҷаллаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии «Ҷайҳун» аз тарафи бахши матбуотии ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон бо забони арабӣ ба табъ мерасид. Шумораи нахустини он январи 1994 ба табъ расид.

Сардабирони маҷалла:

1. Ҳақназари Ғоибназар 19941995

Муҳаммадшарифи Ҳимматзода. 19951998

Моҳномаи «Пайки пирӯзӣ»

Моҳномаи сиёсӣ, иҷтимоъӣ ва фарҳангии «Пайки пирузӣ» аз тарафи органи Наҳзати исломии Тоҷикистон бори нахуст моҳи апрели 1996 ба табъ расид. Ин маҷалла ҳам бо ҳуруфи кириллӣ ва ҳам бо ҳуруфи форсӣ чоп мешуд.

Сардабири он соли 1996 Саидиброҳим Назар буд.

508

Вижаномаи «Сорбони ишқ»

Ин вижанома аз тарафи донишҷӯёни Наҳзат дар хориҷ ба муносибати ҷашну санаҳои махсус ба табъ мерасид.

Вижаномаи «Паём»

Ин вижанома ба муносибати ҷашну санаҳои муҳим ба табъ мерасид.

509

Фаслномаи «Паёми муҳоҷир»

фаслномаи сиёсӣ, иҷтимоъӣ ва фарҳангии «Паёми муҳоҷир» аз тарафи гурӯҳе аз муҳоҷирин ба табъ мерасид.

510

МУАССИСОНИ

ҲИЗБИ

НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ

ТОҶИКИСТОН



БАРНОМАИ

ДАРСИИ НАҲЗАТ

ТО СОЛИ 1991

Яке аз ҳадафҳои асосӣ ва нахустин муассисони Наҳзат ба роҳ мондани таълиму тарбияи динӣ дар асоси барномаҳои замонавӣ буд.

Ин барнома аз чаҳор саҳифа иборат буда барномаи дарсӣ, роҳнамоӣ ба муаллим ва бархе аз вазифаҳои муаллим ва шогирдонро дар бар мегирифт. Барнома ба даҳ дараҷа тақсим шудааст. Ҳар дараҷа ба монанди синф аст, вале фарқ дар он аст, ки як нафар метавонад дар як сол ду синфро хатм намояд ва ин вобаста ба истеъдоди ӯст.

Баргардони матни ин барнома ба ҳуруфи кириллӣ:

Саҳифаи 1

Барномаи дарсӣ

«…Амал кунед, Худову паёмбараш ва мӯъминон аъмоли шуморо хоҳанд дид…» (Рост гуфт Худованди бузург)

«Омӯхтани илм барои ҳар мард ва зани мусалмон фарз аст». (Ҳадис)

«Як соат омӯхтани илм беҳтар аст аз зиндадории як шаб. Як рӯз илм омӯхтан беҳтар аст аз се моҳ рӯза доштан». (Ҳадис)

«Олимон амонатдорони Худо бар халқи Худованд мебошанд» (Ҳадис)

«Ҳар яке аз шумоён ба манзалати посбонед ва ҳар яки шумо аз зердастони худ пурсида мешавед». (Ҳадис)

«Мисоли касе ки илмро меомӯзад ва онро ба дигарон намерасонад монанди касест, ки молро



хазина мекунад ва аз он истифода намебарад». (Ҳадис)

«Ҳар ки илмеро пинҳон кунад Худованд рӯзи Қиёмат ӯро бо лаҷоми оташин лаҷом мекунад». (Ҳадис)

Дониш андар дил чароғи равшан аст.

Ваз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст. (Рӯдакӣ)

Илм нурасту ҷаҳл торикӣ.

Илм роҳат барад ба борикӣ. (Мароъӣ)

Чу касби илм кардӣ дар амал куш.

Ки илми бе амал заҳрест бе нуш. (Румӣ)

Илм чандон ки бештар хонӣ,

Чун амал дар ту нест, нодонӣ,

На муҳаққиқ бавад на донишманд,

Чорпое бар ӯ китобе чанд. (Саъдӣ)

Илмат ба амал чу ёр гардад.

Қадри ту яке ҳазор гардад. (Ҳилолӣ)

Илми бе ҳилм шамъи бе нур аст.

Ҳарду бо ҳам чу шаҳди занбӯр аст.

Олим он кас бувад, ки бад накунад.

На бигӯяд ба халқи худ на кунад.

Бани одам аз илм ёбад камол

На зи ҳашмату на ҷоҳу ҷалол. (Саъдӣ)

Дар талаби илм камар чуст кун,

Даст зи ашғоли дигар суст кун.

Бо ту пас аз илм чи гӯям сухан.

Илм чу ояд ба ту гӯяд чӣ кун.

Илм сайд омаду китобат қайд,



Беҳ ки дар қайд баста бошад сайд. (Саноӣ)

Илм дар дасти одами паст,

Шамшери бурранда аст дар дасти маст. (Айнӣ)

Саҳифаи 2 ва 3

Дараҷаи якум: китоби Заруриёти динӣ11, Машқи хат, Қуръон, Таҷвид, Машқи қироъат.

Дараҷаи дуюм: Ибодоти исломия, муъаллимуддин, Таърихи Ислом12.

Дараҷаи сеюм: Диниёт, Қиссаҳои пайёмбарон, Мабдаулқироат қисмҳои123, Бидон, Сарф, Авомил, Ҳаракот.

Дараҷаи чорум: Тафсири шариф13, Таркиби Мабдаулқироат қисмҳои123, Дурусуннаҳвия қисми 12, Тавҳид 12314, Арбаъини Нававӣ.

Дараҷаи панҷум: Гулистон, Бӯстон, Сухан гуфтан ба забони арабӣ, Дурусуннаҳвия қимҳои 34, Абулмунтаҳо15, Фиқҳи Акбар, Мабодиул Ислом16, Танбеҳулғофилин17, Нуруляқин18, Таълимул мутаъаллим19.

11 Таълифи домулло Абдуллоҳи Хитоб маъруф ба Абдуллоҳи хурдӣ.

12 Таълифи Абдураъуф Фитрат.

13 Китоб ба забони форсист, таълифи Лоҳиҷӣ.

14 Таълифи Абдулҳамид Зиндонӣ.

15 Шарҳи Фиқҳи Акбар.

16 Таълифи Абуаълои Мавдудӣ.

17 Таълифи Абулайси Самарқандӣ.

18 Таълифи Муҳаммади Хузарӣ.

19 Таълифи Абуд бинни Аҳмади Зарнучӣ.

514

Дараҷаи шашум: Бозгашт ба Қуръон20, Кофия21, Рисолатуттаъолим22, Ҳазор ҳадис, Итмомул Вафо23, Мухтасар24.

Дараҷаи ҳафтум: Файласуфнамоҳо25, Шарҳи Мулло26, Тариқуддаъват27, Мишкот28, Риҷол ҳавлаppасул29, Шарҳул виқоя30, Сафватуттафосир31, Дурусул балоға.

Дараҷаи ҳаштум: Маслакул мутақин32, Мозо хасирал олам33, Маъолиму фиттариқ34, Унвон35, Атвоқуззаҳаб36, Фароиз, Ҷалолайн37, Усули Шошӣ38.

Дараҷаи нуҳум: Ҳофиз, Бедил, Шубаҳот39, Ҳивор40, Қасидаи Бурда41, Ҳидоя42, Тасвирул фаннӣ 43, Мирқотул мантиқ44.

20 Таълифи Маҳдии Бозаргон.

21 Таълифи Ибни Ҳоҷиб.

22 Таълифи Ҳасан Албано.

23 Таълифи Муҳаммади Хузарӣ.

24 Таълифи Абдуллоҳ бини Масъуд.

25 Таълифи Носир Макорими Шерозӣ.

26 Шарҳи Ҷомӣ, шарҳи китоби кофияи Ибни Ҳоҷибаст. Таълифи Абдураҳмони Ҷомӣ.

27 Таълифи Сайид Қутб.

28 Таълифи Хатиби Табрезӣ.

29 Таълифи Муҳаммад Холид.

30 Таълифи Абдуллоҳ бинни Масъуд.

31 Таълифи Муҳаммад бинни Алии Собунӣ.

32 Таълифи Сӯфӣ Аллоҳёр.

33 Таълифи Абулҳасан Алӣ Аннадавӣ.

34 Таълифи Сайид Қутб.

35 Таълифи Абдуллоҳ бинни Шибровӣ.

36 Таълифи Замахшарӣ.

37 Таълифи Ҷалолиддини Суютӣ ва Ҷалолиддини Маҳалӣ.

38 Таълифи Аҳмад бинни Муҳаммади Шошӣ.

39 Таълифи Муҳаммад Қутб.

40 Таълифи Мустафо Маҳмуд.

41 Таълифи Муҳаммад бинни Саъиди Бусайрӣ.

515

Дараҷаи даҳум: Маснави, Лайса минал Ислом45, Аллоҳ Ҷалла Ҷалоллуҳ46, Саҳеҳул Бухорӣ, Мақомоти Замахшарӣ, фи зилолил Қуръон47, минҳоҷул возеҳ.

«Муъаллимон ва толибони боҳимат вазифадоранд, ки дар баробари китобҳои дар барномаашон додашуда аз дигар сарчашмаҳои илмӣ низ истифода баранд. Чунончӣ: тафсирҳо, аҳодис, фиқҳҳо, адабиёт, торих, ва китобҳои Хасоис, Даврул талаба,

Воҷибушшабоб, рисолаи Мо яҷибу ан яърифаҳу куллу муслимин ва муслимаҳ, Ҳозаддин, Ал мустақбал лиҳозаддин, Алҳалол вал ҳаром, тафсири сураи Нур, Илал Ислом мин ҷадид, Ҳал наҳнул муслимун, Фиқҳу суннаҳ»

саҳифаи 4

Муаллимон чашмаҳои гулистони маърифатанд.

– Бархе аз вазифаҳои муаллим.

1. Муъаллим бояд муҳаззаб ва аз ҳаром ва шубҳа дур ва бо одоб ва ахлоқи исломӣ ороста бошад.

2. Шогирдҳоро дар рӯҳияи исломиву инсонӣ ва ахлоқи писандида тарбия намояд.

3. Дар вақти дарс ҳазлу шӯхӣ накунад.

4. Аз ҳама пеш шогирдҳо илми ақида омӯзанд, ки шогирд Худопараст шавад.

5. Барои равшанфикрӣ ва ҷаҳонбинии шогирд тамоми воситаҳои муносибро ба кор барад.

6. Хатнавиштан ва имлову иншоро ба шогирдҳо омӯзонад.

42 Таълифи Алӣ бинни Абубакри Марғелонӣ.

43 Таълифи Сайид Қутб.

44 Таълифи Фазл бинни Муҳаммади Хайрободӣ.

45 Таълифи Муҳаммад Ғаззолӣ.

46 Таълифи Саъиди Суфӣ.

47 Таълифи Сайид Қутб.

516

7. Дар ҳаққи шогирдон доимо дуои хайр кунад.

8. Ба дарсҳо тайёрӣ бинад ва дарсҳои шогирдҳоро пурсад.

9. Устод бояд орзу дошта бошад, ки шогирдонаш аз худаш донотар шаванд ва барои ин кушиш кунад.

Толибон ғунчаҳои гулистони Исломанд.

– Баъзе аз вазифаҳои шогирд.

1. Шогирд бояд парҳезгор ва муъаллимро ҳамчун падари ҳақиқӣ эҳтиром карда, ба гуфтаҳои ӯ амал кунад.

2. Муъаллимро ниҳоят дӯст дорад, зеро ки толибро аз пастии ҷаҳолат ба осмони илм ва маърифат мебардорад.

3. Барои иҷрои вазифаҳое, ки муъаллим ба ӯ месупорад, бо тамоми қувват ва қудрате, ки дорад кӯшиш кунад.

4. Дар пеши устод бо одоб нишаста, боодоб сухан кунад.

5. Дар пайи пушокҳои зебо ва қимат ва корҳои бефоида ва суханҳои сафсата набошад.

6. Ба ҷавонони фосиду бепарво ва беҳуда рафтуомад накунад.

7. Ҳалқашро аз ҳаром ва шубҳа нигоҳ дорад.

8. Мақсади ниҳоии ӯ аз хондан ёфтани ризои Худо ва ёрӣ додани дини ӯ таъоло бошад.

9. Ҷойи хобашро тоза нигоҳ дорад.

517

Нусхаи аслии барномаи дарсии Наҳзат

518

МУНДАРИҶА

Рисолати ҲНИТ: Дирӯз, имрӯз ва фардо ............ 5

Фикру андеша ва хотирот

атрофи Наҳзат ........................................... 39 424

Давлатхӯҷаи Маҳмадуллоҳ ................................ 41

Домулло Абдулазизи Абдуғаффор ...................... 48 Абдулҳайи Искандар ............................................ 57

Муҳаммадқосими Раҳим ..................................... 69

Зубайдуллоҳи Розиқ ........................................... 79

Сайидимрон Неъмонов ...................................... 88

Эшонов Неъматуллоҳ ......................................... 96

Ҳикматуллоҳ Сайфуллозода .............................. 107

Садурдинов Қаландар ........................................ 118

Қиёмиддини Ғозӣ ................................................ 129

Убайдуллоҳи Файзуллоҳ .................................... 138

Абдумалик Зокиров ............................................. 146

Одинабеки Абдусалом ........................................ 152

Акоша Кабирӣ ..................................................... 163

Мирзомуҳаммадии Навид .................................... 177

Қосиддинов Воҳидхон ........................................ 187

Давлат Усмон ...................................................... 198

Маҳмадалӣ Ҳаит ................................................ 209

Раҷаббӣ Кабирова .............................................. 226

Сайидиброҳими Назар ........................................ 235

Муҳаммадалии Файзмуҳаммад .......................... 243

Ҷалолиддини Маҳмуд ......................................... 253



Шоҳнаими Карим ................................................. 269

Сайидумар Ҳусайнӣ ............................................ 276

Асадуллоҳ Вализода ............................................ 289

Муҳаммадшариф Набиев .................................. 306

Наимҷон Самеев ................................................. 315

Қамариддини Афзалӣ ......................................... 323

Саляхетдинов Мухаммед ................................... 333

Шамсиддини Сайид ............................................ 340

Назаров Давлат ................................................... 350

Саидова Хайринисо ............................................ 359

Ҳафиза Содиқова ................................................ 367

Муслима Броимшоева ........................................ 374

Зарафо Раҳмонӣ .................................................. 381

Руқияи Нурӣ ........................................................ 390

Сайид Муҳаммади Нурӣ ................................... 397

Парвини Иброҳимзод ......................................... 404

Абдуқаҳҳори Давлат ........................................... 416

Аснод, сохтор ва чеҳраҳои

Наҳзат ........................................................ 425517

Анҷуманҳои ҲНИТ ................................................ 427

Оинномаҳои ҲНИТ ................................................ 432

Якум: Оинномаи ҲНИ умумииттифоқӣ ................ 432

Дуюм: Оинномаи ҲНИТ аз соли 1991 .................. 438

Сеюм: Оинномаи ҲНИТ аз соли 1999 .................. 446

Чорум: Оинномаи ҲНИТ аз соли 2003 ................. 455

Раёсати Олии ҲНИТ ............................................ 465

Раисони ҲНИТ ...................................................... 471



Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ .............................. 472

Устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода .................. 476

Устод Муҳиддин Кабирӣ ...................................... 478

Муовинҳои раиси ҲНИТ ....................................... 480

Ниҳодҳои ҲНИТ .................................................... 482

Якум: Ниҳодҳои Наҳзат то соли 1991 .................. 482

Дуюм: ниҳодҳои марказии ҲНИТ ........................ 484

Сеюм: Ниҳодҳои минтақавии ҲНИТ ..................... 489

ҲНИи Умумииттифоқ .......................................... 494

Аҳмадқадӣ Ахтаев ................................................ 499

Нашрияҳои ҲНИТ ................................................. 501

Муассисони ҲНИТ ................................................ 510

Барномаи дарсии Наҳзат то соли 1991 ............... 511